ISSN 2074-1847

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
2019. №3.

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
2019. № 3.

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
2019. No. 3.

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2019**

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Муассиси маҷалла:**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Маҷалла соли 1990 таъсис ёфтааст. Дар як сол 8 шумора нашр мегардад.



**САРМУҲАРРИР:**

| | |
|---|---|
| Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ | *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

***Муовини сармуҳаррир:***

| | |
|---|---|
| Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Точикистон* |

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

| | |
|---|---|
| Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ | *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

***07.00.00 – Таърих ва археология***

| | |
|---|---|
| Акрамов Зикриё Иномович | *Доктори илмҳои таърих, профессор* |
| Искандаров Қосимшо | *Доктори илмҳои таърих, профессор* |
| Яқубов Юсуфшоҳ | *Доктори илмҳои таърих, профессор, академики АИ ҶТ* |
| Расулиён Қаҳҳор | *Доктори илмҳои таърих, профессор* |
| Қушматов Абдувалӣ | *Доктори илмҳои таърих, профессор* |
| Мирзоев Ниёз Мирзобадалович | *Доктори илмҳои таърих, профессор* |
| Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| Самиев Холмаҳмад Давлатович | *Номзади илмҳои таърих, дотсент* |

***09.00.00 – Фалсафа***

| | |
|---|---|
| Қурбонов Абдураҳмон Шерович | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| Идиев Хайриддин Усмонович | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ* |
| Олимов Кароматулло | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор, академики АИ ҶТ* |
| Раҳимов Муҳсин Хусейнович | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| Ахмедов Саид | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |

***13.00.00 - Педагогика***

| | |
|---|---|
| Иматова Лутфия Маҳмадиллоевна | *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| Файзализода Ҷумахон Хол | *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| Раҷабзода Маҳмадулло | *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| Шарипов Фаридун Файзуллоевич | *Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент* |
| Ҳоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна | *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| Мухамметов Гапур Бабаевич | *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |



*Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.*

*Дар маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои таърих, фалсафа ва педагогика барои чоп қабул мегарданд. Маҷалла мақолаҳои илмии муаллифонро аз рӯи ихтисосҳои зерин барои чоп қабул менамояд:*

***Таърих ва бостоншиносӣ:*** *07.00.02, 07.00.03, 07.00.06, 07.00.07, 07.00.09, 07.00.15*

***Фалсафа:*** *09.00.01, 09.00.03, 09.00.05, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14*

***Педагогика:*** *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08*

*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*

*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.*

*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).*

**Паёми**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**
– 2019. – № 3.
ISSN 2074-1847

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0036/ЖР-97, аз 17.01.2018 ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва траҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41



© ДМТ, 2019

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**Учредитель журнала:**
**Таджикский национальный университет.**
**Журнал основан в 1990 г. Выходит 8 раз в год.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали** | *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского национального университета* |

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета* |

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

| | |
|---|---|
| **Сафарализода Худжамурод Куддуси** | *Кандидат политических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**

| | |
|---|---|
| ***07.00.00 – История и археология*** | |
| **Акрамов Зикриё Иномович** | *Доктор исторических наук, профессор* |
| **Искандаров Косимшо** | *Доктор исторических наук, профессор* |
| **Якубов Юсуфшох** | *Доктор исторических наук, профессор, академик АН РТ* |
| **Расулиён Каххор** | *Доктор исторических наук, профессор* |
| **Кушматов Абдували** | Доктор исторических наук, профессор |
| **Мирзоев Ниёз Мирзобадалович** | Доктор исторических наук, профессор |
| **Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Самиев Холмаҳмад Давлатович** | *Кандидат исторических наук, доцент* |
| ***09.00.00 – Философия*** | |
| **Курбонов Абдурахмон Шерович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Идиев Хайриддин Усмонович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Олимов Кароматулло** | *Доктор философских наук, профессор, академик АН РТ* |
| **Рахимов Мухсин Хусейнович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Ахмедов Саид** | *Доктор философских наук, профессор* |
| ***13.00.00 – Педагогика*** | |
| **Иматова Лутфия Махмадиллоевна** | *Доктор педагогических наук, профессор* |
| **Файзализода Джумахон Хол** | *Доктор педагогических наук, профессор* |
| **Раджабзода Махмадулло** | *Доктор педагогических наук, профессор* |
| **Шарипов Фаридун Файзуллоевич** | *Доктор педагогических наук, доцент* |
| **Ходжиматова Гулчехра Масаидовна** | *Доктор педагогических наук, профессор* |
| **Мухамметов Гапур Бабаевич** | *Доктор педагогических наук, профессор* |

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016, №1925.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки и научным специальностям:

***История и археология:*** *07.00.02, 07.00.03, 07.00.06, 07.00.07, 07.00.09, 07.00.15*

***Философия:*** *09.00.01, 09.00.03, 09.00.05, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14*

***Педагогика:*** *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском и русском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
– 2019. – № 3.
ISSN 2074-1847
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство № 0036/ЖР-97 от 17.01.2018 г.

**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**
**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2019

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**

**Founder of the journal:**
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 1990. Issued 8 times a year.**

***CHIEF EDITOR:***

**Imomzoda Muhammadyusuf Saidali** — *Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik National University*

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

**Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** — *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University*

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

**Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi** — *Candidate of political sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD**:

***07.00.00 - Historical Sciences and Archeology***

**Akramov Zikriyo Inomovich** — *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Iskandarov Kosimsho** — *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Yakubov Yusufshoh** — *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Rasulien Kahhor** — *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Qushmatov Abduvali** — *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Mitzoev Niyoz Mirzobadalovich** — *Doctor of Historical Sciences, Professor*
**Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** — *Doctor of Political Sciences, Professor*
**Samiev Kholmakhmad Davlatovich** — *Candidate of Historical Sciences, Associate Professor*

***09.00.00 - Philosophical sciences***

**Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** — *Doctor of Philosophical sciences, Professor*
**Idiev Khairiddin Usmonovich** — *Doctor of Philosophical sciences, Professor*
**Olimov Karomatullo** — *Doctor of Philosophical sciences, Professor*
**Rakhimov Mukhsin Khuseinovich** — *Doctor of Philosophical sciences, Professor*
**Akhmedov Said** — *Doctor of Philosophical sciences, Professor*

***13.00.00 - Pedagogical sciences***

**Imatova Lutfiya Makhmadilloevna** — *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
**Faizalizoda Jumakhon Khol** — *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
**Rajabzoda Mahmadullo** — *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
**Sharipov Faridun Faizulloevich** — *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
**Hojimatova Gulchehra Masaidovna** — *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
**Mukhammetov Gapur Babaevich** — *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1925.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science and scientific specialties:

**History and archeology:** 07.00.02, 07.00.03, 07.00.06, 07.00.07, 07.00.09, 07.00.15

**Philosophical sciences:** 09.00.01, 09.00.03, 09.00.05, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14

**Pedagogical sciences:** 13.00.01, 13.00.02, 13.00.08

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik and Russian languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin**
**of the Tajik National University.**
– 2019. – № 3.
ISSN 2074-1847
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
**The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.**
**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

© TNU, 2019

УДК 72.036 (575.3)

# ОСОБЕННОСТИ НАРОДНОГО ЖИЛИЩА АФГАНИСТАНА XIX- НАЧАЛА XX ВВ

*Мукимов Р.С., Сайид Хумаюн Шах Сайид Акбаршах*
**Таджикский технический университет им. М.С. Осими,**
**Исламская Республика Афганистан**

В 60-е гонды XVIII в. наиболее значительным явлением в зодчестве Афганистана сталоь возвышение Кандагара - первой столицы Афганского государства - державны Дурани. Рядом с руинами древней Александрии Арахосской была заложена новая столица, имевшая квадратный плаун. Город-крепость был обнесене мощной глинобитной стеной высотой до 10 м и шириной около 5 м, окруженной глубоким ревом. Старые крепостные стены снесли справнительно недавно - в 40-е гонды XX в. В южной щи восточной частях Кандагара сохранились остатки когда-то мощных укреплений. На окраине города выситься мавзолей Мир-Вайса - одного из основателей независимого Афганского государства. На пересечении четырех главных улиц в центре Кандагара раксположена площадь с рядами базаров. Старые кварталы Кандагара до наших дней сохранили колорит архитектуры давних времен.

«До апрельской революции 1978 г. Афганистан был одной из самых отсталых и бедных стран мира. По официальным данным, население страны в 1979 г. насчитывало 15,5 млн. человек, из которых 85% составляли сельские жители». Около 2,5 млн. человек вели кочевой или полукочевой образ жизни [1,с.56]. Афганистан в современных границах расположен в субтропическом поясе юго-западной части Центральной Азии (сухие субтропики). Северные области страны до $35^{o}$ с.ш. относятся к среднеазиатскому природному комплексу [2,с.86]. Для сложного рельефа Афганистана характерно сочетание высокогорных хребтов и плато, находящихся на значительной высоте над уровнем моря, с речными и межгорными долинами, на террасах которых теснятся селения земледельцев.

Четыре пятых территории Афганистана занимают горные системы Гиндукуша, Кохи-Баба, Паропамиза, которые, постепенно понижаясь к западу, переходят в пологую возвышенность обширного Иранского нагорья [3,с.26].Архитектура Афганистана переживала влияние западных эклектических направлений. Примером архитектуры с использованием приемов европейского псевдоклассического стиля могут служить Триумфальная арка, сооруженная в Пагмане - пригороде столицы, и некоторые общественные и дворцовые здания в Кабуле. В стиле традиционной средневековой архитектуры построены мавзолеи, мазары, мечети. Наиболее крупное культовое здание этого периода - мечеть Пуле-Хешти в Кабуле [3,с.15].

В качестве исходного критерия типологической классификации народного жилища принята объемно-планировочная структура организованного пространства. Под термином «организованное пространство» понимаются не только помещения, закрытые ограждающими конструкциями (стены, кровля), но и открытые помещения (айваны, балконы, лоджии), а также придомовая территория (внутренний двор или сад), а в некоторых случаях - и внутриквартальные проходы и проезды [4,с.323].

Природно-климатические условия относятся к группе важнейших факторов, определяющих принципиальную основу объемно-планировочной структуры различных типов народного жилища. Для выявления особенностей и систематизации природных факторов, влияющих на формирование архитектуры народного жилища, необходимо разделить территорию страны на горные и равнинные области.На основе сравнительного анализа природных условий в различных районах Афганистана установлена граница между горными и равнинными территориями, проходящая приблизительно на отметке 1000 м над уровнем моря.

Граница на отметке 1000 м над уровнем моря принята с учетом характерных изменений рельефа местности и климата. Отметка 3500 м над уровнем моря определена как верхняя граница расселения, главным образом исходя из физиологических возможностей проживания на больших высотах. Крайне неблагоприятные природные факторы высокогорья – разреженность и низкая температура воздуха, повышенная интенсивность солнечной радиации и другие экстремальные особенности высокогорного климата – оказывают отрицательное воздействие на организм человека.Граница земледелия в Афганистане также проходит на отметках не выше 3400 м над уровнем моря. В горах Гиндукуша снеговая линия расположена на отметках более 4000 м над уровнем моря и повышается в направлении к юго-востоку.

Для сравнения можно отметить, что в горных районах западной части Кавказа граница расселения не превышает высот 2000–2500 м из-за близости снеговой линии, проходящей здесь на высоте 2700–3000 м над уровнем моря. Натурные наблюдения показали, что в Афганистане до высоты 1200–1400 м над уровнем моря архитектура жилища мало отличается от равнинной застройки, несмотря на явные изменения природно-климатических условий [3,с.5].

Принципиальные различия по сравнению с архитектурой жилища равнин и предгорий и все многообразие решений отмечены на территориях горных районов в интервале высот от 1200–1400 до 3400–3500 м. Поэтому установлена целесообразность определения дифференцированных архитектурно-типологических границ в пределах равнинных и горных районов, соответствующих комплексу специфических особенностей различных природных зон Афганистана. Системное исследование архитектурно-композиционных приемов жилища в горных районах Афганистана до недавнего времени было невозможным из-за отсутствия методики высотно-зонального членения горных территорий Средней Азии, соответствующей требованиям архитектурной типологии.

Применительно к Средней Азии и Афганистану (до 35° с. ш.) советский исследователь Э.М. Мурзаев следующим образом характеризует особенности климатического зонирования горных территорий: «Было установлено, что высотная зональность не повторяет широтных особенностей территории в вертикальном профиле. Природная обстановка и экологическй режим горных поднятий формируются плод воздействием иных факторов, проявление которых отличается от равнин и находится в зависимости от высотного положения гор. В горных поднятиях возрастает контрастность гидротермического режима, обусловленная воздействием пересеченного рельефа на атмосферную циркуляцию, ориентацией горных хребтов к движению воздушных масс, экспозицией склонов, интенсивностью солнечной радиации и рядком других факторов. Все этно усложняет зональную картину в горах Средней Азии, вызывая либо смещение, либо выпадоение отдельных звон в некоторых поднятиях, либо, наконец, взаимопроникновение элементов соседних зон, но при всех случаях зональные рубежи в горах выраженны значительно резче, нежели на равнинах, где они, как правило, имеют переходный характер» [3,с.195].

Особый интерес представляет рассмотрение объектов массового строительства XIX-начала XX вв. – произведения афганского народного зодчества. Именно творения народных мастеров, определяемые как архитектурный фольклор, всегда являлись главной питательной средой для развития архитектуры. Их эстетические качества – ясность и выразительность конструкций и форм, масштабность и пропорциональность – привлекают внимание многих современных исследователей, так каик эти качества и сближают народную архитектуру с современностью, несмотря на различия стилей, масштабов градостроительства, строительных материалов, различия природно-климатических условий территории Афганистана, исторических традиций в строительной культуре и архитектуре обусловили местные художественные и строительные особенности, особенно заметные в народном традиционном жилище [8,с.20].

В качестве ведущего критерия зональности горных территорий по этой методике приняты границы распространения характерных типов народного жилища в четко выраженных высотных интервалах. В совокупности стемпературным фоном и показателем интенсивности солнечной радиации (по количеству часов солнечного сияния в зимний и летний периоды) определяются границы подрайонов, в пределах которых осуществляются анализ и классификация архитектурно-типологических приемов народного жилища (выбор в качестве основного критерия пари определении высотной зональности температурных и радиационных показателей продиктован наиболее выраженным характером их изменения в зависимости от высоты расположения местности над уровнем моря) [7,с.30].

Таким образом, для определения архитектурно-типологических границ горных подрайонов в условиях Афганистана были выявлены наиболее характерные типологические приемы народного жилища и определены наиболее выраженные природно-климатические показатели. Окончательная оценка и уточнение установленных высотных границ были осуществлены с учетом всего погодного комплекса, а также по физиологическому критерию адаптации человека к проживанию в горных районах.

Определение типологических признаков жилища осуществлялось в соответствии с общепринятой методикой определения связи жилища с окружающей средой (жилище с закрытой, полузакрытой, открытой и полуоткрытой объемно-планировочной структурой), а также с учетом и других классификационных признаков народного жилища: материал и строительная техника; вертикальное развитие (этажность); конструкции стен и форма крыш

(купольные, плоские); размеры оконных проемов; сочетание в застройке жилых и хозяйственных помещений, отопительные устройства [6,с.63]. На территории Афганистана выявлены три наиболее характерных типа народного жилища, соответствующих определенным природно-климатическим условиям и имеющих четко выраженные границы распространения по высоте расположения над уровнем моря.

1. Жилище с закрытой или полузакрытой объемно-планировочной структурой, использованием купольных покрытий и массивных конструкций стен, обеспечивающих оптимальные микроклиматические условия в ограниченном объеме защищенного пространства в период летнего перегрева.

2. Жилище с открытой игли полуоткрытой объемно-планировочной структурой, использованием айванов, балконов и лоджий для активной связги жилых помещений с внешней средой. Покрытия – плоские. Особое внимание уделяется режиму инсоляции как во летнее, так и во зимнее время. Данный тип догма обеспечивает благоприятные микроклиматические условия проживания в интервалах высот от 1200–1400 дао 2500 м над уровнем морея.

3. Жилище с закрытой объемно-планировочной структурой, усиленной защитой от неблагоприятных погодных условий высокогорных районов зимой. Для жилищ высокогорья характерны высокие и массивные стены усадеб, защищающие от сильных ветров и снежных заносов в зимнее время, уменьшение площади свето-проемов.

Определение архитектурно-типологических границ осуществлено на гипсометрической карте с учетом январских и июльских изотерм, которые почти совпадают с границами использования населением выявленных архитектурно-композиционных приемов, а также с учетом изменения количества часов солнечного сияния на различных высотах. На основе полученных данных разработана архитектурно-типологическая классификация народного жилища Афганистана в зависимости от изменения природно-климатических условий по мере увеличения высоты территории над уровнем моря [7,с.23].

Природно-климатические условия в границах равнинного района и предгорного подрайона имеют существенные различия. Однако и в том и в другом случае большую часть года здесь наблюдается жаркая сухая погода с длительным периодом летнего перегрева, несмотря на некоторое снижение среднемесячной температуры воздуха в предгорье. Этим объясняется идентичность архитектурно-композиционных решений в природных зонах, расположенных ниже 1400 м над уровнем моря [5,с.53].

Длительный период летнего перегрева на равнинных территориях, низкая температура воздуха и другие экстремальные погодные условия во высокогорном подрайоне определяют закрытый характер архитектуры жилища в крайних нижней и верхней высотных зонах.

В результате изучения народного жилища Афганистана выявлено удивительное равенство объемно-планировочных структур каи в условиях жаркого сухого климата степей пустынь, так и в суровых условиях высокогорья. И вэ том и в другом случае целесообразна закрытая структура жилища, широко используемая населением этих различных климатических зон.

Высотное архитектурно-типологическое зондирование дает возможносить осуществить описание и системный анализ архитектурно-композиционных приемов наиболее характерных типов народного жилища, а в дальнейшем, определив наиболее важные принципы формирования организованного пространства, разрабoлтать типологические рекомендации по проектированию современных жилых зданий с учетом сложившихся традиций в различных климатических зонах Афганистана.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Давыдов А.Д. Афганистан / А.Д. Давыдов, Н.И.Черняховская. – М.: Наука, 1973. – 167 с.
2. Карцев В.Н. Зодчество Афганистана / В.Н. Карцев. – М.: Стройиздат, 1986. – 244 с.
3. Мурзаев Э.М. Средняя Азия // История открытий и исследований Советской Азии / Э.М. Мурзаев. – М.: Мысль, 1969. – 536 с.
4. Мамаджанова С.М. Проблемы градостроительного освоения среды в условиях горного ландшафта Таджикистана // Устойчивая архитектура: настоящее и будущее / С.М. Мамаджанова. – М., 2012. – С. 335-364.
5. Мукимов Р.С. Очерки истории и культуры Душанбе. Монография / Р.С. Мукимов, С.М. Мамаджанова. – Душанбе: АН РТ, 2008. – 299 с.
6. Мукимова С. Основы формирования общественных и культовых зданий / С. Мукимова, Дж. Ганизода //Вестник Таджикского технического университета. – Душанбе: изд. ТТУ, 2017. - №1/41. – С. 217-226.
7. Соловьева М.К. Формирование архитектурно-композиционной структуры жилища горных районов среднеазиатского субтропического пояса (на примере горных районов Афганистана): дисс… канд. архит. / М.К. Соловьева. – М., 1978. – 76 с.
8. Соловьева М.К. Особенности проектирования и строительства жилищ в условиях горного Афганистана / М.К.Соловьева, В.Н. Карцев // Научный журнал Кабульского политехнического института. -Кабул, 1973. -№1. – С.17-26.

**ХУСУСИЯТҲОИ МАНЗИЛҲОИ ХАЛҚИИ АФҒОНИСТОН ДАР АСРҲОИ XIX - ИБТИДОИ АСРИ XX**

Дар мақола се навъи манзилҳои истиқоматӣ, ки дар ҳудуди Афғонистон ҷойгиранд, тавсиф шудаанд: 1) манзилҳои сохтори (структураи) нақшаи фазяашон пӯшида ва ё нимпӯшида, бо истифода аз рӯйпӯшҳои гумбазӣ ва сохтани деворҳои ғафстана, ки тобистон, дар давраи баландшавии ҳарорати ҳаво онҳо муҳити мусоидро муҳайё менамоянд; 2. манзилҳои сохтори нақшаи фазяшон кушода ва ё нимкушода, бо истифода аз айвонҳо ва пешайвонҳо; 3. манзилҳои сохтори нақшаи фазояшон пӯшида, барои муҳофизат аз шароити номусоиди обу ҳаво дар минтақаҳои баландкӯҳ дар фасли зимистон. Барои манзилҳои мавзеъҳои баландкуҳ деворҳои баланд ва калонҳаҷм, ҳамчунин тирезаҳои андозаашон хурд хос ҳаст, ки аз шамолҳои сахт ва барфҳо дар фасли зимистон муҳофизат менамоянд. Ин гуна манзилҳо дар баландиҳои 2500-3500 м. аз сатҳи баҳр сохта мешаванд. Дар баландиҳои аз 3,500 метр боло аз сатҳи баҳр, дар Афғонистон, қариб ки манзилгоҳ дида намешавад. Бо мақсади муайян кардани марзҳои типологӣ-меъмории ноҳияҳои кӯҳистони Афғонистон, дар мақола моделҳои маъмулии манзилгоҳҳо дида баромада шуданд ва нишондиҳандаҳои бештар маъмули иқлим муайян карда шуданд. Баҳодиҳии ниҳои ва шарҳ додани меъёрҳои муқарраршудаи баландиҳо бо назардошти ҳамаи хусусиятҳои обу ҳаво, инчунин, меъёрҳои физиологии мутобиқшавии организми инсон барои зиндагӣ дар минтақаҳои кӯҳистон гузаронида шуд.

**Калидвожаҳо:** манзилгоҳ, структураи нақшабандии фазоӣ, ноҳияҳои кӯҳӣ, меъморӣ, шаҳрсозии Афғонистон.

**ОСОБЕННОСТИ НАРОДНОГО ЖИЛИЩА АФГАНИСТАНА XIX- НАЧАЛА XX ВВ**

В статье характеризуются три наиболее распространенных типа народного жилища, которые располагаются на территории Афганистана: 1. жилище с закрытой или полузакрытой объемно-планировочной структурой, с использованием купольных покрытий и массивных конструкций стен, обеспечивающих оптимальные микроклиматические условия в ограниченном объеме защищенного пространства в период летнего перегрева; 2. жилище с открытой или полуоткрытой объемно-планировочной структурой, с использованием айванов, балконов и лоджий для активной связи жилых помещений с внешней средой; 3. жилище с закрытой объемно-планировочной структурой, с усиленной защитой от неблагоприятных погодных условий высокогорных районов зимой. Для жилищ высокогорья характерны высокие и массивные стены усадеб, защищающие от сильных ветров и снежных заносов в зимнее время, уменьшение площади свето-проемов. Такой тип жилища обеспечивает благоприятные микроклиматические условия в интервале высот 2500–3500 м над уровнем моря. Выше 3500 м над уровнем моря на территории Афганистана жилища практически не встречаются. Для определения архитектурно-типологических границ горных подрайонов в условиях Афганистана в статье были рассмотрены наиболее характерные типологические приемы народного жилища и определены наиболее выраженные природно-климатические показатели. Окончательная оценка и уточнение установленных высотных границ были осуществлены с учетом всего погодного комплекса, а также по физиологическому критерию адаптации человека к проживанию в горных районах.

**Ключевые слова:** жилище, структура купольных покрытий, горные районы, архитектура, градостроительство Афганистана.

**SPECIFIC CHARACTERS OF THE NATIONAL DWELLINGS OF AFGHANISTAN OF THE XIX - EARLY XX CENTURIES**

The article describes the three most popular types of dwellings, which are located on the territory of Afghanistan: 1. dwelling with a closed or semi-closed space-planning composition, using the dome coverings and massive wall constructions, providing optimal microclimatic conditions in a limited scope of protected space during the summer overheating; 2. dwelling with an open or semi-open space-planning composition, using the aiwains, balconies and loggias for active communication of living areas with the external environment; 3. dwelling with a closed space-planning composition, enhanced protection from adverse weather conditions of high mountain areas in winter. High-mountain dwellings are characterized with high and massive walls of estates, protecting from strong winds and snow drifts in winter, reduction of the area of light-aperture. Such type of dwelling provides favorable microclimatic conditions in the range of heights of 2,500-3,500 m above sea level. There are practically no dwellings above 3,500 m above sea level in Afghanistan. To determine the architectural and typological boundaries of the mountain sub-regions in Afghanistan, the article considers the most characteristic typological methods of national dwellings and identifies the most expressed natural and climatic indicators. The final assessment and specification of the established high-altitude boundaries were carried out taking into account the entire weather complex, as well as the physiological criterion of human adaptation to inhabitancy in mountainous areas.

**Key words:** national dwelling, space-planning composition, mountain areas, architecture, urban planning of Afghanistan.

**Сведения об авторах:** ***Мукимов Рустам Саматович*** **–** Таджикский технический университет им. М.С. Осими доктор архитектуры, профессор кафедры архитектуры и дизайна. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, улица академиков Раджабовых 10.Телефон: **907-72-19-06**. E-mail: **rmukimov@mail.ru**

***Сайид Хумаюн Шах Сайид Акбаршах*** **-** Исламская Республика Афганистан, доктор (PhD) исторических наук

**Information about the authors:** ***Rustam Samatovich Mukimov*** - Tajik Technical University. M.S. Osimi is a doctor of architecture, a professor in the department of architecture and design. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, street of academicians Radjabovs 10. Phone: **907-72-19-06**. E-mail: **rmukimov@mail.ru**

***Sayyid Humayun Shah Sayyid Akbarshakh*** - Islamic Republic of Afghanistan, doctor (PhD) of historical sciences

УДК:930 (575.3)

# РӮЗГОРУ ОСОРИ РАШИДУДДИНИ ФАЗЛУЛЛОҲ – ВАЗИРИ ДОНИШМАНДИ ТОҶИК

*Раҳимов И.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Мурури таърихи миллат моро бо як воқеияти бебаҳс рӯ ба рӯ мекунад, ки он дар ҳар садсола зуҳур кардани даҳҳо шахсиятҳои фидокору ҷон бар каф ва донишманду раиятпарвар мебошад. Замони ҳуҷуми муғулҳо яке аз давраҳои тиравү тори таърихи мо тоҷикон ба шумор меравад. Ин давраест, ки истилогарони бераҳму шафқат, ба қавли сарчашмаҳои ин давра, заминро «аз хуни тоҷикон гулгун» карданд. Дар чунин даврони ноумедиву шикастҳои пайдарпай афроде низ по ба арсаи ҳастӣ ниҳоданд, ки тамоми ҳастии хешро фидои халқ кардаанд. Яке аз чунин симоҳои тобноку чеҳраҳои дурахшони таърихи мо арбоби барҷастаи сиёсиву фарҳангӣ – Хоҷа Рашидуддини Фазлуллоҳ мебошад.

Асри XIII асри нокомиву шикастҳои пайдарпайи тоҷикон ба шумор меояд. Зеро барҳамхӯрии давлатдорӣ, кушта шудани миллионҳо тоҷик ва ҳиҷрати миллионҳои дигар дар як вақт пеш омада, дар миёни кушташудагону муҳоҷирон беҳтарин фарзандони ин миллат қарор доштанд. Муаррихи машҳури ин давра Ибни Асир қатлу ғорати аҳолӣ ва вайронии тамоми сарзаминҳои мусулмоннишинро дида, бо ҳасрат баён дошта буд, ки «то қиёмат чунин кор дигар такрор нахоҳад шуд» [1,с.324]. Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ - дигар муаррихи тоҷик низ, суханони Ибни Асирро дар шакли дигар баён карда, юриши муғулҳоро бо қиёмат баробар кардааст. Шоири тоҷик Камолуддин Исфаҳонӣ вазъияти ниҳоят душвори тоҷикон дар аҳди муғулро мушоҳида карда, чунин фарёд карда буд:

*Кас нест, ки то бар Ватани худ гиряд,*
*Бар ҳоли табоҳи мардуми бад гиряд.*
*Дӣ бар сари мурдае дусад шеван буд,*
*Имрӯз яке нест, ки бар сад гиряд (2, 873).*

Муаррихи тавонои тоҷик Атомалики Ҷувайнӣ дар китоби «Таърихи Ҷаҳонкушо» низ доир ба оқибатҳои забти муғул факту рақамҳои зиёдро овардааст. Аз ҷумла, менависад, ки муҳимтарин натиҷаи ҳамлаи муғул он буд, ки шаҳрҳои пур аз ҷамъият холӣ шуд. Муғулҳо дар ҳамаи музофот яксон амал карда, куштору харобиро ба бор оварданд [3,с.17]. Шоҳиди асри муғул Шаҳобуддини Насавӣ менависад, ки «ҳеҷ дарахте намонд, ки ба норе сӯхт ва ҳеҷ намонд, ки онро сокин доре барафрӯхт. Ва руъбу ҳарос бар нуфуси нос муставлӣ шуд, чунонки ҳар кӣ дар қайди асрор гирифтор шуда буд, аз касе, ки муқими хони хонаи худ аст ва интизори ҳодиса мекунад, осудатар буд» [4,с.123].

Муҳимтарин оқибатҳои ҳуҷуми муғул ба сарзамини тоҷикон инҳо буданд:

1) давлатдории мутамарказ аз байн рафт;
2) хилофати Аббосиён заиф ва дертар барҳам хӯрд;
3) даҳҳо шаҳру садҳо деҳаи тоҷикнишин хароб гардида, дигар барқарор нагаштанд;
4) садҳо ҳазор марду зани тоҷик ба асорат бурда шуданд, нуфузи аҳолӣ бар асари куштору ҳиҷрати мардум коҳиш ёфт;
5) муғулҳо ба хотири таъмини хӯроки чорвои худ ҳазорон киштзору боғҳои маъмурро ба харобазор табдил карданд ва низоми обёрӣ низ зиёни ҷиддӣ расонида шуд;
6) зерсохтори иқтисодии тамоми Хуросону Мовароуннаҳр аз байн бурда шуд;
7) илму фарҳанги тоҷик ба муддати тӯлонӣ дучори буҳрон ва ҳатто сукут гардид;
8) тоҷикон пас аз истилои муғул қонунан дигар ҳаққи ҳокими аввал шуданро надоштанд ва ин ҳолат ҳафтсад сол давом ёфт;
9) фарҳангу забони муғулҳо таъсири муайян ба ҳаёти минтақа гузошт;
10) муғулҳо дар дарозмуддат зери таъсири фарҳанги тоҷикон қарор гирифта, каме дертар исломро пазируфтанд....

Бояд зикр намоем, ки асри муғулҳо бо вуҷуди харобиҳои зиёд дар баъзе самтҳо таъсири мусбат дошт. Аз ҷумла, минтақаи васее аз Аврупо ва Осиё бо ҳам пайваст гардид ва имкон пайдо шуд, ки миёни минтақаҳои зиёд иртиботи тиҷоратӣ барқарор карда шавад. Дигар оқибати мусбати истилои муғулҳо тараққӣ кардани фанни таърихнигорӣ буд, ки яке аз намунаҳои он асари Рашидуддин Фазлуллоҳ мебошад.

Ҳамин тавр, дар чунин айёми ноумедӣ ва парешонӣ соли 648 ҳиҷрӣ баробар бо соли 1247-и милодӣ дар шаҳри Ҳамадони Эрон дар хонадони Имодуддавла Абулхайр фарзанде бо номи Рашидуддин чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Баъзе сарчашмаҳои таърихӣ, ки

нисбат ба Рашидуддин бо назари таҳқиру нафрат менигаранд, вайро аз як хонаводаи яҳудии сокини шаҳри Ҳамадон донистаанд, ки аз ҳақиқат дур мебошад. Албатта, набояд фаромӯш кунем, ки тарафдорони ин фикр кам нестанд. Дар ин бора ҳатто мусулмон шудани вайро низ ҳамчун як воқеаи руҳдода пазируфта, дар ин бора гузориш низ навиштаанд. Аммо ин овоза дар давраи пас аз марги вазир бештар машҳур шудааст. Ӯ ва хонаводааш мисли бештари сокинони ин шаҳр тоҷик будаанд. Падари Рашидуддин шахси донишманд ва пизишки тавонои аср буда, ба дарбори исмоилиёни Аламут даъват мешавад. Ӯ ночор ин вазифаро қабул мекунад, зеро дар сурати қабул накардан имкон дошт, ки аз ҷониби мошини террори исмоилиёни Аламут маҳкум ба қатл гардад. Рашидуддин ба ин ишора карда менависад, ки падари ӯ ва дигар донишмандон «на ба дилхоҳ, балки ба ғайри ихтиёр ба он мулк уфтода буданд» [5,с.12]. Рашидуддин дар маҳзари падараш дарс хонда, аз ӯ пешаи пизишкиро фаро мегирад. Ӯ аз дигар илмҳои зарурии замон, аз ҷумла сиёсат, дабирӣ ва адабиёт низ баҳравар мегардад. Аз хондани осори ӯ чунин маълум мешавад, ки вай тамоми илмҳои замонаашро аз худ карда, аз зумраи бузургони асри худ шумурда мешуд. Ӯ ба забонҳои арабӣ, форсӣ, туркӣ, муғулӣ ва ибрӣ комилан тасаллут дошт.

Бештари дигаргуниҳо дар ҳаёти Рашидуддин ва хонаводаи вай дар соли 1256, пас аз забти қалъаи Аламут тавассути Ҳулоку (1256-1265) ба вуқӯъ омаданд. Охирин ҳокими исмоилиён Рукнуддини Хуршоҳ, ки марде белаёқату тарсу буд, натавонист давлатро идора ва дар муқобили муғулҳо муқовимат кунад. Ӯ бар хилофи раъйи аксарияти аҳли қалъаи Аламут, ки хоҳиши мубориза доштанд, пас аз музокироти тӯлонӣ сарнавишти давлатро ҳал карда, таслими муғул гашт. Сокинони қалъа низ, пас аз Хуршоҳ таслим гаштанд [6,с.244]. Бо дастури Ҳулоку қалъа хароб карда шуд, то дигар дар он имкони бунёди давлат муяссар нагардад. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо бисёре аз донишмандоне, ки дар қалъаҳои исмоилиён умр ба сар мебурданд, пас аз барҳам хӯрдани давлатдории онҳо ва хароб шудани қалъаҳо ба хидмати муғулҳо даромаданд. Аз ҷумла, Насируддини Тӯсӣ, Ҷувайнӣ ва хонаводаи Рашидуддини Фазлуллоҳ. Ба дарбори муғулҳо ҷалб шудани Рашиддудин ба замони ҳукумати фарзанди Ҳулоку Абоқоон (1265-1282) рост меояд. Ӯ ба сифати пизишки махсуси дарбор фаъолият мекард.

Пас аз Абоқоон писари дигари Ҳулоку - Аҳмади Тагудор (1282-1284) як муддат ҷонишини падар шуд. Дар бораи сарнавишти Рашидуддин дар ин давра маълумоте дар даст нест. Аммо метавонем тахмин намоем, ки ӯ дар ин давра низ хидматгузори дарбори Илхонон будааст. Ҳамин тавр, Рашидуддин дар аҳди ҳукумати фарзанди Абоқоон Арғунхон (1284-1291) низ дар хидмати дарбор будааст. Ҳатто як дафъа ба сифати сафири Илхонон ба сарзамини Ҳиндустон сафар мекунад [7,с.234]. Ҳарчанд дар сарчашмаҳои таърихӣ ҳадафу барномаи ин сафари дипломатии Рашидуддин баён наёфтааст, аммо метавонем мақсади ин сафарро барқарор кардани робитаи сиёсӣ ва қабул намудани ҳокимияти Илхонон ва пардохтани молиёт бишуморем.

Фарзанди дигари Абоқоон, Гайхотухон (1291-1295), ки ба маснади илхонӣ нишаст, шахси айшпарвару ғофил буд. Аз ин рӯ, бештар ниёз ба тадбиру кордонии кормандони ботаҷрибаро дошт. Дар замони зимомдории вай низ ҷойгоҳу мақоми Рашидуддин ҳифз гардид. Мувофиқи баъзе маълумотҳо, аз Рашидуддин хоста буд, ки мансаби вазоратро қабул кунад. Аммо ӯ ба сабаби исрофкориҳои ин ҳоким аз қабули ин мансаб худдорӣ мекард. Қудрати Рашидуддин дар замони ҳукумати Ғозонхон (1295-1305) ба авҷи худ мерасад. Ғозонхон аввалин ҳокими муғул буд, ки мусулмон шуд ва монанди императори Рим Константин, ки бо масеҳӣ шудан ин динро дар кишвараш расмӣ эълон кард, дини исломро дини расмии давлати Илхонон эълон намуд. Номи мусулмонии худро ӯ Маҳмуд эълон кард. Шояд ба хотири беҳтар шудани умури кишвардорӣ мусулмон шуда бошад, вале дар ҳар сурат ба дини ислом гаравидани Ғозон сабаби қатъ шудани робитаи ӯ бо ҳокимони Муғулистон гашт. Бо дастури Ғозон ибодатгоҳҳои масеҳиёну дигар динҳо хароб карда шуданд. Ҳамчунин даҳҳо масҷиду мадраса бо фармони ӯ бино гардиданд. Дар сиккаҳои ӯ ба ҷойи номи ҳокимони муғул калимаи шаҳодат навишта шуд. Ӯ пайрави мазҳаби суннӣ гардид, зеро бештари аҳолии Эрон дар ин аср суннимазҳаб буданд.

Рашидуддин Фазлуллоҳ менависад, ки дар аҳди Ғозонхон «аз бандагии ҳазрат, ин бандаи заифро дар силки наввоб оварданд ва ба сохтани муаззамоти умур маъмур гардониданд» [5,с.13]. Вазири қаблии Ғозон Садруддин Аҳмад Холидии Занҷонӣ соли 1297 ба қатл мерасад. Вазифаи ӯ миёни ду нафар коргузори тоҷик - Хоҷа Рашидуддини Фазлуллоҳ ва Хоҷа Саъдуддини Совӣ вогузор карда мешавад. Аммо Рашидуддин, ки аз саргузашти бештари вазирон хуб огоҳӣ дошт, медонист, ки дар масъалаҳои молиявӣ

ҳатман як рӯзе бо султони муғул робитааш нохуб мешавад. Зеро аксари вазирҳои давраи сомонӣ, ғазнавӣ, салҷуқӣ ва хоразмшоҳӣ ба ин гуноҳ ё барканор мешуданд, ё ба қатл мерасиданд [8,с.138]. Ғозонхон дар таърих бо ислоҳоти худ машҳур гардидааст. Яке аз машваратчиёни ӯ дар ин замина Рашидуддин ба шумор мерафт. Рашидуддин хуб дарк карда буд, ки то вазъи қонунгузорӣ дар кишвар хуб ба роҳ монда нашавад, умед кардан ба дигаргунӣ номумкин аст. Вазъи бади иқтисодии кишвар низ вазирро ба гузарондани чунин ислоҳот водор мекард. Ислоҳоте, ки бо маслиҳату роҳнамоии Рашидуддин гузаронида шуд, вазъи кишварро ба куллӣ тағйир дод. Низоми андозсупорӣ, ки яке аз мушкилиҳои ҷомеа ва мардум буд, ислоҳ шуд. Миқдори андозҳо муайян карда шуд. Ҳар касе аз аҳолӣ бештар аз ҳадди муайяншуда андоз мегирифт, ба ҷавобгарӣ кашида мешуд. Кӯшишҳои марказгурезии вилояту ноҳияҳо пахш карда шуд. То ин дам дар Гурҷистон, Рум ва дигар минтақаҳо шӯришҳои зидди давлат шуда буд. Ба ҷойи артиши зархарид сипоҳи муназзам ташкил гардид. Додани замин ба аскарон ба расмият даромад.

Ислоҳоти Ғозон ва Рашидуддин вазъи шаҳрҳоро низ беҳтар кард. Зеро чандин намуди андозе, ки аз косибон ситонида мешуд, бекор карда шуд. Пули ягона ҷорӣ карда шуд, ки сабаби осон шудани андозсупорӣ гашт. Шаҳри Табрез, ки пойтахт буд, зебову ороста гардид. Дар як бахши он аз ҳисоби пули Ғозон маҳаллаи нав сохта шуд, ки бо номи Рубъи Рашидӣ машҳур буд. Дар ин қисмат олимон, фақеҳон, муаззинҳо, қориҳо, табибон ҷойгир карда шуданд. Яке аз натиҷаҳои вазорати Рашидуддин ва дигар вазирону кормандони даргоҳ аз ҳисоби тоҷикон он шуд, ки муғулҳои дар аввал нисбат ба ислом ва мусулмонон душману бадбин ба дини ислом гаравиданд. Бо машварати Рашидуддин ба ҷойи муғулҳо дар корҳои давлатдорӣ тоҷикон ҷалб гардиданд.

Аммо рақобату душманиҳои ҳамешагии дарбор оқибат кори худро карданд ва дар замони ҳукумати Абӯсаид Баҳодурхон миёни ду тоҷик – Рашидуддин ва Алишоҳи Гелонӣ баҳсу душманӣ сар зад. Дар натиҷа Рашидуддин, писараш ва тамоми хешону наздиконаш ба қатл расонида шуданд. Сари ӯро чанд рӯз дар шаҳр гирифта мегардонданд ва ҳамчун яҳудӣ ба ҷасади ӯ таҳқирро раво медоштанд.

Хоҷа Рашидуддини Фазлуллоҳ мероси зиёду гаронбаҳо аз худ ба мерос гузоштааст. Муҳимтарин асари ӯ китобҳои «Ҷомеъ-ут-таворих» аст. Аллома Қазвинӣ – таҳиякунандаи асари «Ҷомеъ-ут-таворих» дар муқаддимаи муфассали хеш ба ин китоб онро чунин тавсиф менамояд: «Ҷамии маълумоту иттилооте, ки дар ин китоби нафис дарҷ кардааст, ё аз мушоҳидоту маҳсусоти худи ӯст, ки дар муддати тавили мулозимати подшоҳони муғул фароҳам оварда, ё масмуоту манқулоте аст, ки аз афвоҳи уламову ҳукамо ва милал нақлу тарҷума кардааст. Аҳамияти ин китоб фавқи он аст, ки ба ҳадди тасаввур ояд ё дар ҳавсалаи таҳрири ин дебоча гунҷад» [6,с.49]. Ба назари мо, бо навиштани ин асари бузург Рашидуддин, ки вазири муғулҳо ва тарафдори ҳукумати онҳо буд, мехост таърих ва асолати хукумати муғулҳоро собит намояд. Як нуктаро бояд илова кунем, ки китоби «Ҷомеъ-ут-таворих» гузашта аз аҳамияти бузурги илмию тарбиявӣ доштан, аз як имтиёзи дигар низ бархӯрдор аст, ки он маълумоти фаровон доштан роҷеъ ба таърихи халқи тоҷик аст. Мувофиқи як пажӯҳиш дар ин асар калимаи «тоҷик» ба маъниҳои гуногун ва борҳо оварда шудааст, ки барои омӯзиши таърихи халқи тоҷик муҳим мебошад [9,с.23-25]. Рашидуддин на танҳо дар бораи таърихи тоҷикон, балки дар хусуси таърихи дигар халқҳои олам низ маълумот медиҳад. Ӯ дар хусуси мардумшиносӣ, асотир, қавмшиносӣ ва одобу русуми зиндагии муғулҳо ҳам пардохтааст. Муаллифи «Ҷомеъ-ут-таворих» монандӣ ва тафовути туркҳову муғулҳоро шарҳ додааст. Дигар асари Рашидуддин «ал-Аҳё вал осор» мебошад, ки аз 24 ҷилд иборат буда, дар бораи илмҳои гуногун, аз ҷумла кишоварзӣ, боғдорӣ, парвариши занбӯри асал, нобуд сохтани ҳашарот, меъморӣ ва ғайра маълумот медиҳад. «Рисолаи Султония» дар хусуси масъалаҳои гуногуни каломӣ баҳс мекунад. Китоби «Тавзеҳот»-и Рашидуддин доир ба тасаввуф ва илми калом манбаи муътабар мебошад. Асари «Мафотеҳ-ут-тафсир» дар бораи тафсир, муфассирони Қуръон, некӣ ва бадӣ, рӯзи ҷазо, сифатҳои Парвардигор маълумот медиҳад. «Латоифи ҳақоиқ» бо забони арабӣ навишта шуда, ба масъалаҳои дини ислом бахшида шудааст.

Ҳамин тавр, Хоҷа Рашидуддин Фазлуллоҳ на танҳо аз донишмандон ва арбобони сиёсии давраи муғул ба шумор меравад, балки яке аз бузургтарин олимони таърихи мо шумурда мешавад. Бештари осори ӯ ба забони модарии мо навишта шуда, месазад, ки ки номи ӯ дар Тоҷикистон низ зинда нигаҳ дошта шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Ибн ал-Асир. Ал-Комил. Ҷ. 3. –Бейрут, 1978.
2. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон.–Теҳрон, 1355. -Ҷилди 2.
3. Атомалик Муҳаммади Ҷувайнӣ. Таърихи ҷаҳонгушой / Мусаҳҳеҳ Муҳаммади Қазвинӣ. –Теҳрон, 1385.
4. Шаҳобуддин Муҳаммади Насавӣ. Сирати Ҷалолуддини Манкубернӣ. –Теҳрон, 1388.

5. Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ. Ҷомеъ-ут-таворих. Ба тасҳеҳ ва таҳияи Муҳаммад Равшан ва Мустафо Мусавӣ. –Теҳрон: Албурз, 1373.
6. Строева Л.В. Государство исмаилитов в Иране в XI-XIII вв. / Л.В. Строева. – М., Наука, 1978.
7. Петрушевский И.П. Земледелие и аграрные отношения в Иране XIII-XIV вв. / И.П. Петрушевский. –М.-Л, 1960.
8. Муллоҷон С. «Таърихи Масъудӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ (мируре перомуни сохтори идорию русумоти дарбори Ғазнавиён) / С. Муллоҷон. –Душанбе, 2014.
9. Муллоҷон С. Тавсифи «Вилояти Тожик» дар асари Рашидаддини Фазлуллоҳ / С. Муллоҷон // Маҷаллаи "Фарҳанг". - 2013. -№1. –С. 22-28.

**РӮЗГОРУ ОСОРИ РАШИДУДДИНИ ФАЗЛУЛЛОҲ – ВАЗИРИ ДОНИШМАНДИ ТОҶИК**

Рашидуддини Фазлуллоҳ яке аз чеҳраҳои маъруфи илм ва сиёсати тоҷик буда, мероси зиёде аз ӯ боқӣ мондааст. Ӯ дар замони нооромии ҳуҷум ва ғоратгарии муғулҳо дар Шарқ зиста, аз тамоми илмҳои замонааш огоҳӣ доштааст. Ҳамин донишу андеша буд, ки имкон дод вай ба зинаҳои баланди сиёсӣ даст ёбад. Ӯ аз корманди одӣ ва пизишки махсуси хони муғул то ба мансаби вазирии ҳукумати Илхонон расидааст. Дар замони вазирӣ Ғозонхон бо маслиҳати ӯ садҳо биноҳои маъмурӣ ва фарҳангӣ бунёд карда, китобҳои зиёде бо забони форсии тоҷикӣ иншо шудаанд. Рашидуддин барои таълиф ва нашри китобҳои ҳамзамононаш муосидат мекард. Хидматҳои шоёни Рашидуддин Фазлуллоҳ дар сиёсат ва фарҳанг беназир буда, осори зиёде ба қалами ӯ тааллуқ дорад, ки машҳуртарини онҳо китоби «Ҷомеъ-ут-таворих» мебошад. Дар ин асар ӯ таърихи куҳани тоҷикон, таърихи халқҳои мусулмон, таърихи туркҳову муғулҳоро муфассал баён кардааст. Ахбори ин китоб дар ягон асари дигар мавҷуд набуда, барои омӯзиши таърихи халқҳои зиёди Осиё судманд дониста мешавад. Аз ҷумла, маълумоти Рашидуддин дар бораи таърих фарҳанги тоҷикон хеле арзишманд буда, муҳимтарин сарчашмаи ин давра шумурда мешавад. Осори Рашидуддин Фазлуллоҳ бо забонҳои гуногуни дунё тарҷума шудааст.

**Калидвожаҳо**: донишманд, мерос, вазир, илм, сиёсат, фарҳанг, таърих, Осиё, тоҷик, муғулҳо, мардум.

**ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО РАШИДУДДИНА ФАЗЛУЛЛАХА, ТАДЖИКСКОГО УЧЕНОГО И ГОСУДАРСТВЕННОГО ДЕЯТЕЛЯ**

Рашидуддин Фазлуллох был одним из известных таджикских ученых и государственных деятелей, которые оставили огромное наследие. Будучи знатоком основных наук своего времени, проживал в эпоху монгольских нашествий. Благодаря своим знаниям он становится одним из великих политиков своего времени. Рашидуддин Фазлуллох из простого работника и врача монгольского хана поднялся до должности везиря государства Илханана. Во времена правления Газанхана по его наставлению были построены сотни административных и культурных зданий, а также были написаны множество книг на персидском языке. Рашидуддин всячески поддерживал ученых современников, при написании им научных и литературных произведений. Он оставил после себя множество книг, самой известной из них является «Джамеъ-ат-таварих» («Сборник летописей»). В этом произведении он подробно излагает историю древних таджиков, мусульманских народов, а также историю турков и монголов. Сведения, приведенные Рашидаддином, не упоминаются ни в одной книге, поэтому их изучение считается очень полезным для народов Азии. Особенно информация Рашидуддина об истории и культуре таджиков, будучи очень ценной, считается самым важным источником этого своего времени. Труды Рашидуддина Фазлуллох были переведены на многие языки мира.

**Ключевые слова:** ученый, наследие, министр, наука, политика, культура, история, Азия, таджик, монголы, народ.

**LIFE AND CREATION OF RASHIDUDDINFAZLULLOH – A TAJIK SCIENTIST AND MINISTER**

Rashiduddin Fazlulloh is one of the famous persons of the Tajik science and politics, who had left a large legacy. During Mongol invasion he lived in the East and knew all sciences of his time. Namely this knowledge let him to get high political positions. He began to work from simple worker and special doctor of the Mongol khan and worked till the minister rank in Ilkhonon government/ when he has a minister Gazankhan due to his advice had built more than hundred administrative and cultural buildings, and a great number of books were written in Persian-Tajik languages as well. Rashiduddin contributed in writing and publishing books of his contemporaries. The service of Rashiduddin Fazlulloh in politics and culture deserves praise. He left a rich heritage and his most famous book is "Jomey-ut-tavorikh". In this work he represented in details the ancient Tajik history, the history of Turks and Mongols. It's impossible to find the information of this book in other works and it is considered useful in learning history of many nations of Asia. The information of Rashiduddin Fazlulloh about the history of Tajik culture is very valuable as well and considers an important source of this period. The legacy of Rashiduddin Fazlulloh translated into many languages of the world.

**Key words:** scientist, legacy, minister, science, politics, culture, history, Asia, mongol, people.

**Сведения об авторе:** ***Рахимов Исфандиёр Махмадшохович*** - Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава, преподаватель кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67. Телефон: **900-61-81-61**

**Information about the author:** ***Rakhimov Isfandior Makhmadshokhovich*** - Bokhtar State University Nosirah Khusrava, Lecturer, Department of History of the Tajik People. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini 67 street. Phone: **900-61-81-61**

УДК: 930 (575.3) (510)

# БАЪЗЕ АЗ ВИЖАГИҲОИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНИПАРЛУМОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ КОРЕЯ

*Худойбердиев А.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар замони муосир, ки «неруи нарм» аҳамияти хосса касб кардаву аз ҷониби давлатҳои хурду бузург истифода мегардад, парлумон яке аз пуртаъсиртарин воситаи татбиқи неруи нарм дониста мешавад. Ҳамкориҳои байнипарлумонӣ дар рушди муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Корея аҳамияти хосса доранд.

Раванди ташаккули парламентаризм дар Тоҷикистон дар умум, ва баъзе ҷанбаҳои он вижагиҳои худро дорад, ки аз менталитети хосси кишвар сарчашма мегирад[1].

Парлумонҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Корея дар баробари монандиҳо ҷиҳатҳои фарқкунандаро низ доро мебошанд. Масалан, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Корея салоҳиятҳои мақомоти қонунгузорӣ дар ин мамлакат бар дӯши Шӯрои миллӣ гузошта шудааст, ки якзина буда, 299 курсиро дар бар мегирад. Вакилони Шӯрои миллӣ бо роҳи овоздиҳии умумӣ, баробар ва пинҳонӣ сурат мегирад. Мувофиқ ба моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Корея шумораи вакилони парлумон бо қонуни асосӣ танзим мешавад, вале наметавонад аз 200 нафар камтар бошад.

Моддаи 42-и Конститутсияи Ҷумҳурии Корея мухлати мандати вакилони Шӯрои миллиро чор сол муқаррар намудааст.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Корея, ки ба синни 25 расидаанд, ҳуқуқ доранд ҳамчун вакил интихоб шаванд [2]. Дар тафовут аз Шӯрои миллӣ Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду зина иборат мебошад:Поёнӣ -Маҷлиси намояндагон; Болоӣ -Маҷлиси миллӣ. Дар моддаи 49 тартиби ташаккули Маҷлиси Олӣ нишон дода шудааст. Маҷлиси намояндагон тариқи интихоботи умумӣ, баробар, мустақим ва овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад ва доимоамалкунандаву касбӣ мебошад (умуман – 63 вакили Маҷлиси намояндагон). Шаҳрванде, ки синни ӯ аз 25 боло аст ва дорои таҳсилоти олӣ мебошад, метавонад вакили Маҷлиси намояндагон интихоб шавад. Дар моддаи 49 тартиби ташаккули Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Аз чор се ҳиссаи аъзоёни Маҷлиси миллӣ ба таври ғайримустақим аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои онҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мешаванд (ҷамъ - 25 вакил). Аз чор як ҳиссаи аъзоёни Маҷлиси миллиро (8 вакилро), Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин мекунад. Ҳайати Маҷлиси миллӣ - 33 вакили маҷлисро дар бар мегирад. Фаъолияти Маҷлиси миллӣ даъватӣ мебошад. Шаҳрванде, ки синни ӯ аз 30 боло аст ва дорои таҳсилоти олӣ мебошад, метавонад вакили Маҷлиси миллӣ интихоб ё таъйин шавад [3].

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввалини расидан ба истиқлолияти комили сиёсӣ дар баробари барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бо мақомотҳои қонунгузори кишварҳои хориҷӣ низ робитаҳои мустақим барпо намояд. Дар натиҷаи чунин кӯшишҳо дар мухлатҳои ниҳоят кӯтоҳ робитаҳои мустаҳкам ва мустақим миёни парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон в парлумонҳои кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла бо парлумони Ҷумҳурии Корея барқарор карда шуданд. Муҳиммияти барқарор кардани чунин робитаҳо бо Ҷумҳурии Корея ҳамчунин дар «Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр гардидааст. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати сиёсие мебошад, ки принсипҳои асосӣ, вазифаву ҳадафҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти манфиатҳои дарозмуддати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва танзим менамояд.

Мувофиқ ба ин консепсия Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баромадан ба бозорҳои тезтараққикардаистодаи сармоя, технология, ашёи хом ва масолеҳи саноатӣ аз барқарор кардани муносибатҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, аз ҷумла бо Япония, Ҷумҳурии Корея, Шоҳигарии Тайланд, Ҷумҳурии Индонезия, Малайзия, Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам, Сингапур ва дигар кишварҳои минтақа манфиатдор буда, ин самтро яке аз самтҳои афзалиятнок дар сиёсати хориҷии худ медонад [4]. Сатҳи ҳамкориҳои байни кишварҳои номбаршуда роҳандозӣ шуда барои расидан ба ин ҳадафҳо шароити мусоид фароҳам меоранд. Аммо нахустин сафар ба хотири роҳандозӣ намудани ҳамкориҳо дар сатҳи байнипарлумонӣ дар моҳи июни соли 2011 сурат гирифт [5]. Ин санаро метавон санаи оғози муносибатҳо байни ду кишвар дар сатҳи байнипарлумонӣ донист. Барои расидан ба чунин ҳадафҳо гурӯҳи дӯстии

байнипарлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Корея созмон дода шуд. Бо мақсади рушди минбаъдаи ин гурӯҳи дӯстӣ қарори Раиси маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров аз 27 апрели соли 2015 таҳти рақами №85 «Дар бораи таъсиси гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Корея» ба имзо расид. Ҳамчунин, дар асоси ин қарор ҳайати ин гурӯҳ аз ҳисоби раисони комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин муовинони раис ва вакилони парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ, яке аз воситаҳое мебошад, ки барои рушди ҳамкориҳои байнипарлумонӣ мусоидат менамоянд. Гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ бо мақсадҳои зерин таъсис дода мешаванд:

- рушд додани муносибатҳо бо кишварҳои дигар ва парлумонҳо ва наздиктар кардани онҳо;
- татбиқи ташрифҳои дуҷониба барои ҳамкориҳои парлумонҳо ва кишварҳо;
- табодули назари тарафҳо;
- рушд додани дӯстӣ миёни кишварҳо.

Ассамблеяи миллии Ҷумҳурии Корея ва парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти гуногуни сиёсати хориҷии ҳарду кишвар фаъолона ширкат менамоянд. Ин маънои онро дорад, ки ҳамкориҳо байни ин ду кишвар фақат бо ҳамкорӣ дар сатҳи қонунгузорӣ маҳдуд намегарданд. Нишонаи возеҳи ҳамкориҳои байнипарлумонӣ, ин кӯшишҳои парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои роҳандозии ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷират байни ду кишвар мебошад. Мактуби парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ассамблеяи Милли Ҷумҳурии Корея далели ин гуфтаҳост. Дар ин мактуб аз ҷумла зикр мегардад, ки шумораи аҳолии қобили меҳат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 50%, аниқтараш 4 млн 900 ҳ.н. ташкил медиҳад. Аз ҷониби Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров қайд мегардад, ки Ассамблеяи миллии Корея метавонад барои барқарор кардани муносибатҳо дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ нақши калидӣ дошта бошад. Ҳанӯз моҳи июни соли 2011 вохӯрии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров бо вазири меҳнати Ҷумҳурии Корея баргузор гардида буд. Дар ин вохӯрӣ тарафҳо дар хусуси имконпазирии ворид намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯйхати кишварҳои содиркунандаи неруи корӣ ба мувофиқа расида буданд. Дар баробари ин, ҷониби Корея зикр намуда буд, ки ин амал танҳо дар ҳолати риоя гардидани шартҳои зарурӣ имконпазир аст. Аз он ҷумла, риоя намудани шартномаи меҳнатӣ, вайрон накардани қоидаҳои будубош, дар сатҳи муоширaт донистани забони кореягӣ ва соҳибкасб будан. Дар ин нома Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии ин ҷонибро барои риояи ин шарт дар ҳолати ба фоидаи Тоҷикистон ҳал шудани ин масъала иброз медорад. Ҳамчунин, дар ин навишта муҳим будани ин қадам барои ҳарду ҷониб зикр мешавад. Ҳамчунин, Шукурҷон Зуҳуров изҳори боварӣ намудааст, ки рушди ҳамкориҳои байнипарлумонӣ боис ба рушд ёфтани ҳамкориҳо дар дигар самтҳо мегарданд [5].

12 майи 2013 ҳайати парлумонии Ассамблеяи миллии Ҷумҳурии Корея ба Тоҷикистон ташриф оварда буд. Дар давоми боздиди мазкур вохӯрии Ассотсиатсияи дӯстии байнипарлумонии Тоҷикистон-Кореяи Ассамблеяи Миллии Ҷумҳурии Корея бо шаҳрвандони кореяи муқими Тоҷикистон сурат гирифт. Аъзоёни ҳайати парлумонӣ ҳамчунин бо Раиси Маҷлиси намояндагони маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон суҳбат анҷом доданд. Меҳмонон аз ҷойҳои таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон дидан намуда, ба меҳмоннавозии тоҷикон баҳои баланд доданд. Дар навбати худ, чунин сафарҳо барои тавсеаи ҳамкориҳои байнипарлумонии Тоҷикистону Корея мусоидат менамоянд [6].

Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Корея ҳамчунин дар доираи Конфронси байналхалқии ҳизбҳои сиёсии Осиё фаъолона ҳамкорӣ менамояд ва дар доираи ин конфронс чанд вохӯрӣ сурат гирифтааст.

Конфронси байналхалқии ҳизбҳои сиёсии Осиё иттиҳоди байналхалқии ҳизбҳои сиёсии Осиё ва Уқёнусия мебошад. Ҳадафҳои ин конфронс мусоидат ба табодул ва ҳамкорӣ байни ҳизбҳои сиёсии кишварҳои гуногуни ғояҳои гуногундошта, баланд бардоштани ҳамдигарфаҳмӣ ва эътимод байни кишварҳои Осиё, фароҳам овардани шароити мусоид барои сулҳи пойдор ва рушди якҷоя барои кишварҳои минтақа мебошанд [7]. Ҳамчунин, парлумонҳои ҳарду кишвар бо Конференсияи доимии ҳизбҳои сиёсии Америкои Лотинӣ ва баҳри Кариб ва Шӯрои ҳизбҳои сиёсии Африқо ҳамкорӣ менамояд. Зери парастории ICAPP созмони занон ва ҷавонон амал мекунад [5].

Парлумонҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Корея инчунин ба таври фаъолона дар кори Иттиҳоди байнипарлумонӣ ширкат мекунанд. Иттиҳоди байнипарлумонӣ яке аз куҳантарин ташкилоти байналхалқии ғайридавлатие мебошад, ки гуруҳҳои парлумонии кишварҳои гуногунро ба ҳам муттаҳид менамояд. Дар соли 1889 таъсис ёфтааст. Ба ҳайати Иттиҳоди байнипарлумонӣ зиёда аз 120 кишвар, аз ҷумла Тоҷикистон ва Корея узв мебошанд. Ҳадафҳои Иттиҳоди байнипарлумонӣ тибқи оинномаи он аз инҳо иборатанд: ҳавасмандгардонии барқарорсозии муносибатҳои шахсӣ байни азоёни ҳамаи парлумонҳо дар роҳи барқарор намудани сулҳ ва ҳамкорӣ дар тамоми ҷаҳон [8].

Дар умум, ҳамкориҳои байнипарлумонӣ байни ду кишвар бонизом ҷараён дошта, ин ҳамкориҳо метавонанд ба сифати омили вусъатбахшандаи ҳамкориҳо баромад намоянд.

**АДАБИЁТ**


1. Зариф А. Эволюция парламентаризма в Республике Таджикистан. Центральная Азия и Кавказ / А. Зариф. - 2008. -№2 (56). -С.101.
2. Андронова Л.А. Партийная система Южной Кореи: традиции и современность / Л.А. Андронова // Вестн. Том. гос. ун-та. История. - 2014. -№1(27). [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/partiynaya-sistema-yuzhnoy-korei-traditsii-i-sovremennost (дата обращение: 14.03.2019).
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2003.
4. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015 таҳти №332 тасдиқ карда шудааст).
5. Текущий архив Парламента Республики Таджикистан, Папка Корея.
6. «Гости из страны «утренней свежести» // Ежеквартальный общественно-культурный журнал «Дусти». – 2015. -№4. -С.10-13.
7. Минбари халқ. - 28 декабри 2013. -№52. (927). -С.3.
8. Сомонаи расмии Созмони ҳамкориҳои байнипарлумонӣ. [Манбаи электронӣ]. https://www.ipu.org/sites/default/files/documents/statutes_-_october_2018-e.pdf (санаи муроҷиат 04 феврали 2019)


**БАЪЗЕ АЗ ВИЖАГИҲОИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНИПАРЛУМОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ КОРЕЯ**


Дар ҷаҳони муосир неруи нарм, ки яке аз василаҳои татбиқи ҳадафҳо маҳсуб меёбад, парлумон низ дар татбиқи ин неру нақши босазо касб кардааст. Ҳоло кишварҳои хурду бузург кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бо истифода аз имкониятҳои дипломатии парлумонӣ ҳадафҳои сиёсати хориҷии худро татбиқ намоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали барқарор кардани робитаҳои дипломатӣ бо Ҷумҳурии Корея кӯшиш намуд, ки робитаҳои худро дар дигар самтҳо низ бо ин кишвари неруманд тақвият бахшад. Дар баробари барқарор намудани робитаҳо дар соҳаҳое, ба монанди иқтисод, тиҷорат, фарҳанг ва сиёсат, инчунин ҳамкориҳои байнипарлумонӣ низ роҳандозӣ гардиданд. Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки робитаҳои байнипарлумонии ду кишварро аз рӯзҳои аввалини барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ таҳлил намояд. Муаллиф ҳамчунин кӯшиш намудааст, то марҳилаҳои асосии барқарор гардидани робитаҳои байнипарлумонӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Кореяро таҳлил намояд. Ҳарчанд робитаҳои дипломатӣ байни ду кишвар ҳанӯз 27 апрели 1992 барқарор гардида буданд, аммо сафари махсус барои тақвияти робитаҳои байнипарлумонӣ июни соли 2011 сурат гирифт. Барои расидан ба мақсадҳои дарпешгузошташуда ва ҳамчунин тақвияти равобити байнипарлумонӣ Гурӯҳи дӯстии байни парлумонҳои ду кишвар таъсис дода шуд. Бо мақсади рушди минбаъдаи ин гурӯҳи дӯстӣ қарори Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров аз 27 апрели соли 2015 таҳти рақами №85 «Дар бораи таъсиси гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Корея» ба имзо расид. Ба ақидаи муаллиф, маҳз ҳамин амалкардро метавон қадами аз ҳама муҳим барои тақвияти равобити байнипарлумонии Тоҷикистону Ҷумҳурии Корея унвон кард.



**Калидвожаҳо:** парламент, робитаҳои байнипарлумонӣ, Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, гурӯҳи дӯстии байнипарлумонӣ, дипломатияи парламентӣ, дипломатияи Тоҷикистон, Тоҷикистону Корея.


**НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ МЕЖПАРЛАМЕНТКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С РЕСПУБЛИКОЙ КОРЕЯ**


В современном мире парлмент считается одним из инструментов мягкой силы, и этот инструмент очень умело используется разными государствами для достижения внешнеполитических целей. Республика Таджикистан с первых лет установления дипломатических отношений с Республикой Корея наладила контакты с данным субъектом международного права в разных сферах. Наряду с налаживанием контактов в разных областях, таких как торговля, экономика, культура и политика также было налажено плодотворное сотрудничество между парламентариями двух государств. В статье автор рассматривает межпарламентское сотрудничество между двумя дружескими государствами со дня установления дипломатических контактов. В данной статье также были предприняты попытки определить основные этапы сотрудничества между парламентами двух государств. Хотя дипломатические отношения между Республикой Таджикистан и Республикой Корея были установлены 27 апреля 1992 года, но первый визит для развития парламентского сотрудничества был осуществлен в июне 2011 года. Для упрощения достижения поставленных целей была образована Группа дружбы и сотрудничества между Маджлиси Намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан и Национальной Ассамблей Республики Корея. 27 апреля 2015 года было подписано постановление Председателя Маджилиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан Шукурджона Зухурова под №85 «Об образовании группы дружбы и сотрудничества Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан с Национальным собранием Республики Корея». Именно этот шаг автор статьи считает самым важным для развития парламентских связей двух государств.

**Ключевые слова:** парламент, межпарламентские связи, национальное собрание Кореи, Парламент Республики Таджикистан, группа межпарламентской дружбы, парламетская дипломатия, дипломатия Таджикистана.

**SOME PECULIARITIES OF INTER-PARLIAMENTARY COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH REPUBLIC OF KOREA**

In the modern world, parliament is considered one of the tools of soft power, and this tool is skillfully used by various states to achieve foreign policy goals. Since the first years of establishing diplomatic relations with the Republic of Korea, the Republic of Tajikistan has established contacts with this subject of international law in various fields. Along with establishing contacts in various fields, such as trade, economy, culture and politics, there was also a subcategory of cooperation between parliamentarians of the two states. In the article, the author considers inter-parliamentary cooperation of two friendly states from the moment of establishing diplomatic contacts. This article also attempts to identify the main stages of cooperation between the parliaments of the two states. Although diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Korea were established on April 27, 1992, the first visit on the development of parliamentary cooperation was made in June 2011. In order to achieve this goals were created the Friendship and Cooperation Group between Majlisi Namoyandagon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan and the National Assembly of the Republic of Korea. On April 27, 2015, under the chairmanship of Shukurdzhon Zuhurov No. 85, a decree was signed by the Chairman of the Majilisi Namoyandagon Madzhlisi Oli of the Republic of Tajikistan “On the Formation of the Friendship and Cooperation Group of the Majilisi Namoyandagon Majlisi Oli Of the Republic of Tajikistan with the National Assembly of the Republic of Korea” The author considers that this is the most important step for the development of parliamentary relations between two states.

**Key words:** parliament, inter-parliamentary relations, the National Assembly of Korea, the Parliament of the Republic of Tajikistan, the inter-parliamentary friendship group, parliamentary diplomacy, diplomacy of Tajikistan.

**Сведения об авторе:** ***Худойбердиев А.А.*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **khakmaljon@gmail.com.** Тел.: **(+992) 988-97-70-73**

**Information about the author:** ***Khudoiberdiev A.A.*** - Tajik National University, Researcher of the Department of International relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **khakmaljon@gmail.com.** Tel.: **(+992) 988-97-70-73**

**УДК 72.036 (575.3)**

# ДРЕВНИЕ ПАМЯТНИКИ АРХИТЕКТУРЫ И ГРАДОСТРОИТЕЛЬСТВА АФГАНИСТАНА

***Мамаджанова С.М., Сайид Хумаюн Шах Сайид Акбаршах***
**Таджикский технический университет им. М.С. Осими,**
**Исламская Республика Афганистан**

Развитие древнего земледелия, ремесел, торговли, образование раннеклассовых социальных структур вызвали на земле древнего Афганистана необходимость строительства зданий различного назначения - от простого жилища крестьян и ремесленников до монументальных культовых и дворцовых сооружений, олицетворяющих государственное могущество и величие верховных правителей.

Крупные оазисы оседлых земледельцев постепенно превращались в поселения городского типа и приобретали многозначную функцию: жилые дома, административные, культовые и другие здания группировались в определенную систему городской застройки, ограждались крепостными стенами, под защитой которых протекала сложная и многообразная жизнь людей разных профессий, объединенных общими интересами и властью правящей верхушки.

Название главного города государства обыкновенно распространялось и на всю страну. Так, древняя бактрийская столица г. Бактры дала название всему государству - Бактрия. Главный город и историко-культурная область Герат (Херат - в средневековых текстах) дали название современной провинции Герат, в прошлом называвшейся Харойва (Арея в греческих текстах). Город Кандагар дал, по-видимому, название области Гандхара, расположенной в Пакистане.Город представлял собой единый архитектурный комплекс, основу которого составляла жилая застройка. Приемы жилищного строительства, проверенные опытом предшествующих поколений, использовались и в зданиях общественного назначения. На примере древних и более поздних сооружений Афганистана можно убедиться в доминирующем влиянии жилищной архитектуры на организацию пространства общественных и культовых зданий, городской застройки в целом. Другая важная особенность архитектуры Афганистана заключалась в том, что как на планировку укрепленных городских комплексов, так и на облик отдельных зданий заметно влияла символика древневосточных религиозных культов. Форма,

конструкции и вся основа архитектурного построения были всегда подчинены определенной идеологической задаче, направленной, в первую очередь, на возвышение религии и укрепление государственной власти. Символическое начало в древневосточном зодчестве исследовано недостаточно, но даже на отдельных примерах архитектуры Афганистана можно попытаться проследить влияние религиозно-философских систем на формирование архитектурного образа.

Последовательность эволюции архитектурно-композиционных приемов в монументальных зданиях с древнейших времен вплоть до современности зависела от смены идеологических концепций, отражающих интересы господствующего класса и правящей верхушки. Древнейшие поселения оседлых земледельцев Южного и Юго-Западного Афганистана располагались на плодородных землях в провинции Кандагар и Сеистане. Племена, обитавшие в этих районах, имели культурные связи с земледельческими оазисами Белуджистана, Южного Ирана, Юго-Западной и Южной Средней Азии.

К III тысячелетию до н.э. относится развитие самого крупного селения Мундигак, игравшего роль местной столицы. На холме, образованном культурными отложениями более ранних периодов, возвышалось монументальное здание со стенами, декорированными сомкнутыми полуколоннами. Здесь, возможно, находилась резиденция местного правителя. Рядом расположена храмовая постройка. Остатки обводных стен, фланкированных квадратными башнями, дают основание предполагать, что на последних этапах существования Мундигак превратился в поселение раннегородского типа. Эволюцию древнего поселения с явными признаками протогородской культуры можно увидеть и на археологическом объекте Шахре-Сохте вблизи ирано-афганской границы на территории Ирана. Шахре-Сохте относится к сеистанской группе земледельческих оазисов в дельте р. Гильменд.

В отдаленных горных районах современного Афганистана и сейчас можно наблюдать сходные процессы развития селений с времен раннего средневековья и постепенного их превращения в мощные цитадели. Таким примером может служить древнее укрепленное селение в районе Карганату, расположенное на плоскогорье в Центральном Афганистане. На лессовой платформе, образованной культурными отложениями, относящимися, по-видимому, к эпохе средневековья, отчетливо прослеживаются древние слои и руины строений многовековой давности. На верхней платформе возведены мощные крепостные стены, ограждающие современное селение-цитадель (кала), в котором проживает около 30 семей (более 200 человек). Жители такого укрепленного селения и сейчас ведут обособленный образ жизни, обходясь собственным производством продуктов питания и предметов быта.

Во II тысячелетии до н.э., когда кандагарская и сеистанская культуры пришли в упадок, на землях Северного Афганистана (Южная Бактрия) началось развитие земледельческой культуры непосредственных предков современного населения Афганистана.

Архитектурные памятники Северного Афганистана эпохи бронзы (начало III-II тыс. до н.э.) представлены многочисленными, но сравнительно небольшими поселениями с размерами в плане не более 150х200 м, отстоящими друг от друга на расстоянии от 0,5 до 3-5 км. На поверхности оплывших холмов, скрывающих остатки древних сооружений, много осколочной керамики. В археологических раскопах обнаружены каменные и металлические изделия, гончарные печи, а также тигли для плавки металла. Археологические исследования объекта Дашлы-1 в районе Акчи показали, что селение состояло из крепости с размерами по наружному обводу стен 99Х85 м и примыкающей к ней с внешней стороны жилой застройки. Оборонительные стены, сложенные из сырцового кирпича размером 50х22х12 см, имели ширину 3-4 м. По углам крепости и вдоль стен были возведены круглого очертания башни. С двух сближенных башен, находящихся посередине одной из внешних стен, по-видимому, обороняли главный вход в крепость. Тип прямоугольной крепости с угловыми башнями в научной литературе ранее относился лишь к началу н.э. [5,с.46]. Советскими археологами установлено, что в Северном Афганистане такая планировка существовала на много веков раньше. На объекте Дашлы-1 особое внимание привлекают обнаруженные в толще стены дымоход и несколько комнат с каминами, что свидетельствует о высокой строительной культуре населения Северного Афганистана в этот период. Исследование памятника Дашлы-3, находящегося в этом же районе, привело к открытию своеобразного монументального комплекса. Почти в центре поселения обнаружено круглое в плане сооружение диаметром 36 м. Внешняя кольцевая стена имела снаружи 9 башен с входами, ведущими внутрь. С отступом 1,5-2 м идет вторая стена с более тонкими перегородками-диафрагмами. Почти в центре располагалось прямоугольное здание, в интерьере которого четко прослеживаются пилястры внутренних стен. Необычное архитектурно-планировочное решение этого памятника позволяет

отнести его к культовому сооружению. Крупные размеры плана говорят о том, что это был, возможно, религиозный центр всего оазиса в ранний период его существования.

Важные сведения о развитии зодчества Афганистана с конца бронзового века дают не только натурные объекты, но и дошедшие до наших дней письменные памятники. Одним из таких источников является «Авеста» – памятник древнеиранской письменной культуры. «Авеста» сохранилась далеко не полностью. Среди имеющихся текстов наибольший интерес представляют 17 глав, приписываемых Заратуштре - основателю зороастризма, который возник, по предположению некоторых ученых, на севере Афганистана [1,с.23]. Однако, как указывает Г.А. Пугаченкова, ни Бактрия, ни области, лежащие к югу от Гиндукуша, не входили впоследствии в орбиту ортодоксального зороастризма [4,с.89].

Архитектура в эпоху бронзы отражала общественный строй, описанный в отдельных частях «Авесты». Низшей общественной единицей была нмана - дом, означавшая хозяйство большой патриархальной семьи, включавшее рабов, жилище. Следующей единицей был вис (род), за которым следовало занту (племя или область, населенная племенем). Наконец, четвертой единицей в иерархии общественных органов была дахью - страна, область, которую возглавлял правитель области - дахьюпайтиш. Видимо, дахью - это основные хозяйственно-политические образования, представлявшие собой земледельческие оазисы с главным поселением городского типа [3,с.134].

Документальные свидетельства древних текстов подтверждают религиозно-ритуальное содержание многих памятников монументальной архитектуры индо-иранских племен Северного Афганистана. В религиозно-философской системе этого времени преобладали мифологические сюжеты, связанные с зарождением дуалистического учения о делении мира на царство «добра и правды» и царство «зла и лжи». Так, например, маздеизм, проповедующий культ Ахура Мазды - высшего божества, олицетворяющего борьбу сил добра и зла, был основой для этических заветов зороастризма, открывшего путь к концепциям единобожия и единовластия, что в свою очередь способствовало развитию монументальной архитектуры, отражающей идеологические доктрины централизованного государства.

Борьба двух начал мироздания являлась основой философской концепции древности. Причем первопредок и сын Солнца легендарный Йима объединил в себе образ так называемой «квадратной Вары» - обители бессмертия, имеющей четыре стороны света. «Квадратная Вара» соотносится в ранних ведических преданиях из книги индоарийцев «Ригведа» с квадратной формой неба. В архитектуре Древнего Востока любое строительство мыслилось аналогом деятельности «творца», и поэтому в сооружениях преобладало космологическое содержание, основанное на преодолении царства «зла и лжи», олицетворявших хаос, создании на земле «благой небесной обители». Вся основа бытия, жизнь и смерть каждого человека рассматривались в едином космологическом процессе развития и борьбы с хаосом, что находило отражение в архитектуре раннего периода исторического развития Афганистана. Как считает Л.А. Лелеков, «геометрическая четкость их планов, так или иначе сочетавших круг или квадрат, была обусловлена космологическими уподоблениями гробницы «обитаемому миру» [2,с.9]. Причем геометрическая схематизация планов «... может рассматриваться как явное указание на идею преодоления хаоса» [2,с.13].

Космологический квадрат, первоначально представлявший планировочную основу жилища, которое защищало от непогоды и внешних врагов, превращается в «духовную обитель» бытия и трактуется в последующие века в аспекте теолого-исторической философии под влиянием эволюции мировоззренческих и социальных систем.

Во многих легендах и письменных памятниках Древнего Востока сохранились описания дворцов квадратного и реже - круглого очертания. Так, в «Сказании о дворцах собраний» из Махабхараты (памятник древнеиндийского эпоса) говорится: «Тот сверкающий дворец простирался на сто йоджан в длину и столько же в ширину... Нет в нем ни горя, ни старческой дряхлости, ни голода, ни жажды, ни неприятностей» [2,с.14]. Известно, например, что древняя столица Мидии - священный город Экбатаны, символизирующий силу царской власти, был воздвигнут в кольце семи стен, соответствующих определенным небесным светилам [2,с.19]. План города явно выполнял функцию изобразительной космограммы. Такие космограммы (мандала) впоследствии получили широкое распространение в культуре Индии. Открытый советскими археологами на территории Северного Афганистана уже упоминавшийся центрический памятник в кольце девяти стен (Дашлы-3), без сомнения, имеет религиозно-космологическую основу, однако полный смысл его до конца не расшифрован.

В более поздние эпохи квадрат и круг также сочетали в себе космологические и теолого-исторические аспекты восприятия человеком окружающего мира. В археологических разрезах

древней столицы Бактрии - Бактрах (Балх) отчетливо прослеживаются архитектурные концепции раннего периода истории Афганистана: монументальные здания городского ядра, мощные укрепления, защищавшие город, олицетворяли могущество централизованного государства и неограниченную власть верховного правителя. Планы и разрезы укреплений городища Балахисар - догреческого ядра древней столицы Бактрии - показывают, что город имел округлый план. Наружные стены древних Бактр на высоте 13 м от подошвы фундаментов имели толщину 15 м. Планировка города внутри стен пока не установлена.

В конце IV в. до н.э. на Среднем Востоке, включая Древнюю Бактрию и другие культурные области Афганистана, происходит переход от этих архаичных архитектурных форм, выражавших идеи восточнодеспотической государственности, к новым идеологическим концепциям «эллинизированных держав». После завоевания Бактрии Александром Македонским наблюдается резкий поворот от старобактрийского начала в зодчестве Афганистана к иным приемам градостроительства, основанным на принципах греческого «регулярного города», к новым формам в архитектуре монументальных зданий и сооружений.

В ранний период античности, начавшийся в конце IV в. до н. э., происходит эллинизация бактрийской культуры с выраженным преобладанием греческого начала в идеологических и архитектурных концепциях.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Арунова М.Р. История Афганистана с древнейших времен до наших дней / М.Р. Арунова, Ю.В. Ганковский, В.Г. Коргун /Отв. ред. Ю.В. Ганковский. - М.: Мысль, 1982. – 368 с.
2. Лелеков Л.А. Отражение некоторых мифологических воззрений в архитектуре восточноиранских народов в первой половине 1 тысячелетия до н.э. / Л.А. Лелеков // История и культура народов Средней Азии. –М.: Наука, 1976. – 206 с.
3. Массон В.М. История Афганистана: Т.1-2 / В.М. Массон, В.А. Ромодин Акад. наук СССР. Ин.-т народов Азии. - М.: Наука, 1964-1965. -Т.1: С древнейших времен до начала XVI века. - 1964. - 464 с.
4. Пугаченкова Г.А. Искусство Бактрии эпохи Кушан / Г.А. Пугаченкова. – М.: Наука, 1979. – 248 с.
5. Сарианиди В.И. Древние земледельцы Афганистана / В.И. Сарианиди // Материалы сов.-афг. экспедиции 1969-1974 г. – М.: Наука, 1977. – 172 с.


## ЕДГОРИҲОИ ҚАДИМИИ МЕЪМОРӢ ВА ШАҲРСОЗИИ АФҒОНИСТОН


Дар мақолаи мазкур оиди рушди кишоварзии қадима, ҳунарҳои мардумӣ, савдо, ба вуҷуд омадани сохти ғуломдорӣ, ки дар сарзамини қадимаи Афғонистон заминаи пайдоиши сохтмони биноҳои гуногун – аз манзили одии деҳқонон ва ҳунармандон то биноҳои монументалии динӣ ва қасрҳои боҳашамат, ки нишондоди бузургии сарватмандон буданд, маълумот дода шудааст. Намои шаҳр маҷмааи меъмории яклухтро ташкил медод ва асоси онро маҳаллаҳои аҳолинишин ташкил медоданд. Усулҳои сохтмони манзил, ки таҷрибаи наслҳои пешинаро дар бар мегирифтанд, дар бунёди биноҳои ҷамъиятӣ низ истифода бурда мешуданд. Дар мисоли иншоотҳои қадим ва қадимтарини Афғонистон, гуфтан мумкин аст, ки ба ташаккулёбии симои меъмории биноҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, таъсири манзилгоҳҳои аҳолинишин бисёр назаррас аст. Дигар хусусияти муҳимми меъмории Афғонистон он буд, ки ҳам дар тарҳрезии маҷмааҳои калони шаҳрӣ ва ҳам дар симои биноҳои алоҳида таъсири рамзҳои динии Шарқи қадим зиёд ба назар мерасид.Шакл, сохт ва тамоми асосҳои коркарди меъморӣ вазифаи муаяйни идеологиро иҷро мекарданд ва асосан барои баланд бардоштани нақши дин дар ҷомеа ва таҳкими ҳокимияти давлатӣ, нигаронида шуда буданд.



**Калидвожаҳо**: ёдгориҳои меъморӣ, шаҳрсозии Афғонистон, иншоотҳои монументалӣ, бунёди манзил.


## ДРЕВНИЕ ПАМЯТНИКИ АРХИТЕКТУРЫ И ГРАДОСТРОИТЕЛЬСТВА АФГАНИСТАНА


В статье характеризуется развитие древнего земледелия, ремесел, торговли, образование раннеклассовых социальных структур, которые вызвали на земле древнего Афганистана необходимость строительства зданий различного назначения - от простого жилища крестьян и ремесленников до монументальных культовых и дворцовых сооружений, олицетворяющих государственное могущество и величие верховных правителей. Город представлял собой единый архитектурный комплекс, основу которого составляла жилая застройка. Приемы жилищного строительства, проверенные опытом предшествующих поколений, использовались и в зданиях общественного назначения. На примере древних и более поздних сооружений Афганистана можно убедиться в доминирующем влиянии жилищной архитектуры на организацию пространства общественных и культовых зданий, городской застройки в целом. Другая важная особенность архитектуры Афганистана заключалась в том, что как на планировку укрепленных городских комплексов, так и на облик отдельных зданий заметно влияла символика древневосточных религиозных культов. Форма, конструкции и вся основа архитектурного построения были всегда подчинены определенной идеологической задаче, направленной в первую очередь на возвышение религии и укрепление государственной власти.



**Ключевые слова:** памятники архитектуры, градостроительство Афганистана, монументальные сооружения, жилищное строительство.


## ANCIENT MONUMENTS OF ARCHITECTURE AND URBAN CONSTRUCTION OF AFGHANISTAN


The article reveals the development of ancient agriculture, crafts, trade, formation of early class social structures, which caused the need of building the constructions for various purposes on the territory of ancient Afghanistan - from simple dwellings for peasants and craftsmen to monumental religious and palatial constructions, personifying the state power and greatness of the supreme governors. The city was a single architectural complex, the basis of which was

residential development. Methods of housing construction, examined by the experience of previous generations, were used in public buildings. On the example of ancient and more recent buildings of Afghanistan there can be seen the dominant influence of housing architecture on organization of public and religious buildings space, urban development as a whole. Another important feature of the architecture of Afghanistan was that both the layout planning of fortified urban complexes and the appearance of individual buildings were significantly influenced by the symbols of ancient Eastern religious cults. The form, construction and the whole basis of architectural composition were always subject to a certain ideological task, focusing on the upgrade of religion and the strengthening of state power.

**Key words:** monuments of architecture, urban planning of Afghanistan, monumental constructions, housing construction.

**Сведения об авторах:** ***Мамаджанова Салия Мамаджановна –*** Таджикский тезхнический университет им. М.С. Осими, доктор архитектуры, профессор кафедры «Архитектура и Дизайн». **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, улица академиков Раджабовых 10
***Сайид Хумаюн Шах Сайид Акбаршах -*** Исламская Республика Афганистан, доктор (PhD) исторических наук

**Information about the authors:** ***Mamadzhanova Saliya Mamadzhanovna -*** Tajik Medical University. M.S. Osimi, Doctor of Architecture, Professor at the Department of Architecture and Design. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 10 Academicians Rajabov Street
***Sayyid Humayun Shah Sayyid Akbarshakh -*** Islamic Republic of Afghanistan, doctor (PhD) of historical sciences

**УДК 316.75:32(470)**

# МАСЪАЛАҲОИ ВАТАНДӮСТИИ САРБОЗОН ВА МУҚОВИМАТ БО ХАТАРҲОИ МУОСИРИ ҶАҲОНӢ

***Шарипов А.Н., Собиров С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Ҷаҳонишавӣ ва масъалаи ҳифзи арзишҳои миллӣ дар даҳсолаи охир яке аз мавзӯъҳои баҳсталаб дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари пешрафти илму техника, иқтисодиёт, ҷомеаи ҷаҳон бо хатарҳои нав рӯ ба рӯ мегардад. Муассиртарини ин хатарҳо ба фарҳанг, асолат ва тарзи зиндагии анъанавӣ тааллуқ дорад. Бинобар ин, тарбияи инсондӯстию ватандӯстӣ ва дар ин рӯҳия тарбия намудани ҷавонон бояд аз мадди назар дур намонад. Тарбияи баланди маънавӣ дар ҳаёти инсон воситаест, ки бохтро ба бурд мубаддал мегардонад. Артиш то он вақте пароканда намебошад, ки ба он сухани бегона ворид нашавад, чунки бохт-ин ифодагари ақл буда, ҳолати ҷисмонӣ намебошад.

Тарбияи рӯҳию маънавиро метавон яроқи махфии ҷомеа номид. Дар бораи вуҷуд доштани он ҳазорҳо сол қабл маълум буд. Танҳо роҳбарони моҳир онро ба назар гирифта, истифода бурдаанд. Дар замони қадим асоси низоми ҳарбиро дар мардуми Шарқ, хусусан форсҳо солимии рӯҳ, зиракӣ ва ҳушёрӣ ташкил медод [8,с.86.]

Ҷавонон аз 6-солагӣ аз курсҳои омӯзишӣ мегузаштанд. Илова бар дониши онвақта, мактаб низ техникаҳои ҷангро таълим медод, аммо муҳимтар аз он, парвариши ахлоқ маҳсуб меёфт [13,с.1] Дар 20-солагӣ ҷавони форс ба хизмати низомӣ даъват гардида, омодагии ӯ то 50-солагӣ идома меёфт. Ӯ омӯзишро ҳамчун сарбози савора ва ҳам қатора мегузаронд. Ҳатто Шоҳи бузург дар наврасиаш мисли дигарон чунин омӯзишро аз табақаҳои болоии форсӣ паси сар намудааст [7,с.50]. Наполеон асоси муваффақиятро бештар дар тарбияи рӯҳию маънавӣ ва аҳамияти он мефаҳмид. Ӯ қайд намудааст, ки як сарбози бо рӯҳияи баланди маънавӣ омода, ба се сарбозе, ки ин рӯҳияро надоранд, баробар аст. Рӯҳияи маънавӣ ҳамчун сир махфӣ мебошад, зеро он ноаён ва дастнорас аст. Тарбия дар рӯҳияи маънавӣ яке аз яроқҳои бузургест, ки ба инсон маълум гардидааст. Ин бузургиро метавон ба танки вазнин, аз ҳама яроқи бузурги тупӣ, аз ҳама бомбаи бузурги марговар қиёс намуд [5,с.9].

Ҳангоми омӯзиши асари “Шоҳнома”–и Абулқосим Фирдавсӣ намудҳои гуногуни симои тарбияи маънавию рӯҳӣ ба мушоҳида мерасад: 1) эҳтиром; 2) сабурӣ; 3) устувории табиию маънавӣ; 4) якдилии умумӣ; 5) ёрии дӯстона; 6) диловарӣ; 7) аз худ кардани кори ҳарбӣ; 8) аз пеши худ кор накардан; 9) интизом ва дигар омилҳои ба ин монанд.

Фирдавсии бузург мефармоянд:

*Хирад чун бувад бо диловар ба роз,*
*Ба шарму ба пӯзиш наёяд ниёз [2, с.99]*

*Бад-ӯ гуфт Кисро: «Сухан рост гӯй,*
*Макун чораву ҳеҷ кажжӣ маҷӯй.*

*Ки кажжӣ наёрад магар кори бад,*
*Дили нек бад гардад аз ёри бад» [2,с.213].*

Таҳкими рӯҳияи маънавии артиш вазифаи муҳимми тайёрии ҳарбӣ аст. Устувории маънавии артиш аз интизом, рӯҳияи ҷангӣ, ирода ба ғалаба, худдорӣ аз манъшудаҳо, ҳисси эҳтиром ба худ, қарзи ватандорӣ ва номуси баланд иборат аст.

Рӯҳияи маънавӣ фаҳмиши васеътар нисбат ба ҳолати ҷисмонӣ ё ақлонӣ мебошад. Онро метавон ба чаҳорчӯбаи маънавиёт дохил кард. Дар ҳақиқат ин чизест, ки берун аз доираи тамоми ин фаҳмишҳо дар якҷоягӣ мебарояд ва дар ҳамон лаҳза аз онҳо сарчашма мегирад.Омӯзиши дастовардҳои ҳамватанонамон дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои ҳар соҳибватан зарур аст. Мероси таҷрибавии он тӯли 73 - сол инҷониб барои артиши собиқ давлатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ хизмат карда истодааст.Таҷрибаи ҷангҳо нишон медиҳад, ки бештар ҳамон қувваҳои мусаллаҳ ғалаба ба даст меоваранд, ки ҷанговарони он дар симои ҳариф душмани қаттолу нафратоварро мебинанд.Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ пешрафти немисҳоро на бо қувваи оташфишонӣ боздоштанд, ки он замон бефосила буд, балки онро бо неруи ирода боздошанд. Таъсири фоҷиавии рӯҳияи пасти маънавӣ дар замони оғози Ҷанги дуюми ҷаҳон ба таври возеҳ дар Фаронса ба назар мерасид. Миллати фаронсавӣ, ки замоне бо истодагарию пурзӯрии худ ифтихор мекард, дар ду-се ҳафта торумор шуд, роҳбарони он ба асирӣ афтоданд, артиш иҳота гардид.

Андрей Маруа нависандаи машҳури он замон қайд мекунад, ки «ҷанг аз тарафи Фаронса дар лаҳзаи оғоз бохта шуд» [4]. Зимни муҳосирагирии артиши Фаронса 400 000 нафар сарбозони ин кишвар ба ҳалқа гирифта шуданд, ки ин яке аз муҳосирагириҳои бузургтарин дар таърих ба ҳисоб меравад [9].

Дар артиши Фаронса дигар омилҳои ифодагари шикастпазирӣ низ вуҷуд доштанд: ҳолати моддии артиш -аз рӯйи норасоии таҷҳизоту яроқҳои онвақта бисёр бад буд. Роҳбарият дар ғафлат буд: солҳои дароз ба омӯзиши ақидаҳои умумӣ машғул буданд, ки он таъсире намерасонд. Соҳибкорон ва коргарони қаторӣ ба якдигар ҳамчун душман рафтор мекарданд, ки имконияти ташкили фронти ягонаро бар зидди душмани қаттол истисно менамуд. Омилҳои номбаршуда, асосан ба ҳолати маънавӣ дохил буданд, ки кишвари бузургро ба нестӣ оварданд. Бояд қайд кард, ки агар ин норасоиҳоро аз байн набарем, онҳо дилхоҳ коллектив, баталён, полк, ё артишро ба парокандагӣ меоранд.

Сабабҳои бохти Фаронса инҳоянд: роҳбарияти нодуруст, вуҷуд надоштани рӯҳияи ваҳдат, рӯҳияи пасти маънавӣ, норасоии кӯшишҳо, беинтизомӣ.Бо мурури замон, ҳар яке аз ин норасоиҳо метавонанд давлатро ба парокандагӣ оварда расонанд. Моруа қайд мекунад:

**- Устувор бошед,** «агар миллат барои озодии худ тайёр набошад ва ҷони худро барои он дареғ надорад, вай озодиро аз даст медиҳад».

**- Зудамалкунанда бошед**. Даҳ ҳазор ҳавопаймои сари вақт сохташуда, беҳ аз панҷоҳ ҳазори баъди бохтан.

**- Ақидаҳои оммаро дастгирӣ кардан**. Роҳбар роҳи пешгирифтаро нишон медиҳад ва ба гапи дигарон амал намекунад.

**- Аз роҳбарон талаб карда шавад, ки ҳаёти одилона баранд**. Камбудиҳое, ки вуҷуд доранд, ба душман ёрӣ мерасонанд.

- **Бевосита** ба ақидаву анъанаҳои миллӣ, зиндагии шахсии худ истодагарӣ кардан. Маҳз садоқат ба Ватан артиш ва ярокро меофарад [5,с.9].

Ин суханҳо бояд ба қалби ҳар нафаре, ки роҳбарии гурӯҳе аз сарбозон ё қисми ҳарбиро ба уҳда доранд, ҷо гиранд. Ҳама мисолҳои дар боло зикр шуда, аз он шаҳодат медиҳанд, ки рӯҳияи маънавӣ масъалаи ҳаёту мамот мебошад. Онҳоро набояд рад кард. Ҳар як артиши хуб ташкилшуда, ба сатҳи баланди тайёрии ҳарбии худ манфиатдор аст ва агар имкон дошта бошад, бояд онро бо яроқи нав муҷаҳҳаз гардонад, то бартарии моддию техникӣ аз болои душман дошта бошад. Лекин бартарии моддӣ чун бартарии маънавӣ ончунон муҳим нест. Барои артиш сатҳи пасти рӯҳияи маънавӣ нисбат ба норасоии яроқу аслиҳа хатарноктар аст. Пас чӣ тавр ин арзишҳои муҳимро метавон ба даст овард? Албатта, рушди онҳо аз бисёр омилҳо вобаста аст, ки муҳимтаринашон инҳоянд: роҳбарияти хуб, интизом, таълими касбӣ, ватандӯстӣ, яроқу аслиҳа, анъанаҳои ҷангии артиш, ҳолати ҷисмонӣ, номус, ҳисси эҳтиром ба худ ва Ватан, худтанзимкунӣ, садоқат, иродаи ғалаба, хӯрок, истироҳат ва аз ҳама муҳим, ташвиқу таблиғоти садоқат ба Ватан. Лекин рӯҳияи маънавӣ оқибатҳои одии ин омилҳо нест, чунки вуҷуд надоштани яке аз онҳо дигарро метавонад, бекор кунад. Масалан, дар ҷанг роҳбарии нодуруст метавонад ба осонӣ рӯҳияи маънавии артишро шиканад, агарчи дигар омилҳо, ба монанди тайёрии ҳарбӣ, яроқу аслиҳа, дастовардҳои пешина ва ғайра вуҷуд дошта бошанд.

Бояд доимо ба назар гирифт, ки вақте оид ба рӯҳияи миллӣ сухан меронем, мо ба чизи номуайян сарукор дорем. Роҳбарият ин як шакли ҳаёт аст он аз роҳбар ва зердастон ҳисси баланди маънавиятро талаб мекунад, ки ифодагари рӯҳияи маънавӣ мебошад.

Ба ҳар сарбоз дарки амиқи моҳияти артишро фаҳмонидан лозим аст, ки «артиш ҳунари зинда мондан», ё ба ибораи дигар, «мубориза бурдан барои зинда мондан» мебошад. Мо тавассути хизмат дар артиш ва пайваста иҷро намудани амрҳои ба мо додашуда, дарк менамоем, ки беҳтарин ҳаёт он аст, ки инсон аз касе вобаста набошад, яъне артиш ва хизмат дар он шахсро ба ҳаёти мустақилона омода мегардонад. Хизмат дар артиш ҳамчун натиҷаи раванди ҷомеа, як навъ ташаббус ва қабул кардани ҷаҳони «калон»-и мардон аст. Соҳибкор Брайан Трейси дар яке аз асарҳои худ оид ба таъсири хизмати низомӣ ва нақши он дар ҳаёти осоиштаи шахсӣ баён мекунад: «Шумо метавонед муваффақиятҳои ногузирро ба даст оред, агар шумо ҳамон амалҳоеро иҷро кунед, ки пешвоёни беҳтарин ва сарлашкарони пешин карда буданд. Принсипҳои низомиро дар соҳибкорӣ ва ҳаёти шахсӣ истифода бурда, шумо назар ба дигарон тезтар фикру мулоҳизаҳо карда, амалҳоятонро пештар ва бештар самараноктар иҷро мекунед. Бо истифодаи таҷҳизоти аз ҳама пурқувват шумо метавонед, ба таври муътадил самаранокии худро баланд бардоред ва натиҷаҳои ҳамаи соҳаҳои фаъолиятро беҳтар гардонед» [11,с.47].Ҷаҳон бо мушкилот ва таҳдидҳои нав рӯ ба рӯ мешавад, дар вазъияти мураккаби байналхалқӣ, артиш кафили асосии озодӣ ва истиқлолияти Ватан аст. Дар ин шароит фарогирии анъанаҳои тарбияи ватандӯстии ҷавононро фаромӯш набояд кард. Ҳар яки мо ҳисси масъулияти сарнавишти Ватани худро бояд эҳсос намоем ва мақсадҳои муштараки мо таҳкими қудрати кишвар ва шукуфоии он мебошад.

Имрӯзҳо тавассути васоити ахбори омма намоиш дода мушавад, ки шахсиятҳое кӯшиш мекунанд, то бо ифротгароён ҳамроҳ шаванд. Чӣ ҷавононро водор менамояд, ки худро ба оғӯши хавфу хатар партоянд? Дар назар менамояд, ки онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва муҳофизати он таълим надодаанд. Тамоми ҷомеа барои тарбияи ҷавонон масъулият бар дӯш доранд. Дар ҷумҳурӣ якчанд сол мешавад, ки кумитаҳои давлатӣ, вазоратҳо чорабиниҳоро ҷиҳати пешгирии зуҳуротҳои бегона баргузор менамоянд. Аммо, зимни суханронӣ яке аз баромадкунандагон мегӯяд, ки чанд ҳазор ҷавонон дар саросари кишвар аз хизмати ҳарбӣ канорагирӣ меҷӯянд, чандин нафари дигар бо гурӯҳи Давлати исломӣ пайвастаанд. Миёни онҳо шояд аз ҳам мепурсанд: ин сарчашмаи нокофии кори таълимии мо то куҷо давом меёбад? Чаро донишҷӯёнеро, ки дар кишвари мо умр ба сар мебаранд, баъзе аз бунёдгароён бо худ гирифта мебаранд? Барои ин, албатта, бояд манбаъҳои равонӣ сохт. Муҳаққиқони равоншинос инро ба пуррагӣ эътироф кардаанд. Бояд ба афкори зидиинсонию бегонапарастӣ таъсир расонид. Ҷавононро бо ҳисси ватандӯстӣ тарбия намуд. Хосе Антонио Марина дар ин бора мегӯяд: «Далерӣ ин нақуӣ аст ва ба шумо имкон медиҳад, то худро аз замин ҷудо созед ва ба табиат, ба сӯйи нақуӣ ҳаракат кунед, то ҳанӯз ҳам мо бояд онро эҷод кунем ва қимати инро дар меҳвар донем. Далерӣ ин садоқатмандӣ ба ақида ва ба ҳама чиз аст. Бо мақсади мувофиқ омадан ба ин таъйинот, ман бояд хусусиятҳои модарзодиро ба хислатҳои ахлоқӣ: хашмро - ба далерӣ, худпарастиро - ба ҳамбастагӣ табдил диҳам ва чунин табдилро наметавон сода номид» [12,с.107].

Ба андешаи сарлашкари бузурги рус Суворов, сарбоз бояд солим, матин, боҷуръат, адолатхоҳу ҳақпараст ва парҳезгор бошад. Худоро ситоиш намояд! Дар ин сурат ғалаба аз они вай аст! [3,с.14]. Ин ҳама талаботе, ки сарлашкари рус аз сарбозони худ менамуд, ҳазорҳо сол пеш дар афкори мардуми тоҷик дида мешуд. Аз ҷумла, Муҳаммад Авфӣ парҳезгору боматонат будани Исмоили Сомониро васф менамояд: “Вақте Амри Лайс ба вилояти Хуросон ворид шуд, Амиралмуъминин Муътазид ба назди сипаҳсолори Сомонӣ кас фиристод, ки бо ӯ ҳарб кунад.Ҳарчанд лашкари Амир Исмоил аз ҷиҳати иқтидор заиф буд, аммо дар парҳезгорӣ машҳур. Вақте гузарашон бар девори боғе буд, ки дарахтони себи зиёд аз девор берун шуда буданд “тамоми лашкар дар зери он дарахтон бигзаштанд, ки яке кас бад-он себ осеб нарасониданд”. Дар ин ҷанг Амри Лайс мағлуб шуд ва ба ивази озодӣ ба Исмоили Сомонӣ калиди хазинаҳоро пешниҳод кард, аммо ӯ аз сабаби парҳезгорӣ ин таклифро рад кард”. Воқеаи мағлубшавии Амри Лайсро Наршахӣ муфассал нақл менамояд: Амр (бинни) Лайс амир Исмоилро гуфт: “Ман ба Балх даҳ хирвор зар пинҳон кардаам, бифармой, то биёваранд, ки имрӯз бад-он сазовортарӣ”. Аммо амир Исмоил қабул накард [1,с.78]. Ҳанӯз замони истилои Искандари Мақдунӣ мардуми тоҷик муддати се сол ба муқобили урдуи мутаҷовизи юнону мақдунӣ мубориза burданд. Корнамоиҳои Спитамен - сарлашкари халқи тоҷик бо ҳамроҳи мардуми озодихоҳ дар таърихи мардуми тоҷик равшану мунаввар то охир боқӣ мемонад. Ҳамаи ҷиҳатҳои мусбати онҳо, бахусус аз амалҳои мубориза баҳри ватани худ, дар асл, озмоиши имон ва

далерӣ дар замони ҳамлаи мақдуниён мебошад.Дар моҳияти динҳои ҷаҳонӣ, хусусан дини ислом хизмат ба Ватан ҷойгоҳи махсусро касб намудааст. Дар ҳадисе аз Паёмбари акрам (с) омадааст: Фариштагон ҳар шаб се овозро ба таъҷил ба осмон мерасонанд:

1. Овози қалами нависандагон (агар хайр нависанд).
2. Овози чархресии занон дар хона (яъне, фазилати меҳнати ҳалол).
3. Овози қадами марзбонон (чун дар гармову сармо ватани худро аз душманон ҳифз мекунанд) [6,с.42].

Дар заминаи ин сухани гуҳарбори Паёмбари акрам (с) хизмат ба Ватан афзалтар дониста шуда, нишони имондорӣ мебошад.

Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ Генерали артиш Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ қайд намудаанд: «Амалҳои террористие, ки дар кишварҳои гуногун пиёда мешаванд, кори дасти ашхоси золиму бераҳманд, ки онҳоро ҳирси пулу мансаб ба ин роҳ тела медиҳад» [10,с.69]. Дар ҷойи дигар Пешвои миллат қайд кардааст: «Ҳеҷ як бегона ба мо ва кишвари мо назари нек надоранд, танҳо мардуми Тоҷикистон метавонад зодгоҳу ватани худро обод намоянд»!

Барои расидан ба сулҳ Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Эмомалӣ Раҳмон дар шароити мураккаб чандин маротиба ба кишвари Афғонистон сафар намуд. Новобаста аз мухолифати дохилӣ ва фишори хориҷӣ масъулияти имрӯзу фардои миллатро ба уҳда гирифт. Аз ин рӯ, ҳар як фарди баномуси тоҷикро зарур аст, ки баҳри ҳифзи марзу бум барои хизмати Ватан-модар омода бошанд. Дар ин кор ба онҳо аллаи модари қаҳрамон, насиҳати бузургон, намунаи қаҳрамонии фарзандони фарзонаи миллат дар гузаштаву ҳозира намуна мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Абӯбакр Муҳаммад Наршахӣ Таърихи Бухоро. –Душанбе: Дониш, 1979. – 118 с.
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шохнома. Ҷилди VIII. –Душанбе: Адиб, 1990. – 614 с.
3. Васильев Л.С. История Востока / Л.С. Васильев. -М.: «Юрайт», 1993. -Том 1. – 609 с.
4. Вилькоцкий В.Б. Либералы – торговцы смертью / В.Б. Вилькоцкий. –М., 2014.
5. Коупленд Н. Психология и солдат / Н. Коупленд. – М.: Воениздат, 1991. – 74 с.
6. Китоби мавъизаҳо. Кумита оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 2. – Душанбе, 2016. –С.42-45.
7. Муҳаммад Б.Р. Куруш ва Дориюш. Ҳахоманишӣ / Б.Р. Муҳаммад. -Теҳрон, 1392.
8. Суворова А.В. Стратегия духа. Основы воспитания войск по взглядам / А.В. Суворова, М.И. Драгомирова. – М., 2000. – 184 с.
9. Телеснин М.Р. Сражения на южном направлении: май 1940-июнь 1941 / М.Р. Телеснин, В.Д. Тарасов. [Электронный ресурс]. URL: http://cartalana.org/132war-06.php
10. Тоштемуров М. Шоҳроҳи сулҳофарӣ ва бунёдкории президент Эмомалӣ Раҳмон / М. Тоштемуров, С. Фатоев. – Душанбе, 2008. – 304 с.
11. Трейси Б. Победа! / Б. Трейси. – Минск: «Попурри», 2004. – 236 с.
12. Хосе Антонио Марина. Анатомия страха. Трактат о храбрости» / Хосе Антонио Марина. – М.: Астрель, 2010.


## МАСЪАЛАҲОИ ВАТАНДӮСТИИ САРБОЗОН ВА МУҚОВИМАТ БО ХАТАРҲОИ МУОСИРИ ҶАҲОНӢ


Дар мақола масъалаҳои баҳсталаби ҷомеа, тарбияи рӯҳию маънавии сарбозон аз нигоҳи муаллиф – ҳамчун яроқи махфӣ дар артиш мавриди таҳлилу баҳс қарор гирифтааст. Муаллиф таъкид ба он менамояд, ки тарбияи сарбозон ҷиҳати ҳимояи ватан дар бартараф намудани ҳисси бегонапарастӣ дар ҷомеа, хусусан байни ҷавонон, бояд аз мадди назари ҳар соҳибватан дур набошад. Муаллиф ба муҳиммияти тарбияи рӯҳию маънавии хизматчиёни ҳарбӣ дар замони муосир таъкид намудааст. Инчунин, муаллиф ба воситаи тарбияи рӯҳию маънавӣ бартараф кардани таъсири зуҳуроти номатлуброро асоснок месозад. Барои тақвияти ақидаи худ, муаллиф аз афкори муҳаққиқони шинохта – Василев Л.С., Вилкотский В.Б., Коупленд Н., Телеснин М.Р., Тарасов В.Д., Трейси Б. ёдовар мешавад, ки онҳо чунин ҳолатро хуб таҳлил намуда, зарурати муносибати огоҳона ва воқеиро таъкид намудаанд. Дар мақола таҳлили муқоисавии ҳолати рӯҳию равонии сарбозон дар давраҳои гуногуни таърихӣ инъикос ёфта, зарурати баланд бардоштани рӯҳияи ватандӯстии сарбозон ва ҷавонони тоҷик дар шароити муосир нишон дода шудааст.



**Калидвожаҳо**: ҷаҳонишавӣ, хатарҳои муосир, ватан, қувваҳои мусаллаҳ, манбаъҳои равонӣ, принсипҳои низомӣ, сарбозон, тарбияи маънавӣ, терроризм.


## ПРОБЛЕМА ПАТРИОТИЗМА СОЛДАТ И СОПРОТИВЛЕНИЕ С ГЛОБАЛЬНЫМИ СОВРЕМЕННЫМИ УГРОЗАМИ


В данной статье автор рассматривает один из спорных вопросов общества - духовное и психологическое воспитание солдат - как секретное оружие в армии. Автор утверждает, что духовное воспитание солдат для защиты родины в современном мире и в деле преодоления чувства преклонения перед чужими в обществе, особенно среди молодежи, должно стоять на первом плане у каждое патриота. Автор подчеркивает важность духовно – нравственного воспитания военнослужащих на современно этапе. Вместе с тем автор обосновывает отрицательное влияние вызовов и угроз посредством духовно-морального и нравственного воспитания. Для укрепления своего взгляда автор использует взгляды известных мыслителей – Л.С. Васильева, В.Б. Вилькоцкого, Н. Коупленда, М.С. Телеснина, В.Д. Тарасова, Б. Трейси, которые, глубоко анализировав эти обстоятельства, указали на необходимость осведомленного и реального отношения к ним. В статье автор, освещая сравнительный анализ

духовного и психологического воспитания солдат, показал необходимость увеличения духовного и психологического воспитания таджикских солдат и молодёжи в своременных условиях.
**Ключевые слова:** глобализация, современные угрозы, страна, вооруженные силы, психологические ресурсы, военные принципы, солдаты, нравственное воспитание, терроризм.

**THE PROBLEM OF THE PATRIOTISM OF THE SOLDIERS AND RESISTANCE WITH GLOBAL CONTEMPORARY THREATS**

In this article the author considers one of the controversial issues of society - spiritual and psychological education of soldiers - as a secret weapon in the army. The author argues that the spiritual education of soldiers to protect the homeland in the modern world and to overcome the feeling of admiration for others in society, especially among young people should stand in the foreground of every patriot. The author emphasizes the relevance of spiritual and moral education of soldiers at the present stage. At the same time, the author will justify the negative impact of challenges and threats through spiritual, moral and ethical education. To strengthen its view, the author uses the views of famous philosophers –L.S. Vasiliev, V.B. Vilkitskiy, N. Of Copeland, M.S. Telesnin, V.D. Tarasov, B. Tracy, who deeply analyzed these circumstances indicated the need for knowledgeable and real relationship to him. In the article the author, covering a comparative analysis of the spiritual and psychological education of soldiers, showed the need to increase the spiritual and psychological education of Tajik soldiers and youth in modern conditions.
**Key words:** globalization, modern threats, country, armed forces, psychological resources, military principles, soldiers, moral education, terrorism.

**Сведения об авторах:** ***Шарипов Амриддин Нуридинович*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 988-50-10-11.** E-mail: **amrsharif@mail.ru**
***Собиров Сайёд Рамазонович*** – Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, соискатель кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. Телефон: **(+992) 918-16-11-82.** E-mail: **ddkssr@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Sharipov Amriddin Nuridinovich*** - Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Diplomacy and Foreign Policy of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 988-50-10-11**. E-mail: **amrsharif@mail.ru**
***Sayirov Sayyod Ramazonovich*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, applicant for the Department of History of the Tajik People. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov Street 16. Phone: **(+992) 918-16-11-82.** E-mail: **ddkssr@mail.ru**

**УДК: 930.25 (5)**

## МАСЪАЛАИ ОМӮЗИШИ НАХУСТДАВЛАТҲОИ ОРИЁӢ ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

***Шарипов Ҷ. С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз масъалаҳои баҳсталаб миёни олимон, ки то ҳол назари ягона вуҷуд надорад, проблемаи ташкилшавии нахустин давлатҳои ориёӣ дар сарзамини Осиёи Миёна ба шумор меравад. Тӯли сад соли охир дар хусуси масоили мазкур чи аз ҷониби муҳаққиқони дохилӣ ва чи аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ тадқиқотҳои зиёди илмӣ сурат гирифта, назарияҳои мухталиф пешниҳод шудаанд. Махсусан дар таърихи бисёрҷилдаи халқи тоҷик дар бобе, ки ба ташкилшавии нахустин давлатҳо бахшида шудааст, аз ҷониби муаррихи барҷаста И.В. Пянков чунин фикр баён шудааст: "Илми таърихнигории имрӯза вуҷуд доштани давлати «Бузурги Хоразм» ва «Шоҳигарии Бохтар»-ро рад наменамояд. Аммо таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ба он гувоҳӣ медиҳанд, ки аз давлати Хоразм дида давлати Бохтар шуҳратмандтар ва нерумандтар буд" [5,с.238-245].

Дар ин росто Эмомалӣ Раҳмон оид ба ташкилшавии давлати Бохтар дар китоби хеш "Аз Ориён то Сомониён" маълумот дода, хусусиятҳои хосси ташкилшавӣ ва раванди мавҷудияти онро то ҷое инъикос намудааст. Тибқи навиштаи ӯ, дар асоси шавоҳиди таърихӣ давлати Бохтарро сулолаи Каёниён асос гузоштаанд. Маҳз онҳо асосгузорони тамаддуни инкишофёфта ва асили ориёиҳо маҳсуб меёбанд. Дар даврони ҳукмронии ҳамин хонадон номи Ориёну ориёиҳо ва забони онҳо машҳуру маъмул гардид. Дар баробари ин қайд кардааст, ки шояд дар аҳди ҳамин Каёниён аввалин дини яктопарастиро Зардушт ба ориёиён ва ҳатто оламиён пешниҳод намудааст [10,с.57].

Қайд кардан бамаврид аст, ки сарчашмаҳои қадимтарини таърихию фарҳангии ориёиҳо, махсусан "Авесто", давлати Бохтарро ёд накардааст. Дар ин ҷо Бохтар гуфта, мо Бохтари даврони ҳукмронии сулолаи Каёнинёро дар назар надорем. Эмомалӣ Раҳмон низ дар ин хусус истодагарӣ намуда, навиштааст, ки "сарчашмаҳои авестоӣ ва арабӣ аз дудмони Каёниён ёд кардаанд" [10,с.57].

Агар ба сарчашмаҳои таърихӣ назар афканем, махсусан маълумотҳои Ҳеродот нисбати Бохтар диққатҷалбкунунда мебошанд. Ҳаминро ба назар гирифта, Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунад, ки номи Бохтарро аслан ахбори Ҳеродот машҳур гардонидааст. Ин муаррихи даврони атиқа навиштааст, ки барои Куруш гирифтани Бобул ва мардуми Бохтар осон нест.

Мавриди зикр аст, ки дар бораи бузургӣ ва ҳашамати Бохтар муаррихи дигари қадим -Ктесий хабар додааст. Аммо Эмомалӣ Раҳмон аз онҳо барқарор намудани ҳақиқати таърихиро мушкил медонад. Дар ҳақиқат, вақте ба маълумотҳои эшон назар меафканем, дар онҳо баъзе ҷумлаҳои аз ҳад зиёд муболиғаомезро мушоҳида мекунем. Барои мисол, мо метавонем маълумоти Ктесийро дар хусуси ҳуҷуми маликаи Ошур Нин ба сарзамини Бохтар оварем. Ӯ зикр намудааст, ки малика Нин барои забти ин мамлакат (Бохтар) 1700000 лашкар ҷамъ меорад ва дар миёни онҳо саворагон дусаду даҳ ҳазор ва даҳ ҳазор фойтунсаворони дар чарххо досҳои буррандадошта ширкат доштанд. Ҳақ бар ҷониби Эмомалӣ Раҳмон аст, ки ин миқдор лашкар дар он замон тақрибан имконнопазир буд. Дар замони муосир аксарият муаррихон лашкаркашии сарварии Ошурро ба Бохтар ривояти сохта медонанд [6,с.3-5].

Аз гуфтаҳои боло танҳо як чизро пайхас намудан мукин аст, ки ин ҳам бошад, аз бузургии Бохтар хабардор гаштан аст. Ҳаминро ба назар гирифта, Эмомалӣ Раҳмон қайд кардааст, ки “агар бузургии Бохтар намешуд, шоҳони ҳахоманишӣ ҳеҷ гоҳ худро валиаҳади Каёнинён наменомиданд” [10,с.57].

Маҳз таъсироти Бохтар ва нақши бузурги он дар низоми идоракунии империяи Ҳахоманишиҳо буд, ки шоҳони он аз Куруш сар карда, хешро давомдиҳандагони сулолаи Каёнинёни Бохтар, ки аввалин ташкилкунандагони низоми давлатдорӣ дар минтақа буданд, меҳисобиданд. Оиди мавқеи ҷуғрофӣ ва ҳудуди Бохтар муаррихон маълумот дода, хусусиятҳои хосси онро шарҳ додаанд. Махсусан Эмомалӣ Раҳмон дар осори хеш аз доираи васеи ҳудуди он ишора менамояд. Тибқи назари ӯ, ба сатрапии Бохтар Суғду Ҳиндустон низ ворид буданд. Дар ин ҷо муаррих Бохтари даврони Ҳахоманишиҳоро, ки ҳамчун вилояти махсус ва бузургтарини онҳо дар Шарқ буд, дар назар дорад. Ақидаи аҳамияти махсус доштани Бохтар ва минтақаи стратегӣ ба ҳисоб рафтани онро маълумоти И.В. Пянков тақвият мебахшад. Ӯ зикр намудааст, ки дар Бохтар валиаҳади шоҳ (яъне писари шоҳ) сарварӣ менамуд.

Агар ба маълумотҳои Авесто рӯ оварем, маълум мегардад, ки номи Бохтар дар Вандидод як бор зикр шудааст. Дар он нигошта шудааст, ки “чорумин сарзамине, ки ман Аҳурамаздо офаридаам ин Бакхади зебо бо дирафшҳои барафшон мебошад”. Эмомалӣ Раҳмон зикр менамояд, ки “парчамҳои барафшон маънои давлати пуриқтидор, тавоно ва мағлубнашавандаро дорад”. Дар китоби дуюмини Авесто – Яштҳо сухан дар хусуси шоҳони сулолаи каёнӣ рафта, бобати дар Бохтари Ориён ҳукмронӣ кардани онҳо маълумот вуҷуд дорад. Бинобар ин, имрӯз номи давлат аз ҷониби муаррихон бо номи Каёнинён ёдоварӣ мешавад. Маркази онро аксарият муаррихон Заринасп медонанд.

Бад-ин минвол Эмомалӣ Раҳмон дар китоби хеш “Аз Ориён то Сомониён” дар боби “Бохтару Суғд – гаҳвораи нахустини давлати Тоҷикон” омӯзиши ҷиддии таърихи сулолаҳои Пешдодиён ва Каёниёнро таъкид намудааст. Ӯ аз душвории масъала сухан ронда, қайд менамояд, ки то имрӯз аз ҷониби олимони тоҷик асари бунёдӣ ва ҳатто ҷиддӣ пешниҳод нашудааст. Махсусан баъзе масъалаҳои марбут ба ин мавзӯъро дар китоби “Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ” матраҳ намудааст. Масъалаи нахустин ин сарчашмаҳои таърихие мебошанд, ки оиди Пешдодиён ва Каёнинён маълумот медиҳанд. Ӯ Авесторо ба сифати қадимтарин сарчашмае медонад, ки таърихи ибтидои давлатдории ориёиҳоро то ҷое инъикос менамояд. Аксари муҳаққиқони соҳа, бахусус авестошиносон, бар он назаранд, ки дар зери ибораи “дирафшҳои барафрошта”, ки дар Авесто нисбат ба Бохтар қайд шудааст, нишони қалъаи муҳташами шоҳ, бузургии лашкари тавоно ва шикастнопазири пайравони зардуштӣ ва рӯҳи ғолибияту сиёсати кишваркушоии даврони Каёниён нуҳуфтааст. Тибқи назари Эмомалӣ Раҳмон, Авесто ва сарчашмаҳои дигари паҳлавие, ки аз шоҳ Гуштосп ва Зардушт ёд мекунанд, ҳатман Бохтару Балхро ҳамчун кишвари васеъ, шаҳри ободу тавоно, марказҳои зисти шоҳон, маркази аввалин оташкадаҳо ва сарзамини паҳншавии дини зардуштӣ тавсиф кардаанд.

Дар ин радиф бояд тазаккур дод, ки муаррих “Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсиро, ки дар асоси сарчашмаҳои қадимаи таърихӣ, аз ҷумла “Худойномак”, “Маздакнома”, “Шоҳномаи Абумансурӣ”, “”Шоҳнома”-ҳои Масъуди Марвазӣ, Абулмуайяди Балхӣ, Абӯалии Балхӣ, ҳамчунин “Гуштоспнома”-и Дақиқӣ офарида шудааст, бузургтарин достони ҳамосию таърихӣ дар омӯзиши аҳди бостон медонад. Дар ҳақиқат ин асари

оламшумул, ки дар он сарнавишти зиёда аз 50 шоҳи ориёӣ инъикос ёфтааст, метавонад дар омӯзиши таърихи нахустдавлатҳои ориёӣ кумаки бевосита расонад. Ҳамчунин, Эмомалӣ Раҳмон дар рафти омӯзиши масоили мазкур ба натоиҷи тадқиқотҳои шарқшиносон, бахусус эроншиносони хориҷӣ диққат додааст. Вале қайд кардааст, ки таҳқиқи пурраи он анҷом наёфтааст. Махсусан ӯ ин мушкилиро дар риоя накардани хронологияи таърихӣ мебинад, ки онро чунин шарҳу тавзеҳ додааст: "Аз даврони Каюмарс то Яздигурди III, пайи ҳам ба тахт нишастану аз байн рафтани силсилаи подшоҳонро агар аз назари фосилаи таърихӣ бингарем, ин силсила аз замонҳои хеле қадими дар ҷангалҳо зистани одамон то асри VII милодӣ, яъне то истилои араб ва қиссаи кушта шудани Яздигурди III аз дасти осиёббон бо талқину ҳидояти Моҳуи Сурӣ (ҳокими Тӯс) фаро мегирад" [10,с.58].

Бояд зикр намуд, ки дар қатори "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ муҳаққиқон сарчашмаҳои дигареро номбар намудаанд, ки дар омӯзиши таърихи давлатдории даврони ибтидоии ориёиҳо аҳамияти амалӣ ва назариявиро доро мебошанд. Махсусан Эмомалӣ Раҳмон як қатор сарчашмаҳои таърихиеро, ба монанди аксари қисматҳои «Авесто», осори паҳлавии «Бундаҳишн», «Динкард», «Менуи хирад», «Худойнома», осори таърихии аҳди ислом, аз ҷумла «Китоб-ул-ахбор-ит-тивол»-и Диноварӣ, «Муруҷ-уз-заҳаб»-и Масъудӣ, тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Шоҳнома"-и Абумансурӣ, «Форснома»-и Ибни Балхӣ ва ғайраҳоро омӯхта, дар асоси он назари хешро иброз намудааст. Таҳлилу баррасии осори зикршуда имкон медиҳад, ки таърихи аҳди бостони ориёиҳо бо тамоми ҷанбаҳояш амиқу дақиқ карда шавад. Аз миёни ин осор барои тақвияти фикр Эмомалӣ Раҳмон рӯ овардан ба "Форснома"-и Ибни Балхиро дар раванди омӯзиши масоили мазкур махсусан таъкид менамояд.

Дар муқоиса бо дигар муаллифон Ибни Балхӣ теъдоди шоҳони Пешдодиро – 11, Каёниро – 9, Ашкониёнро 20 ва Сосониёнро 31 -то нишон додааст. Ӯ асари хешро аз овони ҳукмронии сулолаи Пешдодиён ибтидо намуда, қайд кардааст, ки исмҳо ва шумораи онҳо бо номи Афросиёб, ки аз Туркистон баромада, «ёздаҳ подшоҳ ва муддати мулки эшон бо дувоздаҳ сол, ки Афросиёб хурӯҷ карда буд ва Эрон гирифта... ду ҳазору панҷсаду шасту ҳашт сол" [4,с.3-19].

Аз натиҷаи таҳлили иқтибоси Ибни Балхӣ аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон ба чунин назаре омадан мумкин аст, ки аксари муаррихони форсу арабзабон ва уламо давраи шоҳаншоҳии Пешдодиёнро ду ҳазору панҷсаду шасту ҳашт сол қаламдод намудаанд. Муаррих зикр намудааст, ки миёни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Форснома»-и Ибни Балхӣ дар муқаррар намудани фосилаи ҳукмронии сулолаи Пешдодиён ҳамагӣ 127 сол тафовут ҷой дорад (дар «Шоҳнома» ҳукмронии ин сулола 2441 сол зикр шудааст), ки дар қиёси ҳазорсолаҳои таърих фосилаи қазоие нест. Дар илова ба навиштаҳои Эмомалӣ Раҳмон ҳаминро қайд намудани ҷоиз аст, ки дар замони муосир миёни муҳаққиқон нисбат ба аслияти мавҷудияти таърихии сулолаи Пешдодиён ақидаи ягона вуҷуд надошта, назарияҳои мухталиф ҳукмронанд. Махсусан муҳаққиқони мухталифи Шарқу Ғарб давраи мазкурро ҳамчун давраи қабл аз таърих ва асотирӣ шарҳ дода, ба ҳақиқати хонадони Пешдодиён шубҳа доранд. Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид дуруст қайд намудааст, ки онҳо "маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва осори фарҳангии бахшида ба ин давра, аз ҷумла «Авесто»-ро чандон ба инобат намегиранд" [10,с.60].

Ӯ зарурияти омӯзиши давлатдории Пешдодиёну Каёниёнро гаштаю баргашта таъкид намуда, таърихи ин сулолаҳоро барои ориёиҳо ва таҳкими давлатдориҳои минбаъдаи ин қавм барҷаста медонад. Дар ин хусус мисоли овардаи Эмомалӣ Раҳмон аз аҳамият холӣ нест, ки навиштааст: "Хеле хуб аст, ки «Илиада» ва «Одиссея»-и Ҳомер, асотиру ривоятҳои сершумори юнониёнро чун дастовардҳои даҳоёнаи давраи тифлии башарият дар таърихномаҳо меомӯзонанд. Чаро дар илми таърихшиносӣ ва фарҳангшиносии мо китоби муқаддаси «Авесто» ва корнамоиҳову шаҷараи сулолаи Пешдодиён, ки ном ба ном зикр шудаанд, ба тафсил нақл карда ва омӯхта нашавад". Албатта, чунин масъалагузорӣ нисбати таърихи давлатдории ин қавм ва сароғози он аз аҳамият холӣ нест. Имрӯз муҳаққиқони ориёитаборро мебояд, ки баҳри боз ҳам мустаҳкам намудани назарияи мавҷудияти аслии давлатдории Пешдодиён аз пайи таҳқиқу кашфи далелҳои боз ҳам қонеъкунунда шаванд. Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти омӯзиши давлатдории Пешдодиёнро чунин шарҳ додааст: "Илова бар ин сулолаи асотирию нимасотирии Пешдодиён барои тавсифу зикри сулолаи навбатии Каёниён, ки аз ҷанбаҳои таърихӣ ва воқеияти гузашта бархурдор аст, заминаи устуворе фароҳам меорад ва барои тақвияти худшиносиву худогоҳии миллӣ мусоидат менамояд" [8,с.68-69].

И.В. Пянков бошад, дар хусуси давлатдории Каёнинён дар асари бисёрҷилдаи "Таърихи халқи тоҷик" қайд кардааст, ки ривоятҳо оиди Кавиҳо таърихианд ва имрӯз дар

бораи онҳо шакке нест. Дар акси ҳол ӯ на ҳамаи маълумотҳои Фирдавсиро дар ин хусус қобили қабул медонад. Аз рӯйи хронологияи таърихӣ ҳукмронии Каёнинёро ба се бахш тақсим кардааст: Каёниёни ибтидоӣ аз Кайқубод то Кайхусрав, Каёниёни баъдӣ - Кайлӯҳросп ва Кайгуштасп, Каёниён аз Баҳман то Дорои II-ро ба Каёнинёни вопасин ҷудо намуда, онҳоро сохтаи замони баъд дониста, қобили қабул намедонад [5,с.241-242].

Агар оиди масоили мазкур рӯ ба ақидаҳои Эмомалӣ Раҳмон биёрем, дар он каме умумиятҳоро бо назарияи И.В. Пянков мушоҳида карда метавонем. Аммо хусусиятҳои фарққунанда низ ба назар мерасанд. Махсусан Эмомалӣ Раҳмон қайд кардааст, ки “дар «Шоҳнома» дар васфи бисёр шоҳон ривоятҳои афсонавӣ вуҷуд доранд, аммо дар бораи шахсияти таърихӣ набудани Баҳман писари Исфандиёр ва духтари Баҳман Ҳумон мо далели радкунанда надорем. Доро ва падараш Виштасп ба Каёниён хешовандӣ надоранд, аммо Баҳман писари Исфандиёр шахси таърихӣ аст ва Ҳумон духтари Баҳман низ шахси воқеӣ мебошад ва муддати шоҳигарии онҳо дар ҳамаи сарчашмаҳо ёд мешавад”.

Аз ақидаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мо наметавонем билкул ақидаҳои Фирдавсиро оиди ин ду сулолаи нахустини ҳукмрони ориёӣ асотиру ривоят номем. Агарчи ӯ баъзан саҳифаҳои таърихиро аз ҳад зиёд тавсиф намуда бошад ҳам, он танҳо ба хотири зиёд намудани шавқу завқи хонанда нисбат ба таърихи гузаштаи асили қаҳрамононаи гузаштагони хеш аст. Аз ин рӯ гуфтан ҷоиз аст, ки Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун инъикосгари тамаддуни бузурги ориёӣ дуруст қайд намудааст, ки “Шоҳнома” ин таърихи сулолаҳои шоҳони ориёӣ мебошад ва муҳтавои он барои Каёниён, Ҳахоманишиҳо, Ашкониён ва Сосониён ҳақиқати раднопазиранд” [10,с.61].

Эмомалӣ Раҳмон барои қувват бахшидани назари хеш оиди масоили мазкур ба асари дигари инъикоскунандаи таърихи тамаддуни ориёҳо “Таърихи Балъамӣ” муроҷиат намудааст. Дар он омадааст, ки “Кайқубод аз фарзандони Манучеҳр буд ва занаш аз меҳтарони Тӯрон ва панҷ фарзанд дошт: якеро Кайковус, дигареро Кайараш, сеюмиро Кайпашин, чорумиро Кайафшин ва панҷумиро Камойят ва Кайқубод малики бо адлу дод буд ва ҷаҳон обод кард ва аз раият ҳеҷ наситонд магар ушр”. Шаҷарабандии муаллифи “Таърихи Балъамӣ” гувоҳӣ аз он медиҳад, ки намояндаҳои сулолаи Каёниён, ки дар “Шоҳнома” зикр шудаанд, то ҷое дуруст аст. Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус истодагарӣ намуда, рӯ ба Авесто, махсусан ба қисмати Яштҳо меорад. Дар Фарвардин Яшт банди 132 гуфта шудааст, ки “Фуруҳарҳои покдини Кайқубодро меситоем: фуруҳарҳои покдини Кайапиваро (Alpivanhu) меситоем. Фуруҳарҳои покдини Ковусро меситоем”. Олими тоҷик Юсуфшоҳ Яқубов инро тафсир намуда, зикр менамояд, ки дар банди мазкур хонаводаи Кайқубод дарҷ шудааст, аммо барои мо номаълум аст, ки Апива, Ковус, Ораш, Пашин ва Ваёраш, ки фарзандони Қубод буданд, ҳамаашон подшоҳӣ кардаанд ё не? [10,с.22].

Эмомалӣ Раҳмон дар боз ҳам равшантар намудани масъалаи нахустдавлатҳои орёиҳо рӯ ба сарчашмаҳои бостоншиносӣ овардааст. Ӯ аҳамияти натиҷаи тадқиқотҳои бостоншиносонро дар ҷануби Ӯзбекистон -дар водии Сурхандарё [1] ва шимоли Афғонистон [13] махсусан қайд намудааст. Натиҷаи таҳқиқотҳо нишон доданд, ки гуфтаҳои “Форснома”-и Балхӣ, яъне дар Бохтар дар ду соҳили рӯди Ому вуҷуд доштани шаҳру деҳаҳо дуруст аст. Эмомалӣ Раҳмон дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ зикр менамояд, ки давлати Каёнинён дар даврони ҳукмронии Кайковус набераи Кайқубод писари Кайапива хеле пурзӯру васеъ шуда, тамоми Осиёи Миёна, Афғонистон ва шарқи Эрони муосир қаламрави давлати Каёнинён ба ҳисоб мерафт. Ҳатто ӯ аз сарчашмаҳои исломӣ иқтибос овардааст, ки дар хусуси лашакаркашии Кайковус ба Яман, Форс ва Фаластину Яҳудия хабар медиҳанд [10,с.63].

Ҳамин тавр, таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон дар муқоиса бо дигар муаррихон нишон медиҳад, ки дар шинохти аввалин давлатҳои ориёитабор, ки нахустин нишонаҳои идорӣ ва оинҳои давлатдорӣ дар онҳо ташаккул ёфта буд, то ҳол ақидаи ягона мавҷуд набуда, фарзияҳои зиёд омӯзиши масъаларо боз ҳам печидатар гардонидаанд. Эмомалӣ Раҳмон дар осори худ вобаста ба таърихи давлатдорӣ ва тамаддуни ориёиҳо фасли махсусро ҷудо намуда, як қатор хусусиятҳо ва масъалаҳои ҳалталаби таърихи давлатдории аҳди бостони қавмҳои ориёиро, ки дар шакл гирифтани ин институти муҳимми ҷомеа саҳми бузург гузоштаанд, нишон додааст.

## АДАБИЁТ


1. Аскаров А. Сапалитепе. Монография / А. Аскаров. -Тошкент, 1973. -213 с.
2. Грантовский Э.А. Ранняя история иранских племён Передней Азии. Монография / Э.А. Грантовский. -М., 1970. -314 с.
3. Ибн-ал-Балхї. Форснома. -Душанбе,1990. -187 с.

4. Пьянков И.В. Древнейшие государственные образования // История таджикского народа / И.В. Пьянков. - М.,1998. -Т.1. -С. 238-245.
5. Пьянков И.В. Средняя Азия в известиях античного историка Ктесия. Монография/ И.В. Пьянков.-Душанбе, 1975. -237 с.
6. Неъматов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби якум. Воситаи таълимӣ/ Н. Неъматов, Ф. Носирова, С. Бобомуллоев [ва диг.]. -Душанбе: Сарпараст, 2003. -368 с.
7. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён /Э. Раҳмонов. -Душанбе: Ирфон, 1999. -534 с.
8. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дувум. Аз Ориён то Сомониён /Э. Раҳмонов. –Душанбе: Ирфон, 2002. -557 с.
9. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ /Э. Раҳмонов. -Душанбе: Ирфон, 2006.-374 с.
10. Раҳмонов Э. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ /Э. Раҳмонов. -Душанбе: Ирфон, 2006. -367 с.
11. Раҳмонов Эмомалӣ. Забони миллат-ҳастии миллат. Китоби 1 /Э. Раҳмонов. -Душанбе: Андалеб-Р, 2015.-490 с.
12. Сарианиди В.И. Древние земледельцы Афганистана. Монография/ В.И. Сарианиди. -М., 1977. -254 с.
13. Яъқубов Ю. Каёниён / Ю. Яъқубов // Маърифат. - 1995. -№10-11. -С. 22.

**МАСЪАЛАИ ОМӮЗИШИ НАХУСТДАВЛАТҲОИ ОРИЁӢ ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

Дар мақолаи мазкур оид ба ташаккулёбии нахустдавлатҳои ориёӣ дар манотиқи таърихии Осиёи Марказӣ дар асоси омӯзиши осори таърихии Эмомалӣ Раҳмон ва муқоисаи он ба осори дигар муҳаққиқони ориёишинос маълумот дода шудааст. Бояд тазаккур дод, ки Эмомалӣ Раҳмон доир ба ин масоил аз диди нав ва дар такя ба тадқиқотҳои олимони дигар дар осори хеш маълумот додааст. Ӯ мубрамияти дараҷаи омӯзиши таърихи ташаккулёбии нахустин нишонаҳои тамаддун ва давлатро дар сарзамини таърихии тоҷикон ба инобат гирифта, дар ин бобат бештаран ба натоиҷи тадқиқотҳои бостоншиносон такя намудааст. Тадқиқи осори ӯ нишон медиҳад, ки қавмҳои ориёӣ дар баробари дар дигар ҷанбаҳои ҳаётӣ муваффақ гардиданашон, ба системаи идоракунии ҷомеа низ диққати бештар зоҳир намуда, ба нахустин давлатҳо дар минтақа асос гузоштаанд. Хусусияти хосси осори ӯро дар хусуси таърихи давлатдории қавмҳои ориёӣ, риоя намудан ба хронология ва аҳамияти омӯзиши масоил ташкил менамояд.

**Калидвожаҳо:** инъикос, давлатдорӣ, ташаккул, омӯзиш, масъала, ориёӣ, хронология, осор.

**ВОПРОСЫ ИЗУЧЕНИЯ ПЕРВЫХ АРИЙСКИХ ГОСУДАРСТВ В ТРУДАХ ЭМОМАЛИ РАХМОНА**

В статье автор больше исследовал вопрос формирования первых арийских государств на территории Центральной Азии на основе научных трудов Эмомали Рахмона. Автор проводит сравнительный анализ данных исторических трудов и в результате делает обоснованные выводы. Ссылаясь на результаты археологических исследовании, автор описывает историю формирования первых арийских государств с личной научной точки зрения. Исследования автора показывают, что арийцы создали развитую систему управления обществом, которую унаследовали потом соседние племена. В процессе изучения автор, учытивая актуальность темы и хронологическую особенность даннего периода. Стоит отметить, что исследование данной темы руковолдителем страны является признаком почитания древней истории своего народа.

**Ключевые слова:** отражение, власть, формирование, изучение, вопрос, арийцы, хронология, труд.

**QUESTIONS STUDYING THE FIRST ARYAN STATES IN THE WORKS OF EMOMALI RAHMON**

In the article, the author investigated more the issue of the formation of the first Aryan states on the territory of Central Asia on the basis of scientific works of Emomali Rahmon. The author makes a comparative analysis of data from historical works and, as a result, draws substantiated conclusions. Referring to the results of archaeological research, the author describes the history of the formation of the first Aryan states by a personal scientific point of view. The author's research shows that the Aryans created the development of a management system for societies, which was later inherited by the neighboring tribes. In the process of studying, the author takes into account the relevance of the topic and the chronological peculiarity of this period. It is worth noting that the study of this topic by the leader of the country is a sign of honoring the ancient history of his people.

**Key words:** ozhozhenie, power, formation, study, question, aryans, chronology, labor.

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Джамолиддин Сафолович*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки. E-mail: **Jamol_hnt.r@mail.ru.** Телефон: **987-24-44-23**

**Information about the author:** ***Sharipov Jamoliddin Safolovich*** - Tajik National University, asisstent of the Department of history tajik national. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Jamol_hnt.r@mail.ru.** Phone: **987-24-44-23**

УДК:93/94(09) (575.3)

# ЭВОЛЮЦИЯ УГРОЗ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В НАЧАЛЕ XXI – ВЕКА

*Каландаров Ф.*
**Таджикский технический университет**

Не секрет, что информация на пороге XXI – века является главным фактором и основным инструментом власти и доминирования. Большинство аналитиков считают, что господство может добиться стратегических преимуществ, лишь когда оно обладает полноценными информационными возможностями. Ученые предлагают считать следующие угрозы общемировыми: –распространения ядерного оружия, мировые природные катастрофы, глобальное изменение климата, мусорное загрязнение планеты, разрушение озонового слоя Земли, истощение природных ресурсов планеты, угроза вулканов, смена магнитных полюсов планеты, угроза опасных болезней и т.д.

Одновременно нельзя забывать о роли информации и применении новых информационных технологий во всех сферах общественной жизни и особенно в производстве и управлении. Но подобно тому, как быстрый промышленный рост создал угрозу экологии земли, а успехи ядерной физики породили опасность ядерной войны, так и информатизация стала источником ряда серьезных проблем мирового масштаба. Безусловно, развитие информационных технологий следует рассматривать как позитивное явление, которое положительно влияет на экономическое и технологическое развитие общества, способствует росту благосостояния общества и комфортности жизни, но при этом в современном мире уже начинают всерьез задумываться о проблеме ее пользования в условиях высокой динамики ИКТ, о методах противостояния киберпреступности. С развитием информационных и коммуникационных технологий произошло изменение в области обмена различного вида информации между субъектами, что позволяет при помощи информационных технологий оперативно решать многие задачи современного общества. Тем не менее, постоянное усложнение вычислительных систем и сетей, в основе которых лежат мировое и национальные информационные пространства, ставит перед современным обществом задачи обеспечения информационной безопасности (ИБ).

В соответствии с концепцией информационного общества, компьютерная технология дает возможность замещать или усиливать умственный труд людей, станет в будущем базисом нового общества. Интеллектуальное производство займет ведущее место среди различных отраслей жизнедеятельности людей. Информационная революция и связанная с ней информационная индустрия стали частью жизни многих людей на протяжении уже более 40 лет. Широкая сеть коммуникаций, взаимодействие знаний и инноваций в глобальном масштабе закладывают основы дальнейшего развития. По заявлению Н. Штиру, быстрое развитие нанотехнологий, биотехнологий, нейрогенетики, когнитивных наук, информационных цифровых технологий обнадеживает относительно перспектив развития человеческих возможностей, однако они несут определенные биосоциальные риски [1].

События в Северной Африке и на Ближнем Востоке 2010-2013 года, именуемые как «арабская весна», и последовавший за ней кризис и хаос в странах «арабской весны», события на Украине 2013 года, так называемая «Революция достоинства», продемонстрировали миру всю силу информационных технологий и их воздействие на массы. А разоблачение бывшим сотрудником ЦРУ и АНБ Эдвардом Сноуденом деятельности Агентства национальной безопасности США продемонстрировали миру приоритетность обеспечения не только информационной безопасности, но и информационного суверенитета своих национальных государств.

Разнообразие информационного оружия, форм и способов его воздействия, особенности появления и применения породили сложнейшие задачи защиты от него. К сожалению, иностранные специалисты первые поняли и оценили значение информационного оружия, что послужило поводом к разработке доктрины строительства вооруженных сил стран НАТО в первое десятилетие XXI века, - «Единая перспектива 2010» (Joint Vision 2010) - в основу которой положено информационное превосходство над противником на всех стадиях развития конфликта. В понимании авторов этого документа, информационное противоборство состоит из действий, предпринимаемых для достижения информационного превосходства в обеспечении национальной военной стратегии путем воздействия на информацию и информационные системы противника с одновременным укреплением и защитой собственной информации и информационных систем и инфраструктуры [2]. Как отмечается некоторыми специалистами,

среди наиболее серьезных по своим последствиям задач, которые решаются с помощью информационного оружия, можно выделить следующие:

- создание атмосферы бездуховности и безнравственности, негативного отношения к культурному наследию противника;
- манипулирование общественным сознанием и политической ориентацией социальных групп населения страны с целью создания политической напряженности и хаоса;
- дестабилизация политических отношений между партиями, объединениями и движениями с целью провокации конфликтов, разжигания недоверия, подозрительности, обострения политической борьбы, провоцирования репрессий против оппозиции, провокаций, взаимоуничтожения;
- снижение уровня информационного обеспечения органов власти и управления, инспирация ошибочных управленческих решений;
- дезинформация населения о работе государственных органов, подрыв их авторитета, дискредитация органов управления;
- провоцирование социальных, политических, национальных и религиозных столкновений;
- инициирование забастовок, массовых беспорядков и других акций экономического протеста;
- затруднение принятия органами управления важных решений;
- подрыв международного авторитета государства, его сотрудничества с другими странами;
- нанесение ущерба жизненноважным интересам государства в политической, экономической, оборонной и в других сферах [3].

Эксперты военных ведомств США считают, что преимущество в информационном оружии должно упрочить мировое господство США в XXI веке. Этим объясняется большой интерес и активность американцев в исследовании проблем информационной войны.

Доказательством этого является выпущенный в 1993 г., документ администрации Клинтона, в котором впервые было определено понятие «Национальная информационная инфраструктура» (NII), говорится, что стратегической целью США является «достижение мирового лидерства в фундаментальной науке, математике и технике» [4].

Появление в арсенале информационного оружия компьютера позволяет противнику начать войну внезапно, без переброски многочисленных дивизий тяжелой техники. И если война начинается, то она начинается за долго до её объявления, даже до развертывания такого мощного информационного оружия, как электронные средства массовой информации. Телевидение, радио и газеты призваны обеспечить выигрыш в информационном противоборстве, добиться полной информационной блокады и психологически деморализовать личный состав противника. Компьютерное оружие в нынешний век информации используется в трёх направлениях:

- Компьютерный информационный шпионаж;
- Компьютерное подавление и выведение из строя информационных сетей, систем и объектов противника;
- Компьютерное информационное влияние на психику людей.

Появление компьютеров обеспечило быстрое управление войсками и техникой, сбор информации, качественное использование информационных ресурсов. Но компьютерное достоинство человек быстро научился превращать в недостатки. Чем шире становилась компьютерная сеть, тем чаше стали случаться компьютерные преступления. В начале они носили чисто уголовный характер… У компьютерных преступников появись даже официальные имена: «хакеры», «информационные брокеры», «кибер-панки», «электронные взломщики», «бандиты на информационных супермагистралях». Первые компьютерные преступления зафиксированы были в начале 1980 года: в Италии 1983 году из банков было украдено 20 миллиардов лир, а в США в 1998 году сумма украденного увеличилась уже до 500 миллионов долларов [5]. Самым громким судебным делом хакеров было дело Арманда Мура и его сообщников, которым удалось в 1989 ограбить Чикагский банк «Ферст Нешнл Бенк». Преступники проникли в электронную систему банка подобрав нужный код, и перевели более 69 миллионов долларов из Чикаго в два банка Вены. Когда они переводили деньги на свои американские счета, их арестовали и осудили на 10 лет тюремного заключения [6].

Растет число компьютерных преступлений и в других странах. Так, в Германии ежегодно хакеры крадут из банков около 4 миллиардов марок. А всего хакеры взяли под свое влияние 25 стран [7]. Такие подобные преступления были зафиксированы ещё в далёком 1991 году, когда

из Внешэкономбанка совершено похищение в размере 125 тысяч американских долларов. Следует отметить, что Центральный банк России в 1993 занимал особое место в хищениях и взломе со стороны злоумышленников. В случае совершения преступления там могли бы похитить 68 миллиардов рублей. Этот влиятельный российский банк между 1993-1995 годы больше 300 раз подвергался проникновению в компьютерную сеть [8].

Однако здесь речь идет не только об экономической и финансовой угрозе, а также об информационной безопасности. Подобные случаи уже имели место. Среди них особый интерес вызывает конфликт, связанный с деятельностью корпорации Google в Китае. В начале 2010 г. руководство корпорации заявило, что уходит с китайского рынка в связи с участившимися атаками на серверы компании со стороны китайских властей [9]. Вскоре после этого было объявлено, что Агентство национальной безопасности США окажет помощь Google в борьбе с китайскими кибератаками. «В соглашении, которое будет заключено в ближайшее время, говорится, что Агентство национальной безопасности США будет помогать Google анализировать основные коммерческие атаки и попытки шпионажа, источниками которых, согласно показаниям сотрудников корпорации, были граждане Китая. Цель заключаемого соглашения – защитить Google и его пользователей от будущих атак» [10]. Государственный секретарь США Х. Клинтон в своём выступлении осудила деятельность правительства Китая и заявила: «Страны или отдельные граждане, причастные к информационным атакам, должны понести суровое наказание и международное порицание, Интернет объединяет практически весь мир, атака на сеть одного государства может быть атакой на всех» [10, там же].

Соответственно, администрация президента Б. Обамы летом 2011 г. подготовила два стратегических документа, регулирующих вопросы развития киберпространства, – Международная стратегия развития киберпространства[11] и Военная стратегия кибербезопасности [12]. В этих двух стратегических документах, специфический акцент делается на том, что в ответ на кибератаки США готовы использовать дипломатические, экономические и даже военные силы для ослабления позиции противника.

Бывший помощник генпрокурора Джон Карлин в своей книге «Рассвет кодовой войны: битва Америки против России, Китая и растущей глобальной киберугрозы» уверяет: главной проблемой стало неумение американцев защищать свои цифровые технологии [13]. «Китай, в частности, вместе с Россией, Северной Кореей и Ираном знает об этой уязвимости, и они ежедневно наносят по нам удары». Согласно докладу торгового представителя США, экономический шпионаж в пользу Китая стоит США от 225 до 600 миллиардов долларов в год. Даже Национальный центр кибербезопасности в своем новом докладе о шпионаже в цифровой среде отодвинул российскую угрозу на второе место. На первом - красная армия [13, там же].

В январе и феврале 2018 года хакеры из Китая похитили массив данных объемом 617 гигабайт у подрядчика ВМС США, военной организации из Ньюпорта. Среди похищенных документов была информация по проекту Пентагона «Морской дракон», а также секретный план разработки сверхзвуковой поражающей противокорабельной ракеты. Вооружение планировалось ввести в эксплуатацию на американских подлодках к 2020 году, на его разработку было потрачено более 300 миллионов долларов. Кража такой информации может нанести непоправимый ущерб национальной безопасности США.

Вероятно, Китай пытается захватить данные о вооружении, которые могут быть использованы против него. Американские военные считают подводный флот своим главным козырем в конфликтах с КНР. Следователи утверждают, что взломщики связаны с Министерством государственной безопасности Китая, которое занимается разведкой. Киберпреступники действовали из провинции Гуандун, где базируется крупное подразделение проправительственных хакеров [13 ]. Все эти атаки происходят на фоне «цифрового перемирия», которое власти США и Китая заключили еще в 2015 году. Тогда президент Барак Обама заявил, что обе страны достигли «общего понимания» в вопросах кибершпионажа. Главы государств обсудили растущие угрозы в сети и договорились не проводить и не поддерживать взломы и хищения интеллектуальной собственности [13, там же]. При этом Си Цзиньпин на встрече с Обамой не признал преступной деятельности китайских хакеров. Власти США же давно настаивают на том, что американское государство не спецслужбы передают в американские коммерческие компании информацию, полученную с помощью разведывательных операций. Специалисты при ведении изучения стратегии действий Китая по отношению информационной войны сталкиваются с несколькими удивительными и в корне отличающийся друг от друга явлениями. По мнению ряда исследователей, наиболее отчетливо отличия отражаются в менталитете народов и этносов. Таким образом, в последнее время Китай активно накапливает как можно больше значимой информации (особенно в области экономики

и обороны), отстаивает личную информацию тех лиц, которые принимают заключения и добиваются национального согласия. Китайцы желают эксплуатировать информационные системы их врага, создают публичные структуры, пробуя воздействовать на процесс принятия решений их противником.В 2010 году журналисты издания Foreign Policy сообщили, что мощная хакерская армия КНР состоит из ста тысяч специалистов. Наиболее известной операцией китайских шпионов-взломщиков стала «Операция Аврора» 2010 года. Атаке подверглись 35 организаций, в том числе корпорации Google, Yahoo, Symantec, Morgan Stanley. Хакерам удалось получить часть исходного кода Google, а также доступ к информации о китайских активистах. Предполагалось, что злоумышленники хотели получить доступ к аккаунтам Gmail, принадлежащим их соотечественникам-диссидентам. Сейчас специалисты приписывают эту атаку так называемому «отряду 61398» [14]. По данным авторов отчета, представленного в американский Конгресс, количество инцидентов, связанных с кибербезопасностью, в которых подозревается Китай, выросло с 3,6 тысячи случаев в 2001 году до 71,6 тысячи в 2009 году. Теперь армию интернет-взломщиков из Поднебесной боятся в мире больше, чем Народно-освободительную армию Китая. Власти КНР, с одной стороны, официально опровергают любую информацию о своем участии в хакерских атаках. С другой – недавно члены Академии военной науки Китая провозгласили эру «интернет-войн», которая приходит на смену ядерному сдерживанию[15].

Аналогичный инцидент - иранская киберпреступная группировка Charming Kitten 14 декабря 2018 пыталась взломать электронные почтовые ящики сотрудников Министерства финансов США и лиц, следящих за соблюдением санкций против Ирана. Помимо американских госслужащих, в числе атакованных оказались высокопоставленные сторонники и критики ядерной сделки, заключенной между Тегераном и Вашингтоном в 2015 году, а также арабские ученые-атомщики, иранские гражданские активисты и вашингтонские аналитики. По данным агентства, деятельность Charming Kitten связана с введением США новых санкций в отношении Ирана в прошлом месяце. «Предположительно, они пытаются понять, что происходит с санкциями», - считает сотрудник Американского института предпринимательства Фредерик Каган (Frederick Kagan), специализирующийся на иранском кибершпионаже [16].

Список атакуемых объектов был обнаружен специалистами Информационной безопасности -компании Certfa на одном из серверов Charming Kitten, который группировка случайно оставила в открытом доступе в интернете. Исследователям удалось извлечь перечень, включающий 77 адресов почтовых ящиков в сервисах Gmail и Yahoo [16, там же].

Напомним, 5 ноября 2018 года вступили в силу санкции США против Ирана. Администрация президента США Дональда Трампа восстановила все санкции против Ирана, которые были сняты в рамках сделки 2015 года. Санкции затрагивают экспорт нефти, судоходство, банковскую и все остальные отрасли, которые касаются экономики [17]. Таким образом, по мнению бывшего директора израильской разведслужбы МОССАД Тамира Пардо, несмотря на то, что в плане киберпотенциала Тель-Авив по-прежнему превосходит Тегеран, иранцы достигли определённого прогресса в этой области. «Они быстро двигаются, и у них достаточно ярких личностей, и это лишь вопрос времени, когда они станут большой угрозой для свободного мира». По заявлению генерального секретаря НАТО Йенс Столтенберга Страны Североатлантического альянса могут задействовать положения пятой статьи устава НАТО в случае кибератак со стороны России. В ответ на вопрос о том, может ли «российская кибератака на страну-члена НАТО привести к применению пятой статьи», господин Столтенберг сказал: «Не автоматически. Это зависит от характера кибератаки». Йенс Столтенберг отметил, что НАТО «не старается изолировать Россию». «Мы действительно верим в диалог с Россией, и мы считаем, что важно с нею говорить» [18]. Практически в последние годы американские спецслужбы обвиняли Россию во вмешательстве в избирательные процессы в США. В 2018 году стало известно, что Москва предлагала Вашингтону сотрудничество в сфере предотвращения кибератак на критическую инфраструктуру, Россия предложила США внести в документ пункт о недопустимости «дестабилизирующих действий в отношении внутренних политических процессов, включая выборы». США, однако, от этих инициатив отказались[19].

В связи с развитием новых технологий уровень кибервойны постоянно совершенствуется. Некоторые государства начинают уделять защите от кибервойны должное внимание - выделяют необходимые средства для организации систем защиты и поддерживают специальные подразделения, основной задачей которых является совершенствование Интернет-безопасности страны и защиты от нападений в киберпространстве [20]. Поэтому, как стало ясно, кибербезопасность приобретает все большее значение в связи с растущим влиянием

компьютерных систем и Интернета на все сферы жизни и отсюда можно определить киберзащищенность как способность информационной системы управления успешно выполнять предусмотренные задачи в условиях деструктивных воздействий, вызванных кибератаками.

### ЛИТЕРАТУРА


1. The Knowledge Society: The Growing Impact of Scientific Knowledge on Social Relations (Sociology of the Sciences Yearbook) / ed. by G. Bohme, N. Stehr. Dordrecht: Publisher; Springer, 1986.
2. Гриняев С.Н. Информационное оружие и проблемы международной безопасности в XXI веке. Центр стратегических оценок и прогнозов. 26-01-2001 [электронный ресурс]. http://csef.ru/ru/politica-i-geopolitica/477/informaczionnoe-oruzhie-i-problemy-mezhdunarodnoj-bezopasnosti-v-xxi-veke-1981.
3. Анатолий Г. Информационная война / Г. Анатолий. –Москва: Книжный мир, 2016. -С. 56-57.
4. Гриняев С.Н. Информационное оружие и проблемы международной безопасности в XXI веке. Центр стратегических оценок и прогнозов. 26-01-2001[электронный ресурс]. http://csef.ru/ru/politica-i-geopolitica/477/informaczionnoe-oruzhie-i-problemy-mezhdunarodnoj-bezopasnosti-v-xxi-veke-1981.
5. Анатолий Г. Информационная война / Г. Анатолий. –Москва: Книжный мир, 2016. -С. 56-57.
6. Drummond D. A new approach to China / posted by David Drummond, SVP, Corpo-rate Development and Chief Legal Officer // Official Blog: website. 2010. January 12. URL: http://googleblog.blogspot.com/2010/01/new-approach-to-china.html (дата обращения: 26.04.2013).
7. Mainews. Китай взламывает США по всем фронтам. Следующей может стать Россия. 2018.10.2 [электронный ресурс]. https://www1.newsread.top/category/russia/news/156816-kitay-vzlamyvaet-ssha-po-vsem-frontam sleduyuschey-mozhet-stat-rossiya/full
8. Nakashima E. Google to enlist NSA to help it ward off cyberattacks / Ellen Nakashima // The Washington Post: website. 2010. February 4. URL: http://www.washingtonpost.com/wp-
9. dyn/content/article/2010/02/03/AR2010020304057_pf.html (дата обращения: 15.05.2013).
10. Securitylab.ru. Иранские кибершпионы атаковали ответственных за санкции чиновников США.14.12.2018 [электронный ресурс]. https://news.rambler.ru/other/41428620-iranskie-kibershpiony-atakovali-otvetstvennyh-za-sanktsii-chinovnikov-ssha
11. Remarks on Internet Freedom. Hillary Rodham Clinton, Secretary of State, Washington, DC (January 21, 2010) // U.S. Department of State: website. 2010. January 21[электронный ресурс]. URL: http://www.state.gov/secretary/rm/2010/01/135519.htm (дата обращения: 12.05.2013).
12. International Strategy for Cyberspace, Washington DC. Prosperity, Security, and Openness in a Networked World // The White House: office. Website. 2011. May.25p. [электронный ресурс]. URL: http://www.whitehouse.gov/sites/default/files/rss_viewer/international_ strategy_for_cyberspace.pdf (датаобращения: 25.04.2013).
13. Department of Defense Strategy for Operating in Cyberspace // U.S. Department of Defense: website. Washington D.C., 2011. July. P. 10. URL: http://www.defense. gov/news/d20110714cyber.pdf (датаобращения: 18.05.2013).
14. Lenta.Ru. Красная война. Китай взламывает США по всем фронтам. Следующей может стать Россия. 22 октября 2018 года [электронный ресурс]. https://news.mail.ru/society/35122197/?frommail=1.
15. Петр Биргер. Газета протестант. Глобальная хакерская война Китая. 15.10.2011. http://www.gazetaprotestant.ru/2011/10/globalnaya-xakerskaya-vojna-kitaya.
16. Канал «SecurityLab» Иранские кибершпионы атаковали ответственных за санкции чиновников США. 14 декабря, 2018 [электронный ресурс]. https://www.securitylab.ru/news/496991.php.
17. Коммерсант. Глава НАТО заявил о готовности альянса ответить на «российские кибератаки». 17 сентября 2018 [электронный ресурс]. https://news.mail.ru/politics/34759177/?frommail=1.
18. В. Артамонов. Кибернетические войны: основные вызовы и игроки. [Электронный ресурс] URL: http://itzashita.ru/kibervoyna/analiticheskiy-doklad-kiberneticheskie-voynyi.html.


## ТАҲАВВУЛОТИ ТАҲДИДҲОИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ДАР ИБТИДОИ АСРИ XXI


Муаллиф дар мақола марҳилаи глобалии таҳдидҳои муосири ҷаҳонии асри XXI, аз ҷумла «таҳдидҳои амнияти иттилоотӣ»-ро дар марҳилаи технологияҳои нави иттилоотӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Чи тавре, ки маълум аст бо паҳншавии технологияҳои компютерӣ, дар ҳаёти имрӯза ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон аз шабакаҳои интернетӣ вобастагӣ пайдо намудаанд. Истифодабарии интернет барои ҳуҷуми системаҳои компютерии дигар давлатҳо метавонад ба иқтисодиёти давлатҳои алоҳида зарари калон расонад ва боиси низоъҳои ҳамарӯзаи ҳаётии мамлакат гардад. Тавофути ҳамлаи кибернетикии пешина аз ҷанги кибернетикии ҳозира дар он аст, ки барои амнияти миллии мамлакат хатари калон дорад ва бисёриҳо онро хатари ҷиддии амнияти давлат медонанд. Ба замми ин, дар мақола нақши компютерҳо дар идоракунии суръатноки қӯшунҳо ва техникаҳо, ҷамъоварии маълумотҳо, истифодабарии босифати сарчашмаҳои иттилоотӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Бо афзоиши теъдоди шабакаҳои компютерӣ сатҳи ҷиноятҳои компютерӣ низ зиёд шуда истодааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳадафи асосии ҷанги иттилотии кунунӣ, тағйирдиҳии ҳолати рӯҳии захираҳои инсонӣ бо мақсади ноoромии сиёсӣ ё вазъи ҷомеа ба ҳисоб меравад. Яроқи асосии таъсиррасон инҳоянд - иттилооти дидашаванда, шунидашаванда ё хондашаванда. Аз рӯи нуқтаи назари муаллиф, тамоми давлатҳои ҷаҳон бояд ба ҳимоят аз ҷанги кибернетикӣ аҳамияти хосса зоҳир намуда, барои ташкили низомҳои амниятӣ василаҳои нав омода намоянд, зерсохторҳои махсусро бояд таъсис дод, ки вазифаи асосии онҳотакмили амнияти интернетии мамлакат ва ҳимоят аз ҳуҷум фазои кибернетикӣ мебошад.



**Калидвожаҳо:** амнияти иттилоотӣ, амнияти кибернетикӣ, ҷинояти кибернетикӣ, технологияҳои иттилоотӣ, ҳуҷуми кибернетикӣ, ҷанги иттилоотӣ, хакер, интернет.

**ЭВОЛЮЦИЯ УГРОЗ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В НАЧАЛЕ XXI – ВЕКА**

**Сведения об авторе:** ***Аминов Химматулло Шамсуллоевич*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры зарубежного регионоведения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Aminov-ant.r@mail.ru.** Телефон. **988-38-84-09**

**Information about the author:** ***Aminov Himmatullo Shamsulloevich*** - Tajik National University, Postgraduate Student of the Department of Foreign Regional Studies. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Avenue. E-mail: **Aminov-ant.r@mail.ru**. Pone: **988-38-84-09**

**УДК 9+9(581)**

# ТАҲИЯ ВА ҚАБУЛИ ҚОНУНИ АСОСӢ ДАР СОЛИ 1964 ҲАМЧУН ЗАМИНАИ НАВСОЗИИ ҲАЁТИ СИЁСӢ ВА ИҶТИМОИИ АФҒОНИСТОН

***Искандаров Қ., Баҳодуров Б.Ф.***
**Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар аввалҳои солҳои 60 уми асри XX маълум гардид, ки ҷомеаи афғон ба гузаронидани тағйироти ҷиддӣ ва навсозии ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ зарурат дорад. Ин вазъиятро ҳатто худи М. Довуд, ки вазифаи сарвазирии кишварро аз соли 1953 ба уҳда дошт,ҷиддан эҳсос мекард. Ӯ дар номаҳои худ ба М. Зоҳиршоҳ соли 1962 зарурати амалӣ намудани ислоҳотро таъкид намуда, барномаи амалӣ сохтани ислоҳотро пешниҳод намуд. Нақшаи М. Довуд аз он иборат буд, ки агар чунин ислоҳот аз боло гузаронида шавад, ҳукумат метавонад назоратро аз болои равандҳои сиёсию ҷамъиятӣ дар даст дошта бошад. Вале, агар аз поён ин тағйирот оғоз шавад, ҳукумат дигар наметавонад онҳоро назорат намояд. М. Довуд оид ба ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ дар мактубҳои худ, ба қавли худаш, ду алтернативаро пешниҳод намуда буд. Дар мактуби аввал ӯ менависад: «Назар ва пешниҳоди ман ба ҳузури аълоҳазрати Шумо аз ин қарор аст:

Алтеративи аввал: Миллати Афғонистон чӣ шакл ва тарзи идораро барои ояндаи мамлакат муфид ва муносиб медонанд, тавассути як референдуми умумӣ ройи озодонаи миллати Афғонистон хоста шавад. Дараҷаи фаҳм ва татбиқ ва амалӣ сохтан ҳамчу як ройгирӣ назар ба савияи феълии мардуми мо чӣ хоҳад буд хеле маҷҳул ва дар зоҳир ғайриамалӣ ба назар мерасад. Алтернативи дувум:

1) комиссияи мураккаб аз мутахассисини ҳуқуқ, ашхоси босалоҳият ва ботаҷриба таъйин гардад, то дар Қонуни асосӣ таҷдиди назар намуда, пружаҳои Қонуни асосии ҷадидро (бар асоси салтанати машрута) тартиб ва ба ҳукумат тақдим доранд;

2) ҳамчунон айни комиссия ё комиссияидигар қонуни интихобот ва дигар қонунҳое, ба Қонуни асосӣ робитаи наздик доранд тадвин ва ба ғарази ғавр ва мутолиа ба ҳукумат тақдим доранд;

3) пас аз ғавр ва тасвиби давлат Луя Ҷирга инъиқод гардида ва қавонини мазкур ба ғарази ғавр ва тадқиқ ва тасвиб ба Луйи Ҷирга тақдим гардад;

4) пас аз тасвиби Қонуни асосӣ аз тарафи Луя Ҷирга омодагӣ ба интихобот гирифта шуда ва ба асоси Қонуни интихобот амалӣ гардад;

5) бо хатми интихобот ва ифтитоҳи Шӯрои ҷадид (ба асоси якҳизба ва ё дуҳизба) ҳукумати феълӣ мустафӣ, ҳукумати ҷадид ташкил ва зимоми умури мамлакатро ба даст хоҳад гирифт» [10,с.136]. Дар замимаи мактуб феҳристи аъзои ҳукумат оварда шуда буд, ки М. Довуд дар таҳияи ин барнома бо онҳо машварат намудааст. Чуноне дида мешавад, андешаи асосии М. Довуд ташкили ҳукумат аз тариқи интихоботи парлумонӣ дар асоси ҳизбӣ буд ва роҳбари ин ҳизбе, ки мебоист ҳукуматро ташкил намояд, худи ӯ буд. Муаллифи дигари афғон Муҳаммад Ҳасан Кокар бар ин ақида аст, ки «Муҳаммад Довуд

мехост то подшоҳ сирф нақши ташрифотии раиси давлатро дошта бошад» [5,с.5].

Муҳтавои ин барнома дар он замон пинҳон монда буд ва бори аввал онро худи М. Довуд 20 марти соли 1974 дар суханронии худ ба муносибати солгарди ҷашни ҷумҳурият ифшо намуд. Ба қавли муаррихини афғонӣ, шоҳ бо дарки зарурати ин ислоҳот нахост, ки ташаббускори ин ислоҳот М. Довуд бошад ва дар ҷавоб ба номаи аввали ӯ навишт, ки гузаронидани ислоҳот зарур аст ва «ин орзуи падари ӯ Нодиршоҳ буд», аммо ин ислоҳотро ба вақти дигар мемонем ва бигузор дигарон онро татбиқ намоянд [3,с.127]. М. Довуд аз ҷавоби подшоҳ изҳори хушӣ намуда буд ва барои шарҳи нукоти муҳимми барномааш номаи дувумро ба подшоҳ фиристод ва саривақтӣ будани ислоҳотро ёдовар шуд. Нуктаҳои асосии номаи дувум аз шарҳ ва тасбити режими шоҳии машрута ва ҳуқуқу салоҳиятҳои подшоҳ дар Қонуни асосӣ, мушаххас кардани аъзои хонаводаи шоҳӣ, киҳо ба он шомиланд ва чӣ ҳуқуқу имтиёз доранд, муайн намудани озодиҳои фардӣ ва ҳуқуқи шахсӣ ва дар Қонуни асосӣ пешбинӣ намудани фаъолияти ду ҳизби сиёсӣ иборат буданд.

Дар пайванд ба номаи дувум ва барномаи М. Довуд, М.С. Фарҳанг менависад, ки «ин барнома бар ду нуктаи асосӣ бино ёфта буд:

1) табдили ҳукумати шахсӣ ба ҳукумати ҳизбӣ бар мабнои ташкили ҳизби воҳид ва супурдани тамоми салоҳият ба он;

2) манъи аъзои хонаводаи шоҳӣ, ки худаш ҷузъи он шумурда намешуд, аз мудохила дар корҳои сиёсии мамлакатдорӣ» [9,с.697].

Ҷолиб ин аст, ки як сол баъд аз истеъфои М. Довуд ин нуктаи дувуми барномааш ҳангоми таҳияи Қонуни асосӣ ба роҳбарӣ гирифта шуд, аммо бо он фарқият, ки худи ӯ узви хонаводаи шоҳӣ ҳисоб карда шуд ва бо ҳамин имконияти раҳбариро ба ҳукумат аз ӯ салб намуд.

Бо навиштани ин нома М. Довуд интизори ҷавоб нашуда, бо умеде ки шоҳ истеъфои ӯро қабул намекунад, 3 марти соли 1963 номаи истеъфои худро аз мансаби сарвазирӣ ба шоҳ фиристод. Бар хилофи интизориҳои М. Довуд подшоҳ фавран онро имзо намуд, зеро ба гуфтаи С. Кушкаки, Зоҳиршоҳ бе ин ҳам ният дошт М. Довудро ба истеъфо фиристад ва дар ин бора доираҳои наздик ба подшоҳ хабар доштанд [4,с.12-13]. Ҳодисаҳои баъдӣ нишон доданд, ки подшоҳ воқеан баъди истеъфои М. Довуд ҷараёни ислоҳот ва навсозии сиёсию иҷтимоии Афғонистонро суръат бахшид. Ба қавли муҳаққиқи қазоқ С. Акимбеков, «истеъфои Довуд ба рафти умумии равандҳи модернизатсия (навсозӣ) дар Афғонистон таъсир нагузошт» [1,с.242].

М. Зоҳиршоҳ тасмим гирифт, ки ба мақоми сарвазир шахсеро хориҷ аз хонаводаи салтанатӣ пешбарӣ намояд. Ин ҳодиса дар таърихи Афғонистон як иқдоми нав ва ғайричашмдошт буд, зеро амакзодагони подшоҳ ҳам аз нигоҳи қавмӣ ва ҳам сабаби доштани нақши муҳим дар барқарор намудани подшоҳии хонадонӣ ҳадди аққал мақоми сарвазирии мамлакатро ҳаққи худ медонистанд. Дар миёни онҳо сардор Шоҳвалихон, ки худро фотеҳи Кобул дар соли 1929 мешуморид, чунин мепиндошт, ки дар ишғоли вазифаи сарвазир ҳаққи вай зоеъ гаштааст. М. Довудхон ҳам ба қарори подшоҳ дар хусуси таъйин кардани сарвазир аз хориҷи хонадон ҳаргиз розӣ шудан наметавонист, зеро вай мехост, ки акнун аз тариқи роҳбарии ҳизби воҳиди сиёсӣ зимомдории мамлакатро дубора ба даст гирад. Аммо подшоҳ доктори илмҳои физика Муҳаммад Юсуфро, ки дар ҳукумати М. Довудхон вазифаи вазири маъдан ва саноатро иҷро мекард, ба ин вазифа пешниҳод намуд. Доктор М. Юсуф тибқи дастури подшоҳ ба ташкили ҳукумати худ аз байни шахсиятҳои ғайри хонадони подшоҳӣ шурӯъ намуд ва 13 март ҳайати ҳукумати худро, ки аз 14 нафар иборат буд, эълон намуд. Ҳарчанд аъзои ҳукумати нав аз хонадони шоҳӣ набуданд, аммо ҳамагӣ боиси эътимоди подшоҳ қарор доштанд. Дар барномаи ҳукумати М. Юсуф, ки дар моҳи марти соли 1963 аз тариқи радио эълон шуда буд, пеш аз ҳама, зарурати тағйир додани Қонуни асосии мамлакат таъкид гардида буд. Ҳукумати нав аз усулҳои иқтисодиёти мухталати роҳбаришуда ё танзимшуда даст кашиданӣ набуд, лекин зарурати тақвият бахшидани сармоядории хусусиро дар бахши саноати миллӣ аз ҳар ҷиҳат таъкид менамуд. Дар дар соҳаи сиёсати хориҷӣ аз масъалаи Паштунистон сарфи назар карданӣ набуд, лекин бартараф кардани ихтилофҳои доимиро бо Покистон ва баргаштан ба хатти миёна ва риоя кардани усулҳои бетарафии мусбатро дар сиёсати хориҷии мамлакат як амри зарурӣ ва ногузир медонист.

Нависандаи афғон М.С. Фарҳанг менависад, ки зоҳиран ҳукумат якдаста ба назар мерасид, ки дар татбиқи барномаи супурдашудаи подшоҳ иттифоқи назар дошт. Аммо ба зудӣ маълум гардид, ки дар усул ин иттифоқи назар мавҷуд буд, вале дар тарзи татбиқи барнома ва суръати он аъзои ҳукумат ихтилоф доштанд ва дар асоси ин ихтилофот ду ҷараёни умда дар кобина шакл гирифт. Як ҷараён бар асоси гароиш ба сӯйи демократия

ва риояи озодиҳои шахсӣ, ҳатто пеш аз қабули Қонуни асосии нав ва чараёни дигар, бо тамоили муҳофизакорӣ ва татбиқи кунду тадриҷии барнома [9,с.711].

Қадамҳои аввалини ҳукумати нав бо роҳбарии М. Юсуф аз он иборат шуд, ки дар 28 марти соли 1963 кумитаи 7-нафарии таҳияи Қонуни асосии навро эълон намуд. Кумита аз шахсони зерин иборат буд:

1. Саид Шамсиддин Маҷруҳ, вазири адлия, раиси кумита;
2. Саид Қосими Риштиё, вазири матбуот;
3. Доктор Мир Наҷмиддин Ансорӣ;
4. Доктор Абдулсамад Ҳомид;
5. Муҳаммад Мӯсо Шафиқ;
6. Ҳалилуллоҳ Алӣ;
7. Мир Муҳаммад Сиддиқи Фарҳанг [9,с.714].

Дар таркиби кумитаи мазкур таҳти роҳбарии 4 нафар аз аъзоёни он иборат аз М. Шафиқ, М.С. Фарҳанг, А. Ҳомид ва Ҳалилуллоҳ кумитаҳои фаръӣ барои таҳияи мусаввадаи Қонуни асосӣ таъсис дода шуда буданд. Ғайр аз ин, барои машвара дар масъалаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ як нафар мутахассиси хориҷӣ - ҳуқуқдони фаронсавӣ Луи Фушер, ки бо ҳуқуқи ислом ошноӣ дошта, дар тартиб додани Қонуни асосии Марокаш ҳамкорӣ карда буд, даъват шуда буд. Аъзоёни кумитаи таҳияи Қонуни асосӣ бо матнҳои қонунҳои асосии мамлакатҳои исломӣ ва ғарбӣ ошно шуда, ҳар матлабе, ки ба муҳит ва шароити Афғонистон мувофиқат мекард, иқтибос ва пайравӣ карданд. Дар зарфи як сол лоиҳаи Қонуни асосии Афғонистон омода гардид. Қобили ёдоварист, ки подшоҳ дар умури кори кумитаи таҳияи Қонуни асосӣ ҳеҷ гоҳ мудохила намекардааст ва ҳеҷ як супориши хос ба аъзои он намедод. Инро яке аз аъзои кумитаи таҳияи Қонуни асосӣ М.С. Фарҳанг тасдиқ менамояд. Ӯ дар китоби худ менависад: «Аз суҳбате, ки пас аз таъйин шудани инҷониб ба узвияти кумита ба ман дошт, гуфт, ки иқдоми ӯ дар бораи татбиқи демокрасӣ қисман аз барномаи дарозмуддати худ ва падараш роҷеъ ба ворид намудани таҳаввулоти тадриҷӣ дар идора сурат мегирад ва қисман марбут ба хостаҳои қишри ҷавон ва рӯшанфикр дар таърихи муосир мебошад. Дар ин мулоқот ва мулоқотҳои баъдӣ вай ҳеҷ гоҳ супориши хос дар бораи аҳкоми Қонуни асосӣ ба ман накард ва ягона супориши ӯ ин буд, ки вазифаи худро огоҳона ва бо дарназаргирии воқеияти авзоъ иҷро намоям» [9,с.714].

Лоиҳаи Қонуни асосӣ дар давоми камтар аз як сол омода гардид ва Зоҳиршоҳ он лоиҳаро ба сардор Муҳаммад Довуд ва сардор Муҳаммад Наим пешниҳод кард, то назарашонро бифаҳмад. Гарчанде муҳтавои суҳбати подшоҳ бо амакзодаҳояш маълум набуд, аммо мутахассисон гумон доранд, ки сардорон махсусан аз моддаи 24 Қонуни асосӣ, ки ба аъзои хонаводаи шоҳӣ ишғол кардани вазифаҳои баландро дар ҳукумат манъ месохт, хушнуд набуданд. Ба қавли М.С. Фарҳанг, баъдан подшоҳ ба кумитаи таҳияи Қонуни асосӣ авроқеро супурд, ки пешниҳоди сардорон ба тағйири баъзе моддаҳои Қонуни асосӣ, махсусан моддаи 24 буд. Подшоҳ зоҳиран мехост дар ин модда баъзе тағйирот ворид шавад. Пешниҳоди асосии М. Довуд ва бародаронаш ин буд, ки «маҳдудияти вазъшуда ба афроди хонаводаи шоҳӣ дар ҳолати изтирорӣ (фавқулода) канор гузошта шавад». Аммо кумитаи таҳияи лоиҳаи Қонуни асосӣ ин пешниҳодро рад намуд, зеро «бо рӯҳияи машрутият, ки мусаввадаи кумита бар он муттакӣ буд, созгор нест» менависад Фарҳанг [9,с.715].

Аз тарафи дигар, ворид намудани чунин истисно мумкин буд аъзои ҷоҳталаби хонаводаро ташвиқ кунад, то ҳолати фавқулодаро ба таври маснӯӣ дар кишвар барпо сохта, ба баҳонаи рафъи буҳрон дубора қудратро ба даст оранд. Ба назар мерасад, ки подшоҳ ҳам барои қабул намудани ин пешниҳод ба кумита фишор наовард ва бо ҳамин сардорон аз ӯ озурда шуда ва робитааашонро қатъ карда буданд.

Дар аввали соли 1964 матни лоиҳаи Қонуни асосӣ дар маҷлиси ҳукумат муҳокима шуд ва қарор шуд, ки пеш аз пешниҳоди он ба Луя Ҷирга як комиссияи машваратӣ иборат аз 28 нафар намояндагони табақаҳои гуногуни ҷамъияти Афғонистон, ки шахсиятҳои номӣ ва барҷастаи мамлакат аз ҷумлаи фақеҳон, муаррихон, устодон, шоирон, нависандагон, сармоядорон, тоҷирон ва ғайраро дар бар мегирифт, ташкил шуда, матни қонунро баррасӣ ва назариёти худро пешниҳод намоянд. Дар давоми ду моҳ, аз март то майи соли 1964 ин комиссия моводи лоиҳаи Қонуни асосиро баррасӣ намуд. Дар ҷараёни баррасии он мавҷуд будани ақидаҳои мухталиф оид ба Қонуни асосӣ ошкор гардиданд, ки як навъ инъикосгари вуҷуди ҷараёнҳои мухталифи фикрӣ дар ҷомеа буд. М.С. Фарҳанг, ки ин ҷараёнҳоро таҳлил намудааст, аз мавҷудияти ҳадди ақал 5 ҷараёни фикрӣ сухан мегӯяд [9,с.717-718]. Ба ҳар сурат, дар ҷаласаи ниҳоии комиссия лоиҳаи таҳияшуда бо тағйироти ҷузъӣ қабул шуд. Пеш аз он ки ба муҳокимаи Луя Ҷирга гузошта шавад, матни Қонуни

асосӣ ба забони пашту гардонида шуд ва ҳукумат онро ба муҳокимаи Ҷирга пешниҳод намуд, ки маҷлиси он аз 9 то 19 сентябри соли 1964 доир гардид. Ҳангоми муҳокима оид ба баъзе масъалаҳо баҳсу мунозира ба вуҷуд омада буд. Яке аз чунин масъалаҳо моддаи 24 Қонуни асосӣ буд, ки хонадони подшоҳӣ ба шумули амакзодагонашро манъ мекард, ки вазифаи сарвазирӣ, вазорат, узвияти Шӯрои миллӣ ва маҳкамаи олиро иҷро намоянд, ё ҳизби сиёсӣ ташкил намоянд ва ё ба он шомил шаванд. Мутахассисон бар ин ақидаанд, ки ин муқаррароти модда маҳз ба хотири М. Довуд ворид карда шуд, зеро аз ниятҳои ӯ дар доираҳои сиёсӣ хуб огоҳӣ доштанд, ки мехост аз роҳи интихоботи ҳизбӣ аз нав зимоми ҳукуматро ба даст бигирад. Ба замми ин, дар Луя Ҷирга ба ин модда як иловаи дигар ворид карда шуд, ки аъзои хонаводаи шоҳӣ ҳақ надоранд аз хонавода даст бикашанд. Ин ҳам ба муқобили М.Довуд равона шуда буд, зеро С.Қ. Риштиё менависад, ки «овозаҳо буд, ки М.Довуд дар рӯзи аввали кори Луя Ҷирга ба маҷлис ҳозир шуда, расман дар бораи даст кашидан аз хонаводаи шоҳӣ эълон мекунад» [11,с.191].

Масъалаи ҷанҷолбарангези дигар масъалаи таърифи ҳувияти миллӣ буд. Дар маҷлис яке аз ширкаткунандагон бо номи Абдулвоҳид Сурубӣ пешниҳод кард, ки калимаи афғон як дафъа дар сатҳи Қонуни асосӣ муаррифӣ шавад ва дар ин маврид баҳси зиёд сурат гирифт. Муаллифи афғон Соҳибназар Муродӣ бо такя ба манбаъҳои боварибахш менависад, ки як идда истидлол мекарданд, ки дунё моро бо номи афғон мешиносад, лозим нест, ки дар Қонуни асосӣ зикр шавад. Теъдоди дигар мегуфтанд, ки дунё агар бишносад ва дар берун моро ба номи афғон мегӯянд, дар дохили мамлакат ҳар кас якеро ба номи паштун, якеро ӯзбак ва якеро тоҷик ёд мекунанд. Бинобар дар Қонуни асосӣ ин мавзӯъ бояд тасбит шавад» [7,с.222]. Дар натиҷаи баҳсҳо ниҳоят дар моддаи аввали Қонуни асосӣ ин мавзӯъ ба ин шакл ворид гардид: «…Миллати Афғонистон иборат аст аз тамоми афроде, ки тобеияти Афғонистонро мутобиқ ба аҳкоми қонун доро бошанд, ба ҳар фард аз афроди мазкур калимаи афғон итлоқ мешавад» [6,с.275]. Чуноне ба мушоҳида расид, ин матлаб дар Қонуни асосии соли 2004 ҳам ворид гардид ва имрӯз боиси баҳсу мунозираҳои зиёд, бахусус дар тақсими шиносномаҳои электронӣ шудааст.

Ҳангоми муҳокима ва тасвиби Қонуни асосии соли 1964 боз аз нав баҳсу музокира дар атрофи забони дарӣ ба амал омад. Қонуни асосӣ забони дариро дар баробари забони пашту ба сифати забони расмӣ ва давлатӣ эълон карда буд. Як гурӯҳе аз паштунзабонони миллатгаро бо роҳбарии Сиддиқуллоҳ Риштин ёфт шуданд, ки ба дубора забони расмӣ шудани забони дарӣ эътироз баён карданд ва маъракаҳо ташкил доданд, вале натиҷае ба даст оварда натавонистанд [8,с.494]. Тибқи Қонуни асосии соли 1964 Афғонистон давлати подшоҳии машрута (конститутсионӣ) эълон карда шуда, рукнҳои асосии ҳукумат, шӯрои миллӣ ва қазо (суд) ва қувваи иҷроя аз ҳам ҷудо шуданд.

Ҳукумат аз садри аъзам (сарвазир) ва вазирон иборат буда, дар назди Шӯрои миллӣ (парламент) масъул буд, сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро аз назари Шӯрои миллӣ гузаронида, эътимоди онро ҳосил мекард ва дар сурати ба даст наовардани эътимод истеъфо медод. Шӯрои миллӣ аз ду маҷлис (палата) иборат буд: Вулуси ҷирга (Шӯрои намояндагон)ва Мишрону ҷирга (Шӯрои аъён ё Сенат). Аъзоёни Шӯрои миллӣ тавассути интихоботи озод, умумӣ, пинҳонӣ ва мустақим аз тарафи мардум барои 4 сол интихоб карда мешуданд. Сеяки аъзоёни Шӯрои аъён (Сенат) аз тарафи подшоҳ таъйин мешуданд, аз се ду ҳиссаи дигар дар ҷиргаҳои вилоятӣ ва интихоботи озоди аҳолии ҳар вилоят интихоб мешуданд. Барои интихоби аъзоёни Шӯрои миллӣ шарти синну соли 25-30 солагӣ, хондан ва навиштан, шаҳрванди Афғонистон будан пешбинӣ шуда буд. Тасдиқи қонунҳо, буҷаи давлатӣ, нақшаҳои инкишофӣ, иҷозаи нашри пул, гирифтани қарзи хориҷӣ, ҷорӣ кардани андозҳои нав ва кам кардани ҳаҷми онҳо марбут ба салоҳияти Шӯрои миллӣ буд. Як рукни мустақили давлатро қувваи қазоия (судӣ) ташкил медод, ки аз Стара маҳкама (Суди олӣ) ва судҳои дигар. Аъзоёни Суди олӣ аз 9 нафар иборат буданд, ки барои муддати 10 сол аз байни шахсиятҳое, ки синни 35-солагиро такмил карда: ҳаққи интихоб шудан ба Шӯрои миллиро дошта бошанд ва аз илми ҳуқуқшиносӣ ва вазифаҳои миллӣ ба хубӣ бархӯрдор буда бошанд, аз тарафи подшоҳ таъйин карда мешуданд.

Қонуни асосӣ барои шаҳрвандони Афғонистон ҳуқуқу вазифаҳои васеъ муқаррар карда буд. Аз ҷумла, тамоми мардуми Афғонистон бидуни табъиз ва имтиёз дар баробари қонун ҳуқуқ ва вазоифи баробар гирифтанд (моддаи 25), озодии шахс ҳаққи табиии инсон эълон шуд (моддаи 26), хонаи шахс, моликияти ӯ дахолатнопазир эълон гардид (моддаи 28), таълим ҳаққи тамоми афроди Афғонистон аст ва ба сурати маҷонӣ (ройгон) аз тарафи давлат ба шаҳрвандони Афғонистон фароҳам мешавад. Таълими ибтидоӣ барои тамоми кӯдакон ҳатмӣ мебошад (моддаи 34), ҳар афғон мукаллаф аст ба давлат молия ва маҳсул супорад (моддаи 38), озодии баён аз тааруз масъун аст. Ҳар афғон ҳақ дорад фикри худро

ба василаи гуфтор, навишта, тасвир ё амсоли он мутобиқи қонун изҳор кунад (моддаи 31), атбои Афғонистон ҳақ доранд мутобиқ ба ҳукми қонун азҳоби сиёсӣ ташкил диҳанд (моддаи 32), дифоъ аз ватан вазифаи муқаддаси тамоми атбои Афғонистон аст (моддаи 39).Да Луя Ҷирга боз дар атрофи чандин масъалаҳои дигар, мисли қонуни интихобот, қонуни матбуот ва қонуни аҳзоби сиёсӣ баҳсу мунозираҳо ба амал омада буд. Ба асоси пешниҳоди гурӯҳҳои равшанфикр қонунҳои мазкур мебоист тибқи фармонҳои ҳукуматӣ дар давраи интиқолӣ тақдим карда мешуданд. Дар воқеъ ду қонуни аввал бо фармони ҳукумат қабул карда шуда буданд. Аз ҷумла, Қонуни матбуот барои нашри рӯзнома ва маҷалла танҳо иҷозатномаи давлатиро тақозо мекард, сензураи пешакӣ манъ буд ва бастани нашрияҳо бо ҳукми суд сурат мегирифт. Аммо дар мавриди ташкили аҳзоби сиёсӣ пешниҳоди гурӯҳи равшанфикрон, ки тақозо мекарданд қонуни мазкур ба асоси фармони ҳукуматӣ нофиз гардад, пазируфта нашуда буд, ки ин дар амал барои татбиқи муқаррароти қонуни асосӣ яке аз монеаҳои ҷиддӣ қарор гирифта буд. Ҳукуматҳои баъдина гумон мекарданд, ки азҳоби сиёсӣ рақиби асосии онҳо хоҳанд шуд, бинобар ин ба тасвиби қонуни ташкили азҳоби сиёсӣ мухолифат нишон медоданд. Бо вуҷуди ин, қонуни мазкур чанд маротиба аз марҳилаҳои қонунӣ гузашта буд, лекин подшоҳ ҳам, ки аз ташкили азҳоби сиёсӣ нигаронӣ дошт, аз имзои он худдорӣ кард ва чунин қонун расман дар Афғонистон вуҷуд надошт. Бо вуҷуди ин, пас аз қабули Қонуни асосии соли 1964 дар Афғонистон чандин азҳоби сиёсӣ рӯйи кор омада, фаъолият мекарданд, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии мамлакат нақши муҳим доштанд. Бешубҳа, Қонуни асосии соли 1964 гарчанде аз ноқисиҳо орӣ набуд, аммо дар байни кишварҳои исломӣ қонуни асосии беҳтарин буд. Баъд аз Қонуни асосӣ ҳаёти сиёсию иҷтимоии мамлакат хеле зинда шуд. Акнун сарвазирҳо аз парламент раъйи эътимод мегирифтанд. Масалан, М. Юсуф натавонист аз парламент раъйи эътимод бигирад ва маҷбур шуд ба истеъфо биравад. Сарвазирони дигар ҳам зери фишори афкори гурӯҳҳои сиёсӣ кор мекарданд ва баъзан наметавонистанд тоб биёваранд.Дастоварди муҳим Қонуни интихобот буд, ки дар асоси он намояндагони рӯшанфикр ва дорои ақидаҳои демократӣ ва миллӣ вориди парламент шуданд ва дар қабули қонунҳо ба манфиати халқ саҳм мегирифтанд.

Ба қавли Шарофиддин Имом, Қонуни асосии соли 1964 оғозгари марҳалаи ниҳоят муҳим ва ҳатто сифатан нав дар таҳаввули ҷомеаи Афғонистон буд» [2,с.180]. Матбуоти хориҷӣ, баъзе аз муҳаққиқон ва коршиносон ташаббуси М. Зоҳиршоҳро барои дигаргуниҳои демократӣ ва навсозии ҳаёти сиёсию иҷтимоии Афғонистон баҳои баланд доданд, бахусус манъ кардани аъзои хонаводаи шоҳӣ то охири умр ишғол намудани вазифаҳои баланди давлатӣ ва фаъолияти сиёсӣ дар сафҳои ин ё он ҳизб мавриди ситоиш қарор гирифта буд. Рӯзномаи “Таймс” – Лондон навишта буд: “Дар таърих иттифоқи кам меафтад, ки подшоҳ ихтиёрӣ аз салоҳияти худ ба нафъи демократия даст мекашад. Аммо подшоҳи Афғонистон ин корро анҷом дод” [13]. Афғоншиноси амрикоӣ Л. Дюпре Қонуни асосии соли 1964 Афғонистонро “беҳтарин Қонуни асосӣ дар байни кишварҳои исломӣ» [12,с.590] номидаааст.

Ҳамин тавр Қонуни асосии соли 1964 роҳро барои навсозии сиёсии кишвар ҳамвор сохт. Гарчанде Қонуни аҳзоби сиёсӣ аз тарафи подшоҳ имзо нашуд ва ҳукми қонунӣ нагирифт, аммо даҳҳо ҳизбу созмонҳои сиёсӣ арзи вуҷуд намуданд ва ҳаёти сиёсии кишварро пурҷӯшу хурӯш сохтанд. Дар асоси Қонуни матбуот нашри рӯзномаю ҳафтаномаҳо оғоз гардид, ки аксаран ба органҳои нашриётии ин ҳизбҳо табдил шуданд.

**АДАБИЁТ**


1. Акимбеков С.М. История Афганистана / С.М. Акимбеков. -Астана –Алматы: ИМЭП при Фонде первого президента, 2015. -848 с.
2. Имом Ш. Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дувуми қарни XIX ва қарни XX / Ш. Имом. -Душанбе, 2013. - 267 с.
3. Искандаров К. Политические партии и движения Афганистана во второй половине XX века / К. Искандаров. - Душанбе: Ирфон, 2004. -500 с.
4. Кушкаки С. Даҳаи Қонуни асосӣ. Ғафлатзадагии афғонҳо ва фурсатталабии русҳо / С. Кушкаки. – Пешовар: Майванд, 1377 (1998). – 263 с.
5. Кокар. Маҷаллаи байналмилалии Шарқи Миёна ва Укёнус. Аз паёмҳо ва конференсияҳои матбуотии раҳбари миллӣ, муассиси Ҷумҳурият. - Кобул: Вазорати иттилоот ва култур. -№ 26. –июли 1973, - июли 1974.
6. Қонуни асосии Афғонистон (9 мизони 1343) // Аз Амонуллоҳ то Карзай. Аз соли 1303 ҳ то соли 1382 ҳ. ш. Назариёт ва баррасиҳои қавонини асосии Афғонистон ва бархе қавонин ва мисоққои ҷаҳонӣ. - Кобул: Кова, 2008. - С.275-299.
7. Муроди С. Афғонистон дар садаи бистум (Аз Абдураҳмон то Карзай) / С. Муроди. - Кобул, 2015. -769 с.
8. Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон / Ҳ. Назаров.- Душанбе: Дониш, 1998. -656 с.
9. Фарҳанг М.С. Афғонистон дар панҷ қарни ахир. / М.С. Фарҳанг. -Теҳрон: Ирфон, 1995.– Ҷ.2. -757 с.

10. Ҳақшинос Ш.Н. Дасоис ва ҷиноёти рус дар Афғонистон. Аз Амир Дӯстмуҳаммадхон то Бабрак / Ш.Н. Ҳақшинос. -Теҳрон: Кумитаи фарҳангии дафтари марказии Ҷамъияти исломии Афғонистон, 1984. – 421 с.
11. Хотироти сиёсии Сайид Қосим Риштиё. 1311 (1932) то 1371 (1992). Б.ҷ, 1379 (2001) – 275 с.
12. Dupree L. Afghanistan [L.Dupree]. Princeton Univ. Press, Princeton. -New Jersey, 1980. –590 p.

## ТАҲИЯ ВА ҚАБУЛИ ҚОНУНИ АСОСӢ ДАР СОЛИ 1964 ҲАМЧУН ЗАМИНАИ НАВСОЗИИ ҲАЁТИ СИЁСӢ ВА ИҶТИМОИИ АФҒОНИСТОН

Солҳои 60-уми қарни XX дар роҳи модернизатсия ё навсозии ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии Афғонистон марҳилаи муҳим ба ҳисоб меравand. Кӯшиши нав дар самти навсозӣ дар охири давраи сарвазирии М. Довудхон оғоз гардид. М. Довуд дар соли 1962 ду нома ба подшоҳ Зоҳиршоҳ навишта, дар онҳо амалан барномаи навсозии низоми идорӣ ва сиёсии Афғонистонро пешниҳод намуд. Таҳия ва қабули Қонуни асосӣ (Конститутсия)-и Афғонистон, ки дар соли 1964 қабул шуд, заминаи навсозии Афғонистонро муҳайё намуд. Ин Қонуни асосӣ аз қонунҳои пешина ба куллӣ фарқ дошт. Дар асоси он Афғонистон ба давлати шоҳии машрута (монархияи конститутсионӣ) табдил дода шуд, рукнҳои асосии ҳукумат, Шӯрои миллӣ ва қазо (суд) ва қувваи иҷроя аз ҳам ҷудо шуданд. Моддаи 24 Қонуни асосӣ аъзои хонадони подшоҳӣ, ба шумули амакзодагоншаро манъ мекард, ки вазифаи сарвазирӣ, вазорат, узвияти Шӯрои миллӣ ва маҳкамаи олиро иҷро намоянд, ҳизби сиёсӣ ташкил намоянд ва ё дар доираи ҳизби сиёсӣ ба фаъолияти сиёсӣ пардозанд. Қонуни асосӣ барои шаҳрвандони Афғонистон ҳуқуқу вазифаҳои васеъ муқаррар карда буд. Аз ҷумла, тамоми мардуми Афғонистон бидуни табъиз ва имтиёз дар баробари қонун ҳуқуқ ва вазоифи баробар гирифтанд, озодии шахс ҳаққи табиии инсон эълон шуд, хонаи шахс, моликияти ӯ дахолатнопазир эълон гардид, атбои Афғонистон ҳақ доранд мутобиқ ба ҳукми қонун азҳоби сиёсӣ ташкил диҳанд, дифоъ аз ватан вазифаи муқаддаси тамоми атбои Афғонистон эълон шуд. Дар маҷмӯъ Қонуни асосии соли 1964 роҳро барои навсозии сиёсии кишвар ҳамвор сохт.

**Калидвожаҳо**: Афғонистон, Қонуни асосӣ, шоҳии машрута, озодии баён, озодии шахс, Шӯрои миллӣ, вазорат, қазо, қувваи иҷроия.

## РАЗРАБОТКА И ПРИНЯТИЕ ОСНОВНОГО ЗАКОНА В 1964 ГОДУ КАК ПРЕДПОСЫЛКА МОДЕРНИЗАЦИИ ОБЩЕСТВЕННО-ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЖИЗНИ АФГАНИСТАНА

60-е годы XX века являются важным этапом на пути модернизации общественно–политической жизни Афганистана. Новая попытка модернизации страны была сделана в конце правления правительства М.Дауда. Он в 1962 году отправил два письма королю Захир-шаху, в которых подробно описал программу модернизации политической системы и управления Афганистана. Основной закон 1964 г. принципиально отличался от прежних конституций. Конституция объявила Афганистан конституционной монархией, были разделены законодательная, исполнительная и судебная власть. Статья 24 запрещала членам королевской семьи занимать посты премьер-министра, министра, члена Национального совета и Верховного суда, создать политическую партию и вести политическую деятельность в рядах партии. Основной закон декларировал поданным Афганистана широкие права и обязанности. В том числе, равные права и обязанности перед законом без дискриминации и льгот, личная свобода была объявлена естественным правом человека, жилье и личная собственность стали неприкосновенными, подданные Афганистана получили право в соответствии с законом о политических партиях, создать политические партии, защита государства была объявлена святой обязанностью всех граждан страны.

**Ключевые слова:** Афганистан, Основной закон, конституционная монархия, свобода слова, личная свобода, Национальный совет, министерство, законодательная власть, Исполнительная власть, судебная власть.

## THE PLANNING AND ADOPTION OF THE MAIN LAW IN 1964 AS A BACKGROUND OF SOCIAL AND POLITICAL LIFE MODERNIZATION OF AFGHANISTAN

The 60-ies of the xx century are an important stage on the way of social and political life modernization of Afghanistan. A new attempt of country's modernization was made at the and of M.Dovud's governing. In 1962 he had sent two letters to king Zohirshoh, where he described in details the program of political system modernization and controlling Afghanistan. The main law of 1964 fundamentally differed from former constitutions. the constitution had declared Afghanistan as a constitutional monarchy, the legislative executive and judicial bodies were divided. The 24 article prohibited the members of the royal family to occupy the posts of the prime –minister, minister, a member of the national council and Supreme court, to organize political activity within a party. The main law had declared to Afghanistan citizens wide rights and duties, including equal rights and duties before the law without discrimination and privileges. According to this law personal freedom was declared as a natural right, housing and private property became indefeasible, the citizens of Afghanistan have got a right in agreement with the law on political parties to organize political parties and state protection was declared as a saint duty of all country's citizens.

**Key words:** Afghanistan, main law, constitutional monarchy, freedom of speech, personal freedom, national council, ministry, legislative body, executive body, judicial body.

**Сведения об авторах:** ***Искандаров Косимшо*** **-** Академии наук Республики Таджикистан, доктор исторических наук, профессор, главный ученый секретарь. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. E-mail: **ikas_53@inbox.ru**
***Баходуров Бехруз Файзуллоевич*** **–** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры всеобщей истории. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 65. E-mail: **www.ktsu.edu.tj**. Телефон: **(+992) 918-99-44-64**

**Information about the authors**: ***Iskandarov Kosimsho*** - Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Doctor of Historical Sciences, Professor, Chief Scientific Secretary. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. E-mail: **ikas_53@inbox.ru**
***Bahodurov Behruz Faizulloevich*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrava, teacher of the Department of World History. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini Street, 65. E-mail: **www.ktsu.edu.tj.** Phone: **(+992) 918-99-44-64**

УДК:930.85 (09) (575.3-25)

# ВАЗЪИ ВИЛОЯТИ КӮЛОБ ДАР ДАВРАИ МУҲОСИРАИ ҲУКУМАТИ МУРОСОИ МИЛЛӢ

*Мирзоев П.*
**Донишкадаи энергетикииТоҷикистон**

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба ном Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ, ки дар натиҷаи табаддулоти давлатӣ ба сари ҳокимият омад, роҳи Душанбе – Кӯлобро баста, фиристодани ҳар гуна молро ба вилояти Кӯлоб дар давоми 7 моҳ манъ кард. Аз охири соли 1992 то ибтидои соли 1993 дар ноҳияҳои Восеъ, Ҳамадонӣ ва Фархор касалии гепатити заҳрнок дар натиҷаи истеъмоли орди заҳролудшуда паҳн шуд. Мардум аз нарасидани хӯрока сахт азият кашид. Дар як рӯз ба ҳар як нафар 50 грамм, дар баъзе маҳалҳо 30 грамм нон мерасиду халос. Дар натиҷаи тӯл кашидани муҳосираи иқтисодӣ мардуми баъзе ноҳияҳои вилояти Кӯлоб ба касалиҳои ба ҳаёт таҳдидовар гирифтор шуданд. "Аз 4 ҳазор беморони касалии мазкур сеюним ҳазорашон сокинони ноҳияи Фархор буданд. Аз ин рӯ, Ҳукумати мамлакат 18 январи соли 1993 барои наҷоти мардум аз ин касалӣ қарор кард, ки орди заҳролуд мусодира ва ба мардуми ноҳияи Фархор орди тоза дода шавад" [1]. Моҳи сентябри соли 1992 дар маҷлиси намояндагони шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Калининобод ва ноҳияҳои Бохтару Вахш вакилон ба сарони давлатҳо ва парлумонҳои Россия, Украина, Белорусия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон мурофиатнома қабул намуданд [2,с.299]. Дар мурофиатнома вазъи вазнини вилояти Кӯлоб таҳлил гардида буд. Вале муҳосираи иқтисодии тӯлоние, ки ба ном Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ ба сари мардуми вилояти Кӯлоб бор карда буд, аҳволи иқтисодии бе он ҳам заифи ин вилоятро касод гардонид. Одамон на танҳо нон, балки дигар маводи хӯрокворӣ, аз қабили қанд, чой, шир, макарон, картошка ва ғайраро дастрас ва истеъмол карда наметавонистанд.

Мардуми таҳҷоӣ захираи ғаллаи худро дар як-ду моҳи аввали муҳосираи иқтисодӣ ба итмом расонид. Ба истеъмоли ҷуворимакка, ҷав, авёс, тухми ҷорӯб, кунҷора ва ғайраҳо шуруъ намуданд. Азбаски ноҳияҳои Фархор Ҳамадонӣ, Восеъ барои кишти пахта бештар аз 70 сол махсусгардонида шуда буданд ва барои ин мардум аз Россия орду ғалла мефиристоданд, онҳо гумон карданд, ки минбаъд ҳам ин алоқаҳои иқтисодӣ ва савдо дар ҷумҳурӣ идома меёбад. Аз инҷост, ки ба киштиғалладона машғул набуданд. Ҳамин ки роҳҳои мошингарду оҳан аз тарафи дастаҳои мусаллаҳи ҳукумати мусолиҳаи миллии Тоҷикистон баста шуд, вилояти Кӯлоб дар муҳосира монд. Вилоят ягон роҳи алоқа бо олами бурунаро надошт.

Моҳи декабри соли 1992 чунин хабар пахш шуда буд: «Дар ноҳияҳои вилояти Кӯлоб касалиҳои сирояткунандаи ба саломатии инсон хавфнок паҳн шуда истодааст», «бемории фалаҷи майнаи сар аз тухми гиёҳи заҳрнок ба 18 нафар сокинони ноҳияи Восеъ асар намуд, ки дар натиҷа чандин одамонро ба ҳалокат расонд. Дар ноҳияи Ҳамадонӣ бошад, аз 7 нафари ба ин касалӣ гирифторшуда як нафар ба ҳалокат расид. Дар ноҳияи Фархор бошад, касалии гелиотроп ба қайд гирифта шуд. Шуъбаи тандурустии вилоят, маркази санитарӣ- эпидемологии он баҳри пешгирӣ кардани касалиҳои сирояткунанда чораҳои таъҷилӣ меандешанд» [2,с.59,63]. Он замон шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб имконияти пешгирӣ намудани ин касалиро дар ноҳияҳои вилоят надошт. Маводи доруворӣ, сӯзандору намерасид. Барои беморон дар табобатхонаҳо кати хоб намерасид. Зеро, дар давраи ҷанги бародаркуш тамоми муассисаҳои тиббӣ харобу валангор гардида, тамоми мошинҳои ёрии таъҷилии он ба яғмо бурда шуда буданд. Инчунин, аксари мошинҳои ёрии таъҷилии шуъбаи тандурустӣ шахсӣ гардонида шуда буданд. Тавре дар мурофиатномаи раиси иттифоқи касабаи маркази ёрии тиббии шаҳри Кӯлоб Саидҷаъфаров ва сардухтури маркази ёрии тиббӣ Муттиев аз 26-уми декабри соли 1992 омадааст: "Ба телевизиони маҳаллии Кӯлоб, ба шуъбаҳои тандурустии шаҳру вилояти Хатлон, ба директори муассисаи мошинҳои ёрии таъҷилии вилоят, ба мардуми шарифи Кӯлоб, ба раиси Фронти халқии Тоҷикистон, ба раиси кумитаи иҷроияи шаҳри Кӯлоб, ба коркунони маркази ёрии таъҷилии шаҳри Кӯлоб мерасонем, ки маркази мо ба мардуми шаҳру ноҳияи Кӯлоб хизмати тиббӣ мерасонад, ки теъдоди аҳолии он беш 150 ҳазор нафар мебошад.

Дар маркази ёрии таъҷилии шаҳри Кӯлоб зиёда аз севуним-чаҳор моҳ мешавад, ки мошинаҳои ёрии таъҷилӣ ба халқ хизмат намерасонанд. Ҳоло бошад, ин ҳолати ногувор ба амал омадааст"[4]. Махсусан ин касалӣ дар совхози «Гулшан»-и ноҳияи Фархор ба зудӣ паҳн гардида буд. Касалӣ дар ҳудуди совхози номбурда аз моҳи октябри соли 1992 оғоз ёфта буд. Ин касалӣ дар ҳудуди совхози «50-солагии Тоҷикистон», колхози «Роҳи Ленин»,

минтақаи «Иттифоқ», «Оби-Тоҳир», колхози ба номи «Калинин»-и ноҳияи Фархор ва маҳаллаҳои гуногуни ноҳияи Восеъ касалии варами дигар паҳн шуда буд.То моҳи декабри соли 1992, дар давоми ду моҳ, барои пешгирии ин касал дар ҳамаи ноҳияҳои вилояти Кӯлоб чорае андешида нашуд.

Моҳи декабри соли 1992 шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб барои омӯхтани сабабҳои паҳншавии ин касалӣ мутахассисонро аз маркази ҷумҳурӣ даъват намуда, санҷиш гузаронид. Маълум шуд, ки танҳо дар совхози «Гулшан» 118 оилаи деҳқонон ба ин касалӣ гирифтор шуданд. Мувофиқи маълумоти сардухтури табобатхонаи ҳамин совхоз Абдулло Амирхонов аз ҳудуди совхози онҳо шумораи ба ин бемор гирифторшудагон дар як вақт то ба 640 нафар расида буд. Дар ибтидои моҳи январи соли 1993 дар ҳамин совхоз 395 нафар беморон ҳанӯз ҳам дар табобатхона буданд. Моҳҳои октябр - ноябри соли 1992 соҳибони беморон доруҳои пастсифатро аз 350 то 500 сумӣ мехариданд. Мардуми ноҳияи Ҳамадонӣ низ, ки дар замони муҳосираи иқтисодӣ аз хоҷагиҳои ноҳияи Фархор гандум харида буданд, ба касалии варами ҷигар гирифтор шуданд. Барои аз рафти табобати беморони ноҳияи Фархор огоҳ шудан, 5-уми феврали соли 1993 раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Вазири ҳарбии Россия Павел Грачев ва намояндагони бисёр ташкилотҳои байналмилалӣ ба ин ноҳия ташриф оварданд. Онҳо аз ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии мардуми ноҳияҳои Фархору Ҳамадонӣ аз наздик шинос гардиданд. Барои пешгирӣ ва табобати ин касали доруворӣ намерасид. Аз ин ҷост, ки пас аз намоишҳои телевизионӣ ва муроҷиати раиси Шурои Олии Тоҷикистон барои ба вазъияти Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои воқеӣ додан, рӯзи 5-уми феврали соли 1993 аз 14 мамлакати олам, аз ҷумла, Америко, Англия, Франсия, Арабистони Саудӣ, Эрон, Россия ва дигар давлатҳои дунё воқеанигорон ва журналистон омаданд [5,с.73]. Пас аз ин, ёрии башардӯстонаба мардуми зарардида зиёд шуд. Охири моҳи январи соли 1993 ба ноҳияи Фархор бештар аз 500 тонна орд, 120 тонна шакар ва 200 тонна гандум фиристода шуд. Мардуми ҷумҳурӣ аз ҳисоби пасандозҳои шахсии худ ба беморони Фархор то 12-уми моҳи феврали соли 1993 ба маблағи 2 миллиону 269 ҳазор сум кумакпулӣ фиристоданд.

Пас аз барқарор гардидани ҳокимияти қонунии Тоҷикистон давлатҳои соҳибихтиёри Қазоқистону Россия ба Тоҷикистон бештар аз 800 ҳазор тонна орду ғалла доданд. Барои тамоман пешгирӣ намудани ин касалии хатаровар Ӯзбекистони бародар 40 нафар духтурони ҳарбӣ ва бисёр таҷҳизоти техникии тиббӣ фиристод. Давлатҳои хориҷӣ ёрии башардӯстонаи худро ба мардуми Фархор ирсол карданд. Масалан, таҷҳизоти тиббӣ ва доруворӣ аз Олмон, Эрон, Америка ба Тоҷикистон фиристода шуданд.

Дар натиҷаи муҳосираи иқтисодӣ бештар оилаҳои камбизоат аз гуруснагӣ азият кашиданд. Махсусан кӯдакон ва наврасон дар ҳолати вазнин қарор доштанд. 1 декабри соли 1992 Кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилони халқии вилояти Кӯлоб зери рақами 227 «Дар бораи ҳолат ва чораҳои муътадил гардонидани вазъияти сиёсию иҷтимоӣ дар вилоят» қарори махсус қабул кард, ки дар он амалҳои ғайриқонунии гурӯҳу шахсони алоҳида ва ташкилоту муассисаҳо маҳкум карда шуд. Зеро, дар замоне ки аҳволи мардум аз нарасидани орд ба танг омада буд, бисёр ташкилоту корхонаҳо бо назардошти манфиати худ аз кори асосӣ даст кашида, ба хариду фурӯши озуқа машғул шуданд.

Касалии сироятӣ дар ноҳияи Восеъ низ паҳн гардида буд. То 5-уми феврали соли 1993 дар ин ноҳия 40 нафар беморон дар табобатхонаҳои ноҳия ба қайд гирифта шуданд, ки дар натиҷаи истеъмоли нони талх ба чунин касал гирифтор шуда буданд. Дар ноҳияи Восеъ инчунин аз истеъмоли алафи кампирчупон одамон ба беморӣ дучор шуда буданд.

Рӯзи 18-уми январи соли 1993 таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси навбатии раёсати Шӯрои Олии Тоҷикистон вазъияти ноҳияҳои Фархору Восеъро баррасӣ карда, дар ноҳияи Фархор ситоди марказӣ таъсис дод. Ситоди марказии ноҳияи Фархор ба кори дастрасу таъмин намудани маводи хӯрокворию доруворӣ ба дардмандон машғул гардид.

Рӯзи 18-уми январи соли 1993 бо супориши Президенти Ҷумҳурии Узбекистон, Ислом Каримов барои беморони касалии варами ҷигар ба ноҳияи Фархор 10 ҳазор дона гемодез,10 ҳазор дона сӯзандору фиристода шуд. Рӯзҳои 24-25-уми январи соли 1993 бародарони Ӯзбекистон беморхонаи сайёри замонавии дорои 50 кат ва 20 нафар духтурони дараҷаи олидорро ба ноҳияи Фархор фиристоданд. Кумитаи ҷабҳаи халқии Тоҷикистон ба Фархор -72 тонна орд, кумитаи иҷроияи шаҳри Душанбе-3 тонна қанд, 2 тонна равған, 100 тонна орд, 13 тонна макарон, 21 тонна картошка, Кумитаи Салиби Сурх ва ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари ҷумҳурӣ -18 тонна хӯрокворӣ, Кумитаи Амнияти Миллии Тоҷикистон -3,5 тонна орд, маркази тиҷоратии «Бостон»-и шаҳри Кӯлоб -16 хазор дона сӯзандору фиристоданд. Бо пулу маблағҳои аҳолӣ ҷамъкарда 15 нафар беморони вазнин аз тариқи чархбол ба шаҳри Душанбе фиристода шуданд. Бештар аз 50 нафари дигарро ба шифохонаҳои шаҳри Кӯлоб оварданд.

Рӯйхати кумакҳои расида хеле зиёд буданд. Чунончи, бошандагони Карамиршикори шаҳри Душанбе -13 ҳазор сум, аъзоёни Ҷамъияти маъюбони шаҳри Душанбе -20 хазор сум, кормандони Театри ҷавонони ҷумҳурӣ 15 ҳазор сум, Осорхонаи ба номи Беҳзод -12 ҳазор сум, заводи кимиёи Исфара -1 миллион сум, сокинони деҳаи Сурхи Исфара, ба маблағи 70 ҳазор сумина биринҷ, комиҷроияи шаҳри Кӯлоб - 5 ҳазор сум ба Фархор равон карда буданд. Кормандони Институти такмили ихтисоси омӯзгорон, маҷаллаи «Пайванд», Донишкадаи техникии Тоҷикистон, нашриётҳои «Маориф», «Адиб», иттиҳодияҳои «Боғпарвар» ва савдои китоби ҷумҳурӣ, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон маблағи якрӯзаи музди меҳнаташонро ба зарардидагон ирсол карданд.

### АДАБИЁТ


1. Ҷумҳурият. -1993, 23 январ.
2. Хатлон дар масири таърих. -Хуҷанд, 2006. -С. 299.
3. Бойгонии ҷории телевизиони шаҳри Кӯлоб, ф. 2. Оп. 2, варқаи 53; Шарифов Д., Маҳмадов И. Тоҷикистон дар давраи гузариш ба ҷомеаи сармоядорӣ. -Душанбе, 2010. -С. 69.
4. Бойгонии ҷории Кумитаи иҷроияи меҳнаткашони вилояти Кӯлоб, Фонди ҷорӣ, варақи 9.
5. Шарифов Д. Тоҷикистон дар давраи гузариш ба ҷомеаи сармоядорӣ / Д.Шарифов, И. Маҳмадов. -Душанбе, 2010. -С. 73.



**ВАЗЪИ ВИЛОЯТИ КӮЛОБ ДАР ДАВРАИ МУҲОСИРАИ ҲУКУМАТИ МУРОСОИ МИЛЛӢ**

Дар мақола оид ба бемориҳои сахт гирифтор шудани аҳолии баъзе навоҳии собиқ вилояти Кӯлоб, ки дар натиҷаи нарасидани маводи хӯрока ба вуқӯъ пайваста буд, сухан меравад. Ин ҳолати нангин, ки дар натиҷаи аз ҷониби Ҳукумати муросои миллӣ ба муҳосира гирифтани вилоят ба вуқӯъ пайваста буд ва чораҳои андешидаи ҳукумати нави кишвар дар соли 1993 мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** ҷанги шаҳрвандӣ, муҳосира, беморӣ, истеъмол, ҷумҳурӣ, вилоят, озуқа, заҳролуд, кумак, доруворӣ, алоқа, ноҳия, саломатӣ, фалаҷ, марг, тандурустӣ.

**КУЛЯБСКАЯ ОБЛАСТЬ В УСЛОВИЯХ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЛОКАДЫ ПРАВИТЕЛЬСТВА НАЦИОНАЛЬНОГО СОГЛАСИЯ**

В статье рассматриваются проблемы заболевания населения некоторых районов бывшей Кулябской области, в силу нехватки продовольствия. Данная ситуация была результатом блокады области со стороны так называемого правительства национального согласия. В работе речь идет об усилиях нового правительства страны по решению проблемы обеспечения населения самым необходимым и мерах по излечению заболевшего населения.

**Ключевые слова:** гражданская война, блокада, болезнь, потребление, республика, область, продовольствие, заражение, помощь, лекарство, связь, район, здоровье, паралич, смерть, здравоохранения.

**KULYAB REGION IN THE FACE OF THE ECONOMIC BLOCKADE OF A GOVERNMENT OF NATIONAL CONCORD**

This article discusses the problem of diseases the population of some areas of the former Kulyab province, due to food shortages. This stiacija was a result of the embargo from the so-called Government of national concord. In the work we are talking about the new Government's efforts to address the problem of providing the population with the most necessary and measures to cure the ill population.

**Key words:** civil war, blockade, illness, consumption, Republic, region, food, infection, help, medicines, communications, health, paralysis, death, health.



**Сведения об авторе:** ***Мирзоев Парвиз*** – Энергетический институт Таджикистана, соискатель. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Бохтар, ул. Айни, 67. **Телефон: 777-07-65-80; 93-588-99-22**

**Information about the author:** ***Mirzoyev Parviz*** - Energy Institute of Tajikistan, the applicant. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar, str. Aini, 67. Phone: **777-07-65-80; 93-588-99-22**



**УДК : 930 ; 37 (575.3)**


## САҲМИ ТАШКИЛОТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР БАРҚАРОРСОЗИИ МУАССИСАҲОИ МАВҶУДА ДАР СОҲАИ МАОРИФ


***Шарифзода Р.А.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Баъди пош хӯрдани ИҶШС Тоҷикистон соҳибистиқлолии худро эълон намуд, вале дар дохили давлат ҷанги шаҳрвандӣ сар зад, ки ин ба иқтисодиёт ва фарҳанги кишварамон таъсири худро расонид. Аз давраи соҳибистиқлолӣ сар карда, Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ равобити дипломатии худро ба роҳ монда, барои пешрафти илму маориф шароит муҳайё намуд. Бояд гуфт, ки баъди ба имзо расидани созишномаи сулҳ дар таърихи 27 июни соли 1997 раванди сохтмону барқарорсозии муассисаҳои таълимӣ вусъат ёфт. Акнун, Хукумати кишвар дар баробари зиёд намудани ҳаҷми маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷа ба соҳаи маориф, барои таъмиру барқарорсозии муассисаҳои

таълимӣ дар асоси Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи кишвар ҳамкориро бо созмонҳои байналмилалӣ ҷоннок намуд.

Қонунгузории сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», яъне аз соли 1992 сарчашма мегирад. Қонуни мазкур меъёри ҳуқуқии сармоягузорӣ, инчунин як қатор имтиёзҳои вобаста ба ситонидани андозро барои сармоягузорони хориҷӣ муқаррар намуд. Баъди сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишварамон бештари мактабҳои ҳамагонӣ ва донишгоҳҳои давлатӣ аз фаъолият бозмонда буданд, синфхонаҳо таъмир надоштанд, китобҳои дарсӣ намерасиданд, ки хонандагон онҳоро дастрас намуда, дониши лозимаро аз худ намоянд. Инро ба назар гирифта, Ҳукумати кишвар дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ин харобиҳоро обод ва таъмиру барқарор намуданд.

Дар барқарор намудани муассисаҳои таълимӣ, бар асари ҷанги шаҳрвандӣ харобгардидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин бунёд намудани макотиби нав як қатор ташкилотҳо ва созмонҳои байналмилалӣ нақши муҳим бозиданд. Аз ин миён метавон аз Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Рушд, Бонки Исломии Рушд, Бунёди Саудии Рушд, Хазинаи Кудакони СММ (ЮНИСЕФ), Бунёди Британияи Кабир, Институти «Ҷомеаи озод», «Бунёди мадад» ва созмони «Наҷоти кӯдакон»-и ИМА, Созмони ҳамкориҳои техникии Олмон (ГТЦ), Шӯрои амрикоӣ оид ба таҳсилоти байналмилалӣ (АКСЕЛ), Гранти Япония аз тариқи Бонки Рушд ва ғайра ном бурд. То соли 2006 Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо беш аз 25 созмону ташкилотҳои байналмилалӣ равобиту ҳамкорӣ барқарор намуда, баъдан бо чандин созмонҳои байналмилалии муқимии Тоҷикистон ва берун аз он шартномаҳо ба имзо расонида, ки бархе аз онҳоро дар зер меоварем [1,с.120]:

1. Созишнома оид ба ҳамкорӣ миёни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои амрикоӣ дар соҳаи маорифанд ба омӯзиши забонҳо аз 19 июни 1996;
2. Шартнома байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кумитаи байналмилалии Салиби Сурх оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф аз 14 сентябр соли 2001;
3. Созишнома миёни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони байналмилалии «Каре интернешнал» оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф аз 21 январи соли 2001;
4. Созишнома миёни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) оид ба тақсимоти кумакҳои башардӯстона [5,с.20].

Созишномаи байнидавлатӣ ва шартномаҳое, ки бо ташаббусҳои ташкилотҳои байналмилалии дунё ба имзо расидаанд, баҳри рушду такомули илму маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмати шоёне кардаанд. Тавассути ҳамин ҳамкориҳо чанд соли охир дар ҷумҳурӣ даҳҳо мактабҳои нав сохта шудаанд, садҳо биноҳои харобу валангоргаштаи кӯдакистонҳо, мактабҳои миёнаи ҳамагонӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷангзадаву офатрасида аз нав ободу зебо ва барқарор гардиданд. Дар соли 1996 тамоми манотиқи ҷангзадаи Тоҷикистон ба фаъолият оғоз намуданд. Дар ин вазъияти ниҳоят душвор ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Хазинаи Оғохон, кумитаи Ҳилоли Аҳмар, Салиби Сурх ва СММ дар кори сохтмону азнавсозӣ ва таъмири мактабҳо саҳм доранд. Дар соли 2001 аз ҷониби Боки Ҷаҳонӣ барои таъмиру сохтани мактабҳо (пилотӣ) 1,7 миллион доллар ҷудо шуд ва 10 мактаб пурра таъмир гаридида буд. Дар шаҳри Душанбе ва ноҳияи Рӯдакӣ таъмири 20 мактабро ЮНИСЕФ ба ухда гирифта буд [1,с.123].

Дар соли 2003 бошад, созмони байналмилалии ЮНИСЕФ барои муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ 129 700 адад дафтар, 88 416 адад ручкаю қалам, 5072 қуттӣ бӯр, барои 1130 ҷойи нишаст 65 адад маҷмӯи синфӣ (ҳар як маҷмӯа дорои 80 хонанда) ҷудо намуд. «Каре интернешнал» мактабҳои №28, №55, №38 ноҳияи Ёвонро аз таъмири асосӣ баровварда, мактаби №28-ро бо 204 маҷмӯи мизу курсии талабагӣ, 16 адад тахтаи синфӣ, 14 адад бухорӣ, 14,8 тонна ангишт таъмин намуд. Бонки Ҷаҳонӣ таъмири асосии бинои мактабҳои №82 ва 94-и шаҳри Душанберо барои 2349 хонанда, Бонки Исломии Рушд сохтмони бинои 7 мактаби нотамомро анҷом дода, онҳоро бо таҷҳизоти навтарин барои 5248 нафар хонанда ба истифода дод. Барои таълимгоҳҳои барқароршуда дар вилояти Суғд 4235 адад мизи талабагӣ, 8470 адад курсӣ, 329 мизу курсӣ барои муаллимон ва 210 дона тахтаи синфӣ ҷудо гардид [7,с.18].

Созмони байналмилалии ЮНИСЕФ бошад, барои 3 мактаби ноҳияи Ҷ. Расулов, 11 мактаби ноҳияи Конибодом ва 11 мактаби ноҳияи Истаравшан биноҳои ёрирасон сохта, ба истифода дод. Аз ҳисоби Вазорати маориф ва ташкилотҳои байналмилалӣ муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо 185 компютер, 20 адад принтер, 1746 мизу курсии талабагӣ, 6848 кг бӯр, 595 адад садодиҳандаҳои барқӣ, 6140 адад ҷадвалҳои даврии Менделеев таъмин карда шуданд. Сафоратхонаи Ҷопон мактаби таҳсилоти умумии №62-и

шаҳри Душанберо таъмири асосӣ карда, онро бо мизу курсӣ таъмин намуд. Бо ин мақсад 45000 сомонӣ маблағ сарф шуд. Сафорати мазкур инчунин барои таъмири мактаби миёнаи №20, 49000 сомонӣ ва барои мактаби №9-и пойтахт 59000 доллари амрикоӣ, барои сохтмони мактаб дар ноҳияи Фирдавсӣ 47 ҳазор доллар ҷудо намуд. Бо дастгири шуъбаи (Энергия ва маблағи об)-и намояндагии ИМА оид ба рушди Осиёи Марказӣ барои насби шабакаи гармидиҳии гимназияҳои №9 ва 53 ҷудо кардани 23 225 доллари амрикоӣ пешбинӣ гардид. Ибодатхонаи католикӣ барои мактаби таҳсилоти умумии №16-и пойтахт 10000 ва Фонди Сорос барои гимназияи №74 5000 доллар кумак расониданд. Тибқи созишнома байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди Сорос кор аз рӯйи барномаи таълимии «Қадам ба қадам» дар ду кӯдакистон дар вилояти Суғд ва яктогӣ дар вилояти Хатлон, шаҳри Душанбе ва Ваҳдат аз соли таҳсили 2003-2004 оғоз ёфт [2,с.64]. Ин муассисаҳои томактабӣ аз тарафи хазинаи Сорос бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин карда шуданд, ки барои самаранок гузаронидани машғулиятҳо мусоидат менамоянд. Дар ҷаласаи сармоягузорон бо мушорикати намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Рушди Осиё, ЮСАИД, Хазинаи Оғохон ва ЮНИСЕФ, ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, мувофиқа ба даст омад, ки тайи се соли оянда ба соҳаи маорифи ҷумҳурӣ 200 миллион доллари амрикоӣ маблағ ҷудо карда мешавад [3,с.206]. Дар соли 2003 аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ва сафоратхонаҳои кишварҳои хориҷӣ ба соҳаи маориф наздики 13 млн доллар кумак расонида шудааст, ки тибқи лоиҳаҳои барқароркунии макотиби нотамом аз ҳисоби Бонки Осиёии Рушд корҳои сохтмонӣ дар 6 мактаб ва як хонаи кӯдакон ба анҷом расонида шуд. Ин марказ ба макотиби сохташуда таҷҳизотҳои зарурӣ ва маводи зеринро таъмин намуд, аз қабили 4230 адад миз, 4607 адад курсӣ, 479 адад тахтаи синфӣ, 1222 адад ҷевон, 1952 адад маводи варзишӣ. Соли 2004 бо дастгирии молиявии Барномаи ЮСАИД/ПИКС ва бо дастгирии шарикони ӯ, бахусус Ташкилоти «Наҷоти кӯдакон»-и ИМА таъмири 16 бинои синфҳои ибтидоии мактабҳои навоҳии Колхозобод (Рум), Хуросон, Ҳамадонӣ, Ғончӣ анҷом ёфт ва аз оғози соли таҳсил ба истифода дода шуданд. Ҳаҷми маблағи таъмир 61 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил медод.

Бо дастгири Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зарфи солҳои 1999-2003 аз ҳисоби қарзи Бонки Ҷаҳонӣ барои татбиқи барномаи лоиҳаи ислоҳот дар соҳаи маорифи шаҳри Душанбе ва ноҳияи Рӯдакӣ 5530 ҳазор доллари амрикоӣ ҷудо карда шуд ва бо мақсади татбиқи лоиҳаи таҷдиди шуъбаи иҷтимоӣ (қисми маориф) 9 478 ҳазор доллари сарф карда шуд. Аз ҳисоби як қисми ин қарзҳои Бонки Ҷаҳонӣ дар барномаи якум 20 мактаб, яъне 15 мактаб дар ноҳияи Рӯдакӣ, 5 мактаб дар шаҳри Душанбе аз таъмир баромад. Ва аз ҳисоби қарзи Бонки Осиёии Рушд 116 мактаб таъмир гардид. Дар баробари ин, аз ҳисоби маблағҳои қарзии лоиҳаи азнавсозӣ ва ба анҷом расонидани сохтмони мактабҳои миёнаи Бонки Исломии Рушд ба маблағи 8 211 ҳазор доллари амрикоӣ, дар солҳои 1999-2003 дар деҳаи Ғончии ноҳияи Ҳисор, деҳаи Маҳмадшоҳи Поёни ноҳияи Рӯдакӣ, деҳаи Чинои ноҳияи Файзобод, деҳаи Оқсу ва шаҳраки ноҳияи Данғара, хонаи кӯдакон дар деҳаи Гулзори ноҳияи Бохтар сохта, ба истифода дода шудаанд [4,с.67].

Очень распространенной формой брака на Урале была так называемая «свадьба убегом». Такие свадьбы, состоявшие из одного венчания, могли быть истинными и мнимыми. Несогласие на брак родителей невесты (в случае разного вероисповедания) и препятствия к нему со стороны заводовладельцев толкали ее на совершение побега, который готовила родня жениха. Причиной мнимого побега было желание избежать расходов на свадьбу, поэтому происходил он с тайного согласия родителей невесты и, по свидетельству А.И. Лазарева, получил среди горнозаводского населения Урала большое распространение [10, с. 82].

Краткий досуг рабочих Урала, как и повсюду, заполнялся традиционными гуляньями, народными увеселениями, различными играми. Большинство увеселений сочеталось с полезным трудом на себя. Такой характер носили все уральские вечерки. В уральских

заводских поселках встречались следующие виды вечерок: помочи, копотихи, супрядки и капустки, имевших крестьянское «происхождение». Помимо вечерок в заводах Урала были широко распространены беседки (в других местах их называют посиделками). Для них время отводилось во время постов.Со святок до великого поста в заводах Урала были в хождении вечеринки, тогда же, по большей части, игрались и свадьбы. Устраивались вечеринки в домах молодых вдовушек либо солдаток. Нравы в заводах Урала были, по свидетельству многих очевидцев, гораздо более свободными, чем в среде сельского населения. В Нижне-Сергинском заводе в 1866 г., как отмечал автор газетной корреспонденции, «девицы на вечерках с молодыми людьми ведут себя довольно бесцеремонно – сидят у них на коленях, не стесняясь присутствия тятенек и мамонек» [6, с. 160].

Летом, в воскресные дни, а также на прокопьевской и троицкой неделях, заводская молодежь играла на переулках в хороводы, горелки и прочие игры. Наблюдая эти сцены, один из первых бытоописателей заводского Урала разночинец Николай Карнаухов писал: «Приятно смотреть, когда здоровые, стройные и красивые здешние девушки тихо и плавно ходят в хороводе с молодыми мужчинами, напевая старинные русские песни» [7, с. 56-57).

Еще одной характерной чертой праздничного времени являлись кулачные бои. У населения Нижне-тагильского завода особенно славились те из них, которые проводили на прудке у Медного рудника. Обязательным атрибутом праздника являлись также драки. Необычайная популярность драк среди рабочих могла быть отголоском и перерождением развитой традиции кулачных боев.Проведение рабочими праздников совершенно не совпадало с христианскими предписаниями, главным из которых было благочестие – молитва, трезвость, посещение церкви. Характерное для русских переплетение нескольких традиций празднования ощущалось и на горнозаводском Урале.

В горнозаводских районах к середине XIX в. одновременно действовало несколько традиций проведения праздника: церковная, народная, официальная, государственная, городская. Некоторые результаты их взаимного переплетения – благодаря расширению сфер воздействия, заимствованию элементов друг у друга – вполне можно рассматривать как новации. В итоге понятие «праздник» в горнозаводской среде отличалось большим многообразием – оно включало в себя почти все их виды, известные в России: воскресенья, общинные (церковные: престольные и Пасху с двунадесятыми, а также святки, Масленицу, заветные, пятницы, брамины) и семейные торжества, особо значимые ритуальные дни, гуляния-сборища, официальные гражданские, производственные. Но по отдельным районам, что в целом было характерно для России, наблюдалась «неоднородность праздничной картины».

Наиболее новационным в культуре праздников населения горнозаводских районов следует признать явление их десакрализации. Произошли изменения в восприятии праздника, как календарной вехи. Производственный цикл металлургических предприятий уже в XVIII в. создавал другое представление о времени, чем аграрный календарь. «Связь между праздничными днями и производственным трудом, – писал Р.Г. Пихоя, – живо ощущавшаяся крестьянством, в условиях заводского производства была разорвана». По мнению автора, это стало главной причиной принципиально иного отношения к праздникам, которое нашло свое отражение в требовании предоставлять отгулы за работу в праздники, в возможности их игнорировать, если они оплачивались. Соотношение праздников и будней перестало ощущаться как раз и навсегда заданный, незыблемый порядок. Борьба рабочих за увеличение «торжественных» дней, а властей за «разумное» сокращение их количества началась уже в XVIII в. Праздники стали ассоциироваться со свободным временем [12, с. 211-213].

Не случайно, наряду с насаждавшимися администрацией и церковью и официально признанными в рабочей среде возникли свои праздники, связанные с трудовыми процессами. Наиболее ярким из них являлось начало «караванной операции» – праздник «спишка», получивший свое название от «спихивания» – спуска на воду барок и отправки «железного каравана». По Чусовой караван отбывал чаще всего в Егория вешнего – 23 апреля. День был «не престольный» и официально непраздничный, но для рабочих пристаней являлся самым большим годовым праздником. Зарождение «спишки» исследователи относят к XVIII в.

В промышленных городах и поселках Урала во второй половине XIX в. появился обычай устраивать маевки, бывшие формой воскресного отдыха. В эти дни группы жителей – семьи с детьми, мужские, смешанные молодежные группы – уходили в окрестный лес, на речку, устраивали чаепитие, игры, пели песни. Позже, в начале XX в. маевки на многих заводах приобретают характер тайных сходок. Эти маевки, как формы воскресного отдыха, не имели строго закрепленных дат и проводились в конце апреля-мае, когда весна полностью набирала силу. При этом в праздничных гуляниях участвовали не только рабочие, но и другие категории

горнозаводского населения, которые ездили в этот день в лес, на берег реки или пруда для встречи лета. Если день был рабочим, то отправлялись туда после работы. Поздно вечером все возвращались домой [8, с. 161].В начале XX в. обычай маевок-пикников как переходящего весеннего праздника – воскресенья эволюционирует в направлении его юридического оформления как нерабочего дня. При этом уральские рабочие, в целом, были далеки от обоснования своей позиции необходимостью проявления солидарности с трудящимися других стран. Главным аргументом для них стало желание иметь свой собственный праздник. Как заявили 30 апреля 1902 г. рабочие прокатного, механического и снарядного цехов Златоустовского завода, «они празднуют все годовые праздники и царские дни, а теперь хотят устроить свой собственный праздник» [13, л. 475 об.]. О том, насколько велико было это стремление говорит распространение в октябре 1902 г. среди железнодорожных рабочих Уфы прокламации «с призывом не признавать царского дня, т.к. им не дают праздновать 1 Мая» [14, л. 356], свидетельствуют массовые первомайские забастовки в годы первой революции, в ходе которых рабочие, не предъявляя никаких требований, «просто» оставляли работу, пытаясь таким способом заставить власть законодательно закрепить «их» праздник.

На процесс формирования национального характера и национальной культуры значительное влияние оказывали социокультурные, исторические, этнические, географические факторы [15, с. 59], Это в полной мере относится к локальной культуре горнозаводского Урала. Переселившись в период промышленной колонизации на Урал, русские люди принесли с собой обычаи и традиции своих коренных мест. В период становления и развития уральской промышленности сформировалось горнозаводское население, которое вбирало культурные традиции мигрантов. Будучи частью национальной русской культуры (о чем свидетельствует стойкость бытования традиций), которая прежде всего была крестьянской, культура горнозаводского населения вместе с тем приобретала инновации, которые затем сами становились традиционными. Это дает основание считать, что к концу XIX в. в горнозаводских районах сложилась устойчивая общность бытового уклада, материальной и духовной культуры, во многом отличная от крестьянской.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. АГО. Ф. 29. Оп. 1. Д. 47, 52, 56.
2. АГО. Ф. 29. Оп. 1. Д. 32. Л. 1-12.
3. АГО. Ф. 29. Оп. 1. Д. 14. Л. 8-10;
4. АГО Ф. 29 Оп. 1. Д. 52. Л. 12.
5. Богословский П.С. О местных этнографических наблюдениях // На третьем фронте. 1923. № 2-3. С. 108-113.
6. Голикова С.В., Миненко Н.А., Побережников И.В. Горнозаводские центры и аграрная среда в России: взаимодействия и противоречия (XVIII –первая половина XIX в.). М.: Наука, 2000. 261с
7. Карнаухов Н. Этнографические черты города Чердыни Пермской губ. // Отечественные записки. 1848. № 3. Отд. 8. С. 54-59.
8. Крупянская В.Ю., Полищук Н.С. Культура и быт рабочих горнозаводского Урала. М.: Наука, 1971. 238 с.
9. Лазарев А.И. Рабочий фольклор Урала: об основных типах становления и развития нового типа художественного мышления народа. Иркутск, 1988. 290 с.
10. Лазарев А.И. Поэтическая летопись заводов Урала. Челябинск, 1972. 163 с.

12.Петухов Д. Горный город Дедюхин и окольные местности. СПб., 1864.

12. 172 с.

13.Пихоя Р.Г. Общественно-политическая мысль трудящихся Урала (конец XVII - XVIII в.). Свердловск, 1987. 272 с.

13.ЦГИА РБ Ф.187. Оп. 1. Д. 37. Л. 475 об.

14.ЦГИА РБ Ф.187. Оп. 1. Д. 59. Л. 356.

15.Михина О.В. Радушная и бездушная Россия в книге С.Шолль «Russland mit und ohne seele» // Гуманитарно-педагогические исследования. 2018. Т.2 №4. С.56-61.


**АНЪАНАВУ РАСМУ МАРОСИМҲОИ КОРГАРОНИ ЗАВОДИКӮҲИИ УРАЛ ДАР РАВАНДИ ИСЛОҲОТ**


Дар мақола махсусиятҳои фарҳанги маҳаллии заводикӯҳии Урал дар нимаи дуюми асри XIX ва оғози асри XX мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Омӯзиши қисматҳои анъанавии он аз мавқеи таҳлили муқоисавӣ – таърихӣ ва ошкорсозии махсусиятҳои минтақавии фарҳанги заводикӯҳӣ бурда мешавад. Муқоисаи онҳо имконият дод чунин хулосабарорӣ намоем, ки то оғози асри XX дар кишвар анъанаи умумироссиягии маросимӣ бо баъзе хусусиятҳои маҳаллӣ бартарӣ дошт. Дар баробари ин, анъанаҳои нав дар фарҳанг ва рӯзгори коргарони заводикӯҳӣ қайд карда шудаанд, ки зери таъсири махсусиятҳои рушди саноати маҳаллӣ дар раванди азнавсозӣ ба миён омадаанд. Яке аз анъанаҳои аҳамиятнок - – «спишка» - Иди оғози равонасозии корвонҳо бо оҳан аз заводҳои Урал ба губернияҳои маркази мамлакат мебошад ва бамиёноии анъанаи ташкил кардани маевкаҳо ҳамчун шакли истироҳати рӯзи якшанбе дар охир асри XIX мебошад. Баъдтар анъанаи маевкаҳо – сайричорбоғ ба тарафи барасмиятдарории ҳуқуқии он ҳамчун рӯзи истироҳат тамоил намуда, ранги сиёсӣ ба худ касб менамояд. Дар оянда ин идҳо дар фарҳанги идҳои аҳолии маҳаллии заводикӯҳии Урал арзиши худро аз даст дода ба рӯзҳои истироҳат мушобеҳ гардиданд. Дар умум, пайвасташавии анъанаҳо ва навгониҳо, махсусиятҳои маҳаллӣ ба фарҳанги аҳолии заводикӯҳии кишвар дар оғози асри XX рангу ҷилои нав ато намуд.

**Калидвожаҳо**: анъанаҳо, расму русум, Урали заводикӯҳӣ, коргарон.

**ТРАДИЦИИ И ОБЫЧАИ РАБОЧИХ ГОРНОЗАВОДСКОГО УРАЛА В ПОРЕФОРМЕННЫЙ ПЕРИОД**

В статье рассматриваются особенности локальной культуры горнозаводского Урала во второй половине XIX – начале XX в. Изучение ее традиционных компонентов ведется с позиций сравнительно-исторического анализа и выявления на этой основе региональных особенностей уральской горнозаводской культуры. Их сравнение позволило прийти к выводу о том, что к началу XX в. в крае преобладала общерусская обрядовая традиция с некоторыми местечковыми особенностями. Наряду с этим выделены новые обычаи в культуре и быту горнозаводских рабочих, которые появились под влиянием особенностей развития местной промышленности в процессе российской модернизации. Наиболее значительными из них стали праздник начала отправки караванов с металлом с уральских заводов в центральные губернии страны – «спишка» и появление в конце XIX в. обычая устраивать маевки как формы воскресного отдыха. В дальнейшем обычай маевок-пикников эволюционирует в сторону его юридического оформления как выходного дня и приобретает политическую окраску. Наиболее новационым в культуре праздников населения горнозаводских районов стало явление их десакрализации, а сами праздники для рабочих стали ассоциироваться со свободным временем. В целом, сочетание традиций и новаций, местной специфики придавало особый колорит культуре горнозаводского населения края в начале XX в.
**Ключевые слова**: обычаи, традиции, ритуалы, горнозаводской Урал, рабочие.

**TRADITIONS AND CUSTOMS OF THE MINING WORKERS OF THE URALS IN THE POST-REFORM PERIOD**

The article deals with the peculiarities of local culture of the mining Urals in the second half of the XIX – early XX century. The study of its traditional components is conducted from the standpoint of comparative historical analysis and identification on this basis of the regional features of the Ural mining culture. Their comparison led to the conclusion that by the beginning of the XX century in the region prevailed all-Russian ritual tradition with some parochial features. Along with this, new customs in the culture and life of mining workers, which appeared under the influence of the development of local industry in the process of Russian modernization. The most significant of them became the occasion to start sending convoys of metal from the Ural factories in the Central province of the country – "Spisska" and the emergence in the late nineteenth century customary to arrange the may day as a form of Sunday rest. In the future, the custom of may day picnics evolves in the direction of its legal registration as a weekend and acquires political overtones. The most innovative in the culture of holidays of the population of mining regions was the phenomenon of their desacralization, and the holidays for workers became associated with free time. In General, the combination of traditions and innovations, local specifics gave a special flavor to the culture of the mining population of the region in the early XX century.
**Keywords**: customs, traditions, rituals, mining Ural, workers.

**Сведения об авторах:** ***Коробков Юрий Дмитриевич*** **–** ФГБОУ ВО «Магнитогорский государственный технический университет им. Г.И. Носова»; доктор исторических наук, профессор кафедры Всеобщей истории. **Адрес:** 455000, Россия, Челябинская обл., г. Магнитогорск, пр. Ленина, 38
***Королѐв Никита Сергеевич*** **–** ФГБОУ ВО «Челябинский государственный институт культуры»; кандидат исторических наук, доцент кафедры истории. **Адрес:** 454091. Российская Федерация, Челябинск, ул. Орджоникидзе 36-а. E-mail: **korolev_ns_@mail.ru.**

**Information about the authors**: **Yuri Korobkov Dmitrievich** – of the Nosov Magnitogorsk State Technical University; doctor of historical Sciences, Professor of the Department of General history. Address: 38, Lenina Ave., Magnitogorsk, Chelyabinsk region, 455000, Russia
**Korolev Nikita Sergeevich** – Chelyabinsk state Institute of culture; candidate of historical Sciences, associate Professor of the Department of history. Address: 454091. Russian Federation, Chelyabinsk, street Ordzhonikidze, 36. E-mail: **korolev_ns_@mail.ru.**

**УДК:930.85 (09) (575.3-25)**

# ҶАББОР РАСУЛОВ-ПОЯГУЗОРИ БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ КОМПЛЕКСИ ҲУДУДӢ-ИСТЕҲСОЛИИ ТОҶИКИСТОНИ ҶАНУБӢ

***Темиров Х.З.***
**Донишгоҳи давлати Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров**

Шинохти симоҳои барҷастаи таърихӣ, омӯзиши осор ва зиндагиномаи ходимони сиёсии давлатӣ, зиёиён ва аҳли адабу фарҳанг дар замони соҳибистиқлолии кишвар ба як самти муҳимми сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтаву баргузории ҷашнҳои таърихӣ, чопи асарҳои илмиву бадеӣ ва бунёди муассисаҳои тиббӣ, фарҳангиву таълимӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки мардуми тоҷик чун халқи тамаддунофар дорои хазинаи бузурги илмӣ ва бадеиянд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон хеле бамаврид гуфта буд: «Солҳои 60-ум дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ пешравиҳои басо ҳайратовар ва тақдирсоз ба миён омаданд. Фаъолияти созандагию ободкории сарварони мамлакат ба табъи роҳбарони онвақтаи шӯравӣ писанд наомад.

Паси ҳам бо баҳонаҳои гуногун роҳбарони олимақом Турсун Ӯлҷабоев, Назаршо Додхудоев, Пётр Степанович Обносов аз вазифа барканор гардиданд. Хушбахтона ба

сари қудрат Ҷаббор Расулов ва Абдулаҳад Қаҳҳоров барин фарзандони содиқи Ватан омаданд» [9]. Номи инсони бузург - Ҷаббор Расулов ходими барҷастаи сиёсӣ ва давлатӣ бо инкишофи ҶШС Тоҷикистон зич марбут аст. Вай ҳамеша мекӯшид ҳаёташро ба кори ҳизб ва давлат, сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ зич пайваст намояд, ҳар нафас, ҳар рӯзи ҳаёташро ба хизмати халқ сарф кунад. Барои пешрафти иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон дар байни роҳбарони сиёсии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ мақоми Ҷаббор Расулов хеле равшан ва барҷаста мебошад. Ҷаббор Расулов дар тӯли беш аз 20 сол роҳбарии ҷумҳуриро ба уҳда дошт ва метавон ин давраро яке аз давраҳои муҳимми таърихии рушди иқтисодиёт, иҷтимоиёт, илму маърифат ва фарҳанги ҷумҳурӣ номид. Ҷаббор Расулов, ки фаъолияти меҳнатии худро аз соҳаи пахтакорӣ оғоз намуда буд, дар он солҳо ба баланд бардоштани истеҳсоли «тиллои сафед» диққати махсус зоҳир менамуд. Дар давраи роҳбарии Ҷаббор Расулов дар радифи дигар соҳаҳои муҳимми хоҷагии халқ, соҳаҳои фарҳангу маориф низ рӯ ба инкишоф ниҳоданд. Дар ҳаёти маънавии ҷумҳурӣ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд.

Ҷаббор Расулов яке аз симоҳои намоёни давлатӣ, ҳизбӣ ва ҷамъиятии Тоҷикистон, балки Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Зиндагии ин марди наҷибу шариф мактабест қобили пайравӣ барои сарварони ҷавон. Ӯ аз соли 1939 ба узви ҳизби коммунист пазируфта шуд ва минбаъд дар кӯраи матонату мардонагӣ ва ҳақиқатпешагӣ обутоб ёфт. Ҷаббор Расулов аз мардони қавиироди Ватан буд, ки дар ободу гул-гулшукуфии Тоҷикистон баъди С. Айнӣ ва Б. Ғафуров дар тарбияи пиру барно, махсусан ҷавонони далери Тоҷикистон хизмати шоиста кардааст [2,с.5]. Дар тартиб ва татбиқи барномаи Комплекси ҳудудӣ-истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ Ҷаббор Расулов саҳми мушаххас гузоштааст. Зиёда аз 20 сол Ҷ. Расулов бевосита роҳбарии ҷумҳуриро ба уҳда дошта, дар ободии Ватан, алалхусус пешрафти саноат, кишоварзӣ, фарҳанг ва илм хизмати босазо намудааст. Дар ҳамин давра Тоҷикистон чун ҷумҳурии тараққикарда шинохта шуда, соҳаҳои гуногуни саноат ба вуҷуд омада, синфи коргари миллӣ ташаккул ёфт, истеҳсоли пахта то ба як миллион расида (1980), як қатор муассиса ва ташкилотҳои нави фарҳангӣ бунёд шуда, амалан фаъолият нишон доданд [5,с.36]. Яке аз шахсоне, ки солҳои тӯлонӣ бо Ҷаббор Расулов кор кардааст, Низорамоҳ Зарифова буда, дар ҳаққи эшон чунин навиштааст: «Бо Ҷаббор Расулов солиёни зиёд кор карда, дарк намудам, ки ӯ шахсияти бузург, кордон, серталаб, сахтгир, маслиҳатгар ва фарди ҷонсупурдаи меҳан будааст. Зеро аз ҳар ҷиҳат шукуфоӣ ва ободии Тоҷикистон, бунёди иншоотҳои азими барқӣ, обёрӣ, фабрикаву заводҳо, роҳу нақлиёт, васоити шабакаҳои алоқа, пешрафти тамоми шеваҳои кишоварзӣ, инкишофи фарҳанг, маориф, тандурустӣ ва ғайра ба фаъолияти ӯ марбут аст. Ӯ ҳамчун ходими забардасти давлатӣ хуб мефаҳмид, ки пешрафти кор, қабл аз ҳама, аз интихоби дуруст ва ҷо ба ҷо гузоштани кадрҳои болаёқату донишманд, поку ҳалолкор вобаста аст. Дар ин ҷода барои ӯ шахсияти асил ва кордон лозим буд, на ҳамшаҳр ва на хешу наздиконаш. Шояд ҳамин буд, ки ӯ дар тамоми гӯшаву канори кишвар маҳбубият дошту душмани маҳалгароӣ буд. Чунки натиҷаи ин хислатҳои наҷиби роҳбари давлат ва ҳизб пешрафти ҷумҳурӣ дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт мушоҳида мешуд. Беҳуда нест, ки таҳти роҳбарии ӯ пахтакорони Тоҷикистон соли 1980 беш аз 1 млн тонна "тиллои сафед" ба хазинаи давлат супориданд. Ватан заҳмати фарзандашро бо унвони баланди Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ қадр кард» [4,с.92]. Дар солҳои 50-80-ум инқилоби илмӣ-техникӣ босуръат тараққӣ мекард, ки Тоҷикистон чун узви ИҶШС дар асоси техникаи нав ва технологияи пешқадам саноати худро пеш барад, зеро бойигарии табиаташ имконият медод, ки дар ҷумҳурӣ соҳаҳои гуногуни саноат, ба монанди кӯҳканӣ, металлкоркунӣ, электроэнергетика, саноати масолеҳи бинокорӣ, хӯрокворӣ ва ғайра инкишоф дода шаванд. Хусусан соҳаи саноати сабук, пахтатозакунӣ, равғанкашӣ, абрешим, пойафзолбарорӣ, консервабарорӣ метавонистанд бо суръати баланд тараққӣ намоянд.

Аз нимаи дуюми солҳои 50-ум сар карда дар Тоҷикистон корхонаҳои нави саноатӣ сохта мешуданд. Дар як муддати кӯтоҳ сохтмони истгоҳҳои барқии Шар-шар дар дарёи Вахш ва Қайроққум дар дарёи Сир ба охир расид. Дар солҳои 60-80-ум барои рушди хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити хуб муҳайё гардид. Ҳукумати Иттифоқ барои пешрафти саноат ва кишоварзии ҷумҳурӣ маблағҳои зиёд ҷудо намуд. Агар дар солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ ва солҳои баъдиҷангӣ бештар ба инкишофи саноати ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон диққат дода шуда бошад, пас аз солҳои 60-ум сар карда, дар асоси барномаи махсус ба азхудкунӣ ва тараққиёти ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳурӣ аҳамият дода шуд. Чунки дар қисмати ҷанубии Тоҷикистон барои пешрафти хоҷагии халқ ашёи зиёди хом, захираҳои обӣ, қувваи корӣ вуҷуд дошт ва зерсохторҳои муайян низ мавҷуд буданд. Бинобар ин, Ҳукумати ҷумҳурӣ Барномаи Комплекси ҳудудӣ-истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубиро қабул намуд. Мувофиқи ин барнома бояд, пеш аз ҳама, объектҳои

зерин: ГЭС-ҳои Норак, Бойғозӣ, Роғун, заводи алюминийи тоҷик, Комбинати электрохимиявии Ёвон, Комбинати металлургӣ-кӯҳии Анзоб, Комбинати азотии Вахш, роҳи оҳани Ёвон-Кӯрғонтеппа-Тирмиз ва ғайра ба кор медаромаданд. Татбиқи чунин барнома воқеӣ буда, дар Тоҷикистон соҳаҳои нави саноат бояд ба вуҷуд меомаданд.Миқёси ин комплексро аз рақамҳои зерин дидан мумкин аст: майдони он 37 фоизи тамоми ҳудуди Тоҷикистонро ишғол карда, дар он 62 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ иқомат дошт. Ба шарофати ин иқтидори саноати Тоҷикистон пайваста афзуда, дар рӯзгори мардуми ин ноҳияҳо дигаргуниҳои ҷиддии иҷтимоӣ ба вуҷуд омаданд. Масалан, Норак, Ёвон, Турсунзода ба шаҳрҳои хуби замонавӣ табдил ёфтанд. Нахустин корхонаи металлургияи рангаи ҷумҳурӣ - Заводи арзизи Турсунзода ба истеҳсоли маҳсулот шурӯъ намуд [5,с.37]. Дар айни ҳол 8 ҳазор нафар аҳолии маҳаллӣ дар он кору фаъолият менамоянд. Маҳсулотҳои заводи арзизи Турсунзода ба 15 кишвари хориҷӣ содирот карда мешавад. Дар даромадгоҳи Заводи алюминийи тоҷик чунин сабт шудааст: «Заводи арзизи Турсунзода –шиносномаи иқтисодиёти Тоҷикистон». Масоҳати умумии завод 342 га-ро ташкил медиҳад. Бузургӣ, шукӯҳу шаҳомати овозадори Заводи алюминийи тоҷик бандаро низ дар канор намонд. Моҳи июли соли 2017 банда аз ин иншооти бузурги кишварамон дидан намудам ва дарк намудам, ки дар иқтисодиёти Тоҷикистон мавқеи ин завод ниҳоят калон буда, бесабаб онро «Шиносномаи иқтисодиёти Тоҷикистон» нагуфтаанд. Дар қатори дигар корхонаҳои саноатӣ Заводи алюминийи тоҷик низ дар давраи сарварии котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон будани Ҷаббор Расулов сохта, ба истифода дода шудааст. Роҳи оҳани сербари Тирмиз-Қӯрғонтеппа-Ёвон сохта шуд, ки яке аз ҳадафҳои стратегии давлат ба ҳисоб меравад.

Моҳи апрели соли 1963 Ҷ. Расулов дар пленуми КМ ҲК Тоҷикистон, ки масъалаи «Дар бораи чораҳои таъмин намудани сохтмони ГЭС-и Норак»-ро мавриди муҳокима қарор дода буд, исроркорона аз ташкилотҳои иттифоқӣ талаб намуд, ки то 1 июли соли 1963 аз Тошканд ба Душанбе ҳамаи гурӯҳҳои мутахассисон, ки бо лоиҳакашии ГЭС-и Норак алоқа доранд, кӯчонида шаванд. Ҷ. Расулов қувва ва ғайрати худро барои ҳалли масъалаҳои манфиатҳои миллӣ дошта равона мекард. Маҳз бо роҳбарии бевоситаи ӯ қисми зиёди иншоотҳои Комплекси ҳудудӣ-истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ ва маркази асосии он - неругоҳи барқии Норак дар мӯҳлати муқарраршуда ба кор даромаданд.

«Фақат ба туфайли обрӯи Ҷ.Расулов дар КМ ҲКИШ ва ҳукумати Иттифоқ сохтмони туннели Данғара барои обёрӣ намудани 80 ҳазор гектар заминҳои дашти Данғара, роҳи Кӯлоб - Қалъаи Хумб, Хоруғ - Мурғоб ва ГЭС-и Норак ба нақша гирифта ва бунёд шуд» [10,с.215]. Дили энергетикии Комплекси минтақавии ҳудудӣ-истеҳсолии ҷануби Тоҷикистон бузургтарин истгоҳи барқии Осиёи Миёна - ГЭС-и Норак буд. Иқтидори танҳо як турбинаи он аз иқтидори нахустин боргоҳи нури ҷумҳурӣ-ГЭС-и Варзоб 40 баробар зиёд буд. Ҳол он ки дар Норак 9-то ҳамин хел турбина гузошта шуда буд. Иқтидори ГЭС 2,7 млн. киловатт буд, ки аз неруи ҳамаи истгоҳҳои электрикии сохтмонашон дар нақшаи ГОЭЛРО пешбинишуда қариб як миллион киловатт соат зиёд аст. Ҷаббор Расулов бо ифтихор мегуфт, ки Норак барои муҳандисони шӯравӣ мактабест, ки дар он малакаю маҳорат инкишофу сайқал ёфта, ҳазорон бинокорон таҷриба меомӯзанд. ГЭС-и Норак ҳанӯз соли 1979 хароҷоти сохтмонро бароварда буд. Ин иншооти бузурги гидроэнергетикӣ ба номи яке аз арбобони сиёсиву ҷамъиятӣ - Турсун Ӯлҷабоев номгузорӣ карда шудааст. Ҷаббор Расулов на танҳо дар сохтмони ин неругоҳ, балки барои сохтмони НБО-и Роғун низ замина гузоштааст. Ӯ асоснок будани зарурияти сохтмони неругоҳро исбот кардааст ва аввалин дархострo оиди сохтмони НБО-и Роғун ҳамроҳи котиби якуми КМ ПК Ӯзбекистон Шароф Рашидов тартиб дода, ба Маскав фиристодааст. Ростӣ, тавре ки нақл мекунанд, иқдоми ирсоли дархост ба Шароф Рашидов тааллуқ дошта, нахуст зери ҳуҷҷати мазкур имзоро бо талаби роҳбари Тоҷикистон маҳз Рашидов гузоштааст. Дар замони истиқлолият бо заҳмат ва талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми сулҳдӯсту меҳнатқарини Тоҷикистон санаи 16 ноябри соли ҷорӣ чархи аввали НБО Роғун ба кор даромад. Ин иншооти бузурги аср буда, бо нури равшаниаш ба ҳар хонадони тоҷик ворид гардида, мардуми моро ба орзу ва ниятҳои нек расонид.Таърих исбот намуд, ки мардуми шарифи Тоҷикистон тахти сиёсати хирадмандони Пешвои миллат дар соҳаи электроэнергетика низ ба дастоварди баланд ноил гардид ва ин коре буд, ки дар замони шӯравӣ тарҳрезӣ шуда, бо сабабҳои гуногун сохтмон нотамом монда буд. Дар рӯзи таърихӣ ва фархундаи 16 ноябр боз як ҷашни беназир - ифтитоҳи чархи аввалини НБО Роғун ҳамроҳ гардид, ки дар таърихи халқи тоҷик бо хатҳои заррин сабт гардидааст.

Аз ҳама муҳимаш он аст, ки он корхонаҳое, ки мувофиқи Барномаи давлатии Комплекси ҳудудӣ-истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ сохта ба истифода дода шудаанд, имрӯз низ дар иқтисодиёти Тоҷикистони соҳибистиқлол нақш ва мавқеи бузург доранд.

Ҷ. Расулов кӯшиш мекард, ки мутахассисони роҳбарикунанда, пеш аз ҳама, аз рӯйи сифатҳои кордони сиёсӣ будан интихоб шаванд, на аз рӯйи аломатҳои ҳамшаҳрӣ, хешу таборӣ ва ғайраҳо. Дар солҳои 1958-1960 дар ҷумҳурӣ амалияи изофанависӣ ҷой дошт, ки он ба хоҷагии халқ, хусусан пахтакорӣ зарари калон расонд. Оиди ин масъала пленуми VII КМ Тоҷикистон қарорҳои дахлдор қабул намуд. Маҳз дар ҳамин пленум Ҷ.Р. Расулов котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон интихоб карда шуд.

Соли 1980 дар Тоҷикистон зиёда аз 100 соҳаи истеҳсолоти саноати замонавӣ, қариб 400 корхонаи азими саноати мошинсозӣ, энергетикӣ, металлургияи ранга, химиявӣ, масолеҳи бинокорӣ ва ғайра мавҷуд буд. Танҳо як худи саноати пахтатозакунии ҷумҳурӣ назар ба тамоми Русияи подшоҳӣ ду баробар бештар ашёи пурқимати бофандагӣ тайёр мекард. Дар Тоҷикистон соҳаи кишоварзӣ ҳам пайваста рушд мекард. Замини обӣ дар ҷумҳурӣ соли 1980 ба 610 ҳазор гектар расид. Маҷрои дарёи пуртуғёни Вахш баста шуд ва оби он заминҳои асрҳои аср ташналаби Ёвону Обикиикро шодоб кард. Ин заминҳо ба киштзорҳои шукуфони “тиллои сафед” табдил ёфтанд. Обёрии дашти Данғара низ оғоз гардид. Дар Ашти калон совхозҳои нахустин ба майдон омаданд. Колхозу совхозҳо бо техникаи пуриқтидор таъмин карда мешуданд. Соли 1980 дар саҳроҳои ҷумҳурӣ 33 ҳазор трактор, 10 ҳазор култиватор, 25 ҳазор автомобили боркаш, 4,5 ҳазор мошини пахтачин, 8 ҳазор тухмипошак ва бисёр техникаи дигар кор мекард. Истеҳсоли пахта аз 1 миллион тонна гузашт, ҳосилнокӣ аз ҳар гектар ба 32,8 сентнер расид, ки ин орзуи деринаи Ҷаббор Расулов буд [4,с.93]. Дар сохтмони Комплекси агросаноатии Тоҷикистони Ҷанубӣ қариб ҳамаи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бевосита саҳм гузоштанд. Ёрии онҳо, пеш аз ҳама, дар саривақт фиристодани мутахассисони соҳибтаҷриба, бо таҷҳизоти нав, технологияи пешқадам таъмин намудан ва ғайра зоҳир мешуд. Дар натиҷаи амалӣ гардидани барномаи Комплекси ҳудудӣ-истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ шаҳрҳои Душанбе, Турсунзода, Норак, Ёвон, Кофарниҳон, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва ғайра ба шаҳрҳои калони саноатӣ табдил ёфтанд. Дар давоми 29 сол зиёда аз 300 корхонаю сеҳҳои калони саноатӣ сохта шуда, ба кор даромаданд. Соҳаҳои нави саноат, ба монанди металлургияи ранга, кимиё, электроэнергетика ва ғайра ташкил ёфта, намуд ва ҳаҷми маҳсулот афзуд. Танҳо истеҳсоли барқ се маротиба зиёд шуда, солҳои 1980 ба 13,6 млрд кВт расид [5,с.38].

Ҷаббор Расулов дар таърихи сиёсии асри XX яке аз чеҳраҳои дурахшоне мебошад, ки тамоми вуҷуди худро барои саодати инсон ва воқеӣ гаштани арзишҳои волои ҷомеаи адолати иҷтимоӣ сафарбар намуд. Номи ӯ дар таърихи рушди ҳамаҷонибаи Тоҷикистони Шӯравӣ ба таври абадӣ сабт шудааст. Маҳз фидокориҳои камназири Ҷаббор Расулов буд, ки неруҳои иқтисодӣ, истеҳсолӣ, зеҳнӣ ва маънавии ҷумҳурӣ ба авҷи инкишоф расиданд ва Тоҷикистон ангуштнамои оламиён гардид. Ҳастии чунин роҳбар қобили пайравӣ буда, зиндагиномаи ӯ мактаби бузурги хештаншиносӣ ва ватандорист ва номи ӯ дар саҳифаҳои таърих бо некӣ ҳаккокӣ шудааст. Оромгоҳи ин шахсияти сиёсӣ ва ҷамъиятии Тоҷикистони Шӯравӣ дар мавзеи Лучоби ш.Душанбе воқеъ буда, зиёратгоҳи дӯстдорони таърих ва фарҳанги ниёгон ба ҳисоб меравад. Он шахсе, ки дар саҳифаҳои таърих бо кору номи худ нақш ёфта, дар дили мардум маскан гирифтааст, умри абадзинда дорад. Ҷаббор Расулов аз зумраи он шахсонест, ки дар таърихи кишвари азизаш ва қалби халқи маҳбубаш бо хизмати арзандааш абадӣ ҷой гирифтааст. Дар ин мазмун як ҳикмати нависандаи бузурги рус Л.Н.Толстойро овардан бамаврид аст: «Барои он ки инсони барои ҷомеаи фардо зарурро тарбият бикунӣ, ҳамеша шахсияти комилро дар ёд дор ва пеши чашм ор, бешак, чунин инсони равшанзамиру равшанравон сазовори авлод мешавад, ки дар он ҷомеа хоҳад зист». Ин суханонро бевосита ба фарзанди арзандаи халқ Ҷ.Расулов нисбат додан мумкин аст, ки фаъолияту зиндагии ӯ бевосита ба ҳаёти халқ пайваст буд.

Барои абадӣ гардонидани хотираи Ҷаббор Расулов яке аз ноҳияҳои вилояти Суғд (Пролетар) бо Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.1993 таҳти №583 ба номи ӯ гузошта шудааст. Совхоз дар вилояти Хатлон, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №22 ш Хуҷанд ва яке аз кӯчаҳои ш.Душанбе низ номи ӯро гирифтаанд.

**АДАБИЁТ**


1. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат / Эмомалӣ Раҳмон. -Душанбе: Ирфон, 2002. -259 с.
2. Набиев В.М. Арбоби барҷастаи давлатӣ. Монография / В.М. Набиев, А.М. Гафуров, В.Д. Привознова. -Душанбе: Ирфон. -2003. -175 с.
3. Зиндаёд (хотираҳо дар бораи арбоби барҷастаи сиёсиву давлатӣ Ҷаббор Расулов). Монография. -Душанбе, 2003. -270 с.

4. Солибоев Ҳ. Замон ва одамон. Монография / Ҳ. Солибоев. –Душанбе: Ирфон, 1976. -284 с.
5. Набиева Р. Таърихи халқи тоҷик.Китоби дарсӣ / Р. Набиева, Р. Зикриёев. - Душанбе: Маориф, 2016. -290 с.
6. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. -Душанбе, 2012. - 642 с.
7. Чиллаев И. Роҳбари ғамхор, инсони шариф, марди некном / И. Чиллаев // Садои мардум. - 2003. -10 июл.
8. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 80-солагии Маҳмадулло Холов / Эмомалӣ Раҳмон // Ҷумҳурият. - 2000.-январ.
9. Зарифова Низорамоҳ. Мусоҳиба бо зани сиёсатмадори тоҷик, ҳамкор ва ҳамасри Ҷаббор Расулов / Низорамоҳ Зарифова. –Душанбе, 2018. -январ.
10. Энсиклопедияи советии тоҷик (ЭСТ). -Душанбе, 1986. -Ҷилди 6.-215 с.

**ҶАББОР РАСУЛОВ-ПОЯГУЗОРИ БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ КОМПЛЕКСИ ҲУДУДӢ-ИСТЕҲСОЛИИ ТОҶИКИСТОНИ ҶАНУБӢ**

Дар мақола саҳми арбоби барҷастаи ҳизбӣ ва давлатӣ, котиби якуми Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон Ҷаббор Расулов (1961-1982 дар амалишавии Барномаи давлатии Комплекси ҳудудӣ-истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ нишон дода шудааст. Муаллиф бар он назар аст, ки маҳз бо кӯшиш ва заҳматҳои ин шахсияти таърихӣ барномаи мазкур тарҳрезӣ гардида, дар муддати муайян иншоотҳои азим сохта, ба истифода дода шудаанд, ки имрӯз низ аҳамияти стратегии худро гум накардаанд. Ҳамчунин, шахсияти таърихӣ-Ҷаббор Расулов чун абармарди саҳнаи сиёсат ва хидматҳои беназири ӯ дар асоси таҳлилҳои илмӣ воқеъбинона баҳо дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** НБО, электроэнергетика, инқилоби илмӣ-техникӣ, металлургияи ранга, сотсиалистӣ, тиллои сафед, заводи арзизи тоҷик, котиби аввал, ҳизби коммунист, агрегат, иқтидор.

**ДЖАББОР РАСУЛОВ-ОСНОВАТЕЛЬ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПРОГРАММЫ ЗОНАЛЬНО-ПРОИЗВОДСТВЕННОГО КОМПЛЕКСА ЮЖНОГО ТАДЖИКИСТАНА**

В данной статье говорится о большом партийном и государственном вкладе первого секретаря Коммунистической Партии Таджикистана Джаббора Расулова (1961-1982) во время осуществления комплексно-зональной программы Южного Таджикистана. Автор имеет такую точку зрения, потому что усилиями и старанием этого исторического деятеля по программе Южного Таджикистана за определенное время построены большие сооружения и сданы в эксплуатацию, что и сегодня не потеряло своего стратегического значения. В данной статье реально оценивается именно такой исторический деятель, как Джаббор Расулов, который является выдающимся человеком на политической арене, труды которого оценены на основе научного анализа.

**Ключевые слова:** ГЭС, электроэнергетика, научно-техническая революция, цветная металлургия, социалистический, белое золото, таджикский завод, первый секретарь, коммунистическая партия, агрегат, мощность.

**JABBOR RASULOV IS THE FOUNDER OF THE STATE PROGRAM OF THE ZONAL-PRODUCTION COMPLEX OF SOUTH TAJIKISTAN**

This article reads about the work of an outstanding statesman public figure, the first secretary of the Communist Jabbor Rasulov (1961-1982) on realization of complex regional program of the South Tajikistan. The author has an opinion that thanks to the trying and valuable great about of this historical man was formed the project of the regional complex program of South Tajikistan.Thanks to this project that grandiose buildings and constructions were built under certain time and is used and don t lose their strategic meaning. This article really assesses such a historical figure as Jabbor Rasulov, who is an outstanding person in the political arena, whose works are evaluated on the basis of scientific analysis.

**Key words:** Hydre electric station, electroenergy, the revolution of scince and technics, coloured, socialist, cotton, aluminium plant, the first secretary, Communist party, power.

**Сведения об авторе:** ***Темиров Хушрузджон Зарифович*** – Худжандский государственный университет им.Б.Гафурова, преподаватель кафедры методики преподавания истории и права. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **mxb-2013@mail.ru** Телефон: **92-752-88-16**

**Information about the author:** ***Temirov Khushrujon Zarifovich*** - Khujand State University named after B.Gafurov, teacher of the department of history and law teaching methods. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov 1 passage. E-mail: **mxb-2013@mail.ru** Phone: **92-752-88-16**

**УДК:94 (3) (575.31)**

# САҲМИ Б.И. МАРШАК ДАР ОМӮЗИШИ ДЕВОРНИГОРИҲОИ ПАНҶАКЕНТИ ҚАДИМ

***Зарифов М.А.***

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Минтақаи болооби Зарафшон аз бозёфтҳои бостоншиносӣ хеле бой мебошад, аммо дар байни онҳо шаҳри қадимаи Панҷакент ёдгории аҳамияти умумиҷаҳонидошта, ки дорои таъриху фарҳангӣ бой мебошад, ба шумор меравад. Шаҳри қадимаи Панҷакент дар гирду атрофи шаҳри имрӯзаи Панҷакент ҷойгир буда, ёдгории беназири асримиёнагии наздик ба ҳисоб меравад. Дар асрҳои V-VIII он аз ҳама шарқитарини шаҳрҳои Суғд -

давлати қадима дар Осиёи Марказӣ, ба шумор мерафт, ки аҳолиаш танҳо суғдиҳо будаанд, бо яке аз забонҳои шарқии эронӣ ҳарф мезаданд ва гузаштагони тоҷикон маҳсуб мешуданд. Дар чаҳоряки аввали асри VIII ин ҷо марказӣ мулки князӣ ба ҳисоб мерафт ва ҳокими охирини он Деваштич бо ҳокими умумисуғдӣ рақобат намуда, даъвои ҳукмронии Самарқанд -пойтахти Суғдро дошт. Шаҳри қадимаи Панҷакент бо таъриху фарҳанги ғании худ диққати ҳазорон олимони бостоншиносро ба худ ҷалб намудааст, ки яке аз онҳо Б.И. Маршак ба ҳисоб меравад, ки номбурда баҳри муаррифӣ намудани ин шаҳри қадима саҳми арзанда гузоштааст.

Қобили зикр аст, ки барои омӯзиш ва муаррифии таъриху фарҳангӣ минтақаи болооби Зарафшон дар солҳои 1932-1933 кашфиёти ҳангомасозӣ қалъаи кӯҳи "Муғ" нақши беандоза калонро бозидааст. Дар ин ҷо бори аввал ҳуҷҷатҳо бо забони суғдӣ ёфт шуданд, ки дар илми бостоншиноси ҳамчун "бойгонии Деваштич" машҳур аст. Ва ин кашфиёт боиси ҳафриётҳои шаҳри қадимаи Панҷакент гашта, аз соли 1946 сар карда ҳамасола то имрӯз дар ҳудуди ин шаҳр ҳафриётҳои бостоншиносӣ идома ёфта истодаанд. Дар Панҷакенти қадим бисёр бостоншиносон кор ва фаъолият намуда, саҳми худро баҳри муаррифӣ кардани шаҳр гузоштаанд. Аммо дар қатори ин муҳаққиқон Б.И. Маршак ягона олиме ба ҳисоб меравад, ки зиндагонии ӯ баҳри муаррифии таъриху фаҳанги ин шаҳр гузаштааст ва номбурда ҳатто ҳангоми ҳафриёти шаҳр фавтидаасту ҳамон ҷо дар канори даромадгоҳи ин шаҳр хок шудааст. Ӯ ба таҳқиқоти таъриху фарҳанги мардуми тоҷик машғул шуда, кашфиётҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Дар қатори таҳқиқотҳое, ки Б.И. Маршак дар Панҷакент гузаронидааст, мавқеи муҳимро кашфи деворнигориҳои Панҷакент ишғол менамояд. Бо ташаббуси Б.И. Маршак дар даҳҳо ҷойҳои шаҳр деворнигораҳо кушода шуданд, ки онҳо бозгӯи фарҳанги волои мардуми суғд ба ҳисоб меравaнд. Суғдиён аз қадимулайём бо нақшу нигор кардани деворҳои ҳуд машғул буданд, нақшу нигорҳои деворнигораҳои Панҷакент бештар ҷанбаи тахайюливу эҷодӣ доранд. Оид ба ин масъала Б.И. Маршак зикр намудааст, ки "нақшу нигорҳои Панҷакент на танҳо тахайюлоти эҷодии шоҳон ва мардумон мебошанд, балки дар деворнигораҳо ҷанбаҳои маросимҳои динию адабиётӣ низ мавқеи калон доранд. Инчунин, дар нақшу нигорҳо ҳаёти рӯзмарраи ҷаъмиятиву оммавӣ низ ҷой дорад. Илова бар ин, санъати суғдӣ услуби хос ва нотакрор дошт. Дар нақшу нигори суғдӣ адабиёт, эҷодиёти даҳонии халқ, расму русуми суғдиҳо таҷассум ёфтааст" [1,с.8].

Деворнигораҳое, ки дар Панҷакент ошкор шудаанд хусусиятҳои вижа ва қимати баланди бадеӣ доранд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки Панҷакент ( Суғд) дар давраи тоисломӣ яке аз марказҳое буд, ки дар он ҷо мактаби зинданигорӣ ва ҳайкалтарошӣ равнақ ёфта буд. Дар бораи хусусиятҳои нақшнигораҳо Б.И. Маршак мегӯяд, ки "дар муқоиса бо нақшнигораҳои машҳури бутҳои ибодатхонаҳои дигар минтақаҳо дар ин ҷо қонуну қоидаҳои қатъӣ ва қолабӣ мавҷуд нестанд. Ин нақшнигораҳо гуногунранг ва душворфаҳм буда, аз рӯйи сюжетҳои саҳнаҳои алоҳида, ки дар он қаҳрамонҳои зиёд иштирок мекунанд, тасвир ёфтаанд" [2,с.15].

Дар нақшу нигори Панҷакенти қадим асосан рангҳои елимдор бо рангҳои минералӣ истифода шудаанд. Рангҳои рустанӣ (индиго ва марена) хело кам истифода шудаанд.

То имрӯз чандин хона кушода шуданд, ки деворҳояшон мунаққашанд. Сюжет ва мавзӯъҳои наққошони панҷакентӣ гуногунанд: маросимӣ ва қаҳрамонӣ, фолклорӣ ва мавзӯӣ. Аз ҷумла, тасвири ҷирмҳои осмонӣ (офтоб, моҳтоб, сайёраҳои дигари даври офтоб), таҷассуми маросимҳои гузаштагон, оббозӣ ва тасвири худоён ва амсоли ин. Як қатор сюжетҳо бо қаҳрамонони достонҳои «Шоҳнома» алоқамандӣ доранд. Ин - Сиёвуш, Рустам ва аспӣ ӯ Рахш, Сӯҳроб писари Рустам, занони ҷавони рӯҳияи ҷанговарона дошта ва амсоли ин. Сюжетҳои жанрӣ манзараҳои корзор, саҳнаҳои иду маросим, шикор, муҳорибаҳои танбатан, навохтани ҳар гуна асбобҳои мусиқӣ, бозии нард, рақс, тақсимоти ҳосил ва дигарҳо таҷассум ёфтаанд.

Б.И. Маршак дар яке аз китобҳояш бо номи "B.I. Marshak. Legends,Tales and Fables in the Art of Sogdiana // New York, 2002. 195.c" чунин навиштааст: "Кашфи нақшу нигорҳои деворӣ тасаввуроти моро нисбати сатҳи маданият, аз ҷумла санъати суғдиён ғанӣ гардонд, ба марҳалаҳои аввали ташаккули санъати тасвирии асрҳои миёна рушанӣ андохт. Онҳо баҳри пажӯҳиши идеологияи тоисломии Суғд муҳимтарин манбаанд" [3,с.35]. Нақшнигораҳои Панҷакент дорои сюжетҳои гуногуни иконакашии монархӣ, саҳнаҳои ҷангӣ ва тасвири бозиҳои боҳашамат мебошанд. Дар робита ба ин Б.И. Маршак қайд намудааст, ки онҳо бо рағбатҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва ғайра алоқамандӣ доранд. Дар чунин саҳнаҳо ҳокимони табақаи феодалӣ инъикос ёфтаанд. Дар деворнигораҳои Панҷакенти қадим дар қатори дигар манзараҳо сюжетҳои достони «Шоҳнома»-и А.Фирдавсӣ инъикос ёфтаанд. Дар Суғд ва ҷамъиятҳои суғдӣ ҳанӯз то навишта шудани

«Шоҳнома» мавзӯъҳои он муайян буданд. Дар нақшнигораҳои Панҷакент дар бораи қаҳрамониҳои асосии «Шоҳнома» - Рустам ва Исфандиёр сухан меравад. Ба ҳар як кадоми онҳо то ҳафт шеърҳои дар як бахш ҷамъоваришуда, ки дар он қаҳрамониҳои онҳо равшан гардидааст, ситоиш ёфтаанд. Б.И. Маршак деворнигораҳои Панҷакенти қадимро омӯхта, ба чунин хулоса меояд: "Дар чаҳоряки аввали асри VIII ин ҷо маркази мулки князӣ ба ҳисоб мерафт ва ҳокими охирини он Деваштич бо ҳокими умумисуғдӣ рақобат намуда, даъвои ҳукмронии Самарқанд -пойтахти Суғдро дошт. Чи гунае ки тадқиқотҳои бостоншиносӣ нишон медиҳанд, шаҳр дар асрҳои V ба вуҷуд омада, марҳилаи инкишофи худро дар арафаи асрҳои VII-VIII аз сар гузаронидааст". Инчунин, Б.И. Маршак қайд мекунад, ки "қисми зиёди деворнигораҳои Панҷакент ба охири асрҳои VI-VII ва ибтидои асри VIII дахл доранд, дар ҳоле ки баъзи онҳо ба асрҳои V-VI рост меоянд ва баъзеи дигарашон шояд ба ибтидои асри VIII тааллуқ дошта бошанд" [4,с.20].

Соли 1964 дар шаҳри қадимаи Панҷакент тадқиқоти навини объекти XXI (бо роҳбарии Б.И. Маршак) оғоз карда шуда буд. Аввалин макони кашфшуда толори идонаи бинои бузурги истиқоматӣ буд. Дуюмин дар зери феҳристи нақшнигораҳо ба муҳорибаи амазонка алоқаманд буд. Шумораи занон-ҷангварзанон, дар достонҳои ҷаҳонӣ маъруфанд. Феълан ин далел ба достонҳои халқиятҳои Эрон ва Осиёи Марказӣ шабоҳат дорад. Б.И. Маршак менависад, ки «дар нақшнигораҳои объекти XXI, мутаассифона, танҳо қисми поёнии композитсия, ки муҳорибаи аспсаворҳо ва аспсаворзанҳо инъикос ёфтааст, боқӣ мондасту халос. Мо дар ин нақшнигора дар зери пойи аспҳои ҳаракаткунанда шахсони кушташуда, ҷароҳатбардошта ва ашхоси кумакхостаро дида метавонем. Дар байни зарардидагон занҳоро низ мушоҳида кардан мумкин буд, яке аз онҳо аллакай ҷони худро аз даст дода буд, ӯ ба пушт афтода, сараш ба пушт хам зада буд; дигараш ҷароҳат бардошта, кӯшиши бо оринҷ такя карданро мекард; сеюмашро бошад, ду ҷанговар дар қолин пиёда бурда истодаанд. Аз силоҳу аслиҳаи ҷангӣ озодшудагон бо бадани нимлуч бо захмҳои хунин дар қафаси сина ва бо дастони азқувватрафта ба дастони боқуввати ҷангиёне, ки аз кунҷҳои қолинҳо медоштанд, ғояҳои асосии саворазанҳоро дар санъати классикии тасвирӣ хуб инъикос менамуданд» [5,с.22].

Б.И. Маршак мегӯяд, ки «дар санъати суғдӣ мо на танҳо тавсифи ғалабаро, ки бе достони қаҳрамонӣ буда наметавонад, дида метавонем, балки марги далеронаи машҳуршудагон, хусусияти баланди эпикиро низ дидан мумкин аст" [6,с.45].

Дар бораи сюжетҳои нақшнигораҳои Панҷакент Б.И. Маршак қайд намудааст, ки сюжетҳои тасвирҳои Панҷакент нисбатан гуногунранг мебошанд. Б.И. Маршак зикр намудааст, ки дар деворнигораҳои Панҷакенти қадим оид ба қаҳрамони асари "Шоҳнома"-и А. Фирдавсӣ Рустам тасвирҳоро вохӯрдан мумкин аст. Мавриди зикр аст, ки суғдиён дар нақшнигораҳояшон бештар саҳнаҳое, ки дар он Рустам бо девон ҷанг намуда, ғолиб омадааст ва умуман оиди корномаҳои Рустам нақшҳои зиёдеро тасвир намудаанд. Б.И. Маршак муайян намудааст, ки дар яке аз толорҳои кашфшуда дар объекти VI толори 41-ум бештари нақшнигораҳо ба қаҳрамониҳои Рустам бахшида шудаанд. Б.И. Маршак ёдовар мешавад, ки "бозёфтҳои зиёд дар Панҷакенти қадим гувоҳӣ медиҳанд, ки суғдиён бо дастовардҳои тамаддуни бузурги замони худ хеле хуб ошноӣ доштаанд: дар ҳунару санъати онҳо хусусиятҳои санъати юнонӣ, эронӣ ва ҳиндӣ мушоҳида карда мешавад. Илова бар ин, санъати суғдӣ услуби хос ва нотакрор дошт" [7,с.33]. Мусаллам аст, ки Панҷакенти Қадим бо тамоми намуди ёдгориҳои моддӣ, меъморӣ, санъат дар айни замон ёдгории энсиклопедии замони суғдиён ҳисоб шуда, дар омӯзиши таърихи асрҳои Осиёи Миёна нақши муассир дорад.

Дар умум гуфта метавонем, ки Б.И. Маршак дар кашфи деворнигораҳои Панҷакенти қадим ва муаррифӣ намудани фарҳанги суғдиён дар арсаи ҷаҳонӣ саҳми беандоза калонро гузоштааст. Зеро бо ташаббуси ин шахсияти бузурги илми бостоншиносӣ дар Панҷакент яккатор ҳафриётҳои муҳим гузаронида шудааст, ки онҳо барои омӯзиши таъриху фарҳанги ин шаҳр хело муҳиманд.

**АДАБИЁТ**


1. Беленицкий А.М. Б.И. Маршак Черты мировоззрения согдийцев VII-VIII вв. в искусстве Пенджикента / А.М. Беленицкий // История и культура народов Средней Азии (древность и средние века). -М., 1976. 206 с.
2. Беленицкий А.М. Результаты раскопок на городище древнего Пенджикента в 1960 г. / А.М. Беленицкий //Труды Института истории АН ТаджССР. т. XXXIV. - Душанбе, 1962. -389с.
3. Беленицкий А.М. Стенные росписи, обнаруженные в 1970 году на городище древнего Пенджикента / А.М. Беленицкий, Б.И. Маршак // Сообщения Государственного Эрмитажа. -Л., 1973. -Вып. XXXVI. -203 с.
4. Маршак Б.И. Искусство Согда/ Государственный Эрмитаж / Б.И. Маршак. -СПб: Изд-во Гос.Эрмитажа, 2009. - 64.с

5. Маршак Б.И. Отчет о работах на объект № 12 за 1955-1966гг. / Б.И. Маршак // МИА СССР. -№ 124.Т.4. – Отв. ред. А.М. Беленицкий. -М.- Л.: Наука, 1964. -300 с.
6. Marshak B.I. Legends,Tales and Fables in the Art of Sogdiana / B.I. Marshak. -New York, 2002. -195.с
7. Согдийский город в начале средних веков. (Итоги и методы исследования древнего Пенджикента) //СА, 1981. -№ 2. -С. 92-110 с илл. (соавторы А.М. Беленицкий, Б.И. Маршак).192 с.
8. Собиров Н.И. Изучение Памятников Истории И Культуры Верховьев Зеравшана Второй Половины XIX-Первой Половины XX вв. / Н.И. Собиров. – Душанбе, 2014. -199 с.

## САҲМИ Б.И. МАРШАК ДАР ОМУЗИШИ ДЕВОРНИГОРИҲОИ ПАНҶАКЕНТИ ҚАДИМ

Мақола ба корҳои тадқиқотии бостоншинос, Б.И. Маршак ки дар кашфиёти шаҳри қадимаи Панчакент саҳм гузоштааст, бахшида шудааст. Номбурда роҷеъ ба масъалаҳои деворнигораҳои Панҷакенти қадим ва умуман дар бораи фарҳанг ва тамаддуни ин шаҳри қадима тадқиқотҳои зиёди бостоншиносӣ анҷом дода, асарҳову мақолаҳои зиёдеро ба табъ расонидааст, ки барои муаррифии шаҳри қадимаи Панчакент хеле муҳим мебошанд. Б.И Маршак зикр намудааст, ки Панҷакенти қадим бо вуҷуди 13,5 г ҳудуд доштанаш як шаҳри пешқадами замони худ ба ҳисоб рафта, дорои маданияти бузурги меъморию шаҳрсозӣ будааст. Ҳангоми ҳафриётҳои шаҳр муайян карда шуд, ки дар шаҳр бо як тарзу усули хосса хонаҳову қасрҳо бунёд шудаанд, ки намунаи санъати меъмории мардуми суғд ба ҳисоб мераванд. Б.И. Маршак дар Панҷакенти қадим як қатор деворнигораҳоро кафш намудааст, ки бозгӯи санъати волои мардуми суғдтабор ба шумор меравaнд. Б.И. Маршак зикр кардааст, ки суғдиён дар деворҳои қасрҳои боҳашамати худ нақшу нигорҳои гуногуни тахайюлиро бо як санъати хосси худ тасвир мекарданд, ки аз санъати волои онҳо дарак медиҳад.

**Калидвожаҳо:** Панҷакетни қадим, ҳайкалтарошон, суғдиён, нақшу нигор, ҳафриётҳо, Худованд, наққошӣ,санъат.

## ВКЛАД Б.И МАРШАКА В ИЗУЧЕНИИ НАСТЕННЫХ РОСПИСЕЙ ДРЕВНЕГО ПЕНДЖИКЕНТА

Статья посвящена археологическим исследованиям Б.И. Маршака, который принимал участие в открытии древнего Пенджикента. В этой статье представлен вклад одного из выдающихся ученых Б.И. Маршака, который исследовал различные археологические объекты, относящиеся к проблемам древних Пенджикентских стен и, в общем, к культуре и цивилизации этого древнего города, провёл многие археологические исследования, опубликовал много книг и статей, которые оказывают значительный вклад для ознакомлениеяс древнейшим городам Пенджикентам. Б.И. Маршак пишет, что, несмотря на свою небольшую площадь - около 13,5 га в пределах городской стены (без цитадели), Пенджикент был настоящим городом. Его территория была застроена кварталами двух- и трёхэтажных домов, вплотную примыкавших друг к другу. Вдоль узких улиц раскопаны тянувшиеся рядами торговые и ремесленные заведения. Сейчас открыто более ста многокомнатных жилищ, принадлежавших древним пенджикентцам. Б.И. Маршак исследовал стенные росписи Пенджикента, которые расскажут о культуре согдийцов. Б.И. Маршак говорит, что согдийцы широко использовали искусство в быту. Многие настенные росписи Пенджикента отражают различные сюжеты фольклора и басенного эпоса.

**Ключевые слова:** древний, Пенджикент, скульптура, согдийцы, росписи, раскопки, божество, живопись, искусство.

## CONTRIBUTION OF B.I. MARSHAK TO THE STUDY OF WALL PAINTINGS OF THE ANCIENT PENJIKENT

The article is devoted to archaeological research, which takes part in the discovery of the ancient Panjakent. This article presents the contribution of one of the outstanding scientists B.I. Marshak mentioned that he explored various archaeological objects relating to the problems of the ancient Panjakent's walls and in general about the culture and civilization of this ancient city, conducted many archaeological researches published many creations and articles that make a significant contribution to acquaintance of the ancient city of Penjikent. B.I. Marshak writes that, despite its small area - about 13.5 hectares within the city wall (without a citadel), Penjikent was a real city. Its territory was built up with blocks of two- and three-storey houses, closely adjacent to each other. Along narrow streets, shopping and handicraft establishments stretched in rows were excavated. Now open more than a hundred multi-room dwellings belonging to the ancient Penjikents. B.I. Marshak investigated the Penjikent wall paintings, which will tell about the culture of Sogdians. B.I. Marshak said that Sogdians widely used art in everyday life. Many wall paintings of Panjakent reflect various plots of folklore and fabled epos.

**Kay words:** ancient Penjikent, sculpture, sogdians, fresco, excavation, deity, painting, art.

**Сведения об авторе:** ***Зарифов Манучехр Абдухоликович* -** Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/41. Телефон: **935-86-86-97**. E-mail: **Zarifov28@ mail.ru**

**Information about the author:** ***Manuhehr Abdukholikovich Zarifov* -** Tajik State University of Finance and Economics, Assistant of the Department of Humanitarian Disciplines. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/41. Phone: **935-86-86-97.** E-mail: **Zarifov28 @ mail.ru**

УДК:93/94(1-87) (09)

# ОМИЛҲОИ ДОХИЛШАВИИ АМРИКО БА ҶАНГИ ЯКУМИ ҶАҲОН

*Малеҳа Ҳайдарӣ*
**Донишгоҳи давлатии Ҷавзҷони Афғонистон**

Амрико ҳудуди 30 ҳазор сол пеш тавассути қавмҳои осиёӣ, ки аз роҳи тангаи Беринг ба ин сарзамин ворид шуданд, маҳалли зиндагӣ шуд, оҳиста-оҳиста ба кишоварзӣ ошно шуда, ба шаҳрнишинӣ рӯ оварданд ва баъдан аврупоиҳо вориди Амрико шуда, даст ба кашфиётҳои зиёд заданд. Ва дар соли 1776 ба истиқлол даст ёфтанд [7, с.195].

Ин кишвар аз назари вусъат чаҳорумин кишвари ҷаҳон маҳсуб мегардад, дар давраи муайяне аз таърих ба далелҳои имконоти стратегӣ назар ба мавқеияти он тавонист дар муқобили қудратҳои ҷаҳонӣ худнамоӣ кунад ва вазъияти ҷуғрофиёии муносиб ба ин кишвар фурсат дод, то ибтикори амалро дар роҳбурди ҷаҳон ба даст гирад [5, с.68].

Амрико дар ҳарду ҷанги ҷаҳон (аввал ва дувум) дар ибтидо сиёсати бетарафиро пеш гирифт ва баъдан амалан вориди ҷанг шуд [1, с.67]. Чун Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ақида дошт, ки ҳаллу фасли ҷанг ва даъвои кишварҳои аврупоиро бояд ба худашон вогузор кард, сиёсати раиси ҷумҳури Амрико Вилсон дурӣ аз ҷанг ва дар сурати лозим миёнҷигарии сулҳ буд. Ӯ нақши Амрикоро нақши ахлоқӣ медонист, то сармашқ барои бақияи ҷаҳон бошад ва эълон мекард, ки Амрико мағруртар аз он аст, ки ба ҷанг бипардозад. Тамоюл ба канорагирӣ аз даргириҳои дигар кишварҳо ба таърихи аввалияи Амрико бозмегашт. Томас Ҷеферсон ҳангоми раиси ҷумҳур шудан дар соли 1801 ин тамоюли маъруф ба инзивоталабӣ (гӯшагирӣ)-ро эълон кард: «Ман сулҳ, дод ва ситад, дӯстии содиқона бо ҳама кишварҳо ва ҳампаймон нашудан бо дигаронро усули асосии ҳукуматамон медонам». Муҳимтарин дилмашғулии Ҷеферсон монанди Ҷорҷ Вашингтон ва дигар бунёнгузорони ҷумҳурии амрикоаҷдод ҳувияти мустақил аз Аврупо буд. Ҷеферсон мегуфт: «Шиори нахустин ва бунёдии мо бояд ин бошад, ки ҳеҷ гоҳ худамонро даргири ҷанг ва даъвоҳои Аврупо накунем». Бо ин ҳол Амрико нисбат ба он рӯзҳои нахустин тағйири зиёд карда буд, дар воқеъ бисёре аз амрикоиҳо эҳсос мекарданд, ки Амрико бояд бо иттифоқчиён якҷо шаванд, онҳо далелҳои зиёде доштанд. Аврупо сарчашмаи суннатҳои сиёсии демократии Амрико буд Фаронсавиҳо дар ҷараёни инқилоби Амрико ба амрикоиҳо кумак карда буданд ва бисёре аз амрикоиҳое, ки аслу насаби англисӣ доштанд, алоқаманд буданд ба англисҳо кумак кунанд. Бархе аз амрикоиҳо дар солҳои пеш аз дохил шудани Амрико ба ҷанг хостори иштирок дар ҷанг шуданд, онҳо дар артиши канадагиҳо, англисҳо ва фаронсавиҳо меҷангиданд ва умуман умедвор буданд, ки ҳукуматашон ба пайравӣ аз онҳо вориди ҷанг шавад. Билохира, оҳиста-оҳиста Амрико мунтазири фурсати муносиб барои дохилшавӣ ба ҷанг буд [4, с.81]. Дар зер шарҳи чанд омили дохилшавии Амрико ба ҷанги ҷаҳонии аввал баён гардидаанд:

• Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар охирҳои Ҷанги аввали ҷаҳон вориди майдон шуд, чун нақши қотеъ ва ниҳодиро дар саркӯб намудан ва шикасти Олмон анҷом дод. Дар нахустин моҳҳои ҷанг миёни Англия ва Амрико кудурат (тирагӣ) ва ихтилофот бисёр буд ва ҳатто имкони ҷанг миёни онҳо вуҷуд дошт. Иллати умдаи ин ихтилофот дахолати Англия дар киштиронии Амрико дар дарёҳо буд. Англисҳо шак доштанд, ки киштиҳои Амрико хӯрок ва пушок барои Олмон интиқол медиҳад, ба ин тартиб ба бозрасии онҳо мепардохтанд, аммо баъд дастгоҳи таблиғотии Англия ба кор афтод ва кӯшиши зиёде ба кор бурд, то Амрикоро ҳамроҳ созад [4, с.84].

На танҳо Англия, балки Олмон низ киштиронии Амрикоро мухтал карда буд ва фикр мекарданд, ки бо маводи хӯрока ва аслиҳа ба Англия кумак мекунад. Ҳамин буд, ки киштиҳои амрикоиро мутаваққиф ва дороии онҳоро соҳиб шуда, онҳоро ғарқ мекарданд ва сабаби аз байн рафтани бисёре аз амрикоиҳо шуда буд. Олмониҳо шаҳрвандони амрикоиро мекуштанд, бо шиддат гирифтани хашми ношӣ аз кушта шудани шаҳрвандони амрикоӣ ва тасмим барои ҳифз кардан аз киштиҳои амрикоӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико вориди ҷанг шуд [2, с.851].

• Омили дигар аз ширкати Амрико дар ҷанг пул буд, чун ҷанг кори бисёр пурхарҷ аст, ки хеле гарон тамом мешавад. Ҷанг миқдори бисёр зиёд ва ҳатто кӯҳҳое аз маводи мухталифро ба масраф расонида ва дар муқобил ҳама чизро вайрон ва нобуд мекунад. Ҷанг бештар корҳои тавлидкунандаи сарватро мутаваққиф сохта, неруи мардумро барои вайронӣ ва нобудӣ мутамарказ мекунад. Тамоми ин пулҳое, ки масраф мешуд, аз куҷо меомад? Дар ибтидои ҷанг дар тарафи иттифоқчиён фақат Англия ва Фаронса

метавонистанд харҷҳои ҳангуфти ҷангиро таҳаммул кунанд, онҳо на фақат саҳми худашонро барои хароҷоти ҷангӣ мепардохтанд, балки аз роҳи воми пул (қарз) ва маводи мухталиф ба иттифоқчиёнашон низ кумак мекарданд. Пас аз муддате Париж низ нотавон шуд ва манобеи захираҳои молияш ба поён расид, аз он пас Лондон ба танҳоӣ хароҷоти ҷангии иттифоқчиёнро уҳдадор шуд. Дар охирҳои дувумин соли ҷанг, Лондон низ аз лиҳози моддӣ аз по даромад, ба ин қарор дар охирҳои соли 1916 эътибороти молии Фаронса ва Англия ҳарду ба поён расид. Дар воқеъ як ҳайати англисӣ шомили сиёсатмадорони машҳур ба Амрико рафт ва кумаки молӣ дархост кард. Амрико мувофиқат кард, ки ба онҳо вом бипардозад ва аз он пас дигар пули амрикоӣ буд, ки хароҷоти ҷанги иттифоқчиёнро таъмин мекард. Вомҳои Амрико ба иттифоқчиён ба суръат (тезӣ) афзоиш меёфт ва ба рақамҳои тааҷҷубовар мерасид. Ба ҳамон нисбат, ки вом зиёдтар мешуд, бонкҳо ва сармоядорони Амрико, ки ба иттифоқчиён вом дода буданд, беш аз пеш ба пирӯзии иттифоқчиён алоқаманд мешуданд, агар иттифоқчиён аз Олмон шикаст мехӯрданд, маълум набуд пулҳои ҳангуфте, ки Амрико ба онҳо вом дода буд, чӣ мешуд, ин ҷо дигар ҷанг бо ҷайби (кисаи ) бонкдорони амрикоӣ тамос пайдо мекард ва онҳо ҳам мувофиқи худашон иқдом мекарданд ва аксуламал нишон медоданд [5, с.213].

Дар тӯли ҷанг амрикоиҳо пулҳои зиёде ба давлатҳои иттифоқ қарз дода буданд. Қисмати бештари ин пул барои хариди молҳои мавриди ниёзи Амрико истифода мешуд, натиҷаи ҷанг метавонист бар талаби амрикоиҳо асаргузор бошад, агар иттифоқчиён ҷангро мебохтанд, бонкдорон ва корхонаҳои амрикоӣ эҳтимолан пули худро аз даст медоданд ҳамин буд, ки оҳиста-оҳиста эҳсосоти мувофиқ барои иштироки Амрико дар ҷанг ба нафъи иттифоқчиён тавсеа меёфт ва билохира Амрико ҳам вориди ҷанг шуд [2, с.851].

• Ағлаб амрикоиҳо нисбат ба Англия ва Фаронса бештар эҳсоси муҳаббат мекарданд, чун ҳарду кишвар асоси демократӣ доштанд. Пирӯзии Олмон ба мафҳуми пирӯзии худкомагӣ буд, афзун бар ин қисмати бештари хабарҳои ҷангро Иёлоти Муттаҳида аз Англия дарёфт мекард.

• Олмон кӯшиш кард, то Мексикаро ба ҷанг бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико тарғиб кунад, Олмон қавл дод агар он кишвар вориди ҷанг шавад, ба Мексика барои бозпасгирии Техас ва қисмати ҷанубу ғарбии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико кумак мекунад. Мексика ин минтақаҳоро дар соли 1848 аз даст дода буд. Мексика бетараф монда буд, аммо хабарҳои ин пешниҳод афкори умумии амрикоиро алайҳи Олмон барангехт. Амрико дар апрели соли 1917 се сол баъд аз шурӯи ҷанг ба Олмон эълони ҷанг дод. Барои Олмон равшан шуд, ки қабл аз он ки неруҳои амрикоӣ ба теъдоди зиёд таҷҳиз шаванд ва ба Фаронса биёянд, бояд ҷангро бибурд. Дар баҳори соли 1918 пас аз ақди қарордоди (созишнома) Брест ва озод шудани неруҳои Олмон дар ҷабҳаи шарқии он неруҳо барои тақвияти неруҳои Олмон дар ҷабҳаи ғарб омаданд. Олмон ҳамлаи бузургеро анҷом дод, хатҳои дифои Англия ва Фаронса баробари пешравии Олмон ба ларза шуданд, барои муддате чунон маълум мешуд, ки наметавон пеши қувваҳои Олмонро барои расидан ба Париж гирифт. Вале бо кумаки неруҳои амрикоии тозарасида Англия ва Фаронса аз даст ёфтани Олмон дар шикастани хатти муқовамати онҳо ҷилавгирӣ карданд. Олмон дар ин ақибнишинӣ ҳама чизро аз даст дод, акнун худро дар вазъе ҳароснок медид, ба камбуди бухрони маводи ғизоӣ, дору, нафт ва аслиҳа дучор шуда буд. Неруҳои муттаҳиди Англия, Фаронса ва Амрико бар зидди ҳамлаи бузург дар тамоми ҷабҳаҳо пеш меомаданд. Австрия ва Туркия наметавонистанд дигар кумак кунанд. Қиёмҳои мардумӣ, ки ин кишварҳо бар онон ҳукмфармо буданд, ба азҳампошидагии империяи Австро-Венгрия ва Усмонӣ анҷомида, онҳоро аз ҷанг берун бурда буд. Олмон танҳо гузошта шуда, аз тарафи ҳампаймононаш таҳдид шуда, бо қиём дар қӯшун ва неруи дарёӣ аз боздоштани неруҳои Англия, Фаронса ва Амрико нотавон монд. Онҳо дарёфтанд, ки ҷангро бохтаанд, биноан генералҳои олмонӣ аз давлат хостанд, то оташбасро бипазиранд, оташбас ба музрибтарин ҷанги тамоми давронҳо поён гузошт. Як хабарнигори рӯзнома, ки ҳамроҳи қӯшуни Англия ва Фаронса буд, навиштааст:"Шаби гузашта, барои бори нахуст аз аввалин соли ҷанг ҳеҷ неруе осмонро равшан накард, ҳеҷ оташи шуълавари ногаҳон дар торикӣ забона накашид, ҳеҷ оташи шарарбор сари дарахтонро насӯзонд, оташ, ки аз он башарият чаҳор сол шабҳо то ҳадди марг вахшатзада буд, оташи ҷаҳаннамро хомӯш карда буданд".

Ҷанги аввали ҷаҳон дунёро ба се бахш тақсим кард: ду қисмат кишварҳое, ки бо ҳам даргири ҷанг буданд ва савум, кишварҳои бетараф миёни ду қисмат, ки бо ҳам ҷанг мекарданд, доду ситад ва робита вуҷуд надошт, ҷуз иқдомоти махфёнаи ҷосусӣ, ки ҳар як дар дигаре анҷом медод. Тамоми манобеи кишварҳои дохил дар ҷанг барои ҷанг ба масраф мерасид. Англия, Фаронса ва иттифоқчиёнашон дар чунин мавқеъ эҳсосе, ки

барои ҳеҷ яке аз онҳо захираи молӣ боқӣ намонда буд, Иёлоти Муттаҳидаи Америко ворид ҷанг шуд ва ба сафи онҳо пайваст ва то поёни ҷанг Америко барои масорифи ҷанги иттифоқчиён пул медод. Иёлоти Муттаҳидаи Америко ба унвони дифоъ аз озодӣ ва пирӯзӣ маблағҳои ҳангуфти пул аз мардум ба сурати молиёт ва вом дарёфт карда, ин пулҳоро ба иттифоқчиёни худ ба шакли вом медод, замоне ки ҷанг поён ёфт, Иёлоти Муттаҳидаи Америко саррофи ҷаҳон шуда буд ва тамоми кишварҳо аз ӯ қарздор шуда буданд. Ба ин лиҳоз, Америко аз лиҳози вазъи молӣ бисёр устувор ва неруманд буд ва метавонист ҳар кишваре, ки қарздори ӯ буд, фақат бо дархости талаботаш варшикаста кунад. Фишори Америко мавқеияти "фунт"-и Англияро мутазалзил сохт. Бонки Англия наметавонист дар муқобили пули коғазии худ пули тилло таҳвил диҳад ва фунт стерлинг, ки ба ин тартиб арзиши тиллоӣ ва қобилияти табдили худ ба тиллоро аз даст дода буд, қиматаш тағйир меёфт ва кам мешуд, ки қимати франки Фаронса низ суқут кард. Дар дунёи бесуботӣ фақат доллари америкоӣ буд, ки ҳамчун сахраи устувор ва побарҷо ба назар мерасид [3, с.1707].

Ҷанги аввали ҷаҳон поёни бартарии сиёсӣ ва иқтисодии давлатҳои Аврупоро эълон медорад. Низоми пеш аз ҷанг нопадид мешавад ва низоми ҷадид ба вуҷуд меояд. Низоми мустамликадорӣ ва ҳокимияти Аврупо ба сарзаминҳои дигар фурӯ мепошад ва маркази сиёсати ҷаҳон аз Аврупо хориҷ ва вориди Америко мегардад [6, с.219].

Америко барои ҳифзи мавқеияти ҷаҳонӣ ва қудрати ҷаҳонӣ будан ҳамеша кӯшиш мекард. Дар муқобил қудратҳои ҷаҳонӣ худнамоӣ карданд, то ибтикори амалро дар роҳбарии ҷаҳон ба даст гиранд. Ҷанги аввали ҷаҳон ин фурсатро барои Америко мусоид сохт. Дар пайи ҳамлаи Олмон ба як киштии англисӣ ва кушта шудани садҳо америкоӣ, дахолати Олмон дар умури дохилии Мексика Америкоро водор сохт бетарафиро канор гузошта, амалан вориди ҷанг шавад. Ба таври куллӣ, аз ҷумлаи омилҳои дохилшавии Америко ба Ҷанги аввали ҷаҳон фурсати муносиб барои ин кишвар барои даст ёфтан ба мавқеияти бартар дар сатҳи ҷаҳон буд, ба таври ки аз соли 1917 бархе аз ҳадафҳои Америко амалӣ гаштанд, ба монанди озод сохтани худ аз қайди маҳфилҳои моддӣ ва тиҷоратии Лондон, тавсеаи нақши Уолл-стрит, таҳкими мавзӯи доллар ва омода сохтани худ барои муноқишаҳои тиҷоратии баъдазҷангӣ. Ҷанги аввали ҷаҳон поёни бартарии сиёсӣ ва иқтисодии давлатҳои Аврупоро эълон медорад, низоми пеш аз ҷанг нопадид мешавад ва низоми ҷадид ба вуҷуд меояд. Низоми мустамликадорӣ ва ҳокимияти Аврупо ба сарзаминҳои дигар фурӯ мепошад ва маркази сиёсати ҷаҳон аз Аврупо хориҷ ва вориди Америко мегардад.

### АДАБИЁТ


1. Баҳром Мустақимӣ. Дигаргунии низоми байналмилалӣ. – Теҳрон: Вазорати умури хориҷа, 1373.
2. Теодор Ачфонлод. Таърихи ҷаҳон. – Теҳрон, 1377.
3. Ҷавоҳирлал Неру. Нигоҳе ба таърихи ҷаҳон. – Теҳрон: Амир Кабир, 1383. – Ҷ. 2, 3.
4. Роберт Грин. Ҷанги ҷаҳонии аввал / Роберт Грин; Мутарҷим Маҳдӣ Ҳақиқатхоҳ. – Теҳрон: Қуқнус, 1388.
5. Жак Ҳонтзингер. Даромаде бар равобити байналмилал / Ҳонтзингер Жак. Машҳад: Интишороти Остони Қудси Разавӣ, 1368.
6. Абдулматин. Таърихи ҷадид. – Кобул: Вазорати таҳсилоти олӣ ва муликӣ, 1364. – Ҷ. 2.
7. Ғуломризо Алибобоӣ. Фарҳанги ҷомеи сиёсӣ. – Теҳрон: Ойшон, 1382.


### ОМИЛҲОИ ДОХИЛШАВИИ АМРИКО БА ҶАНГИ ЯКУМИ ҶАҲОН


Америко барои ҳифзи мавқеияти ҷаҳонӣ ва қудрати ҷаҳонӣ будан ҳамеша кӯшиш мекард. Дар муқобил қудратҳои ҷаҳонӣ худнамоӣ карданд, то ибтикори амалро дар роҳбарии ҷаҳон ба даст гиранд. Ҷанги аввали ҷаҳон ин фурсатро барои Америко мусоид сохт. Дар пайи ҳамлаи Олмон ба як киштии англисӣ ва кушта шудани садҳо америкоӣ, дахолати Олмон дар умури дохилии Мексика Америкоро водор сохт бетарафиро канор гузошта, амалан вориди ҷанг шавад. Ба таври куллӣ, аз ҷумлаи омилҳои дохилшавии Америко ба Ҷанги аввали ҷаҳон фурсати муносиб барои ин кишвар барои даст ёфтан ба мавқеияти бартар дар сатҳи ҷаҳон буд, ба таври ки аз соли 1917 бархе аз ҳадафҳои Америко амалӣ гаштанд, ба монанди озод сохтани худ аз қайди маҳфилҳои моддӣ ва тиҷоратии Лондон, тавсеаи нақши Уолл-стрит, таҳкими мавзӯи доллар ва омода сохтани худ барои муноқишаҳои тиҷоратии баъдазҷангӣ. Ҷанги аввали ҷаҳон поёни бартарии сиёсӣ ва иқтисодии давлатҳои Аврупоро эълон медорад, низоми пеш аз ҷанг нопадид мешавад ва низоми ҷадид ба вуҷуд меояд. Низоми мустамликадорӣ ва ҳокимияти Аврупо ба сарзаминҳои дигар фурӯ мепошад ва маркази сиёсати ҷаҳон аз Аврупо хориҷ ва вориди Америко мегардад.



**Калидвожаҳо:** Америко, стратегия, иттифоқчиён, демократия, артиш, мустамлика, ҷанг, вом, муқовимат, империя.


### ПРИЧИНЫ ВСТУПЛЕНИЯ АМЕРИКИ В ПЕРВУЮ МИРОВУЮ ВОЙНУ


В данной статье автор рассматривает причины вступления Америки в Первую мировую войну. Америка всегда стремилась к защите своего мирового положения и мирового могущества. Когда в Европе началась Первая мировая война, правительство США немедленно объявило о своём нейтралитете и сохраняло этот статус вплоть до апреля 1917 года. В пользу сохранения нейтралитета действовала и относительная слабость военной составляющей американской мощи. Но главное — нейтралитет был чрезвычайно выгоден США. Война истощила

их основных конкурентов на международной арене, США, не участвуя пока в войне, неуклонно укрепляли свои позиции в качестве одной из ведущих мировых держав. Первая мировая война завершилась в ноябре 1918 года разгромом Германии и её союзников. Теперь державам-победительницам предстояло определить параметры послевоенного мира. Решались эти вопросы в ходе острейшей борьбы на открывшейся в январе 1919 года. Парижской мирной конференции. Для США её итоги имели противоречивый характер.

**Ключевые слова:** Америка, стратегия, союзники, демократия, армия, колония, война, долг, противостояние, империя.

**REASONS FOR THE ENTRY OF AMERICA TO THE FIRST WORLD WAR**

In this article, the author examines the reasons for America's entry into the First World War. America has always sought to defend its world position and world power. When World War I began in Europe, the US government immediately declared its neutrality and maintained this status until April 1917. The relative weakness of the military component of American power also acted in favor of maintaining neutrality. But most importantly, neutrality was extremely beneficial to the United States. The war has exhausted their major competitors in the international arena, the United States, while not participating in the war, has steadily strengthened its position as one of the leading world powers. World War I ended in November 1918 with the defeat of Germany and its allies. Now the victorious powers were to determine the parameters of the post-war world. These issues were tackled in the course of the sharpest struggle that opened in January 1919. Paris Peace Conference. For the US, its results were contradictory.

**Keywords:** America, strategy, allies, democracy, army, colony, war, duty, confrontation, empire.

**Сведения об авторе:** ***Хайдари Малиха*** - Университет провинции Джавзджон Исламской республики Афганистан, преподаватель исторического факультета, магистрант Таджикского национального университета.
Телефон: **919-34-91-07**

**Information about the author:** ***Haydari Maliha*** - University of Javjon Province of the Islamic Republic of Afghanistan, Lecturer in the Faculty of History, Master student of the Tajik National University Phone: **919-34-91-07**

**УДК:930.85(581) (575.3)**

# НАҚШИ РОҲИ ЛОҶВАРД ВА РОҲИ АБРЕШИМ ДАР ТАЪМИНИ РАВОБИТИ ТИҶОРАТИИ АФҒОНИСТОН ВА КИШВАРҲОИ ОСИЁ

***Ҷақмоқ Шукрия***
**Донишгоҳи Ҷавзҷони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон**

Афғонистон як кишвари иҳоташуда ба хушкӣ мебошад ва талош меварзад, то барои коҳиш додани мушкилоти транзитӣ ва тиҷоратии худ роҳи наве барои дастрасӣ ба обҳои баҳрӣ пайдо намояд. Бо таваҷҷуҳ ба ин мушкилот, ки дар масири баҳри Ҳинд барои Афғонистон вуҷуд дорад, ин кишвар дар ҷустуҷӯи роҳҳои нав барои иртитибот бо кишварҳои саноатӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Дар ин замина масири наверо, ки давлати Афғонистон пешниҳод намудааст, Роҳи лоҷвард мебошад, ки Афғонистонро аз тариқи Туркманистон, Озарбойҷон ва Гурҷистон ба баҳри Сиёҳ ва бо убур аз Туркия ба обҳои озод васл мекунад. Роҳи Лоҷвард як масири таърихӣ ва дар ҳақиқат эҳёи Роҳи Абрешим мебошад, ки қидмати таърихии дуҳазорсола дорад. Дар гузашта лоҷвард ва соир сангҳои қиматбаҳои Афғонистон ба кишварҳои Қафқоз, Русия, Балкан, Аврупои Ғарбӣ ва Африқо аз тариқи ин роҳ интиқол дода мешуданд. Аз ҳамин сабаб ин роҳро Роҳи лоҷвард номидаанд. Ин роҳ ба унвони бахши Роҳи Абрешим дорои аҳамияти вижае мебошад [8 с 89]. Тарҳи Роҳи лоҷвард дар соли 2012 аз тарафи давлати Афғонистон ба манзури ҳамкориҳои тиҷоратӣ миёни кишварҳои Туркманистон, Озарбойҷон ва Туркия, ба манзури коҳиши монеаҳои тиҷорати транзитӣ ва тавсеаи амалиёти муштараки гумрукӣ байни кишварҳои номбурда барои соҳиб шудан ба роҳҳои баҳрӣ матраҳ шуд. Баъд аз баҳсу гуфутугӯ байни гурӯҳи кишварҳои номбаршуда дар соли 2016 ин муваффақиятнома амалӣ шуд. Ва дар соли 2017 дар нишасти РЕКО ба имзо расид. Ин роҳ аз бандари Оқинаи вилояти Форёб ва бандари Турғундии вилояти Ҳирот оғоз шуда, аз тариқи бандари Туркманбошии Туркманистон идома ёфта ва баъд аз убури баҳри Хазар ва пойтахти Озарбойҷон – шаҳри Боку ва аз он ҷо ба Тифлиси Гурҷистон то бандари Батуми ва Поти ба баҳри Сиёҳ, то шаҳри Қорси Истамбули Туркия ва ниҳоят бар Аврупо доман паҳн мекунад. Мардуми Афғонистон аз ифтитоҳи Роҳи лоҷвард истиқлоли гарм менамоянд, ба сабабе ки ин роҳи тиҷоратӣ заминаи кор барои теъдоде аз мардуми ин кишвар фароҳам хоҳад кард [10, с. 2]. Роҳи лоҷвард кӯтоҳтарин роҳи тиҷоратӣ буда, интиқоли амволи тиҷоратӣ аз тариқи ин роҳи бузург бо масрафи кам сурат хоҳад гирифт. Қабл аз бархрабардории Роҳи лоҷвард тиҷорати амвол ва молҳои афғонӣ ба кишварҳои ҳамсоя бо мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ буда ва масорифи ҳангуфтеро эҷод мекард. Аммо бо

ифтитоҳи ин роҳи тиҷоратӣ мушкилоти дар сари роҳи тиҷорат буда ва масорифи ҳангуфт коҳиш ёфта, тоҷирони кишвари Афғонистон метавонанд ба осонӣ фаъолиятҳои тиҷоратии худро анҷом диҳанд. Қабл аз Роҳи лоҷвард тиҷорати Афғонистон аз тариқи бандари Карочии Покистон сурат мегирифт. Ин роҳ мушкилоти масориф ва муддати замони зиёдеро дар бар гирифта, тоҷирони кишвари мо бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ буданд. Аммо бо истифода аз роҳи тиҷоратӣ ба кумаки Худованди тавоно мушкилоти тиҷоратӣ ва иқтисодии кишвари Афғонистон то ҷое ҳал хоҳад шуд [6, с. 250].

Аҳамияти иқтисодии Роҳи лоҷвард дар тавсеаи иқтисодии Афғонистон ва кишварҳои минтақа аз аҳамияти вижае бархӯрдор будааст. Роҳи лоҷвард яке аз муҳимтарин роҳҳо ба шумор меравад. Эҷоди ин роҳи бузурги тиҷоратӣ барои сармоягузорон ва тоҷирон, инчунин дар рушди иқтисодии кишвар як қадами мусбат талқин мегардад. Роҳи лоҷвард заминаи сармоягузорӣ, иштиғол ва тавлидро фароҳам оварда, барои рушду тавсеаи Афғонистон аз нуқтаи назари иқтисодӣ хеле муҳим ва арзишманд мебошад. Бо истифода аз ин роҳ тоҷирони афғон метавонанд бе ягон монеаи гумрукӣ дохили кишварҳои узв шуда, озодона тиҷорати хешро дунболагирӣ намоянд. Яке аз судҳои дигари ин роҳи транзитӣ ин аст, ки кишварҳои ҳамсуд ҳеҷ навъи тарофа ё маҳдудае болои молҳои тиҷоратии тоҷирони афғон гузошта наметавонанд ва ба ин гуна ба тиҷорат ва сармоягузори афғонӣ судҳои зиёд эҷод хоҳад гардид. Қобили зикр аст, ки Афғонистон аз ин масир бо дипломатияи фаъоли иқтисодӣ, минтақавӣ истифодаи азиме хоҳад намуд. Хушбахтона, дар арсаи талошҳои пайгиронаи давлати феълии Афғонистон Роҳи Лоҷвард, ки арзонтарин ва мутмаинтарин роҳи тиҷоратӣ мебошад, шиносоӣ ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, истифода аз ин масир дар тавсеа ва рушди иқтисодии кишвари Афғонистон кумаки бузурге хоҳад намуд [9, с. 1].

Коҳиши ҳазина ва замони транзит ва рафъи монеаҳои тиҷоратӣ, бозори бештар барои маҳсулоти афғонӣ, дастрасӣ ба молҳои арзони тиҷоратӣ ва афзоиши даромади тиҷоратӣ, аз афзалиятҳои асосии Роҳи лоҷвард мебошанд. Бояд гуфт, ки дар паҳлуи роҳҳои зикршуда дар таъмини амният ва рушди иқтисодии кишварҳои узв бетаъсир нахоҳад буд. Бояд сармоягузорон ва тоҷирони кишвари мо аз фурсати мусоид истифодаи азиме намуда, дар ҳиссаи рушду тавлидоти маҳсулоти дохилӣ ва содиротии онҳо ба кишварҳои узви Роҳи лоҷвард талоши ҳамаҷониба ба харҷ диҳанд. Чун ин роҳ яке аз муҳимтарин масирҳои тиҷорати Афғонистон буд, ин роҳ фурсати муносибро аз роҳи осон ва мутмаин барои сармоягузорони кишвар фароҳам овард. Долони Роҳи лоҷвард фурсатҳои зиёдеро барои пайдо кардани маҳсулоти арзон ва босифат барои воридот дар Афғонистон фароҳам хоҳад кард. Бо баҳрабардорӣ аз Роҳи лоҷвард Афғонистон ба чаҳор роҳи транзитии минтақавӣ ва байналмилалӣ мубаддал шуда, даромадҳои қобили мулоҳизаеро ба даст хоҳад овард. Баҳрабардорӣ аз Роҳи лоҷвард ба Афғонистон кумак мекунад, то ба равобити минтақавӣ ва байналмилалӣ аз нуқтаи қувват ворид шавад ва низ барои танзими умури дохилӣ ва эҷоди субот дар сатҳи миллӣ қадамҳои бештаре бардорад. Ба ибораи дигар, ба ҳар мизоне, ки роҳи нави транзитӣ ва тиҷоратии байналмилалӣ барои Афғонистон фароҳам шавад, Афғонистон ба ҳамон андоза қудрати бештаре барои арзаи хадамот ва суботи миллӣ ба даст меоварад. Ва низ вобастагии Афғонистон аз масири нимасиёсӣ коҳиш ёфта, масири тараққӣ ва пешрафти иқтисодиро тай хоҳад намуд. Ҳамчунин, ин тарҳ дар ростои сиёсати Ҳукумати ваҳдати миллӣ ҷиҳати басиҷи кишварҳои ҳамсоя, бахусус кишварҳои ҳавзаи Қавқоз ва Балкан барои эҷоди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ шакл гирифтааст [7, с. 235]. Роҳи лоҷвард дар ҳиссаи таъмини муносибот ва иртиботи фарҳангӣ байни кишварҳои ҳамсуд нақши умда ва асосиро ифо мекунад. Афғонистон бо истифода аз ин роҳ дар соҳаи тиҷорат ва равобити тиҷоратӣ муносиботи фарҳангии хешро низ бо кишварҳои узви ин масири тиҷоратӣ таҳким хоҳад бахшид. Бо гузашти замон ҳарчи бештар муносиботи фарҳангӣ, таъсироти фарҳангӣ аз кишварҳои номбаршуда рунамо хоҳад гардид. Умед меравад, ки истифода аз ин роҳ василае бошад, то дар паҳлуи рушди иқтисодӣ, пешрафтҳои фарҳангӣ низ дар кишварии бостонии мо Афғонистон рунамо гардида, дар паҳлуи қарордодҳои тиҷоратӣ тавофуқномаҳои фарҳангӣ низ ҷиҳати рушд ва тавсеаи Афғонистон ба имзо расиданд ва заминаи иртиқои зарфиятҳои мардуми Афғонистон аз лиҳози илмӣ ва фарҳангӣ фароҳам оварда шуданд. Мардуми ранҷдидаи Афғонистон аз ифтитоҳи роҳи транзитии лоҷвард ва барқарории муносибатҳои тиҷоратии Афғонистон бо кишварҳои минтақа ниҳоят хушбин буда,

интизори рӯзе мебошад, ки Ҳукумати ваҳдати миллӣ ба силсилаи талошҳояшон дар таҳкими ҳарчи бештари муносиботи фарҳангӣ низ талоши ҳамаҷониба ба харҷ диҳад, то барои ҷавонони ин сарзамин заминаи иртиқои зарфияти илмии бештар аз пеш мусоид фароҳам гардад [8, с. 3].

Агар саҳифаҳои таърихи кишвари худро варақ бизанем ва ба собиқаи таърихӣ мурури кӯтоҳе намоем, дармеёбем, ки дар аҳди бостон тиҷорати Ориёно бо кишварҳои Чин, Рум, Ҳинд ва соир кишварҳо барқарор буд ва Ориёнои қадим ва Афғонистони имрӯза муносиботи тиҷоратӣ ва фарҳангии хешро бо кишварҳои номбурда истеҳком бахшида буд. Дар ин давра роҳе, ки дар роҳи тиҷорати Афғонистон мақоми умда дошт, Роҳи бузурги Абрешим буд. Роҳи Абрешим аз бузургтарин роҳи тиҷоратӣ дар Афғонистон буд, ки дар аҳди Кӯшониён ва махсусан дар замони Канишка тиҷорати Ориёнои қадим бо истифода аз ин роҳ хеле равнақ ёфта буд. Қабл аз оғози таърихи мелодӣ дар Ғарб дар кураи Замин Миср, Сурия, Юнони қадим, Рум ва дигар кишварҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ пешрафт намуда буданд. Эрон вазифаи иртиботдиҳандаи Шарқ буд. Дар Шарқ то оғози асри мелодӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ кишварҳои мутараққӣ чун Чин, Тибет, Ҳинд, Туркистони Шарқӣ ва дигар кишварҳо мавҷуд буданд. Порчаҳои абрешими қиматбаҳо ва зуруфи чиниро, ки дар Чин ва Туркистони Шарқӣ ва Тибет тавлид мешуданд, кишварҳои ғарбӣ тавлид карда наметаавонистанд. Дар ин замон ин аҷнос баробар бар арзиши тилло фурӯхта мешуданд. Интиқоли ин аҷнос аз роҳи дарё ва баҳр имкон надошт, чунки дар он замон роҳи баҳрӣ боз нагардида буд ва фиристодан аз роҳи баҳр бисёр мушкилу тӯлонӣ буд. Аз ҷониби дигар, роҳи баҳр наздик ба Ғарб дар тасарруфи Эрон буд ва бо ин кишвар бо дарназардошти нафъи худ кор мекард. Ва ҳамчунон роҳҳои баҳрӣ бо уқёнуси Ором, уқёнуси Ҳинд, дар айни замон уқёнуси Атлантик ва уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ дар иртибот будааст. Боз намудани роҳҳои номбурда дар он замон ғайримумкин буд, дар чунин ҳолат мамолики Ғарб бо Эрон, ки дорои неруи сиёсии он замон буд, тавофуқ намуда, Роҳи бузурги Абрешимро эҷод намуданд [7, с. 240].

Қабл аз ин ки роҳҳои баҳрӣ кашф шаванд, рафтуомаду ҳамлу нақли молу тиҷорат тариқи корвонҳо рӯйи гузаргоҳҳои дар хушкӣ сурат мегирифт, ки аз каронаҳои шарқӣ ба баҳри Миёназамин бар қалби Чин ва дар миёнаи Осиё доман паҳн карда буд. Баъд аз кашфи роҳи баҳрӣ тоҷирон то як муддат аз роҳҳои баҳрӣ сафар намекарданд, чун ин роҳро хатарнок мепиндоштанд ва аз роҳи хушкӣ ба тиҷорати худ мепардохтанд. Иллати аслии ин роҳи тиҷоратӣ мавзӯи тиҷорати хариду фурӯши тиҷорати абрешим буд, зеро тоҷироне, ки дар Шом тиҷоратхона доштанд, бисёр моил буданд, то иртиботе миёни нуқтаи тавлиди абрешим бо марказҳои махсуси тоб додан ва рангомезии он қоим кунанд [6, с. 249]. Роҳи Абрешим яке аз муҳимтарин ва пураҳамияттарин роҳи тиҷорати иқтисодӣ, иртиботӣ ва сиёсии аҳди бостон ба шумор меравад. Ин роҳ боис гардида буд, ки дар аҳди бостон фарҳанг, маданият, афкор, андеша ва маҳсулоти мардумони Шарқу Ғарб бо ҳам иртибот пайдо кунанд. Дарозии Роҳи Абрешим ба 7000 км мерасад ва дар баъзе манобеъ дар ҳудуди 11 ҳазор км гуфта шудааст. Ин роҳ тавассути як шахси тоҷир бо номи Мис Титонус, ки аз Мақдуния буд, кашф шудааст. Вай дар Шом тиҷоратхона дошт ва моил буд, то миёни маҳалоти тавлиди абрешим ва марказҳои нахрезӣ иртибот пайдо кунад. матоъҳои абрешимӣ аз тариқи ҳамин роҳ аз Шарқ ба Аврупо интиқол меёфтанд. Ба ҳамин хотир, ин роҳи тиҷоратӣ истилоҳи Роҳи Абрешимро ба худ касб кард [5, с. 30].

Дар он замон Роҳи Абрешим ба ду қисмат тақсим мешуд: як роҳ ба сӯйи шимолу ғарб мерафт ва аз шимол ба ҳавзаи Торун мегузашт; роҳи дигарӣ сӯйи ҷанубу ғарб имтидод меёфт ва аз ҷануби ин ҳавза мегузашт. Роҳи ҷанубӣ аз гузаргоҳи силсилакӯҳҳои Кун Луни Чин ва саҳрои Токило мегузашт. Имтидоди ин роҳ қабл аз гузаштан аз Помири Шарқӣ дар охирин бахши кӯҳистони Помир, ки ду дарё – Сайҳун, яъне Сирдарё ва Ҷайҳун – Омударё аз он сарчашма мегиранд ва ба минтақае мерасид, ки имрӯз ба номи Туркистони Ғарбӣ ёд мегардад. Шохае, ки ба шимол имтидод меёфт, пас аз гузаштан аз кӯҳистони Помир ба Қошғар мерасид, ки ғарбитарин нуқтаи ҳавзаи Торун буд. Аз Қошғар роҳи шимолӣ ва ҷанубӣ бо ҳам мепайвастанд. Пас аз Кошғар маконе бо номи Бурчи Сарангӣ қарор дошт, ки дар ин нуқта корвонҳои тиҷоратии Чин бо корвонҳое, ки аз Ғарб меомаданд, тамос меёфтанд. Шоҳаи дигаре аз Қошғар аз роҳи кӯҳистони Помир ба Балх мерафт. Балх тақрибан дар Роҳи Абрешим қарор дошт. Роҳи дигаре низ аз тариқи кӯҳистон ба Қошғар мерафт ва аз Самарқанду Бухоро гузашта, аз он ҷо ба Марв мерафт.

Бахши дигари ин роҳ ба тарафи шимол ва каронаҳои шимоли шарқии дарёи Хазар муттасил мешуд. Ва сипас бо қатъи дарёи Хазар ба Боку мерафт ва бо гузашт аз баҳри Сиёҳ ба Истамбул мерасид [5, с.36]. Бохтар ба унвони марзи муштараки тиҷоратӣ аз замонҳои қадим ва гузашта то замони ҳукумати Кӯшониён ва баъд аз он авҷи равобити сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар миёни кишварҳои Осиёи Миёна, Шарқи Дур ва Аврупо як нуқтаи хеле муҳим буд. Ин сарзамин на танҳо марказ, балки дорои сарватҳои моддӣ ва маънавӣ буд. Афғонистон рӯйи гузаргоҳи маъруфи абрешим мавқеияти хос дошт, чун дар васати тӯли роҳ қарор дошт ва роҳи мазкур дар ин сарзамин чи ба тарафи шимол ҷониби Мовароуннаҳр ва Марв ва чи ба тарафи ҷануб ҷониби Ҳинд шоха мешуд, истифодаи транзитии он хеле зиёд буд. Аслан, монанди шаҳри Балх дар нуқтае афтода буд, ки шоҳаи Ҳинд ва ё ҷанубӣ ва шохаи шарқӣ - чинии Роҳи Абрешим дар он ҷо ба ҳам якҷоя мешуданд. Дар корвонҳои ҳамлу нақли амвол рӯйи Роҳи Абрешим нақши муҳиме ифо мекард. Илова бар абрешим, ки ба шакли транзит вориди ин сарзамин шуда, ба ғарби Осиё мунтақил мегардид, баъзе маҳсулоти маъданӣ, наботӣ ва ҳайвонӣ, аз қабили лоҷвард, атиқа, пашм, қолин, меваи хушк аз дохили мамлакат ва бархе моли тиҷоратии дигар монанди пунба, маводи атриёт, мил ва ғайра аз хоки Ҳинд омада ва аз ҳамин тариқ ба хоки Осиёӣ Ғарбӣ мерасиданд ва тоҷирони румӣ онҳоро ба империяи Рум мебурданд. Роҳи Абрешим дар миёни миллал шуҳрати зиёд дошт, дорои роҳҳои саросарӣ ва корвонравое буд, ки тақрибан ду ҳиссаи Осиёро фаро гирифта ва назар ба аҳамияти фоидаҳои тиҷоратӣ омили иртиботи кишварҳои бузург ҳунҳои Чин, Кӯшониён ва империяи Рум ба шумор мерафт [6, с. 251].

Содироти Ориёнои қадим аз тариқи Роҳи Абрешим лоҷвард ва лаъл аз Бадахшон, зумрад аз Панҷшер, пашм, қолин, меваи хушк ва чӯб аз Қандаҳор, тилло аз Тахористон, чӯби булут, ашёи нуқрагӣ, чарм ва анвои атр аз Балх, санги сурмаи Бадахшон ва як силсила аҷноси дигар [5, с.48].Воридоти Ориёнои қадим, сандуқчаҳои оҷӣ, ки барои ҳифз ва нигаҳдороии ҷавоҳирот аз он истифода мекарданд, зарфҳои мунаққаш ва маҳсури шишагӣ, ки бештар аз Багром ба даст омада, кома, арғувон, шиша, порчаи папирус ва шароби бут, ки аз империяи Рум ворид мешуданд, ба эҳтимоли наздик ин амволи тиҷоратӣ бештар вориди Афғонистон шуда ва аз ин тариқ вориди Чин мешуданд [5, с. 50].

Афғонистон дар асри шашум ва ҳафтуми мелодӣ миёни Ҳинд, Форс, Мовароуннаҳр, Чин ва баҳри Араб афтода ва Роҳи маъруфи абрешим аз он мегузашт, ки ба қавли донишманди фаронсавӣ Рена Гурса, “роҳи зиёрати буддоиён низ буд ва роҳи корвонҳои тиҷоратии кишварҳои Ҳинд Форс, Чин, Мовароуннаҳр аз ин сарзамин ба Ироқ ва мамолики Араб мегузашт. Аз Афғонистон ба сарзамини Ҳинд се роҳи тиҷоратӣ мавҷуд буд, ки дар шимол аз қисматҳои дарёи Кобул ва Кунар ба роҳи Боҷур ё маҷрои дарёи Кобул, ба қисмати Пешовар ва соҳилҳои Обосин мегузашт [1, с. 477].

Ин роҳи шимолӣ бозоргонони вилояти Кобул ва Тахорро бо Ҳинд васл мекард, чун тиҷорати заминҳои шимоли Ҳиндукуш аз ин роҳ бо Ҳинд сурат мегирифт. Минтақаи Парвон, шимоли Кобул ҷойи бозаргононе буд ва онро дарвозаи Ҳиндустон мегуфтанд. Шаҳри Кобул пайвастагоҳи роҳи тиҷоратӣ буд, танҳо дар бозори он ба қимати бештар аз ду миллион нил фурӯхта мешуд [2, с. 48]. Вилояти Кобул дар шимоли Ҳиндукуш ба Балх иртибот дошт. Балх шаҳре буд тиҷоратӣ ва ҷойи бозаргонон, ки онро боркадаи Ҳиндустон мегуфтанд ва аз ҳар ҷониб амволи тиҷоратӣ ба ин шаҳр мерасид, чун Балх бо Ҷавзҷон иртибот дошт. Ҷавзҷон фароҳамкунандаи санъаткорон, бозоргонон ва амволи тиҷоратӣ буд. Бинобар ин, аҳамияти тиҷоратии хеле зиёд буд. Ҳамчунин, корвонҳои тиҷоратии вилояти шимолии Ҳиндукуш аз роҳи Кобулу Лағмон ба соҳилҳои дарёи Синд ва Ҳинд мегузашт ва Лағмон низ ҷойи тоҷирон ва боргаҳи Ҳиндустон буд [3, с. 52].

Роҳи дуюми тиҷоратии Афғонистон ба шарқ аз Ғазнин, ба вилояти Пактиё аз дараи Гумал ба Банун, яъне Бомиёни қадим мерасид, ки аз он ҷо аз роҳи гузаргоҳи Нилоб ба сарзамини Панҷоби кунунӣ мегузашт. Ғазнӣ шаҳри маъмур буд ва ба қавли Ибни Ҳавкал, дар тамоми ин навоҳӣ шаҳре ба ободии Ғазнин ва касрати амволи тиҷорати он набуд ва онро ҳам гузаргоҳи Ҳинд мешумориданд. Аз ин ки дар шимол бо қисмати Кобул ва дар ҷануб бо қисмати Арғандоб иртибот дошт, аҳамияти тиҷоратии он бештар буд. Ғазнӣ бо дуюмин маркази тиҷоратӣ, яъне Кобулу Бомиён иртибот дошт. Роҳи сеюми тиҷорати Хуросон ва Систон ба сарзамини Синд ва Ҳинд аз Нишопур, Ҳирот ва Буст мегузашт ва дар қисмати Кувитаи Покистон ба дараи Булон ва сарзамини васеи Синд мерасид. Дар ин минтақа шаҳри машҳури тиҷоратӣ Ҳирот буд, ки аз самти Ғарб бо Нишопур – маркази муҳимми дигари Хуросон мепайваст ва ҷойи бозаргонон ва бозорҳои хосе барои анвои

тиҷорат дошт, санъаткорон, пӯстиндӯзон, ресмонфурӯшон ва дигар косибон ва арбобони санъат растаҳои хосе дар бозор доштанд. Аз дуконҳои баззозии он молҳои фаровон ба шаҳрҳои дигар бурда мешуд. Ҳирот ба манзалаи қалби Хуросон аст ва маҳалли иртиботи корвонҳои тиҷоратӣ будааст, ки аз Форс ба Хуросон нақл мешуд ва шаҳри Ҳирот дарвозаи Хуросон, Систон ва Форс шуморида мешуд [4, с. 55].


### АДАБИЁТ

1. Абдулҳай Ҳабибӣ. Таърихи Афғонистон пас аз ислом. – Кобул, 1386. – С. 477.
2. Ҳусайн Ҳотамӣ. Аҳамияти тиҷоратӣ ва бозаргонии роҳи бузурги Хуросон аз Бағдод то Чин дар садаҳои нахусти исломӣ. – Теҳрон, 1391. – С.48.
3. Расоно Ҳашматии Пур. Ҷодаи Абрешим раҳкушои тавсеа ва гардишгарӣ дар кишварҳои исломӣ. – Қазвин, 1389. – С.52.
4. Зиё Дониш. Роҳи лоҷвард, аҳамият ва мазоёии он барои Афғонистон // Рӯзномаи "Афғонистон". 22 қавс, 1397. – С.55.
5. Фарҳод Шамол. Нақши Роҳи Абрешим дар тоблури фарҳанги тамаддуни Бохтарзамин. – Кобул,1392. – С.50.
6. Алиаҳмад Кӯҳзод. Афғонистон дар партави таърих. – Пешовар, 1387. – С.251.
7. Қазоқбой Маҳмадов. Таърихи туркони қадим. Мутарҷим Абдуллоҳи Руин. – Кобул, 1392. – С.240.
8. Нило Пушонтӣ. Пружаи Роҳи лоҷвард бо ҳадафи сохтани роҳи транзитии пӯё барои Афғонистон. Мутарҷим Ҳусайн Аҳмадӣ // Рӯзномаи "Афғонистони мо". 26 қавс 1397. – С.3.
9. www daily afgyhanistan. com. – С. 1.
10. www avaress. com. – С. 2.


### НАҚШИ РОҲИ ЛОҶВАРД ВА РОҲИ АБРЕШИМ ДАР ТАЪМИНИ РАВОБИТИ ТИҶОРАТИИ АФҒОНИСТОН ВА КИШВАРҲОИ ОСИЁ


Яке аз иқдомоти неки Ҳукумати ваҳдати миллӣ ба хотири таҳкими муносиботи иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, баҳрабардорӣ аз Роҳи лоҷвард мебошад, ки тарҳи ин роҳи транзитӣ аз тарафи давлати Афғонистон ба кишварҳои Туркманистон, Озарбойҷон, Гурҷистон ва Туркия пешниҳод гардидааст.Бо мутолиаи таърихӣ дармеёбем, ки роҳи транзитии лоҷвард бо Роҳи Абрешим, ки бузургтарин роҳи тиҷоратии аҳди бостон буд, иртиботи ногусастанӣ дошта, корвонҳои тиҷоратии кишвари мо дар он замон бо истифода аз ин масири таърихӣ муносиботи тиҷоратии хешро бо кишварҳои Шарқу Ғарб анҷом дода, аз ин тариқ нафъ мебурданд.Баҳрабардорӣ аз ин масири тиҷоратӣ на танҳо боиси равнақи иқтисодӣ дар миёни кишварҳои минтақа мешавад, балки боиси равнақи тиҷорат ва фаъолиятҳои тиҷоратӣ бо кишварҳои Аврупо низ хоҳад шуд. Истифода аз ин масири таърихӣ дар тиҷорат ва иқтисод аҳамияти босазое дорад.



**Калидвожаҳо**: Роҳи лоҷвард, Роҳи Абрешим, равобити тиҷоратӣ, равобити фарҳангӣ, равобити иқтисодӣ, Афғонистон, кишварҳои Осиё, кишварҳои минтақа, Ориёнои бостон, Хуросон, Систон.


### РОЛЬ ЛАЗУРНОГО И ШЕЛКОВОГО ПУТЕЙ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ТОРГОВОЙ СВЯЗИ МЕЖДУ АФГАНИСТАНОМ И АЗИАТСКИМИ СТРАНАМИ


Одним из созидательных инициатив Правительства национального единства Афганистана было открытие Лазурного пути с целью укрепления экономических, политических и культурных связей, проект которого был предложен правительством Афганистана таким странам как Туркменистан, Азербайджан, Грузия и Турция. При изучении исторических источников становится очевидным, что транзитный лазурный путь имел непосредственную связь с Великим Шелковым путем и с использованием этого исторического маршрута наши предки развивали свои торговые отношения со многими странами Востока и Запада. Использование данного пути станет основанием не только экономического развития, но иразвития торговых отношений со странами Европы. Также данный путь имеет очень большое значение в развитии экономики и торговли.



**Ключевые слова:** Лазурный путь, Шелковый путь, торговые отношения, культурные взаимоотношения, экономические связи, Афганистан, Азиатские страны, страны региона, Древняя Ария, Хорасан, Сиистан.


### THE ROLE OF LAZUR AND SILK WAYS TO ENSURE TRADE RELATIONS BETWEEN AFGHANISTAN AND ASIAN COUNTRIES


One of the constructive initiatives of the Government of National Unity of Afghanistan was the opening of the Azure Path in order to strengthen economic, political and cultural relations, a project of which was proposed by the Government of Afghanistan to such countries as Turkmenistan, Azerbaijan, Georgia and Turkey. When studying historical sources, it becomes obvious that the transit azure path had a direct connection with the Great Silk Road and using this historical route our ancestors developed their trade relations with many countries of the East and West. The use of this path will become the basis not only of economic development, but also the development of trade relations with European countries. Also, this path is of great importance in the development of the economy and trade.



**Keywords:** Azure Way, Silk Road, trade relations, cultural relations, economic relations, Afghanistan, Asian countries, countries of the region, Ancient Aria, Khorasan, Siyastan.



**Сведения об авторе:** ***Чакмок Шукрия*** – Университет Джавзджон, Исламская Республика Афганистан, преподаватель кафедры истории факультета педагогики.

**Information about the author:** ***Chakmok Shukriya*** - Javzjon University, Islamic Republic of Afghanistan, teacher of the history department of the Faculty of Pedagogy

УДК: 327 + 297 (581) (575.3)

# ИСЛОМ ВА ДЕМОКРАТИЯ

*Самеъуллоҳ Донишёр*
**Донишгоҳи Салом – Қундуз, Афғонистон**

Инсон фитратан мавҷуди маданист ва ба хотири таҳаққуқи маданият дар зиндагӣ ниёз ба усулу қонун, ҳукумат ва сиёсат дорад. Бинобар ин мактаби ҷомеасозии ислом мавзӯи ҳукуматдории шоиста ва робитаи афрод бо қудрати сиёсиро ҷиддӣ гирифта, мавҷудияти онро зарурӣ медонад. Дар ҷаҳони муосир яке аз пешрафтатарин низомҳои сиёсӣ ва шеваҳои ҳукуматдорӣ демократия аст, ки дар иддае из кишварҳои исломӣ ин шеваи ҳукуматдорӣ истифода мешавад. Аммо миёни мусулмонҳо дидгоҳи воҳид дар робита ба таомул бо демократия мавҷуд нест. Ин рӯҳу моҳияти демократияи ростин аст, ки башарият гунаҳову равишҳои илмии хосеро, монанди интихобот, референдум, ҳаққи ҳукумати аксарият, бисёрҳизбӣ, ҳаққи мухолифати ақаллият, озодии матбуоту расонаҳо ва истиқлоли суд ва монанди инро таҷриба намудааст.

Оё моҳияти демократия ба гунае, ки онро муаррифӣ намудем, бо ислом мухолифат дорад? Ин мухолифат аз куҷо реша мегирад? Чӣ далеле дар оёту Қуръон ва суннати саҳеҳи Расули Худо (с) барои исботи ин назария вуҷуд дорад? Воқеият он аст, касе, ки дар мавриди моҳияти демократия таҳқиқ кунад, мефаҳмад ки ба рӯҳу моҳияти ислом бисёр наздик аст.

**Оё ислом бо демократия созгор аст?** Робитаи байни ислому демократия дар ҷаҳони муосир печида аст. Ҷаҳони ислом аз нигоҳи идеологӣ якпорча нест. Назарияҳои зиёде вуҷуд доранд – аз андешаҳои ифротии касоне, ки вуҷуди ҳар гуна иртибот байни ислому демократияро инкор мекунанд гирифта, то касоне, ки муътақиданд, ки ислом худ ба низоми демократӣ фармон медиҳад. Дар миёни андешаҳои ифротӣ, дар шуморе аз кишварҳое, ки аксарияти ҷамъияти онҳо мусулмон ҳастанд, бисёре аз мусулмонон бар ин боваранд, ки ислом ҳомию пуштибони демократия аст [1, с. 46].

Оё ҳақиқат дорад, ки ислом душмани демократия аст ва демократия навъе куфру гумроҳӣ ба шумор меравад? Ё ин ки ин сухан, сохта аст ва баноҳақ онро ба ислом нисбат медиҳанд ва ислом аз он худро ба дур медонад.

Ин масъала ба изҳори назари уламову фуқаҳои миёнарави бедории исломӣ ниёзманд аст, уламое, ки гирифтори ду гирдоб – ифроту тафрит нашудаанд, то ин ки ҳақиқати матлаб равшан гардад ва бори гуноҳи тафсирҳову бардоштҳои нодуруст, ҳарчанд аз сӯйи бархе уламои муҷтаҳид бошад, бар дӯши ислом ниҳода нашавад. Зеро, ба ҳар ҳол, онон инсонанд ва дучори хатову иштибоҳ мешаванд.Яке аз қавонину меъёрҳои асосии мавриди таъкиди уламои пешин он аст, ки ҳукму қазоват дар мавриди чизе танҳо пас аз ошноии кофӣ бо он саҳеҳ аст. Ва ҳар кас дар мавриди чизе, ки онро намешиносад ҳукме содир кунад, ҳукми ӯ ҳарчанд ба сурати иттифоқӣ дуруст бошад, боз нодурусту норавост. Зеро он гуна қазоватҳо дарвоқеъ ҳамчун тирандозе дар торикии шаб аст. Ва дар ривоятҳои саҳеҳ омадааст, ки ҳар гоҳ қозӣ аз рӯйи ноогоҳӣ қазоват кунад, ҷойгоҳи ӯ оташ аст; ҳамчун касе, ки ҳақро бишиносад ва бар хилофи он қазоват кунад.

Ба дур аз таърифҳову истилоҳоти печидаи илмӣ моҳияти демократия ин аст: "Мардум худ раҳбарону масъулони идораи умури мамлакатро баргузинанд ва ҳоким ё низомеро, ки намеписанданд, бар онҳо таҳмил нагардад. Ва дар айни ҳол норизоиятии мардум бо рӯйкардҳову равишҳои иқтисодию иҷтимоию фарҳангию сиёсӣ, ки мардум огоҳӣ ва ризоят надоранд, мавриди таваҷҷуҳ ва дахолати мустақим дар амри ҳукумат қарор гирад ва шароите фароҳам нашавад, ки ҳар кас бо он равишҳои таҳмилӣ мухолифат намояд, табъиду зиндону шиканҷаву эъдом дар интизори ӯ бошад".

Далелҳои зайл исботи муддаои мост:

**1. Ризояти фармонбардор аз фармонраво.** Ислом мухолифи имомати пешнамозе аст, ки мардум аз ӯ норозӣ ҳастанд, зеро дар ривояте омадааст: "Намози се нафар ҳатто як ваҷаб аз рӯйи сари онон болотар намеравад. Аввалин кас – марде пешнамоз (эмом) шавад, ки мардум аз ӯ бадашон меоянд"[2, с. 86]. Ҳамчунин ҳадиси саҳеҳи дигаре мефармояд: "Беҳтарин раҳбарони шумо онҳое ҳастанд, ки дӯсташон медоред ва онон низ шуморо дӯст медоранд. Ва барои онҳо даст ба дуо бармедоред. Ва онон низ барои шумо дуои хайр мекунанд. Бадтарини раҳбарони шумо касоне ҳастанд, ки аз онҳо бадатон меояд ва онон низ шуморо дӯст намедоранд, ононро нафрин мекунед. Ва онҳо низ шуморо нафрин менамоянд" [3, с. 120].

Вақте ба системае монанди системаи интихобот ё раъйгирӣ диққат кунем, дармеёбем, ки аз назари ислом чунин коре гувоҳию шаҳодат додан ба салоҳияти қазияи мавриди

назар аст. Касе, ки ба одами нолоиқу носолеҳе раъй медиҳад, дарвоқеъ иқдом ба шаҳодати дурӯғу ғайривоқеӣ намуда ва Қуръон амали вайро ҳамрадифи ширк қарор додааст. Касоне, ки дар интихобот ширкат намекунанд, чунончи ширкат намудани онҳо сабаби канор гузоштани инсонҳои лоиқу бокифоят шавад. Ва аз он тараф боис шавад, ки афроди нолоиқу бекифоят (касоне, ки аз ду вижагӣ – тавоноӣ ва амонатдорӣ бархӯрдор нестанд) раъй биёваранд, дарвоқеъ амру дастури Худовандро барои адои шаҳодат ва пинҳон накардани он нодида гирифта ва онро нофармонӣ карда ва дар мавриди масолеҳи мардуми мусулмон бетаваҷҷуҳ будаанд. Аллоҳи мутаол мефармояд: "Шаҳодатро катмон накунед ва ҳар кӣ онро катмон кунад, қалбаш гунаҳгор аст" [4, с. 34].

**2. Ислом мухолифи истибдоду худкомагӣ аст.** Қуръон ҳокимони мустабиду худкомаро, ки бо баҳрагирӣ аз "зару зӯру тазвир" худро бар мардум таҳмил мекунанд ва бандагони Худовандро ба бардагӣ мегиранд, сахт мавриди ҳамлаву сарзаниш қарор медиҳад. Барои мисол, дар мавриди рӯёрӯии Ҳазрати Иброҳим (а) бо Намруду Фиръавн бо Мӯсо (а) ва намунаҳои дигар батафсил баҳс вуҷуд дорад.

Қуръон аз ҳампаймонии пасту зишт миёни се нафар парда бармедорад: 1) фармонравое худкомаву зӯргӯ, монанди Фиръавн, ки дар сарзамини Худо худро бар бандагони ӯ таҳмил мекунад; 2) сиёсатмадоре монанди Ҳомон, ки мехоҳад ҳар чӣ бештар худро ба маркази қудрат наздик гардонад ва аз ҳамаи истеъдодҳову заковати худ ба манзури хидмат ба тоғуту тақвияти аркони ҳукумати ӯ ва фиреби мардум барои фармонбардорӣ аз ӯ истифода кунад; 3) сармоядорони истисморгару ғоратгаре, монанди Қорун, ки дастёбӣ ба манофеъро дар идомаи ҳукумати тоғут мебинанд ва бо сарвати худ барои ба даст овардани амволи бештар, ки ҳосили арақи пешонии мардум аст, аз ӯ ҳимоят менамояд.

Қуръон ин ҳампаймонии сеҷонибаро бар асоси палидию душманӣ ва ба дунболи муқобилаву рӯёрӯӣ бо рисолати Ҳазрати Мӯсо (а) муаррифӣ менамояд, ки саранҷом азоби илоҳӣ домангирашон шуд. Мавзӯи шигифтангез он аст, ки Қорун аз қавми Мӯсо (а) буд на аз қавми Фиръавн, аммо тоифаи хешро мавриди ситам қарор дод ва бо душманони миллати хеш пайваст. Фиръавн низ бо оғӯши боз ӯро пазируфт. Бинобар ин масолеҳи моддӣ сабаб шуд, то бо вуҷуди тафовути нажодӣ, он ду канори ҳам қарор гиранд.

Гоҳе ҳам Қуръон туғёну саркаширо ба калимаи "улув" ба маънии истикбору бартариталабию хору залил гардонидани мардум бо истифода аз зӯр таъбир менамояд."Улув" ва истикбору худкомагӣ бо фасоду табоҳию тафриқа иртиботи мустақим дорад. Қуръон на танҳо ба таҳоҷум ва сарзаниш алайҳи аҳли истибдоду мустакбирон иктифо наменамояд, балки хешовандону ақвому мардумеро, ки аз онҳо пайравӣ ва дар рикоби онҳо ҳаракат намуда, зимоми хешро дар ихтиёри онон қарор додаанд, ҳамроҳ бо онон масъул мешуморад, ки мисолҳои барҷастаи он дар муборизоти Ҳазрати Нӯҳ (а) Оду Қавми Самуд ва дигар паёмбарон дар сураҳои "Нӯҳ" ояти 21, "Ҳуд" ояти 59 ва "Зухруф" ояти 54 ва дар ҷойҳои гуногун вуҷуд дорад.

Суннати набавӣ низ ҳокимону фармонравоёни ситамкорро ба шиддат мавриди таҳоҷум қарор додааст. Ситамгароне, ки бо баҳрагирӣ аз қудрату зӯр мардумро саркӯб менамояд, онҳое, ки ҳар гоҳ чизеро бигӯянд ёрои нақду интиқод аз онон нест; ситамгароне, ки рӯзе ба сони парвонаҳои нотавон аз дасти золими болотар аз худ дар ин дунё гирифтор меоянд ва дар охират вориди оташи дӯзах хоҳанд шуд [5, с. 198].

Абӯ Мӯсо аз Расули Худо (с) ривоят мекунад, ки фармудааст: "Дар дӯзах даррае аст ва дар дарра чоҳе аст, ки онро Ҳабҳаб номанд, Худованд ба худ ҳақ медиҳад, ки ҳамаи худкомагону зӯргӯёнро дар он биандозад" [6, с. 232].

Ҷобир мегӯяд: "Расули Худо хитоб ба Каъб бини Аҷза фармуд: "Эй Каъб, Худованд туро аз фармонравоёни нодон дар амон бидорад. Ҷобир гуфт: Онон чӣ касоне ҳастанд? Расули Худо (с) фармуд: Фармонравоёне ҳастанд, ки пас аз ман меоянд ва мутамассик ба ҳидояту суннат намешаванд. Ҳар кас дурӯғи ононро тасдиқ кунад ва бар ситамгорӣ кумакашон кунад, аз мо нест ва ман ҳам аз онҳо эълони дурӣ мекунам. Ва дар биҳишт бар сари ҳавзи Кавсар нахоҳад шуд. Аммо ҳар кас дурӯғҳои ононро тасдиқ нанамояд ва бар ситамгарӣ бо онон ҳамкорӣ надошта бошад, онон аз ману ман аз онон ҳастам ва дар канори ҳавзи биҳишт бо ман хоҳанд буд" [7, с. 354].

**3. Риояти асли Шӯро.** Ислом асли "Шӯро"-ро яке аз аркони асосии ҷомеаи исломӣ қарор додааст. Ва фармонравои мусулмононро ба машварат ва умматро ба насиҳатгӯӣ мулзам намуда ва ислом амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро бар мардум воҷиб гардонидааст, то ҷое ки шариат мағзу хулосаи динро насиҳат медонад. Аз он ҷумла насиҳату андарз ба пешвоёну ҳокимони исломиро воҷиб ҳисоб намудааст. Аз назари

исломӣ ҳоким ё фармонравои исломӣ шахси маъсуме нест, балки вай низ монанди дигарон инсон аст ва дучори хатову савоб мешавад. Ҳамон гуна ки мумкин аст ба адолат рафтор кунад, мумкин аст роҳи ҷабру ситамгариро низ дар пеш гирад. Оммаи мардум ҳақ доранд, ки аз инҳирофи ӯ пешгирӣ кунанд ва иштибоҳоташро ислоҳ намоянд.

Абӯҳомид Ғазолӣ дар баъзе аз таълифоти худ ба ҳангоми тасовии ду дидгоҳ қоил ба тарҷеҳ аз тариқи аксарияти ададӣ аст. Дар мавриди масоили иҷтиҳодӣ, барои баррасию ҳалли масъала паноҳ бурдан ба як марҷаъ ҳеҷ монеае надорад. Масъалаҳое, ки дар мавриди онҳо нусусе аз Қуръону суннат вуҷуд надорад, ё агар нусусе аз оёту аҳодис дар мавриди онҳо вуҷуд дорад, бардоштҳои мухталиф аз он шудааст ва эҳтимоли бештар аз як тафсирро доранд, ё ин ки муоризе монанди худ ё қавитар барои он вуҷуд дошта бошад, аз ин қонун табаият мекунад. Раъйгирӣ низ метавонад ба унвони василае барои тарҷеҳи як раъй бар раъйи дигар мавриди истифода қарор гирад [8, с. 74].

**4. Посухгӯ будани ҳоким дар муқобили мардум.** Аз назари ислом ҳокими исломӣ намоянда ва коргузори мардум аст. Ва ҳаққи муваккил аст, ки вакил ва коргузори худро мавриди бозхост қарор диҳад ва ё ҳар гоҳ хост вайро аз маъмурияти ваколат барканор кунад, бахусус ҳангоме ки ӯ аз масъулиятҳо ва чорчӯбаи ваколат поро фаротар бигузорад.

Халифаи аввал Абӯбакри Сиддиқ (р) дар нахустин хутбааш баъд аз хилофат гуфт: "Эй мардум ман ба пешвоии шумо баргузида шудаам, дар ҳоле ки ҳеҷ гуна бартарӣ бар шумо надорам. Агар маро бар роҳи ҳақ дидед ёриам кунед ва агар дидед, ки ба бероҳа меравам, маро ба роҳи рост гардонед".

Халифаи дувум Умари Форуқ (р) мегуфт: "Раҳмати Худо бар он касе, ки айбҳоямро ба ман ҳадя кунад". Ҳамчунин мегуфт: "Эй мардум, ҳар кӣ аз шумо инҳироферо аз ман мушоҳида намуд, сари роҳам биёваред". Яке дар посухи эшон гуфт: "Эй писари Хаттоб ба Худо қасам агар бибинем, ки ба бероҳа меравӣ, туро бо лаббаи шамшерҳоямон сари роҳ хоҳем овард". Ҳангоме ки халифаи дувум бар рӯйи минбар машғули хитоба буд, хонуме баланд шуд ва бо назари эшон изҳори мухолифат кард. Умар дар ҷавоб гуфт: "Ин хонум дуруст гуфту Умар ба иштибоҳ рафт".

Вақте ки як нафар дар мавзӯе бо раъйи Алӣ (р) мухолифат намуд, он Ҳазрат гуфт: "Назари шумо саҳеҳ аст ва ман иштибоҳ намудам. Болотар аз ҳар огоҳе огоҳтаре ҳаст" [9, с. 219]. Бинобар ин лозим аст, ки аз низоми демократӣ баҳраи кофиро дар мавриди равишҳо, роҳкориҳо ва замонатҳое, ки бо арзишу таолими мо созгорӣ доранд, бибарем ва барои худ ҳаққи баррасӣ, таҳқиқу таъдили онҳоро маҳфуз бидорем. Ва аз фалсафаи он ки мумкин аст ношоистаҳоро шоиста ва шоистаҳоро ношоиста нишон диҳад, ба нафъу масолеҳи худ истифода кунем. Бакоргирии истилоҳоти исломиро дар дараҷаи аввали кори худ қарор диҳем ва барои таъбир аз ҳувияту шахсияту хусусиятҳои худӣ ин равишро шоиста бидонем. Аммо аз замоне ки истилоҳе аз тарафи мардум зиёд ба кор гирифта шавад, набояд гӯши хешро барои шунидани он бибандем, балки бояд ҳадаф аз бакоргирии онро дарёбем, то дар фаҳми маънои ҳақиқии он дучори иштибоҳ нашавем ва бо равиши ғайримантиқӣ ба тафсиру тавҷеҳи он напардозем. Танҳо дар чунин шароит қазовати мо дар мавриди он, қазовати солиму санҷида хоҳад буд.

Агар мусулмоне барои таҳаққуқи низоми демократӣ талош намояд, ба далели ин аст, ки онро шаклу равише барои идораи ҳукумат ба шумор меоварад, то дар он низом битавонад усулу арзишҳои сиёсии исломро, ба монанди интихоби раҳбар, ташкили шӯро, таҳаққуқ ёфтан ба насиҳати амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, муқобила бо ситамгарию хилофкории ҳокимон, бахусус дар сурати куфри ошкор воқеият бахшад.

Равияи аввал бар он назар аст, ки дар мафҳуми ҳаёти динии инсоният моҳияти диндориро ҷустуҷӯ кардан лозим нест, яъне ҳодисаҳои диниро дар он шакле, ки онҳо зоҳир мешаванд, таҳқиқ карда, ба муайян кардани дурустӣ, ҳақиқати дини халқҳо машғул шудан лозим нест, танҳо онро ҳамчун шакли зоҳиршавии фаъолияти ҳаётии халқҳо қабул намудан даркор асту бас. Ин ақидаро мактаби диншиносии Ғарб, мактаби Лейден дастгирӣ мекунад. Ин ақидаро диншиноси машҳур А. Опен-Хаймер дар китобаш «Месопотамияи қадим, портрети тааддуни гумшуда» баён кардааст. Ба қавли ӯ, инсони муосир эътиқодоти қадимро фаҳмида наметавонад. Бинобар ин, лозим аст ба тавсифу баёни баъзе фактҳо қаноат кунад ва аз ҳар гуна ҷамъбасту хулосабарорӣ канораҷӯӣ намояд [1,с.21], ки ин назарияи ӯ мухолифи омӯзиши муқоисавии дин мебошад.

Мактаби дигари диншиносии илмии муосир мактаби таърихӣ - феноменологӣ мебошад. Он динро на ҳамчун эҳсоси новобаста ба шуури инсон вуҷуддошта, балки чун воқеияти динӣ шарҳ медиҳад. Ба қавли намояндагони ин равия, вазифаи диншиносӣ аз он иборат аст, ки амиқона зоҳиршавии тамоми комплекси эътиқод ба Худоро дар таърихи ҳар халқ ва тамаддун омӯзад. Ин равия, хусусан, баъди нашри асари диншиноси немис Р. Отто «Қудсият, муқаддимаи ҷиҳатҳои бешууронаи эҳсоси Худо ва муносибати онҳо ба хирад» (1928) нуфузи зиёд пайдо кард. Дин, ба қавли ӯ, метавонад аз нуфузи муқаддас, эътиқод ба Худо, ки онро инсон бешуурона эҳсос мекунад, пайдо шавад. Эҳсоси муқаддасоти динӣ, танҳо, агар он ба манбаи воқеӣ иртибот дошта бошад, ба муддати дароз боқӣ мемонад, дар акси ҳол он метавонад ба зудӣ аз байн равад. Ин нуқтаи назар чун заминаи назариявӣ барои миқдори муайяни диншиносон хизмат кард, алалхусус, барои он гурӯҳи диншиносон, ки дар донишгоҳҳои Европаи Ғарбӣ ва ИМА кор мекарданд. Равияи таърихӣ-феноменологӣ шакли муназзам ва илмӣ мебошад, ки онро дар осори диншиноси амрикоӣ М. Элиаде метавон пайдо кард, аз ҷумла дар асари дастаҷамъии «Энсиклопедияи дин». Бо кӯшишҳои ин муҳаққиқ равияи мазкур нуфузу эътибори зиёд дар диншиносии муосир пайдо намудааст. Ба қавли Элиади, ҳар гуна ҷашнҳои динӣ, ибодатҳо инъикоси ҳодисаҳое мебошанд, ки дар гузашта дар ҳаёти инсон ҷой доштаанд. Ақидаи асосии ин равия аз он иборат аст, ки мавзӯи таҷрибаи динӣ на фақат дар эҳсосоту бовариҳои инсон вуҷуд дорад, балки берун аз он ба таври воқеӣ мавҷуданд. Одамони аҳди қадим боварӣ доштанд, ки эҳсоси худопарастӣ хосси инсон аст [16,с.82].

Диншиносии муосир дар аксари кишварҳо ба исботи мавҷуди Худо ва радди он машғул нест. Феномени дин ба таври ҷудогона ҳамчун воқеияти бебаҳс, ки ба он на муҳаққиқ, балки аксари аҳолӣ эътиқодманданд, таҳқиқ карда мешавад. Барои диншиносӣ он ақида кофӣ аст, ки Афина, Зевс, Посейдон барои Гомеру Гесиод тасаввури воқеӣ буданд. Диншиносии муосирро бидуни назарияи муосири фалсафӣ ва динӣ - фалсафӣ наметавон тасаввур кард.

Равияҳои гуногуни фалсафаи муосир динро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-воқеияти зеҳнӣ ва эътиқоди оммаи васеи одамон, чун фарҳанг ва унсури фарҳангӣ мавриди баҳс қарор додаанд. Ин назарияҳоро вобаста ба масъалаҳои таҳқиқи онҳо метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард: маърифатӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Дар баррасии назарияҳои фалсафӣ тақсимоти

онҳо вобаста ба таҳқиқи қисматҳои дин ба гурӯҳи далелгаравӣ ё хирадгарой (ратсионалистӣ ва имонгаравӣ) ҷудо карда шудаанд. Аз ҷумлаи хирадгароён метавон ин равияҳоро номбар кард: таҷрибагароён (позитивизми мантиқӣ, коҳеретизм (ҳамбастагӣ), скептисизм, идеализм) ва экзистенсиализм, феноменология фалсафӣ, ҳастишиносӣ (падидоршиносӣ), прагматизм, структурализм ва ғайра.

Ғайр аз инҳо равияҳои динӣ-фалсафӣ, мисли персонализм, тейярдизм, неоортодоксия ва ғайра низ доир ба шинохти дин ва ҳифзи таълимоти динӣ корҳои зиёде анҷом додаанд. Бояд гуфт, ки новобаста ба он ки барои ин гурӯҳ ҳадафҳои асосӣ ҳимояи дин мебошанд ва осори онҳо хусусияти апологетикӣ доранд, аммо онҳо то андозае ба равияҳои фалсафӣ дар баррасии дин наздик шудаанд. Онҳо аз назарияҳои фалсафаи муосир ва усулҳои таҳқиқотҳои фалсафӣ ба таври васеъ истифода мекунанд. Бинобар ин наметавон зимни баррасии диншиносии муосир аз онҳо сарфи назар кард.

Яке аз равияҳое, ки ба дин нигоҳи плюралистӣ дорад, ин эксистензиализм аст, ки намояндагони он ба ду гурӯҳ: экзистенсиализми атеистӣ ва экзистенсиализми динӣ ҷудо мешаванд.

Дар ташаккули экзистенсиализми динӣ нақши Мартин Хайдегер (1989-1976) ва Жан Пол Сартр (1905-1980) хеле барҷаста аст, бахусус дар фалсафаи дин, ки бисёре аз ғояҳои Хайдегерро Р. Бултман -теологи масеҳӣ, дар асарҳояш истифода кардааст. Ба гуфти Хайдегер шахс ҳаёти худро ба нақша мегирад, вале дар ин маврид бо бисёр маҳдудиятҳо мувоҷеҳ мешавад, ки муҳимтарини он нуқтаи охири ҳаёти инсон-марг аст ва он вуҷудияти инсонро зери шубҳа мегузорад. Пас, метавонад шуури инсон муносибатҳои мусбӣ нисбати ҳаёт дошта бошад ва маргро чун имкониятҳои барқарории ҳеҷ қабул кунад, вале маълум мешавад, ки баръакс вуҷудияти инсон дар таҷрибаи ботинӣ, калавишҳо, таҳдидҳо ва дигар экзистензияҳо ошкор мегарданд [15,с.49]. Аммо Сартр бошад, вуҷуди инсонро ба фаҳмиши анъанавӣ мухолиф гузошта, нишон медиҳад, ки мафҳуми Худои худ инъикоси зиддияти он аст, ки дар ҷустуҷӯи Худо инсон ба масъалаҳои озодию ихтиёри худ бархӯрд мекунад [12,с.40].

Марсел (1884-1973) бошад, аҳамияти мулоқоти мистикии фардро ба Худо таъкид карда, назарияеро асоснок мекунад, ки он иборат аз рефлексияи таҷрибаи динии шахс аст. Аз ҷумла, дар асараш «Худо ва масъалаи озодии шахс дар дин» таъкид мекунад, ки инсон танҳо дар вуҷуди худаш инсон аст, маҳз неруи ботинии ӯ шахсиятро муайян мекунад. Файласуфи дигар, ки ба равияҳои фалсафаи дин хеле нуфуз пайдо кардааст, файласуфи немис Зигмунд Гусерл (1859-1938) мебошад. Ӯ асосан назарияи феноменологиро ривоҷ дода, методологияи онро кор карда баромадааст. Ӯ дуршавӣ аз эмпиризмро таъкид карда, дедуксияи феноменологиро пешниҳод менамояд ва онро воситаи асосӣ дар моҳияти таҷриба мешуморад. Феноменология, ба фикри ӯ, моҳиятҳои доимӣ (хориҷ аз вақт)-ро ошкор сохта метавонад [8,с.51].

Файласуфи амрикоӣ Хокинг низ методологияи феномологиро истифода карда, дини ягонаи умумиро дар асоси анъанаҳои динҳои асосии ҷаҳон пешниҳод кардааст. Дар таълимоти фалсафии ҳама экзистенсиалистон бо вуҷуди ихтилофу рангорангиҳо як умумияти муштарак эҳсос карда мешавад, пеш аз он ки инсон ба илм, фалсафа, зиндагӣ, фаъолият, ибодат, худшиносӣ машғул шавад, нахуст бояд вуҷуд дошта бошад. Олам бе ҳастии инсон ҳеҷ аст, маъние надорад. Инсон ба ҳама чиз арзиш медиҳад, Худовандро меофарад. Ҳастии инсон вуҷуди ӯ мабдаи нахусти рангорангии ҳаёт ва шарти асосии олам аст, зеро ҳастӣ ба худи худ ҳеҷ маъние надорад. Инсон худ ба зиндагӣ маънӣ мебахшад. Инсон, ки вуҷуд надошта бошад, ин олами ҳастӣ ба худи худ бемазмуну бемаънӣ мегардад. Моҳияти ҳастии инсонро мувофиқи ақидаи онҳо мухторият, озодии масъулият ва дар худ будан ташкил мекунад. Эсзистенсиалистон вуҷуди инсонро ба неруи фавқуттабиӣ –Худо муқоиса намуда, ҳастии инсонро мустақил - автономӣ ва озод медонанд [14,с.688].

Мувофиқи ақидаҳои файласуфони экзистенсиализм, одам танҳо дар вуҷудияти худаш инсон мешавад ва моҳияти худашро пайдо мекунад. Ягон қувваи дигар аз он ҷумла «қувваи олӣ», ба ғайр аз худи фарди конкретӣ инсонияти ӯро ба амал бароварда наметавонад.

Назарияи секуляризм ё трансендентии Бергер ба шарҳи нави секуляризатсия нигаронида шудааст. Бергер секулияризатсияро раванде медонад, ки як қисми ҷомеа ва ҷузъҳое аз фарҳанг аз тасаллути созмонҳои динӣ халос мешаванд, одамон бидуни моил ба дин ҷаҳон ва ҳастии худро бино месозанд. Секулияризатсия масъалаҳои навро дар мамониат ба дин эҷод мекунад, сиёсат, иқтисод аз назорати дин хориҷ мешаванд. Дин дар вазъияте қарор мегирад, ки гурӯҳҳои динӣ бо ҳам рақобат мекунанд ва вазъияти плюралистӣ ба вуҷуд меояд. Бинобар ин, дар вазъияти бавуҷудомадае, ки Бергер

пешниҳод мекунад, пайвасташавии дину плюрализм эҳсос мешавад ва дар он асрори дин бозгӯ мегардад. Мушоҳидаи олами муқаддас «дар дигар шаклҳои фаъолияти меҳнатии инсон мушоҳида мегардад». Бергер методи таърихӣ – феноменологиро дар нисбати таҳқиқи ҳодисаҳои динӣ истифода бурда, нишон медиҳад, ки ин метод имконият медиҳад инкишофи таҷрибаи диниро дар ҳамаи шаклҳояш аз боқимондаҳои динӣ шурӯъ карда, дар таърих ва фарди ҷудогона нишон диҳад, ки он ба таҷрибаи инсонӣ вобаста аст [6,с.28].

Пайрави Бергер Т. Лукман дар шарҳи дин маълумотҳои антропологияи иҷтимоиро истифода намуда, кӯшиш кардааст, ки аҳамияти иҷтимоӣ – антропологии динро ошкор созад. Ӯ плюрализми воқеияти иҷтимоиро дар назар гирифта, «воқеияти ҳаррӯзаи ҳаёт»-ро асос мешуморад. Лукман дини «махсус», «ғайримахсус», «дидашаванда ва «диданашаванда»-ро фарқ мекунад. Ӯ ба гурӯҳи аввал, «яъне» махсус, дидашаванда шакли калисои диндориро дохил мекунад, шакли дуюмро бошад, шакли иҷтимоӣ медонад, ки моҳияти иҷтимоӣ-антропологии динӣ, ба қавли ӯ, дар он зоҳир мешавад, яъне дин мазмуни умумӣ ва фардӣ дошта, дар фарҳанг, одату анъанаҳо ва амалиёту муносибати фард бо он ифода меёбад. Дар нисбати секуляризатсия бошад, Лукман бар он ақида аст, ки секуляризатсия набояд чун раванди бартараф кардани дин фаҳмида шавад, балки онро чун раванде, ки ба тағйири шакли диндорӣ меоварад, бояд фаҳмид [6,с.26].

Яке аз муносибатҳое, ки имрӯз дар диншиносии муосир ҷорист ва онро Э. Дюркгейм истифода мекард, муносибати сохторӣ - функсионалӣ аст. Ин муносибат мавриди истифодаи муҳаққиқони дин А. Радклифф- Браун (1988-1951), Б. Малиновский (1884-1942), ҷомеашиносони амрикоӣ Т. Пирсонс (1902-1970) ва Р. Т. Мертон (1910) қарор гирифта, хеле ғанӣ гардонида шуд. Таҳқиқоти онҳо, ба фаҳмиши ин мутафаккирон, ба ҷомеа алоқаманд аст. Ҷомеаро онҳо чун низоми дорои унсурҳои гуногун, аз ҷумла дифференсиатсия, вуҷудият, ҳамоҳангсозӣ, эътидол, дар ҳоли рушд, меъёрҳо, намунаҳо ва ғайра медонанд. Масалан, Радкилиф Браун вуҷуди ягонаи ҷомеаро ҳолате тасвир кардааст, ки дар он ҳамаи ҷузъҳояш баробар амал карда, бо ҳам мувофиқат доранд. Ӯ вобаста ба ҳамин назар ба дин муносибат мекунад. Ба фикри ӯ, «функсияҳои иҷтимоии дин аз дурустӣ ва ё нодурустии таълимоти дин вобастагӣ надорад» [17,с.157]. Парсонс бештар ба сохторҳои ҷамъият, ки ҳамоҳангии онро ба вуҷуд меорад, таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба эътиқод, ахлоқ, иттиҳодияҳои иҷтимоӣ, оила ва ғайра диққати махсус зоҳир намудааст, зеро дар ҳамоҳангии ҷомеа дин мақоми хосса дорад. Дар нигаҳдории ахлоқ ва анъанаҳо дар ҷомеа нақши фавқулодаро дин иҷро мекунад. «Ҳамчунон ки ин ва ё он ҳодиса воқеияти гуногун дорад, ҳамин тавр дин дар ҳодисаҳои гуногун ин вазифаҳоро ба таври гуногун иҷро карда метавонад» [17,с.158-159].

Дар асри XX баъди нашри китобҳои зиёди диншиносон доир ба сеҳргароӣ, ба алоқамандии он бо динҳои қадимӣ ва муосир эътибори махсус дода, тафсири сеҳру ҷодуро дар илмҳои гуманитарӣ ба вуҷуд овардаанд. Чунин муносибати нав ба сеҳргароиро метавон дар осори Бронислав Малиновский (1884-1942), Ҷорҷ Фрейзер (1854-1941) ва дигарон пайдо намуд. Дар осори Фрейзер ва Малиновский сеҳргароӣ ба дин муқобил гузошта мешавад. Сеҳр, дин ва илм ин се шакли доимии муносибати шахс ба ҷомеа аст, ки дар тадқиқотҳои сотсиологӣ дида мешаванд [9,с.43]. Клод Леви-Строс дар асоси гуфтаи ин ду нафар вазифаи асосии антропологияи муосирро дар он мебинад, ки он як ҷузъи умумие аз сеҳру дин бояд бошад, ки ҳам инсонҳои қабилаҳои ваҳшӣ ва ҳам инсонҳои бомаърифати муосир дар он худро зоҳир кунанд, яъне таҷрибаи васее бояд дар назар дошта шавад, ки ба одамони кишварҳои дигар ва давраҳои гуногун дастрас бошад [9,с.43]. Ба қавли Мартин Бубер (1878-1965), Худо метавонад ҳар касро наҷот диҳад. Рамзҳо ҳамеша ҳақиқатро дар бораи Худо аз назар пинҳон мекунанд, аз ин рӯ бояд аз ин маҳдудиятҳо берун рафт. Ин роҳ танҳо дар сурати муҳаббат доштан ба Худо муяссар мешавад, ки ин ҳар гуна ҳукми диншиносӣ ва илоҳиёт ҳамчун рамзи дин ифода мекунад.

Дар асри охир равияҳои динӣ - фалсафие низ ба вуҷуд омаданд, ки вобаста ба талаботҳои ҷомеаи сармоядорӣ, дараҷаи инкишофи илму технологияи модернизатсионии динро мавриди баррасӣ қарор доданд. Онҳо кӯшиш кардаанд, ки мутобиқ ба рӯҳи замон таълимоти динро шарҳ дода, аз ҷиҳати динӣ, илмӣ ва фалсафӣ онро асоснок намоянд. Аксари ин равияҳо дар пояи таълимотҳои пештара ба вуҷуд омадаанд, аз ҷумла неотомизм, персонализм, экзистенсиализми динӣ, тейярдизм ва ғайра. Жак Маритен (1882-1973) -аввалин философи неотомизми экзистенсиалӣ ақида дошт, ки Худо вуҷуд дошта, он сабаби ҳамаи чизҳои мавҷуда мебошад. Вуҷудият дар бораи мавҷудияти чизҳо хабар медиҳад. Сарчашмаи мавҷудияти олам ҳастии он аст ва ин ҳастӣ Худост, ҷаҳон ҳамеша ҳастии вобаста буда, Худо ҳастии комил мебошад [3,с.386].

Моҳияти назарияи Ж. Маритен «персона» (шахсият) аст, ки он ба ҳастии маънавии инсон дахл дорад. Персона он чизест, ки дар инсон фазилат ҳисоб мешавад. Шахсият дар

нисбати персона наметавонад дорои ҷавҳари мустақил бошад. Ӯ дар байни шахсият ва персона фарқ мегузорад. Инсон бояд талаботи дунявии худро қаноатманд сохта, талаботи маънавии худро низ ба назар гирад. Ӯ чун фарди иҷтимоӣ узве аз ҷомеа буда, тобеи давлат аст. Аммо чун персона аз Худо вобаста аст ва ба ӯ итоат мекунад. Пас инсон чун узви ҷомеа ва давлат нисбат ба персона дар сатҳи поёнтар қарор дорад. Ин гуманизми худро Маритен «гуманизми интегралӣ» номидааст, яъне гуманизме, ки арзиши он дар наздикшавӣ бо Худо аст [3,с.382].

Персонализми Э. Мунё (1905-1950) ҳам ба баҳодиҳӣ ба эҳёи инсон дар тамаддуни буржуазии муосир нигаронида шудааст. Ба гуфти Мунё, мафҳуми персонализмро муайян кардан мушкил аст, зеро муайян кардани шахс, симои он имконнопазир мебошад. Агар персона ҳастӣ набошад, пас чун ҷон ё ҷисм фаҳмида намешавад. Дар ин сурат онро дар муқоиса бо ҷаҳоне, ки персонаро аз байн бурдааст, метавон шарҳ дод, ҷаҳоне, ки дар тақдири инсон аҳамият надорад. Ба ақидаи муҳаққиқон, персонализми Мунё бо баъзе ақидаҳои материалистӣ, хусусан фалсафаи марксистӣ наздик аст ва он ақидаҳои марксистиро бо ақидаҳои экзистенсионализм ва масеҳият омезиш додааст. Ҷаҳони муосир, аз назари Мунё ҷаҳони персонаҳост, ҳамаро Худо офаридааст ва ҳама имконияти наҷот ёфтан доранд. Масеҳият онро ба мафҳумҳои бародарию баробарӣ пайвастааст. Ҳаёти инсон набояд ба ҳастии одии он маҳдуд шавад, балки бояд инсон ба сӯйи Худо ҳаракат кунад ва ҳастии табиии худро паси сар намояд [11,с.46]. Мунё боварӣ дорад, ки арзишҳои асосӣ ба тамоми инсоният тааллуқ доранд ва инсоният бояд барои бунёди тамаддуни персоналистӣ талош кунад. Персонализми Мунё, гӯё ояндаи иттиҳоди инсоният аст, ки бо таваҷҷуҳ ба он ҳамаи хоҳишҳою таманниёти инсонро фаро мегирад.

Тейярдизм ҳамчун таълимоти динӣ-фалсафӣ аз ҷониби Пиер Тейярде Шарден (1881-1995) асос гузошта шуд. Ӯ кӯшиш намудааст, ки дар байни масеҳият ва илму тамаддуни муосир созишро ба вуҷуд оварад. Тейяр муқобили тасаввуроти масеҳӣ, ки олами мавҷуда офаридаи Худост ва инсон бояд ба ин хилқати илоҳӣ ифтихор намояд ва ба Худо тоату ибодат кунад, мебошад. Ба гуфти Тейяр, олам ибтидо надорад, халқ нашудаанд, вале доимо дар он тағйироту дигаргуниҳо ворид карда шудааст. Ин тағйироту дигаргуниҳо ба иродаи Худо сурат гирифтаанд. Тейярдизм чун бидъат аз ҷониби калисо маҳкум карда шудааст.

Дар асри ХХ афкори динӣ-фалсафии рус низ дар диншиносӣ таъсири муайян дошт. Аз ҷумла, ғояҳои П.А. Флоренский (1882-1934), г. Булгаков (1871-1944), А.Соловев, дар охири асри ХХ таълимоти А. Мен ва дигарон дар олами масеҳӣ, хусусан православӣ таъсири муайян гузоштаанд. Ба ақидаи Флоренский, рамз ва ном дар муттаҳид сохтани фалсафаю илоҳиёт, эътиқод ва хирад мақоми арзишманд доранд, ӯ ба асли дихотомии шарҳи рамз ва ном эътибор додааст. Назари Флоренскийро муҳаққиқон чун фалсафаи антропологӣ, шарҳи гуноҳу бадӣ, муҳаббат дар антроподетсия ва теотедсия шарҳ додаанд.

С. Булгаков дар асараш кӯшиш намудааст, ки дар асоси танқиди марксизм ва материализм фалсафаи диниро асоснок кунад. Барои Булгаков фалсафа кӯшиши дарки ҷону рӯҳи олам, мазмуни ниҳони мабдаи мутлақ ва кайҳон аст, ки дар асоси идеалии ҷаҳон - софия муттаҳид мешавад. София моддиёт ва илоҳиётро пайваст месозад. Ӯ инсонро ҳамчун мавҷуди таърихӣ номукаммал дониста, субъекти ҳақиқии эҷодкори таърих на фард, балки инсониятро донистааст. Рафтори ғайриинсонии фард аксиомаи антропологии Булгаков мебошад [16,с.30].

Дар давраи бозсозии ҷомеаи Шӯравӣ ақидаҳои Александр Мен (1935-1990) ба мардуми масеҳимазҳаби шӯравӣ таъсири зиёд доштанд. Ӯ аз таҳқиқи протестантизм, католитсизм даст кашида, ҳамкории онҳоро тарғиб кард ва дар чорабиниҳои равияҳои протестантӣ, католикӣ иштирок дошт. Соли 1990 аз тарафи ашхоси номаълум кушта шуд. Ӯ ақида дошт, ки Таврот, пеш аз ҳама, каломи инсонист чун ёдгории адабӣ –таърихӣ, мисли «Мазҳакаи илоҳии» Данте ё дигар сарчашмаҳои адабӣ таърихӣ. Ӯ ба таҳлили Таврот аз ҳамин мавқеъ машғул шудааст. Ӯ ақидаҳоеро баён кардааст, ки бо таълимоти масеҳият, қабл аз ҳама православия ихтилоф доштанд. Ӯ тарафдори ҳаракати экуменӣ, яъне ҳамкории калисоҳои гуногун буд. Ақидаҳои ӯро рӯҳониёни православӣ як навъи электисизми динӣ, ки аз ҳар равия чизе гирифтааст ва бо ҳам мутобиқат дода шудаанд, медонанд.

Намояндагони равияи неоортодоксалӣ, мисли Карт Барт, ба интиқоди илоҳиёти либералӣ машғул шуда, таъкид намудааст, ки Худованд вуҷуде аст, ки агар худро ошкор созад, он вақт шинохта мешавад, миёни ӯ ва инсон фосилае аст, ки фақат ӯ метавонад онро аз миён барад. Байни Худованд ва инсон дар дигар динҳо, ба ҷуз масеҳият пайвастагӣ нест, балки фосилаест, ки ваҳйи аслӣ ҳамон шахси Масеҳ аст. Феъли Худованд дар вуҷуди Масеҳ аст ва аз тариқи ӯ зоҳир мешавад. Ақидаҳои Бартро дар Ғарб Эмил Бруер ва

Рейиҳалд Нюбер инкишоф доданд. Дар ин равия робитаи илму дин ба ақидаи соҳаҳои гуногун будани илму дин устувор аст ва илм наметавонад ҳеҷ кумак ба имон ва рушди ақидаҳои динӣ намояд. Ин ақида дар назариётчиёни баъдинаи ин равия тағйир ёфта, онҳо илму динро ба ҳам зич пайваст намуданд [5,с.57].

Дар бисёр кишварҳои Ғарб равиши айнӣ доштани тадқиқотҳои таърихӣ ва адабӣ дар мавриди шарҳи асноди куҳан ба вуҷуд омадааст, ки дар асрҳои миёна дар экзигетикаи динӣ ба навъе баррасӣ мегашт, яъне ҳоло ҷойи онро герменевтика гирифта аст. Дар баробари ин, дар таҷрибаи динӣ аз ҷониби каломи либералӣ ба осори куҳан чун ба ибтидо ва бинои ақидаҳои динӣ назар карда мешавад. Ба қавли асосгузори он Шлеймахер, диёнат на ваҳй, на маърифати ақлӣ, иродаи ахлоқӣ, балки он мавзӯи таҷрибаи зинда мебошад ва онро бо таълимоти худаш бояд санҷид. Баъзе аз ин гурӯҳ афзалияти ахлоқро дар диёнат асос мешуморанд, ки аз Кант сарчашма гирифтааст. Ричал Алберхт, давомдиҳандаи ақидаи Кант, ин нуқтаи назарро дар илоҳиёти эътиқодӣ ҷой намудааст. Асоси илоҳиёти эътиқодӣ бо вуҷуди шаклҳои гуногун гирифтанаш дар асри XX, тарафдори пайванди ақлу ваҳй, имону таҷрибаи башарӣ, Худованду ҷаҳон, Масеҳо ва соири инсонҳо ва дигар динҳо мебошад. Ба қавли прагматизм, дин дар зиндагии инсон амиқтарин ниёзҳои башарро ифода мекунад. Ваҳйро онҳо ба ду навъ тафсир мекунанд. Нуқтаи аввал он аст, ки онҳо беҳамтоии ваҳйро заиф месозанд, зуҳури Худованд дар шаклҳои гуногун: назму номус, виҷдон, ахлоқ, суннатҳои динӣ мебошанд ва ба гуфти онҳо Масеҳо мазҳари аълои он аст. Дуюм, эътиқодманданд, ки ваҳй ҳамвора ба инсон мерасад, он ба ҳидояти илоҳӣ ва бо талошҳои инсонӣ дар кашфи Худованд дастрас мешавад. Масалан, Чарлз Ивен чунин мешуморад, ки раванди асосии таҳқиқ як аст чи дар таҳқиқи сохтори як атом, чи дар нисбати эволютсияи ҷондорон, ё давраҳои таърихӣ ё аҳволи динӣ, тавсифи кулли ҷаҳонро чун чизи якпорча бояд дар назар овард. Аз ин ҷо бисёр хусусиятҳои илмро ба дин монанд месозад.

Фалсафаи таҳлили забонӣ ба ҷудоии комили дину илм эътиқод дорад. Онҳо ба гузораҳое эътимод доранд, ки ба восилаи таҷрибаи ҳиссӣ таҳқиқпазиранд, аз ҷумла ба усули верификатсия. Гузораҳои фалсафӣ, метафизикӣ, динӣ, ба гуфтаи онҳо, на дурустанд ва на нодуруст ва маънии мушаххасе надоранд, яъне онҳо баёни эҳсososоти гӯяндаанд, мисли гузораи «Қатл бад аст». Ба қавли Брайт Уайт, гузораҳои динӣ «эълони уҳдадорӣ дар баробари як шеваи зиндагӣ мебошанд. Достонҳои динӣ, сарфи назар аз он, ки воқеият дошта ё надошта бошанд, дар илҳомгирии мардум муассиранд [4,с.62]. Бидуни он, ки гузораи динӣ ҳукме дар бораи воқеият дошта бошад, арзишманд аст. Вазифаи забони дин васфи Худованд аст, на маълумот ва дониш дар бораи ӯ. Таҳлилгарони забонӣ илму динро соҳаҳои ҷудогона тавсиф карда, зиддияти онҳоро беҷо медонанд. Нақши маърифатии забони динро инкор мекунанд. Равияҳои маърифати диншиносӣ, ки аксаран ба рақиби якдигар будани дину илм бунёд шудаанд ва барои аз байн бурдани рақобат, ба фикри аксари онҳо, бояд соҳаҳои илму динро соҳаҳои алоҳида тасаввур кард, то дар байни онҳо ихтилоф пайдо нашавад. Ин ақидаро баъзе неортодоксҳо низ ба миён гузоштаанд. Аз ҷумла, Карл Барт -намояндаи неортокдоксияи протестантӣ таъкид кардааст, ки мавзӯи илоҳиёт таҷаллии Худованд аст ва мавзӯи илм ҷаҳони табиат ва оламӣ модда. Дин коре ба ҷаҳони табиат надорад, шаъну эътибори дин ҳам дар он аст, ки дар бораи тарзи робитаи инсон ба Худо суҳбат мекунад, равишҳои илоҳиёт ва дин низ комилан аз ҳам фарқ мекунанд. Илм ба дарёфти ҳақиқати Худованд, робитаи инсону Худо сару кор надорад. Агар маърифати ақлӣ ва таҷрибавӣ маърифати фалсафию илмӣ бошанд, маърифати қалбӣ ва шуҳудӣ маърифати динӣ аст. Ҳадафи дин ғайри ҳадафи илм аст [4,с.62].

Доир ба робитаи илму дин муҳаққиқони муосир изҳори назарҳои гуногун доранд ва вобаста ба ин равияҳои муосири фалсафӣ экзистенсионализм, позитивизм, таҳлили забонӣ (мантиқӣ), неотомизм ё неортодоксия ҳам мавқеъҳои монанд ва ҳам фарқиятнок доранд. Аз ҷумла, либерализм ва равияҳои фалсафӣ ҳар кадом назарҳои хосси худро доранд. Муҳаққиқон назарҳои онҳоро мутобиқ ба таълимоти ҳар кадомашон ба таври зерин аз ҳам ҷудо кардаанд:

1. Қисме аз мактабҳои фалсафӣ ва диншиносӣ барои ҷудоии комили дин аз илм таъкид мекунанд, на танҳо мавзӯъ, балки соҳаҳои маърифатии онҳоро гуногун медонад. Дин соҳае аст, ки дахолате дар масоили илм надорад ва баръакс. Бинобар ин назарияҳо, фарзияҳои илмӣ ҳеҷ гуна муҳтавои каломӣ надоранд ва ҳеҷ кумаке ба дин намерасонанд. Ин мактабҳо экзистенсиализм, таҳлили забони неортодоксия ва ғайра мебошанд.

2. Гурӯҳи дигар ба ҳифзи эътиқод ба тафовути ду ҳавза: илм ва дин наздикие дар равишҳои он «ду» меёбанд. Аз ҷумла илоҳиёти либерализм [14,с.38].

3. Гурӯҳи дигар илмро мададгори дин медонанд, илм хулосаҳои каломӣ дорад, метавон аз илм далоил барои исботи аҳкоми динӣ иқома кунад. Вале ин ду соҳа аз ҳам

фарқи ҷиддӣ доранд. Аз ҷумла, экзистенсионализм нишон медиҳад, ки он масоиле, ки ба ҳувияти ҳаёти дарунии инсон марбут мешаванд, фаротар аз дастрасии илм мебошанд. Илм наметавонад ба аксари хостаҳои инсонӣ даст ёбад. Мартин Бубер ду робитаро таъкид дорад: робитаи ману он-ману ту; «ману он» (дар ашёи беҷон ва ноогоҳ); ману ту-идроки бевосита, мувоҷеҳи ҳамдилӣ ва ҳамсуханӣ. Илоҳиёт ҳеҷ нуқтаи талоше бо илм, ки ашёи беҷонро, меомӯзанд, надорад. Таъбирҳои китоби муқаддас асотирӣ аст. Таъбири офариниши олам дар бораи мабдаъ ва маншаи ҷаҳон аст, қиёми Исо пас аз марг рӯйдоди воқеии табиӣ набудааст, балки рӯйдоде дар аҳволи муъминони садри аввал аст [2,с.14].

Ба фикри гурӯҳи дигар, дар байни дониши илмӣ ва эътиқод робитаи қавӣ вуҷуд дорад. Дар дин баъзе дидгоҳҳои илму дин ба якдигар рақибанд ва дар аксар мавридҳо бо ҳам мухолифанд. Аммо назарияҳои дигаре низ мавҷуд аст, ки талош доранд миёни илму дин робитаи мустаҳкам ва қобили эътимоде барқарор кунанд. Ин дидгоҳҳо ба унвони «назарияи мукаммал» будани (Comnlemeriraity) илму дин шинохта шудаанд. Тибқи ин назария илму дин на дар зиддият ва на дар айният қарор доранд. Ин дидгоҳ робитаи илму динро дар се маврид нишон додааст: **а)** метавон ба фарзиёти илмӣ бархӯрд кард; **б)** илму дин дар зимни як фарзияи калонтар ифода мешаванд ва **в)** илму дин дар чорчӯбаи хос ба якдигар иртибот пайдо мекунанд.

Дар бораи дидгоҳи аввал метавон аз Ҷорҷ Шалзингер ном бурд, ки ӯ ақида дорад гузораҳои диниро тибқи равобити хосси худашон истихроҷ бояд кард ва сипас онҳоро бо ёрии илм мушоҳида ва мавриди баҳсу баррасӣ қарор дод. Ӯ қабул дорад, ки мавзӯъҳо, равишҳо ва ғояҳои илму дин аз якдигар фарқ доранд, аммо дар пайи он бояд буд, ки баррасиҳои илмро мутобиқ ба равиши илмӣ бояд исбот кард. Баъзеҳо ин фикрро боиси заъфи гузораҳои динӣ ва баъзеи дигар сабаби тақвияти онҳо медонанд.

Дидгоҳи дуюм, аз Алфред Уайтхед аст, ки «бар ваҳдати илму дин таъкид мекунад ва муддаӣ аст, ки миёни ин ду робитаи зич барқарор аст. Хусусан ҳадафи асосии ин назария он аст, ки дар партави он ҳам назариёти илмӣ, таҷрибаи илмӣ ва ҳам гузораҳои динӣ қобили баҳсанд. Ӯ муъақид аст, ки таҷрибаи динӣ ва таҷрибаи илмӣ ҳарду аз дидгоҳе ҳастанд, ки метафизик бояд онҳоро баррасӣ кунад. Ба назари ӯ, дин дурустии даъвоҳои худро ҳамроҳи худ дорад ва метафизик бояд инро дар тавсифи дин дар назар дошта бошад. Уайтхед воқеиятро ҷавҳари ба ҳам танида аз ҳаводис медонад, ки айни гузар ва кӯшишанд ва на имконот (потенсиал). Воқеият шабакае аз ҳаводиси муртабит (иртиботдошта) ба ҳам аст ва таъсиру таассуроти мутақобил дар ҳодиса ба замону макони дигар, ҷуз замону макони худ аст. Ҳар мавзӯе аз равобит (робитаҳо) ва нисбатҳои худ бо дигарон ташкил шудааст. Имрӯз сухан аз майдонҳои мутадохил аст, ки дар саросари фазо пахшанд. Ӯ воқеиятро пӯшиши органик медонад. Калимаи органик аз як ваҳдати организме ҳикоят мекунад, ки касрат дар он аст» [12,с.290]. Уайтҳед тарафдори касратест, ки ягонагии ҳар ҳодисае, ки маҳфуз аст, ҳар ҳодисаи худҷӯӣ аст [12,с.290].

Дидгоҳи сеюм, аз сӯйи Доналд Манки-файласуфи англис (1922-1987) баён шудааст. Манки роҳи миёнаро дар муносибати дину имон ҷустуҷӯ дорад. Ба қавли ӯ, мо бояд илму динро аз ду ҳавза бидонем, ки ба мавзӯъҳои воҳид баёни гуногун доштаанд. Баёни шарҳи дину илм ба худ махсусанд, дин дар пайи кашфи маънои воқеаҳо мебошад ва ҳар кадом дар ақидаи худ пурра содиқанд [12,с.290]. Назари мукаммалият бисёр аз низъоҳои илму динро аз байн бурданӣ мешавад. Масалан, дар ҷозибаи ҷаҳонӣ он аз дахолат ба назари якдигар пешгирӣ мекунад. Ба таври куллӣ муносибати байни илму динро сарфи назар аз нигаришҳои ҷузъӣ ва дидгоҳҳои гуногун созгор ва носозгори илму дин ташкил медиҳад. Ин масъала дар замони ҳозира дар ҷомеа мақоми махсус пайдо кардааст ва он бо рушди улуми таҷрибӣ алоқаманд аст. Масъалаи зиддияти илму дин дар ҷаҳони муосир масъалаи мукаммал будани илму динро дар паҳлуи худ дорад. Масалан, агар то ба ҳол дар донишгоҳҳо масъалаи дин мавриди омӯзиши қарор надошт, ҳоло бошад, садҳо донишгоҳҳои амрикоию англисӣ дар баробари илмҳо дарси динӣ низ мехонанд. Ҳатто, ҷоизаҳои байналмилалӣ низ доир шудаанд. Аммо тазоди ин ду он вақт равшан мешавад, ки ҳар ду доир ба як масъалаи умумӣ даъвои дарёфти ҳақиқат дошта бошанд. Хусусан, дар мавриди масъалаҳои иҷтимоӣ. Пас дар ҷаҳони муосир ду назария вуҷуд дорад, яке «созгории илму дин» ва дигар «носозгории илму дин». Назарияи созгорӣ аз ду қисмат ва ду ҷиҳат иборат аст. Гурӯҳи аввал бар он назаранд, ки шинохти қонунҳои табиат барои шинохти таълимотҳои динӣ кумак мекунанд, гурӯҳи дигар, хусусан дар илми ҷадид, назарияҳоеро нишон медиҳанд, ки дар илм абзор ҳастанд ва ҳадафи дарёфти ҳақиқат надоранд ва тибқи он танзими падидаҳоро ба даст меоваранд, маърифату шиносонидани воқеиятро бар ухда надоранд, вале танҳо дин аст, ки ҳақиқатро меҷӯяд. Агар хоҳем ҳақиқатро бишиносем аз дин кумак мегирем. Агар бихоҳем масоили зиндагиро танзим

кунем ва робитаи худро ба табиати худ ва ҷомеа мушаххас намоем, аз илм истифода мекунем. Дар ин сурат байни онҳо ҳаргиз тазоде рух нахоҳад дод [13,с.272].

Мутакаллимони исломӣ бошанд, дар ин масъала хусусияти мабногаравии ба худашон хосро доранд. Онҳо маорифи башариро ба маҷмӯи мафҳум ва гузораҳои бадеҳӣ, яъне гузораҳои бениёз ба истидлол вобаста медонанд [12,с.116]. Барои нигориши фалсафӣ ва каломи исломӣ бояд ба илми мантиқ, фалсафа, калом ва усули фиқҳ муроҷиат кард. Дар ин маврид мутафаккирони исломӣ муътақиданд, ки «маърифат», «илм», «ҳақиқат», «равшанӣ» мафҳумҳое нестанд, ки ба воситаи онҳо ин мафҳумҳоро метавон шарҳ дод. Аммо ҳақиқат иборат аз идрокест, ки бо воқеият мутобиқ бошад [12,с.7]. Ҳақиқат ба яқин пайваст нест, ки дар каломи исломӣ ва усули фиқҳ маънои «боварии рамзӣ мутобиқ ба воқеъ» дорад. Ба фикри онҳо ду навъи ақлгароӣ вуҷуд дорад: ақлгароии **ҳадди аксар** ва **ҳадди ақал**. Ақлгароии ҳадди аксар дар истидлол аз муқаддимаи дуруст дурустии хулосаро истинтоҷ мекунад. Исбот ба маънии он аст, ки ҳар гуна ҷаҳл дар нисбати бовариҳои эътиқодӣ аз байн бурда мешавад, яъне исботи эътиқод дурустии эътиқодро ошкор месозад, тавре ки ҳеҷ гуна шакки ақлонӣ нисбати эътиқод боқӣ намонад, ба таври дигар, истинтоҷ аз пораи муқаддимот ба шарти он ки муқаддимот дуруст бошанд, ба истинтоҷи муътабар меоваранд [13,с.118].

Илоҳиёти ҳадди ақал бошад, иддаоҳои динро ба воситаи истидлоли ақлӣ дар ҳадди ақал дуруст шуморида, назарияи интиқодии эътиқод ва бовариҳоро дар мақоми кашфу исбот ҳеҷ нишонаи қонеъкунанда намедонад. Зеро, агар субъект дарвоқеъ ба гузораҳои дуруст даст ёфта бошад ҳам, наметавонад ба дурустии он гузора пурра эътимод кунад, ҳамон тавр, ки донишмандони ҳама давру замонҳо исбот ё бипазиранд. Гузораҳоро ба ду навъ ҷудо мешаванд: гузораҳои **бадеҳии ақлӣ** ва **бадеҳии ҳиссӣ**. Гузораҳои ҳиссӣ метавонанд дорои алфози куллӣ бошанд ва аз ҳадди маҳсусот фаротар раванд, вале дар ин намуд гузораҳо ҳам имкони хато вуҷуд дорад ва гузораҳо фикри субъектро бо ибораҳое «ба назар мерасад», ки мақсад аз ин иборат аст ва ғайра ифода мекунанд. Дар ин ҷо фикри субъект зикр шудааст, ки он метавонад дуруст ва ё нодуруст бошад [13,с.118-119].

Намудҳои зикршудаи илоҳиёт назарияҳои муносиби эътидолро ба вуҷуд оварда, тибқи он этиқодоти диниро таҳқиқ ва тасбит мекунанд. Чанд ҷиҳати назарияи истидлоли каломии муосирро, ки онро аз каломи пешгузаштагон фарқ мекунонад, метавон таъкид кард. Таҳқиқи эпистемологии ақлоният ва таваҷҷуҳ ба усулҳои забонии таҳқиқ, усули герменевтикӣ, гузориш аз хирадгароӣ ба мақоми забон, унверсиумҳои рамзӣ ва ғайра. Алоқамандии файласуфон ба забони динӣ нишон медиҳад, ки онҳо дар пайи таҳлил ва арзёбии эътиқодот ҳастанд ва дар қолаби қазияҳо ва гузораҳо эътиқодотро баён мекунанд.

Диншиносии муосири исломӣ низ ба ғайр аз он, ки аз назарияҳои муосир ба таври васеъ истифода мекунад, боз ба назарияи таҳлили дин вобаста ба таҷрибаи динӣ, ваҳйи ҳайсияти таъбирӣ таваҷҷуҳ мекунад.

Илова бар ин, таҳлили дин дар давраи нав назарияҳои нави диншиносиро, аз ҷумла назарияи илмӣ, маърифатӣ ва позитивистии М. Иқбол ва назарияи Алиакбари Сурушро, ки назарияҳои нав ба ҳисоб мерав止анд, ба вуҷуд овардааст.

Иқболи Лоҳурӣ зимни эҳёи фикри динӣ модели махсуси дин ва таҳиқи онро пешниҳод мекунад, ӯ дар дин се унсури аслиро аз ҳам фарқ карда, баррасии илмии ҳар яке аз онҳоро дар партави улуми ҷадид зарур медонад. Ин се унсур: таҷрибаи динӣ, маърифати динӣ ва ҳаракати динӣ мебошанд. Ҳарчанд ки ин назарияи Иқбол минбаъд тарафдорони зиёде пайдо накард, вале дар чанд даҳсолаи ахир сабаби ҷустуҷӯҳо дар дарёфти усули таҳқиқи дин гардид, ки яке аз намунаҳои он назарияи қабзу басти Алиакбар Суруш аст. Ӯ дар пайи он шудааст, ки робитаи дин ба маорифи ғайридиниро, аз ҷумла илмро, муқаррар созад. Назарияи ӯ моделе аст барои дарки ҳамаҷонибаи сохтори маърифати динӣ ва робитаи он ба сайри маърифати башарӣ.

Равияҳои илмии диншиносӣ дар олами ислом чандон инкишоф наёфтаанд. Он вобастаи воқеияти диниест, ки дар кишварҳои исломӣ ҳукмрон аст. Дар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ, ки аксар аҳолияшон мусулмонанд, муҳаққиқон бештар аз равияҳои гуногуни илмии Ғарб ва Россия пайравӣ мекунанд.

**АДАБИЁТ**


1. Разина А.В. Философия. Учебник. 2-е изд., перераб. и доп. / А.В. Разина. -М.: Академический Проект, 2004. - 688 с.
2. Акбариён Ризо. Сайри фалсафа дар Эрони исломӣ / Акбариён Ризо.- Теҳрон, 1387. – 268 с.
3. Американская социология. – М., 1972. -392 с.
4. Барт К. Введение в евангелическую теологию / К.Барт. -М., 2006. -192 с.
5. Барт К. Очерк догматики / К.Барт. -СПб., 997. - 272 с.
6. Бергер П. Социальное конструирование действительности / П. Бергер, Т. Лукман. –М., 1995. -323 с.

7. Булгаков С. Н. Свет не вечерний / С. Н. Булгаков. –М., 1994. -415 с.
8. Гуссерль М. Философия как строгая наука / М. Гуссерль. - Новочеркаск, 1994.
9. Малиновский Б.К. Сакральное и профанное в жизни» первобытного человека». –М.: Диспут, 1992. -219 с.
10. Мартин Бубер. Два отреза веры / Мартин Бубер. - М., 1963. - 464 с.
11. Мунье Э. Что такое персонализм / Э. Мунье. –М., 1994. -128 с.
12. Ҳусайнзода М. Фалсафаи дин / Ҳусайнзода М. –Қум, 1387. -332 с.
13. Рисолаи диншинохт. -Теҳрон, 1387. -162 с.
14. Философия: Учебник (подред. А.Ф. Зотова, В.В. Миронова, Хайдегер М. Понятие и время / А.Ф. Зотов, В.В. Миронов. Хайдегер М. –СПб., 1997. -459 с.
15. Элиадэ М.Трактат по истории религий. - СПб., 1994. - 394 с.
16. Яблоков И.Н. Религиоведение / И.Н. Яблоков. –М., 2005. - 317 с.

## ДИН ДАР РАВИЯҲОИ МУОСИРИ ФАЛСАФӢ

Дар мақола назари равияҳои гуногуни фалсафӣ, аз ҷумла экзистенсиализм, персонализм, прагматизм, фалсафаи ҳаёт, постпозитивизм дар нисбати дин мавриди муҳокима қарор гирифта, таълимоти равияҳои фалсафаи динӣ, мисли неотомизм, тейярдизм, персонализм, неоортодоксия таҳлил шудаанд. Дар мақола моҳияти таълимоти ин равияҳо нишон дода шудааст. Ба таври махсус масъалаи муносибати дину илм ва фалсафа мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Равияҳои фалсафаи дини ислом, мисли илмгароии М. Иқбол, назарияи эзотерикии А. Суруш низ таҳлил шудаанд.

**Калидвожаҳо:** фалсафа, илм, дин, постпозитивизм, экзистенсиализми динӣ, экзистенсиализм, постмодернизм, прагматизм, персонализм, тейярдизм, неотомизм, неоортодоксия, ҳамоҳангии илму дин, гузора, гузораҳои динӣ, илмгароӣ, ислоҳгароӣ, заминасозӣ.

## СОВРЕМЕННЫЕ ФИЛОСОФСКИЕ И ТЕОЛОГИЧЕСКИЕ КОНЦЕПЦИИ О РЕЛИГИИ

В статье рассматриваются вопросы отношения современных философских направлений к религии и теологические концепции в религиозной философии; анализируются позиции экзистенциализма, постпозитивизма, «Философии жизни», современной феноменологии ,аналитической философии по отношению к религии, рассматриваются теории религиозного экзистенциализма, например, К. Ясперса и нерелигиозного экзистенциализма Сартра, феноменологической философии, философии неопозитивизма, прагматизма и др. Особое внимание уделено анализу современных направлений религиозной философии, таких как неотомизм, персонализм,тейярдизм. В статье даётся анализ учения представителей современных направлений исламской философии М. Икбала, А. Сороша и других, раскрывается их близость к философии современного позитивизма; раскрывается содержание различных концепций об отношении религии к науке, в частности, концепции С.Х.Табатабаи, М.Мутаххари о гармонии взаимоотношений религии и науки, о примирении учения религии и выводов науки у арабских исламских реформаторов.

**Ключевые слова:** философия, наука, современные философские направления, экзистенциализм, религиозный экзистенциализм, постмодернизм, прагматизм, «философия жизни», персонализм, тейярдизм, неоортодоксия, неотомизм, гармония религии и науки, суждение, религиозные посылки, реформизм, эпистемологические учения и другие.

## MODERN PHILOSOPHICAL AND THEOLOGICAL CONCEPTS ABOUT RELIGION

The article deals with the issues of the attitude of modern philosophical trends towards religion and theological concepts in religious philosophy; analyzes the positions of existentialism, postpositivism, "philosophy of life", modern phenomenology, analytical philosophy in relation to religion, theories of religious existentialism, such as K. Jaspers and non-religious existentialism of Sartre, phenomenological philosophy, philosophy of neopositivism, pragmatism, etc. Special attention was to the analysis of modern philosophy directions of religious philosophy, such as neo-thomism, personalism, Teyuardism. The article provides an analysis of the representatives of the modern trends of Islamic philosophy M. Iqbal, A. Sorosh and others, reveals their proximity to the philosophy of modern positivism; reveals the contents of various concepts about the relationship of religion to science, in particular the concept of S.Kh. Tabatabai, M. Mutahhari about the harmony of the relationship between religion and science, about the fitting of the teachings of religion and the conclusions of science among Arab Islamic reformers.

**Key words:** Philosophy, science, modern philosophies, existentialism, religious existentialism, postmodernism, pragmatism, “philosophy of life”, personalism, teyyardizm, neo-orthodoxy, neo-thomism, harmony of religion and science, judgment, religious premises, reformism, epistemological teachings and others.

**Сведения об авторах:** ***Ахмедов Саид*** - Таджикский национальный университет, профессор кафедры онтологии и теории познания. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **907-82-18-36**
***Ахмедов Афшин Саидович*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории философии и социальной философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 919-82-42-40**

**Information about the authors:** ***Akhmedov Said*** – Tajik National University, Professor of the Department of Ontology and Theory of Knowledge. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 907-82-18-36**
***Akhmedov Afshin Saidovich*** - Tajik National University, applicant for the Department of History of Philosophy and Social Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 919-82-42-40**

УДК:1/14:159.9

# ОБЩЕСТВЕННО-ДЕЯТЕЛЬНОСТНАЯ ДЕТЕРМИНАЦИЯ СПОСОБНОСТЕЙ В ФИЛОСОФСКО-ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЯХ А.Н. ЛЕОНТЬЕВА

***Аминов Ф.А., Наврузов И.С.***
**Таджикский национальный университет**

Исследование способностей человека в философском и психологическом наследии А.Н. Леонтьева занимает ведущее место. А.Н. Леонтьев четко различает у человека природно-естественные, т.е. биологические и способности человеческие, имеющие общественно-деятельностное, историческо-необходимое и потребностное происхождение. Под природно-естественными способностями имеются в виду способность образовывать и дифференцировать условные связи, умение анализа сигналов и раздражителей, они являются общими у людей и высших животных.

В связи с естественно-природными способностями исследователи выдвигают «задатковой» предпосылки формирования особенности человека. Задатки являются биологическими и морфолого-функциональными особенностями организации мозга, органов чувств, опорно-двигательного аппарата организма.

По мнению А.Н. Леонтьева, задатки - это врожденные анатомо-физиологические особенности и одно из условий тех или иных природных способностей. Задатки являются внутренними и лежат в естественном нутре самого субъекта. Кстати, эту мысль поддерживает Б.М. Теплов, и задатки в его исследованиях еще не психологическая категория [12,с.11] и «врожденные задатки» не тождественны «наследственным задаткам». Выдвигая аналогичное рассуждение, как у А.Н. Леонтьева, Б.М. Теплов считает, что, минуя соответствующую деятельность и до процесса деятельности способности еще не сформировались и в пределах этих анатомо-физиологических задатков они не могли существовать.

А.Н. Леонтьев обосновывает мысль о том, что природные способности не задатки, «а то, что формируется на их основе», т.е. по его мнению, у каждого нормального человека, наподобие животных, присутствует необходимые анатомо-физиологические условия. Естественные способности - это, прежде всего естественные, элементарные, сложившиеся на основе врожденных задатков, но тем не менее эти естественные способности формируются в процессе становления и развития деятельности. Согласно А.Н. Леонтьеву, приобретенные человеческие способности, такие как речевые, музыкальные, конструкторские и т.п. ясно отличаются от естественных способностей. Поскольку «специфические человеческие способности имеют другое происхождение, формируются существенно иначе, чем естественные способности, и, следовательно, имеют другую, как иногда говорят, детерминацию» [9,№1]. Детерминация понятия «человеческие способности», по А.Н. Леонтьеву, вытекает из анализа процесса общественно-исторического, потребностно-деятельностного развития рода человека.

Суть учения А.Н. Леонтьева: человек в процессе антропогенеза прошел долгий путь очеловечивания, в процессе созидательного и преобразующего труда менял свою сущность. Его способности и качества в формировавшихся в антропогенезе общественных отношений, коренным образом изменились, он из исключительного биологического образа жизни перешел в социальный способ бытия, стал социальным и культурным существом. Сознание и психика человека, как и его социальные способности, никогда в данном и готовом виде не существовали. А.Н. Леонтьев более чем убежден, что трудовая деятельность является главным фактором формирования сознания, способствовала и совершенствованию органов человеческой телесности, они благодаря труду приобретали новые качества, чем в собственно биологическом состоянии. Рассматривая формирования деятельных способностей человека, А.Н. Леонтьев пишет, что «совершенствовались под влиянием труда и в связи с развитием мозга также и органы чувств человека. Как и органы внешней деятельности, они приобрели качественно новые особенности… В свою очередь, развитие мозга и органов чувств оказывало обратное влияние на труд и язык…» [5,с.274].

Следует напомнить, что, согласно мнения приверженцев деятельностной концепции способностей, головной мозг рассматривается не как заранее содержащей в себе любую способность к любой форме общественной деятельности, к любым социальным функциям, которые исторически приходится выполнять человеку, а как целостную функциональную систему, способную к формированию необходимых и потребных способностей в конкретно-историческом процессе общественного развития и деятельности человека.

Комплексный характер факторов, породивших антропосоциогенез способствовал формированию и становлению новой, социальной сущности человека. Среди этих факторов особое место принадлежит деятельности, которая стала определяющим критерием формирования, развития, совершенствования и структуризации способностей. Деятельность и психическое отражение - это два взаимодополняющих процесса, которые имеют предметное содержание и порождают человеческие способности и качества. «Ведь именно деятельность осуществляет связи субъекта с предметным миром, который поэтому необходимо отражается в его голове. Со своей стороны, порождаемое деятельностью психическое отражение является необходимым моментом самой деятельности, моментом направляющим, ориентирующим и регулирующим ее» [8,с.244]. Ныне, с развитием генетической инженерии исследователи стараются искать особенности и качества социальной жизни человека в структуре его мозга. Опираясь на генетическую инженерию, многие биологи, физиологи и особенно генетики собственно социальные способности человека ищут в его геноме и хромосомах [13,№1-2]. С другой стороны, можно назвать десятки современных исследований, в которых способности и человеческие качества не выводятся из головного мозга, наоборот, такие попытки критикуются с позиций науки, в них говорится, что способности, коль скоро они человеческие, обнаруживают себя не в физиологии. По А.Н. Леонтьеву, деятельностные способности, хотя и имеют свой физиологический механизм, однако процесс их формирования, обретает свое реальное содержание и профессиональную направленность не в физиологических особенностях и структурах: «…деятельность как единица реального человеческого бытия, хотя и реализуется мозгом, но представляет собой процесс, необходимо включающий в себя экстрацеребральные звенья, которые являются решающими» [8,с.246]. Процесс формирования и развития особенностей и качеств человека, освоения им предметной действительности – процесс, который происходит исключительно в общественной деятельности. Обучение в соответствующих условиях возможно при наличие определенных предметов. Такой способ обучения и формирования способностей присущ не только обучению отдельных индивидов, а историческому человеку в целом. Переход от способностей минувших эпох для современных людей облегчен, поскольку формирование их способностей основано на способностях, социальном и культурном опыте прошлых людей. А.Н. Леонтьев процесс обучения и освоения считает существенным путем формирования способностей: «Развитие, формирование психических функций и способностей, свойственных человеку как общественному существу, происходит в совершенно специфической форме – в форме процесса усвоения, овладения» [4,с.163]. Следует отметить, что завершенные А.Н. Леонтьевым произведения по проблеме способностей и для нашего времени не потеряли своего методологического значения и превосходят произведения многих нынешних исследователей по проблеме способностей и деятельности. Наследие А.Н. Леонтьева – великий вклад в исследования, которые проводились в рамках советской школы психологов.

А.Н. Леонтьев, анализируя философско-психологическое наследие П. Наторпа, Г. Липпса, У. Джемса, В. Вундта и других с позиций теории деятельности, одновременно исследует деятельностные способности в неразрывной связи с сознанием и психикой. Он приходит к выводу, что в старой психологии на фоне метапсихологической плоскости психические процессы рассматривались вне реальной жизненной действительности человека, еще до вступления человека в общественные отношения. В старой психологии деятельность, проистекающая в социальной среде, жизненная действительность человека и способности признавались как такие его свойства и качества, которые дремлют в глубинных пластах психики. Даже в учении В. Вундта сознание находится в физических структурах и свое содержание извлекает в этих структур: «Наша сознание, - говорит Вундт, - представляет собою не какое-нибудь отдельное от нашего физического и духовного бытия существо, но совокупность наиболее существенных для духовной стороны этого бытия содержаний» [2,с.5]. Сознание не есть феномен, в котором процессы, происходя в мозгу, определяли и управляли бы человеческую деятельность. Сознание, отражение жизнедеятельности человека, его структуры не могут существовать до вступления индивида в общественную жизнь: «…сознание не дано изначально и не порождается, оно производится» [7,с.98].

В современном информационном обществе освоение сложного механизма информационной технологии имеет существенное значение для формирования способностей. Современная наука и технология не являются занятием отдельных социальных групп, теперь различные страты общества охвачены ими. В этом смысле А.Н. Леонтьев очень метко отмечает, что «… деятельность каждого отдельного человека зависит при этом от его места в обществе, от условий, выпадающих на его долю, от того, как она складывается в неповторимых

индивидуальных обстоятельствах» [7,с.83]. Нельзя представить себе способности вне деятельности, в которой они функционируют и реализуются. Охватывая разнообразные, относительно устойчивые качества, возникающие в процессе его жизнедеятельности, человек формируется в сфере общественных отношений, связей, правовых, политических, нравственных и аксиологических установок своей эпохи.

Эти его качества определяют не только способы формирования, становления и развития, но способы проявления и реализации трудовой, культурно-познавательной и т.п. деятельности, в его индивидуальном и социальном бытии и образе жизни.Общественно-экономические факторы и условия, а также различные формы и способы бытия и деятельности людей исторически порождали многообразные формы организации социальной и предметно-целесообразной направленности способностей и потребностей. Человеческие способности имеют потребностную сущность, с изменением и совершенствованием потребностей развиваются и способности.

Раскрывая содержание понятия «потребность», А.Н. Леонтьев широко пользуется понятием «мотив», который, как он считает, является определенной ступенью в структуре «потребности». Мотив всегда придает деятельности определенную направленность. Он может быть предметным или идеальным, он может иметь место в воображении, в восприятии или в здравом смысле или же в религиозных или идеологических установках.

Мотив-это, прежде всего, предметно-ориентированное потребностно-необходимое отношение человека к действительности, связанное с оптимистическим видением жизненной реальности.Все человеческие силы, такие как воля, способности и т.д. тесно связаны с потребностями, нуждами людей, находятся в состоянии определенной гармонии и дисгармонии. Потребности постоянно сопровождают способности и деятельность. За деятельностью «всегда стоит потребность», а деятельность всегда отвечает той или иной потребности…Понятие деятельности необходимо связано с понятием мотива. Деятельности без мотива не бывает» [7,с.102]. Мотив содержит в себе устремление и побуждение. Действие, которое приведет к деятельности, побуждается через мотив. В западной психологии и философии понятие «мотив» или «мотивация» чаще всего употребляется в смысле потребности, что имеет смысл потребительства. Скажем, это понятие в произведении Дэвида Макклелланда «Мотивация человека» есть та же потребность, которая исходит чаще всего из внутреннего чувства, доставляющего порыв желания, направляющего стремление человека к тем и или иным целям.

В учении А.Н. Леонтьева «мотив» есть потребность, которая воплощена в предметах, побуждает деятельность, придает ей определенную направленность. Он пишет: «В соответствии с принятым нами определением мы называем деятельностью процесс, побуждаемый и направляемый мотивом – тем, в чем опредмечена та или иная потребность. Иначе говоря, за соотношением деятельностей открывается соотношение мотивов» [6,с.97].

Потребности человека коренным образом отличаются от потребностей животных. Потребление животных осуществляется за счет естественных предметов, которые они застают в готовом виде в природе. По мере удовлетворения своих естественных потребностей животные не стремятся к формированию новых потребностей.

В свою очередь, отсутствие серьезного внимания к назревшим проблемам, связанным с ростом национального самосознания, стало одним из факторов обострения противоречий в межнациональных отношениях. В силу этого национальное самосознание пробуждало интерес к истории своего народа, его культурным ценностям и традициям. Однако удовлетворению этих потребностей не давали простор теоретические установки на ускоренное сближение наций, утверждение о якобы «полной и окончательной решенности» национального вопроса, что на деле вело к умалению национального многообразия, особенностей духовной жизни.

Процесс обновления общества создал новые возможности для преодоления и решения противоречий в сфере межнациональных отношений, для успешного национального развития. Расширение процесса демократизации начало стимулировать рост национального

самосознания. Национальное самосознание непосредственно отражает уровень осознания коренных интересов нации, проявляющихся в различных формах и способах обеспечения ее существования. Нация, как историческая общность людей, постоянно будет стремиться к самосохранению. Как справедливо замечает Мотыл А.Дж: «Национализм может быть политической идеологией или идеалом, который доказывает, что нация должна иметь собственное государство, может быть убеждением в том, что мир разделен на нации и что это правильное и естественное разделение, может быть любовью к своей нации…» [1,с.53].

Необходимо отметить, что развитие национального самосознания – объективная закономерность общественных интересов. В этом сложном, многогранном и динамическом явлении постепенно обнаруживаются новые грани и моменты, которые ранее не существовали вообще или находились в зародышевом состоянии.

Если сказанное выше относится ко всей совокупности проблем национального развития и межнациональных отношений, то уже содержательное их рассмотрение показывает, что сегодня центральное место в этой проблематике начало занимать национальное самосознание как движущая сила национальных процессов и их связей с национальной культурой. Это верно и в практически – политическом отношении, так как в основе межнациональных конфликтов и противоречий лежит именно действие этих факторов, а проявление негативных явлений коренится в разрывах национального самосознания с культурой, ее ценностями, а также в научно – исследовательском плане. В этом аспекте, как верно пишет Смит А.Д: «Нация это не состояние, а процесс, точнее, совокупность процессов мобилизации, которые не заканчиваются никогда, и в каждом новом поколении происходит «переопределение» нации, а значит, переопределение национальных интересов. Следовательно, и «модернизм» как совокупность современных черт и задач для каждой нации вновь и вновь переопределяются» [3,с.211].

Разумеется, в последние время, стало больше научных исследований в этой области, раскрывающих должное место наций в историческом контексте. Но зачастую акцент ставился на рассмотрение объективных параметров нации, территории, общности экономической жизни, языка, культуры, быта и традиции. В то же время исторический опыт подтверждает огромную значимость субъективных факторов в жизни народов и прежде всего – их национального самосознания, исторической памяти, осознания интересов и целей, то есть именно тех явлений, которые менее всего изучались общественными науками [3,с.212].

Ссылка на исторический опыт не объясняет, а лишь констатирует огромную роль субъективных факторов, а теоретическая проблема, на наш взгляд, имеет как раз тот пробел, что недооценивает народ как творца истории, следовательно, статус нации как одного из главных субъектов современного мирового исторического процесса. С подобной точки зрения, обращение к таким «субъективным факторам», как национальное самосознание, историческая память, осознание интересов и целей является непосредственной причиной деятельности людей, в частности – наций.

Но такое перечисление субъективных факторов недостаточно. Так, понятие «историческая память» связано со всей историей генезиса и становления наций, ее культуры и психологии, но исторический опыт показывает: вся историческая память народа на тех или иных этапах его развития, как правило, не задействована. Многое в такой памяти актуализируется в другое время, при других обстоятельствах.Так как нас интересует, прежде всего, то содержание исторической памяти, которое актуализировано в качестве реальных побудительных мотивов деятельности наций, то отбор этого материала и его актуализацию осуществляет именно национальное самосознание. Также достаточно очевидно, что «сознание интересов и целей» является компонентом того же национального самосознани, в котором оно как бы концентрируется, определяя непосредственно деятельность нации на каждом этапе истории. «Спящие» интересы, - пишет А.Г. Здравомыслов, - не актуализируются с помощью политических деклараций, они остаются тайной за семью печатями об их «реальности», «насущности», «значимости», может быть никто и никогда не узнает, если эти интересы не будут артикулированы, провозглашены, высказаны. Вот почему теоретическое определение национальных интересов и их номинация представляют собой два очень важных шага в создании новой социальной реальности» [8,с.187].

Нам представляется, что национальное самосознание, прежде всего, должно быть объектом гносеологического описания. Национальное самосознание, как феномен объективной реальности, не может сложиться без определенных, объективно действующих предпосылок, но как явление, отраженное по характеру своего функционирования, оно является субъективным образованием. Эта сторона проблемы обязывает нас рассматривать национальное самосознание с точки зрения взаимоотношений объективных предпосылок и субъектных факторов.

Феномен национального самосознания свойственен преимущественно социально активным людям, и оно такое духовное явление, которое легко поддается влиянию идеологии, таит в себе психическую энергию и поскольку эти явления не безразличны обществу, задача целенаправленного воспитательного воздействия становится наиважнейшей. Состояние научной литературы по этой проблеме противоречиво. С одной стороны, накоплен огромный материал по теме: «нация и национальные отношения», имеющей научную ценность, с другой стороны – научное исследование в этой области было ограничено, регламентировано и подчинено идеологической функции господства административно-командной системы и осуществляющейся политики.

Проблемы нации, национального самосознания и ее диалектики с национальной культурой изучались слабо, прогрессивные тенденции в этой области наметились лишь в последние годы. Общепризнанно, что в советское время наиболее явно обозначился отрыв теории от практики как в сфере обществоведения вообще, так в особенности по наиболее значимым и близким к реальной политике проблемам теории государства и права, теории наций, в частности формирования национального самосознания и т.д. Существующие проблемы и противоречия не изучались в самом процессе национального развития, в межнациональных отношениях, а приоритетное направление приобрели теории о «расцвете» каждой нации и народности, в их добровольном сближении, стремлении убедить в «окончательной и бесповоротной решенности» национального вопроса в стране.

Справедливости ради надо отметить, что при всей своей однобокости, в данной литературе был заложен идейный фундамент представлений о сложности, многогранности и противоречивости процессов национального развития и межнациональных отношений. Целый ряд проблем теории наций и межнациональных отношений при анализе зарубежной литературы, хотя и в критической форме получили в этих работах более или менее адекватное отражение. Начавшийся процесс обновления общества способствовал, с одной стороны, раскрытию действительных проблем и противоречий национального развития и межнациональных отношений, с другой –расширил возможности их объективного научного анализа. Благодаря этому в последние годы оживилось теоретико - практическая работа по национальной проблематике, появились интересные, адекватные реалиям общества исследования, проведены многочисленные международные семинары и научно-практические конференции.

Необходимо отметить, что приоритеты, связанные с духовным возрождением нации и углублением национального самосознания, играют, несомненно, важную роль в возрождении социально-экономического и культурного развития общества. При рассмотрении традиционных взглядов на нации и их роли в современном общественном развитии необходимо переосмыслить теоретический арсенал по национальному вопросу и межнациональным отношениям. Зачастую акцент ставили в рассмотрении объективных параметров нации, хотя исторический опыт подтверждает огромную значимость субъективных факторов в жизни народов и, прежде всего, их национального самосознания, исторической памяти, осознания интересов и целей, то есть именно тех явлений, которые меньше всего изучались общественными науками. Для того, чтобы историческая память имела право на существование, необходимо четко выделить основные признаки нации и сущность национального самосознания. Народ, обладающий национальным самосознанием, несмотря на национальные конфликты способен выжить и сохранить духовную культуру, возродить экономическое благополучие и создать достойный образ жизни. Представляется необходимым придать национальному самосознанию самостоятельный статус одного из ведущих признаков нации. При этом в процессе изучения данного вопроса особое внимание необходимо уделить:

- анализу вопроса сущности национального сознания и национального самосознания;
- причинам и условиям проявления как положительных, так и негативных моментов и характера национального самосознания;
- взаимодействию национального самосознания с другими компонентами духовной жизни наций и народностей;
- определению функции национального самосознания и их места в сфере межнациональных отношений.

Важной чертой носителя национального самосознания является то, что оно выступает в качестве импульса и императива побудительных мотивов, способствующих выявлению особенностей внутреннего и духовного мира разных наций и народностей. Кроме того, в культуре существуют специфические качества национальной эмоциональности. Последнее играет как положительную, так и отрицательную роль в национальном развитии - в первом

случае - как выражение национального интереса, а во втором - как фактор торможения национального развития. Таким образом, взаимосвязь и взаимозависимость национальной культуры, национального самосознания и национальных чувств являются основными факторами сохранения и развития наций. Роль носителя культуры как носителя национального самосознания исходит из следующего:

- существование базы для обеспечения возрастающих духовных потребностей;
- наличие стимулов и механизмов обеспечения устойчивого характера нации, ее сознания и деятельности, по сравнению с другими сферами общества;
- наличие побудительных мотивов и специфических качеств;
- существование «защитных» и «охранительных» функций;
- наличие субъективного фактора – воспитательной работы всех звеньев культуры и образования, семьи и средств массовой информации.

Перечисленные факторы в своей совокупности создают условия для формирования здоровой нации.

Как отмечает уважаемый Эмомали Рахмон: «Мы должны гордиться, что в зеркале мировой истории отражены лучшие черты национального характера таджиков - мудрость, извечное стремление к созидательному труду и красоте, доброжелательность, терпеливость, верность друзьям» [1,с.58].

Обществу нужна, прежде всего, неискаженная, полная правда о реальных процессах национального развития и межнациональных отношений, о том, какие причины привели в возникновению острых коллизий в этих сферах. Здесь не должно оставаться «белых пятен». Все это необходимо во имя укрепления доверия и взаимопонимания. В тех случаях, когда есть недоразумения и сомнения, надо не жалеть сил, чтобы на коллективной основе установить истину.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Рахмонов Э.Ш. Таджики в зеркале истории / Э.Ш. Рахмонов. - Душанбе, 1996. -С.58-64.
2. Alexander J. Moty. Sovietology Rationality Nationality Coming to Grips with Nationalism in the USSR / Alexander J. Moty.- New York: Columbia University Press, 1991.- p. 53.
3. Smith A.D. The Ethnic Origin of Nations // Foreign Affairs. -N.Y., 1975. -№3. -212 p.
4. Асадуллаев И.К. Экспансия подобия, демократия и Таджикистан/ И.К. Асадуллаев. - Душанбе, 2002.
5. Гафарова М.К. Общественное сознание (особенности его обновления)/ М.К. Гафарова, В.А. Фомина. - Душанбе, 2001.
6. Гиеев К.Х. Национальные интересы /К.Х. Гиеев. - Душанбе, 1993.
7. Дадабаева З.А. Таджикистан: межнациональные отношения в период трансформации общества /З.А. Дадабаева. - Душанбе, 2000.
8. Екуби К. Диалектикаи маънавиет ва худшиносии мили /К. Екуби. - Душанбе, 1996.
9. Здравомыслов А.Г. Межнациональные конфликты в постсоветском пространстве / А.Г. Здравомыслов. - М: Аспект Пресс, 1999. -187 с.
10. Мамадазимов А. Новый Таджикистан. Вопросы становления суверенитета/ А. Мамадазимов. -Душанбе, 1996.
11. Научно-практическая конференция: «Проблемы устойчивого демократического развития Таджикистана». - Душанбе, 1998.
12. Саидов А.С. Нация как субъект социального действия /А.С. Саидов.- Минск, 2000.


## ОИД БА МАСЪАЛАИ ДИАЛЕКТИКАИ ЭҲЁИ МИЛЛӢ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ


Дар шароити демократикунонии ҷомеа мардум ба дарки хусусиятҳои хосси миллати худ ҳам аз ҷиҳати таърихию фарҳангӣ ва ҳам аз ҷиҳати иҷтимоию сиёсӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда истодаанд, яъне раванди навсозии ҷомеа дар аксар маврид хусусияти табиӣ ба худ касб карда истодааст. Унсури муҳимми эҳёи миллӣ дар масъалаи маҳфуз доштан ва рушди хусусиятҳои нотакрори халқҳо, ташаккули худшиносии миллӣ мебошад, ки манфиатҳои миллӣ ва ҳастии ҷомеаро инъикос менамояд.



**Калидвожаҳо:** хусусиятҳои хосси миллат, эҳёи миллӣ, раванди навсозии ҷомеа, худшиносии миллӣ, манфиатҳои миллӣ, ҳастии миллӣ, фарҳанги миллӣ, ҳувияти миллӣ.


## К ВОПРОСУ ДИАЛЕКТИКИ НАЦИОНАЛЬНОГО ВОЗРОЖДЕНИЯ И НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ


В условиях демократизации нашего общества повысился интерес людей к своей национальной самобытности, как в историческом, так и в культурно-языковом, социально-политическом плане, т.е. процессы общественного обновления во многих случаях обрели естественную форму национального возрождения. Важным элементом национального возрождения в плане сохранения и творческого развития национальной самобытности народов выступает и рост национального самосознания, отражающего национальные интересы, национальное бытие общности.



**Ключевые слова:** особенности нации, процесс возрождения общества, национальное возрождение, национальное самосознание, национальная самобытность, национальные интересы, национальная идентичность, национальная культура.

**THE PROBLEMS OF THE QUESTION ABOUT A NATIONAL CONSCIOUSNESS AND NATIONAL REBIRTH**

This article describes and analyzes the problems of the question about a national consciousness in context the modern processes of national rebirth. The Study of the problems of the national consciousness, regularities of his (its) development on modern stage has gained special urgency. The Realization of each person its national accesories, particularities national politicians and cultures, has brought about that that today national problems occupy all more important place at decision social-ethnic of the problems. Also considered questions national folk, national culture and national interests.

**Key words:** a national rebirth, a national consciousness, national interest, national identity, national existence, national culture.

**Сведения об авторах:** ***Турсунов Ф.А.*** – Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г. Худжанде, кандидат философских наук, доцент, заведующий кафедрой общественных наук. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 169. E-mail: **info@iet.tj**

***Мунавварова Д.О.*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г. Худжанде, ассистент кафедры общественных наук Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г. Худжанде. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 169. E-mail: **dmunavvarova@bk.ru**

**Information about the authors:** ***Tursunov F.A.*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, Ph.D., associate professor, head of the department of social sciences. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Avenue, 169. E-mail: **info@iet.tj**

***Munavvarova D.O.*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, Assistant of the Department of Social Sciences of the Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Avenue, 169. E-mail: **dmunavvarova@bk.ru**

**УДК:1/14+297 (575.3)**

# ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР ТАЪРИХИ ХИЛОФАТИ ИСЛОМӢ

***Бойназаров Ҳ.Э.***

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови АИ ҶТ**

Яке аз истилоҳоте, ки дар солҳои ахир дар қаламрави адабиёти сиёсии кишварҳои рӯ ба рушд ба таври васеъ дар илм пешниҳод гашта, истифода мегардад, ин мафҳум ё худ вожаи “тасоҳул, тасомуҳ ва мудоро” аст. Тасоҳул ё худ осонгирӣ ва мудоро аз ҷумлаи масъалаҳое ҳастанд, ки дар раванди ташаккулёбии сиёсии давлатҳо пеш меоянд ва ҳар давлате ногузир ба таҳаммулгароӣ ва ҳудуду мизони он мувоҷеҳ мегардад. Аз ин рӯ, ин мафҳум ҳам дар андешаи сиёсии Ғарб ва ҳам дар фарҳанги ислом, ҷойгоҳи хоссае ёфта ва аз таърихи қадима бархӯрдор аст. Маъно ва мафҳуми “тасоҳул ва мудоро”, заминаҳо, равиш ва пуштувонаи назарии он дар андешаи исломӣ, ҷустуҷӯи тасоҳул ва мудоро ва муқоисаи тасоҳул бо мафҳуми “толерант” дар ниҳоят мавзеи ислом нисбат ба озодиҳои асосӣ, аз ҷумлаи ин пурсишҳо аст. Яке аз истилоҳоте, ки муддате аст дар миёни донишмандони давлатҳои исломӣ мавриди баҳс қарор гирифтааст, ин истилоҳи “тасоҳул, тасомуҳ ва мудоро” аст. Ҳамаи донишмандони арабзабону форситабор истилоҳи мазкурро ҳаммаъно ва баробар ба вожаи “толерант ва таҳаммулгароӣ” ва ба маънои “сиёсати тасомуҳи динӣ” донистаанд, ки бо таваҷҷуҳ ба маънои маърифатии хос ва хусусияту зарурате, ки ба “толерант” дода шудааст, мафҳуми васеътареро ифода мекунад, аммо ба назар мерасад, ки ин муодил аз диққати кофӣ бархӯрдор нест. Вожаҳои “тасоҳул” ва “тасомуҳ” дар китобҳои луғати арабӣ, одатан, ҳаммаъно бо якдигар ба кор бурда мешаванд. Масалан, «самуҳ» аз решаи «тасомуҳ» ба маънои бахшишу гузашт, баландназарӣ, озодагӣ аст, ки як навъ бузургворӣ ва ҷавонмардӣ дар он мушоҳида мегардад, вале калимаи “саҳул” аз решаи “тасоҳул” ба маънои ба нармӣ рафтор кардан, таҳаммул кардан, осон гирифтан, худдорию чашмпӯшӣ кардан ва таҳаммули ҳар гуна ақидаи мухолиф мебошад [3,с.22].

Ин дар ҳолест, ки вожаи «толерант” ва “toleration”, ки дар забони арабӣ ба тасомуҳ ва тасоҳул тарҷума мешавад, нахуст ба маънои тоб овардан дар баробари дард ва сахтӣ аст [4,с.45]. Сипас ба маънои сиёсати сабуронаи ҳукумат дар ҷоиз шуморидани он даста аз эътиқодҳои диние аст, ки ба таври расмӣ бахше аз эътиқодоти асосии низоми ҳоким нестанд. Дар корбасти истилоҳи тасоҳул ва тасомуҳ ба мафҳуми дахолат накардан ва садди роҳ нашудан ё иҷоза додан аз рӯйи қасду огоҳӣ ба рафторҳо, амалҳо ва ақидаҳое аст, ки мавриди писанд ва қабули шахс набошад. Дар истилоҳи сиёсӣ бошад, ба маънои бархӯрди муносиб тавъам бо огоҳии сиёсӣ ва хештандорӣ нисбат ба мухолифони сиёсию фикрӣ бо дарназардошти озодии баён дар фазои сиёсии ҷомеа мебошад.

Сарфи назар аз шаклҳои гуногун ва тафовути зиёди мафҳумҳои луғавӣ ва истилоҳоти таҳаммулпазирӣ пайванди ин истилоҳ дар мазмун ва моҳияти бархӯрди муносиб ва хештандорӣ нисбат ба мухолифони ақидавӣ яке аз ифодаҳои асосӣ ва хислати инсонӣ доштани истилоҳи мазкур аст. Дар воқеъ, инсонҳо гуногун халқ шудаанд, андешаҳо, ақидаҳо ва ҳатто бардоштҳои гуногун доранд. Бинобар ин, воқеият ин аст, ки андешаҳои гуногун ва завқу табъҳои мутафовит ба расмият шинохта шаванд ва ба салиқаҳо, танаввӯъталабиву гуногунандешии мардум эҳтиром гузошта шавад. Натиҷаи татбиқи ин амал, яъне ба расмият шинохтани якдигар, осонгирӣ, таҳаммули ақидаҳои гуногун ва ҳамзистии мусолиматомез дар баробари тараққиёт ва инкишофи ҷамъият, озодии ҳуқуқи инсонҳо, адолати иҷтимоӣ, маданият ва одисозии муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа ҷиҳати мубодилаи таҷриба ва инкишофи мубодилот, санъату ҳунарҳои мардумӣ зарурӣ аст. Ба ақидаи Луйе Эштроус, "пешрафт вобастагии комил ба ҳамёрии фарҳангҳо дорад ва танҳо дар як фарҳанги ҷудогона падид намеояд"[5].

Аммо, аз назари динӣ истилоҳи таҳаммулпазирӣ ду маъноро ифода мекунад. Нахуст, ба маънои осонгирӣ ва одисозии муносибатҳо, яъне "суҳулату самоҳат", ки дар баъзе аз мавридҳо ба мафҳуми "нафйи ҳараҷ" ифода ёфтааст [1,с.341].

Сониян, ба унвони як фазилати ахлоқӣ, шеваи рафтор ва амале, ки ҷойгоҳи арзишии он дар фарҳанги исломӣ мавриди мувофиқати ҳамагон аст. Шариат ба ин маъно роҳу расми зиндагӣ ва сарчашмаи муносибатҳои ҷамъиятӣ аст. Худо нахостааст, ки диндорон дар сахтию машаққат қарор гиранд. Бар ин асос, таҳаммулпазирӣ ва мудорои исломӣ аз ду ҷанба, яъне рафторҳои дохилӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ метавонад мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад.

**Таҳаммулпазирӣ дар рафтор бо ғайримусалмонон.** Воқеан, муҳимтарин нишона ва коркарди назарияи таҳаммулпазирӣ ва мудоро дар муносибат ва бархӯрд бо мухолифон ва бегонагон зоҳир мегардад. Таҳаммулпазирӣ ва мудорои исломӣ дар рафтор бо ғайримусалмонон ба ду асли асосӣ такя мекунад; нахуст, озод ва соҳибихтиёр будани комили инсон дар пазириши дин, сониян таҳаммул кардани ақидаҳои мухолиф, ҳамзистии мусолиматомез бо соҳибони андешаи ғайри исломӣ ва пайравони динҳои дигар, ба шарте ки аз сари ноҷорию заифӣ набошад. Аз сӯйи дигар, тибқи истидлоли Қуръон даъвати мардум ба дин бояд бо "ҳикмат" ва "мавъизаи ҳасана", "муҷодилаи аҳсан", яъне баҳсу мубоҳиса бо беҳтарин услуб, бар асоси гуфтугӯ ва эҳтирому таҳаммули андешаи якдигарро тавсия медиҳад [1,с.281].

Асосан, яҳудиён, масеҳиён, собион ва зардуштиёнро ҳамчун динҳои осмонӣ Қуръон ба расмият шинохта ва таҳаммулгароиву барқарории робитаҳои дӯстона ва ҳамзистии мусолиматомезро нисбат ба динҳои мазкур ва пайравони онҳо дар нахустин марҳилаи пайдоиши дини ислом дастур додааст. Ҳамчунин, ислом ба пайравони динҳои осмонӣ иҷоза медиҳад, ки дар ҷомеаи мадании исломӣ ақидаҳояшонро ҳифз карда, маросими динии худро иҷро кунанд [1,с.17-58].

Муҳаммад (с) пас аз муҳоҷират аз зодгоҳаш ба шаҳри Ясриб (Мадина) ба яҳудиёне, ки дар атрофи ин шаҳр мезистанд, иҷоза дод, ки ба эътиқодоташон боқӣ бимонанд ва бар асоси паймоне баробарии ҳуқуқи яҳудиён ва мусалмононро ба расмият шинохт [6,с.305].

Дар баробари ин, Муҳаммад (с) номае ба масеҳиёни Наҷрон (шаҳре дар наздикии Мадина) навишт, ки дар он ҳимояти Худованд ва пайғамбараш аз калисоҳо, канисаҳо, ташкилоти мазҳабӣ ва созмонҳои илмию фарҳангии онҳо ва озодӣ аз ҳар гуна мудохила дар ҳуқуқи онҳо, модоме ки ба аҳду паймонҳои худ вафодор бошанд, тазмин шудааст [7,с.88].

Муҳаммад (с) дар баробари бадрафторӣ ва душманию кинатузии яҳудиён таҳаммулгаро ва аз бештари амалҳои муҷримонаи онҳо чашмпӯшӣ мекард ва ононро аз назари ҳуқуқи иҷтимоӣ бо мусалмонон яксон дониста, ба одобу расмҳояшон эҳтиром мегузошт.

**Таҳаммулпазирӣ ва мудоро дар замони хилофати исломӣ.** Таърихи ҷомеаи исломӣ, бахусус даврони нахусти он саршор аз ҷанбаҳои гуногуни таҳаммулпазирӣ ва мудоро бо ақаллиятҳои мазҳабӣ, мухолифон ва дигарандешон аст. Асоси рафтори сиёсии тавъам бо таҳаммулпазирии мусалмонон бо дигарон ин ҳамзистии мусолиматомез аст, ки дар матнҳои динӣ бисёр таъкид гардидааст. Равиши муносибатҳои халифагон бо ақаллиятҳои қавмию миллӣ низ, равиши мусолиматомез буда, вақте кишвареро тобеи ҳукумати худ мекарданд, ба дин ва расму оини он мардум эҳтиром мегузоштанд. Барои мусалмон шудани онҳо зӯр ё худ фишореро ба кор намебурданд; аз ҷумла ҳангоми тобеъ намудани Урушалим тавассути мусалмонон дар соли 638, халифаи дуюм Умар ибни Хаттоб ба мардуми шаҳри Илё амонномае ато кард, ки бар асоси он амният, ҷон ва молу ибодатгоҳҳои онҳо тазмин шуда буд [2,с.456].

Сабки халифаи чаҳорум Алӣ ибни Абитолиб низ, дар давраи кӯтоҳи хилофати эшон бо вуҷуди мухолифони ақидатӣ ва сиёсии худ бо таҳаммулгароӣ ва тоқатпазирӣ ҳамроҳ буд. Халифаи чорум дар баробари гурӯҳи хаворич ва наҳравон таҳаммулпазир буданд. Бо вуҷуди мухолифатҳо ва коршиканию munоқишаҳои лафзии онон, то вақте ки даст ба шамшер набурданд, онҳоро таҳаммул кард. Ба таври умумӣ, рӯзгори халифаҳои аввалин давраи адолат ва таҳаммулпазирӣ буд. Ислом озодӣ ва осоиши онҳоро то ҳадде, ки имкон дошт, нигоҳ медошт ва хеле кам мушоҳида мешуд, ки бе шикастани паймоне мавриди озору шиканҷа қарор гиранд.

Дар замони ҳукумати Уммавиён таҳаммулпазирӣ низ дар таърихи давлатдории ин сулола мушоҳида гардидааст. Шеваи бархӯрди бештари шоҳони сулолаи мазкур, бахусус Муовия ибни Абисӯфён бо ақаллиятҳои динии ғайримусалмон ба чашм мехӯрад. Ҳамчунин, дар замони ҳокимияти Абдулазиз ибни Мӯсо дар Андалус ва хилофати Умар ибни Абдулазиз дар минтақаҳои зери тобеияти халифагони уммавиро метавон ишора кард. Дар замони хилофати Аббосиён, тағйироти васеъ дар шеваи ҳукуматдорӣ ба вуҷуд омад ва ҳукмронони ин сулола аз лиҳози татбиқи таҳаммулпазирӣ нисбат ба ҷомеаҳои мазҳабии ғайримусалмон таъсири назаррасе аз худ ба ҷой гузоштаанд. Инчунин, дар замони ҳокимияти халифаҳои аббосӣ як ҷаҳиши илмии ҳамаҷониба ва инқилоби фарҳангии беназире поягузорӣ гардид, ки ҳар як аз ин ду ҷанба нақши муҳиме дар бақо ва устувор гардидани ҳокимияти ин сулола дар тӯли асрҳоро дошт.

Дар давраи ҳокимияти Аббосиён, умуман зиммиён (яҳудиён ва масеҳиён) дар кори дин озодии нисбатан миллӣ доштанд ва русуми диниашонро бо амнияти комил анҷом медоданд [8,с.135]. Эҳтиёҷоте, ки пайравони динҳои гуногун дар муносибат бо ҳамдигар доштанд, то ҳадде таассуб ва ихтилофҳояшонро суст карда буд; давлат низ дар кори дин дахолат надошт ва баъзе аз халифагон кори таҳаммулгароиро ба он ҷо расонида буданд, ки дар маросими динӣ ва идҳои зиммиён иштирок карда, фармон медоданд, то эшонро аз дахолати дигарон ҳифз кунанд.

Ташриф овардани зиммиёни масеҳӣ ва яҳудӣ дар дарбори халифаҳои аббосӣ ба унвони табиб равнақи бештаре дошт, зеро дар миёни аҳли зимма пизишкон ва дорусозони моҳире вуҷуд доштанд, ки дар баробари машғул шудан ба касби табибӣ ба кори сиёсат ва иқтисод низ мепардохтанд. Иштироки ин гурӯҳ аз зиммиён бештар аз он ки халифагон ба инҳо ва касбашон эҳтиёҷ дошта бошанд, нишонаи ҳисси кунҷковӣ ва вуҷуди таҳаммулгароии фикрӣ ва амалии халифаҳои аббосиро нишон медиҳад.

Ҷунбиши фарҳангии замони Аббосиён, аз ду ҷанба шоёни аҳамият аст: нахуст, таваҷҷуҳ ба фарогирии илмҳои назаррас дар дохили ҷомеаи исломӣ ва дувум, ҷамъоварӣ ва иқтибоси илм аз қавм ва миллатҳои дигар, бо роҳи ҳаракати тарҷумае, ки вуҷуд доштааст ва дар ҳарду самти ин пешравӣ таҳаммулпазирӣ ва набудани таассуб нақши муҳиму ҳаётиро ифо мекард. Дар чаҳорчӯбаи ин ҷунбиши илмӣ, ҳамаи илмҳои юнонӣ ва форсӣ, аз ҷумла фалсафа, тиб, астрономия, математика, мусиқӣ ва ғ. тарҷума шуданд. Халифаҳои аббосӣ дар ин замина аз худ таассубе нишон намедоданд. Маҳз натиҷаи дурандешӣ ва равшанбинию эҷоди як ҷунбиши илмии фарогир дар даврони Аббосиён буд. Ҳамчунин, дар маркази ин ҷунбиши илмӣ, қавму нажодҳои мухталиф, пайравони динҳо ва равияҳои гуногун иштирок доштанд.

Ҳамин тавр, фарҳангҳои гуногун дар миёни баҳсу ҷадалҳои илмӣ ба ҳам омезиш меёфтанд ва дар гузашти замон, ҳамгироии миллӣ, минтақавию байналмилалӣ шакл мегирифт ва фарҳанги наву ватани мутараққӣ ба вуҷуд меомад, тамоми ҷаҳон ва ҳамаи исонҳоро дар бар гирифта, давлати паҳноварро ташкил медод. Шаклгирии ҷунбиши назарияи фиқҳию илмии мазҳаби Абӯҳанифа, ки яке аз поягузорони мазҳаби аҳли суннат мебошад ва дар асоси иҷмоъ ё худ иҷтиҳод, яъне дар назар гирифтани ақидаҳои ҳамаи донишмандони соҳибтаҷрубаи динӣ, маҳз дар оғози пайдоиши ҳокимияти ин сулола ба вуҷуд омадааст. Ин назарияи Абӯҳанифа нишон аз таҳаммулгароии ӯ мебошад.

Сиёсати дарҳои кушоди ҳамкорӣ ва таҳаммулпазирии сулолаи Аббосиён дар тамоми ҷанбаҳо сурати айнӣ пайдо карда, заминасози таҳаввулоти бузургу таъсиргузоре шуд, ки баъзе аз мутафаккирони ғарбӣ аз он ба ренесанси исломӣ ёд кардаанд.

Аз ҷумлаи омилҳои назаррас дар ин ҷунбиши илмӣ – фарҳангӣ ва сиёсӣ, эҷод ва ҳимоят аз фазои озоди фарҳангӣ, бархӯрди тавъам бо таҳаммулпазирӣ ба ҷараёнҳои фикрию фарҳангӣ, мактабҳои каломӣ, фирқаҳои мазҳабӣ ва дар ниҳоят ақаллиятҳои динии ғайримусалмон буд. Дар таърифи мафҳуму моҳияти “таҳаммулпазирӣ” ва инсофи ҳукумати Аббосиён (Оли Бавия) дар авҷи он, беҳтар аз суханони Абӯсулаймони Сиҷистонӣ наметавон бар забон овард, ки дар таърифи Азуд-уд-давла навишт: “То он ҷо ҳар чизе, ки ба аҳли дониш ва фарҳанг тааллуқ дошт, шоҳ онҳоро тасдиқ ва эътироф карда, гуфторашонро манзалат мебахшид ва банд аз забонашон бардошта, то ҳар як аз

онҳо эътиқодоти фирқаи хешро бидуни пинҳон кардани он баён кунанд. Дар натиҷа ошкор шавад он чи мехоҳанд ва маълум шавад он чи ба он эътиқод доранд. Ҳамин тавр, як шеваи мунаққидонаи дуруст аз эътиқодоту назарҳои онҳо пайдо шавад ва ҷунон амнияте падид ояд, ки касе бо забони таассуби динӣ ба дигаре ҳуҷум набарад” [9,с.34].

Раванди таҳаввулоти фарҳангӣ на танҳо дар доираи маркази хилофат, яъне дар Ироқ, балки ҳамзамон бо ҳукумати Аббосиён дар минтақаи шарқии Эронзамин давлати Сомониён, Систони аҳди бозмондагони Саффорӣ, Шоми аҳди Ҳамадонӣ, Мисри аҳди Фотимӣ ва Андалуси аҳди Уммавиён дар ин давра эҳёгари фарҳангии хосси худ буданд, аз ин рӯ дар ренесонси исломӣ саҳм доранд. Ҷуил Кремер мегӯяд: “Нуктаи шоёни таваҷҷуҳ ин аст, ки чашпӯшӣ ва таҳаммулпазирии ҳоким бар фазои фарҳангии ин аср аст, ки ҳокимиятҳои мазкурро равнақ додааст. Минтақаи ҳукуматии Сомониён аз қадим ба таҳаммулпазирӣ ва мудорои фарҳангӣ маъруф буда, бо рӯйкарди адабӣ - таъкид бар забони форсӣ бо нигариши фалсафию инсондӯстона амал мекард” [9,с.54].

Таърихи шоҳони Усмонӣ бо таҳаммулпазирӣ ва моҳияти он даромехта аст. Усмониҳо бо мардуми ғайримусалмон, ақаллиятҳои миллӣ ва мухолифонаш бо мудоро ва тоқатпазирӣ муносибат менамуданд. Лордкин Рос дар ин бобат гуфтааст: “Усмониҳо, бо душманони худ ба дур аз таассуботи мазҳабӣ рафтор мекарданд” [10,с.162].

Ба шаҳодати таърих, дар ҳудуди сарзаминҳои усмонӣ ҳеҷ гуна исломисозии умумӣ (ҳадди ақал ба сурати маҷбурӣ) вуҷуд надошт. Аммо шуморе аз масеҳиён ба майл ва хоҳиши худ ҷиҳати таъмини манфиатҳои хеш мусалмон шуданд. Низом ва тартиботи усмонӣ ду хислати асосӣ- “миллисозӣ ва интиқодпазирию гузашт”-ро бо якдигар омезиш дода буд. Бо ин роҳ, тухми як ҷомеаи чанднажодӣ, бисёрмазҳабӣ ва чандзабониро барафшонд, ки дар тӯли асрҳои оянда дар ҳудуди се қитъа - Аврупо, Осиё ва Африқо ҳукумат кард. Ҳамон гуна ки яке аз омилҳои асоси рушду инкишоф ва ниҳоятан, идомаи ҳокимияти императории усмонӣ дар тӯли ҳадди ақал дуву ним қарн аз оғози давлатдорӣ то зоҳиршавии даврони заволу таназзули он, баргаштпазирӣ, дурандешӣ ва назари воло доштан нисбат ба ақидаҳои мазҳабӣ, ҳимоят аз ҳуқуқи ақаллиятҳо ба ибораи дигар, сиёсати дурандешонаи ҷалбу ҳамгунсозӣ буд; аз муҳимтарин омилҳои таназзули императории усмонӣ дар муддати дуву ним аср ва заволи он низ аз сӯйи афдодан дар гирдоби таассубҳои динӣ, қавмию нажодӣ, минтақавӣ ва ҳатто идорие буд, ки рӯҳияи таҳаммулпазирӣ ва хислати “ҷаҳонватанӣ”-и императориро доғдор сохт ва дар ниҳоят боиси фурӯпошӣ ва нобудии он гардид.

Бадеҳӣ аст, ки дар ин самт истисноҳое низ вуҷуд доранд: дар сурате ки аз воқеият сарфи назар кунанд ва ба ҷангу душманӣ бо мусалмонон иқдом кунанд, шомили таҳаммулгароӣ ва мудоро нахоҳад шуд. Далели ин гуфтор рафтори Муҳаммад (с) ва даъваташ ба сулҳ дар баробари мухолифонаш шуда метавонад. Дар сурати оташафрӯзию ҷанг, модоме ки сулҳро напазируфтанд, Пайғамбар (с) ба шиддат бо онҳо муқобила мекард. Ин амалкард бардоште буд, ки Муҳаммад (с) аз Қуръон гирифта буд. Дар ин гуна мавқеъҳо Қуръон вокуниши шиддатнок нисбат ба саркашон нишон додааст [1,с.92-189].

Таҳқиқу баррасӣ дар маҷмӯи оятҳои ҷиҳод ва муқобила бо саркашон, моро ба чунин хулоса меорад, ки ҷиҳод бо онҳо ба далели муқобилияти онҳо бо мусалмонон аст ва меъёри асосии алоқаи мусолиматомези мусалмонон бо мухолифон, риояи қоидаҳои бозӣ, даст кашидан аз барҳам задани назми дохилӣ ва байналмилалии ҷомеаи мусалмонӣ аст [1,с.92-550]. Бешубҳа, таҳаммулпазирӣ наметавонад беҳадду ҳудуд бошад, ҳатман меъёрҳое дорад, ки иҷрои фаротар аз ин маҳак онро табдил ба созишкорӣ ва сохтакорӣ нисбат ба воқеият мегардонад. Бинобар ин, тибқи ин асос Муҳаммад (с) дар баробари иғвогарон, дар сурати кашфи иғвогарии душманонашон, паймоншикании онҳо, таҷовуз ба ниҳодҳои асосӣ ва ҳамла ба асосҳои дин бо ҷиддият ва ниҳояти сахтгирӣ рафтор мекарданд.

Таҳаммулпазирӣ шеваи амалкард ва рафторҳои мушаххаси пазируфташудаеро бояд дошта бошад, онро дуруст ифода кунад ва дар айни ҳол марзҳои таҳаммулгароиро низ муаяйн кунад. То вақте ки марзбандиҳо ба шакли якҷониба сурат гирифта бошанд, таҳаммулгароии худсарона аст.

Юрген Ҳобермос - файласуфи муосири олмонӣ, хотирнишон месозад, ки: “ҷамоатҳои динӣ набояд, танҳо аз таҳаммулпазирӣ ва мудорои дигарон суд баранд, балки онҳо низ, дар навбати худ, ҳамаи қонуният ва меъёрҳои таҳаммулгароиро бипазиранд. Чун ҳар дине бар асоси тасаввуре аз ҷаҳон шакл гирифтааст”[5].

Луйе Эштроус таъкид кардааст, ки зиндагии инсонҳо ба шаклҳои фарҳангии бениҳоят гуногуне интишор ёфтааст ва Эъломияи ҳуқуқи башар ба унвони бетаваҷҷуҳии аксарияти беэътино ба ин ҳақиқат, ки инсон моҳияти худро на дар як инсонияти зеҳнӣ, балки дар фарҳанги суннатӣ пойбанд кардан мехоҳад, бояд гуногунии фарҳангҳоро қабул кунад, чунки пешрафт вобастагии комил ба ҳамкории фарҳангҳо дорад, танҳо дар як

фарҳанги ҷудогона падид намеояд. Ин боис мегардад, ки мо таҳаммулгароиро дар ҷомеа татбиқ намоем. Бо таваҷҷуҳ ба он чи пешкаш гардид ва санадҳое, ки аз сарчашмаҳои асосии динӣ оварда шуд, чунин ба назар мерасад, ки таҳаммулпазирӣ ва мудоро дар идеологияи исломӣ таърихи бисёр куҳан дошта, аз ибтидои пайдоиши дини ислом сарчашма мегирад. Мафҳум ва моҳияте, ки дар дини ислом оид ба таҳаммулпазирӣ ва мудоро дар сарчашмаҳои асосии динӣ омадааст, ба пуррагӣ бо меъёрҳои имрӯзаи ҳуқуқи башар мутобиқат мекунад. Бо вуҷуди ин, таҳаммулпазирӣ як фазилати ахлоқӣ дар дини ислом ва хислате аст, ки ҳар инсоне онро қабул дорад. Асосан, таҳаммулпазирӣ ва мудоро гуфторе аст, ки ба ҷомеа, фарҳанг ва мазҳаби хосе тааллуқ надорад, балки аз ҷумлаи хислатҳое аст, ки инсон дар нафси худ аз он бархӯрдор аст.

Ба таври умумӣ, аз он ҷо ки дини ислом таҳаммулпазириро рад намекунад, аммо беэҳтиромӣ ва нодида гирифтани асосҳои эътиқодии динӣ ва ҳамла ба онро намепазирад. Аз ин рӯ, ҷамъиятҳои исломӣ, гоҳ аз сӯйи дигарон ба таҳаммулнопазирӣ муттаҳам мешаванд. Асоси ин гуна интиқодҳо баргирифта аз он аст, ки таҳаммулпазирӣ ва мудорои исломӣ бо толеранти либералӣ тафовут дошта, аз лиҳози асосу сохтор ва ҳамчунин мавзӯъ ба он таваҷҷуҳ нашудааст.

## АДАБИЁТ


1. Қуръон; тарҷумаи тоҷикӣ. -Душанбе: ЭР-граф, 2011. -602 с.
2. Муҳаммад Ҷарири Табарӣ. Таърихи Табарӣ. –Душанбе, 2015. -Ҷ.6. -650 с.
3. Фирӯз Ободӣ. Ал - Қомус–ул- муҳит. –Бейрут: Дор–ул –эҳё ат-турос-ул-арабӣ, 1987. -Ҷ.1. –С.142-143.
4. Жондерун Жули Содо. Тасоҳул дар таърихи андешаи Ғарб. –Теҳрон, 1382 ш.\2002. -264 с.
5. Фоизаи Таваккалӣ. Тасомуҳ ва плюрализм дар таодули тамаддунҳо. [Манбаи электронӣ]. URL: http://vista.ir/article/346241 (санаи муроҷиат: 28.07.2017).
6. Абдулмалик ибни Ҳишшом. Сираи ибни Ҳишшом. –Қоҳира, 1325 қ. \1947. –С.341-343.
7. Аҳмад ибни Яҳё ибни Ҷобири Билозарӣ. Футуҳ –ул-булдон. –Теҳрон, 1367 ҳ.ш\1988, ҷ,1. 456 с .
8. Hasting James. Encyclopaedia of Religion and Ethics, vol XII. -New York, 1974. -366 p.
9. Ҷуил Кремер. Инсонгароӣ дар аҳди ренесанси исломӣ. -Теҳрон, 1375\1996. - 530 с.
10. Лордкин Рос, Ҷон Патрик Дуглас Билфор. Пайдошавӣ ва таназзули эмператории усмонӣ. –Теҳрон, 1373\1994. -450 с.


## ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР ТАЪРИХИ ХИЛОФАТИ ИСЛОМӢ


Дар замони муосир ва тараққиёти босуръати ҷамъиятҳои ҷаҳонӣ мавзӯъ ва матлаби таҳаммулу тоқатпазирӣ ва инкишофи ҳамаҷонибаи он ба яке аз мушкилоти ҳалталаби ҷомеа табдил ёфтааст. Бахусус, дар шароити инкишофи муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ аҳамияти муҳим ва мутобиқ ба замон касб намуда истодааст. Дар ҷамъият бархӯрдҳои манфии иҷтимоӣ инкишоф ёфта, дар натиҷа рафторҳои табиӣ ва ахлоқии ҷомеа шикаст мехӯрад, беназмӣ, зулму ситам, норозигии иҷтимоӣ ба миён хоҳад омад. Аз ин ҷиҳат, барои рушд наёфтан ва пайдо нашудани чунин мушкилот, яъне муаммои норозигии иҷтимоӣ ва ҳамдигарбадбинӣ дар тамоми сатҳҳо ва қишрҳои гуногун, ҷамъиятҳо бояд ки роҳҳои ҳалли онро ҷӯяд. Аз ин нуқтаи назар, яъне тавассути андешидани тадбирҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии умумидавлатӣ, аз як ҷониб ва аз ҷониби дигар, ба воситаи чорабиниҳои гуногуни тарбиявию таълимӣ низову зиддиятҳо ва масъалаҳои инсондӯстии ҷомеа роҳи ҳалли худро хоҳанд ёфт. Илова бар ин, дар қаламрави мамлакат бинобар зиндагӣ кардани қавму миллатҳои гуногун муҳити гуногунфарҳангӣ ба миён омадааст. Дар чунин шароит, дар асоси арзишҳои инсонгароӣ муттаҳид намудани ҷомеа, ҳифз ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва умумибашарӣ аҳамияти бесобиқа дорад. Бо вуҷуди ин, таҳаммулпазирӣ як фазилати ахлоқӣ дар дини ислом ва хислате аст, ки ҳар инсоне онро қабул дорад. Асосан, таҳаммулпазирӣ ва мудоро гуфторе аст, ки ба ҷомеа, фарҳанг ва мазҳаби хосе тааллуқ надорад, балки аз ҷумлаи хислатҳое аст, ки инсон дар нафси худ аз он бархӯрдор аст.



**Калидвожаҳо:** таҳаммулпазирӣ, мудоро, озодии баён, озодии ақида ва мазҳаб, консепсия, гуногунфарҳангӣ, фарҳанги миллӣ, инсонгароӣ, мусолиҳакорӣ, гуманистӣ, ҳамдардӣ.


## ТОЛЕРАНТНОСТЬ В ИСТОРИИ ИСЛАМСКОГО ХАЛИФАТА


В данной статье рассматривается развитие толерантности, мира и согласия в жизнедеятельности пророка Мухаммеда (с) – основателя мировой религии и халифата, личности и его милосердие. Статья посвящается одной из актуальных проблем общества: толерантности и некоторым путям ее усовершенствования. Современный мир стоит у опасного порога противостояний, обусловленных, с одной стороны, обогащением и технологическим превосходством стран Запада, а с другой - объединением и социально-экономической отсталостью большинства стран мусульманского Востока. Технологический прогресс достиг того рубежа, где один неосторожнйй шаг может стать роковым для всего человечества. На вызовы времени первой отзывается интеллектуальная элита, в чьем творчестве и думах отражены боль и отчаяния людей, беспокойство за судьбу народа, а в целом - будущего человечества. Ученые и мыслители подобны ангелам, ниспосланным Всевышним Творцом на Землю, чтобы избавить людей от мрака духовной скудости и осветить дорогу к счастью и благоденствию. По своему содержанию толерантность не ограничена рамками одного государства или региона, одной нации и культуры, а охватывает собой всю мировую культуру и цивилизацию. Для решения этой проблемы автором предлагаются некоторые пути улучшения воспитания толерантности и гуманизма в обществе.



**Ключевые слова:** толерантность, плюрализм, поликультурность, национальная культура, снисходительность, гуманизм, милосердие, сочувствие, концепция.

**THE BASIS OF TOLERANCE APPEARANCE IN ISLAM AND THE CALIPHATE HISTORY**

Given article according to its contents narrates about development of tolerance, peace and sanction on Prophet Muhammad's life activity - founder of world religion and its caliphate, personality and his charity. The article devotes to an actual problem of the society: tolerance and several ways of its improvements. Modern world stands on dangerous threshold of withstanding, conditional, from one side, technological advantages of West countries and from the other side, unification and socially - backwardness majority of Muslim's Eastern countries. The technological progress achieved frontiers that, an careless step could be fateful to all mankind. To the time invocations firstly responds intellectual elite, whose creation reflex pains and despair of people concern in people's destiny and at all the future of mankind. Scientists and thinkers similar angels, sending down by God giver of life in the Earth, in order to save people from the spiritual darkness of scarcity and illuminate the way to happiness and welfare. According to its contents of tolerance, not restricted a frame of one Government or region, a nation and culture, but covers itself around the world culture and civilization. For solution these problems author suggested several ways of improvement tolerance training and humanism in society.

**Key words:** tolerance, pluralism, national culture, indulgence, humanism, charity, sympathy, conception.

**Сведения об авторе:** ***Бойназаров Хасан*** – Институт философии, политологии и права имени А.М. Баховаддинова Академии наук Республика Таджикистан, соискатель. **Адрес:** 734025, Республики Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 33. Телефон: **(+992) 909-29-10-81**. E-mail: **khasanjon07@mail.ru**

**Information about the author**: ***Boynazarov Hassan*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A.M. Bahovaddinova Academy of Sciences Republic of Tajikistan, the applicant. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33 Phone: **(+992) 909-29-10-81**. E-mail: **khasanjon07@mail.ru**

**УДК:1(091) (575.3)**

# ТАҲҚИҚИ АНДЕШАҲО ОИД БА ОМӮЗИШ ВА ШИНОХТИ ҶАДИДИЯ ДАР ИЛМИ ҶОМЕАШИНОСИИ МУОСИР

***Ҷураев Комрон***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Таҳқиқи таърихи омӯхта шудани ҷунбиши ҷадидия дар даврони шӯравӣ нишон медиҳад, ки ин мавзӯъ ҳамеша зери таъсири вазъияти сиёсию идеологии замон қарор дошта, вобаста ба он назару дидгоҳи муҳаққиқон нисбат ба моҳият ва фаъолияти ҷадидон пайваста тағйир ёфтааст. Бояд қайд намуд, ки аз оғози пайдоиши ҷунбиши ҷадидия намояндагони он аз мавқеи иҷтимоӣ аз ақибмондагии фарҳангии ҷомеа ва ҳукмронии ҷаҳлу бесаводии мардуми худ нигаронӣ дошта, беҳбудии вазъи зиндагии омма, риояи рукнҳои адолати иҷтимоӣ, рафъи зулму ситами мансабдорони давлатиро зимни иҷрои вазифаву уҳдадориҳо талаб менамуданд. Аз ҷумла, бар ин андеша буданд, ки барои рафъи ин камбудиҳо бояд раванди таълиму тарбияро умумият дод, то мардум аз хоби ғафлат, аз шуури тақлидии асримиёнагӣ бедор шаванд ва зиндагии шоистаро сазовор гардида, саодати ҳақиқии худро дарёбанд. Хусусан, кӯшиш ба харҷ медоданд, ки тасвири дуруст ва илмии дини мубини исломро барои омма пешкаш намоянд, то усули дин аз хурофот тоза карда шавад. Зеро онҳо дорои худшиносии хеле баланди динӣ тавъам бо эҳсоси инкишофёфтаи ватанпарастӣ, истиқлолхоҳӣ ва худогоҳии миллиро соҳиб буда, аз дастовардҳои фарҳангии кишварҳои пешрафта огоҳии комил доштанд. Бинобар ин, таҳти таъсири Русия ва Ғарб густариши раванди таълиму тарбия, ҳаммонанди намунаҳои аврупоӣ ва барномарезии дурусти тадрисро тарғиб мекарданд. Умед доштанд, ки бо густариши таълиму тарбия ва равиши саҳеҳи он метавон бо ҷаҳлу нодонӣ мубориза кард ва аз вазъи ногувори зиндагии аморат наҷот ёфт.

Ҳамзамон, ҷадидҳо омӯзиши забони русиро ҷиҳати ошноӣ бо дастовардҳои илмӣ-техникии Русия барои миллати худ зарурӣ медонистанд.Зеро бо ин забон дар бораи риштаҳои гуногуни илму техника асарҳои зиёд ва ҷолибе таълиф шудааст, ки мутолиаи онҳо барои ташаккули ҷаҳонбинӣ, маърифатнокшавӣ, муаррифӣ кардани арзишҳои миллӣ муфид буданд, ҳамзамон барои рушди тиҷорат ва муносибатҳои истеҳсолӣ неруи таконбахш ба шумор мерафт. Инчунин, ҷадидон ҷонибдори омӯзиши илмҳои техникӣ ва табиатшиносию таҷрибӣ дар радифи улуми динӣ буда, таъкид мекарданд, ки пешрафти ҷомеа ва осоиштагии ҳаёти мардум аз омӯзиши чунин риштаҳои илм вобастагии амиқ дорад. Ҳамин тавр, ҷадидон дар муҳити ваҳшатноки Аморати Бухоро ва дар авҷи хафақон ва истибдод барои расидан ба ормонҳои инсонии худ кӯшиш ба харҷ додаанд. Аммо амир ва дарбориёни ӯ, бахусус уламои мутаассиб, онҳоро бо ҳар роҳу восита дар байни мардум бадном мекарданд ва ҳатто ба бединӣ муттаҳам менамуданд, афкори онҳоро боиси таҳриф ва вайронии дин қаламдод мекарданд. Новобаста аз чунин монеагузориҳо афкори ҷадидия ба ҷомеа таъсири худро расонида, тадриҷан инкишофи бештаре меёфт.

Инчо бояд хотирнишон сохт, ки азбаски назари ҳизби ҳоким нисбат ба ҷадидия манфӣ буд, бинобар ин, дар тӯли солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ ин афкор аз ҷониби олимони ҷомеашиноси тоҷик ба таври зарурӣ мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор нагирифт. Бинобар навиштаи Холиқ Мирзодода, солиёни дароз ду гурӯҳи ба ҳам зид гирди ҷадидҳо баҳсҳо мекарданд. Гурӯҳи аввал, ки камшумор буданд, мегуфтанд, ки равияи ҷадидия падидаи мусбати замон буда, ба адабиёту афкори иҷтимоии халқи тоҷик таъсири бузург расонидааст. Гурӯҳи дуюм муътақид буданд, ки ҷадидия гӯё дар таърихи халқи тоҷик ҳаракати аксулинқилобӣ мебошад. Онҳо истилоҳи маорифпарвариро ба ҷойи ҷадидӣ кор мефармуданд. Ҳоло он ки номи таърихии ин равия на маорифпарварӣ, балки ҷадидист. Умуман, ин гурӯҳ нақши ҷадидон ва ақоиди онҳоро рад мекарданд.

Муаррихон ва олимони ҷомеашиноси тоҷик Б.Ғафуров, И.С. Брагинский, А.М. Баҳоваддинов, З.Раҷабов ва дигарон низ дар асарҳои то соли 50-ум таълифнамудаи хеш ибораи «насли дуюми маорифпарварон»-ро ҷонибдорӣ намуда, адибоне чун Мирзо Сироҷи Ҳаким, Саидмаҳмадхоҷаи Аҷзиро, ки қаблан ҷадид мегуфтанд, ба «насли дуюми маорифпарварӣ» дохил намуданд. Танҳо Абдурауфи Фитрат ва Маҳмудхоҷаи Беҳбудиро ҷадид меномиданд. Баъдан баъзе аз онҳо ин ақидаи худро тағйир доданд. Дар зери фишори шадиди мақомоти ҳизбию давлатӣ ҳатто Холиқ Мирзозода барин олимони варзида, мутахассиси адабиёти ҷадидия маҷбур буданд, ки «хатогиҳо”-и хешро иқрор шаванд. Аз ҷумла, ӯ дар номаи хеш ба унвони рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» соли 1953 чунин навиштааст: «… ман бояд пеш аз ҳама қайд кунам, ки бори аввал дар соли 1936 дар мақолаи худ «Миръоти ибрат» ва эҷодиёти Аҷзӣ» (журнали «Барои адабиёти сотсиалистӣ», №2-3) моҳияти миллатчигии буржуазӣ - ҷадидӣ доштани эҷодиёти шоири ҷадид Аҷзиро зикр карда, зарурияти аз адабиёти ҷадидӣ истифода бурданро қайд намудам ва фаромӯш кардам, ки буржуазияи либералии дар арафаи револютсияи пролетарӣ бавуҷудомадаи маҳаллӣ на синфи тараққипарвар, балки реаксионӣ аст. Хатои ҷиддии ман дар он зоҳир шудааст, ки ба ҷои боз ҳам чуқуртар фош намудани моҳияти ҷадидӣ - буржуазии эҷодиёти Аҷзӣ дар соли 1943 аз қавл ва равияи дурусти худ баргашта, дар программаи адабиёти синфҳои 8-9-и мактабҳои миёна дар натиҷаи дурусттар наомӯхтан ба баъзе ҷиҳатҳои «мусбат»-и эҷодиёти вай фирефта шуда, ӯро ҳамчун шоири маорифпарвар ва тараққипарвар маънидод кардаам. Ин хатои дағал, яъне мусбат маънидод кардани эҷодиёти реаксионии Аҷзӣ дар натиҷаи даҳанялагӣ, кунд шудани ҳушёрӣ ва дониши марксистӣ - ленинии худро такмил надоданам зоҳир гардид. Ба ҷойи чуқуртар фикр кардан дар болои ҷиҳатҳои реаксионии эҷодиёти Аҷзӣ, хатои соли 1943–ро боз ҳам васеътар намуда, дар бораи эҷодиёти гӯё «тараққипарварона ва маорифпарварӣ»-и ӯ мувофиқи программаи соли 1950 дар китоби худ маълумот манзур доштам” [1,с.23].

Ҳамин тариқ, дар солҳои 40-ум ва нимаи аввали солҳои 50-уми асри XX бештари зиёиёни тоҷик ҷадидияро ҳамчун афкори зиддимардумӣ маҳкум намуда, мавҷудияти насли дувуми маорифпарваронро қатъиян инкор кардаанд. Ҷонибдорони ин ақида дар даҳсолаи баъдӣ низ аз ҷадидия интиқоди шадид намудаанд. Чунончи, Абдулқодир Маниёзов чунин навиштааст: «Ҷадидизм ҳамчун ҷараёни иртиҷоии идеологӣ, аслан ифодакунандаи манфиатҳои буржуазияи маҳаллӣ буда, азбаски ислоҳи мактаб ва баъзе дигар ҷиҳатҳои ба тараққии буржуазия мамониаткунандаи сохти феодалиро низ пеш мегузошт, дар шароити Бухоро зоҳиран як ҳаракати мухолифи тартиботи мавҷуда ба шумор мерафт. Бинобар ин, чанде аз одамони пешқадам, ки барои манфиати халқ софдилона мубориза мебурданд, бидуни дарк намудани асли моҳияти ҷадидизм ба ин ҳаракат ҳамроҳ шуданд ё хайрхоҳӣ нишон доданд. Аз ҷумла, С.Айнӣ, ки ҳанӯз дар он вақтҳо муборизаи синфҳоро намедонист ва намефаҳмид, ҷадидизмро ҳаракати пешқадами маорифпарварӣ пиндошта, дар қатори баъзе интеллегентҳое, ки рӯҳияи оппозитсионӣ доштанд, то як муддати муайян дар он ширкат намуд» [5,с.13].

Муаррихи дигари тоҷик Раҷабов З. Нигошта буд, ки «ҷадидҳо ягон то ҳам бошанд, асари пурқимат ба вуҷуд наовардаанд» [6,с.78].

НазариСоҳиб Табаров бошад дар чунин поя ифода гардида буд, ки «Дар арафаи Револютсияи сотсиалистии Октябр маорифпарварон, ки номи аслии онҳо ҷадидон ҳам мебошад, дар ҳеҷ як соҳаи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, идеологӣ, маданию адабӣ роли мусбат набозидаанд» [3,с.34-37] Ба назари И.С. Братинский, барои сафед кардани ҷадидияи Осиёи Миёна ҳамчун идеология ҳеҷ гуна асосе вуҷуд надорад». Аммо аз нимаи дувуми солҳои 50-ум ва баъд дар радифи назарияи хукмрони зидди ҷадидӣ дар матбуот баъзе мақолаҳое пайдо шуданд, ки фаъолияти ҷадидияро мусбӣ арзёбӣ намуданд. Маҳз тавассути бозсозӣ ва ошкорбаёнии замони шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон назари аксари олимони ҷомеашиноси тоҷик нисбат ба наҳзати ҷадидия ба самти мусбӣ тағйир ёфт. Баргузории мизҳои гирд дар шаҳри Тошканд бо ширкати донишмандони Ӯзбекистон,

Тоҷикистон, Озарбойҷон ва Тотористон дар моҳи декабри соли 1988 ва ҷомеашиносони тоҷик дар идораи маҷаллаи «Садои Шарқ» дар ибтидои соли 1990 ва як падидаи бузурги фарҳангию иҷтимоӣ донистани ҷадидия дар ин нишастҳои пурнуфуз ва суханрониҳои олимона сабаби боз ҳам амиқтар омӯхтани афкори ҷадидия гардид.

Аз ин рӯ, тайи чанд соли охир доир ба паҳлуҳои мухталифи афкори ҷадидия донишмандони тоҷик, аз қабили М. Шакурӣ, М. Раҷабӣ, Ғ. Ашӯров, А. Сайфуллоев, Р. Ҳодизода, Х. Мирзозода, П. Гулмуродзода, Н. Ғаффоров, Б. Самиев, З. Иброҳимов корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба анҷом расонида, дар корҳо аз таҳқиқ ва омӯзиши афкори ҷадидия дар замони шӯравӣ интиқод кардаанд. Муҳаммадҷон Шакурӣ дар робита ба ин қазия навишта, ки «Он чи то ҳол дар бораи ҷадидизм навиштаем, аз илм дур аст, зеро мо онро фақат танқид мекардем, балки дашном медодем» [3,с.48].

Дар ҷойи дигар ин фикрро идома дода, ба чунин хулоса омадааст, ки ҷараёни фарҳангии ҷадидия чун ҳаракати фарохдомани ҷамъиятӣ дар таърихи Осиёи Миёна, дар таърихи халқи тоҷик ҳодисаи бисёр муҳим буд. Ин ҷараён бо вуҷуди зиддиятҳояш падидаи бузургест. Инро бояд иқрор бикунем. Доир ба адабиёти ҷадидия ва тақдири минбаъдаи намояндагони он А.Маҳмадаминов чунин изҳори назар кардааст: «Адабиёти ҷадида аз нигоҳи сабзишу инкишофи неруҳои пурқуввати интеллектуалӣ, ҷамъбасту идомаи эҷодкоронаи суннатҳои пешқадами адабу фарҳанги гузашта ва фарогири арзишҳои умумибашарӣ яке аз давраҳои дурахшони таърихи адабиёти тоҷик маҳсуб мешавад. Рӯҳи пурқуввати миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ, таблиғи озодӣ ва махсусан истиқлоли миллӣ ҷавҳари асосии ин адабиётро ташкил медод. Бинобар ин, баъди табаддулоти октябри соли 1917 аз ҷониби мақомоти расмӣ ва идеологҳои он ба адабиёти демократии ҷадидаи тоҷик тамғаҳои маъмули сиёсии бадномкунанда … зада шуд. Тайи беш аз 70 сол омӯзишу таҳқиқи зуҳуроти пешқадами адабию фарҳангии ин марҳилаи муҳими таърихи халқамон сахт мамнӯъ гардид» [1,с.99].

Назари Отахон Сайфуллоев бошад ин аст, ки: «… адабиёти ҷадид дар таърихи инкишофи адабиёти тоҷик падидаи пешқадам будааст. Зеро адабиёти ҷадид аз ҷиҳати мундариҷаи ғоявии худ, асосан зидди сиёсати мустамликадории Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Миёна буд. Вай дар роҳи тараққиёти маданият ва мактабу маориф кӯшиш ба кор мебурд, қафомондагии иқтисодӣ ва маънавии мардумони Осиёи Миёнаро ба зери танқид гирифта, маданияти рус, тамаддуни Аврупо, забони русиро тавсиф мекард, то ки халқҳои ин ноҳия низ бо роҳи таълиму тарбияи усули ҷадид ба савияи мамлакатҳои тараққикардаи Аврупо бирасанд. Чунонки дар мактабҳои усули ҷадид ва китобҳои қироати онҳо илму донишҳои дунявӣ тарғиб мешуданд, адабиёти бадеии ҷадид низ ҷаҳолату нодониро мазаммат карда, маданияту маърифат ва ақлу хирадро ташвиқ менамуд. Тарбият ва рушду камоли маънавии ходими ватандӯст ва фаъоли миллат яке аз муҳимтарин вазифаҳои адабиёти ҷадид будааст» [2,с.25].

Нишасте, ки соли 1990 дар идораи маҷаллаи «Садои Шарқ» оид ба шинохти ҷадидия бо ширкати бевоситаи донишмандони муаррифишудаи тоҷик -М. Шакурӣ, Р. Ҳодизода, А. Абдуманнонов, М. Диноршоев, И. Шарипов ва Ғ. Ашуров баргузор гардид, дар соҳаи илмҳои адабиётшиносӣ ва ҷомеашиносии муосири тоҷик таҳаввулоти азимеро ба вуҷуд овард. Зеро ҳар як музокиракунандаи мизи мудаввар бо далелҳои муътамади таърихӣ ба ҷадидия ва рисолати таърихии он баҳои воқеӣ дода, ба саҳифаи торикмондаи он равшанӣ андохтанд. Аз ҷумла, дар ин нишаст аз ҷониби олими шинохтаи тоҷик М. Шакурӣ зикр карда шуд, ки баҳодиҳӣ ба ҷадидизм чун ба як ҷараёни иҷтимоиву сиёсӣ, фарҳангӣ, фалсафӣ ва адабӣ бояд куллан дигар шавад. Ҷадидия чун ҳаракати фарохдомани ҷамъиятӣ дар таърихи Осиёи Миёна, дар таърихи халқи тоҷик ҳодисаи бисёр муҳим буд. Аммо вобаста ба вазъи сиёсии давр ва идеологияи ҳукмрони шӯравӣ мо ҷадидонро иртиҷоӣ номида, зӯр зада, сиёҳ мекардем ва баъзе озодфикронро ба таври сунъӣ аз онҳо ҷудо кардан мехостем. Бузургтарин намояндаи адабиёти совети тоҷикӣ устод Айнӣ аз ҳаракати ҷадидӣ баромадааст. Ё худ Ҳамдӣ, Мунзим ва дигарон, ки дар инқилоби Бухоро ва адабиёти инқилобӣ фаъолона иштирок кардаанд, низ ҷадид буданд. Агар ҷадидизм моҳиятан ҷараёни иртиҷоӣ мебуд, ҳеҷ мумкин набуд, ки аз ин саф чунин равшанфикроне бароянд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ҷадидизм зотан ҳаракати пешқадам будааст. Баъди инқилоби соли 1905 ҳам қувваҳои пешбари мамлакат ва ҳам неруҳои иртиҷоӣ ба ҷунбиш омаданд ва ҷадидизм инъикоси ақидаю афкори онҳо буд, ҳама пасту баландии роҳро дар худ акс додааст.

Дар идомаи фикр хулосагирӣ кард, ки имрӯз олимони тоҷикро масъулият пеш омадааст, ки тамоми маводеро, ки ба ин ҳаракати адабию ҷамъиятӣ ва фалсафию сиёсӣ дахл доранд, ҷамъ оварда, ба тариқи мураттабу муназзам ва пайгирона таҳқиқ кардан зарур аст. Зеро мо то ин вақт фақат як қисми ин маводро мегирифтем ва онро ҳам дуруст

наомӯхта, хулосаҳои рӯякӣ мебаровардем. Ҳамзамон, ақидаи худи ҷадидҳоро дар бораи моҳияти ҷадидизм, ҳатто фикрҳои шахсиро муфассалан таҳқиқ бояд кард. Масалан, баъди инқилоб Файзулло Хоҷаев китобе навишта, дар бораи ҳаракати ҷадидия ақида изҳор намуд. Дар Ӯзбекистон он фикрҳои Ф.Хоҷаевро, ки ба ҷадидизми Бухоро дахл дорад, ба ҳама, аз ҷумла ба ҷадидони Туркистон нисбат медиҳанд, ки дуруст нест. Баҳои мо бояд ба воқеияти таърихӣ мувофиқат дошта бошад.

Ҷомеашиноси тоҷик Ғ. Ашуров низ андешаҳои М. Шакуриро ҷонибдорӣ намуда, ба чунин нуктаи муҳим таваҷҷуҳ зоҳир намуд, ки мо бояд як хатои ҷиддии илми ҷамъиятшиносии тоҷикро ба гардан гирем ва аз он рӯирост сухан ронем. Дар тӯли ним аср дар илми таъриху фалсафа ва адабиётшиносии Тоҷикистон марҳилаи мазкури таърихӣ баҳои ғайриилмӣ гирифта буд. Он чизе, ки то имрӯз аҳли адаби Тоҷикистон медонанд, аз ҳақиқати илм ва аз ҳақиқати таърих фарсаххо дур аст. Масалан, қайд кард, ки то ҳол мегуфтем, ки ҳаракати ҷадидӣ хосияти иртиҷоӣ дораду маорифпарварӣ хосияти прогрессиявӣ ва мисоли барҷастааш он аст, ки Айнӣ як муддат хато карда ба ботлоқи ҷадидизм ғӯтид, вале азбаски мутафаккири бузург буд, баъди инқилоб моҳияти иртиҷоии ҷадидизмро фаҳмида, аз он рӯ гардонд.

Худ аз худ маълум аст, ки ин қазия аз бунёд ғалат аст. Айнӣ маорифпарвар, ҷадид ва намояндаи ҳаракати миллии озодихоҳӣ буд. Ё худ дар осори пешазинқилобии Фитрат афкори пешқадами Россия муқоиса карда, даъво мекунем, ки дар Осиёи Миёна ин ё он фикри пешқадам бо таъсири он пайдо шудааст. Чунин тарзи масъалагузорӣ умуман ғалат нест, вале дар мавриди аҳамияти мутлақ пайдо кардани он муҳокимаҳои мо яктарафа ва асосҳои таърихиву миллии он падидаҳо норавшан хоҳад буд. Мо бояд кушоду равшан дар бораи таъсири Эрон, Афғонистон, Миср ва соир кишварҳои Шарқ сухан ронем, ки матбуоташон бо роҳҳои гуногун ба Осиёи Миёна ҳам ворид мешуд.

Адабиётшиноси тоҷик А.Абдуманнонов дар асоси таҳқиқотҳои анҷомдода ва омӯзиши пайдарпайи осори намояндагони ҷадидия дар ин нишаст ба чунин мавод такя намуд, ки “ҳаракати маорифпарварӣ ва ҷадидӣ хусусияти зиддимустамликадорӣ дошт. Ба назари ман ақида баъдтар, аз нимаи солҳои бист бо мақсади ба вуҷуд овардани муносибати манфӣ ба ҷадидизм нисбат ба ҳаракати миллие, ки дар Осиёи Миёна, дар Бухоро густариш ёфта буд, пайдо шудааст. Шояд ба ҳамин сабаб ҳаракати зиддимустамликавии маорифпарварӣ ва ҷадидияро бо ҳаракати зиддирусӣ айният доданд. Гӯё бо ин роҳ тамоми зулму ситамеро, ки ҳукумати мустабидаи Россия ба сари халқҳои Осиёи Миёна оварда буд, рӯпӯш кардан мехостанд. Онҳо гумон карданд, ки агар мо сиёсати истилокорона ва мустабидаи русро танқид кунем, мабодо ба номи халқи рус доғе ва дар муносибати мо таъсири манфие нарасонад. Як сабаби бадном гардидани ҷадидизм ба ҳамин нукта марбут аст” [4,с.129-139].

Аз назари олими тоҷик Р.Ҳодизода низ, ҷараёни ҷадидӣ, ки дар ибтидои асри XX ба миён омад, давоми қонунӣ ва таърихии ҳамон ҳаракати маорифпарвариест, ки дар нимаи дуюми асри Х1Х ба вуҷуд омада буд.Аммо ба як ҷанбаи хосси масъала аҳамият дода, иброз мекунад, ки ҳатто барои худи намояндагони ҷадидия мафҳуми ҷадид қобили қабул набуд. Масалан, зикр менамояд, ки “Беҳбудӣ калимаи «ҷадид»-ро нисбат ба худ як навъ таҳқир меҳисобад ва таъкид менамояд, ки танқиди уламои муртаҷеъ, таблиғи илму дониш ва рӯшноии маданӣ, ки мо пеш гирифтем, кори тамоман «нав» нест, балки он дар таърихи мадании мо суннатҳои қадим дорад. Беҳбудӣ мақсади муборизаҳояшро аз хурофот, аз ҷаҳолат озод кардани халқ донистааст”. Истилоҳи «ҷадидизм» бори аввал аз тарафи Ф.Хоҷаев дар китоби «Таърихи инқилоби Бухоро» кор фармуда шуд. Ф. Хоҷаев ҷунбиши мазкурро ҷадидизм номида, як ҳодисаи мусбат қаламдод кард, ки ин асосан дуруст буд. Аммо идеологҳои ба ном партиявӣ, аз ҷумла Туркистанкий ном шахс (шояд тахаллусаш бошад), ба муқобили Ф. Хоҷаев баромаданд. Онҳо «ҷадидизм»-ро чун идеологияи буржуазӣ ва миллатчигӣ сахт маҳкум карданд, ҳатто Ф.Хоҷаев маҷбур шуд, ки аз қавлаш баргардад ва «хатояшро» эътироф намояд. Аз ҳамин вақт сар карда сиёҳ кардани ҷадидизм оғоз ёфт. Хусусан солҳои сиву ҳафт, ки Ф. Хоҷаев ҳабс шуд ва протсесси таъқибу бадарғакуниҳо авҷ гирифт, ҳама (аз ҷумла гоҳо худи ман ҳам) дониста надониста ба сиёҳ кардани ҷадидизм сар кардам. Аҷибаш он ки, - иброз намуд Р. Ҳодизода - З. Раҷабов барин муҳаққиқон ба ҷои он ки хатоҳояшонро ба гардан гиранд ва аз нигоҳи имрӯз ба ислоҳи он бикӯшанд, дар сари ақидаҳои пешинаи худ якравона пофишорӣ мекунанд. Ҳол он ки хаторо эътироф кардан ҳеҷ гоҳ эътибори ин ё он олимро паст нахоҳад кард. Хулоса, фикри ман ин ки мо бояд аз истилоҳи «ҷадид» ва «ҷадидизм» даст бикашем ва истилоҳи маорифпарвариро истифода кунем”.

Ба баёни андешаи файласуфи тоҷик И. Шарипов, “байни маорифпарварӣ ва ҷадидия ҳеҷ фарқе нест. Бояд бигӯям, ки ҷадидия ҳамчун ташкилоти сиёсӣ соли 1908 арзи ҳастӣ

намуд. Инкори ҷадидия ҳамчун ҷараёни ғоявӣ ва адабиву сиёсӣ дуруст нест, зеро он дар таърихи халқи мо аҳамияти бағоят калон дорад. Аз ин рӯ, маҳдуд кардан ва бо ҷараёни маорифпарварӣ айният додани он, ки дар рафти мубодилаи афкор ба миён омад, тасҳеҳ мехоҳад. Ба фикри ман, ҷадидияро ҳамчун ҷараёни сиёсӣ инкор намудан ё онро давраи дуюми инкишофи маорифпарварӣ донистан асосе надорад. Ғайр аз ин боз сабабҳои дигар, сабабҳои ҷиддитаре ҳаст, ки маорифпарвариро аз ҷадидия ҳамчун ҷараёни сиёсӣ ба куллӣ тафовут медиҳад".

## АДАБИЁТ


1. С. Айнӣ. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. - Теҳрон: Суруш, 1381. – с. 23, 99.
2. Имомов М. Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Садриддин Айнӣ / М. Имомов. - Душанбе: Матбуот, 2001. - С.25.
3. Раҷаби М. Ислом: ҷадидия ва инқилоб.- Д. 1997. саҳ-34-37, 48.
4. Ҷадидия ва дурнамои таърих //СадоиШарқ. – Душанбе, 1990. -№ 3. -С.129-139.
5. Хотамов Н. Бухарские джадиды и основные этапы их деятельности / Н. Хотамов. – Душанбе, 2000. –С.13.
6. Ходжаев Ф. К истории революции в Бухаре и национального размежевания Средней Азии. Часть первая / Ф. Ходжаев //Избранные труды в трех томах.Т.1. - Ташкент: Фан, 1970.- С.78.


## ТАҲҚИҚИ АНДЕШАҲО ОИД БА ОМӮЗИШ ВА ШИНОХТИ ҶАДИДИЯ ДАР ИЛМИ ҶОМЕАШИНОСИИ МУОСИР


Дар мақола муаллиф оид батаҳқиқи андешаҳо дар хусуси омӯзиш ва шинохти ҷадидия дар илми ҷомеашиносии муосир маълумот додааст. Таҳқиқи андешаҳо оид ба омӯзиш ва шинохти ҷадидия дар илми ҷомеашиносии муосир нишон дод, ки ҷадидия тамоюли куҳнапарастӣ надошт. Балки аз давраи оғози фаъолият ҳадафи ягонаашон босавод, соҳибкасб кардани аҳолӣ буд. Чунки онҳо баъди шиносоӣ аз пешрафтҳои илмиву техникии кишварҳои рушдкарда ба хулосае омада буданд, ки ин дастовардҳо ба онҳо маҳз аз дуруст ба роҳ мондани раванди таълим дар мактабу мадорис муяссар гаштааст. Бинобар ин, ҳарчанд то даврони истиқлолият бештари шарқшиносону муҳаққиқон ба ҷадидия баҳои ғайривоқеӣ дода, онро дар доираи талаботи идеологияи шӯравӣ ҳамчун ҷунбиши буржуазӣ, миллигароӣ, иртиҷоӣ муаррифӣ кардаанд, аммо соҳибистиқлолӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ ин қолабро шикаста, ба ҷомеашиносону адабиётшиносон ва муҳаққиқони ин марҳилаи таърихӣ шароити созгор муҳайё кард, ки ба воқеоти таърихӣ баҳои воқеӣ дода, ҷавҳари андешаҳояшонро ба насли имрӯзу оянда дар доираи аслият пешниҳод намоянд. Аз ин рӯ, омӯзиш, таҳлил ва муқоисаи корҳои тадқиқотии то инҷониб бааҷомрасида собит карданд, ки ҷадидия идомаи равияи маорифпарварӣ буда, ҳадафи онҳо ба сӯйи пешрафт майл кунонидани ҷомеа, аз хурофоту таассуб раҳоӣ кардани мардум будааст. Бинобар ин, ҷадидия ҷанбаи маърифатпазирӣ, маънавиятгустарӣ дошта, таблиғгари ғояҳои пешқадам ва ташаккулдиҳандаи ҳувияти миллӣ мебошад. Ҳамзамон, ғояҳои ҷадидия дар раванди рушди ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ташаккули ҳувияти миллӣ, таъсис додаи мактабҳои усули савтия, матбуот, театр ва китобхонаҳо нақши ҳалкунанда ва сарнавиштсоз бозиданд.



**Калидвожаҳо:** ҷадидия, соҳибистиқлолӣ, ҳувияти миллӣ, ҳаёти иҷтимоӣ - сиёсӣ, ислоҳот, касбият, мактаб маърифатпазирӣ, озодихоҳӣ, гуманистӣ.


## ИССЛЕДОВАНИЕ ВЗГЛЯДОВ ОБ ИЗУЧЕНИИ ДЖАДИДИЗМА В СОВРЕМЕННОЙ СОЦИАЛЬНОЙ НАУКЕ


Исследование взглядов об изучении джадидизма в современной социальной науке свидетельствуют о том, что джадидизм не имел склонность к консерватизму. Наоборот, с самого начала его единственная цель заключалась в обучении грамотности и приобретении специальности населением. Потому что джадиды после ознакомления с научно-техническими достижениями развитых стран резюмировали, что их достижения им удавались именно благодаря правильному осуществлению процесса учебы в школах и медрессе. Поэтому, хотя до приобретения независимости большинство востоковедов и исследователей неправильно оценивали джадидизм, его рассматривали в рамках советской идеологии как буржуазное, националистическое и реакционное движение. Однако независимость и укрепление национального самопознания разбили эту форму и подготовили благоприятные условия для социологов, литературоведов и исследователей этой исторической эпохи для того, чтобы они оценили объективно исторические события и представили сущность их воззрений сегодняшним и будущим поколениям. С этой точки зрения, исследования, анализы и сравнение исследовательских работ показывают, что джадидизм является продолжением просветительства, цель джадидов заключается в развитии общества, избавлении народа от суеверия и фанатизма. Поэтому джадидия имеет просветительское свойство и является пропагандистом передовых идей и формирующим национальное самопознание.



**Ключевые слова:** джадидия, независимость, национальное самопознание, социально-политическая жизнь, реформа, профессия, школа, просвещение, свободолюбие, гуманизм.


## RESEARCH OF OPINIONS ABOUT «JADISM» MOVEMENT IN MODERN SOCIAL SCIENCE


A Study of attitudes about the study of jadidism in contemporary social science suggests that jadidism had the tendency to conservatism on the contrary, From the very beginning its sole purpose was to teach literacy and the obtaining of specialty of population.Becausejadids after introducing with the scientiflcahd technological achievements of developed countries concluded that their achievement they managed it for thanks to the correct implementation of the learning process in schools and madrasa. Therefore although before independence the majority of orientalists and researchers misjudged of jadidism, its considered within the framevork of Soviet ideology as a bourgeois nationalists and reactionary movment. However the independence and strengthening of national selfawareness broke this from and have prepared favorable conditions for literary scholars ahd objectively the historical events and presented the essence of their views of today s and future generations. From this point of viev, research analysis ahd comparison of research works show that jadidismis educational property ahd was an advocate ideas and shaping naionaiself awareness.

**Key words:** jadidism, independence, national, self awareness the socio political, life reforfm, profession, school education, freedom humanism.

**Сведения об авторе:** ***Джураев Комрон*** - Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, доктарант (Ph.D) кафедры философии. **Адрес:** 733740, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **985.74 12 89** E-mail: **Komron 90 @mail.ru**

**Information about the author:** ***Juraev Komron*** - Tajik State Pedagogical University. Sadriddin Aini, Ph.D, Department of Philosophy. **Address:** 733740, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **985-74-12-89.** E-mail: **Komron 90 @ mail.ru**

**УДК: 1Ф3.9+297**

# РУШДИ ФАЛСАФАИ МАОРИФ ДАР ОСОРИ МАОРИФПАРВАРОНИ ЗАМОНИ ЭҲЁИ АҶАМ

***Муҳаммадҷони Т.Р.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мардумони тоҷику форс асрҳои IX-XI-ро, ки бо таҳаввулоти илмию фарҳангӣ ва хусусиятҳои хосси худ аз дигар давраҳои таърихӣ фарқ мекунад, бо хатҳои заррин сабт намудаанд. Ин давра, бешубҳа, замони инкишофи шигифтангези фарҳангию адабӣ ва фалсафӣ буда, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва моддию маънавӣ пешравиҳои зиёде рух доданд, ки бо гуногунрангии худ ақлҳоро ба ҳайрат меоранд. Дар таърих ин давраро бо номи замони «Эҳёи Аҷам» ё «Асри заррин» мешиносанд. Дар ин давра бисёр анъанаҳои маданию илмии собиқ аз нав таҷдид гардиданд. Сарватҳои нави маънавӣ, ки фарогири андешаҳои таълимию тарбиявӣ буданд, ба вуҷуд омаданд ва ин сарватҳо дар осори илмию ахлоқии мутафаккирони варзидаи замони Эҳёи Аҷам нуҳуфтаанд. Маҳз андешаҳои пешқадами илмию фалсафӣ ва афкори маорифпарваронаи онҳо буд, ки фалсафаи маорифи тоҷик дар ин замон рушд кард ва осори гаронбаҳои таълимию тарбиявӣ ба вуҷуд омад.

Дар асрҳои IX-XI мутафаккирони тоҷик дар ҳамаи соҳаҳо шоҳкориҳои азиме ба мерос мондаанд. Аз зумраи ин мутафаккирон метавон Закариёи Розӣ, Абӯнасри Форобӣ, Котиби Хоразмӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Ҳаким Саноӣ, Низомии Ганҷавӣ, Фаридуддини Аттор, Ҷалолуддини Румӣ, Абӯҳомид Ғазолӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдӣ Шерозӣ ва даҳҳо дигаронро метавон ном бурд, ки осори гаронбаҳои тарбиявӣ ва ахлоқии пурарзише аз худ боқӣ гузоштаанд.

Дар мавриди фалсафаи маориф ё худ фалсафаи таълим ва тарбият бошад, ҳаминро бояд қайд намуд, ки мутафаккирони давраи Эҳёи Аҷам, ки дар эҷодиёташон ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудаанд, дар маҷмӯъ муҳтавои таълим ва тарбиятро дорои вижагиҳои зер ном бурдаанд:

1. Ҳадафҳои таълим ва тарбият.
2. Мушаххас намудани марҳила ё давраҳои таълим ва тарбият.
3. Усул ва намудҳои таълим ва тарбият.
4. Маводи омӯзишие, ки дар асоси он таълим ва тарбият сурат мегирад.
5. Вазифа, мақом, шахсият ва усулҳои таълиму тарбияти устод.

Яке аз намояндагони маъруфи замони Эҳёи Аҷам Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ба шумор меравад. Рӯдакӣ дар афкори таълимию тарбиявии худ ба шахсияти инсон, ба хусусиятҳои ахлоқию психикӣ ва тарбияи дурусти онҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад. Ба андешаи ӯ, шароити ҳаётии одамон ва тарбия омилҳои асосии ташаккули шахсияти инсон дониста шудаанд. Ба қавли Рӯдакӣ, ҳамаи одамон табиатан нотавону заифанд ва ба туфайли «таҷрибаи рӯзгор» [1,с.113] обутоб меёбанд, оқилу доно мешаванд ва ҳақро аз ботил фарқ мекунанд. Пас, омили ташаккули шахсияти инсон - ин таҷрибаи ҳаётӣ ва фаъолиятест, ки инсонро тарбият менамояд. Тарбият бошад, чунин равандест, ки чунин хислатҳо, аз қабили: хирадмандӣ, ростқавлӣ, хоксорӣ, эҳтироми инсон, кордонӣ, накукорӣ, мардонагӣ ва ғайраҳоро дар шахсияти инсон ба вуҷуд меорад. Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ таъкид мекунад, ки инсон ҳамеша бояд ба камбудиҳо муносибати танқидона дошта бошад ва табиати покиза ва беолоиши ибтидоии худро нигоҳ дорад. Агар инсон ба худтарбиякунӣ мунтазам машғул шавад, шахсияти худро ташаккул дода, ба камоли маънавӣ даст меёбад [2,с.267].

Рӯдакӣ яке аз сифатҳои баланди ахлоқиро, ки барои расидан ба камоли маънавии шахс мусоидат мекунад, мардонагӣ медонист [2,с.268]. Мардонагӣ сифати муҳимтаринест, ки дар идора намудани иродаи инсон нақши бориз мебозад. Ба ҳамин хотир Рӯдакӣ ташаккул додани ин сифатро дар шахсияти инсон таъкид мекунад.

Ҳамин тариқ, фалсафаи маорифи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро баррасӣ намуда, метавон қайд намуд, ки он аз чанд ҷанба иборат аст:

1. Рӯдакӣ асоси воқеии афкори таълимию тарбиявии худро тавассути образҳои бадеӣ ифода намуда, дар ашъораш, пеш аз ҳама, андешаҳои фалсафӣ доир ба ташаккули шахсият мавқеи муҳим доранд.

2. Омӯхтани илму дониш ва ташаккули шахсияти босаводу ҷаҳонбинии илмӣ дошта аз мавзӯъҳои меҳварии ашъори Рӯдакӣ буд.

3. Дар ашъори Рӯдакӣ масъалаи дар ҳаёт ва дар амалия татбиқ намудани донишу таҷрибаи андухтаи инсон дар мадди аввал меистод, ки ин рисолати асосии фалсафаи маорифи Рӯдакӣ дар ҳар давру замон ва дар илми фалсафаи маориф афзалиятнок ҳисобида мешуд.

4. Рӯдакӣ фалсафаи маорифи худро, бо ироаи мавзӯъҳои ахлоқӣ, ки дар осораш мавқеи муҳим доранд, ба танзим даровarda, ахлоқи ҳамидаро воситаи асосии ташаккули шахсият медонад.

5. Дар фалсафаи маорифи Рӯдакӣ мавзӯоти тарбиявӣ бартарӣ дошта, хислатҳои накуи инсонӣ тарғиб карда мешаванд. Яъне, фалсафаи маорифи ӯ ба илми ахлоқ (этика) сахт вобастагӣ дорад.

Яке аз бузургтарин чеҳраҳои намоёни замони Эҳёи Аҷам Абулқосим Фирдавсӣ ба шумор меравад, ки бо таълифи «Шоҳнома» дар таърихи тамаддуни башарӣ шуҳрат ёфтааст. Дар фалсафаи маорифи Фирдавсӣ масъалаи хирад ва хирадмандӣ мавқеи асосӣ дорад ва ин мавзӯъ дар «Шоҳнома»-и ӯ бисёр ҳакимона васф шудааст:

*Хирад роҳнамою хирад дилкушой,*
*Хирад даст гирад ба ҳарду сарой.*
*Аз ӯ шодмонӣ в-аз ӯят ғамист,*
*В-аз ӯят фузунӣ в-аз ӯят камист [3,с.13].*

Ҳаким Фирдавсӣ дар инкишофи ақлу хиради инсон, нақши илму донишро басо бузург медонад. Ба андешаи мутафаккир, омӯхтани илму дониш ва таҷрибаи рӯзгор, яке аз омилҳои асосии такмил бахшидани ақлу хиради инсонӣ ба шумор меравад. Ҳар кас бо донишомӯзӣ хиради хешро тавон мебахшад ва ба ин восита ҳама вақт ва дар ҳама ҷо сарбаланд хоҳад монд. Чунки калиди худшиносии ҳар шахс дар ниҳоди худи ӯ қарор дорад ва ба воситаи андухтани дониш метавонба моҳияти аслии худ сарфаҳм рафта, бузургию арҷмандии хешро дарёфт. Дар ҷойи дигар таъкид менамояд, ки хар он касе, ки донишро фаромӯш кунад, монанди он аст, ки забонашро аз гуфтор хомӯш мекунад:

Ҳар он кас, ки дониш фаромуш кунад,
Забонро зи гуфтор хомуш кунад. [3,с. 45]

Дар афкори таълимию тарбиявии Фирдавсӣ масъалаи омӯхтани касбу ҳунар мавқеи хоссаеро ишғол менамояд. Ба ақидаи ӯ, аз худ намудани касбу ҳунар сарчашмаи хушбахтии одамон аст. Фирдавсӣ дар афкори маорифпарваронаи худ тарбияи хусусиятҳои ахлоқиро дар кӯдакону ҷавонон кори савоб ҳисоб намуда, дар баробари ин сифатҳои пасти ахлоқиро. Ҳамин тавр, пас аз омӯзиши андешаҳои таълимию тарбиявии Фирдавсӣ дар асари «Шоҳнома»-и безаволаш маълум мегардад, ки фалсафаи маорифи ӯ чунин хусусиятҳоро доро мебошад:

1. Фирдавсӣ асоси таълиму тарбияро дар ташаккулу инкишофи хиради шахсият муаррифӣ карда, хирадро меъёри ҳама ҳақиқатҳои зиндагӣ ва василаи расидан ба саодату хушбатӣ медонад. Аз ин хотир «Шоҳнома»-и ӯро китоби хирад ва худи ӯро ҳакими хирадманд медонанд.

2. Фалсафаи маорифи Фирдавсӣ асосан барои ташаккули худшиносӣ дар замири ҳар фард равона гардида, он меҳвари ҳама гуна фазилатҳои ботинӣ ва воситаи асосии ташаккули шахсият маънидод шудааст.

3. Асоси фалсафаи маорифи Фирдавсиро тараннуми хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ташкил дода, он омили муҳимми камолоти маънавии шахс маҳсуб меёбад.

4. Дар фалсафаи маорифи Фирдавсӣ хислатҳои бад ва нописанд мазаммат шуда, шоир ин хислатҳоро монеаи асосӣ дар ташаккули шахсият медонад.

Яке аз намояндагони маъруфи фалсафаи маорифи замони Эҳёи Аҷам Абӯнаср Муҳаммад ибни Муҳаммади Форобӣ (873-950) ба ҳисоб меравад. Вай дар соҳаҳои гуногуни илми замонаш дасти қавӣ дошт ва осори зиёде чун «Шарҳи мантиқи Арасту», рисолаҳое дар ахлоқ, сиёсат, тарбият, дин, риёзиёт, табииёт, мусиқӣ, таърихи илм, омӯзиши артиш ва ғайра ба ёдгор мондааст. Бинобар ҳамин вусъати фарогир ва шабоҳаташ дар сатҳи Арасту буд, ки ба ӯ тахаллуси Муаллими сонӣ додаанд. Бисёре аз осораш дар қарнҳои минбаъда ба забонҳои мухталиф тарҷума шудааст.

Форобӣ асарҳои зиёди фалсафӣ низ таълиф намудааст, ки муҳимтаринашон «Эҳсо-ул-улум», «Мақола фи маъонӣ ул-ақл», «Китоб-ул-ҷамъ байна-л-ҳакиматайни-Афлотун-ул-Илоҳӣ ва Аристотолис», «Китобу орои аҳли-л-мадинат-ил-фозила», «Китоб-ут-танбеҳ, ало сабили-с-саодат», «Китоб ул-сиёсати-л-маданият», «Китобу фусул-ул-маданӣ» мебошанд. Фалсафаи маорифи Форобӣ чунин сурат гирифтааст: Ба андешаи ӯ, тарбият бояд ҳадафҳои худро дошта бошад. Форобӣ таълиму тарбиятро ба ду дастаи куллӣ тақсим мекунад, яке аҳдофи фардии таълим ва тарбият ва дигари аҳдофи иҷтимоии таълим ва тарбият ва аҳдофи фардии таълим ва тарбиятро низ ба ҳадафи ҷисмонӣ (тарбияти баданӣ), ҳадафи завқӣ (ҳунарӣ), ҳадафи ахлоқӣ (тарбияти ахлоқӣ) ва ҳадафи ақлонии таълим ва тарбият (тарбияти ақлонӣ) тақсимбандӣ кардааст.

Форобӣ муътақид аст, ки инсон аз лиҳози вуҷудӣ ду ҷанба дорад: яке ҷисмонӣ ва дигаре рӯҳонӣ. Бад-ин сабаб Форобӣ ҳам ба тарбияти ҷисм таваҷҷуҳ дорад ва ҳам ба тарбияти рӯҳ. Форобӣ ҷисмро дар хидмати рӯҳ медонад, вале ин боис намешавад, ки куллан бӯъди ҷисмониро мавриди таваҷҷуҳ қарор надиҳад, баръакс ӯ яке аз муҳимтарин вижагиҳои раиси мадинаро, ки комилтарин фард дар Мадина аз ҷиҳати тарбиятёфтагӣ дар абъоди гуногун аст, бархӯрдорӣ аз бадани солим медонад. Ин худ нишондиҳандаи он аст, ки бӯъди ҷисмонӣ аз аҳамияти болое назди Форобӣ бархӯрдор аст.

Назди Форобӣ тарбияти баданӣ дорои ду бахш аст:

1. Бахши аввал аз назари Форобӣ бозӣ аст, ки барои бозӣ анвои мухталиф ва ҳадафҳои мутафовите вуҷуд доранд. Бозӣ ба худии худ ҳадаф нест, балки арзиши он дар робита бо ҳадафе аст, ки мавриди назар бошад. Ҳадафи бозӣ бозсозӣ аст ва ба навбати худ барои афзоиши энержии фард барои фаъолияти ҷиддитар тарроҳӣ мешавад. Бозӣ бояд халлоқияти кӯдакро таҳрик кунад.

Бахши дувум аз назари Форобӣ, омӯзиши низомӣ аст. Форобӣ аҳамияти тарбияти баданиро дар низоми тарбиятии худ ба омодагии бадан барои дифоъ аз кишвар ихтисос медиҳад, то ҷое ки дар низомҳои сиёсӣ хатто раиси мадинаро бархӯрдорӣ аз қудрати бадании лозима барои ҷангидан ва фармондеҳии ҷангҷӯён медонад. Албатта, тарбияти ҷисмонӣ ба назари Форобӣ бояд бо ҳадафи кумак ба тарбияти рӯҳӣ анҷом гирад. Ифрот дар тарбияти баданӣ ва камтаваҷҷуҳӣ ба тарбияти рӯҳӣ ҷомеаро ба инҳироф мекашад.

Дар фалсафаи маорифи Форобӣ ҳадафи ахлоқии таълиму тарбият мавқеи муҳим дорад. Дар консепсияи ахлоқии Форобӣ, раванди таълим ва тарбият як масири муайян буда, он аз саодат, камол ва фазилат иборат аст. Дар фалсафаи маорифи Форобӣ шахсият бояд тани солим, илму маърифат, ахлоқи ҳамида ва рӯҳи бо Худованд пайвастгардидаро доро бошад. Ба андешаи ӯ, инсон мавҷудест, ки камоли вай мутааххир аз вуҷудаш аст ва дар айни ҳол соҳиби ақлу ирода аст. Омиле, ки метавонад фардро дар расидан ба камол ва саодат ёрӣ кунад, таълим ва тарбияти саҳеҳ аст, ки фард бояд онро бо ихтиёр тай кунад. Инсони комил дар назди Форобӣ касест, ки ба фазоили ахлоқӣ даст ёфта бошад. Ба назари Форобӣ, ин хубиҳо бояд дар одам дарунӣ шавад, ба навъе ки фард бар асоси онҳо амал кунад ва мутамоил ба анҷоми онҳо бошад. Ба назари ӯ, фард дар бораи хубиҳо бояд шинохти кофӣ ба даст оварад ва ин ҷанба назарӣ аст. Аммо ба танҳоӣ кофӣ нест, балки бояд дар амал низ ба ин фазоил муттасиф шавад ва илло инсон як бӯъдӣ ва нимакомил аст.

Ҳадафҳои иҷтимоии таълиму тарбият дар бахши ҳикмати амалии Форобӣ матраҳ гардида, он яке аз аҳдофи муҳимми таълиму тарбият маънидод шудааст. Ба андешаи ӯ, инсон мавҷуди иҷтимоӣ аст ва ба танҳоӣ наметавонад зиндагӣ кунад, балки бояд дар шаҳр зиндагӣ кунад. Инсон дар шаҳр ба камол ва саодат мерасад, аммо на ҳар шаҳре. Мадинаи фозила, ки мардумони он таҳти ҳидояти раиси тарбиятёфта ва комилшуда қарор гиранд ва ба таври саҳеҳ тарбият шаванд. Ӯ тарбиятро барои тамоми ақшори ҷомеа ҳатмӣ медонист, то аз тариқи он ҳар як аз шаҳрвандон битавонанд дар шаҳр нақшеро бар уҳда гиранд ва ба наҳви аҳсан аз уҳдаи анҷоми он бароянд. Форобӣ муътақид аст, ки шаҳр монанди бадани инсон аст ва ҳамон гуна ки ҳар як аз аъзои бадан коркарди вижае доранд, ҳар фард низ дар шаҳр коркарди вижае хоҳад дошт. Ҳар гоҳ яке аз аъзои бадан хуб кор накунад, ниёз ба пизишк дорад, бинобар ин дар шаҳр низ барои муолиҷаи афрод ниёз ба раис аст [5,с.208]. Ин ҷост, ки умдатарин ҳадафи таълим ва тарбияти иҷтимоии Форобӣ низ ҳаммонанди Афлотун тарбияти зимомдор аст ва шахси ҳаматарафа тарбиятёфта будани зимомдори раиятро таъкид мекунад. Инчунин, аз ҳокимону раиятпешагон талаб мекунад, ки таълиму тарбиятро масъулияти асосии худ донанд ва дар густариши он ҷидду ҷаҳд намоянд.

Форобӣ дар таълиму_тарбияи хонандагон мавқеи ҳалкунанда доштани омӯзгорро махсус таъкид намудааст. Ӯ таъкид намуда буд, ки агар омӯзгор хоҳад, ки аз шогирдон самимият, ростқавлӣ, эҳтирому ҳақиқатро талаб намояд, пеш аз ҳама, худи ӯ бояд дорои

чунин сифатҳо бошад. Форобӣ дар фалсафаи маорифи худ ба симои устод ва вазифаҳои он таваҷҷуҳи зиёд намудааст. Ӯ таъкид мекунад, ки устод нисбат ба шогирдон бояд меҳрубон бошад. Ба андешаи вай, «тарбиятгар набояд қаҳру ғазаби худро нишон дода, тундмиҷоз бошад, чунки ин сифатҳо шогирдонро муқобили ӯ бармехезонанд. Омӯзгор бояд ботамкин, серғайрат, суботкор бошад. Вазифаи асосии омӯзгор ин дар тарбиятгирандагон тарбияти сифатҳои хуб ва решакан намудани сифатҳои манфӣ мебошад» [5,с.207].

Олими дигари номдор ва мутафаккири варзидаи замони Эҳё Закариёи Розӣ мебошад. Вай низ дар фалсафаи маорифи худ ба устод ва масъулиятҳои ӯ бештар таваҷҷуҳ намуда, менависад: «Тарбиятгарро зарур аст, ки камбудӣ ва норасоиҳои тарбиягирандагонро саривақт нишон диҳад ва ҳеҷ вақт аз онҳо хафа нашавад, бо тамасхур ба онҳо нанигарад, нисбат ба онҳо ҳисси нафрат надошта бошад. Баръакс дар назди шогирд чеҳраи хандон дошта, суханони ӯро оромона ва ҷиддӣ гӯш кунад» [7,с.21]. Закариёи Розӣ таъкид менамояд, ки дар ҳама ҳолат тарбиятгирандагонро гӯш карда тавонистани устод муҳим аст ва кӯшиш намудан лозим, ки аз онҳо қаноатманд бошад. Вале, агар омӯзгор бинад, ки хонанда аз шарм чизеро пинҳон мекунад, ё ин ки аз гуфтани ягон чиз худдорӣ менамояд, ё ин ки аз шарҳи рафтори ноҷои худ шарм карда, онро пурра баён карда наметавонад, пас дар ин сурат муаллими оқил бояд худро мушаввашхотир ва бадқаҳр нишон надиҳад. Ҳамзамон, огоҳ намояд, ки инро аз ӯ чашмдор набуд ва тарбиятгар аз ӯ чизи дар қиёфаи ӯ намоёнбударо ба таври равшан эҳсос кардааст. Бинобар ин, муаллим доимо вазъи рӯҳии хонандаро ҳам дар рафти дарс ва ҳам дар ҷараёни тарбия ба ҳисоб гирифта, ҳамчун устоди моҳир амал намояд [7,с.20].

Ҳамзамон, ин мутафаккир таъкид менамояд, ки мураббӣ бояд ҳамаи тарафҳои ҳаёти тарбиятгирандаро донад. Дар ин ҳолат мумкин аст имконият пайдо шавад, ки хонанда пурра ба ихтиёри тарбиятгар гузарад ва ӯро ҳамчун шахси наздику дӯсти вафодор ҳисобад. Шахсияти дигаре, ки дар ташаккули фалсафаи маориф саҳми беандоза дорад, Абӯалӣ ибни Сино мебошад. Ибни Сино (980-1037) номдортарин аллома ва барҷастатарин файласуфи тоҷик аст, ки дар соҳаи фалсафа ва ҳикмат таълифоти зиёде ба ёдгор мондааст. Муҳимтарини онҳо- «Китоб-уш-шифо», «Китоб-ун-наҷот», «Ишорот ва танбеҳот», «Донишнома» ва рисолаи «Тадбири манзил» мебошанд. Бояд қайд намуд, ки «Донишнома» ягона асарест, ки Ибни Сино онро ба забони тоҷикии форсӣ навиштааст, дигар асарҳояш пурра бо забони арабӣ таълиф ёфтаанд.

Фалсафаи маорифи Абӯалӣ ибни Сино асосан дар чунин асарҳояш, ба мисли «Тарбияи оилавӣ», «Омӯзишу парвариши мадрасии фарзанд» ва «Тадбири манзил» хеле равшан зикр ёфтаанд. Ӯ дар ин асарҳояш таъкид намудааст, ки омӯзгорон бояд ҳар як усулу роҳи тарбияро дар мавқею ҷойи худ истифода баранд. Ҳамчунин, Абӯалӣ ибни Сино таъкид кардааст, ки омӯзгор бояд барои ҳар як рафтору кирдори нодурусти содирнамудаи кӯдак бетафовутӣ зоҳир накарда, барои рафтори нодуруст ба кӯдак ҳатман танбеҳ дода шавад [8,с.265].

Яке аз қисматҳои муҳимми таълимоти Абӯалӣ ибни Сино нисбати фарзанд дар китоби «Омӯзишу парвариши мадрасии фарзанд» зикр гардидааст. Дар ин китоб асосан дар баробари кӯдакро ба мактаб тайёр намудан сухан меравад. Дар баробари ин, дар ин китоб бисёр фикрҳои ҷолиб дар бораи талабот нисбат ба касби омӯзгорӣ, муносибати омӯзгор ва хонанда оварда шудаанд. Ба ақидаи Абӯалӣ ибни Сино, ҳангоми ба касби омӯзгорӣ интихоб намудани омӯзгорон якчанд талаботро ба миён гузоштан лозим. Пеш аз ҳама, омӯзгор бояд боандеша бошад, яъне ба талаботи замона ҷавобгӯ ва фикри солим дошта бошад. Аз рӯйи фаҳмиши ҳозиразамон ӯ бояд усул ва роҳи тарбияи кӯдаконро, ки ба талаботи илми этика (ахлоқ) ва педагогика асос ёфтаанд, донад. Сифатҳои шахсии омӯзгор ботаҳаммул будан, олиҳимматӣ, пок будан ва донистани шаклҳои муошират мебошад. Ба ақидаи Абӯалӣ ибни Сино, агар омӯзгор серталаб набошад ва шаъну эътибори худро нигоҳ дошта натавонад, ӯ обрӯи худро дар назди кӯдакон аз даст медиҳад. Дар баробари серталаб будан, бояд омӯзгор олиҳиммат ва нисбат ба кӯдакон меҳрубон бошад. Ба ақидаи ин донишманд, шахси дорои сифатҳои неки ахлоқӣ набуда омӯзгор шуда наметавонад ва одоби муошират бошад, боз яке аз шартҳои дигари талабот нисбат ба касби омӯзгорӣ мебошад [8,с.266].

Бояд қайд намуд, ки арзиши ақидаҳои тарбиявии Абӯалӣ ибни Сино дар он зоҳир меёбад, ки ӯ дар назди омӯзгорон, таълимдиҳандагон ва тарбиятгарони насли ҷавон як қатор талаботро ба миён гузоштааст. Ӯ таъкид намудааст, ки вобастагии зичи байни тану рӯҳ, таъсири рӯҳ ба бадан ва бадан ба рӯҳ тарбиятгарро водор месозад, ки эҳтиёткорона ба кӯдакон муносибат намояд. Ибни Сино ин талаботро ба таври зайл таснифот намудааст:

1. Пеш аз он ки муаллим ба таълими хонандагон шурӯъ кунад, бояд хусусияти фардии ҳар як хонанда ва шавқу ҳаваси ӯро ба ҳисоб гирад ва дар муносибат ба кӯдакон муътадилиро риоя намояд.

2. Омӯзгор бояд ба он эътибори махсус диҳад, ки хонандагон то кадом андоза таълимоти ӯро дар кору зиндагии худ такрор менамоянд.

3. Дар ҷараёни таълим омӯзгор бояд шаклу усулҳои гуногуни таълимро истифода барад.

4. Омӯзгор бояд маҳорати хотира ва ҳам дигар қобилиятҳои зеҳнии хонандагон ва ҳамчунин қобилияти ба эътидол овардани тақлидкории онҳоро дошта бошад.

5. Омӯзгор бояд дар хонандагон шавқи илмдӯстиро дар алоқамандии тарбия ҳатто бо ҷазо додан бедор намояд ва хонандагонро мунтазам ба такрори чизи омӯхташуда талқин намояд.

6. Фикри муаллим ба хонандагон дастрасу фаҳмо бошад. Пеш аз он ки омӯзгор фикри худро ифода намояд, бояд моҳияти масъаларо худ дуруст фаҳмад, кӯтоҳу фаҳмо ва бо забони адабӣ сухан гӯяд. Омӯзгор бояд аз гуфтани суханони зиёдатӣ худдорӣ кунад.

7. Омӯзгор бояд ба таври дастрасу фаҳмо фикри худро ба шунавандагон расонида тавонад.

8. Ҳар як сухани омӯзгор бояд ҳамроҳ бо имову ишора ифода ёбад, чунки таълим бо чунин усул нисбатан дастрас буда, бештар дар кӯдакон ҳиссиёти эмотсионалиро ба вуҷуд меоварад [11,с.26].

Намояндаи дигар Абӯмуиниддин Носири Хусрави Қубодиёнӣ (1004-1088) мебошад. Ӯ дар осори худ масъалаи таълиму тарбияро хеле нуктасанҷона баррасӣ карда, онро яке аз омилҳои асосии саодату хушбахтӣ ва ташаккули шахсияти инсон ҳисобидааст. Фалсафаи маорифи Носири Хусрав дар чунин рисолаҳояш, ба монанди «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Хон-ул-ихвон», «Кушоиш ва раҳоиш» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Носири Хусрав, омӯхтани илму дониш ва маърифатро барои ҳар як шахс ҳатмӣ медонад ва онро воситаи асосии обрӯманд шудани инсон дар ҷамъият медонад. Дар ин хусус худи Носири Хусрав чунин мегӯяд:

*Агар ту зи омӯхтан сар натобӣ,*
*Биҷӯяд сари ту ҳаме сарвариро.*
*Дарахти ту гар бори дониш бигирад,*
*Ба зер оварӣ чархи нилуфариро [12,с.138].*

Носири Хусрав зарур ва муҳим будани илму донишро дар ҳаёти инсон ва рушди қобилияти зеҳниву фикрии ӯ таъкид карда, кӯшидааст, ки ин масъаларо ҳарчи возеҳу равшан барои наслҳои оянда баррасӣ намояд. Файласуф дар системаи фалсафаи маорифи хеш исбот карданӣ мешавад, ки дар раванди инкишоф ва ташаккули шахсият омӯзиши илму дониш ва аз худ намудани арзишҳои волои фарҳангиву маърифатии тамаддунӣ, ки асосан тавассути таълиму тарбият сурат мегирад, барои инсоният яке аз роҳу усулҳои беҳтарин ба шумор меравад. Мутафаккир ростгӯӣ, илмварзӣ ва тоатро ба ақли муктасиб мансуб медонад:

*Рост гӯям, илм варзам, тоати Яздон кунам,*
*Ин се чиз аст, эй бародар, кори ақли муктасиб [13,с.166].*

Ӯ роҳи инкишоф додани қобилият, маҳорату малака, касбу ҳунар ва зебову покиза намудани сиришту ғанӣ гардонидани ҷаҳони маънавии шахсро дар омӯзиши илму дониш медонист. Аз ин ҷост, ки файласуфи бузург илмро ҳамчун сарчашмаи ғизои маънавии ҷони инсон ва донишро гавҳари зиндагии ӯ ҳисобидааст. Вобаста ба ин, мутафаккир нақши илму донишро дар инкишофи шахсияти ҳар як инсон махсус таъкид намуда, нисбати қудрат ва тавоноии он дар ташаккули инсони комил афзалияти бузургеро раво дидааст. Файласуф дар фалсафаи маорифи хеш илму донишро яке аз воситаҳои муҳимми ба ахлоқи волои инсонӣ расидан дониста, бовар дорад, ки касе ки рӯ ба илм меораду ба дониш мегаравад, номи ӯ доимӣ дар вирди забони мардум мемонад. Нодонӣ инсонро ба сӯйи торикию ҷаҳл бурда, аз зиндагонии осудаву осоишта маҳрум мегардонад.

Хулоса, дар фалсафаи маорифи Носири Хусрав масъалаҳои илму дониш ва ақлу хирад, қобилият ва истеъдод аз мавқеи гнесиологӣ-ахлоқӣ ва ҳам мазҳабӣ мавриди баррасӣ қарор ёдода шудаандфтааст. Ҳаким ин аркони тарбияро тазоди ҳамдигар нагузошта, балки дар ҳамбастагӣ ва робитаи ҳамдигарӣ медонист, зеро мазҳаби исмоилия, ки шоир ба он гаравида ва эътиқоди қавӣ дошт, на ба сифати пайравикунанда, балки чун ташвиқу тарғибгари он таълимот шинохта шудааст, дониш ва ҳикмату панду андарз ба толибилмон вазифаи имонии пайравони ин равия буд. Тахмин меравад, ки Носири Хусрав дар ҳаллу фасли анвои мухталифи қобилиятҳои равонӣ ва зинаҳои такомули ақлонии шахс ба таълимоти Абӯалӣ Сино пайравӣ кардааст, вале бидуни афкори ӯ, ки ғолибан

асоси илмӣ дошта, ба таҳлили аниқу ҳамаҷонибаи масъала асос меёбад, бештар ба ҷанбаҳои таълимию тарбиявӣ ва динии он мутаваҷҷеҳ гардидааст.

Ҳамин тариқ, дар даврони Эҳёи Аҷам олимону шоирон ва мутафаккирон бо офаридани асарҳои бунёдӣ ҳастии мардумони тоҷику форсро аз вартаи нобудшавӣ раҳонида, рушду инкишоф дода, маънавиётро ба авҷи аъло расониданд. Бо кӯшишу талошҳои онҳо дар тамаддуни асримиёнагӣ дар баробари рушди назму насри безаволи форсӣ- тоҷикӣ тамоми навъҳои илми табиатшиносӣ, аз ҷумла риёзиёту ҳандаса, илми ҳайату ҷуғрофиё, физикаю кимиё, тиббу фалсафа, маъданшиносиву ҳонваршиносӣ, кишоварзиву обёрӣ ва ғайра дар авҷи тараққиёт буданд. Дар ин давра фалсафаи маорифе ба вуҷуд омад, ки асоси онро пайвастагии таълиму тарбият дар раванди ташаккулёбии шахсияти олӣ ташкил медод. Дар натиҷаи таҳқиқоти фалсафаи маорифи мутафаккирони тоҷику форс дар замони Эҳёи Аҷам муайян гардид ки:

1. Ақидаҳои маорифпарваронаи мутафаккирони классикии тоҷику форс манбаи ғаниест, ки барои ба роҳ мондани таълиму тарбия дар замони ҳозира ва дар амалия тадбиқ намудани онҳо барои беҳтар гардидани низоми маориф мусоидат мекунад.

2. Барои омӯзиш ва татбиқ намудани ақидаҳои пешқадаму маорифпарваронаи ин мутафаккирон дар амалия бояд дар асоси осори онҳо воситаҳои таълимӣ тартиб дода шаванд.

3. Фалсафаи маорифи миллии тоҷик, ки имрӯзҳо дар раванди ислоҳоти навин ва пайвастани он ба системаҳои пешқадами фалсафаи маорифи ҷаҳонӣ қарор дорад, бинобар ин бояд аз таҷрибаҳои бузургони гузаштаи худ дар самти таълиму тарбия ва андешаҳои маорифпарваронаи онҳо истифода намуд. Зеро истифода аз ин андешаҳои таълимию тарбиявӣ ва таҷрибаҳои пешқадам, метавонад дар рушду ташаккули фалсафаи маорифи миллӣ ва ҷаҳонӣ мусоидат намояд.

## АДАБИЁТ


1. Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ. Осор. -Сталинобод, 1958. –416 с.
2. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор. -Душанбе: Адиб, 2007. – 416 с.
3. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома: иборат аз 9 ҷилд. -Душанбе, 1964. –Ҷ.1. -460 с.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Маориф - гарави пешравии ҷомеа / Э. Раҳмон. -Душанбе, 2015. - 330 с.
5. Фараби Абунаср. Социально-политические трактаты // Избранные сочинения. -Алма-Ата, 1973. - 530 с.
6. Хайрулло Афзалӣ. Аз таърихи фалсафаи маорифи тоҷик. Воситаи таълимӣ /Х. Афзалӣ. -Душанбе, 2008. - 340 с.
7. Рази Абубакр Мухаммад ибн Закариё / Избранные сочинения. -Душанбе: Адиб, 1989. – 640 с.
8. Гулмадов Ф. Инъикоси образи муаллим дар мероси педагогии мутафаккирони форсу тоҷик. Воситаи таълимӣ / Ф. Гулмадов. –Душанбе, 1997. – 280 с.
9. Акбар Турсунов. Эҳёи Аҷам / А. Турсунов. –Душанбе: Ирфон, 1984. -340 с.
10. Назаров Р. Философия образования таджикского народа. Р. Назаров А. Курбанов. -Душанбе, 2010. – 215 с.
11. Авиценна. Семейное воспитание. / Избранные произведения. Т.2. -Душанбе: Ирфон, 1980. – 540 с.
12. Арабзода Н. Носири Хусрав / Н. Арабзода. -Душанбе: Ирфон, 1994. -230 с.
13. Носири Хусрав. Девони ашъор ва маснавиҳои «Рӯшноинома» ва «Саодатнома» (Таҳия ва тадвини А. Девонақулов, А. Алимардонов ва Ф. Бобоев) – Душанбе, 2003. – 955 с.
14. Арабзода Н. Ҷаҳони андешаи Носири Хусрав / Н. Арабзода. -Душанбе, 2003. -320 с.
15. Шарифзода Ф. Ҳикмати афкори педагогии ниёгон. Воситаи таълимӣ / Ф. Шарифзода. Ҷ. Файзалӣ. - Душанбе, 2012. – 322 с.
16. Бартельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы / Е.Э Бартельс. -М.,1960. -420 с.


## РУШДИ ФАЛСАФАИ МАОРИФ ДАР ОСОРИ МАОРИФПАРВАРОНИ ЗАМОНИ ЭҲЁИ АҶАМ


Дар мақола масъалаи фалсафаи маориф дар осори маорифпарварони замони Эҳёи Аҷам баррасӣ шудааст. Муаллиф бо такя ба асарҳои муътамади илмӣ, махсусан осори арзишманди таълимию тарбиявии маорифпарварони замони Эҳёи Аҷам, аз ҷумла осори таълимию тарбиявии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Тадбири манзил»-и Абӯалӣ ибни Сино, «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн»-и Носири Хусрав ва ғайра, паҳлуҳои гуногуни масъалаи мазкурро тадқиқ намудааст. Инчунин, муаллиф дар мақола таъкид мекунад, ки асрҳои IX-XI давраест, ки мутафаккирони тоҷик дар ҳамаи соҳаҳо шоҳкориҳои азиме ба мерос гузоштаанд ва идеяҳои онҳо дар фарҳанги ҷаҳонӣ нақши муҳим бозидаанд. Аз зумраи ин мутафаккирон метавон Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Закариёи Розӣ, Абӯнасри Форобӣ, Котиби Хоразмӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Носири Хусрав, Ҳаким Саноӣ, Низомии Ганҷавӣ, Фаридуддини Аттор, Ҷалолуддини Румӣ, Абӯҳомид Ғазолӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ ва даҳҳо дигаронро метавон ном бурд, ки осори гаронбаҳои тарбиявӣ ва ахлоқии пурарзише аз худ боқӣ гузоштаанд. Дар эҷодиёти онҳо метавон он афкори пешқадамонаи фалсафаи маорифро пайдо намуд, ки баъдан ҳамчун методологияи илми таълиму тарбия - педагогика қабул гардида буданд. Осори ин бузургон дар худ, пеш аз ҳама, ақидаҳои инсондӯстӣ ва инсонпарварӣ доштанд, ки барои ташаккули шахсияти олӣ нақши муҳим доранд.



**Калидвожаҳо:** фалсафаи маориф, Эҳёи Аҷам, таълим, тарбият, омӯзгор, ташаккули шахсият, тоҷику форс, илму фарҳанг.

**РАЗВИТИЕ ФИЛОСОФИИ ПРОСВЕЩЕНИЯ В СОЧИНЕНИЯХ ПРОСВЕТИТЕЛЕЙ ЭПОХИ ВОЗРОЖДЕНИЯ АДЖАМА**

Статья посвящена философии просвещения в литературных произведениях просветителей Эпохи Возрождения Аджама. Автор, опираясь на надежные научно-исследовательские работы, особенно на ценные образовательно-воспитательные сочинения просветителей Эпохи Возрождения Аджама, в том числе образовательно-воспитательные произведения Абуабдулло Рудаки, Шахname Абулкосыма Фирдоуси, «Тадбири манзил» Абуали Ибн Сина, «Джомеъ-аль-хикматайн» Носира Хусрава, провел исследования различных аспектов данного вопроса. Также учитель в статье подчеркивает, что в 1Х-Х1 века являются периодом, когда таджикские мыслители создали свои выдающиеся шедевры и их идеи сыграли немаловажную роль в мировой культуре. К таким выдающимся мыслителям можно отнести Абуаббдулло Рудаки, Абулкосыма Фирдоуси, Закария Рази, Абунасри Фороби, Котиби Хоразми, Абуали ибн Сина, Абурайхона Беруни, Носира Хусрава, Хакима Санои, Низами Ганджави, Фаридуддина Аттора, Джалолидина Руми, Абухомида Газззоли, Хофиза Шерози, Саади Шерози, и десятки других, которые оставили после себя ценные просветительские и воспитательные сочинения. В их творчестве можно найти передовые философско-просветительские мысли, которые впоследствии стали научной методикой преподавания и педагогики. Сочинения этих великих мыслителей, прежде всего, содержали в себе идеологию человечности и гуманизма, которая имеет первостепенное значение для формирования личности.

**Ключевые слова:** философия просвещения, Возрождение Аджама, обучение, воспитание, учитель, формирование личности, таджикский, персидский, наука и культура.

**THE DEVELOPMENT OF THE ENLIGHTENMENT PHILOSOPHY IN THE WORKS OF THE ENGLIGHTENERS OF THE EAST RENAISSANCE**

The article is devoted to the philosophy of enlightenment in literari works of the enlighteners of the Epoch of the East renaissance. The author based on reliable research works, especially on the valuable educative works of Abuabdullah Rudaki, Shahname by Abulkosim Firdavsi, Tadbiri Manzil dy Abuali ibn Sina, Jome-al-Hikmatain by Nosir Khusrav researched the various aspects of this issue. Also, the teacher emphasizes in the article that in the IX-XI centuries there was a period where Tajik thinkers created their outstanding masterpieces and their ideas played an important role in the world culture. These outstanding thinkers are Abuabdullo Rudaki, Abulkosim Firdavsi, Zakaria Rozi, Abunasri Forobi, Kotibi Khorazmi, Abu Ali Ibn Sino, Aburaihon Beruni, Nosir Khusrav, Hakim Sanob, Nizomi Gandzhavi, Fariduddin Attor, Jaloluddin Rumy, Abuhomid Gazoli, Hofiz Sherozi, Saddi Sherozi and a dozen others who left behind the valuable educational works. In their work you can find advanced philosophical and educational ideas, which later became the scientific methodology of teaching and pedagogy. The works of these great thinkers, first of all, contained the ideologies of humanity and humanism, which are of utmost importance for the formation of personality.

**Key words:** philosophy of enlightenment, Epoch of the East renaissance, training, education, teacher, personality formation, Tajik Persian, science and culture.

**Сведения об авторе:** ***Мухаммаджон Тагоймурод*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D (доктор по специальности), философского факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. E-mail: **Muhammad_90.12@mail.ru**. Телефон: **903-00-22-30**

**Information about the author:** ***Mukhammadzhon Tagoymurod*** – Tajik national university, PhD student (doctor by specialty), student of third course of Philosophy Faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17. E-mail: **Muhammad_90.12@mail.ru.** Phone: **903-00-22-30**

**УДК:316.1/2.(575.3)**

# ИЗУЧЕНИЕ ПРОБЛЕМ БУЛЛИНГА ПОДРОСТКОВ КАК ФОРМЫ ДЕВИАНТНОГО ПОВЕДЕНИЯ ШКОЛЬНОЙ МОЛОДЕЖИ

***Комилова М.Д.***
**Таджикский национальный университет**

В современном обществе среди подростков и школьной молодежи широко распространена популярность «буллинга». Bulling - это английское слово означает угнетение, травля и насилие. Первый раз этот термин был использован в 1993 году норвежским ученым Даном Олвеусом (Olweus, D.) в его книге «Буллинг в школе: что мы знаем и что мы можем сделать?» [10]. После публикации этой книги слово «буллинг» вошло в научный оборот. Изучение проблем подростков как отдельной социальной группы, началось в 70-ые годы прошлого века, именно в этом году европейские и американские ученые внесли большой вклад в изучение агрессивного поведения подростков. Изучением проблем молодежи и подростков занимаются разные науки, такие как психология, социология и культурология которые предаставили свои концепции и исследования. Следует отметить, что именно эти научные исследования привели к развитию изучения социальной агрессии подростков и молодежи как отдельной отрасли науки. Термин «буллинг» интерпретируется учеными разными понятиями: «деструктивно девиантное поведение», «агрессивное поведение» или «насилие», которые являются синонимичными. На сегодняшний день изучение буллинга подростков имеет три

основных направления: психологическое, социальное и культурное. Каждое направление имеет свои концепции причин буллинга среди подростков.

**Психологическая концепция.** Следует отметить, в отличие от других наук психологи внесли значительный научный вклад в изучение буллинга подростков и молодежи. Именно психологи впервые изучили гендерные аспекты буллинга среди молодежи. Психологические исследования показывают, что приступы агрессивного поведения чаще встречаются среди мужского пола. Первый фактор в этом явлении зависит от генетических и гормональных характеристик. Например, по наблюдению психологов один из факторов буллинга среди мужчин -это повышение мужского гормона «тестостерон», что может стать причиной агрессивного поведения. Психологическое наблюдение выявило, что буллинг -это поведение, которое имеет индивидуальную особенность отдельной личности, цели этого феномена могут быть различными, но в большинстве случаев буллинг имеет симптомокомплексный характер, связанный с асоциальным поведением у подростков. Подростки на подсознательном уровне не уверены в себе и это является причиной их поведения в социуме, которое проявляется в форме перманентных попыток доказать самому себе и социуму собственную успешность, добиться признания, похвалы сверстников или референтной группы.

Подростковый буллинг также зависит от поведения и реакции сверстников, ставших жертвами травли (жертвы агрессии описывают термином «victims»). Согласно психологическим исследованиям, «буллинг» и «виктимизация» в большинстве случаев наблюдаются среди подростков и молодежи.

Результаты исследований ученых показали, что причина виктимизации среди подростков и школьной молодежи имеет свою особенность, как правило, эти дети не хотят вступать в референтные группы, они не помогают коллективу в достижении общих целей (единства, координации и коллективного развития), таким поведением они становятся отчужденными от группы. Другой группой виктимизации являются подростки, которые имеют физиологический недостаток, например, инвалидность, ожирение, низкая самооценка или школьники, которые имеют низкие оценки по школьным предметам. По мнению Cluver, L, эти дети имеют риск группового издевательства, а также быть отчужденными от группы [6]. Надо отметить, что именно эти явления делают подростков уязвимыми и приводят к виктимизации. В современном обществе с этой проблемой часто сталкиваются педагоги, родители и сами подростки. В процессе действий буллинга обычно участниками являются агрессоры, жертвы и свидетели. Этот феномен не имеет одинаковых ситуаций и явлений, иногда конфликт может трансформироваться в другую быстро развивающуюся ситуацию, которая может иметь дальнейшие последствия[8]. Например, по данным исследований Magin.P, (2008) [7], 82% подростков подтверждены таким личным симптомам, как попытки самоубийства, отчуждение от референтной группы и развитие низкой самооценки жертвы.

Согласно результатам других исследований, на сайте «bullyingstatistics.org» наиболее часто буллинг встречается в школе среди подростков, обычно они применяют такие действия как: месть, применение личного и группового насилия, оскорбительное поведение по признаку пола, религии, национальности и расы. Процент этого феномена примерно составляет около 77% во многих школах. Но только 14% подростков имеют последствия буллинговых отношений, которые приводят к психиатрическим проблемам, таким как депрессия, стресс, пропадает желание посещать школу, также является причиной самоубийства у подростка [12].

Изучив индивидуально личностные и индивидуально-психологические особенности буллинга и виктимизации ученые (психологи) не исключают значительное влияние социальных и культурных факторов развития этого феномена. Поэтому для изучения причин возникновения и распространенности буллинга и виктимизации следует описать также социальные и культурные концепции.

Ба ҳалли масъалаҳои экстремалӣ бисёр олимони қадим: Евклид, Архимед, Аристотел ва дигарон машғул шуда буданд.

Ҳанӯз дар асри IV то мелод Евклид дар китоби «Ибтидо»-и худ масъалаи зеринро овардааст: дар секунҷаи додашудаи ABC параллелограмми дарункашидашудаи ADEF-ро бо масоҳати калонтарин тасвир намоед. Исбот намудан мушкил нест, ки ҳалли ин масъала параллелограмме мебошад, ки қуллаҳои D, E, F–аш тарафҳои мувофиқи секунҷаро ба ду қисми баробар тақсим менамоянд (расми 1).

Яке аз масъалаҳои дигарро доир ба қимати экстремалии бузургиҳо дар ибтидои эраи мо математик ва механики юнонӣ Герон ҳал карда буд. Ӯ муайян намуд, ки роҳи нури рӯшноӣ аз нуқтаи A то нуқтаи B ҳангоми инъикоси оинаи MN дар нуқтаи C масофаи кӯтоҳтарин (минималӣ) мебошад (расми 2). Нури рӯшноӣ AC аз рӯйи оинаи MN инъикосгардида, бо рӯяи оина кунҷҳои баробарро ҳосил мекунанд. Ба тарзи дигар гӯем, кунҷи афтиши нури рӯшноӣ ба кунҷи инъикоси он баробар аст. Ин далел пештар низ маълум буд. Лекин хурд будани


Расми 2.

масофаиAC+CB азAD+DB кашфиёти Герон аст. Дар ин ҷо D нуқтаи дигари ихтиёрии (аз нуқтаи C фарқкунандаи) ҳамвории рӯяи оина мебошад. Ин кашфиёти Геронро дар замони муосир ҳамчун ҳолати хусусии принсипи Ферма дар назарияи геометрии рӯшноӣ эътироф менамоянд.

Баъди аз байн рафтани тамаддуни қадим ҳаёти илмӣ дар Вврупо фақат дар асри XV ба вуҷуд омад. Масъалаҳои экстремалӣ дар байни масъалаҳое буданд, ки олимони беҳтарини замон ба ҳалли онҳо машғул мегардиданд. Агар дар замонҳои қадим масъалаҳои экстремалӣ фақат бо усулҳои геометрӣ таҳқиқ гардида, роҳҳои махсуси ҳал истифода мегардид, пас дар асри XVII усулҳои умумии омӯзиши ин гуна масъалаҳо пайдо гардид. Ин усулҳо ба пайдоиши ҳисобкуниҳои дифференсиалӣ ва интегралӣ оварда расонид. Аввалин элементҳои таҳлили математикиро дар ибтидои асри XVII И. Кеплерворид карда буд, ки дар ин бора аз [3,4], маводи зиёде дастрас намудан мумкин аст. Кеплер кашфиёти худро чунин шаҳр медиҳад: «Ман ҳамчун хӯҷаини хуб бояд шароб захира мекардам. Бо ин мақсад якчанд бушка шароб харидам. Савдогар омад, то ки ғунҷоиши бушкаҳоро чен карда, нархи шаробро муайян созад. Барои ин ӯ дар ҳар як бушка химчаи оҳанинро андохта, бе ягон ҳисобкуниҳои математикӣ, дарҳол миқдори шароби бушкаҳоро эълон намуд». Ин олими бузург аз ҳисобкуниҳои савдогар дар ҳайрат афтод ва баъди фикру андешаи зиёде сирри ин тарзи одии ҳисобкуниҳои ҳаҷми бушакҳоро кушод. Маълум гардид, ки бушакасозҳо дар таърихи дурударози касби худ, сохтани чунин шакли бушакҳоро омӯхтанд, ки ҳангоми татбиқи ин тарз бо ёрии дарозии қисми таршудаи химча, ҳаҷми максималӣ муайян карда мешуд. Азбаски дар атрофи максимум қимати функсия ниҳоят кам тағйир меёфт, бинобар ин фурӯшандаи шароб қариб, ки хато намекард, гарчанде ки ҳаҷми бушкаро бо як чен кардан эълон менамуд. Ин мазмуни кашфиёти Кеплер аст, ки онро чунин ифода намуда буд: «Дар наздикии максимум тағйирёбии функсия ҳиснашаванда мебошад». Иоганн Кеплер дар китоби худ бо номи «Стреометрияи нави бушкаҳои шароб» [3] бисёр масъалаҳои экстремалии шавқоварро ҳал кардааст.

Чанде баъд, кашфиёти И. Кеплер хосияти асосии экстремумҳо аввал дар шакли теоремаи П. Ферма (барои бисёраъзогиҳо), сипас аз тарафи И. Нютон ва Г.В. Лейбнитс барои функсияҳои ихтиёрӣ ба расмият даровarda шуд [4]. Ин кашфиёт дар замони ҳозира бо номи теоремаи Ферма маълуму машҳур аст. Мувофиқи ин теорема дар нуқтаи экстремуми $x_0$ ҳосилаи функсияи бефосилаи $f(x)$ ба нол баробар аст. Кашфиёти Кеплер ва теоремаи Фермаро бо забони геометрӣ чунин маънидод намудан мумкин аст: дар нуқтаи экстремум расанда ба графики функсия бояд уфуқӣ бошад. Ин ақидаро Исаак Нютон чунин баён намуда буд: «Вақте ки бузургӣ максималӣ ё минималӣ мебошад, он на ба пеш ва на ба қафо ҷорӣ намешавад». Дар расми 3 ва расми 4 расанда ба графики функсияи $y = f_1(x)$ ва $y = f_2(x)$ мувофиқан дар нуқтаи минимум ва максимум гузаронида шудааст, ки дар мисоли одӣ мазмуни гуфтаҳои болоро ифода мекунанд. Дар ин расмҳо ду функсияи гуногун, аниқтараш ду параболаи гуногунро дар назар дорем:



Расми 3.



Расми 4.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи функсияҳо бо ёрии таҳлили бузургиҳои беохир хурд ба яке аз усулҳои математикии муқтадир табдил ёфта, сабабгори пайдоиши таҳлили математикии ҳозиразамон гардид. Пайдоиши қисми дигари математика – таҳлили функсионалӣ низ ба масъалаҳои экстремалӣ вобаста аст. Соли 1696 И. Бернулли тамоми математикҳоро ба ҳалли масъалаи зерин даъват намуд: дар ҳамвории вертикалӣ ду нуқтае, ки дар як вертикал намехобанд, дода шудаанд. Ин ду нуқтаро бо хатти бефосилае пайваст намудан лозим аст, ки сақои вазнин аз болои ин хат бемуқовимат ҳаракат карда, роҳро аз нуқтаи болоӣ то нуқтаи поёнӣ дар вақти камтарин тай намояд.

Ин масъала ҳозир бо номи масъала дар бораи брахистохрон маълум аст [4,5]. Истилоҳи «брахистохрон» аз ду калимаи юнонӣ гирифта шуда, маънояшон βράχιστος - «кӯтоҳтарин» ва χρόνος- «вақт» мебошад. Яъне, ин ном то андозае мазмуни масъаларо таҷассум менамояд. Ба ҳалли масъалаи мутазаккира олимон Исаак Нютон, Яков Бернуллӣ, Г.В. Лейбнитс, Г.Ф. Лопитал, Э.В. Чирнхаус ва худи Иоганн Бернулли машғул шудаанд. Ҳамаи онҳо ва худи И. Бернулли масъаларо бо тарзҳои гуногун ҳал намудаанд. Фарқияти асосии масъалаи И. Бернулли аз масъалаи экстримуми функсияҳо бо тағйирёбандаҳои охирнок, ки барояшон теоремаи Ферма исбот шуда буд, дар чист? Дар масъалаи Бернулли вақти ҳаракати сақо ин функсия аз хат буд, яъне функсияи аз тағйирёбандаҳои беохир иборат буд. Чунки хат маҷмӯи беохири нуқтаҳо дорад. Дар замони ҳозира функсияҳои бо тағйирёбандаҳои беохирро функсионал меноманд.

Ҳангоми ҳалли масъала оид ба брахистохрон олимони дар боло номбаргардида ва Т.Л. Лагранҷ усули таҳлили бузургиҳои беохир хурдро дар таҳқиқи функсионалҳо истифода бурданд. Т.Л. Лагранҷ инро усули вариатсия (методи вариатсия) номид ва Л. Эйлер пешниҳод намуд, ки тамоми қисми математикаро ки ба таҳқиқи экстремуми функсионалҳо машғул аст, ҳисобкуниҳои вариатсионӣ номанд. Ҳамин тариқ, аввалин қисми таҳлили функсионалӣ, яъне ҳисобкуниҳои вариатсионӣ пайдо гардиданд.

Аз ибтидои нимаи дуюми асри XX сар карда, омӯзиши масъалаҳои амалӣ ба авҷи аъло расид. Дар ин солҳо компютерҳо пайдо гардиданд ва ғояҳои математикию алгоритмҳо бештар татбиқи амалии худро оғоз намуданд. Татбиқи компютерии алгоритмҳо имконият медод, ки гурӯҳи васеи масъалаҳои иктисодӣ ва техникӣ ҳал карда шаванд. Дар замони ҳозира коркарди усулҳои математикии барномасозии хаттӣ ва умумикунонии ин усулҳо, инчунин тавоноии компютерҳо ба дараҷае расидааст, ки масъалаҳои ниҳоят мураккабу мушкили иқтисодӣ ва техникӣ бомуваффақият ҳал карда мешаванд. Усулҳои барномасозии хаттӣ ба таъминоти математикию барномавии компютерҳо дохил гардида, дар шакли системаҳои пуриқтидори умумӣ имконият медиҳанд, ки масъалаҳо бо садҳо номаълумҳою маҳдудиятҳо (баробариҳо ва нобаробариҳо) ҳал карда шаванд.Мавқеи усулҳои математикиро дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва техникӣ, инчунин татбиқи бевоситаи компютерро дар ин раванд аз рӯйи далели зерин фаҳмидан мумкин аст. Ҳар як шахс аз таҷрибаи худ, ҳангоми ҳалли масъалаҳои математикаи мактабӣ дарк карда метавонад, ки масъалаҳои мураккаб бо маҳдудиятҳои гуногун бо осонӣ ҳал мешаванд, агар номаълумҳо ва муодилаҳоеро, ки ин маҳдудиятҳоро ифода мекунанд, дуруст муайян намоем. Ба ибораи дигар, гузориши масъаларо дуруст дарк карда, онро таҳлил намуда, модели математикии масъаларо тартиб дода тавонем. Ин моделсозии математикӣ аст. Дар раванди моделсозӣ масъалаи баррасишаванда аз забони табиӣ ба забони сунъии математикӣ “тарҷума” карда мешавад. Раванди моделсозии масъалаҳои амалӣ асрҳои аср сарчашмаи масъалаҳои нави математикӣ буда, сабаби пайдо шудани моделҳо ва усулҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо гардидаанд. Пайдоиши шохаҳои гуногуни математика яке аз муваффақиятҳои бузурги ин илм дар асри XX буд. Пайдо гардидани барномасозии хаттӣ ҳамчун як қисми барномасозии математикӣ,барои ба миён омадану истифодаи занҷири зерин сабаб гашт:

Масъалаи амалӣ →моделиматематикӣ →усули ҳалли масъала →алгоритм→барнома→татбиқ дар компютер.

Агар ба занҷири пешниҳодгардида назар афканем, он гоҳ ба осонӣ пайхас кардан мумкин аст, ки дар он марҳилаҳои ҳалли масъала тавассути компютер инъикос ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, усулҳои барномасозии хаттӣ аз дигар усулҳо бо он фарқ мекунанд, ки онҳо бештар дар амалия татбиқ ёфта, дар таъминоти математикӣ ва барномавии компютер дохиланд. Бо ибораи дигар, дар барномасозии хаттӣ синтези математика ва технологияи компютерӣ барои ҳалли масъалаҳои экстремалии иқтисодӣ ва техникӣ ба амал бароварда шудааст.Доир ба усулҳои ҳалли масъалаҳои гуногуни экстремалӣ аз [5,6,7] мавод дастрас кардан мумкин аст. Дар рушди назария ва амалияи масъалаҳои экстремалӣ, хусусан барномасозии хаттӣ ҳиссаи олими амрикоӣ Ҷ. Дансик ва олими советӣ, академик Л.В. Канторович хеле калон аст [8,9]. Масъалаи (1) модели математикии масъалаҳои барномасозии хаттӣ шуда метавонад, агар функсияҳои $f(x)$ ва $g_i(x), i=1,2,...,m$ хаттӣ бошанд. Вобаста ба ин функсияҳо дар (1) шохаҳои дигари барномасозии математикӣ пайдо мешаванду онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо менамоянд.

Агар ақаллан яке аз функсияҳои $f(x)$ ё $g_i(x), i=1,2,...,m$ ғайрихаттӣ бошанд, он гоҳ масъалаи соҳаи дигар – *барномасозии ғайрихаттӣ* ҳосил мешавад.

Дар байни масъалаҳои барномасозии ғайрихаттӣ, масъалаҳои *барномасозии барҷаста* нисбатан бештар омӯхта шудаанд. Ин гурӯҳи масъалаҳое мебошанд, ки дар онҳо минимум ё максимуми функсияи барҷаста дар соҳаи барҷаста ёфта мешавад.

Дар байни масъалаҳои барномасозии барҷаста, боз масъалаҳои *барномасозии квадратӣ* нисбатан амиқтар омӯхта шудаанд. Масъалаҳои барномасозии квадратӣ бошанд, ёфтани максимум ё минимуми функсияҳои квадратиро талаб мекунанд, ки тағйирёбандаҳои онҳо системаи нобаробариҳо ё баробариҳои хаттиро қаноат мекунонанд. Масъалаҳои барномасозии *бутуни ададӣ, параметрӣ ва касрӣ-хаттӣ* синфҳои алоҳидаи масъалаҳои барномасозии математикиро ташкил медиҳанд.

Дар масъалаҳои *барномасозии бутуни ададӣ* тағйирёбандаҳо фақат қимати ададии бутунро қабул мекунанд.Дар масъалаҳои *барномасозии параметрӣ* функсияи мақсад ё функсияҳое, ки соҳаи тағйирёбандаҳоро муайян месозанд ва ё ҳудуди онҳо аз ягон параметр вобаста аст. Дар масъалаҳои *барномасозии касри-хатӣ* функсияи мақсад касреро ифода мекунад, ки сурату махраҷаш функсияҳои хаттианд. Соҳаи тағйирёбандаҳо низ функсияҳои хаттӣ мешаванд.Агар дар функсияи мақсад ё функсияҳое, ки соҳаи қиматҳои тағйирёбандаҳоро дарбар мегирад, бузургиҳои эхтимолӣ бошанд, пас ин гуна масъалаҳо ба гурӯҳи масъалаҳои *барномасозии стохастикӣ* дохиланд.

Масъалаҳое, ки раванди ҳаллашон бисёрмарҳила аст, ба гурӯҳи масъалаҳои *барномасозии динамикӣ* дохил мешаванд. Дар масъалаҳои динамикӣ тағйирёбандаҳо аз вақт вобастаанд. Агар объекти таҳқиқшаванда аз вақт бефосила вобаста бошад, он гоҳ модели математикии он ба гурӯҳи масъалаҳои *идоракунии оптималӣ* мансуб мегардад. Ҳамин тариқ, масъалаҳои экстремалӣ ба ду гурӯҳ: статикӣ ва динамикӣ ҷудо мешаванд. Масъалаҳои динамикӣ, дар навбати худ, ду намуданд (ду гурӯҳанд): дискретӣ ва бефосила. Масъалаҳои статикӣ аз вақт вобаста набуда, масъалаҳои динамикӣ аз вақт вобастаанд. Масъалаҳои динамикии дискретӣ аз вақт бо тарзи дискретӣ ва масъалаҳои бефосила аз вақт бо тарзи бефосила вобастаанд. Гуфтан мумкин аст, ки масъалаҳои статикӣ ҳолати хусусии масъалаҳои динамикӣ дар як лаҳзаи вақт мебошанд.

Масъалаҳои нисбатан маъмули барномасозии хаттӣ, ки дар мактабҳои олӣ омӯхта мешаванд, ин масъалаи истеҳсолот (масъалаи банақшагирии оптималии истеҳсолот), масъалаи диет, масъалаи нақлиёт,масъалаи оптималикунонии тақсимоти нуриҳои минералӣ дар растанипарварӣ, масъалаи оптималикунонии нақшаи истеҳсоли хӯроки чорво, масъала дар бораи истифодаи оптималии майдонҳои кишт ва дигар масъалаҳои амалӣ мебошанд. Масъалаи истеҳсолот яке аз аввалин масъалаҳои экстремалии амалӣ дар барномасозии хаттӣ мебошад. Он масъалаи асосии (базавии) барномасозии хаттӣ ба шумор меравад. Гузориши он дар шакли умумӣ чунин аст: *корхонае якчанд намуд маҳсулот истеҳсол менамояд. Дар корхона намуди гуногуни ашёи хом истифода мешавад, маълум аст: даромад аз фурӯши воҳиди ҳар намуд маҳсулот; харҷи ҳар як намуди ашёи хом барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот; захираи ҳар як намуд ашёи хом. Ёфтани нақшаи истеҳсолӣ талаб карда мешавад, ки даромади корхона максималӣ буда, сарфи ҳар як намуди ашёи хом аз захираҳои мавҷуда зиёд набошад.*

Модели математикии масъалаи истеҳсолот намуди зеринро дорад:

$$\sum_{j=1}^{n} c_j x_j \to \max \qquad (1.1)$$

$$\sum_{j=1}^{n} a_{ij} x_j \le b_i \quad i = 1,2,3,...m \qquad (2.1)$$

$$x_j \ge 0, j = 1,2,\cdots,n \ (3.1)$$

Дар ин ҷо $n$ – миқдори намуди маҳсулоте, ки корхона истеҳсол менамояд; $m$ – миқдори намуди ашёи хом, ки корхона барои истеҳсоли маҳсулот истифода мебарад; $c_j$ – даромад аз фурӯши воҳиди маҳсулоти намуди $j$; $a_{ij}$ – миқдори воҳиди ашёи хоми намуди $i$, ки барои истеҳсоли воҳиди маҳсулоти намуди $j$ лозим мешавад; $b_i$ – захираҳои ашёи хоми намуди $i$. $x_1, x_2, x_3,,, x_n$ - элементҳои номаълуми масъала, яъне нақшаи истеҳсолӣ; $x_j$ – миқдори маҳсулоти намуди $j$, ки ба нақша даровarда шудааст; $c_j x_j$ – даромад аз

фурӯши маҳсулоти намуди $j$. Масъалаи истеҳсолот (1.1) – (3.1) - ро дар дигар шаклҳо аз ҷумла, дар шакли векторӣ-матритсавӣ ифода кардан мумкин аст.

Барои ҳалли масъалаи истеҳсолот усулҳои гуногун кор карда баровардан дар шакли барномаҳои алоҳида дар компютер татбиқ шудааст. Ин намуд масъалаҳоро бо ёрии ҷадвалҳои электронӣ низ ҳал кардан мумкин аст.

Масъалаи диет, ки дар раванди дарсҳои сикли моделсозӣ бештар истифода мешавад, шакли зеринро дорад:

$$\sum_{j=1}^{n} c_j x_j \to \min \qquad (1.2)$$

$$\sum_{j=1}^{n} a_{ij} x_j \ge b_i \quad i = 1,2,3,...m \qquad (2.2)$$

$$x_j \ge 0, j = 1,2,\cdots,n \ (3.2)$$

Тағйирёбандаҳо, функсияи мақсад, маҳдудиятҳо ва дигар элементҳои масъалаи (1.2) – (3.2) бо тарзи анъанавӣ [5, 6] аз рӯйи шарти масъала шарҳу эзоҳ дода мешавад. Технологияи ҳалли масъала тавассути компютер дар адабиёти гуногун, аз ҷумла дар [10] пешниҳод шудааст. Масъалаи (1.2) – (3.2)-ро бо осонӣ ба намуди (1.1) – (3.1) овардан мумкин аст. Масъалаи дигари барномасозии хаттӣ ин масъалаи нақлиёт мебошад. Масъалаи нақлиёт қисми зиёди масъалаҳои амалии барномасозии математикиро ташкил медиҳад. Барои ҳалли масъалаи нақлиёт бо дарназардошти хусусиятҳои хосаш усулҳои махсус кор карда шудаанд ва онҳо низ татбиқи худро дар компютер ёфтаанд. Мо аз масъалаи истеҳсолот, диет, нақлиёт ва ғайра барои он ёдовар шудем, ки онҳоро дар «Барномасозии математикӣ», «Моделсозии математикӣ», «Усулҳои математикӣ дар иқтисодиёт», «Моделсозии системаҳо», «Информатика», «Технологияи информатсионӣ» ва дигар фанҳои сикли информатикаю моделсозӣ меомӯзанд. Ин масъалаҳо марҳилаҳои ҳалли масъала бо ёрии компютер: гузориши масъала, сохтани модели он, технологияи ҳалли масъала бо ёрии компютер (марҳилаи дохилкунии қиматҳо ва гирифтани натиҷа)-ро аз ҳама хубтару бештар намоиш медиҳанд. Дар ҳолати зарурӣ аз усули ҳал ва алгоритми он низ ёдовар шудан мумкин аст. Дар ҳалли масъалаҳои мутазаккира аз ҷадвалҳои электронӣ истифода мебаранд, ки он дастраси донишҷӯёну дигар толибилмонанд. Имконияти ҷадвалҳои электронӣ барои ҳалли масъалаҳои экстремалӣ торафт васеъ шуда истодааст. Масалан, дар ҷадвали электронии Excelимконияти ҳалли масъалаҳои экстремалии хаттӣ, масъалаҳои ғайрихаттии суфта ва масъалаҳои ғайрисуфта мавҷуд аст. Барои ҳалли ин масъалаҳо мувофиқан усули симплексӣ, усули ғайрихаттии умумии паст кардани градиент (ОПГ) ва усули эволютсионии ҷустуҷӯи ҳал пешниҳод шудааст. Боз дигар усулҳои ҳал бо алгоритму барномаҳои компютерӣ мавҷуданд, ки барои ҳалли масъалаҳоибарномасозии хаттӣ пешбинӣ шудаанд.

Математика бефосила инкишоф ёфта, дар он самтҳои гуногун пайдо шуда истодаанд. Ин самтҳо ба талаботи дохилии математика ва фаъолияти инсоният дар соҳаҳои гуногун вобастаанд. Чи тавре ки болотар иброз намуда будем, инкишофи босуръати техника ва технологияи компютерӣ низ сабаби пайдоиши самтҳои нави математика гардидааст. Техника ва технологияҳои компютерии ҳозиразамон математиконро маҷбур месозад, ки ба соҳаҳои нави математикаи амалӣ диққат дода, назарияи математикиро аз лиҳози конструктивӣ мукаммал намоянд. Доир баметодҳои конструктивии ҳалли масъалаҳои экстремалӣ аз [6] ва амсоли онҳо мавод дастрас намудан мумкин аст. Дар байни самтҳои нави математика, ки баъди барномасозии математикӣ пайдо гардидаанд, назарияи идоракунии оптималӣ ва назарияи бозиҳои дифференсиалиро қайд кардан лозим аст. Пайдоиши ин самтҳои нав низ ба масъалаҳои экстремалӣ вобастагӣ доранд. Масалан, мафҳуми «бозӣ»-ро ҳамчун масъалаи экстремалӣ профессор Габасов Р. чунин таъриф додааст: «*Масъалаҳои экстремалӣ бозӣ номида мешаванд, агар дар онҳо манфиатҳои бо ҳам мувофиқнаояндаи якчанд иштирокчӣ (бозингарон) ба назар гирифта шаванд*» [4]. Назарияи бозиҳои дифференсионалӣ рафтори оптималии бозингаронро таҳқиқ мекунад.

Агар ба ҳисобкуниҳои вариатсионӣ (ҳамчун масъалаҳои экстремалӣ) олимони машҳур: Х. Гюгенс, К.Ф. Гаусс, А.М. Лежандр, П.Г. Дирихле, Б. Риман, У.Р. Гамилтон, К.Г. Якоби, К.Т. Вейерштрасс, Д. Гилберт машғул шуда бошанд, пас дар соҳаи назарияи идоракунии оптималӣ ва назарияи бозиҳои дифференсиалӣ хизмати олимон: Л.С. Понтрягин, В.Г. Болтянский, Р.В. Гамкрелидзе, Е.Ф. Мишенко, Н.Н. Крассовский, А.Б. Куржанский, Ю.С. Осипов, А.И. Субботин ва дигарон хеле калон аст. Ҳангоми омӯзиши

таърихи масъалаҳои экстремалӣба дастовардҳои олимони мутазаккира такя кардан зарур аст.

Дар Ҷумҳурии Белорус низ мактаби математикии муқтадире фаъолият дорад, ки онро дорандаи Ҷоизаи давлатии СССР, академик Е.А. Барбашин ташкил карда буд. Дар базаи Донишгоҳи давлатии Белорус ва донишкадаи математикаи АИ Белорус бо роҳбарии профессорон Габасов Р. ва Кириллова Ф.М. ин мактаб ҳоло ҳам амал намуда, оид ба барномасозии математикӣ ва назарияи сифатию конструктивии идоракунии оптималӣ тадқиқот бурда мешавад. Усули адаптивӣ ё худ методи адаптивӣ, ки асосгузори он профессорон Габасов Р. ва Кириллова Ф. М. мебошанд, ин мактаби математикиро дар ҷаҳон машҳур намудааст. Оид ба корҳои олимони Белорус аз [5-7] ва дигар асарҳои онҳо мавод дастрас намудан мумкин аст.

Назарияи масъалаҳои экстремалӣ дар замони мо низ тараққӣ карда истодааст. Тараққиёти назарияи масъалаҳои экстремалӣ дар асрҳои XIX-XX ва ибтидои асри XXI таърихи худро дорад, ки маводи зиёдеро дар бар мегирад. Омӯзиши таърихи пайдоиш ва инкишофи назарияи масъалаҳои экстремалӣ ва мавқеи он дар пайдоишу рушди илмҳои дигар то чи андоза ба талаботи амалӣ вобаста будани ин гуна масъалаҳоро нишон медиҳад. Ба замми ин омӯзиши таърихи масъалаҳои экстремалӣ нишон медиҳанд, ки маҳз масъалаҳои экстремалӣ сабаби пайдоиши самтҳою шохаҳои нави илмӣ гардидаанд. Аз ин лиҳоз, таърихи масъалаҳои экстремалӣ дар таълими фанҳои сикли информатикаю моделсозӣ ва таърихи математикамавқеи хоссаро ишғол менамоянд.

### АДАБИЁТ


1. Васильев Ф.П. Численные методы решения экстремальных задач / Ф.П. Васильев. -М.: Наука, 1988. -548 с.
2. Цирикин Ю.Б. Карфаген и его культура / Ю.Б. Цирикин. -М.: Наука, 1986. -287 с.- (Культура народов Востока).
3. Кеплер Иоганн. Новая стереометрия винных бочек / Р. Габасов; перевод и предисловие Г.Н. Свешникова, вступительная статья М.Я. Выгодского. -М.-Л.: ГТТИ, 1935. - 360 с.
4. Габасов Р.Ф. Экстремальные задачи в современной науке и приложениях / Р.Ф. Габасов // Математика. Соросовский образовательный журнал. - 1997. -№6. -С.115-120.
5. Габасов Р. Методы линейного программирования / Р. Габасов, Ф.М. Кириллова. -Минск: Изд. - во БГУ. Часть 1. Общие задачи, 1977. - 176 с.; часть 2. Транспортные задачи, 1978. -240 с.; часть 3. Специальные задачи, 1980. - 368 с.
6. Конструктивные методы оптимизации / Р. Габасов, Ф.М. Кириллова [и др.]. -Минск: Изд-во БГУ, 1984-1998. - Ч.1-5.
7. Габасов Р. Методы оптимизации / Р. Габасов, Ф.М. Кириллова. -Минск: Изд-во БГУ, 1981.
8. Данциг Дж. Линейное программирование, его применения и обобщения / Дж. Данциг. -М.: Прогресс, 1966.
9. Канторович Л.В. Математические методы организации и планирования производства / Л.В. Канторович. - Ленинград, 1939.
10. Абдурахимов А.О. Использование электронной таблицы в решении задач о диете / А.О. Абдурахимов // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. - 2013. -№1(25). -С.14-19.


### ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ МАСЪАЛАҲОИ ЭКСТРЕМАЛӢ


Мақола ба омӯзиши таърихи масъалаҳои экстремалӣ бахшида шудааст. Масъалаҳои экстремалӣ на танҳо дар математика, балки дар механика, физика, иқтисодиёт, техника ва дигар соҳаҳои илм мавқеи калидиро касб кардаанд. Онҳо дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо дар ягон шакл дучор меоянд. Ба масъалаҳои экстремалӣ дар курси математикаи мактабӣ вомехӯрем. Ин гуна масъалаҳо дар донишгоҳу донишкадаҳо то андозае фанҳои сикли математикаю информатика ва моделсозиро фаро гирифтаанд. Барои фаҳмидани мавқеимасъалаҳои экстремалӣ дар илми муосир ва омӯзишу татбиқи онҳо, шиносоӣ ба таърихи пайдоиш ва инкишофи ин гуна масъалаҳо аҳамияти хоса дорад. Дар мақола оид баин мавзӯъ маводи таърихӣ аз замонҳои қадим то замони мо пешниҳод шудааст. Вобаста ба ин пайдоиши баъзе шохаҳои нави математика баррасӣ шудаанд. Омӯзиши таърихи масъалаҳои экстремалӣ дардарсҳои барномасозии математикӣ, моделсозии математикӣ, усулҳои математикӣ дар иқтисодиёт, моделсозии системаҳо, информатика, технологияи информатсионӣ, таърихи математика ва дигар фанҳои сикли математикаю информатика ва моделсозӣ тавсия дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** масъалаҳои экстремалӣ, максимум, минимум, экстремум, амсила, усули симплексӣ, усули адаптивӣ, барномасозӣ, хаттӣ, ғайрихаттӣ,дискретӣ, бефосила, информатика, амсиласозӣ, таърих, математика.


### ИЗУЧЕНИЕИСТОРИИ ЭКСТРЕМАЛЬНЫХ ЗАДАЧ


Статья посвящена изучению истории экстремальных задач. Экстремальные задачи занимают ключевое место не только в математике, но и в механике, физике, экономике, технике и других научных направлениях. Они встречаются в нашейповседневной жизни. С экстремальными задачами встречаемся в школьном курсе математики. Такие задачи отражаются в университетских и институтскихпрограммах предметов цикла математики, информатики и моделирования. Для того чтобы понять место экстремальных задач в современной науке, значение изучения и применения важно обратить особое внимание на их возникновение и развитие. Здесь предлагаются исторические материалы на эту тему с античных времен до наших дней. В связи с этим рассматривается появление некоторые новых направлений в математике. Изучение истории экстремальных задач рекомендуется на занятиях по математическому программированию, математическому моделированию, математическим методам в

экономике, моделированию системы, информатике, информационной технологии, истории математики и других предметов цикла математики, информатики и моделирования.

**Ключевые слова:** экстремальные задачи, максимум, минимум, экстремум, модель, симплекс-метод, адаптивный метод, программирование, линейный, нелинейный, дискретный, непрерывный, информатика, моделирование, история, математика.

**THE STUDY OF THE HISTORY OF EXTREMAL PROBLEMS**

The article is devoted to the study of the history of extremal problems. Extremal problems takes a key place not only in mathematics, but also in mechanics, physics, economics, engineering and other scientific fields. They are found in our daily life. We meet with extremal problems in the school course of mathematics. Such tasks are reflected in University and College programs of subjects of the cycle of mathematics, Informatics and modeling. In order to understand the place of extreme problems in modern science, the importance of studying and applying it is important to pay special attention to their origin and development. It offers historical materials on the subject from ancient times to the present day. In this regard, we consider the emergence of some new areas in mathematics. The study of the history of extremal problems is recommended in classes on mathematical programming, mathematical modeling, mathematical methods in Economics, system modeling, computer science, information technology, history of mathematics and other subjects of the cycle of mathematics, computer science and modeling.

**Key words:** extremal problems, maximum, minimum, extremum, model, simplex method, adaptive method, programming, linear, nonlinear, discrete, continuous, computer science, modeling, history, mathematics.

**Сведения об авторе:** ***Абдурахимов Алимурод Одинаевич*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат физико-математических наук, доцент кафедры автоматизированных систем обработки информации и управления. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67. Телефон: **(+992) 988-59-10-27**. E-mail: **alimurod60@mail.ru**

**Information about the author:** ***Abdurahimov Alimurod Odinayevich*** **-** Nosir Khusrav Bokhtar State University, Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor of the Department of Automated Information Processing Systems and Management. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini 67 street. Phone**: (+992) 988-59-10-27.** E-mail: **alimurod60@mail.ru**

**УДК:372.882 (575.3)**

# ТАШАККУЛЁБИИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ДАВЛАТИ СОМОНИЁН

***Гулрӯи Сӯҳроб***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-декабри соли 2017, қайд гардидааст: “Ҷавонони мо дар ҳар ҷое ки бошанд, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошанд, бо ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллати хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи он ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошад”[6,с.27]. Аз ин рӯ, дар насли наврасу ҷавонон ташаккул додани худшиносии миллӣ масъали муҳимми иҷтимоӣ-педагогӣ буда, дар айни замон ба қатори масъалаҳои муҳимми замони соҳибистиқлолӣ ва сохтмони ҷамъияти шаҳрвандӣ мансуб аст. Мазмуни мафҳуми худшиносии миллиро, ҳисси баланди миллатдӯстӣ, ифтихори миллию ватандорӣ, донистани таърихи пайдоишу ташаккули миллати тоҷик, ҳисси бепоён ба забони модарӣ, тамаддуни миллати тоҷик қадр кардани онҳое, ки баҳри озодию истиқлолияти Ватан ҷонбозиҳо кардаанд, донистани арзишҳои соҳибистиқлолӣ, сулҳу ваҳдат, рамзҳои давлатӣ ва ғайра ташкил медиҳад.

Дар хонандагону ҷавонон ташаккул додани сифатҳои номбаршуда вазифаи муҳимми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва ҳар як омӯзгор мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеаи мамлакат аз 4-июни соли 2013 изҳор доштанд: “Дар замони ҷаҳонишавии босуръат, мо амнияти давлат ва ҷомеа, ваҳдати миллӣ, зиндагии орому осуда ва устувории пояҳои давлатдории миллатамонро ҳамон вақт пурра таъмин карда метавонем, ки барои баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва худогоҳиву худшиносии миллӣ пайваста саъю талош варзем… мо вазифадорем, ки ҳисси ифтихори миллӣ ва ватандӯстиву меҳанпарастии фарзандони худро тақвият бахшем” [7,с.47].

Аз ин суханони роҳбари давлат бармеояд, ки дар хонандагону ҷавонон ташаккул додани худшиносии миллӣ ба қатори масъалаҳои муҳимми сиёсию иҷтимоӣ шомил аст.

Дар ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиӣ нақши асосӣ мебозад. Таълими ҳар як фан дар ҳалли

масъалаҳои мазкур саҳми муайян мегузорад. Вале таълими фанни таърихи халқи тоҷик, ки давлати Сомониён яке аз бобҳои он мебошад, дар ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон нақши хосса дорад, зеро он таркиби этникии халқи тоҷикро меомӯзад.

Омӯхтани маводҳои таълимии давлатдории аҷдодони то давраи Сомониён низ дар ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон нақши муайян доранд. Дар баробари ин, омӯзиши маводҳои таълимии давлати Сосониён низ дар ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон мақоми хосса дорад ва дорои хусусиятҳои махсус мебошад.

Таърихи ташкилёбии давлати Сомониён дар синфи 7-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳаҷми панҷ соат таълим дода мешавад.

Дар ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон, дар навбати аввал, намуна ва ибрати шахсӣ будани бунёдгузори сулолаи Сомониён - Сомонхудот таъсири баланди тарбиявӣ мерасонад. Муаллим дар бораи сулолаи Сомониён ва соли 897 вафот кардани Наср ва амири давлати Сомониён гардидани Исмоили Сомонӣ ба хонандагон маълумот медиҳад. Муаллим бо истифодабарии усули суҳбат ба хонандагон мефаҳмонад, ки овозаи Исмоили Сомонӣ ва давлати пурқуввати ташкилдодаи ӯ берун аз Мовароуннаҳр паҳн гардида буд, ки ин боиси изтироби душмани онвақтаи халқи тоҷик- хилофати араб мегардад. Халифаи араб кӯшиш мекунад, ки бо кадом роҳе, ки набошад, давлати Сомониёнро суст гардонанд ва таъсири худро дар Мовароуннаҳру Хуросон зиёдтар намояд. Бо ин мақсад халифаи араб ҳокими Хуросон Амр ибни Лайси Саффориро ба ҷанги зидди Исмоили Сомонӣ бархезонид, вале мақсадаш амалӣ нагардид, зеро дар муҳорибаҳои солҳои 899-900 Исмоили Сомонӣ санъати баланди ҷангӣ нишон дода, бар лашкари Амр ғалаба кард ва соҳиби асирони зиёде шуд. Исмоили Сомонӣ ҳамаи асиронро озод намуд. Ин рафтори олиҳимматона дӯстони ӯро дар байни лашкари Амр хеле зиёд кард.

Баъди ғалаба тамоми замини давлати Саффориён ба итоати Исмоили Сосонӣ гузашт. Сабаби ғалабаи Исмоили Сомонӣ бар Амр дар он буд, ки ӯ ба оммаи халқ боварӣ дошт, косибон, ҳунармандон, деҳқонон ва ашрофонро бо аслиҳаи ҷангӣ мусаллаҳ намуда, ғалабаро ба даст овард ва ҳудуди давлаташро хело васею паҳновар намуд.

Муаллим диққати хонандагонро ба он равона месозад, ки баъди истилои арабҳо Исмоили Сомонӣ нахустин симои барҷастаи таърихиест, ки ба туфайли ғалабаҳо бар бодиянишинони ғоратгар ва ҳокими Хуросон Амри Саффорӣ давлати пурқуввати мутамаркази мустақили миллии тоҷиконро барпо намуд, ки ин ифтихор ва таваҷҷуҳи хонандагонро нисбат ба давлату давлатдории Сомониён зиёд менамояд.

Муаллим бояд дуруст дарк намояд, ки маҳз донистани ҷасорату мардонагӣ, олиҳимматӣ, ҳунарҳои давлатбарпокунию лашкаркашӣ, дипломатӣ, санъати ҷангии Исмоили Сомонӣ дар мағлуб кардани душманон, махсусан, ташкил кардани давлати пурқувват ва аз итоат кардан ба хилофати араб озод намудани халқи тоҷик дар ташаккулёбии ифтихори миллии хонандагон ҳамчун лаҳзаи асосии мафҳуми худшиносии миллӣ нақши асосӣ мебозад. Дар омӯзиши навбатӣ муаллим ба маълумоти хонандагон мерасонад, ки давлати Сосониён пурқувваттарин давлати тоҷикон буд, ки он Мовароуннаҳру Хуросон, Хоразм, Систон, Ғазна, Помири Ғарбӣ ва дигар минтақаҳоро дар бар мегирифт.

Хонандагон дар раванди дарс дар бораи давраи ҳукмронии сулолаи Сомониён дар идораи давлатӣ ба амал омадани дигаргуниҳои куллӣ; аз ҷониби Исмоили Сомонӣ дуруст фаҳмидани зарурати таъсис додани дастгоҳи давлатӣ барои идора кардани тамоми корҳои давлатӣ, донишҳои ба ташаккулёбии худшиносии миллӣ зарурбударо аз худ менамоянд.

Инчунин, ба маълумоти хонандагон расонида мешавад, ки дар пойдор гардидани давлати Сомониён сарвазирони донишманди он Абдуллоҳи Ҷайҳонӣ ва Абулфазли Балъамӣ хизмати босазое кардаанд (аз сабаби он ки дар бораи фаъолияти онҳо дар китоби дарсӣ маълумоте нест, муаллим метавонад аз дигар сарчашмаҳои таърихӣ ба таври фаровон ва самаранок истифода намоянд).

Хонандагон дар дарс таҳти роҳбарии муаллим дар бораи соҳаҳои гуногуни кишоварзии давлати Сомониён, аз ҷумла сохтани обанборҳо, кандани ҷоҳҳои зеризаминии оббарорӣ, каналҳо барои обшор кардани заминҳо ва шаҳру деҳотро бо оби нӯшокӣ таъмин намудан, чорводорӣ, ғаллакорӣ, боғу токпарварӣ, кирмакпарварӣ, занбӯриасалпарварӣ ва ғайра машғул будани аҷдодони тоҷик донишҳои заруриро аз худ менамояд.Дар ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон, махсусан донистани коркарди сарватҳои зеризаминӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар аҳди Сомониён нақши басо муҳим дорад. Барои хонандагон ҷолиб он аст, ки ҳанӯз дар асри IX-X дар аҳди Сомониён конҳои зиёде, ба мисли кони Мансур, Кӯҳи Сим, Консой, конҳои Амондара,

Киштудара, кони калони маъдани оҳан дар назди Истаравшан ва оҳангудозӣ маълум буданд, инчунин истеҳсоли шиша, маҳсулоти шишагин ва ғайра ба роҳ монда шуда буд.

Ҳанӯз дар асрҳои IX-X аҷдодони мо дар ҳудуди Мовароуннаҳру Хуросон истеҳсоли тилло, нуқра, лоҷуворд, беҷода (санги сурхранг ё зардранг), булӯри кӯҳӣ ва сангтахта, сангҳои қиматбаҳо, истеҳсоли намак, маъдани оҳану оҳангудозиро ба роҳ монда буданд, ки ин соҳа дар мамлакатҳои Ғарб ба чунин зина нарасида буд.

Муаллим дар ҷараёни дарс дар бораи шӯришҳои халқии соли 874 дар Бухоро ва гирду атрофи он, ки бар зидди забткориҳои худсаронаи Ҳусайн ибни Тоҳир ва дастаи ҷанговарони ӯ нигаронида шуда буд, шӯриши соли 875 ба муқобили Исмоили Сомонӣ, шӯриши солҳои 913-914 дар Хуросон, соли 916 аз тарафи аҳолии камбизоат ғорат кардани қасри амир, шӯриши соли 930 бо сарварии Абӯбакри нонвой ва роҳбари қарматиҳои Хуросон Ҳусайни Марвазӣ, ки барои ташаккулёбии худшиносии миллӣ хонандагон хеле зарурӣ мебошад, маълумот медиҳад.

Барои ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон донистани ҳаракати қарматия ва ғояҳои он хеле диққатҷалбкунанда мебошад. Дар бораи ҳаракати қарматия ба хонандагон додани маълумоти зерин аҳамиятнок аст: дар асри X дар Хуросону Мовароуннҳр паҳн гардидани карматия, қувваи асосии қарматиҳоро ташкил додани кишоварзону қабилаҳои бодиянишин, ки бар зидди зулми феодалҳо мубориза мебурданд; карматиҳо моликияти хусусӣ будани заминро рад карданд; умумӣ гардонидани моликият ва баробарии иҷтимоӣ; тақсими баробари воситаҳои истеҳсолот ҳамчун мақсади асосӣ; дохил гардидани ашрофон ва феодалон ба ҳаракати қарматиҳо бо мақсади ба муқобили ҳукумати марказӣ истифода бурдани аъзоёни ин ҳаракат; соли 907 аз тарафи ҷанговарони Сомониён торумор гардидани Аҳмад Нахшабӣ ва ба баъзе комёбиҳо ноил гардидани онҳо ва ба ин ҳаракат ҷалб гардидани амир Насри II; бо фармони Нӯҳ айбдор кардану ба дор овехтани Нахшабӣ ва ҳамчун таълимоти махфӣ амал кардани қарматия ва ба он дохил гардидани шахсони муътабари соҳаи илму адабиёт, ба монанди Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯали ибни Сино, Носири Хусрав ва дигарон. Ин шахсони намоён ҷонибдори таълимоти қарматия буданд, чунки он ба муқобили зулму истисмори замони феодалӣ нигаронида шуда буд, ки ин ҳама ба ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон таъсири баланди тарбиявӣ мерасонад. Халқи тоҷик аз ҳамин халқҳое, ки онҳо дар водиҳои Зарафшон, Истаравшан, Қашқадарё, Фарғонаи Ҷанубӣ Тоҷикистону Ӯзбекистони имрӯза, водии Мурғоб ва дигар водию ноҳияҳо зиндагӣ ба сар мебурданд. Хонандагон акнун медонанд, ки ҳар кадоми ин ноҳияҳо лаҳҷаи алоҳидаи худро доштанд, ки дар баъзе ноҳияҳо то ҳол истифода мешавад. Онҳо ба воситаи робитаҳои гуногун бо тарзи зиндагӣ, фарҳанг, анъана ва расму оинҳои ҳамдигар наздик буданд. Халқҳои зикршуда, асосан, аз мардуми муқимӣ ва бодиянишин буда, қариб бо ҳам ҳамзабону ҳамфарҳанг буданд.

Муаллим метавонад суханони устод Садриддин Айниро истифода барад, ки гуфтааст: "Он халқҳое, ки баъд аз исломият "тоҷик" ва забонашонро "ориёнӣ", ё ин ки "тоҷикӣ" намуданд, кӣ буданд? Инҳо ҳамон халқҳои Осиёи Марказӣ ва Хуросон буданд, ки чандин аср пеш дар ин сарзамин ба таври муқимӣ дар шаҳрҳо ва деҳаҳо зиндагӣ карда, ба зироат ва касбҳои дастӣ умрашонро мегузарониданд" [5,с.70].

Яке аз омилҳои муҳимми ташаккулёбии худшиносии миллии халқи тоҷик мақоми давлатӣ гирифтани забони форсӣ-тоҷикӣ мебошад. Хонандагон дар бораи ташаккули забони адабии тоҷик донишу маълумоти мукаммал мегиранд.

Аз рӯйи гуфтаи мутахассисон, забони форсӣ-тоҷикӣ ибтидои паҳншавиро дар Мовароуннаҳр аз асри VII мегирад. Аз асри X сар карда, забони форсӣ-тоҷикӣ дар Помир, Рашт ва Дарвоз паҳн гардидааст.

Барои тақвияти гуфтаҳо муаллимон метавонанд суханҳои академик Бобоҷон Ғафуровро истифода баранд, ки навиштааст: "Дар ҳамон даврае, ки ҳокимият дар Мовароуннаҳру Хуросон дар дасти Сомониён буд, ташаккули худшиносии миллии халқи тоҷик анҷом ёфт" [7,с.190].

Вале дар китоби дарсӣ омилҳои асосие, ки барои ташаккулёбии худшиносии миллии халқи тоҷик асос гузоштааст, ба таври мушаххас аниқ ва барои хонандагон фаҳмою дастрас нагардидаанд. Аз ин рӯ, муаллим бояд ба хонандагон фаҳмонад, ки ба ташаккулёбии худшиносии миллии халқи тоҷик дар замони давлатдории Сомониён чунин омилҳо асос гузоштаанд:

1. Аз байн рафтани парокандагии феодалӣ ва барпо гардидани давлати мутамаркази Сомониён бо тамоми сохторҳояш.
2. Ташаккулёбии забони адабии тоҷик ва мавқеи давлатӣ гирифтани он.
3. Ташаккули умумияти ҳудудӣ-давлатӣ халқи тоҷик дар замони Сомониён.

4. Тараққиёти иқтисодиёти маҳаллӣ–миллӣ, бозорҳои калон, савдои дохилию берунӣ.

5. Рушди илм, адабиёт, санъат дар аҳди Сомониён.

6. Барқарор гардидани робитаҳои иқтисодию дипломатии сулолаи Сомониён бо дигар давлатҳо.

Ин омилҳоро ба ҳисоб гирифта, муаллим метавонад дар раванди дарс аз методи муқоиса истифода намуда, ба хонандагон фаҳмонад, ки ба ғайр аз тоҷикон дигар халқҳо дар он асрҳо ҳамчун миллати забондору соҳибдавлат ташаккул наёфта буданд.

Донистани кӣ будани аҷдодони гузашта, ташаккули халқи тоҷик пеш аз дигар халқҳо ҳисси худшиносии миллии хонандагонро бедор менамояд.

Хонандагон дар ҷараёни дарс таҳти роҳбарии муаллим дар бораи сабабҳои таназзули давлати Сомониён ва аз байн рафтани он донишу маълумот мегиранд. Муаллимон бояд баъзе аз сабабҳои таназзули давлати Сомониёнро ба таври мушаххас ба хонандагон фаҳмонанд:

1. Заиф гардидани молия ва натиҷа надодани андози дукарата дар як сол аз заҳматкашон, ки бо фармони Нӯҳ ибни Наср ҷорӣ карда шуда буд.

2. Аз сабаби муддати дароз маош нагирифтан ба ғазаб омадани горди туркӣ ва бо сарварони рӯҳониён ва ашрофони дарбор забон як карда, роҳ сӯйи қасдро пеш гирифтани онҳо. Баъди аз салтанат ронда шудани Абдулмалики 1 (954-961) горди туркӣ тамоми корҳои давлатиро ба дасти худ мегирад. Нуфузи сардори горд ва давлатманд Алптегин ба дараҷае расида буд, ки бе рухсати онҳо амир касеро ба кор таъйин карда ва ё аз вазифа гирифта наметавонист.

3. Мамлакатро бесарусомонӣ фаро гирифт ва пайдарпай шӯришҳои мардуми заҳматкаш сар задан гирифтанд. Дар натиҷаи бесарусомонӣ дар мамлакат баъзе ҳокимон бо душманон забон як карда, силоҳҳояшонро ба муқобили халқи худ гардониданд.

4. Вазъияти душворро истифода бурда, бори аввал қабилаҳои бодиянишини турк соли 992 ба давлати Сомониён ҳуҷум карданд.

5. Баъд аз натиҷа надодани ҷидду ҷаҳди Нӯҳи 2 бисёри ҳокимон ва сарлашкарон хиёнат карда, ба тарафи Қарахониён (қабилаҳои яғмоҳо, каралукҳо) гузаштанд.

6. Набудани дурандешӣ ва ноуҳдабароии амирони давлати Сомониён, ки баъди вафоти Исмоили Сомонӣ ба сари давлат омада буданд. 23-юми октябри соли 992 Қарахониён бо сардории Насри Илоқхон ҳуҷум карда, пойтахти давлати Сомониён - Бухороро забт мекунанд. Онҳо қасри Сомониёнро ба даст даровärда, бисёр намояндагони сулолаи Сомониёнро бо ҳамроҳии Абдулмалики 2 ба ҳабс мегиранд.

Дарси навбатӣ ба рушди шаҳрҳои давлати Сомониён бахшида мешавад, ки онҳо низ ифтихори миллати тоҷик мебошад. Ба маълумоти хонандагон расонида мешавад, ки Самарқанд шаҳри калонтарини давлати Сомниён буд. Диққати хонандагонро дар он давра ба сангфарш будани кӯчаҳои шаҳр, ду ҳазор сардоба доштани худи шаҳр, бо оби дарёи Зарафшон таъмин будан, ки ба воситаи истифодабарии новаҳо, корезҳо, сардобҳо, чоҳҳо, қубурҳои сафолин ба роҳ монда шуда буд, ба худ ҷалб менамояд. Ин бунёдкорию эҷодкориҳои аҷдодон дар хонандагон ҳисси ифтихори миллиро мепарварад. Ва, инчунин, хонандагон дар бораи яке аз шаҳрҳои қадимаи тоҷикон- Хуҷанд, ки аз он роҳи тиҷорат ба Суғд ва Чоч гузашта, тоҷиконро ба Чин, Эрон ва мамлакатҳои Аврупо пайваст менамуд, дониш мегиранд. Истифодаи тавсифи шаҳри Хуҷанд аз ҷониби устод Садриддин Айнӣ хеле бамавқеъ аст, ки ӯ гуфтааст: “Ана ҳамин вазъияти табиӣ дар замонҳои қадим ҳам Хуҷандро яке аз ободтарин ва пурсарваттарини шаҳрҳои Осиёи Марказӣ гардонида буд. Бинобар ин, географҳо ва таърихнависони қадим ин шаҳрро “арӯси дунё” ё “тирози ҷаҳон” номиданд, ки зинат ва ороиши ҷаҳон гуфтан аст” [8,с.136].

Ин суханони устод Айнӣ ҳисси ифтихори миллии хонандагонро боз баландтар мегардонад.

Мавзӯи навбатӣ ба инкишофи адабиёту мусиқӣ дар аҳди Сомониён бахшида мешавад. Дар ин омӯзиш хонандагон дар бораи пешрафти адабиёти тоҷику форс дар асрҳои IX-X ва мероси адабии намояндагони барҷастаи ин давра маълумот мегиранд.

Муаллим дар охир ба хонандагон мегӯяд, ки маҳз рушди илм дар замони Сомониён шуҳрати тоҷиконро дар олам баланд бардошт, ки мо бояд аз он ифтихори баланд дошта бошем.

**АДАБИЁТ**

1. Азбука нравственного воспитания. Пособие для учителя / Под ред. И.А. Каирова и О.С. Богдановой. – 3-е изд., перераб. и доп. -М.: Просвещение, 1979. -318 с.
2. Ананьев Б.Г. Человек как предмет познания. Монография / Б.Г. Ананьев. –Л: ЛГУ, 1968. -339 с.

3. Волков, Г.Н. Этнопедагогика: Учебник для средних и высших педагогических учебных заведений / Г.Н. Волков. -М.: Педагогика, 1999. – 376 с.
4. Гербенников И.В. Ошибки родителей в создании воспитательного климата семьи и пути их устранения / И.В. Гербенников // Изучение общественного мнения о причинах педагогических ошибок в семейном воспитании и пути их преодоления. -М.: Пед.об-во РСФСР, 1979. -С.11-31.
5. Гулмадов Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол. Монография / Ф. Гулмадов. -Душанбе: Ирфон, 2014. – 299 с.
6. Қодиров Қ. Таърихи тарбия аз аҳди бостон то замони Сомониён. Монография / Қ. Қодиров. –Душанбе, 2012. – 240 с.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 2.08.2011 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7-8, мод. 8.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Санаи қабул: 28.08.2007 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017, №6. Мод.7.

## ТАШАККУЛЁБИИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ДАВЛАТИ СОМОНИЁН

Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба масъалаи худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, ки айни замон ин масъала дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад, ибрози назар кардааст. Масъалаи худогоҳию худшиносии миллӣ ҳанӯз дар замони ҳукмронии давлати Сомониён хеле мубрам буд, ҳарчанд ки бо ин ном маъруфият надошт. Вале рукнҳои худшиносии миллӣ дар замони ҳукмронии сулолаи Сомониён тарҳрезӣ гардида, дар амал татбиқи худро меёфтанд. Ин, пеш аз ҳама, далели соҳибилму соҳибтамаддун будани Сомониён мебошад. Барои хонандагон донистани он, ки дар ин асрҳо аллакай мардум дар ҳудуди Мовароуннаҳру Хуросон истеҳсоли тилло, нуқра, сангҳои қиматбаҳо, намак, мадани оҳану оҳангудозиро ба роҳ монда буданд, ки дар ин замон мамлакатҳои Ғарб ба чунин зина нарасида буданд, барои ташаккули худогоҳии миллӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Умуман, худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ ва дар ин рӯҳия тарбия намудани хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад, аз омӯзгорон талаб менамояд, ки хонандагонро дар асоси аз бар намудани донишҳои ҳамаҷониба оид ба таърихи гузаштаи давраҳои аҷдодони худ, бахусус, сулолаи Сомониён, ки асосгузори маданият, адабиёт, санъат ва давлати мустақили тоҷикон буданд, дар рӯҳияи худогоҳию худшиносии миллӣ тарбия намоянд.

**Калидвожаҳо:** худшиносии миллӣ, давлати Сомониён, хонандагон, муаллим, ташаккулёбӣ, ватандӯстӣ, худогоҳӣ, таълиму тарбия.

## ФОРМИРОВАНИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОПОЗНАНИЯ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ ГОСУДАРСТВА САМАНИДОВ

В данной статье автор выражает свою точку зрения относительно проблемы национального самосознания и самопознания, которая в данное время находится в центре внимания Хукумата Республики Таджикистан, особенно Основателя мира и национального единства, Лидера наций, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона. Проблема национального самосознания и самопознания возникла еще во времена правления государства Саманидов, хотя не была известна под этим названием. Однако основные элементы национального самопознания сформировались во времена правления государства Саманидов, найдя свое практическое подтверждение. Все это свидетельствует о высоком уровне развития науки, цивилизации в государстве Саманидов. В развитии национального самопознания учащихся важную роль могут сыграть познание и переработка полезных ископаемых, производство промышленной продукции, развитие различных видов сельхозпродукции. На национальное самопознание учащихся оказало положительное влияние знание того, что в этих веках народ на территории Мавераннахра и Хорасана уже занимался производством золота, серебра, дорогих камней, соли, имел железные рудники, выплавлял металл тогда, когда еще на Западе не был достигнут этот уровень. В целом, воспитание учащихся средних общеобразовательных учреждений в духе национального самосознания и самопознания считается неотложной и важной задачей. Она требует от учителя воспитания учащихся в духе самосознания, всестороннего развития и воспитывает в них духовные ценности на основе изучения и усвоения прошлого, жизни своих предков различных времен, особенно династии Саманидов, которые являются основателями культуры, литературы, искусства, а также самостоятельного государства таджиков. Эта проблема находит свое изложение в данной статье, которая рекомендуется для широкого круга читателей.

**Ключевые слова:** национальное самопознание, государство Саманидов, учащиеся, учитель, формирование, патриот, самосознание, обучение и воспитание.

## FORMATION OF NATIONAL SELF-KNOWLEDGE IN THE PROCESS OF STUDYING THE SAMANID STATE

In this article, the author expresses his point of view regarding the problem of national identity and self-knowledge, which is currently in the focus of attention of the Khukumat of the Republic of Tajikistan, especially the Founder of Peace and National Unity, Leader of Nations, President of the Republic of Tajikistan, esteemed Emomali Rakhmon. The problem of national identity and self-knowledge began to develop even during the rule of the Samanid state, although it was not known by this name. However, the main element of national self-knowledge was formed during the rule of the Samanid state, finding its practical confirmation. All this testifies to the high level of development of science, civilization in the Samanid state. Cognition and processing of minerals, industrial production, and the development of various types of agricultural products can play an important role in the development of students' national self-knowledge. In the national self-knowledge of the students, the knowledge that in these centuries the people in Movarounnahr and Khurasan were engaged in the production of gold, silver, precious stones, salt, had iron mines, alloyed metal, while still in the West did not reach this level, had a positive influence. In general, educating students of secondary general education institutions in the

spirit of national self-awareness and self-knowledge is considered an urgent and important task. It requires teachers to educate students in the spirit of self-awareness, comprehensive development, and cultivates spiritual values in them based on the study and assimilation of the past, the lives of their ancestors of various times, especially the Samanid dynasties, who were the founders of culture, literature and art and were independent Tajiks. This problem is presented in this article, is widely available and is recommended for a wide range of readers.

**Key words:** National self-knowledge, Samanid state, students, teacher, formation, patriot, self-awareness, training and education.

**Сведения об авторе**: ***Гулруи Сухроб*** - Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, докторант Ph.D. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица. С. Сафаров 16. E-mail*:* **gulrui.suhrob92@mail.ru**. Phone **(+992) 988-48-80-28**

**Information about the author:** ***Gulrui Suhrob*** – Kulob State University named after Abuabdulloch Rudaki, doctora student PhD. **Address:** 734065, Republic of Tajikistan, Kulob S. Safarov 16. E-mail: **gulrui.suhrob92@mail.ru**. Phone **(+992) 988-48-80-28**

**УДК 37.032**

# ҶАНБАИ ЛИНГВИСТӢ-КИШВАРШИНОСИИ ҲАМГИРОИИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИННИ КАЛОНИ МАКТАБӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

***Қурбонова Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷомеаи пешраванда аҳамияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан забонҳои русӣ ва англисӣ рӯз аз рӯз меафзояд. Дар баробари ин, талабот ба азхудкунии дониши забонӣ, ҳамчун воситаи муошират дар рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ низ меафзояд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳангоми таълими забони англисӣ фаъолияти маърифатдӯстии хонандагон мавқеи муҳимро касб менамояд. Табиист, ки барои омӯзиши забони англисӣ то дараҷае вақти ҷудошуда низ кофӣ нест. Масъалаи мазкур танҳо бо роҳи самаранок ташкил карда гузаронидани дарсҳои забони хориҷӣ ҳалли худро меёбад. Академик В.П. Беспалко, ки таснифи илман асоснокнардашудаи низоми илми педагогикаро доир ба ташкил ва идораи фаъолияти маърифатӣ, методикаи бавуҷудоварии ҷараёни педагогиро пешниҳод кардааст, менависад: «Дар роҳи ҳалли масъалаи доир ба ҳарчи беҳтар ташкил намудани раванди таълим бештар усули пешниҳод намудани дониши нав дар рафти фаъолияти маърифатии хонандагон манфиати махсус дорад. Чунин воситаи пешниҳоди донишро методи таълим меноманд (шаклҳои созмондиҳии таълим ва шаклҳои таъсис додани омӯзиш дида баромада мешавад)» [2,с.126]. Яъне, мувофиқи ақидаи ин олим, ҳангоми таълим омили асосӣ на танҳо сифати дониш, балки инчунин усули ба хонандагон пешниҳод намудани маводи таълимӣ низ муҳим мебошад.

Дар ин ҳолат истифодаи танҳо методҳои анъанавӣ на ҳама вақт метавонад ба натиҷаи дилхоҳ оварда расонад. Дар ин сурат завқи забономӯзии хонандагон коҳиш меёбад. Аз ин лиҳоз, ба ақидаи муаллиф, истифодаи усули ҳамгироии таълим, яъне ҳам тарзи навишт ва ҳам нутқи хонандагон метавонад таъсири мусбат расонад.

Ба гуногунрангии фикрҳо нисбат ба муайян кардани усули ҳамгироии таълим нигоҳ накарда, бештари олимон чунин ақида доранд, ки вазифаи асосии усули ҳамгироӣ ташкили рушди ҳаматарфаи шахсияти хонанда аст, ки мувофиқи ҳадафҳои дар боло зикршуда амалӣ карда мешавад. Ин нуқтаи назар дар барномаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои забонҳои хориҷӣ низ зикр карда шудааст. Бо истифода аз усули ҳамгироии таълим дар синфҳои болоӣ, ки забони англисӣ яке аз фанҳои асосӣ ба шумор намеравад, шавқу завқи хонандагонро метавон нисбат ба ин фан зиёд намуд. Яке аз ҷанбаҳои асосие, ки ҳангоми истифодаи усули ҳамгирои таълим бояд мадди назар қарор гирад, ин истифодаи маводҳое мебошад, ки хусусияти лингвистӣ- кишваршиносӣ доранд. Аз сабаби он ки мақолаи мазкур ба масъалаҳои истифодабарии маводи ҷанбаи лингвистӣ-кишваршиносӣ ҳангоми усули ҳамгирои таълим бахшида шудааст, қабл аз ҳама, худи мафҳумҳои «кишваршиносӣ» ва «лингвистӣ-кишваршиносӣ»-ро равшан бояд баён кард.

Кишваршиносӣ барои таълими забонҳои хориҷӣ илми наздик аст, ки қонуниятҳои умумии рушди давлат ё минтақаҳои бузургро меомӯзад. Кишваршиносӣ доир ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии миллате, ки забонашон омӯхта мешавад, таърихи онҳо, ҷуғрофияи ҷумҳуриашон, урфу одат ва сарвати маънавиашон, қонунҳояшон, доир ба расму оинҳои

хосси он миллату он забон маълумот медиҳад [1,с.294]. Маводи гуногун доир ба ягон давлат, ки дар рафти омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз худ карда мешавад, кишваршиносӣ ном бурда мешавад. Дар мамлакатҳои гуногун фанни забони хориҷӣ ба таври мухталиф ном бурда мешавад: дар Англия истилоҳи «lingua cultural studies» - «таҳқиқоти лингвистӣ - фарҳангӣ» истифода бурда мешавад; дар ИМА курси «забон ва ҳудуд» (language and area); дар Фаронса - «забон ва тамаддун» (langueetcivilisation) ва дар Олмон «kulturkunde» - фарҳангшиносӣ.

Мафҳуми лингвистӣ -кишваршиносӣ (аз кал. lingua – забон + кишваршиносӣ) – омӯзиши махсуси амалӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ ва барномаи таълим ба шумор меравад. Лингвистӣ-кишваршиносӣ сараввал ҳамчун як соҳаи методика ба шумор мерафт, ки ба роҳҳои таҳқиқу шиносоии хонандагон бо қонуниятҳои давлати забонаш омӯхташаванда алоқаманд буд. Маҷмӯи масъалаҳои лингвистӣ-кишваршиносиро ду гурӯҳи масъалаҳо ташкил медиҳанд:

– забоншиносӣ (таҳлили забон бо мақсади ошкор кардани маъноҳои (семантикаи) миллӣ - фарҳангӣ);

– методӣ - усулҳоеро ҷорӣ кардан, мустаҳкам кардани воҳидҳои хосси забони омӯхташаванда, хонишҳои кишваршиносии матнҳо, машққҳои дар ин қисмат омӯхташаванда бевосита ба омӯзиши давлат низ алоқаманд ҳастанд [1,с.128].

Ҳанӯз аз даврахои қадим шиносоӣ бо фарҳанги давлати забонаш омӯхташаванда дар раванди омӯзиш яке аз масъалаҳои муҳимтарин ба шумор мерафт. Аз охири асри XIV дар тамоми дунё дар масъалаи таълими забон баробари нутқи шифоҳӣ шиносоӣ бо қонуниятҳои давлати забонаш омӯхташаванда ба роҳ монда мешавад.

Ҳангоми усули ҳамгироии таълим дар дарсҳои забони хориҷӣ истифода ва ҷорӣ намудани маводу ҷузъҳои лингвистӣ-кишваршиносӣ барои ҳавасмандгардонии хонандагон нисбат ба омӯзиши забон метавонад нақши пешбарандаро бозад. Истифодаи маводҳои хусусияти лингвистӣ-кишваршиносидошта дар дарсҳои забони хориҷӣ яке аз паҳлуҳои асосии методи ҳамгироӣ ба шумор меравад. Зеро ки ҳангоми дарс дар баробари азхудкунии забон хонанда доир ба ягон давлат низ дониши васеъ мегирад. Дар ҷараёни азхудкунии маводи нав доир ба давлати забонаш омӯхташаванда матнҳо ҷойгоҳи бештарро касб мекунанд. Донише, ки хонанда аз матнҳо мегирад, ҳамчунин аз маводи лингвистӣ- кишваршиносӣ дар бораи кишварҳои ҳамсоя ё мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон истифода мекунад, бешак доираи ҷаҳонбиниашро васеъ мекунад. Ҳамзамон метавонад донише, ки доир ба паҳлуҳои гуногуни як давлат, ҷуғрофия, соҳаҳои маориф ва фарҳанги он аз худ кардааст, бо давлати худ, бо ҳаёти воқеии мардуми худ муқоиса кунад. Қобили қайд аст, ки дониши нав ҳамеша ҳангоми муқоиса идрок карда мешавад.

Дар мавриди омӯзиши забони давлате, ки забонаш дар сатҳи байналмилалӣ қарор дорад, истифодаи маводи хусусияти лингвистӣ - кишваршиносӣ дошта комилан қобили қабул аст. Ҳамчунин, дар дарсҳои забони англисӣ ҳангоми истифодаи маводи лингвистӣ-кишваршиносӣ объекти асосии омӯзиш ин лексикаи (захираи луғавӣ) беэквивалентӣ, воситаҳои ғайришифоҳии муошират, панду ҳикматҳои забонӣ ва ибораҳои маҷозӣ (фразеология) ба шумор мераванд, ки дар дарсҳо аз нуқтаи назари инъикоси фарҳанг дар онҳо, таҷрибаи одамон, ки бо забони мазкур муошират мекунанд, дида баромада мешаванд [1,с.128].

Маводҳои лингвистӣ-кишваршиносиро бо истифода аз усули ҳамгироӣ дар дилхоҳ синфҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ метавон истифода бурд. Махсусан ҳангоми омӯзиши фанҳои география, географияи иқтисодӣ, асосҳои иқтисодиёт, географияи минтақаҳо, географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатҳои хориҷӣ, географияи материкҳо ва уқёнусҳо, силсилаи фанҳои таърих ва дигар фанҳо маъмулан барои забонҳои хориҷӣ имконияти васеътар барои маводҳои лингвистӣ-кишваршиносӣ вуҷуд меояд.

Бинобар сабаби кам ҷудо шудани соатҳои дарсӣ ва мавҷуд набудани пояи моддӣ-техникӣ дар муассисаҳои таълимӣ дарсҳои забони англисӣ, фонди луғавии хонандагон суст инкишоф меёбад. Аз ин лиҳоз, маводи лингвистӣ-кишваршиносиро мебояд вобаста ба омӯзиши фанҳои мухталиф истифода бурд, чунки фонди луғавии хонандагон ба қадри кофӣ бой шудан мегирад. Маводи лингвистӣ-кишваршиносӣ, ки дар дарсҳои забонҳои англисӣ истифода мешаванд, бояд бодиққатона аз тарафи омӯзгор интихоб шаванд. Маҳз интихоби моҳиронаи маводи дарсӣ яке аз омилҳои муҳимми омӯзиши забон ба шумор меравад. Ҳалли масъалаи мазкур ба таври зарурӣ аз қобилияту фаҳмиши омӯзгор, аз салоҳиятнокии ӯ барои ба амал баровардани маводи дарсии интихобшуда вобастагӣ дорад. Маводе, ки дар дарсҳои забони англисӣ истифода мешавад, бояд дар шаклҳои зерин пешниҳод карда шавад:

1) саҳеҳ (маҳсули нутқӣ, овозиро ифода кунанд, ки самараи ҳолатҳои воқеии муошират бошанд);

2) хосбуда (маҳсули стандартикунонидаи нутқи ҳамарӯза дар муошират такроршаванда);

3) мубрам (инъикоскунандаи марҳилаи муосири алоқамандии иҷтимоӣ-нутқии муоширацкунандагон).

Донистан зарур аст, ки аз худ кардани фарҳанги давлати забонаш омӯхташаванда бо дарназардошти принсипҳои саҳеҳу дурусти муошират, принсипи интерактивӣ, принсипи омӯзиши забон дар доираи мазмуни фарҳангӣ асоснок карда мешавад [7,с.107].

Вазифаи омӯзгор дар дарсҳо ташкил кардани вазъияти воқеие мебошад, ки дар доираи он маводи луғавӣ-грамматикии азхудкардашуда коркард шавад, ки дар натиҷа муошрати саҳеҳ бояд таъмин шавад. Табиати муоширатии нутқ маҳз дар ҳолатҳои муайяни муоширатӣ ошкор мешавад, зеро ки он муҳити атроф ва муносибати ҳамсуҳбатонро нисбат ба якдигар, нисбат ба вазъи атроф баён месозад [7,с.107].

«Воситаҳои саҳеҳи муошират (рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, буклетҳо, тақвимҳо, сабти аудиоӣ, сабти видеоӣ ва ғайра), ки доир ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти мардуми давлати забонаш омӯхташаванда хабару маълумот доранд, доир ба фарҳанги он миллату забон ҳамчунин боз маълумоти иловагиеро дар худ доранд, ки муоширатро боз ҳам саҳеҳ мегардонанд» [7,с.50].

Маводи хусусияти лингвистӣ-кишваршиносидошта дар хонанда талаботи минбаъд ба таври мустақилона васеътар шинос шудану омӯхтанро бедор месозад. Барои ҳамин, маҳз маводи лингвистӣ-кишваршиносӣ барои баланд бардоштани завқу таваҷҷуҳи хонандагон нисбат ба омӯзиши забон ҳамчун такягоҳ бояд хидмат кунад, зеро он чаҳор ҷанбаи асосиро дар худ дорад, ки забони хориҷӣ аз худ карда мешавад;

– доир ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти мардуми давлати забонаш омӯхташаванда маълумот дода мешавад;

– таълимгирандагон тарбия мегиранд;

– маълумоти доир ба давлати забонаш омӯхташаванда бо давлати худ муқоиса карда мешаванд.

Омӯзиши забони хориҷӣ ҳадафҳои гуногунро дар бар мегирад: амалӣ, тарбиявӣ, таълимӣ ва рушдёбӣ. Дар ин сурат дар раванди азхудкунии амалии забони хориҷӣ ҳадафҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва рушдёбӣ ба даст оварда мешаванд.

Муҳаққиқ К.И. Саломатов забони хориҷиро на танҳо ба сифати объекти омӯзиш, балки чун воситаи дарёфти иттилооти нав баррасӣ карда, таъкид менамояд, ки таносуби ҳадафҳои амалӣ, тарбиявӣ ва умумитаълимӣ ба самти тақвияти диққат ва ҳадафҳои умумитаълимӣ ва тарбиявӣ тағйир меёбад [11,с.17].

Табиист, ки дар як вақт аз худ кардани ҳам забон ва ҳам фарҳанги миллат ба воситаи забон як андоза раванди мушкил ба шумор меравад. Дар ин ҳолат ҳалли масъалаҳои зерин ба миён меояд:

– он ҳаҷми маводи лингвистӣ-фарҳангиеро дар доираи талаботи барномаи таълимӣ бояд ҷудо кард, ки дар соати барои дарс ҷудошуда метавон аз худ кард;

– таносуби муносиб дар байни маводҳои забониву фарҳангӣ ба роҳ монда шавад, ки ба вазифаҳои тарбиявӣ, рушддиҳанда ва маърифатии дарс мувофиқ бошанд.

Ҳамин тавр, дар дарсҳои забони англисӣ аз худ намудани ҳаҷми муайяни маводи дарсӣ бояд ба амал ояд, ки мазмуни он аҳамияти педагогӣ, фарҳангӣ, психологӣ дошта бошад. Ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ ин ҷо қисматҳои зерини нақшаи дарбаргирифтаро метавон ҷудо кард:

– маълумот доир ба фарҳанги ғайризабонӣ, воситаҳои аккултуратсия, яъне гузариш аз як фарҳанг ба фарҳанги дигар дар шароити муошрати байнифарҳангӣ;

– ташкили маҳорати таълимӣ ва муоширатӣ, дар асоси дониши азхудкардашудаи забони хориҷӣ;

– дар рафти суҳбат доштани маҳорати иштирокчии фаъол будан;

– барангехтани ангезаҳои ботинӣ - завқ, ҳавас, кӯшиш, рағбат, ки ба низоми арзишҳои шахсият равона шудаанд.

Дар вазъияти мазкур, чи хеле ки маълум аст, сухан дар бораи мутаносибии мазмуни фарҳанги ғайризабонӣ бо ҷанбаҳои таълимии забони хориҷӣ ҳамчун мақсади омӯзиш меравад:

– ҷиҳати таълимӣ - донистани забони англисӣ ҳамчун воситаи муошрати байнифардӣ, дарёфти маҳорати фаъолияти мустақилона, мукаммал гардонидани сатҳи аккултуратсия;

– ҷиҳати маърифатӣ - раванди таълими лингвистӣ- кишваршиносӣ, воситаҳои ғанӣ гардонидани дунёи маънавии хонанда, ки мутаносибан ҳангоми хониш ва гӯш кардан сурат мегирад;

– ҷиҳати рушддиҳанда – маводҳои психологии таълим. Он рушди қобилияти муоширатии хонанда, ҳолати равонӣ, маҳорати муошират кардан, сатҳи баланди ангезаҳо ва ғайраро дар назар дорад;

– ҷиҳати тарбиявӣ – мазмуни педагогии таълими забони хориҷӣ.

Ҷиҳати мазкур ба ҷанбаҳои асоситарине, ки ҷараёни тарбиявии дарсро ташкил медиҳанд, дохил мешавад. Он барои рушди арзишҳои маънавии хонанда равона гардидааст. Чи хеле ки маълум гашт, қисматҳои фаъолияти нутқӣ ва фаъолияти фарҳангӣ байни ҳам зич алоқамандӣ доранд. Аҳамияти методологии воҳиди мазкур дар он аст, ки қобилияти нутқиро наметавон ҷудо аз вазифаҳои фарҳанг аз худ кард ё баръакс.

Воҳиди забоние, ки дар он гуногунрангии фарҳанги як миллат инъикос меёбад, онҳоро наметавон ба мисли намояндагони худи ҳамон миллат дарк кард. Масалан, ҳангоми шиносоӣ бо матнҳои бадеӣ, маводҳои публитсистӣ, маҷаллаву мақолаҳо, тамошои кинофилмҳо ё гӯш кардани ягон намуд суруд ва ғайра.

Бояд қайд кард, ки таълими фонетика ва фарҳанги талаффуз дар забони англисӣ бо истифода аз сурудҳои маъмули англисӣ дар ташкили заминаи эҳсоси мусбат нисбат ба фарҳанги ин миллат мусоидат мекунад, шиддатнокиро дар талаффуз паст мекунад, нутқи диалогиву монологиро боз ҳам хубтар тақвият мебахшад. Ҳамчунин, маҳорати талаффузи овозҳоро дар нутқ хуб мегардонад. Бо ин восита талаффузи овозҳо дар аксари хонандагон ба сатҳи муносиб расонида мешавад. Ба рӯйхати воҳидҳои луғавие, ки дар худ мазмуни фарҳангӣ- миллиро доранд, дохил мешаванд:

- номгӯйи воқеиятҳо - маънои ягон намуд ашё ё рӯйдоде, ки танҳо хосси як миллат аст ва дар дигар миллатҳо дида намешавад;
- лексикаи коннотативӣ, яъне калимаҳое, ки аз рӯйи мазмуни асосиашон ба ҳам мувофиқ меоянд, аммо аз ҷиҳати пайванди фарҳангӣ- таърихӣ не;
- лексикаи қиёсӣ, ки ягон ашё ё рӯйдодро ифода мекунад, ки дар фарҳанги ду миллат ба ҳам монандӣ доранд, аммо бо ягон хусусияти фарҳангӣ таъйиноти гуногун доранд.

Дар илми лингвистӣ-кишваршиносӣ ҳамчунин фразеологизмҳо – воҳидҳои устувори забоние, ки хусусияти хосси миллӣ, фарҳангӣ, таърих, тарзи зисти анъанавии мардуми соҳибзабонро ифода мекунанд, низ аҳамияти зиёд дорад.

Интихоби воҳидҳое, ки дорои мафҳумҳои милливу фарҳангии гуногунранганд, вазифаи он қисмати лексикология ва фразеология мебошад, ки ба сифати асоси илми лингвистӣ-кишваршиносӣ хидмат карда, метавонанд лексикаи самтгиришуда ба кишваршиносӣ номида шаванд. Барои дарки боз ҳам зиёди зарурияти истифодаи маводи лингвистӣ-кишваршиносӣ ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ таснифоти воқеиятҳои забони англисиро пешниҳод мегардонем.

Барои он ки дар ҳолати муошırати воқеӣ бо дорандаи забон ин «монеаи фарҳангӣ» аз байн бурда шавад, ҳамсуҳбат бояд маълумоти замимавии кишваршиносӣ дошта бошад. Одатан, барои нафаре, ки нав омӯзиши забони кадом як миллатеро оғоз мекунад, хусусиятҳои фарҳангӣ ва унсурҳои ҳақиқии ин халқу миллат комилан норавшан аст. Дар маркази диққати шумо маълумоти иҷтимоӣ-фарҳангӣ қарор дорад, ки тобиши махсуси миллӣ дорад, махсусан дар расму оин, маросиму ҷорабиниҳои миллати забонаш омӯхташаванда ифода меёбад. Чунин намуд мукотибаҳои байнифарҳангӣ ду шахси ҳамсуҳбатро дар доираи фарҳанги якдигар ба ҳам наздик месозад. Тафовути байни фарҳанги ду миллат дар ҳаҷми зиёди маълумотҳои кишваршиносӣ баён гардидааст. Ба мақсади ташкили мубодилаи иттилоот дар барномаи дарсӣ онро бояд ворид сохт ва дар асоси он муколамаҳоро дар мавзӯъҳои гуногунранги иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳарчи зиёд метавон ташкил кард [3,с.84].

Заминаи васеи фарҳангӣ барои рушди маҳорати забониву кишваршиносии хонандагон (бо фразеологизмҳо кор карда тавонистан, ғанӣ гардонидани лексика, маҳорати фаъолияти тарҷумонӣ) ва ҳам шинос намудани забономӯзон бо ҷанбаҳои мушаххаси фарҳанги забони хориҷӣ хуб мусоидат мекунад. Ин имкон медиҳад бисёр мушкилиҳое, ки хонандагон ҳангоми тарҷумаи хаттиву шифоҳии матнҳо бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, бартараф гарданд. Дар таълими забони хориҷӣ (англисӣ) предмети омӯзишии ҷанбаи лингвистӣ-кишваршиносӣ ин маълумотҳои забонии махсус ҷудокардашуда мебошанд, ки дар худ фарҳанги давлати забонаш омӯхташаванда, луғати замимавии беэквивалент, имову ишораҳои ғайришифоҳӣ, урфу одатҳои онҳоро инъикос мекунад.

**«Воқеиятҳо»** номгӯе ҳастанд, ки танҳо хосси ягон халқу миллати муайян, мавзӯи фарҳанги моддӣ, мавҷудоти асотирӣ, исми қаҳрамонони миллат, воқеаҳои таърих мебошанд. Ба «воқеиятҳо» хос аст, ки мазмуни он аз калимаи садодиҳандааш тамоман фарқи куллӣ дошта бошад. Онҳо танҳо хосси як муҳити забонӣ ҳастанд ва дар дигар вазъу муҳит ба назар намерасанд. Масалан: шакли амрикоӣ – drugstore (дорухона) бо маънои «ошхонача» истифода мешавад/ дар забони тоҷикӣ ва русӣ муодили худро надорад; дигар шакли амрикоӣ «spongebath» пок карани бадан бо исфанҷи тар/ муодили русӣ ва тоҷикӣ вуҷуд надорад.

Дар бештари ҳолатҳо дар сатҳи забонҳои муқоисашаванда воқеиятҳо дар яке аз ин забонҳо шакли иловагӣ дошта метавонад: шакли амрикоӣ – cloverleaf (барги юнучқа), шакли русиаш клеверный лист, яъне гузариши роҳ дар шакли барги юнучқа.

Дар баъзе ҳолатҳо дар сохтори забони хориҷӣ ва забони модарӣ ифодаҳои маънои якхела бо воқеиятҳои гуногун баён мешаванд: шакли амрикоии sponge – исфанҷ / русиаш – мочалка (ҳангоми шустушӯ дар ҳаммом). Боз яке аз барҷастагии воқеиятҳо дар он аст, ки ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ чунин мафҳумҳоро ба мисоли топонимҳо ва антропонимҳоро метавон вохӯрд, ки ономастикаи (як соҳаи забоншиносӣ, ки номҳои хосро меомӯзад) забонро ба вуҷуд меоранд ва объекти илми лингвистӣ - кишваршиносӣ ба шумор меравcovered. Ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ хеле зарур аст, ки ба воҳидҳои луғавии ономастикӣ диққати хос зоҳир гардад, ба мисоли:

– топонимҳо (исмҳои географӣ) – метавонанд берун аз минтақаи як давлат маъмулу маълум бошанд, метавонанд дар тамоми забонҳои дунё таносуби куҳнашуда дошта бошанд, ки пеш аз ҳама, дар доираи география ва картография таъсир расонида мешавад;

– антропонимҳо (исми шахсии одамон: насаб, исми падар, тахаллус). Ин, пеш аз ҳама, исми кормандони давлатӣ, иҷтимоӣ ва шахсиятҳои таърихӣ мебошад.

Ҳамин хел, агар мо дар асоси методи интегралӣ дар дарсҳои забони англисӣ калимаҳои хосси ин ё он фарҳангу миллатро дар таркиби маводҳои матнӣ ворид кунем, бешубҳа ин ба дарки амиқи омӯзиши васеи забони мазкур мусоидат мекунад.

Дар айни замон таълими забони хориҷӣ, дар қатори таълими муошират (бо забонҳои хориҷӣ) ва баланд бардоштани сатҳи маданияти касбӣ, инчунин аҳамияти бузурги иҷтимоӣ-тарбиявӣ низ дорад. Дар шароити муосир дониши хуби забони хориҷӣ метавонад нишондиҳандаи омода будани насли наврас барои ҳамкорӣ дар сатҳи байналмилалӣ бошад.


**АДАБИЁТ**

1. Азимов Э.Г. Новый словарь методических терминов и понятий (теория и практика обучения языкам) / Э.Г. Азимов, А.Н. Щукин. -М.: ИКАР, 2009. -448 с.
2. Беспалько В.П. Педагогика и прогрессивные технологии обучения / В.П. Беспалько. -М.: Изд-во Института профессионального образования МО России, 1995. -336 с.
3. Канцур А.Г. Обучение иноязычной диалогической речевой деятельности будущих учителей на основе страноведческой информации / А.Г. Канцур // Вестник ПГТУ «Проблемы языкознания и педагигики». – 2008. -№1(18). -С.79-90.
4. Ладенко И.С. Интегральные системы и обучение / И.С. Ладенко. -Новосибирск: Изд-во НГУ, 1993. -154 с.
5. Левченко В.В. Интегрированный подход к профессионально-педагогической подготовке в вузе специалистов для образовательных учреждений: дис. … д-ра пед. наук / В.В. Левченко. -Самара, 2009. -516 с.
6. Низамов Р.А. Активизация учебно-познавательной деятельности студентов на основе группового взаимодействия / Р.А. Низамов. -М., 2005.
7. Никитина О.А. Формирование социокультурной и страноведческой компетенции / О.А. Никитина // Технологии обучения иностранным языкам в неязыковых вузах: сб. науч. ст. -Ульяновск: УлГТУ, 2005. -С.107-108.
8. Пассов Е.И. Основы методики обучения иностранным языкам / Е.И. Пассова. -М., 1977. – 120 с.
9. Интеграция лингвистических дисциплин: Методические аспекты / Л.В. Рацибурская [и др.] // Русский язык в школе. – 1994. -№3. -С.92-94.
10. Шаимова Г.А. Некоторые проблемы формирования иноязычной речевой компетентности будущего специалиста / Г.А. Шаимова // Молодой ученый, ежемесячный научный журнал. - 2012. -№5(40). -С.539-541.
11. Миньяр-Белоручев Р.К. Совершенствование профессиональной подготовки студентов к учебной деятельности в школе / Р.К. Миньяр-Белоручев. –М: МГПИ им. В.И. Ленина, 1985. – 220 с.


## ҶАНБАИ ЛИНГВИСТӢ-КИШВАРШИНОСИИ ҲАМГИРОИИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИННИ КАЛОНИ МАКТАБӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ


Дар мақола роҳҳо ва воситаҳои самараноки ҳамгироии фаъолияти маърифатдӯстии хонандагони синни калони мактабӣ дар дарсҳои забони англисӣ тавассути маводи лингвистӣ-кишваршиносӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Таъкид карда мешавад, ки дар шароити ҷомеаи рушдёбанда таваҷҷуҳ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан забонҳои русӣ ва англисӣ, меафзояд ва ҳамзамон, талабот ба азхудкунии ин забонҳо чун воситаи муошират ва рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ баланд бардошта мешавад. Барои омӯзиши забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, махсусан дар муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимашон бо забони тоҷикӣ, ки забони англисӣ ҳамчун фанни ҳатмӣ ба ҳисоб меравад,

мутаносибан барои омӯзиши он вақти таълимии нокифоя ҷудо карда шудааст. Ҳалли масъалаи мазкур фақат дар шароити созмондиҳии дуруст ва гузаронидани машғулиятҳо оид ба забони хориҷӣ имконпазир аст. Дар мақола ба масъалаи истифодабарии маводи ҷанбаи лингвистӣ-кишваршиносидошта таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Қабл аз ҳама худи мафҳумҳои «кишваршиносӣ» ва «лингвистӣ-кишваршиносӣ» шарҳ дода шуда, маҷмӯи масъалаҳои лингвистӣ-кишваршиносӣ муайян карда шудааст. Дар ҷараёни азхудкунии маводи нав доир ба давлати забонаш омӯхташаванда матнҳо ҷойгоҳи бештарро касб мекунанд. Донише, ки хонанда аз матнҳо мегирад, ҳамчунин аз маводи лингвистӣ- кишваршиносӣ дар бораи кишварҳои ҳамсоя ё мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон истифода мекунад, бешак доираи ҷаҳонбиниашро васеъ мекунад, ҷуғрофия, соҳаҳои маориф ва фарҳанги давлати дигарро, ки аз худ кардааст, бо давлати худ, бо ҳаёти воқеии мардуми худ муқоиса мекунад.

**Калидвожаҳо:** ҷанбаи лингвистӣ-кишваршиносӣ, фаъолияти маърифатдӯстии хонандагон, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, забони англисӣ, усули ҳамгироӣ, маводҳои хусусияти лингвистӣ-кишваршиносидошта, фарҳанги ғайризабонӣ, воҳиди забонӣ.

## ЛИНГВОСТРАНОВЕДЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИНТЕГРАЦИИ КОГНИТИВНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТАРШЕКЛАССНИКОВ НА УРОКАХ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье изучаются эффективные пути и средства интеграции когнитивной деятельности учащихся старших классов на уроках английского языка посредством лингвострановедческих материалов. Подчёркивается, что в условиях развивающегося общества в нашей стране значимость изучения иностранных языков, особенно русского и английского, возрастает, а одновременно повышается и потребность в овладении ими как средством общения и развития общественных отношений. В обучении иностранному языку в средних общеобразовательных учреждениях важную роль играет методика преподавания иностранного языка, в особенности в учреждениях с таджикским языком обучения, где иностранный язык является одной из основных дисциплин и, соответственно, на изучение его выделяется недостаточное количество учебного времени. Решить данную проблему можно только при условии умелой организации проведения занятий по иностранному языку. В статье вопросам использования лингвострановедческих материалов уделено особое внимание. Прежде всего, уточнено определения терминов «страноведение» и «лингвострановедение». Подчёркивается, что в процессе усвоения нового материала тексты занимают особое место. Полученные знания от текстов и лингвострановедческих материалов дают возможность познакомиться с соседними странами или развитыми странами мира, что бесспорно расширит мировоззрение обучающихся в сфере страноведения, поскольку они смогут сравнить сферы повседневной жизни, быта и культуры других стран со своей страной.

**Ключевые слова:** лингвострановедческий аспект, любознательная деятельность учащихся, среднее общеобразовательное учреждение, английский язык, интегрированные средства, материалы, имеющие лингвострановедческие особенности, иноязычная культура, лексические единицы.

## LINGUACULTURAL ASPECTS OF INTEGRATION IN COGNITIVE ACTIVITIES ABOUT SENIOR PUPILS AT ENGLISH LESSONS

There are learning efficacious ways and integration means of cognitive activities of senior pupils at English lessons by linguacultural materials in giving article. It is underscoring that in condition of progressive society significance of learning foreign languages, especially Russian and English are increasing in our country, at the same time growing the requirement of their grip as communication means and developing of social relations. There is the main role in teaching of foreign languages in high school establishments signify teaching methods of foreign languages, esspesialy in establishments with tajik language, where foreign languages is one of the main subjects and respectively there is allocated insufficient quantity of training hours for it's learning. Present problem may deside only by condition of able organization and realization training of foreign languages. Special heed was given to question of using linguacultural materials in present article. First of all, here was specified the meaning of terms «regional geography» and «linguaculture». It's underscoring, that texts take special point during the learning of new material. Received knowledge from texts and linguacultural materials give opportunity to acquaint about neighboring states or about progressive countries of the world, which indubitably enlarge an outlook of pupils. Inasmuch they can compare sphere of daily life, objective reality and culture of another countries with their own motherland.

**Key words:** linguacultural aspect, curious activity of pupils, high school establishments, English language, integrative means, materials with linguacultural perticularities, foreign language's culture, lexical units.

**Сведения об авторе:** ***Курбонова Фарангис*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры педагогики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: **918-59-29-67**

**Information about the author:** ***Kurbonova Farangis*** - Tajik National University, graduate student of the Department of Pedagogy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-59-29-67**

УДК:372.854(575.3)

# МЕТОДУ УСУЛҲОИ ТАШКИЛИ ОЗМОИШҲОИ ХИМИЯВӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ХИМИЯ

*Исмоилова М.*

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар раванди омӯзиши фанни кимиё яке аз талаботҳои барномаи таълимӣ ташкил, намоиш ва гузаронидани озмоишҳо ва машғулиятҳои амалӣ мебошад. Аз ин рӯ, муайян кардани мавқеъ ва мақсади намоиши таҷрибаҳо аз нигоҳи педагогию дидактикӣ аҳамияти зиёд дорад, зеро таҷрибаҳо ба донишҷӯёну хонандагон имкон медиҳанд, ки бо иловаи фарогирии маълумотҳои нав, донишҳои қаблан бадастовардаашонро мустаҳкам намоянд. Кори озмоишӣ яке аз шаклҳои таҷрибаҳои химиявӣ буда, дар таълими химия мавқеи махсусро ишғол мекунад.

Мазмун ва мақсади таҷрибаи озмоишӣ аз худ кардани дониш ва омӯзиши маводҳои нави таълимӣ мебошад. Корҳои озмоишӣ имкон медиҳанд, ки хонандагон дар доираи барномаи таълимӣ маълумоти ҳаматарафа гирифта, тавассути корҳои таҳқиқотӣ-эҷодӣ ба таҳлили ҳодисаҳои химиявӣ мароқ зоҳир намоянд. Дар заминаи корҳои озмоишӣ дар ниҳоди хонандагон маҳорат ва малакаи азхудкунии маводҳои химиявӣ ҳосил шуда, бо асбобу анҷомҳои таҷҳизотӣ шиносоӣ пайдо намуда, роҳу усулҳои самаранокро аз бар менамоянд. Тибқи талаботҳои педагогию дидактикӣ таҷрибаи озмоишӣ аз фанни кимиё ба тавri инфиродӣ ва гурӯҳӣ ташкил ва гузаронида мешаванд [2,с.4-6].

Яке аз усулҳои дигари ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои озмоишӣ ин истифодаи графопроектор мебошад. Ба воситаи графопроектор таҷрибаҳои зиёдеро гузаронидан мумкин аст, ки ба қатори онҳо: ҳалшавӣ, диффузия, таъсири металлҳо ба об, кислотаҳо, хунук кардан, кристаллизатсия, иваз кардани ранг, иваз кардани суръати реаксияи химиявӣ, катализ, ҳаракати ионҳо дар майдони электрикӣ, электролизи маҳлули обӣ, коррозияи электрохимиявии металлҳо, реаксияҳои сифатӣ бо баъзе моддаҳо ва ғайраҳо маҳсуб меёбанд [7,с.60-64].

Дар раванди омӯзиши химия аз тарафи хонандагон мустақилона гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ яке аз муҳимтарин шаклҳои судманди таълим маҳсуб меёбад ва боиси ташаккули фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва таҳқиқотии онҳо мегардад, аз ҷумла: а) муайян кардани мавзӯъҳои корҳои мустақилонаи хонандагон; б) алоқамандии кори мустақилонаи хонандагон бо намоиш додани таҷриба аз ҷониби муаллим дар рафти омӯзиши бобҳои алоҳидаи химия; в) мавқеъ ва интихоби меъёрҳои таҷрибаҳо пайваста бо нақшаҳои таҳқиқотӣ-илмӣ; г) интихоби дурусти таҷрибаҳои барномавӣ; д) муҳайё намудани шароитҳои муфид ҳангоми мустақилона иҷро кардани таҷрибаҳо аз ҷониби хонандагон.

Дар адабиёти педагогӣ оид ба масъалаҳои мустақилона гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ чунин таърифҳо мавҷуданд: «Ин (яъне кори мустақилона) чунин корест, ки хонандагон бе иштироки муаллим, вале бо супориши вай дар вақти муайян бошуурона иҷро менамоянд» [1,с.27]. Ба ақидаи педагоги рус Д.М.Кирюшкин «Кори мустақилона чунин таълимест, ки хонандагон бо супориш ва бо роҳбарии муаллим, вале бе ёрии ӯ иҷро менамоянд» [3,с.56]. Шакли дигари таҷрибаи химиявӣ машғулиятхои амалӣ мебошад, ки хонандагон ё донишҷӯён дар рафти онҳо аз ҳам фарқ кардани моддаҳои моеъ, сахт, гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ, муайян кардани моддаҳо ва таркиби онҳо, тасвири расми асбобҳои таҷҳизот, нақшаҳо, тартиб додани нақшаи ҳалли масъалаҳои таҷрибавӣ ва ғайраро аз худ менамоянд.

Машғулиятҳои амалӣ аз рӯйи формулаи гузаштташаванда ва ҳалли масъалаҳои эксперименталӣ ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд. Яке аз воситаҳои самараноки ташаккули фаъолияти таълимии хонандагон ин шиносоӣ ва аз худ намудани дастурҳои таълимию методӣ мебошад. Дастурамал бояд аз чунин қисматҳо иборат бошад:

- миқдори амалиётҳое, ки бояд иҷро шаванд;
- пайдарпай гузаронидани амалиётҳои кимиёвӣ;
- риояи техникаи бехатарӣ ҳангоми кор дар озмоишгоҳ;
- номгӯй ва таҷҳизоти зарурӣ ва коршоям;
- тарзи қайди мушоҳида, таълифу навиштани ҳисобот оид ба натиҷаҳои ниҳоии кимиёвӣ ва хулосабарорӣ.

Дастурҳои таълимию методӣ бояд содаю пурмазмун бошанд, зеро маҳорату малакаи мустақилона истифода бурдани онҳо аз тарафи хонандагон чандон ташаккул наёфтаанд ва бо ёрии муаллим қисматҳои онҳоро аз худ мекунанд. Ҳамин тариқ, бе кумаки муаллим хонандагон худашон мустақилона озмоишҳоро бо истифодаи дастурҳои мавҷудаи методӣ

мегузаронанд. Дар ҳолати мавҷуд будани дастурҳои таълимию методӣ ба хонандагон мустақилона муайян кардани мақсади кор, ба нақша даровардани ҳаракатҳои таълимӣ, хулосабарорӣ аз натиҷаи кор мушкил намегардад.Таҷриба нишон медиҳад, ки омӯзиши кори амалӣ аз рӯйи дастурамал дар шароити хона на он қадар натиҷаи хуб медиҳад [4,с.61-64]. Кору фаъолияти муаллим оид ба ташкил ва гузаронидани таҷрибаи мактабӣ аз якчанд давраҳо иборат аст:

1. Тайёрӣ барои гузаронидани кори амалӣ (омода намудани таҷҳизотҳо ва интихоби маводҳои кимиёвӣ, ҷойи кори хонандагон, дастурҳои таълимӣ ва ғ.):

а) омӯзиши ҷиҳатҳои назариявӣ ва техникаи кор; реаксияи химиявие, ки асоси кори амалиро ташкил медиҳад; хусусияти хосси таҷҳизоти таҷриба. Аз рӯйи намуна тартиб додани варақа оид ба кор.

| Номи кор | | | |
|---|---|---|---|
| Мақсади (мақсадҳои) гузаронидани он | | | |
| Реактивҳо (барои ҳар як гурӯҳи хонандагон) | Таҷҳизот (барои ҳар як гурӯҳи хонандагон) | Расми асбоб (агар зарур бошад) | Қоидаҳои бехатарӣ |

б) тайёрии техникӣ - ба кор омода сохтани таҷҳизот ва реактивҳои лозимӣ барои ҳар як гурӯҳ;

в) тайёр кардани хонандагон ба кор.

2. Гузаронидани кори амалӣ дар дарс.

3. Ҷамъбаст, таҳлил, хулосабарорӣ ва баҳогузорӣ ба кори амалии хонандагон.

Кори амалӣ аз намудҳои дарси душвортарин маҳсуб меёбад, зеро аз ҷониби муаллим дар ҳолатҳои зарурӣ ҳаматарафа назорат бурда намешавад. Аксаран муаллим ба корҳои амалӣ аз рӯйи ҷавобҳои хаттӣ баҳо медиҳад, ки ин чандон қобили қабул нест.

Барои баҳо додан ба маҳорати кори амалии хонандагон муаллим бояд аниқ намояд, ки дар рафти кор кадом маҳорати амалӣ ташаккул меёбад. Баъд варақаи ҳисобот тартиб дода мешавад, ки дар он ному насаби хонандагон ва баҳо ба иҷрои амалиётро дохил мекунанд. Мушоҳидаи дар дарс гузаронидаи муаллим ва баҳогузорӣ ба варақаи баҳисобгирӣ ба қайд гирифта мешавад [6,с.101-103].

Таҷрибаи намоишӣ тибқи тафсилотҳои педагогию дидактикӣ тақрибан ҳамаи вазифаҳои таҷрибаи химиявиро баррасӣ намуда, яке аз воситаи асосии мустаҳкам намудани дониши хонандагон маҳсуб меёбад. Таҷрибаҳои намоишӣ дар ҷараёни таълими химия дар дастурҳои методию таълимии педагог Л.А. Светков тавсир гардидаанд, ки ба таври зайл ифода ёфтаанд:

1) фаҳмонидани моҳияти ҳодисаҳои химиявӣ; 2) ба хонандагон нишон додани моҳияти таҷҳизоти лабораторӣ (асбобҳо, дастгоҳҳо, зарфҳои химиявӣ, реактивҳо, мавод ва ғайра); 3) фаҳмондани роҳҳои иҷрои корҳои лабораторӣ [9,с.71-73].

Тибқи талаботу нишондодҳои педагогию дидактикӣ ва барномаи таълимӣ чунин намудҳои эксперимент дар химияи мактабӣ мавҷуд аст:

1.Эксперименти (таҷрибаи) химиявии намоишӣ.

2. Таҷрибаи лабораторӣи химиявӣ.

3.Кори лабораторӣ.

4. Кори амалӣ.

5. Практикуми лабораторӣ.

6. Эксперименти химиявии хонагӣ.

**Ҷадвали намудҳои эксперименти мактабӣ ва ҷиҳатҳои дидактикии онҳо**

| **Намоишӣ** | **Лабораторӣ** | **Амалӣ** |
|---|---|---|
| 1.Омӯзиши маводи нав.<br>2.Ҳосил кардани маълумот дар бораи объектҳои химиявӣ. | 1. Омӯзиши маводи нав.<br>2.Самаранок аз худ кардани маводи нав. | 1.Мустаҳкамкунӣ, татбиқи дониши омӯхташуда.<br>2. Рушди маҳорати татбиқи донишҳо дар амалия. |
| 3.Ба вуҷуд овардани фаҳмишҳои химиявии нав.<br>4.Нишон додани асбобҳо, техникаи кори бехатарӣ.<br>5.Воситаҳои таҳқиқот, намоишдиҳӣ. | 3.Ба вуҷуд овардани донишҳои амиқ ва мустаҳкам.<br>4. Ҳосил кардани маҳорати экспериментали.<br>5.Воситаҳои таҳқиқоти намоишдиҳӣ. | 3. Беҳтар кардани маҳорати эксперименталӣ.<br>4.Ҳосил кардани маҳорати эксперименталӣ.<br>5. Воситаҳои намоишдиҳӣ.. |

Ба ҳамаи донишҷӯён ва муаллимон лозим меояд, ки аз рӯйи барномаи таълимии химияи мактабӣ ба таҷрибаҳои намоишӣ, корҳои лабораторию амалӣ шинос шуда, тарзи кор бо асбобу таҷҳизотро пешакӣ аз худ намоянд, то ин ки донишу маҳорату малакаҳои худро ба хонандагон ба пуррагӣ дода тавонанд [8,с.94-97].Ташкил ва гузаронидани таҷриба чунин қисматҳоро дар бар мегирад:

**Тайёрӣ ба намоиши таҷриба:**

- санҷидани ҳолати асбобу анҷомҳои мавҷуда (дар ҳолати коршоям қарор будани онҳо);
- дида баромадани мавҷудият, сифати реактивҳо (дар ҳолати зарурӣ тайёр кардани маҳлулҳои нав);
- санҷидани мавҷудияти мавод, асбобҳо ва ғайра;
- дуруст ҷо ба ҷо кардани асбобу рективҳо дар мизи намоишдиҳӣ;
- иҷрои ҳамаи талаботҳои таҷрибаи намоишӣ;
- тайёрии пешакӣ барои гузаронидани таҷриба.

**Методҳои ташкили таҷриба:**

- интихоби метод, усул ва роҳҳои ташкили ҷараёни таълим (намоишӣ ё таҳқиқотӣ);
- интихоби маводи назариявии мувофиқ ба таҷриба;
- машқи методи таҷриба (масъалаҳо ва тарзи ҳалли онҳо).

**Тайёр кардани таҷрибаи лабораторӣ:**

- санҷидани мавҷудият ва коршоямии асбобҳо;
- санҷидани мавҷудият ва сифати реактивҳо;
- санҷидани тарзи қайди хонандагон дар мавриди гузаронидани таҷрибаи лабораторӣ ва натиҷаи мушоҳида (расм, таблитса, схема, муодилаи рексия, хулоса);
- тайёр кардани дастур (хаттӣ ё даҳонӣ) дар масъалаи тарзи гузаронидани таҷриба;
- таъмини бехатарии анҷом додани таҷриба;
- кор карда баромадани методикаи таҷрибаи лабораторӣ оид ба сохт ва мазмуни дарс.

**Тайёр кардани машғулиятҳои амалӣ.**

1. Пешакӣ огоҳ кардани хонандагон:

а) мавзӯъ, мақсад, мазмуни машғулияти амалӣ;

б) нишон додани саҳифаи китоби дарсӣ барои тайёрӣ;

в) пешакӣ фикр кардани равиши кор ва ҳисобот оид ба иҷрои кор;

2. Санҷидани мавҷудият ва миқдори таҷҳизот, реактивҳо, маводҳо, асбобҳо.

3. Тартиб додани нақшаи гузаронидани машғулиятҳои амалӣ, муайян кардани мақсад, равиши кор ва тартиби иҷрои он.

4. Гузаронидани суҳбати дастурдиҳӣ оид ба техникаи бехатарӣ.

5. Кор кардани мазмуни суҳбат (саволу ҷавоб бо хонандагон) барои санҷидани омодагии хонандагон ва иҷрои машғулиятҳои амалӣ.

6. Пешниҳоди шакл ва мазмуни ҳисобот оид ба иҷрои кор [5,с.66-68].

Корҳои лабораторӣ, амалӣ ба ташаккули ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ, ташаккули дониш, маҳорату малакаи хонандагон (донишҷӯён) таъсири мусбат расонида, дар фаъолияти ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагону донишҷӯён нақши муҳим мебозанд.

**АДАБИЁТ**


1. Есипов Б.П. Самостоятельная работа учащихся на уроках химии. Методическое пособие / Б.П. Есипов. -М: Учпедгиз, 1961. -123 с.
2. Ѓуломќодир Бобизода. Озмоишњои мустаќилона ва намунаи тестњо аз химия. Дастури методї / Ѓуломќодир Бобизода, Ф. Абдуллоев, И. Усмонов. –Душанбе: Ирфон, 2016. -84 с.
3. Кирюшкин Д.М. Химия. Учебное пособие / Д.М. Кирюшкин. –М: Просвещение, 1964. -177 с.
4. Корњои амалї аз химия барои синфхои VIII-XI. Дастури методї / Зубайдов ва дигарон. –Душанбе: Маориф, 1994. -85 с.
5. Назарова Т.С. Химический эксперимент в школе. Методическое пособие / Т.С. Назарова, А.А. Грабецкий. -М. Просвещение, 1987. -102 с.
6. Полосин В.С. Практикум по методике преподования химии. Методическое пособие / В.С. Полосин, В.Г. Прокопенко. –М: Просвещение, 1980. -94 с.
7. Холназаров С. Практикум аз методикаи таълими химия. Дастури таълимї / С. Холназаров. -Ќўрѓонтеппа, 2017. -170 с.
8. Холназаров С. Асосњои методикаи таълими химия. Дастури таълимї / С. Холназаров, О. Њакимов. -Душанбе: Эр-граф, 2010. -Ќ. I. -194 с.
9. Цветков Л.А. Эксперимент по органической химии. Учебное пособие / Л.А. Цветков. -М: Просвещение, 1973. -288 с.

## МЕТОДУ УСУЛҲОИ ТАШКИЛИ ОЗМОИШҲОИ ХИМИЯВӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ХИМИЯ

Муаллиф дар мақола кӯшидааст, ки паҳлӯҳои озмоишҳои химиявиро тавассути тадрисҳои намоишдиҳӣ, лабораторӣ, амалӣ ба хонандагони муассисаҳои таълимӣ ва донишҷӯёни мактабҳои олӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад. Мақолаи мазкур фарогири масъалаҳои озмоишии химиявӣ буда, аз рӯйи талаботҳои барномаҳои таълимӣ аз фанни химия барои муассисаҳои таълимӣ ва донишҷӯёни макотибҳои олӣ, бо мақсади ташаккули сатҳи дониш, маҳорат ва малакаҳои онҳо сохта шудаанд. Тавассути дарсҳои лабораторӣ хонандагон (донишҷӯён) метавонанд дониш, маҳорат ва малакаҳои таълимиашонро рушд диҳанд. Агар донишҷӯён ё хонандагон доир ба методикаи ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои кимиёвӣ заминаи илмию амалӣ дошта бошанд, пас дар ниҳоди онҳо роҳу усулҳои мустақилона омӯхтани ин мавзӯъҳо ташаккул меёбанд ва маҳорату малакаи онҳо доир ба маводҳои кимиёвӣ, асбобҳои кимиёвӣ, асбобҳои аёнӣ ва навгониҳою комёбиҳои ин фанни таълимӣ рушду нумӯ меёбанд ва онҳо сохибкасб ҳам мешаванд. Саҳми муаллим дар гузаронидани дарсҳои лабораторӣ ниҳоят бузург аст. Вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки вай бояд ба хонандагон (донишҷӯён) тарзи дуруст истифода бурдани моддаҳои химиявиро ҳангоми гузаронидани корҳои озмоишӣ омӯзонад. Ҳангоми гузаронидани корҳои лабораторӣ ба муаллим лозим меояд, ки аз таҷрибаҳои худ васеъ истифода барад, то ин ки озмоишҳои гузаронидашуда натиҷаи хуб бахшанд. Дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳо савияи дониши хонандагон боз ҳам баландтар шуда, фанни химияро хубтар аз худ менамоянд. Корҳои таҷрибавӣ, мустақилона, амалӣ ба ташаккули равияи илмӣ-назариявӣ ва ҷаҳонбинии хонандагон таъсири мусбат мерасонанд ва дар фаъолияти ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагону донишҷӯён нақши муҳим мебозанд.

**Калидвожаҳо:** таҷриба, машғулияти амалӣ, мавод, таҷҳизот, мушоҳида, дастурамал, шакл, ҳодисаҳои химиявӣ, корҳои таҳқиқотӣ, масъалаҳои таҷрибавӣ, таҷрибаи мактабӣ.

## МЕТОДЫ И СПОСОБЫ ПРОВЕДЕНИЯ ХИМИЧЕСКИХ ОПЫТОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ХИМИИ

Автором в данной статье раскрыты такие виды, химических экспериментов, как демонстрационный, лабораторный, практический, дано краткое их пояснение в зависимости от имеющих условий как в школах, так и в вузовских кабинетах и лабораториях. Данная статья посвящается рассмотрению химических опытов и экспериментов в соответствии с требованиями учебных программ по химии для учащихся общеобразовательных школ и студентов высших учебных заведений, с целью формирования уровня знаний, умений и навыков научно-теоретических и прикладных направлений. Статья охватывает научные предпосылки, связанные с проведением лабораторных занятий, требующих от учеников (студентов) определенных знаний, умений и навыков. Проведение лабораторных занятий углубляет знания, умения учащихся и студентов, а также обогащает самостоятельность и подготовленность их. С помощью лабораторных занятий ученики (студенты) обогащают свои знания, умения и навыки. Роль учителя при проведении лабораторных занятий очень велика. Он должен объяснять ученикам (студентам), как правильно использовать химические вещества при проведения лабораторных занятий. Тем самым он формирует у учеников творческое мышление и активизирует определенные формы знания, умения и навыков.

**Ключевые слова:** опыт, практические занятия, реактив, оборудование, наблюдение, тип, инструкция, химические явления, исследовательские работы, экспериментальные задачи, школьные опыты.

## METHODS AND WAYS OF CARRYING OUT OF CHEMICAL EXPERIENCES IN PROCESS OF TRAINING OF CHEMISTRY

The author in given article more proved opened such kinds, chemical experiments as demonstration, laboratory, practical are described their short explanatory depending on having conditions both at schools and in high school offices and laboratories. Given article is devoted to consideration of chemical experiences and others of experiments in conformity by requirements of curriculums in chemistry for pupils of comprehensive schools and students of higher educational institutions, for the purpose of formation of level of knowledge, skills of scientific-theoretical and applied directions. Article covers scientific preconditions connected with carrying out of the laboratory researches, demanding from pupils (students) of certain knowledge, skills. Carrying out of laboratory researches deepens knowledge, abilities of pupils and students, and also enriches independence and their readiness. By means of laboratory researches pupils (students) enrich the knowledge of skills. The merit of the teacher at carrying out of laboratory researches is very great. He should explain to pupils (students) correctly to use chemical substances at carrying out of laboratory researches. There by it forms creative thinking at pupils and makes active certain forms of knowledge, skills.

**Key words:** experience, a practical training, a reactant, the equipment, supervision, type, the instruction, the chemical phenomena, research works, experimental problems, school experiences.



**Сведения об авторе:** ***Исмоилова Муборак*** – Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, старший преподаватель кафедры химии и биологии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. Телефон: **918-28-89-74**

**Information about the author:** ***Ismoilova Muborak*** - Kulyabsky State University. A. Rudaki, Senior Lecturer, Department of Chemistry and Biology. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov Street 16. Phone: **918-28-89-74**

УДК:37 (575.3)

# ТАКМИЛИ МАҲОРАТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОН ВА РОҲҲОИ ТАҚВИЯТИ ОН

*Каримова И.Х., Собиров С.Ф.*
**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

Пӯшида нест, ки дар ҷаҳони зудтағйирёбандаи муосир, ки раванди ҷаҳонишавӣ сайёраро фаро гирифта, рушди босуръати иттилоот дар тамоми соҳаҳои кишвар, алалхусус соҳаи маориф таъсири худро гузоштааст, зарурат ба кадрҳои баландихтисос ва дорои малакаву маҳорати баланди касбӣ беш аз пеш эҳсос мегардад. Маҳз талаботи замони муосир ва таваҷҷуҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ ба соҳаи маориф тақозо менамояд, то ба баланд гардидани сифати таҳсилот кӯшида, омӯзгорону хонандагони босалоҳият дошта бошем. Яке аз воситаҳои асосии баланд бардоштани сифати таҳсилот баландбардории маҳорати касбии кадрҳои педагогӣ ва дар ин замина боз ҳам фаъолтар сохтани системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф мебошад.

Такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз қисмҳои муҳимтарини системаи таҳсилот буда, дар баланд бардоштани сифати таҳсилот ва инкишофи неруи зеҳнии омӯзгорон нақши муайянкунанда дорад. Зеро, агар омӯзгорон роҳу усул ва методикаи таълими фаъолро ба воситаи муассисаҳои такмили ихтисос аз худ кунанд, кадрҳои роҳбарикунандаи соҳа роҳҳои идоракунии муассисаи таълимӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқиро меомӯзанд. Чун яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои такмили ихтисос баландбардории маҳорати касбии омӯзгорон мебошад, кормандони ин муассисаҳоро лозим аст, то аз инноватсия ва технологияҳои фаъоли таълим беш аз ҳар муассисаи дигар воқиф бошанд. Зеро вобаста ба навовариҳои соҳа, таҷдиди назар намудани мазмуну мундариҷаи такмили ихтисос ва рӯ овардан ба самтҳои инноватсионии такмили ихтисос ҳарчи бештар аз ҳарвақта эҳсос мегардад.

Аз ин ҷост ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012 таҳти №334 Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 бо дарназардошти талаботи қисмҳои марбутаи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 тасдиқ карда шуда, мавриди татбиқ қарор дорад.

Мутаассифона, таҳлили вазъи кунунии системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он, омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ, дастовардҳо, ҳамчунин, эҳтиёҷ ва ниёзҳои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки масъалаҳои мубраму ҳалталаб ҳоло ҳам дар ин бахши таҳсилот кам нестанд ва зарур аст, ки баҳри рушди соҳаи маориф ва баланд бардоштани сифати таҳсилот корҳои зиёде ба анҷом расонида шаванд. Зеро вобаста ба пешниҳоди мутахассисон ва таҳлили вазъ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳанӯз дар баъзе самтҳои фаъолияти имрӯзаи муассисаҳои такмили ихтисос норасоиҳое ба назар мерасанд, ки баъзе аз ҷиҳатҳои онро мутахассисон зикр кардаанд [2,63;64]. Аз ҷумла:

- то имрӯз дар муассисаҳои такмили ихтисос бозомӯзии касбии кормандони соҳаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба роҳ монда нашудааст. Ҳарчанд ки зарурати аз курсҳои бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорони дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ғайриихтисос амалкунанда ҳанӯз ҳам ба назар мерасад, хоҳишмандони чунин курсҳо низ хеле зиёданд;
- ҳарчанд дар муассисаҳои такмили ихтисос мониторинги сифати курсҳои такмили ихтисос гузаронида шуда, сатҳу сифати курсҳо муайян карда шавад ҳам, мутаассифона, то имрӯз самаранокии курсҳо ба таври бояду шояд муайян карда нашудааст. Танҳо Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар баъзе шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ба монанди Рашт, Нурободу Тоҷикобод, Роғуну Файзобод ва Шаҳринаву Турсунзода омӯзиши самаранокии курсҳоро баргузор намуда, дар ҷаласаҳои Шӯрои олимон баррасӣ кардааст. Ҳамзамон, барои муайян намудани самаранокии курсҳо восита ё нишондиҳандаҳои асосиро таҳия ва ба расмият шинохтан лозим аст;
- ба талабот ҷавобгӯ набудани заминаҳои моддӣ-техникӣ ва иттилоотии раванди такмили ихтисос, махсусан дар филиалҳои донишкада;
- ҳанӯз ҳам пурра таъмин набудани раванди такмили ихтисос бо кормандони варзидаю унвони илмӣ дошта, махсусан дар қисмати методикаи таълими фан;

- нокифоя будани синфхонаҳои таълимӣ ва лабораторияҳои бо технологияи муосир муҷаҳҳазгашта (вобаста ба сол то сол зиёдтар ба нақша гирифтани теъдоди курс ва фарогирии омӯзгорон);

- нокифоя будани таъминоти методӣ ва дархӯри замон набудани китобхонаҳои муассисаҳои такмили ихтисос ҷиҳати расидан ба сифату самаранокии курсҳои такмили ихтисос;

- саривақт коркард карда нашудани шаклҳои инноватсионии такмили ихтисос;

- ба суръати инкишоф ва зарурати татбиқи технологияҳои инноватсионии таълим мувофиқат накардани давраи фарогирӣ ба курсҳои такмили ихтисос;

- ҷавобгӯйи талаботи замон набудани фарогирии миқдорӣ ва сифатии курсҳои такмили ихтисоси кормандони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва муассисаҳои таълимии хусусиву типи нав;

- такмилталаб будани системаи мавҷудаи маблағгузории бахши такмили ихтисос ва бозомӯзӣ.

Вобаста ба ин норасоиҳо дар доираи ислоҳоти соҳаи маориф, бахусус такмили ихтисос, андешидани чораҳои амалӣ ҷиҳати таҷдиди назар намудани мазмуну муҳтавои муассисаҳои такмили ихтисос ба мақсад мувофиқ мебошад. Зеро такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф омили асосии такомули соҳаи таҳсилот буда, барои ба талаботи замон ва инкишофи ҷомеа мутобиқ сохтани дараҷаи тахассусии кормандони соҳа мусоидат мекунад. Омӯзишу таҳлили фаъолияти муассисаҳои такмили ихтисос ва умуман системаи такмили ихтисос нишон медиҳад, ки барои боз ҳам самаранок гардидани раванди ташкилу баргузории курсҳои такмили ихтисос дар муассисаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф ва воқеан ҳам баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим мебошад. Дар иртибот ба ин анҷоми вазифаҳои асосӣ ва ҳалли вазифаҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст:

- машғул гардидани кормандони муассисаҳои такмили ихтисос ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар самти такмили ихтисоси омӯзгорон ва ё дар базаи муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ бо мақсади озмоиши усулу методҳо, модулу консепсияҳо ва методикаи муосири таълим ташкил намудани шуъбаи аспирантура;

- дар доираи татбиқи Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 ҳарчи зудтар коркард ва татбиқ намудани барномаҳои таълимии алтернативӣ вобаста ба дараҷа, собиқаи корӣ ва ниёзи омӯзгорон дар муассисаҳои такмили ихтисос;

- гузаштан ба маблағгузории тафриқавии такмили ихтисос. Мақсади асосии гузаштан ба маблағгузории тафриқавӣ ҷорӣ намудани пардохти ҳаққи меҳнат бо дарназардошти миқдор ва сифати меҳнати корманд мебошад. Ҳар як намуди фаъолияти корманд вобаста ба заҳматталабию аҳамияташ бо соат ва балл чен карда мешавад. Нақшаи фаъолияти корманд ҳангоми ба назар гирифтани маош ё мукофотпулӣ метавонад чунин қисмҳо дошта бошад: сарборӣ, кори илмӣ-тадқиқотӣ, кори методӣ, иштирок дар чорабиниҳои донишкада ва дигар корҳои ободонӣ. Дар ҳолати барзиёд иҷро шудани нақша коэффитсиенти афзоиши маош муайян карда мешавад;

- ташаккули ҷараёни иттилоотии маълумотдиҳӣ ва маълумотгирӣ дар такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;

- ба роҳ мондани бозомӯзии омӯзгорони фаннии бо тахассуси педагогӣ ғайритахассус фаъолияткунанда;

- вобаста ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар гузаштан ба сикли 3-солаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф. Ҳамзамон, вобаста ба таҷрибаи давлатҳои муваффақи хориҷӣ ҷорӣ намудани системаи модулии такмили ихтисос, кредитӣ ва фосилавӣ;

- коркарди механизми дарёфт, омӯзиш ва тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва роҳбарӣ. Ҳарчанд вобаста ба ин масъала дар донишкада баъзе корҳо ба анҷом расонида шуда бошанд ҳам, мутаассифона, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки бо ҳайати омӯзгорон ва мутахассисони илмии варзида таъмин намудани муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзиро бо роҳҳои зерин ба амал баровардан мумкин аст:

- ба тариқи доимӣ ё даъватӣ аз ҳисоби омӯзгорони варзидаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёнаву олии касбӣ ва мушовирони кабинетҳои методии раёсату шуъбаҳои маориф ба кори такмили ихтисос ҷалб кардани мутахассисони унвони илмидошта;

- диққат додан ба корҳои илмӣ таҳқиқотии кормандони ҷавони муассисаҳои такмили ихтисос;

- ҳар чӣ бештар ҷалб намудани омӯзгорон ва мутахассисони ҷавону таҷрибанок ба аспирантура ва таъмини раванди такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони муассисаҳои такмили ихтисос дар дохил ва хориҷи кишвар;
- ба сифати лектори даъватӣ ҷалб намудани мутахассисони ҳамкор аз Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, мактабҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ;
- гузаронидани семинар-тренинг ва конференсияҳои доимоамалкунанда, таблиғи ақидаҳои муосири педагогӣ, арзёбии масъалаҳои мубрами илмию амалии педагогӣ;
- мукаммал гардонидани системаи ҳавасмандгардонии моддию маънавии кормандони бахши такмили ихтисос ва бозомӯзӣ.

Ба ақидаи мутахассисони соҳаи педагогика ва таҳлили соҳа нишон медиҳад, ки дар раванди гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи тахассус, ташаккули маҳорати касбӣ ва қобилиятҳои эҷодии кормандони педагогии Тоҷикистон амалӣ намудани чунин шакл ва тарзҳои фаъолияти таълимӣ мақсаднок аст:

- такмили барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос махсусан таҳияи барномаҳои таълимии алтернативӣ, нақшаю барномаҳои таълимӣ барои курсҳои бозомӯзӣ ва дар асоси технологияи муосири таълим тадриҷан гузаштан ба системаи модулии таълим дар муассисаҳои такмили ихтисос;
- таҷдиди назар намудани раванди таҳия ва пешниҳоди корҳои эҷодӣ аз ҷониби шунавандагони курсҳои такмили ихтисос;
- ҷоннок намудани вазъи омӯзиш ва тарғиби таҷрибаи омӯзгорони пешқадам;
- ҷалб намудани олимони бахши методика, педагогика, психология, омӯзгорони варзида ва кормандони муассисаҳои илмӣ, таҳқиқотӣ ва методии соҳа ба машғулиятҳои курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;
- тадриҷан даст кашидан аз курсҳои сайёри такмили ихтисоси омӯзгорони фаннӣ дар филиалҳо;
- ташкил ва истифодаи омӯзиши фосилавии такмили ихтисос ва бозомӯзӣ бо истифодаи марказҳои интернетӣ дар маҳал таҳти роҳбарии кормандони муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;
- ҷоннок намудани ҳамкориҳои муассисаҳои такмили ихтисос ва кабинетҳои методии раёсату шуъбаҳои маориф, ба монанди иштироки мудирони кабинетҳои методӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои олимон вобаста ба зарурат;
- таҳия ва чопи дастур, китоб, мақола, маводҳои (модулҳои) таълимӣ, методӣ оид ба методикаи таълими фанҳо, такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф;
- истифодаи ҳатмии воситаҳои иттилоотию техникӣ ва таълими фаъол дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;
- бунёди китобхонаҳои электронӣ дар муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;
- истифодаи васеи шабакаи Интернет аз тарафи шунавандагон ва кормандони бахши такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;
- ташкили семинарҳои (конфренсияҳои) илмӣ-амалии доимо-амалкунанда дар муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ оид ба роҳҳои беҳтар гардонидани такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф;
- ҷалби ташкилотҳои байналхалқӣ ва муассисаҳои илмӣ, таълимӣ ва методии ҷумҳурӣ ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф;
- ташкил ва васеъ намудани доираи корҳои ёрирасони илмию методӣ ба муассисаҳои таълимӣ аз тарафи муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;
- ташкили бонки маълумот дар муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ оид ба такмили ихтисоси кормандони педагогии ҷумҳурӣ, истифодаи шабакаи ягонаи иттилоотӣ оид ба фаъолияти муассисаҳои такмили ихтисос;
- таҳия ва чопи модулҳои таълимӣ барои ҳар як ихтисос ва пешниҳод намудани он ба иштирокчиёни курсҳои такмили ихтисос;
- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бастани шартномаи ҳамкориҳои дуҷониба бо муассисаҳои илмӣ ва марказҳои илмию методии мамлакатҳои хориҷӣ оид ба такмили ихтисоси омӯзгорону кормандони муассисаҳои такмили ихтисос ва табодули таҷрибаю дастовардҳо дар масъалаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф;
- мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ;

- сохтани биноҳои нав ё таъмири капиталии биноҳои филиалҳои донишкада дар шаҳрҳои Хуҷанд, Кӯлоб, Бохтар, Душанбе ва Хоруғ;

- ташкили бунгоҳҳои тиббӣ дар хобгоҳҳои филиалҳои донишкада дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб, Хуҷанд ва Хоруғ;

- таъсиси системаи иттилоотии ҳозиразамон ва ташкили шабакаи электронӣ байни муассисаҳои такмили ихтисос, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бовар аст, ки дар натиҷаи расидагӣ кардан ба пешниҳодҳои мазкур дар системаи такмили ихтисос, аз ҷумла сифату самаранокии курсҳо, як дигаргуние ба назар мерасад, ки ба баланд гардидани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ низ сабаб шуда метавонад. Хосса, дар давраи татбиқшавии Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 ва талаботи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, ки яке аз самтҳои асосии онҳоро ташкил медиҳад.

## АДАБИЁТ


1. Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334).
2. Қурбонзода Х. Самтҳои аввалияи рушди такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. Воситаи таълимӣ / Х. Қурбонзода, Ҳ. Бобоев. –Душанбе: Империал-Групп, 2016. -87 с.
3. Қурбонзода Х. Ташаккули системаи миллии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дастури методӣ / Х. Қурбонзода. -Душанбе: Империал-Групп, 2016. -147 с.
4. Қурбонзода Х. Такмили ихтисос. Воситаи таълимӣ / Х. Қурбонзода, Ҳ. Бобоев, С. Ҳасанов. -Душанбе: Матбааи Вазорати маориф ва илми ҶТ, 2016. -51 с.
5. Лутфуллозода М. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо / М. Лутфуллозода, Ғ. Бобизода. -Душанбе, 2017.
6. Булбулов Ҷ. Омӯз ва омӯзон. Воситаи таълимӣ / Ҷ. Булбулов. -Душанбе: Ирфон, 2014. -213 с.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.Душанбе, аз 20 январи соли 2016.
8. Проблемы развития раннего детства в Республике Таджикистан. -Душанбе, 2006.
9. Раҳимов А. Педагогика. Воситаи таълимӣ /А. Раҳимов, А. Нуров. -Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. -518 с.
10. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. -Душанбе, 2012. -123 с.


## ТАКМИЛИ МАҲОРАТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОН ВА РОҲҲОИ ТАҚВИЯТИ ОН


Талаботи замони муосир ва таваҷҷуҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ ба соҳаи маориф тақозо менамояд, то ба баланд гардидани сифати таҳсилот кӯшида, омӯзгорону хонандагони босалоҳият дошта бошем. Яке аз воситаҳои асосии баланд бардоштани сифати таҳсилот ин баландбардории маҳорати касбии кадрҳои педагогӣ ва дар ин замина боз ҳам фаъолтар сохтани системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф мебошад. Чун яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои такмили ихтисос баландбардории маҳорати касбии омӯзгорон мебошад, кормандони ин муассисаҳоро лозим аст, то аз инноватсия ва технологияҳои фаъоли таълим беш аз ҳар муассисаи дигар воқиф бошанд. Зеро вобаста ба навовариҳои соҳа,таҷдиди назар намудани мазмуну мундариҷаи такмили ихтисос ва рӯ овардан ба самтҳои инноватсионии такмили ихтисос ҳарчи бештар аз ҳарвақта эҳсос мегардад. Таҳлили вазъи кунунии системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он нишон медиҳад, ки масъалаҳои мубраму ҳалталаб ҳоло ҳам дар ин бахши таҳсилот кам нестанд ва зарур аст, ки баҳри рушди соҳаи маориф ва баланд бардоштани сифати таҳсилот корҳои зиёде ба анҷом расонида шаванд.



**Калидвожаҳо:** такмили ихтисос, бозомӯзӣ, мониторинг, сифати таҳсилот, маҳорати касбии омӯзгорон, технологияҳои инноватсионии таълим.


## УСОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО МАСТЕРСТВА УЧИТЕЛЕЙ И ПУТИ ЕГО УСИЛЕНИЯ


Современные требования и пристальное внимание Правительства республики к сфере образования требует повышения качества образования и усовершенствования профессионального мастерства учителей. Одним из основных путей повышения качества образования является усовершенствование профессионального мастерства педагогических кадров и на этой основе активизация системы усовершенствования специальности и профессиональной переподготовки работников сферы образования. Так как одним из задач учреждений усовершенствования специальности учителей является повышение их профессионального мастерства, учителя должны уметь работать с новыми технологиями и инновациями. Так как нововведения в данной сфере требуют поиска инновационных путей усовершенствования специальности. Анализ состояния системы усовершенствования специальности и переподготовки кадров сферы образования в Институте повышения квалификация и переподготовки работников сферы образования и его филиалов показывают, что все еще существуют нерешенные проблемы в данной сфере образования.



**Ключевые слова:** усовершенствование специальности, переподготовка, мониторинг, качество образования, профессиональные умения педагогов, инновационные технологии обучения.

**IMPROVEMENT OF PROFESSIONAL MASTERY OF TEACHERS AND THE WAY OF ITS STRENGTHENING**

Modern requirements and close attention of the Government of the Republic to the field of education requires improving the quality of education and improving the professional skills of teachers. One of the main ways to improve the quality of education is to improve the professional skills of teachers and, on this basis, to activate the system for improving the specialty and professional retraining of education workers. Since one of the tasks of the institutions for improving the specialty of teachers is to improve their professional skills, teachers should be able to work with new technologies and innovations. Since innovations in this area require the search for innovative ways to improve the specialty. An analysis of the state of the system for the improvement of specialty and retraining of personnel in the field of education at the Institute for Advanced Studies and Retraining of employees in the field of education and its branches shows that there are still unsolved problems in this field of education.

**Keywords:** improvement of the specialty, retraining, monitoring, quality of education, professional skills of teachers, innovative learning technologies.

**Сведения об авторах:** ***Каримова И.Х.*** – Академия образования Таджикистана, доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45., г. Душанбе, ул. Айни 45. E-mail: **gumanizm@mail.ru**. Телефон: **(+992) 907-72-55-94**

***Собиров С.Ф.*** - Институт развития образования им. А.Джами Академиии образования Таджикистана, соискатель. **Адрес:** 734024 г. Душанбе, улица Айни 45, E-mail: **s.sobirov.dti@mail.ru**.
Телефон: **935-79-97-04**

**Information about the authors:** ***Karimova I.Kh.*** - Academy of Education of Tajikistan, doctor of pedagogical sciences, academician of the Academy of Education of Tajikistan. Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. S.Aini, 45 E-mail: **gumanizm@mail.ru**. Телефон: **(+992) 907-72-55-94**

***Sobirov S.F*** - Institute for the Development of Education. A. Jami Academy of Education of Tajikistan, applicant.
**Address**: 734024 Dushanbe, 45 Aini Street, E-mail: **s.sobirov.dti@mail.ru**. Phone: **935-79-97-04**

**УДК 53.01**

# МАВҚЕЪ ВА АҲАМИЯТИ ТАҶРИБАҲОИ НАМОИШӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФИЗИКА

***Бубиев М.Ч.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар замони муосир пешравии илму техника ва технологияи муосир имконият медиҳад, ки омӯзгор дилхоҳ дарси худро барои хонандагон шавқовару ҷолиб доир намояд. Дарси замонавӣ бояд хусусияти эҷодӣ ва ҷустуҷӯӣ дошта бошад, омӯзгор дар дарс тибқи усулҳои беҳтарин шавқмандии хонандагонро ба дарс таъмин намояд. Барои ин аз алоқамандии байни фанҳо, алоқамандии мавзӯъ бо ҳаёт, истифода бурдани дарсҳои замонавӣ, фоиданок, зарурӣ, бисёр ҷолиб ва фаҳмову дастрасро муаррифӣ намояд [3,с.391].Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳар як синф хонандагони зиёде вомехӯранд, ки онҳо ба фаҳмидани тарзи кори техника ва технологияи нав ҳавасманданд. Барои чунин хонандагон дарсҳои бо намоишдиҳии раванди ҳодисаҳо гузаронидашуда басо диққатҷалбкунанда ва рӯҳбахш мебошанд. Таҷрибаҳои намоишӣ барои рушду такомули маҳорат ва малакаи азхудкунии донишҳои политехникии хонандагон нақши муҳим дорад [1,с.3].

Таҷрибаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар илми физика вобастагии назария бо амалия робитаи зич дорад. Хело муҳим аст, ки омӯзгор дар раванди таълим алоқаи ин қисмҳоро ба хонандагони худ намоиш диҳад. Вақте ки хонандагон ин алоқаро эҳсос мекунанд, онҳо бештар ба равандҳое, ки дар ҳаёт, табиат вомехӯранд, ҷавоби дурусти назариявӣ дода метавонанд. Дар таълими фанни физика бе истифодаи таҷриба омӯзишро дуруст ба роҳ мондан имкон надорад.Агар омӯзгор сидқан дар таълими шогирдон кӯшиш ва заҳмати иловагӣ карда, роҳу равиш ва тарзу усулҳои нав ба навро истифода намояд, бо онҳо бештару пайваста кор кунад, ҳатто шогирди безавқ ва камфаъолро низ мумкин аст, то дараҷае ба илму дониш ҷалб карда, дар ӯ шавқу ҳавасро нисбат ба илмомӯзиву донишандӯзиро аз нав эҳё намоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки зинаи якуми таълими физика, манбаи бедоркунии шавқу ҳаваси хонандагон нисбат ба фанни физика ба ҳисоб меравад. Дар ин зина ин вазифаи таълим бо роҳи дар дарсҳо ташкил кардани намоишҳои мазмуни эҷодидоштаи физикӣ, гузаронидани таҷрибаҳои шавқангез, бо истифодаи усулҳои гуногун, аз худ кардани мазмуни ҳодисаҳои физикӣ, мафҳумҳо, қонунҳои физикӣ ва ташкили корҳои беруназсинфӣ иҷро карда мешавад [10,с.10].

**Мақсади таҷрибаҳои намоишӣ:**

- мусоидат ба асосҳои ҳалли масъалаҳои таълиму тарбия;
- ташаккул додан, инкишофи қобилият ва фаъолияти зеҳнӣ;

- ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон;
- фаро гирифтани хонанда ба таълими политехникӣ.

**Вазифаи таҷрибаҳои намоишӣ:**

- ҳосил кардани дониш (аз худ кардани илм дар амал);
- ҳамчун воситаи тарбия ташаккул додани ҷаҳонбинӣ ва маърифатнокӣ;
- инкишофи тафаккур ва маҳорату малака.

Дар омӯзиши физикаи мактабӣ 4-намуд машғулиятҳои озмоишӣ муайян шудааст.

- корҳои озмоишӣ-фронталӣ аз физика;
- практикуми физикӣ;
- таҷрибаҳои хонагӣ аз физика;
- мустақилона иҷро намудани корҳои озмоишӣ аз физика.

**Намудҳои таҷрибаҳои намоишӣ:**




**Расми 1**

***Таҷрибаҳои намоишӣ-*** дар ин раванд, ки таҷрибаҳои физикии таълимиро ташкил менамояд, бо асбобҳои махсус дар мизи намоишӣ, зери роҳбарии омӯзгор ҳодисаҳои физикӣ намоиш дода мешаванд. Таҷрибаҳои намоишӣ, ба усули таҷрибавӣ ва тасвирии таълим мансубанд ки, дар омӯзиши физика манбаи дониш ва меъёрҳои аслии ҳодисаҳоро асоснок менамояд. Дар ташкил ва инкишофи фаъолияти таълимии хонандагон имкониятҳои мусоид фароҳам меорад.

**Аҳамияти таҷрибаҳои намоишӣ:**

- бо усули таҷрибавӣ хонандагон дар асоси усулҳои тадқиқотии фанни физика, ҷаҳонбинии илмиро ба як шакли муайян медароранд;

- таҷрибаҳои намоишӣ барои дар хонандагон ҳосил намудани маҳорати таҷрибагузаронӣ; мушоҳидаи ҳодисаҳо, фарзия (гипотеза) пешниҳод намудан, мураттаб сохтани нақшаи таҷриба, таҳлил намудани натиҷаҳо, муқаррар намудани алоқаи байни бузургиҳо, хулосабарорӣ ва ғайра имкон медиҳанд.

Мавриди гузаронидани таҷрибаҳои намоишӣ фаъолияти асосӣ ба омӯзгор вобаста аст, дар баъзе ҳолатҳо як ё ду хонанда ба ӯ кумак мерасонанд. Хонандагони дигар танҳо ҳолати пассиви таҷрибаи иҷронамудаи омӯзгорро мушоҳида мекунанд.

Таҷрибаҳои намоишӣ ҳамчун воситаи аёнӣ, барои аз худ намудани маводи таълимӣ кумак мерасонанд, яъне баҳри амалӣ намудани донишҳои политехникии хонандагон, баланд бардоштани шавқ ба омӯзиши физика, имконият фароҳам меоранд.

Бояд қайд намуд, ки машғулиятҳои мустақилонаи таҷрибавӣ аз физика ба хонандагон зарур буда, омили рушди тафаккури маърифатии онҳо мегардад.

1. ***Машғулиятҳои озмоишӣ.*** Маҳорати таҷрибавии хонандагон дар ҳолате ташаккул меёбад, ки агар онҳо мустақилона асбобҳоро ҷамъ намоянд, бузургиҳои физикиро чен карда, таҷриба гузаронанд. Дар машғулиятҳои озмоишӣ хонандагон нисбати омӯзиши фанни физика рағбати зиёд пайдо менамояд ва ин комилан табиӣ аст. Зеро, хонанда дар фаҳмиши ҳодисаҳои табиат ва олам танҳо аз мушоҳида, таҷриба ва таассуроти худ хулоса мебарорад. Мавқеи таҷриба дар донишазхудкунии хонандагон аҳамияти муҳим касб менамояд. Ҳангоми мустақилона иҷро намудани таҷриба дар хонандагон малака ва маҳорати таҷрибагузаронӣ ҳам амалӣ ва ҳам зеҳнӣ инкишоф меёбад. «Мушоҳида он чизеро ҷамъ меоварад, ки табиат ба ӯ пешкаш кардааст, таҷриба бошад, чизи заруриро худаш аз табиат мегирад» [8,с.274]. Ғайр аз ин, гузаронидани машғулиятҳои намоишӣ аз физика муайян намудани мақсади таҷриба, баровардани фарзия (гипотеза), ҷудо намудани асбобҳои лозимӣ, банақшагирии таҷриба, муайян намудани хатогӣ, ба кор даровардни дастгоҳи таҷрибавӣ, ченкунӣ, озмудани таҷрибаҳои нав, навиштани ҳисобот доир ба кори иҷрогардидаро тақозо менамояд.

2. ***Корҳои озмоишӣ-фронталӣ.*** Дар кори озмоишӣ-фронталӣ ҳамаи гурӯҳ ширкат мекунад, ки қобилият ва хусусиятҳои ҳамаи хонандагон ҳангоми машғулият ба назар гирифта мешаванд. Гарчанде ҳамаи корҳои озмоишӣ-фронталӣ таҷрибавианд, лекин аз рӯйи баъзе ҷиҳатҳои умумӣ аломатҳои фарққунандаи худро доранд. Дар ҷараёни омӯзиш ҳамаи намудҳои корҳои таҷрибавӣ ба усули озмоишӣ-фронталӣ дохил шуда, ташкил ва гузаронидани онҳо дар шакли алоҳида маъно надорад. Муҳим он аст, ки ҳамаи хонандагони синф дар як вақт бо таҷҳизотҳо ва асбоби якхела, дар зери роҳбарии омӯзгор машғули кор мешаванд. Ба хонандагон дар бораи усулҳои иҷрои кор, навиштаҷот дар

тахтаи синф, кашидани расм, нақша, навишти формула, ишораи бузургиҳо, воҳидҳои ченкунӣ маълумот дода, сипас ба хонандагон барои ба кор шурӯъ кардан иҷозат дода мешавад.

Баъзан корҳои озмоишӣ ба усули фронталӣ дар намуди практикумҳои физикӣ, ки бо мазмуни худ аз якдигар фарқ надоранд, якҷоя гузаронида мешаванд. Дар ҷараёни иҷрои корҳои таҷрибавӣ диққати хонандагонро ба мушоҳидаи ҳодисаҳо, рафти иҷрои онҳо равона кардан зарур аст. Масалан, ҳангоми дараҷагузорӣ ба асбобҳо дар мисоли динамометр, мензурка ва спектроскоп ва дар мавриди омӯзиши мавзӯъҳои ҷӯшиш, ҳаракати броунӣ, таъсири мутақобили оҳанрабо (магнит) ба ҷараён, индуксияи электромагнитӣ, интерференсия, инчунин дар ҷараёни ченкунии бузургиҳои физикӣ, ки хосияти ҷисмҳоро тавсиф медиҳанд ва дар мисоли муқовимати хосси ноқилҳо, нишондиҳандаи шикасти рӯшноӣ ва ғайра. Дар ҷараёни омӯхтани қонунҳои физика дар мисоли қонунҳои нигоҳдории энергияи механикӣ, ҳангоми мубаддалшавии энергияи потенсиалӣ ва кинетикӣ, муодилаи ҳолати газ; дар ҷараёни муайян кардани доимиҳои физикӣ дар мисоли шитоби афтиши озод, сахтии фанар (пружин), коэффитсиенти соиш, муқовимати хосси ноқил ва нишондиҳандаи шикасти шиша ва ғайра.

Барои дар хонанда ҳосил кардани малакаи муомила кардан бо асбобҳо ё ҷамъ кардани дастгоҳ, қиматҳои заруриро аз рӯйи нишондоди асбоб гирифтан, ки кори озмоишӣ-фронталӣ ба ҳисоб меравад, як гурӯҳи хонандагон на кам аз ду нафар ё индувидуалӣ тақсим шуда, корро иҷро мекунанд.Дар рафти иҷро кардани кори озмоишӣ ҳар як хонанда дар ибтидои иҷро намудани кор бояд хеле фаъол бошад, вай бошуурона аз рӯйи мақсади муайян, таҷҳизотҳои таҷрибавиро ҷамъ оварда, ченкунии гуногунро гузаронида, қимати бузургиҳоро аз нав кор карда, ҳақиқати воқеӣ будани ҳодисаҳои физикӣ, қонуниятҳои онро боз ҳам хубтар дарк намуда, ба дурустии он боварӣ ҳосил кунад.

Лекин дар амал гузаронидани корҳои озмоишӣ-фронталӣ шумораи зиёди таҷҳизотҳои комплексиро талаб мекунад. Аз ин рӯ, он корҳои озмоишӣ-фронталиеро интихоб кардан зарур аст, ки таҷрибаҳои содаро дар бар гирифта, бо истифода аз асбобҳои сода иҷро карда шаванд. Муваффақияти машғулиятҳои озмоишӣ пеш аз ҳама, ба ташкили дурусти онҳо вобаста аст. Кори озмоишӣ дар ҳамон ҳолат натиҷаи мусбат дода метавонад, ки агар мазмуни супориш, роҳбарӣ ба он, ба рафту равиши кор аз ҷиҳати педагогӣ возеҳу равшан муайян карда шуда бошад [9,с.115-117].

3. ***Практикуми физикӣ.*** Практикуми физикӣ бо мақсади такрор ва асоснок кардан, ҷамъбаст ва зиёд намудани донишҳо, ки аз мавзӯъҳои гуногуни курси физика гирифта шудаанд, дар хонандагон такмилдиҳии маҳорати иҷрои супоришҳои таҷрибавӣ бо истифода аз усули мураккабтар, мустақилона ҳал намудани масъалаҳое, ки бо таҷриба алоқаманд мебошанд, гузаронида мешавад.

Практикумҳои физикӣ дар раванди таълим нисбати корҳои фронталӣ душвор буда, барои иҷрои онҳо ду соат вақт ба ҳар як машғулият ҷудо карда мешавад.

Практикумҳои физикӣ баъди омӯхтани ҳар як қисми физика пешакӣ ба нақша гирифта шуда, гузаронида мешаванд. Мавриди иҷрои практикуми физикӣ хонандагон дунафарӣ аз рӯйи нақшаи муайян супоришро иҷро менамоянд.

Дар гузаронидани практикумҳои физикӣ, ки нисбатан мураккабанд, аз таҷҳизотҳои зарурии махсус, аз асбобҳои техникии дар озмоишҳои илмӣ-тадқиқотӣ, дар истеҳсолот мавҷудбуда истифода бурдан аз фоида холӣ нест. Тафовути корҳои озмоишӣ, фронталӣ ва практикумҳои физикӣ, зинаҳои мушкилоти онҳо, пеш аз ҳама, дар худи масъалаҳои таҷрибавӣ-тадқиқотӣ мебошад. Талаботи мустақилона омӯхтан, такрор кардани саволҳои назариявӣ; ба кор омода кардани дастгоҳҳо; якчанд маротиба гузаронидани таҷриба; қиматҳои самарбахши таҷрибаро ҷамъ овардан; гузаронидани санҷиши дараҷаи эътиборнокии таҷрибаро ҷамъбаст карда, хулосаи зарурӣ баровардан ҳатмӣ аст. Ҳар як практикуми физикӣ дар бахши аввал масъалаи таҷрибавӣ буда, аз татбиқ кардани донишҳои дар амал пеш омӯхташуда ва кӯшиши ба донишҳои нав соҳиб шудан иборат мебошад. Иҷрои ин корҳо вобаста ба асбобҳои техникӣ, аз рӯйи методҳои ченкунӣ дар илм ва техникаи муосир истифодашаванда ба роҳ монда мешавад. Дар хонандагон маҳорат ва малакаи сарфаҳм рафтани ҳудуди (татбиқи) асбоби ченкунандаро муайян кардан ё аз нав омода кардани дастгоҳи таҷрибавиро ташаккул додан зарур мебошад [2,с.32-50].Дар машғулиятҳои оянда тибқи ҷадвали махсус тартибдодашуда кор иваз карда мешавад. Мавриди омода намудани ҷадвал шумораи хонандагон, кор ва таҷҳизот ба инобат гирифта мешавад. Яке аз мушкилоти асосӣ норасоии таҷҳизот дар машғулиятҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Практикуми физикӣ нисбат ба

озмоишӣ фронталӣ душвортар аст, зеро он бо таҷҳизотҳои гуногун ва бо шумораи зиёди хонандагон гузаронида мешавад. Ҳар як ҷуфти хонандагон кори алоҳида иҷро мекунанд.

Дар ҳар як кори практикуми физикӣ, омӯзгор бояд дастурамал тартиб дода, дар он чунин қисмҳоро ҷой диҳад:

-номи таҷриба;

-номгӯйи асбобҳо;

-мазмуни мухтасари назариявии кор;

-номгӯйи асбобҳое, ки хонандагон онро бори аввал истифода мебаранд;

-нақшаи иҷрои кор.

Баъди иҷрои таҷриба хонандагон бояд ҳисобот диҳанд. Дар он номи кор, мақсади кор, номгӯйи асбобҳо, тарҳ ва тасвири дастгоҳ, нақшаи иҷрои кор, ҷадвали натиҷаҳо, формулаи истифодашуда, хатогӣ мавриди ченкунӣ, хулосабарорӣ дарҷ гардида бошад. Ҳамчунин, ҳангоми баҳогузорӣ ба кори хонандагон, омодагӣ, ҳисобот оиди кор, сатҳи маҳорат, фаҳмиши маводи назариявӣ ва усулҳои истифода намудани он дар тадқиқоти таҷрибавӣ бояд аз тарафи омӯзгор ба инобат гирифта шаванд.

Усули муҳимми практикуми физикӣ, ин аз ҷониби омӯзгор ба хонанда супориш додани иҷрои таҷриба дар хона мебошад. Таҷрибаҳое, ки барои иҷро дар хона супорида мешаванд, бояд таҷҳизотҳо, олотҳои хатарнокро дар бар нагиранд. Омӯзгор метавонад таҷрибаҳоеро пешниҳод намояд, ки иҷрои он бо об, ҳаво ва асбобҳое, ки дар ҳар як хона онро истифода мебаранд, вобаста бошад. Омӯзгорон метавонанд, оиди арзиши илмӣ доштани ин таҷрибаҳо шубҳае пайдо нанамоянд, зеро онҳо хело сода мебошанд. Магар бад аст, ки кӯдак кашфиёт, қонун, ҳодисаҳоеро аз худ намояд.

Таҷриба масъалаи эҷодӣ буда, хонанда онро мустақилона иҷро мекунад. Бояд қайд кард, ки иҷрои таҷрибаҳои физикӣ аз ҷониби хонандагон боис мегардад, ки онҳо фарқи байни таҷрибаҳо ва соҳирӣ (фокус)-ро дарк намоянд.

4. ***Таҷрибаҳои хонагӣ.*** Таҷрибаҳои хонагӣ, таҷрибаҳои содаи мустақилона мебошанд, ки онҳоро хонандагон дар хона, берун аз мактаб, бевосита, бе назорати омӯзгор иҷро мекунанд. Таҷрибаҳои хонагӣ дар хонандагон чунин омилҳоро бедор мекунад:

- ташаккул додани малакаву маҳорати мушоҳидаи ҳодисаҳои физикӣ дар табиат ва ҳаёт;

- ташаккул додани малакаву маҳорати ченкунии ҳодисаи физикӣ бо ёрии асбобҳои ченкунанда;

- бедор кардани шавқу ҳавас барои омӯзиши физика;

- ташаккули мустақилият ва фаъолнокӣ;

- маҳорати ба нақша гирифтан;

- назорати иҷроиш.

Таҷрибаҳои хонагӣ вобаста аз таҷҳизотҳо метавонанд ба навъҳо ҷудо шаванд:

- таҷрибаҳое, ки бо истифода аз асбобҳои рӯзгор ва дастӣ иҷро карда мешаванд;

- таҷрибаҳое, ки бо истифода аз асбобҳои худсохт иҷро карда мешаванд

Барои иҷрои таҷрибаҳо дар хона хонанда бояд, дар навбати аввал, аз шартҳои таҷриба, истифодаи асбобҳои зарурӣ, рафти таҷриба воқиф бошад. Омӯзгор бояд ба хонанда пеш аз гузаронидани таҷрибаҳои хонагӣ дар синф дастури муфассал диҳад.

Мавриди иҷрои таҷриба техникаи бехатарӣ ва фазои озоди иҷроиш бояд ҳамеша риоя карда шавад. Зеро хонанда ин амалро мустақилона иҷро менамояд, ки дар он моддаҳои кимиёвӣ ва дигар моддаҳои зараррасон мавҷуд буданаш мумкин аст. Таъкид намудан лозим аст, ки дар хона шахсони наздик метавонанд аз рафти таҷриба дидан намоянд, ки ба хонанда боварии бештар мебахшад. Таҷриба бояд харҷи маблағро талаб накунад, танҳо он ашёҳо ва моддаҳое, ки дар рӯзгор ҳамарӯза ба кор бурда мешаванд, истифода карда шаванд, ба монанди зарф, об, намак ва ғайра. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки он таҷрибаҳое, ки хонандагон дар хона иҷро мекунанд, барои баланд бардоштани фаъолияти маърифатӣ, эҷодӣ, амалӣ, қобилият аҳамияти зиёд доранд. Натиҷаи бадастовардаи хонанда дар рафти дарс, аз тарафи омӯзгор бояд таҳлил карда шавад. Ба гуфтаҳои дар боло зикршуда, талаботҳои асосии таҷрибаҳои хонагиро пешниҳод менамоем:

-бехатарӣ ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳои хонагӣ;

-хароҷоти ками маводҳо;

-осон иҷрошаванда;

-доштани арзиш дар омӯзиш ва фаҳмиши физика;

-осонии назорати ояндаи омӯзгор.

Таҷрибаҳои хонагиро баъд аз дарс месупоранд. Дониши назариявиро дар амал татбиқ намудан, ба шуур ва неруи зеҳнии хонанда таъсири ҳамаҷониба мерасонад. Вақте ки хонанда ҳодисаи дар хона мушоҳиданамудаи худро баён карда наметавонад, мавриди кори синфӣ ба нақли омӯзгор диққати хосса зоҳир менамояд.

**Марҳилаҳои таҷрибаҳои намоишӣ аз физика:**

-асоснок намудани таҷрибаҳои намоишӣ;

-банақшагирӣ ва гузаронидани таҷрибаҳои намоишӣ;

-баҳогузорӣ ба натиҷаи бадастомада.

Тамоми таҷрибаҳои намоишӣ аз фарзия (гипотеза) оғоз шуда, бо хулосабарорӣ анҷом меёбанд.

Мо чунин мешуморем, ки агар омӯзгор дар раванди таълими физика усули таҷрибаҳои озмоиширо истифода барад, дар он хонандагон мунтазам аз пайи иҷрои ҳалли саволҳо ва масъалаҳо мешаванд. Натиҷаи омӯзиш ҳаматарафа мукаммал шуда, ба аслӣ будани ҳодисаҳои табиат боварӣ ҳосил мешавад. Ин усул роҳест, барои инкишоф ва баланд бардоштани маърифати фаъолгардонии хонандагон [4,с.3-6].

**Сохти умумии таҷрибаҳои намоишӣ аз физикаро бо намуди зерин пешниҳод намудан мумкин аст:**




**Расми 2.**

Барои боз ҳам ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани таҷрибаҳои намоишӣ якчанд таҷрибаҳоро аз физикаи мактабӣ пешниҳод менамоем:

Оиди мавзӯи «Шино кардани ҷисмҳо» дар (синфи 7) чунин таҷрибаи намоиширо гузаронидан аз манфиат холӣ нест. Қувваи архимедӣ, чунонки медонед, ба зичии моеъ вобаста аст, вале ба зичии ҷисм бастагие надорад. Дар расм ҳар се ҷисми шаклан, ҳаҷман ва сифатан якхела тасвир шудааст. Ҳар се оҳанӣ мебошанд ва шакли зарфро доранд, аммо ҷисми *а* ба шакли зарфи дарунпур сохта шудаасту *б* ба ба шакли зарфи ғафсдевор ва *в* ба шакли зарфи тунукдевор. Фаҳмост, ки ҷисми *а* лаҳзаи дар об андохтан зери об меравад, вале ҷисми *в* монанди зарфи шишагин холӣ шино мекунад.

**Расми 3.**




Хулоса, дар даруни ҷисми *в* ин ё он миқдор бор гузошта, онро аз як ҷо ба ҷойи дигар кӯчонидан мумкин аст, яъне оҳанро ҳам, ки нисбат ба об қариб 8 маротиба вазнин аст, шино додан имконпазир аст, ба шарте ки даруни оҳан холӣ бошад. Зичии миёнаи он ҳамроҳи фазои холии дарунаш аз зичии об хеле кам буда, танҳо дар ҳамин маврид ба рӯйи он бор гузоштан ва онро аз як ҷой ба ҷойи дигар равон кардан имкон дорад. Заминаи имконоти киштисозӣ низ ҳамин аст [5,с.230-233].

Оиди мавзӯи «*Хосияти магнитии моддаҳо*» дар (синфи 8) таҷрибаи дигареро намоиш додан мумкин аст, ки барои фаҳмонидани мавзӯи дарсӣ мусоидат мекунад. Дастони худро болои қутбҳои мусбату манфии оҳанрабо (магнит) гузоред. Дар асл инсон узви эҳсос намудани қувваи таъсири оҳанраборо надорад. Вале ин қувва ноаён аз даст гузашта, мавҷудияти худро нишон намедиҳад.



**Расми 4.**

Аммо мехчаҳо (ба ҷойи мех метавонед гардчаҳои оҳанинро истифода баред) ба таъсири ин қувва, аз рӯйи хатҳои қувваи магнитӣ ҷойдошта мешавад (дар расм нишон дода шудааст). Чунин ҷойгиршавӣ хатҳои қуввагии майдони магнитии оҳанраборо муайян мекунанд [7,с.169].Оиди мавзӯи «Шикасти рӯшноӣ» дар (дар синфи 9) чунин таҷрибаро намоиш додан мумкин аст. Ҳангоми ба сатҳи суфтаи муҳити шаффоф афтидани рӯшноӣ як қисми он ба муҳите, ки аз он рӯшноӣ равона аст, бармегардад ва қисми дигараш равишашро тағйир дода, ба муҳити шаффоф паҳн мегардад. Нури рӯшноии ба муҳити шаффоф паҳнгардидаро нури шикаст ва ҳодисаи зоҳиргардидаро шикасти рӯшноӣ меноманд. Шикасти рӯшноӣ боиси тағйирёбии зоҳирии андоза, шакл ва мавқеи ҷисмҳо мегардад [6,с.92-93].

Ҷисмҳои шаффоф нурҳои рӯшноиро гуногун мешикананд. Акнун биёед, аз ҳисоби нури рӯшноӣ дар моеъ таҷриба мегузаронем. Болои оби дар зарф буда каме равғани беданҷир резед. Равған бояд қабати ғафсиаш 1см бошад. Ба зарф равшании хубро равона кунед. Сӯзанро ба маркази қабати равған дохил кунед. Он равғанро гузашта, ба об 1см дарояд.Аз як канор сӯзан пурра намудор мешавад, аммо он аз ғафсии гуногун иборат аст. Қисми поёнии сӯзан, ки дар об ғӯтидааст, ғафстар буда, лекин қисми миёнаи он, ки дар равған ҷойгир аст, аз ҳама ғафстар менамояд. Вале, агар каме сӯзанро ба тарафи рост ва чап ҷунбонед, он ногаҳон ба се қисм таҷзия ва пароканиш мешавад. Қисми болои он, ки бо ангушт идора мекунед, беҳаракат, қисми поён ва миёнаи он канорҳои гуногунро ишғол мекунад.

Сӯзанро боз ҷунбонед, маълум мешавад, ки қисми миёнаи он аз ҳама зудтар ва аз ҳама сусттар қисмати болои сӯзан ҳаракат мекунад.



**Расми 5.**

Ин ҳолати ҷудошавии сӯзанҳо танҳо аз ҳисоби оптикӣ ба амал меояд. Агар сӯзанро аз дохили зарф берун орем, он пурра намудор мешавад.

Баҳо барои иҷрои кори озмоишӣ дар дафтари хонандагон ва дар журнали синф гузошта мешавад. Ҳангоми баҳогузорӣ омӯзгор савияи дониши хонандагон (грамматикӣ, математикӣ, графикӣ)-ро низ ба эътибор мегирад. Хонандагоне, ки аз кори озмоишӣ баҳои ғайриқаноатбахш гирифтаанд, корро такроран иҷро мекунанд [12,с.24].

Таълими фанни физика аз омӯзгор дониши мустаҳками назариявӣ ва маҳорати хуби истифодабарии асбобҳои намоишдиҳиро талаб мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Абдураҳимов Қ.С. Дареғ надоштани таълими илму дониш аз шогирдон / Қ.С. Абдураҳимов // Ҳафтаномаи ДДБ ба номи Н.Хусрав «Фурӯғ», №15 аз 19.05.2018
2. Давлатов А. Зайниддинов В. Методикаи таълим дар мактабҳои асосӣ. -Душанбе: Нодир, 2008с . -150 с.
3. Раҳимов Х. Педагогика. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактаби олии омӯзгорӣ / Х. Раҳимов, А. Нуров. –Душанбе, 2007. -440 с.

4. Олами пурасрори физика / М.Ч. Бубиев, С.К. Таваров, С.Р. Табаров [ва диг.]. –Қӯрғонтеппа, 2013. -194 с.
5. Файзи Н. Физика. Китоби дарсӣ барои синфи 7 / Н. Файзи, Қ. Сайидҷаъфар. –Душанбе, 2013. -287 с.
6. Маҷидов Ҳ. Физика, китоби дарси барои синфи 9 / Ҳ. Маҷидов, О. Нозимов. -Самара: Фёдоров, 2006. -272 с.
7. Перельман Я.И. Занимательная физика. Книга 2. / Я.И. Перельман. -М: Наука, 1976. -272 с.
8. Павлов И.П. Полн. собр. соч., т. II, кн. 2 / И.П. Павлов. -М., 1951. -439 с.
9. Шарифов Ҷ. Асосҳои дидактикии ташаккули малакаҳои кори мустақилонаи донишҷӯён дар ҷараёни таълим / Ҷ. Шарифов. -Душанбе: Ирфон, 2014. -241 с.
10. Обидҷонов Ғ. Таълими физика дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ / Ғ. Обидҷонов. Душанбе: Арун, 2008. -130 с.
11. Мирзоев Б. Навъҳои дарси физика / Б. Мирзоев, А. Норқулов, Ҳ. Ҷумъаев. –Душанбе, 1991. -70 с.

## МАВҚЕЪ ВА АҲАМИЯТИ ТАҶРИБАҲОИ НАМОИШӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФИЗИКА

Дар замони муосир пешравии илму техника ва технологияи муосир имконият медиҳад, ки омӯзгор дилхоҳ дарси худро барои хонандагон шавқовару ҷолиб доир намояд. Таҷрибаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар илми физика вобастагии назария бо амалия робитаи зич дорад. Хело муҳим аст, ки омӯзгор дар раванди таълим алоқаи ин қисмҳоро ба хонандагони худ намоиш диҳад. Вақте ки хонандагон ин алоқаро эҳсос мекунанд, онҳо бештар ба равандҳое, ки дар ҳаёт, табиат вомехӯранд, ҷавоби дурусти назариявӣ дода метавонанд. Дар таълими фанни физика бе истифодаи таҷриба омӯзишро дуруст ба роҳ мондан имкон надорад. Агар омӯзгор сидқан дар таълими шогирдон кӯшиш ва заҳмати иловагӣ карда, роҳу равиш ва тарзу усулҳои нав ба навро истифода намояд, бо онҳо бештару пайваста кор кунад, ҳатто шогирди безавқ ва камфаъолро низ мумкин аст, то дараҷае ба илму дониш ҷалб карда, дар ӯ шавқу ҳавасро нисбат ба илмомӯзиву донишандӯзиро аз нав эҳё намоянд. Таълими фанни физика аз омӯзгор дониши мустаҳками назариявӣ ва маҳорати хуби истифодабарии асбобҳои намоишдиҳиро талаб мекунад.

**Калидвожаҳо:** корҳои лаборатории фронталӣ, кори таҷрибавӣ аз фанни физика, машғулиятҳои лабораторӣ, таҷрибаҳои озмоишии хонагӣ, талабот, усулҳои истифодабарӣ.

## РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ ДЕМОНСТРАЦИОННЫХ ОПЫТОВ В ПРЕПОДАВАНИИ ФИЗИКИ

В современный период научно-технический прогресс и современные технологии предоставляют учителям большие возможности для того чтобы их уроки проходили интересно и содержательно. Опыты свидетельствуют о том, что в физической науке взаимозависимость теории и практики имеет тесную связь. Очень важно, чтобы в процессе урока учитель смог на практике показать взаимосвязь данных частей. Когда ученики сами почувствуют данную связь, они смогут правильно оценить процессы, с которыми они встречаются в повседневной жизни. В обучении физике нельзя правильно поставить обучение без использования физических опытов. Если учитель будет добросовестно относиться к своим обязанностям, и в своей работе будет руководствоваться новыми приёмами и средствами даже у самого пассивного ученика может появиться интерес к уроку. Преподавание физики требует от учителя глубоких теоретических знаний и хорошего профессионального мастерства в использовании демонстрационных приборов. В статье расматриваются виды опытов и их использование учащимися на уроках физики.

**Ключевые слова**: фронтальные лабораторные работы, физический практикум, лабораторные занятия, домашние экспериментальные опыты, требования, использование, способы применения.

## THE ROLE AND IMPORTANCE OF DEMONSTRATION EXPERIENCES IN TEACHING PHYSICS

In the modern period, scientific and technical progress and modern technologies provide teachers with great opportunities to make their lessons interesting and informative. Experiments show that in physical science the interdependence of theory and practice is closely related. It is very important that during the lesson the teacher is able to show in practice the interconnection of these parts. When students themselves feel this connection, they will be able to correctly assess the processes with which they occur in everyday life. In teaching physics, it is impossible to put training right without the use of physical experiments. If the teacher treats his duties in good faith, and in his work will be guided by new techniques and means, even the most passive student may have an interest in the lesson. Teaching physics requires the teacher to have deep theoretical knowledge and good professional skills in using demonstration devices. The article examines the types of experiments and their use by students in physics lessons.

**Keywords:** frontal laboratory work, physical workshop, laboratory classes, home experimental experiments, requirements, use, methods of application.

**Сведения об авторе**: ***Бубиев Мумин Чоршанбиевич*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры методики преподавания физики. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67. Телефон: **(+992) 919-37-06-67**

I**nformation about the author:** ***Mubin Chorshanbievich Bubiev*** - Bochtar State University named after Nosir Khusrav, lecturer at the Department of Physics Teaching Methods. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini 67 street.Phone: **(+992) 919-37-06-67**

УДК 378.375

# РАЗВИТИЕ ПАМЯТИ СТУДЕНТОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ

*Расулова З.Н.*
**Кулябский педагогический колледж**

Быстро меняющиеся в обществе требования к профессиональной подготовке специалистов определяют специфику и технологию высшего образования: рыночная конъюнктура современного общества предъявляет более высокие требования к выпускнику вуза. Использование новых концептуальных подходов, апробированных европейским опытом высшего образования, предполагает поэтапное обучение специалистов по избранной специальности. Многоуровневая структура подготовки специалистов нацелена на оптимальную интеграцию общекультурной и общественнонаучной подготовки выпускников при формировании у них высокопрофессиональных умений и навыков [1,с.255].

Как отмечает Сорокина Н.К., что традиционные методы обучения не отвечают ни потребностям обучаемых, ни требованиям, которые предъявляются к выпускникам различных образовательных учреждений со стороны общества. Нынешняя система образования не формирует гибкость мышления, не учит адаптации к быстро меняющимся условиям жизни и, наконец, мало способствует развитию рефлексивного типа мышления. В социальных характеристиках работников, имеющих различный уровень подготовки, прослеживаются такие качества, как пассивность, безынициативность, ригидность, неспособность к мобильности, отсутствие потребности в повышении квалификации. Сегодня формируется социальный заказ на всесторонне развитых людей, способных к самостоятельной работе, умеющих действовать в условиях неопределенности, ощущающих потребность в непрерывном образовании. Отсюда и цель обучения - формирование ответственной личности, способной осуществлять рациональный выбор в сложных ситуациях [9,с.116].

Образовательная цель современной методики - создание педагогических условий для личностного роста студента, приоритетной ценностью которого является развитие памяти и использование его потенциала для получения прочных и глубоких знаний по иностранному языку. Данная задача предполагает качественное изменение содержания образовательных программ, которые бы обеспечивали не только владение определенными знаниями и навыками, но и способствовали успешной реализации дальнейшего самообразования на основе навыков и умений по быстрому и эффективному запоминанию учебной информации.

Такой подход, а именно: личностно - ориентированный предполагает формирование ключевых компетентностей у студентов: социальной, познавательной, коммуникативной, информационной, которые играют основную роль в формировании высоко квалифицированного специалиста со знанием иностранного языка на рынке труда.

Современные задачи высшей школы связаны, прежде всего, с практической реализацией идей развивающего обучения, организацией в педагогическом процессе оптимальных условий обучения иностранном языку с новой методической точки зрения, разработке новых методов обучения с целью развития у студентов способности к активной творческой познавательной деятельности.

Ученые как в России, так и на Западе уделяют пристальное внимание исследованиям памяти в процессе обучения школьников, студентов и специалистов, работающих в различных областях человеческой деятельности. В 21 веке, в эпоху глобализации, возрос поток информации, который стал большой проблемой для памяти человека. Батуева С.В. исследует в своей работе развитие памяти у дошкольников как одно из условий успешного обучения [2]. Голубева Э.А. отмечает, что способность и память человека зависит от его индивидуальности и условий, в которых он воплощает свой природный потенциал [3]. Меньшикова Е.А. указывает на то, что именно психологическая готовность к школе является предпосылкой развития активной познавательной позиции у младших школьников[7]. Конюхова Г.П. в своей диссертационной работе на многочисленных примерах и фактах доказала, что развития функций внимания, мышления, памяти и воображения способствует успешной реализации процесса обучения студентов математике в вузах физической культуры [6]. Так, Черноморова О.Н. выявила, что индивидуально-психологические и возрастные особенности студентов играют основную роль при обучении иностранному языку, способствуют успешному запоминанию учебного материала [10]. Говоря о развитии мышления школьников, Шардаков М.Н. акцентирует внимание на то, что развитие мышления школьников в первую очередь

зависит от восприятия, хранения и воспроизведения учебного материала [11]. Интересен факт, который отмечает Кейн М. Дж. в своей статье о рабочем объеме памяти и контроля внимания. Он является ярым поклонником бейсбола и в самый напряженный момент матча к нему подходит жена и говорит ему, что он хочет, чтобы она ему приготовила. В данный момент он не слышит свою жену. Он обращает внимание на то, что рабочая память, связанная с матчем, в данный момент блокирует информацию его жены [13]. Американские ученые из Нью-Йоркского университета Беделей А., Чинкота Д., Эдлам А. исследуют роль рабочей памяти в операции простого плана контроля действия, включающей регулярное переключение между сложением и вычитанием [12]. Микерова Г.Г., Сонько А.Н. утверждают, что среди множества психических явлений (мышление, внимание, способности, ассоциации, темперамент и т.д.) есть одно, которое обуславливает и проникает во все остальные явления - память. Скорость запоминания свидетельствует о том, как быстро человек может запомнить какой-то материал и готовность памяти вспомнить все необходимое, когда это востребовано[8].

Индивидуальные различия в речевой деятельности на иностранном языке, связанные с особенностями памяти студента, многочисленны и многообразны. Память традиционно называют одним из основных компонентов лингвистических способностей и важнейшим процессом, обеспечивающим успешность овладения языком. Результаты исследований свидетельствуют о значительном опережении развития памяти в старшем школьном возрасте, причем в студенческие годы, т.е в третьем десятилетии имеет место спад продуктивности кратковременной памяти. Различия в сохранении логически связанного материала выступают как в возрастных особенностях, так и видах памяти. Например, сохранение в механической памяти замедляется к студенческому возрасту [11].

Как отмечает Захарова Е.С., что необходимость ускоренного извлечения и усвоения нужной информации из большого потока сообщений вызывает потребность в новой методике компрессивного обучения, под которой понимается технология обучения, позволяющая за короткое время усвоить значительный объем материала. Данная методика использует комплексный подход с использованием таких направлений, как техника быстрого чтения, развитие памяти и внимания, анализ текста и умение быстро выделять новый, необходимый материал [4].

Основная стратегия должна состоять в создании таких условий, которые способствуют реализации потенциальных способностей интеллекта обучаемого в процессе учебно-познавательной деятельности. Память человека в современный период изучается в различных планах. Одни исследователи выявляют биохимическую природу памяти, другие - нейрофизиологическую, третьи - психолого-педагогическую. Повышенный интерес исследователей к памяти, отнюдь не праздный. Он диктуется практикой обучения учащихся общеобразовательных и профессиональных учебных заведений. Развитая память характеризует уровень профессиональной подготовленности большого количества человеческой деятельности [5].

Один из аспектов этой проблемы - развитие памяти у студентов в процессе обучения иностранному языку. Существенно, что использование современных методик инновационного характера с использованием информационных и компьютерных технологий имеет преимущественное значение для совершенствования методики обучения по данной проблеме. Практика показала, что рассеяность внимания стала болезнью века. Современная цивилизация наряду с прогрессом внесла и свои отрицательные коррективы, так как человек превращается в сиюминутного раба обстоятельств, то звенит мобильный телефон, то различные звуки. То еще что-то. На занятиях часто приходится буквально обучать студентов как концентрировать внимание, давая такие задания, которые полностью погружают их в учебный процесс.

***Каримова Ш.А., Абдуллозода Т.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров**

Яке аз хусусиятҳои асарҳои бадеӣ бадеият мебошад. «Бадеъ» дар луғат ба маънои нав, тоза, адиб омада бошад ҳам, дар истилоҳ «адаб», «ороиши сухан» «зеби калом»-ро ифода мекунад. Чун сухан дар бораи забон меравад, намудҳои он: забони гуфтугӯӣ, адабӣ-бадеиро бояд фарқ кард.Забони гуфтугӯӣ забони гуфтугӯии байни мардум аст, ки дар таркиби он ҳама намуди забон: забони адабӣ, бадеӣ, ҳам калимаву ибораҳои таърихиву кӯҳна, калимаҳои нав, лаҳҷаву шева ва ғайра мушоҳида мешаванд. Вале забони адабиро бо хусусиятҳои хосаш, ки забони илму дониш, фарҳангу маърифат аст, бояд шинохт. Ҳама гуна асар чи тиббиву нуҷум, чи таърихиву фалсафӣ ва чи физикаиву кимиёӣ бояд бо забони адабӣ навишта шаванд, зеро ин талабот ва аз тарафи умум қабул шудааст.

Забоншиноси тоҷик Ю. Бобоев таъкид мекунад, ки «забони адабӣ, забони тасвирӣ аст, хосси санъату адабиёти бадеӣ мебошад ва ба сифатҳои махсус соҳибӣ дорад. Забони бадеӣ воситаи асосии бавуҷудорандаи образҳои бадеӣ дониста шудааст. Он мазмуни бадеии ҳаёт аст ва мақсаду нияти санъаткорро ҷамъбаст менамояд. Забони бадеӣ ба монанди композитсияву сюжети асари бадеӣ воситаи асосии тасвири фикрҳои образноки санъаткор аст» [4,с.94-95].

Дар ашъори бузургтарин намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир маъниҳои олӣ дар ниҳояти дилкашӣ ифода ёфтаанд, ки сабаби он бо перояи бадеият ороиш ёфтани онҳо мебошад. Дар ашъори эшон маъниҳои барҷаста ва мазмунан дилкашу зебо дар шакли латифу ҷаззоб, бо калима ва таркибҳои суфтаву салис тавре ифода ёфтаанд, ки хонанда аз он завқи бадеӣ мегирад, аз латофату зеби сухан, ифодаи дилкаши фикр лаззат мебарад.

Аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, ки таъсири ҳиссӣ, таъсирбахшиву ҷаззобии фикр аз бисёр ҷиҳатҳо ба воситаҳои тасвири бадеӣ алоқаманд буда, барои дилчаспу латиф, таъсирбахшу муассир ифода ёфтани фикр барои адиб ҳамчун омили муҳим хизмат мекунанд.

«Халқҳое дар ҷаҳон кам нестанд - мегӯянд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишварамон Э. Раҳмон, ки дар асари фоҷиаҳои таърихӣ аз забони худ пуштибонӣ карда натавонистанд, табдили забон карданд ва аз забони аслии худ маҳрум гаштанд». Аммо забони тоҷикӣ дар Осиёи Марказӣ ва дунё волотарин меросест, ки аз ҳазорсолаҳои дур чун дурдонаҳои пок то давлати соҳибистиқлоли тоҷикон омада расидааст [12,с.51-54].

М. Лутфуллозода сабаби поянд агӣ ва рушду нумӯъ ёфтани забони модариро дар устувории фонди луғавии забон ва дар сохти грамматикии он мебинад. Ӯ устувории забони тоҷикиро ба кӯҳҳои сарбаланди Тоҷикистон ташбеҳ намуда, латифиву ҷолибият, таъсирбахшии онро махсус таъкид мекунад.

Бузургӣ, шараф ва шаҳомати забони тоҷикиро устод хеле хуб ба қалам додаанд: «Замона дар ин қитъаи замин забони дигарро намедонист, намешинохт, намепарастид ва агар онҳо, масалан, туркҳо, озариҳо, пуштунҳо, ҳазораҳо, балучҳо, курдҳо, ӯзбекҳо бо забони модарии худ эҷод мекарданд, ба ҳеҷ ваҷҳ шуҳратёр намешуданд. Ҳаким Низомии Ганҷавӣ мегӯяд:

*Туркӣ сифати вафои мо нест,*
*Туркона сухан сазои мо нест.*

*Он к-аз насаби баланд зояд,*
*Ӯро сухани баланд бояд.*

Дар ҳақиқат, бадеияти баланд, санъати лафзӣ, ки дар ифодаи ғояҳои баландмазмун истифода мешуданд, забони тоҷикиро нисбати забонҳои дигар як зина болотар медошт. Маҳз дар забони форсии дарӣ фикр латифтару зеботар, ҷолибтару ҷаззобтар, муассиру таъсирбахштар ифода ёфта, хонандаро бо ҳусни сухан, таъсирбахшиву ҷаззобиаш ба худ мусаххар мекард: Масалан:

*Бихандад лола бар саҳро,*
*Ба сони чеҳраи Лайло.*
*Бигиряд абр бар гардун,*
*Ба сони чеҳраи Маҷнун. ….*

Монанд кардани «хандаи (шукуфтани) лола» ба чеҳраи Лайло, «гиристани абр»-ро ба ҷорӣ шудани ашкҳои Маҷнун **ва ё** аз оби ҷӯй омадани бӯйи гулобро ба шустани рухи «гулгуни нигор» вобаста кардааст. Маҳз тавассути ин ибораҳо шоир ба табиат ҷон бахшида, тасвирро боз ҳам таъсирбахшу дилкаштар месозад.

Ба қавли устод С. Айнӣ, «… дар забони зиндаи халқ чунон хазинаҳо ҳастанд, ки пур аз дурдонаҳои пурқиматанд» ва ӯ, дар ҳақиқат, хеле хубу фаҳмо ба забони адабии тоҷик таъриф додааст: «Забони авоми тоҷик забонест, ки вайро оммаи тоҷик фаҳмад, дар ҷумлабандӣ, дар ташбеҳҳо, дар киноявУ истиораҳо, дар зарбулмасалҳо ва дигар бобатҳо хусусият ва рӯҳи забони тоҷик риоя карда шуда бошанд» [4,с.68]. Ҳамин тариқа, «Забони адабӣ, воситаи асосии офариниши образу манзараҳо ва фикру эҳсосоти образноки санъаткор буда, ... вазифаи ҳуснофарӣ ва зарофатпарвариашро танҳо ба воситаи муродиф, таҷнису тазод, муболиғаҳо, тасвир, ташбеҳу истиора ва ғайра ба амал татбиқ мекунад» [4,с.10].

**а) Санъати лафзӣ ва воситаҳои тасвири бадеӣ.** Дар асарҳои бадеӣ бидуни воситаҳои баён ва забон воситаҳои тасвири бадеӣ мавқеъ доранд, ки дар латофату зарофати сухан, ҳусни баён, таъсирнокиву дилкашии ифодаи фикр мақоми махсус доранд.

Ба он тавсифу ташбеҳ, маҷозу истиора, ташхису муболиға, кинояву

маҷоз ва ғайра дохил мешаванд. Олимон - забоншиносон Ҳусейнов Х., Шукурова К. бобати ин навъи воситаҳои тасвир чунин ибрози ақидаро намудаанд: «Тавсиф-калима ё ибораест, ки хусусиятҳои манфӣ ё мусбати ашё, ҳодисаю воқеаро ифода мекунад. Муайянкунандаи бадеиест, ки барои равшан нишон додани аломати ашё хизмат мекунад: осмони соф, тобистони пурфайз, духтари кокулдароз» [4,с.33].

**1. Тавсиф:** Маънои луғавии тавсиф «васф», «мадҳ» буда, таъриф намуданро дар назар дорад. Адиб барои тасвири касе, чизе ва ё воқеае яке аз хусусиятҳои онро барҷастатар ифода мекунад, нишон медиҳад.

Адабиётшиноси маъруфи тоҷик Т.Зеҳнӣ ҳамин гуна муайянкунандаи бадеиро, ки муҳимтарин хусусияти ҳодисаро таъкид менамояд, тавсиф меномад. Воситаҳои тасвирии забон «воситаҳоеанд, ки ба пуробуранг, таъсирбахш, образнок баромадани фикр ёрӣ мерасонанд ва маъноро ҷозибадор мегардонанд». Ба онҳо тавсиф, ташбеҳ, ташхис, истиора, киноя, маҷоз, рамз, синекдоха, муболиға, таъриф ва амсоли онҳо дохил мешаванд [8,с.80].

Ю. Бобоев дар асараш «Муқаддимаи адабиётшиносӣ» тавсифро чунин шарҳ додааст: «Нависанда барои тасвири образи муайяни одамон, воқеаҳо ва манзараҳои табиат сифатҳои хосси онро меорад» [4,с.10]. Дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ намунаҳо оварда мешаванд, ки масалан, дар китоби дарсии забони модарии синфи I шеъри Абдулло Қодирӣ «Модар» (Забони модарӣ. Синфи I. Саҳ. 75 -76) оварда шудааст, ки сифатҳои модар, ё худ хислатҳои ӯ васф карда шудаанд.

Бояд гуфт, ки тавсиф барои ифодаи сифатҳои ҳам хубу ҳам бади образу ашё истифода бурда мешаванд. Он вобаста ба хусусиятҳои худ тавсифи нопурра ва пурра мешавад. Дар тавсифи нопурра танҳо ягон ҷиҳати ашё ё ҳодисаҳову воқеа мавриди таъкид қарор мегирад:

*Дашти васеву боғи латифу ҳавои хуш,*
*Саҳрову ҷангалу чаману кӯҳу лолазор.*

Калимаҳои «васеъ, латиф, хуш» тавсифи нопурраи табиат мебошанд.Тавсифи пурра ё онро санъати сифатчинӣ низ меноманд, ки «баъзан барои тавсиф ё тасвири касе ё чизе сифатҳои муносиб барои як мавсуф қатор чида мешаванд,... . Ин гуна санъатро, ки сифатҳо паси ҳам чида шуда омадаанд, дар балоғати классикӣ, тансиқи сифот меноманд, ки маънояш сифатчинӣ гуфтан аст» [8,с.81].

Тавсифи пурра ё худ сифатчиниро бештар дар як байт, гоҳо дар 2-3 байти алоқадор, баъзан дар тамоми ғазал мушоҳида кардан мумкин аст:

*Бибурд аз ман қарору тоқату ҳуш,*
*Бути сангдилу симинбаногӯш,*

*Нигоре, чобуке, шӯхе, париваш,*
*Ҳарифе, маҳваше, турке, қабопӯш ... (Аз Ҳофиз)*

Дар байти дуюм калимаҳои «нигоре, чобуке, шӯхе, париваш, маҳваш, турке, қабопӯш» ҳамчун ташбеҳ мафҳуми ашёвӣ дошта бошанд ҳам, ҳамчун тавсиф аломатро нишон медиҳад, ки тариқи санъати сифатчинӣ омадаанд.

Дар синфҳои ибтидоӣ чунин санъатҳои бадеии лафзӣ ҳанӯз аз синфи I мавриди таҳлилу омӯзиш қарор мегиранд. Масалан: «Як духтараки хушрӯй буд, номаки ӯ Гулнор буд. Ду рухсор гулобӣ, чашми шаҳлои нилобӣ, абрувонаш думи мор, кокулчаҳояш қатор» (М.Лутфуллоев. Китоби забони модарӣ. Синфи I. 2007, саҳ. 63)

Тавсиф муносибати санъаткор, ҳусни таваҷҷуҳ **ё** нафрати ӯро нисбати ашё, ҳодисае ва ё воқеае нишон медиҳад. Аммо тавсифҳое мавҷуданд, ки аз муносибати одамӣ хабар намедиҳад ва Ю. Бобоев онҳоро ба тавсифҳои тасвирӣ ва лирикӣ ҷудо мекунад. Дар тавсифҳои тасвирӣ танҳо манзараҳои табиату ашё нишон дода мешаванд. Масалан; шеъри Ғаффоралӣ Сафар «Деҳаи ман» (синфи I, саҳ. 85)

Тавсифҳои лирикӣ баръакси тавсифҳои тасвирӣ муносибати шоирро нисбати ҳодисаҳои тасвиршаванда зуд ошкор месозад. Дар китоби дарсии синфҳои ибтидоӣ маводи зиёде мушоҳида мешаванд, ки ҳамчун ташбеҳ барои тавсифи лирикӣ истифода шудаанд.

Ҳамин тариқ, тавсиф воситаи тасвири бадеӣ буда, ҳамчун санъати лафзӣ, санъати бадеӣ дар адабиёти муосир ва классикии форсу тоҷик мавқеи муҳим дорад.

**2. Ташбеҳ.** Ташбеҳ маънои монанд кардан, шабеҳу шабоҳат доштанро ифода мекунад. Адиб барои равшантар тасвир намудани чизе, ҳодисае ягон хусусияти онро ба хусусияти ашёи дигар монанд мекунад, вале дар ташбеҳ шарте мавҷуд аст, ки бидуни риояи он фикр ҷолибияти худро гум мекунад. Ин ҳам бошад, мавҷудияти шабеҳият дар байни сифат, хусусият ё феълу атвори монандкунандаву монандшаванда (ташбеҳшаванда ва ташбеҳкунанда) мебошад. Ҳамин тариқа, ташбеҳ аз ҷумлаи воситаҳои тасвири бадеӣ буда, ба адиб - санъаткор имкон медиҳад, ки фикрашро латифтар, ҷолибу равшантар баён намояд. Дар асарҳои олимони забоншиносӣ маъруфи тоҷик бештар ба ду навъи ташбеҳ (аз ҷиҳати сохту таркиб)-ташбеҳи равшану пӯшида эътибори ҷиддӣ дода шудааст, ки мо ҳам маҳз ба онҳо таваққуф карданием. Дар ташбеҳи равшан ҳама воситаҳои монандкунӣ, ки барои алоқамандкунии монандшавандаю монандкунанда ногузиранд, истифода меёбанд.

Устод Т. Зеҳнӣ онро тариқи зайл ба қалам додаанд: «Ташбеҳеро, ки бо ёридиҳандаҳои монандӣ сохта мешаванд, ташбеҳи равшан ё ки мутлақ меноманд» [8,с.114].

Фарқи ташбеҳи пӯшида аз ташбеҳи равшан дар он аст, ки байни ашёҳои монандкунанда ва монандшаванда воситае мавҷуд нест. Ташбеҳ аз ҷиҳати сохт сода ва мураккаб мешавад. Ташбеҳҳои аз ду калимаи асосӣ ифодаёфтаро ташбеҳи сода (рухаш моҳ, қадаш сарв ва ғайра) ва ташбеҳҳои аз 3-4 калима ва бештар ифодаёфтаро ташбеҳҳои мураккаб меноманд.

Ҳамин тариқ, ташбеҳ яке аз навъҳои санъати бадеъ буда, ба хелҳои гуногун ҷудо мешавад. Онҳо барои латифтару ҷолиб, зебову, дилҷӯ, равшан ифода намудани фикр истифода шуда, ба хонанда лаззати эстетикӣ мебахшанд ва тахайюлоти ӯро бедор ва бою рангин месозад.

3. **Маҷоз ш**акли дигари тасвирии забон мебошад, ки дар он калимаҳо ба маънои ғайриаслӣ, кӯчида ва ё тамоман дигар меоянд. Дар адабиёти бадеӣ чунин калимаву иборақо, ки ғайр аз маънои аслиашон боз маҷозӣ низ доранд, бисёр аст. Ҳар як ашё

сифатҳои хосси худро дорад ва мешавад, ки устодони сухан барои боз ҳам таъсирбахштар баромадани фикр сифатҳои мазкури онҳоро ба маънои маҷозӣ истифода менамоянд.

Масалан: фӯлод - филизоти сахту устувор, тилло аз филизоти асил буда, зарду сурхчатоб мебошад. Адибон, онро дар маънои маҷозӣ метавонанд истифода намоянд. Масалан, ибораҳои «панҷаи фӯлодин», «одами тилло».

Калимаҳои фӯлод ба маънои маҷозӣ омада, маҳкаму устувор, пурқувват будани панҷаро ифода мекунад. Дар ибораи дуюм, сухан дар бораи шахсе меравад, ки бо фазилатҳои хубу инсониаш байни мардум шуҳратёр гаштааст. Ё ки:

*Ба даст оҳани тафта кардан хамир,*
*Беҳ аз даст бар сина пеши амир. (Саъдии Шерозӣ)*

Дар ин байт Саъдии Шерозӣ шахсони хушомадгӯйро таъна мезанад ва ҳамаро ба меҳнатдӯстӣ, туфайли меҳнати ҳалоли худ нон хӯрдан, ғаюру боирода шуданро талқин мекунад. Аз таҳлили мисолҳои болоӣ бармеояд, ки калимаю ибораҳои маҷозӣ бо тобишҳои нави маъноии худ аз маъноҳои ҳақиқиашон ҷолибтар, зеботару таъсирбахштаранд. Ҳамин тариқ, «калимаҳое, ки барои тасвири чизе ва ё ҳодисае на ба маънои аслӣ, балки ба дигар маъно, ба маънои кӯчидаи сухан кор фармуда мешаванд, маҷоз номида мешаванд» [4,с.120].

**4.Истиора** шакли дигари ташбеҳ ва ё воситаи тасвирии забон буда, аз лафзи арабӣ гирифта шудааст ва маънои «ба орият гирифтан»-ро ифода мекунад, вале дар адабиёт як намуди маҷоз мебошад. Он ба ҷойи як калима истифода ёфтани калимаи дигарро мефаҳмонад. Дар монандии ду ашё, ҳодиса ба худ гирифтани маънои маҷозӣ истиораро ба ташбеҳ хеле наздик мекунад ва ё ба қавли устод Т. Зеҳнӣ, дар «асоси инкишофи минбаъдаи ташбеҳи пӯшида» истиора ҳосил мешавад. «Фарқи истиора аз ташбеҳ дар он аст, ки дар он ташбеҳшаванда зикр нагардида, фақат ташбеҳкунанда номбар мешаваду халос» [8,с.68].

Дар адабиётшиносӣ истиораро аз ҷиҳати ифода ба ду навъ ҷудо мекунанд: 1) истиораи равшан; 2) истиораи пӯшида. Дар истиораи равшан истиоракунанда баён намеёбад, фақат истиорашаванда зикр мегардад, ки онро дар санъати бадеъ истиораи бетасреҳ меноманд.

**5. Ташхис:** Ташхис маънои шинохтан ё шахсониданро дорад. Дар адабиёт ба сухан овардани чизҳои беҷон ва ё ҳайвону парандаҳо ва ба дигар ашёҳои мавҷуда хислатҳои инсонӣ дода, онҳоро ба сухан даровარданро ташхис меноманд. Дар эҷодиёти адибони классик чунин санъати бадеӣ хеле маъмул аст. Аз қабили, «Калилаву Димна», «Тӯтинома», «Мантиқ-ут-тайр»-и Фаридуддини Аттор, «Ҳайвонотнома»-и Сайидои Насафӣ, «Се қатра»-и А. Лоҳутӣ ва ғайра. Ҳамчунин, ташхис дар адабиёти шифоҳии халқ, дар афсонаву достонҳо, хеле зиёд истифода мешаванд. Бахусус, дар афсонаҳое, ки қаҳрамонони он ҳайвоноту парандагонанд.

**6. Тасвир** яке аз воситаҳои санъати тасвири бадеӣ буда, хурдиву кӯчак будани ашёву ҳодисаро ифода мекунад. Ин намуди санъати бадеӣ дар фолклор, адабиёти бачагона хеле зиёд ба кор меравад.Чунин навъи санъати тасвирӣ дар маводи китоби дарсии забони модарии синфи 1-2 хеле серистеъмол аст, зеро кӯдакон бо хондану мутолиаи чунин навъи санъати бадеӣ бештар шавқ доранд, зеро онҳо хониши равон, мазмуни содаву фаҳмо доштаро ба осонӣ дарк мекунанд. Чунин навъи санъати тасвирӣ дар афсонаву ҳикояҳо низ серистеъмоланд.

Ҳамин тариқ, дар курсҳои такмили ихтисос ташаккули ҳусни баён, хушбаёнӣ, ҷолиб ифода кардани фикр воситаҳои тасвири забониро барои ба хонандагон омӯзонидан тавсия карда мешавад ва беҳуда нест, ки дар синфҳои ибтидоӣ таълими забони модарӣ дар асоси намунаҳои ашъори устодони сухан таълим дода мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Забони модарӣ. Синфи 3. Китоби дарсӣ/ И. Абдуллоев, З. Абдуллоева, Б. Боронов, З. Доғарбеков. – Душанбе, 2017.- 271 с.
2. Асроров В.И. Забони тоҷикӣ. синфи 2. Китоби дарсӣ / В.И. Асроров. -Душанбе: Ирфон, 1988. -136 с.
3. Асроров В.И. Забони тоҷикӣ. Синфи 3. Китоби дарсӣ / В.И. Асроров, Р. Довудов. –Душанбе: Ирфон, 1991. – 169 с.
4. Бобоев Ю. Муқаддимаи адабиётшиносӣ. Китоби дарсӣ / Ю. Бобоев. -Душанбе: Маориф, 1974. – 106 с.
5. Барномаи таълими ибтидоӣ. - Душанбе: ҶДММ Офсет, 2012. - 111 с.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик / Ҷ. 1. Лексикология, фонетика, морфология. -Душанбе: Маориф, 1982. – 482 с.
7. Зыкова А.В. Развитие учащихся в процессе обучения. Учебное пособие / А.В. Зыкова. - М: РСТСР, 1963. -368 с.
8. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. Монография /Т.Зеҳнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1978. – 227с.
9. Иванова С.Ф. Воспитание навыков культуры речи у школьников: Из опыта работы учителя /С.Ф. Иванова. - М.: Просвещение, 1964. – 274 с.

10. Леонтьев А.Н. Проблемы развития психики. Монография/ А.Н. Леонтьев. -М.: Просвещение, 1981. -286 с.

**МАҲОРАТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОН ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ИСТИФОДАИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ**

Мақолаи мазкур ба мавқеи истифодаи воситаҳои тасвирӣ ва образнок дар забони адабии тоҷик бахшида шудааст. Маълум аст, ки таъсири ҳиссӣ, таъсирбахшиву ҷозибии фикр аз бисёр ҷиҳатҳо ба воситаҳои тасвири бадеӣ алоқаманд буда, онҳо барои дилчаспу латиф, таъсирбахшу муассир ифода ёфтани фикр хизмат мекунанд. Дар мақола таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон -"Халқҳое дар ҷаҳон кам нестанд, ки дар асари фоҷиаи таърихӣ аз забони худ пуштибонӣ карда натавонистаанд, табдили забон кардаанд ва аз забони аслии худ маҳрум гаштаанд", ҳамчун намуна пешниҳод шудааст. Муаллифон таъкид намудаанд, ки истифодаи ташбеҳ, маҷозу истиора, ташхису муболиға, киноявү маҷозро дар курсҳои бозомӯзии такмили ихтисос ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ нишон дода тавонанд, зеро он дар барномаи курси такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун мавзӯи алоҳида оварда нашудааст. Муаллифон ҳар як воситаи тасвирии забонро ба таври возеҳ шарҳу тавсиф дода, барои исботи фикри худ китобҳои забони модарии синфҳои ибтидоиро таҳлил намудаанд. Ҳамчунин, муаллифон қайд намудаанд, ки воситаҳои образноки забон, қисми муҳимми илми забоншиносӣ буда, дар ташаккули маданияти сухан, ҳусни баён аҳамияти зиёд доранд. Онҳо таъкид менамоянд, ки муаллимони синфҳои ибтидоӣ бояд худашон, пеш аз ҳама, оид ба чунин унсурҳои забонӣ дониши комил дошта бошанд ва дар таълими он роҳу усулҳои самарабахшро ҷустуҷӯ намоянд.

**Калидвожаҳо**: такмили ихтисос, забон, воситаҳои образноки забон, маданияти нутқ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, забони модарӣ.

**ПРОФЕССИОНАЛЬНЫЕ НАВЫКИ УЧИТЕЛЕЙ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ИСКУССТВА НА УРОКАХ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА**

Данная статья посвящена определению визуальных и образных фразеологических выражений в современном литературном таджикском языке. Известно, что влияние эмоций, эффективности и чувствительности связано со многими аспектами художественных средств, которые служат для выражения чувства, ожиданий и эффективности как ценного и важного фактора. В статье представлены интересные идеи авторов об инструментах интерпретации фразеологических единиц и формировании культуры речи. В статье слова Основателя мира и национального единства – Лидер нации, Президента Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон: «Немало народов в мире, которые не смогли поддержать свой язык из-за своей исторической трагедии, преобразовали язык и лишились своего родного языка», представлены как образец. Авторы постарались показывать учителям начальных классов обучения использование сходств, метафор и заимствования, гиперболы метонимияи и метафоры, которые не представлены в программе курса повышения квалификации учителей начальных классов как отдельная тема. Они также прокомментировали каждое художественное средство, дали чёткое объяснение и для доказательств своих мыслей, провели анализы учебников родного языка начальных классов и привели их примеры. Также авторы отметили, что художественное средство - важная часть языковедения и играют большую роль в формировании культуры речи. Они утверждают, что для учителя начальных классов важно знание этого элемента языкознания.

**Ключевые слова**: повышение квалификации, язык, инструменты интерпретации языка, культура речи, учители начальных классов, родной язык.

**PROFESSIONAL SKILLS OF TEACHERS IN THE PROCESS OF STUDYING ART AT THE LESSONS OF THE TAJIK LANGUAGE**

This article is devoted to the definition of the position of visual and figurative phraseological expressions in the modern literary tajik language. It is known that the influence of emotions, efficiency and sensitivity is associated with many aspects of artistic means that serve to Express feelings, expectations and effectiveness as a valuable and important factor. The article presents interesting ideas of the authors about the tools of language interpretation, phraseological units and the formation of speech culture. In the article the words of the Founder of peace and national unity – the leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan dear Emomali Rahmon "Not a few people in the world who could not support their language because of their historical tragedy, transformed the language and deprived their native language" is presented as an example. The authors have tried to show primary school teachers learning the use of similarities, metaphors and borrowing, diagnosis and hyperbole, metonymy and metaphor, which are not presented in the program of training courses for primary school teachers as a separate topic. They also commented on each artistic medium, gave a clear explanation and, to prove their thoughts, analyzed the textbooks of the native language of primary school and gave their examples. The authors also noted that artistic means and phraseological expressions are an important part of linguistics and play an important role in the formation of the culture of speech. They argue that for primary school teachers important knowledge of this element of linguistics.

**Key words**: professional development, language, tools of language interpretation, culture of speech, primary school teachers, native language.

**Сведения об авторах:** ***Каримова Шахноз Аъзамджоновна*** - Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова, соискатель социальной и профессиональной педагогики педагогического факультета. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **omuzgork@mail.ru.** Телефон: **(+992) 93-89-90-06**

***Тахмина Абдуллозода*** - Худжандский государственный университет имени Бободжона Гафурова, преподаватель кафедры теории и методики преподавания родного языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-Mail: **Akhr@Mail.Ru.** Телефон: **(+992) 929-85-02-08**

**Information about the authors:** ***Karimova Shakhnoz Azamdzhonovna*** - Khujand State University named after B. Gafurov, applicant for social and professional pedagogy of the pedagogical faculty. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Passage 1. E-mail: **omuzgork@mail.ru**. Phone: **(+992) 93-89-90-06**
***Abdullozoda Tahmina*** - Khujand State University named after B. Gafurov, teacher of the department of theory and methods of teaching the native language. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Passage 1. E-Mail: **Akhr@Mail.Ru.** Phone: **(+992) 929-85-02-08**

УДК:378 (575.3)

# РАВАНДИ ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ

*Латипов С.О.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Зери мафҳуми қобилият хусусияти фардӣ – равонии шахсро фаҳмидан мумкин аст, ки ба талаботи фаъолияти додашуда ҷавобгӯ аст ва имконияти иҷрои бомуваффақияти онро таъмин намуда, шарти ба осонӣ аз худ гаштани донишу маҳорат ва малакаҳо мебошад.

Яке аз олимони рус Б.М. Теплов се аломати асосии мафҳуми қобилиятро қайд кардааст: аввалан, зери вожаи қобилият хусусиятҳои фардӣ – психологиеро мефаҳманд, ки якеро аз дигаре фарқ мекунонад; дувум, қобилият гуфта на ҳамаи хусусиятҳои фардӣ – психологиро дар назар доранд, балки танҳо онҳоеро, ки ба иҷрои бомуваффақияти ягон фаъолият ё фаъолиятҳои зиёд марбутанд; савум, мафҳуми қобилият ба он донишҳо, малака ва маҳоратҳое, ки аллакай дар шахс вуҷуд доранд, дар айният нест, ҳарчанд боиси ба осонӣ аз худ гаштани онҳо мегардад.

Миёни қобилиятҳо ва донишу маҳорату малакаҳо муносибатҳои мураккаби алоқамандии байниҳамӣ вуҷуд доранд. Масалан, омӯзгор метавонад аз ҷавоби донишҷӯ Аҳмад аз фанни информатика қаноатманд набошад, вале донишҷӯи дигар Баҳромро барои ҳамин гуна ҷавоб ситоиш кунад. Барои чӣ? Чунки донишҷӯ Аҳмад, ки ба информатика қобилият дорад, аз имкониятҳои худ пасттар ҷавоб дод, дар сурате ки донишҷӯ Баҳром дар соҳае ба дастовардҳои баланд ноил гашт, ки дар он қобилиятҳои назаррасе надорад. Одатан, баҳо дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ на қобилиятҳоро, балки дараҷаи донишу маҳорат ва малакаҳоро чен мекунад.

Психологи машҳури рус А.В. Петровский оид ба қобилият чунин мегӯяд: «Дар бораи қобилият ҳарф зада истода, аз мафҳумҳои фалсафии «имконият» ва «воқеият» истифода кардан қулай аст. Монанди оне, ки дони ба заминафтида дар нисбати хӯшаи пухтарасидае, ки метавонад аз ин дон сабзад (агар сохтор, таркиб, намнокии замин ва боду ҳаво мусоид бошанд), танҳо имконият аст. Қобилияти инсон низ барои ба даст овардани донишу маҳорат ва малакаҳои муайян имконият аст. Ин имкониятҳо дар натиҷаи меҳнати суботкорона ба воқеият табдил меёбанд. Гуфтан мумкин аст, ки меҳнатдӯстӣ, майл ба меҳнат дар он соҳае, ки шахс қобилият дорад, ба мазмун ва сохти қобилият дохил мешавад. Психологи рус Н.С. Лейтес, ки кӯдакони қобилияти баланди ақлидоштаро меомӯхт, қайд мекунад, ки ҳамаи онҳо, пеш аз ҳама, меҳнатдӯстанд. Майли бузург ба меҳнати фикрӣ хусусияти муҳимми эшон маҳсуб меёбад.

Қобилиятҳо чун дигар хусусиятҳои шахс на танҳо дар фаъолият зоҳир мегарданд, балки дар он ташаккул меёбанд.

Иҷрои бомуваффақияти фаъолият якбора ба амал намеояд. Қобилият дар рафти ҳаёту фаъолият ташаккул меёбад ва рушд мекунад. Дар протсесси фаъолият системаи муҳимми алоқаҳои шартӣ ба вуҷуд меояд ва машқ додану мустаҳкам намудани онҳо шарти ташаккули қобилият маҳсуб меёбад.

Қобилият дар ҳамон хел фаъолияте зоҳир мегардад ва рушд меёбад, ки дар он мавриди истифода шудани он пайдо мешавад. Ҳар қадаре ки фаъолият гуногуннавъ ва пурмазмун бошад, ҳамон қадар қобилият низ рушд меёбад. Вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки ба донишҷӯ имконияти амал карданро диҳад ва барои устувор шудани шавқу ҳавасҳои пайдошуда мусоидат намояд.

Агар мавҷудияти кадом як қобилият ҳанӯз барои бомуваффақият иҷро намудани фаъолият нокифоя бошад, он гоҳ, дар навбати худ, сустии кадом як қобилият ҳоло ифодаи корношоямии одамро ба ин ё он фаъолият надорад. Агар дигар қобилиятҳо равшан ифода ёбанд ва одам имконияти бомуваффақият иҷро намудани фаъолиятро пайдо кунад, ин барои рушди қобилиятҳои қафомонда шароитҳои мусоидро фароҳам меоварад. Онҳо чунон баробар мешаванд, ки осоре аз сустии аввала намемонад.

Вазифаи омӯзгор на танҳо аз он иборат аст, ки хусусиятҳои донишҷӯро бодиққат ба ҳисоб гирифта, ҷиҳатҳои пурқимати шахсияти ӯро муайян кунад, боз дар он аст, ки

хусусиятҳои номатлубро пешгирӣ кунад, тағйир диҳад ва аз нав тарбия намояд. Дар баъзе ҳолатҳо чунон метобад, ки «беқобилиятӣ, яъне ноуҳдабароии донишҷӯ нисбат ба ягон фанни таълимӣ дар нокифоя будани дониш ва малакаҳо зоҳир мешавад ва инро на ҳама вақт ба осонӣ ошкор кардан мумкин аст. Баъзе донишҷӯён ҳангоми гузаштан ба иҷрои фаъолияти боз ҳам мураккабтар ҳоло бо тарзҳои нави иҷрои кор ошно нестанд, вале дар ибтидо тавассути тарзу усулҳои пеш азхудкардашуда ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил мешаванд ва ба фазли ин муваққатан уҳдабаро метобанд. Аммо ҳангоми гузаштан ба давраи дигари омӯзиш, аз уҳдаи иҷрои супоришҳои таълимӣ намебароянд ва гӯё «беқобилиятӣ»-ро дар соҳиб шудани маҳоратҳо нишон медода бошанд. Сабаби асосии нобарории онҳо нокифоягии рушди қобилиятҳо набуда, балки сари вақт ташаккул надодани маҳорати лозимӣ барои раванди ояндаи кори таълимӣ мебошад.

Аҳамияти ниҳоятдараҷаи муҳимро барои рушди қобилиятҳо коршоямӣ ва меҳнатдӯстӣ доранд. Ба ин таҷрибаи кори муассисаи таълимӣ далолат мекунад. Масалан, сабаби бадхонии донишҷӯёни сустхонро танҳо дар сифатҳои ақлу хиради онҳо дидан хато аст. Ба ҳар яки онҳо масъалаҳои аз ҳама душвори барномаро фаҳмонидан мумкин аст. Нобарориҳоро бисёр вақт метавонем дар набудани майли онҳо ба меҳнат бинем.

Донишҷӯе, ки ба кор кардан ҳавасманд нест, саъю кӯшиш намекунад, дар ӯ қобилиятро инкишоф додан душвор аст.

Инчунин, донишҷӯёне хастанд, ки новобаста аз танбалиашон бомуваффақият дарс мехонанд. Чунин донишҷӯи сустхон бисёр вақт ноаён кор мекунад ва баъзан кай хондани ӯ пайхас бурда намешавад. Нақши хусусияти меҳнатдӯстӣ дар ноил шудан ба чунин муваффақиятҳои донишҷӯ назаррас аст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки донишҷӯи дар муассисаи олии касбӣ пешқадам, мутаассифона, баъзан дар ҳаёт ба нобарориҳо дучор мешавад ва ин аз набудани одоби ҷиддии кор кардан рӯй медиҳад. Қобилияти хонанда тавассути ҳамин нишондиҳандаҳои ақлӣ ва қобилияти боз ҳам устувори ӯ пурратар рушд меёбад ва боиси ба даст овардани натиҷаҳои назаррас мегардад.

Нақши меҳнатдӯстӣ махсусан дар дараҷаҳои баланди қобилият бештар эҳсос мешавад. Барои он ки истеъдод рушд ёбад, майли беинтиҳо ва меҳнат кардан зарур аст.

Раванди тарбияи қобилият аз ташаккули характери одам ҷудо нест. Аҳамияти марказиро дар характери донишҷӯ хислатҳое ташкил медиҳанд, ки муносибатро ба меҳнат, ба одамони дигар ва ба худаш ифода мекунанд. Ҳамаи ин гуногунии муносибатҳо ба ҳақиқат, ки ҷиҳатҳои нисбатан муҳимми шахсро тавсиф медиҳанд, мувофиқи тадқиқотҳои равоншиносон самаранокии равандҳои равонӣ ва маҳорати одамро муайян мекунанд ва онҳо бевосита дар рушди қобилиятҳо таъсири амиқ мерасонанд. Маҳз зуҳуроти муносибати бозавқ ба кор - шарти муҳимми таъсири ин фаъолият ба рушди қобилият мебошад. Яъне, дар баробари ҷалб кардани донишҷӯ ба ин ё он намуди фаъолият, инчунин ӯро ба кор шавқманд намудан зарур аст. Донишҷӯёни қобилияташон инкишофёфта супоришу барномаҳои махсусро талаб мекунанд. Дар муассисаи таълимӣ ҷоннок намудани фаъолияти маҳфилҳои илмӣ, ташкили пурмазмуни корҳои мустақилонаи донишҷӯён - шарти дигари рушди қобилият ба шумор меравад. Донишҷӯёне, ки қобилиятҳояшон ба таври кофӣ зоҳир нашудаанд, ба тарбияи шавқу ҳавас ва бедор кардани майли онҳо ба корҳои мустақилона эҳтиёҷ доранд. Иҷрои шаклҳои гуногуни корҳои мустақилонаи донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ташаккули тафаккур ва хаёли эҷодии донишҷӯёнд мусоидат менамояд ва ин, дар навбати худ, барои навовар ва ихтироъкор шудани онҳо дар оянда имконият фароҳам меоварад.

Хулоса, аз таҳлилҳои боло бармеояд, ки қобилияти инсон ирсӣ набуда, натиҷаи таълиму тарбия ва таъсири муҳити иҳотакарда мебошад.

### АДАБИЁТ


1. Буряк В.К. Дидактические основы самостоятельной работы учащихся с учебником в процессе обучения: дисс. канд. пед. наук / В.К. Буряк. -Казань, 2013.
2. Буйдаков Х. Психологические основы обучения учащихся в целостном педагогическом процессе / Х. Буйдаков. -Душанбе: Маориф, 1998. - 428 с.
3. Кузмина З.В. Психологияи умуми / З.В. Кузмина. -Душанбе, 1988.
4. Теплов Б.М. Исследование индивидуально-психологических различий / Б.М. Теплов. –М: НО, 2007. -№1. -314 с.
5. Сайдаматов Ф. Р. Развитие творческих способностей студентов в процессе профессиональной подготовки // Молодой ученый. — 2012. — №8. — С. 374-375. — URL https://moluch.ru/archive/43/5182/ (санаи мурочиат : 01.02.2019).


## РАВАНДИ ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТ ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ

Вазифаи асосии макотиби олии таълимӣ таъмини рушди шахсияти мутахассиси оянда мебошад. Тағйиротҳое, ки имрӯз дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуқӯъ меоянд, инкишофи усулҳои нави таълим, технологияҳои

педагогиро тақозо менамоянд ва албатта масъалаи зарурияти мурочиати илм ва таҷрибаи педагогӣ ба проблемаҳои рушди қобилиятҳои донишҷӯён дар тайёрии касбии мутахассиси оянда ба миён меояд. Мутахассиси оянда бояд дорои қобилиятҳои муайян бошад ва дар раванди тайёрии касбӣ бояд мустақилона имкониятҳои худро бо туфайли қобилиятҳояш татбиқ намояд. Дар асоси раванди рушди қобилиятҳо ташаккули муваффақиятҳои академии донишҷӯён, татбиқи шаклу усулҳои нави пешбурди фаъолияти таълимӣ ва фароҳамории шароитҳо барои зоҳиршавии қобилиятҳои онҳо нуҳуфтааст. Кор аз рӯи инкишофи қобилиятҳои донишҷӯён имконият медиҳад, ки саривақт қобилиятҳои донишҷӯ дарк карда шуда, онҳо дастгирӣ ва инкишофи минбаъда ёбанд.

**Калидвожаҳо:**низоми тайёрии касбӣ, сатҳи рушди қобилиятҳои донишҷӯён, фаъолияти мустақилонаи зеҳнӣ, фаъолияти таълимӣ – таҳқиқотии донишӯён, фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён.

## ПРОЦЕСС РАЗВИТИЯ СПОСОБНОСТЕЙ СТУДЕНТОВ В ПРОФЕССИОНАЛЬНОМ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ УЧРЕЖДЕНИИ

Главной задачей высшего учебного заведения является обеспечение развития личности будущего специалиста. Происходящие в настоящее время изменения в общественной жизни требуют развития новых способов образования, педагогических технологий и, конечно же, встает вопрос о необходимости обращения педагогической науки и практики к проблемам развития способностей студентов к профессиональной подготовке будущего специалиста. Будущий специалист должен обладать определенными способностями и в процессе профессиональной подготовки должен самостоятельно реализовать свои возможности, благодаря своим способностям. В основе процесса развития способностей лежит формирование академических успехов студентов, внедрение в образовательный процесс альтернативных форм и способов ведения образовательной деятельности и создание условий для проявления их способностей на занятиях. Работа над развитием способностей студентов дает возможность вовремя увидеть и разглядеть способности студента, обратить на них внимание и понять, что эти способности нуждаются в поддержке и развитии.

**Ключевые слова:** система профессиональной подготовки, уровень развития студента, развитие способностей студентов, самостоятельная интеллектуальная деятельность, учебно-исследовательская деятельность студентов, самостоятельная деятельность студентов.

## THE PROCESS OF DEVELOPING A STUDENT'S ABILITY IN A PROFESSIONAL EDUCATIONAL INSTITUTION

The main task of the higher education institution is to ensure the development of the personality of the future specialist. The current changes in public life require the development of new ways of education, pedagogical technologies and, of course, the question arises of the need to apply pedagogical science and practice to the problems of developing students' abilities for professional training of a future specialist. The future specialist should have certain abilities and in the process of professional training should independently realize their capabilities, thanks to their abilities. The basis of the development of abilities is the formation of academic success of students, the introduction into the educational process of alternative forms and methods of conducting educational activities and the creation of conditions for the manifestation of their abilities in the classroom. The work on the development of students' abilities makes it possible to see and see the student’s abilities on time, pay attention to them and understand that these abilities need support and development.

**Keywords:** vocational training system, level of student development, development of student abilities, independent intellectual activity, teaching and research activities of students, independent activity of student

**Сведения об авторе:** ***Латипов Сафарали Одинаевич*** - Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, декан математического факультета. **Адрес:** 733740, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **(+992) 938-94-57-94**

**Information about the author:** ***Latipov Safarali Odinayevich*** - Tajik State Pedagogical University. S. Aini, Dean of the Faculty of Mathematics. **Address:** 733740, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **(+992) 938-94-57-94**

**УДК:372.879.6+378(575.3)**

# МЕЪЁРҲОИ САЛОҲИЯТНОКИИ КОММУНИКАТИВИИ ДОНИШҶӮЁН - ВАРЗИШГАРОНИ ВАРЗИШИ САБУК

***Камолов Б.Ҷ.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Азнавсозӣ ва ислоҳоти низоми таҳсилоти олии касбӣ, тамоюлоти муосири такомули омодасозии касбии мутахассисон, истифодаи инноватсияҳо дар раванди таҳсилот аз бисёр ҷиҳат ба сатҳи салоҳиятнокии коммуникативии омӯзгорон ва донишҷӯён вобаста аст. Ин вобастагӣ бо назардошти ба ҷараёни таҳсилот ворид гардидани технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ва ба ин васила ҷорӣ гардидани таҳсилоти фосилавӣ беш аз пеш возеҳтар ба назар мерасад. Робитаи мустақими равандҳои инноватсионии таҳсилот аз ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълим, бахусус татбиқи методҳои интерактивӣ дар муассисаҳои олии касбӣ кайҳо собит гардидааст [12]. Ин алоқамандии зич ҳам дар

ҷоринамоии таълими симулятсионӣ (вонамуд кардани амалия) ва электронӣ ва ҳам дар ҷараёни истифодаи технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ ба назар мерасад.

Барои он ки равандҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таҳсилоти олии касбӣ (дар дигар зинаҳои таҳсилот низ) мавқеи боз ҳам устувортар пайдо карда, самараи дилхоҳ диҳанд, бояд салоҳиятнокии касбӣ ва коммуникативии иштирокчиёни раванди таълим ба талаботи ҷомеаи муосири иттилоотӣ ҷавобгӯ бошад. Зеро яке аз хусусиятҳои ҷомеаи муосири иттилоотӣ аз он иборат аст, ки селаи иттилооти гуногун (шифоҳӣ, чопӣ, электронӣ, дидорӣ (видеоӣ), шунидорӣ (аудиоӣ) ва ғайра) бо суръати кайҳонӣ афзуда, вале вақт барои дастёбӣ ва таҳлили он беш аз пеш нокифоя мегардад. Чунин вазъият афроди ҷомеа, аз ҷумла субъектҳо ва объектҳои раванди таҳсилотро водор менамояд, ки дорои фарҳанги баланди иттилоотӣ, аз ҷумла салоҳиятнокии зарурии коммуникативӣ бошанд.

Салоҳиятнокии коммуникативии донишҷӯён - варзишгарони варзиши сабук аз бисёр ҷиҳат аз сатҳи салоҳиянокии касбӣ ва коммуникативии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста аст.

Таҳсилоти фосилавӣ, ки имрӯз дар муассисаҳои тахсилоти олии касбӣ ҳамчун технологияи муосир ба таври васеъ ҷорӣ мегардад, дурнамои ин зинаи таҳсилотро муайян карда, боиси ҳамгироӣ, пайдоиш ва рушди захираҳои инноватсионии таҳсилот мегардад.

Ба андешаи муҳаққиқон, яке аз бартариятҳои асосии захираи электронии таҳсилот дар шакли лексия ва анвои дигари маводи таълимӣ баҳри баланд бардоштани сифати таҳсилот аз он иборат аст, ки барои таҳияи он кадрҳои беҳтарини педагогӣ ҷалб карда шуда, технологияҳои гуногуни таълим, аз ҷумла истифодаи саволҳои тестӣ оид ба маводи шунидашуда ва имконияти чандинкаратаи такрор намудани як қисм ё тамоми иттилоот ба вуҷуд меояд [10, 15].Тавре ки аллакай зикр гардид, рушди босуръати ҷомеа зарурати таҳсилоти муттасил ва раванди пайвастаи баланд бардоштани сатҳи салоҳиятнокии касбӣ ва коммуникативиро тақозо мекунад.Бо назардошти муҳиммияти масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки «самаранок ба роҳ мондани таҳсилоти салоҳиятнок ва давра ба давра ҷорӣ намудани он дар ҳамаи зинаҳои таълим талаби замон мебошад» [1].

Барои дуруст ба роҳ мондани раванди ташаккули салоҳиятнокии касбӣ ва коммуникативӣ таҳлили назариявӣ ва методологии проблемаи мазкур бағоят муҳим аст.

Яке аз душвориҳои асосии раванди омӯзиши проблемаи салоҳиятнокӣ ин мавҷуд набудани муносибати ягона нисбат ба мафҳуми «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ» мебошад. Зеро муҳаққиқон дар доираи методи «муносибати босалоҳият» миёни мафҳуми «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ» фарқ мегузоранд. Аммо аксаран ин ду мафҳум дар як қарина (контекст) истифода бурда мешаванд. Масалан, А.Г. Асмолов салоҳиятнокиро ҳамчун «омодагии мутахассис барои ворид шудан ба намуди муайяни фаъолият» [2] маънидод кардааст. Муҳаққиқи дигар П.Г. Шедровитская мафҳуми салоҳиятнокиро ҳамчун «аломати омодагӣ ба фаъолияти ояндаи касбӣ» [21] арзёбӣ намудааст. Ба андешаи А.Г. Бермус, «салоҳиятнокӣ ягонагии бонизомест, ки хусусияту ҷузъиёти шахсӣ, моддӣ, воситавиро ҳамгиро месозад» [3]. «Салоҳиянокӣ ин на танҳо соҳиби дониш будан, балки талоши пайваста ба хотири навсозиву таҷдид ва истифодаи онҳо дар ҳолатҳои мушаххас мебошад», - қайд мекунад М.А. Чошонов [19]. Яке аз мутахассисони варзида дар самти таҳқиқи мавзӯи мавриди назар - И.А. Зимняя салоҳиятнокиро ҳамчун «таҷрибаи шахсии ба донишу зеҳн асосёфтаи фаъолияти иҷтимоӣ-касбии инсон» [7] баҳо медиҳад. Аммо А.В. Хуторская миёни мафҳуми «салоҳиятнокӣ» ва «салоҳият» фарқиятро мушоҳида карда, қайд менамояд, ки «салоҳият маҷмӯи сифатҳоест (дониш, маҳорат, малака, тарзҳои фаъолият), ки шахсиятро ба доираи муайяни ашё ва равандҳо алоқаманд намуда, фаъолияти зарурии пурмаҳсулу босифати ӯро нисбат ба ҳамин ашё ва равандҳо муайян мекунад». Ҳамзамон, номбурда «салоҳиятнокӣ»-ро «таъсиррасонӣ, дорои таносуби салоҳиятҳо будани инсон, аз ҷумла муноситбати ӯ нисбат ба ин салоҳиятҳо ва предмети фаъолият» маънидод кардааст [18]. Солҳои охир дар адабиёти илмӣ оид ба омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни салоҳиятнокии касбӣ андешаҳои мухталиф ба назар мерасанд. Ҳар як муҳаққиқ кӯшиш менамояд, ки мавзӯи салоҳиятнокии касбиро дар иртибот ба мавзӯи таҳқиқи хеш мавриди баррасӣ қарор диҳад. Дар осори илмии Э.Ф. Зеер, С.Л. Ленков, П.В. Поваренков, А.К. Маркова, Л.М. Митина, В.А. Сластенин, Т.Н. Разуваева, Е.А. Сорокоумова ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти касбии педагогӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Ба андешаи Л.Я. Шамес, «салоҳиятнокии касбии омӯзгор тавсифи интегралиест (якҷояшудаест), ки қобилиятро баҳри ҳалли мушкилоти касбӣ ва вазифаҳои хосси касбӣ, ки дар вазъияти воқеии фаъолияти касбии педагогӣ ба вуқӯъ меоянд, тавассути дониш,

таҷрибаи касбӣ ва ҳаётӣ, арзишҳо ва майлу рағбатҳо муайян мекунад» [20]. Муҳаққиқ Л.И. Луженко тахти салоҳиятнокии касбӣ ягонагии бонизом ва ҳамгироро (синтези ҷузъиёти интеллектуалӣ ва малакаҳо, сифатҳо ва таҷрибаи шахсие, ки ба инсон барои истифодаи неруи худ, амалӣ гардонидани фаъолиятҳои мураккаб, мутобиқшавии фаврӣ ва муваффақона ба шароити доимотағйирёбандаи ҷомеа ва фаъолияти касбӣ имкон фароҳам меоранд) [8], маънидод кардааст. Салоҳиятнокии касбӣ «маънии сифатҳои алоҳидаи шахс, маҷмӯи онҳо ё донишҳои муайян, маҳорату малакаро надорад». Он на танҳо неруи мавҷудаи инсон ва қобилияти истифодаи онро инъикос мекунад, балки он падида ва сифати нави ҳаёту фаъолиятро тавлид намуда, имкон медиҳад, ки инсон комёб бошад» [8]. Салоҳиятнокии касбии омӯзгор бо салоҳиятнокии коммуникативии ӯ, ки асоси касбият аст, робитаи ногусастанӣ дорад, зеро моҳияти фаъолияти омӯзгорӣ, пеш аз ҳама, робитаи мутақобила (коммуникатсия) бо таълимгиранда мебошад.

Ба омӯзиши проблемаи салоҳиятнокии коммуникативӣ асару мақолаҳои илмии В.В. Девятко, Ю.Н. Емелянов, Ю.М. Жуков, В.Н. Кунитсина, А.А. Леонтев, А.В. Мудрик, Л.А. Петровская ва дигарон бахшида шудаанд. Психологони хориҷӣ А. Бандура, Э. Берн, Т. Гордон, Д. Ҷурард, А. Маслоу, Я. Морено, Д. Хант, Д. Хоманс ба проблемаи салоҳиятнокии коммуникактивӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҷанбаҳои гуногуни онро омӯхтаанд. Дар доираи муносибати рафторӣ (поведенческого подхода) салоҳиятнокиро бо васеъ гардидани маҷмӯи намунаву қолабҳои рафтор, ки дар муошират комёб шудан ва қобилияти ташаккули амсилаҳои чандири рафторро дар ҳолатҳои мушаххас таъмин мекунад, маънидод мекунанд. Дар психологияи когнитивӣ (идрок, тафаккур) самаранокии муоширатро аз сатҳи мураккабии ҷанбаи когнитивии субъект ва донишҳо дар соҳаи психологияи одамон вобаста медонанд.

Салоҳиятнокии коммуникативӣ дар сарчашмаҳои дигар ба маънои «қобилияти гӯш кардан ва қабул кардани андешаи одамони дигар, баҳс кардан ва нуқтаи назари худро ҳимоя кардан, дар байни омма баромад кардан, қарор қабул намудан, барпо намудан ва нигоҳ доштани робита, низоу андешаҳои гуногунро саришта кардан, гуфтушунид кардан, ҳамкорӣ ва кор кардан дар тим»; «донистан ва риоя кардани анъанаҳо ва одоб»; «маҳорати иртибот кардан, фаҳмо ва озодона муошират кардан»; «идора карда тавонистани фаъолияти дастаҷамъонаи касбӣ, истифода бурда тавонистани тарзу усулҳои муошırати касбӣ ҳамчун зухуроти масъулияти иҷтимоӣ нисбат ба натиҷаи фаъолияти худ» [4,5, 9, 16] арзёбӣ гардидааст.

Тибқи андешаи олимони мазкур, моҳияти салоҳиятнокии коммуникативиро метавон ҳамчун қобилият ва омодагӣ барои барпо намудани робитаҳои гуногун (шифоҳӣ, ғайришифоҳӣ, шифоҳӣ ва хаттӣ) барои ҳалли вазифаҳои коммуникативӣ (интиқоли иттилоот, гуфтушунид кардан, барпо намудан ва нигоҳ доштани робитаҳо) арзёбӣ намуд. Олимони дигар - Е.В. Руденский ба таркиби салоҳиятнокӣ ҷузъиёти ташхисӣ, барномасозӣ ва ташкилӣ [14], Н.Б. Буртовая бошад, нисбат ба ҳамсуҳбат (донишҷӯён) бодиққат, хушмуомила, хайрхоҳ буданро ворид намудаанд [6]. Ба ақидаи И.В. Никулина, дар сохтори умумии фаъолияти касбӣ-педагогӣ салоҳиятнокии коммуникативӣ ҷузъи асосии таркибӣ ба шумор рафта, барои ноил гардидан ба дараҷаи олии касбият мусоидат менамояд [11]. Салоҳиятнокии коммуникативӣ инчунин худинкишофёбиро дар намудҳои гуногуни фаъолият таъмин намуда, дар фаъолияти касбии педагогӣ ҷузъи асосӣ ва зарурӣ ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти он ки омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар маркази равандҳои коммуникативии мактаби олӣ қарор дорад, салоҳиятнокии коммуникативии ӯро арзёбӣ намудан душвор аст. Салоҳиятнокии касбӣ ва коммуникативии омӯзгори мактаби олӣ ба ӯ имкон медиҳад, ки фаъолияти таълимии донишҷӯёнро таъсирбахш идора намояд. Масалан, дар Федератсияи Россия мутобиқати мансабии (вазифавии) омӯзгори мактаби олӣ, аз ҷумла дар амал татбиқ намудани имкониятҳои педагогии ӯ дар маҷмӯъ тавассути стандарти касбӣ, ки Вазорати меҳнати Федератсияи Россия тахти №608н, аз 08.09.2015 тасдиқ намудааст, танзим мешавад [13].

Стандарти касбии омӯзгори таълимоти касбӣ, таҳсилоти касбӣ ва таҳсилоти иловагии касбӣ бозгӯйи тавсифи тахассусиест, ки ба корманд барои амалисозии намуди мушаххаси фаъолият, аз ҷумла иҷрои функсияи муайяни меҳнатӣ зарур аст. Дар он маълумоти умумӣ (номгӯйи функсияҳои меҳнатӣ ва рамзи (коди) тахассуси соҳаи фаъолият); харитаи функсионалӣ (тасвири функсияҳои умумие, ки омӯзгор бояд анҷом диҳад, функсияҳои умумӣ, дар навбати худ, боз ба якчанд функсияҳои мушаххаси хурд тақсим шуда, барои ҳар кадом сатҳи мувофиқи тахассусӣ нишон дода мешавад); тавсифи функсияҳо (тавзеҳи муфассали мавқеи харитаи функсионалӣ бо нишондоди номгӯйи амалҳои мушаххас барои иҷрои ҳар як функсия, инчунин малакаву донишҳое, ки омӯзгор

бояд доро бошад) инъикос ёфтаанд. Ба ибораи дигар, стандарти касбӣ санадест, ки дар он тамоми донишу маҳорат ва малакаҳои зарурие, ки омӯзгор барои иҷрои самарабахши уҳдадориҳои хеш бояд доро бошад, инъикос ёфтаанд.

Дар адабиёти илмӣ шартан самтҳои зерини камолоти тахассусӣ-педагогии омӯзгори мактаби олӣ ҷудо карда шудаанд: «салоҳиятҳои маъмурӣ-хизматгузорӣ; салоҳиятҳои коммуникативӣ-тарбиявӣ; салоҳиятҳои таълимӣ-методӣ, салоҳияти касбӣ (соҳаи фанне, ки таълим медиҳад)». Ҳамзамон, салоҳияти коммуникативӣ ба салоҳиятҳои универсалӣ дохил карда шудааст. Мутаассифона, дар равоншиносии муосир проблемаи салоҳиятнокии коммуникативӣ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашудааст. Бештар ҷузъиёти алоҳидаи он омӯхта шудаанд. Дар маҷмӯъ, падидаи мазкур ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Тавре ки олимон қайд мекунанд, «тавассути гузаронидани таҳлили библиометрии мақолаҳо дар низоми ҷустуҷӯйии e-LIBRARY аз рӯйи калидвожаи «салоҳиятнокии коммуникативӣ» (ҷустуҷӯйи иттилоот дар тӯли 10 сол – 2007-2017), сатҳи муҳиммият ва навгонии иттилоот, мониторинги иттилооти мавҷуда оид ба проблемаи мавриди таҳқиқ арзёбӣ гардида, дар натиҷа 7531 мақола дарёфт шудааст. Аз рӯйи калидвожаи «салоҳиятнокии коммуникативии омӯзгорон бошад, ҳамагӣ – 385 мақола» [22].

Меъёрҳои арзёбии сатҳи ташаккулёфтаи салоҳиятнокии коммуникативӣ асосан тавассути қобилиятҳои коммуникативӣ ва истифода бурда тавонистани васоити коммуникативӣ баррасӣ мегарданд. Барои андозагирии сатҳи ташаккулёфтаи салоҳиятнокии коммуникативӣ кадом меъёрҳо мавҷуданд?

Барои дарёфти посух ба ин савол сарраввал бояд мафҳуми «меъёр» муайян карда шавад. Тавре ки маълум аст, меъёр ин қоидаи хосси равандест, ки моҳият ва самти мақсадноки рушди ҳамин равандро ифшо намуда, дар баробари ин, имкон медиҳад, ки сифату шумора ва сатҳи ноил гардидан ба мақсад арзёбӣ гардад.

Салоҳиятнокии коммуникативӣ ба маънои васеи он низоми захираҳои дохилиест (ботиниест), ки барои роҳандозӣ намудани амали самараноки коммуникативӣ дар доираи муайяни робитаи мутақобилаи байнишахсӣ зарур аст. Маъмулан, коммуникатсия, ба маънои классикии он, дар фаъолияти инноватсионии касбӣ се функсияи асосии зеринро иҷро мекунад:

- пертсептивӣ, ки раванди қабул ва ташаккули симои комилан мувофиқро инъикос мекунад;
- коммуникативӣ, ки аз гирифтани иттилоот иборат аст;
- интерактивӣ, ки созмондиҳии робитаи мутақобилаи субъектҳои фаъолияти касбиро пешбинӣ менамояд.

Вобаста ба ин, меъёри рушди салоҳиятнокии коммуникативӣ бояд ба функсияҳои асосӣ мувофиқат намуда, маҳоратҳои зеринро инъикос намояд:

- маҳорати мубодилаи шифоҳӣ ва ғайришифоҳии иттилоот, инчунин гузаронидани ташхиси хусусиятҳои шахсӣ ва сифатҳои ҳамсуҳбат;
- маҳорати таҳияи (коркарди) стратегия, тактика ва техникаи робитаи мутақобила бо одамон, ташкили фаъолияти муштараки онҳо баҳри ноил гардидан ба мақсадҳои муайян ва муфиди иҷтимоӣ.

Вобаста ба ин, баъзе олимон меъёрҳои салоҳиятнокии омӯзгори мактаби олиро пешниҳод намудаанд. Масалан, муҳаққиқон А.А. Кузнетсова ва В.Н. Ткачев дар мақолаи хеш «Критерии коммуникативной компетентности преподавателей высшей школы в условиях электронной образовательной среды» (Коллекция гуманитарных исследований. - 2017. - №5(8) [Электронный ресурс] - URL: http: j-chr.com) ба сифати методи арзёбӣ ассессмент-марказро пешниҳод намудааст, ки он ҳамчун методи нисбатан боэътимоди таҳлили комплексии (маҷмӯии) ҳайат эътироф гардидааст. Методи мазкур дар асоси методҳое таҳия ва пешниҳод гардидааст, ки якдигарро мукаммал гардонида, сифатҳои воқеии кормандонро инъикос менамояд. Он нисбатан самаранок ва иттилоотӣ аст, зеро он аз блоки ташхиси психологӣ тавассути методҳои стандартикунонида ва блоки арзёбии экспертии маҳсули (натиҷаи) фаъолияти педагогӣ иборат мебошад. Дар мавриди варзишгарони варзиши сабук арзёбии экспертӣ тибқи меъёрҳои салоҳиятнокии коммуникативӣ аз рӯйи маводи электроние, ки омӯзгор дар шакли видеолексия таҳия намудааст, анҷом дода шудааст. Ҳамин тавр, бо дарназардошти коммуникатсияҳо мо меъёрҳои зеринро пешниҳод менамоем:

- меъёри арзёбии унсури перстептивӣ-хурӯшонӣ, худнамоӣ, ба маънои худмуаррифӣ;
- меъёри арзёбии унсури коммуникативӣ-банақшагирӣ, эътимоднокӣ дар муошират, дастрасӣ ва фаҳмо будани коммуникатсия дар раванди педагогӣ;

- меъёри арзёбии унсури интерактивӣ-далелнокӣ, ташаббускорӣ, тобоварӣ ба стрессҳо ва ангезандаҳои гуногун, майл ба сӯйи робитаи мутақобила.

Бо мақсади инъикоси возеҳтар меъёрҳои арзёбии салоҳиятнокии коммуникативӣ дар ҷадвали зерин нишон дода шудаанд:

**Меъёрҳои арзёбии салоҳиятнокии коммуникативӣ**

| Меъёрҳо | Индикатор |
|---|---|
| Унсури перстептивӣ | |
| Худнамоӣ, ба маънои худро муаррифӣ кардан | - намуди зоҳирӣ (либоси якранг, бе ҷило, бе унсурҳои дурахшон);<br>- ҳолат дар макони муошират;<br>- серҳаракатӣ |
| Хурӯшонӣ (эмоциональность) | - намуди хайрхоҳона, кушодарӯйӣ;<br>- таъкидҳои эмотсионалӣ;<br>- робитаи визуалӣ (дидорӣ) бо шунавандагон |
| Унсури коммуникативӣ | |
| Банақшагирӣ | - таркиббандӣ ва тамоили иттилооти таълимӣ ба сӯйи мақсад;<br>- таркиббандӣ ва тамоили иттилооти таълимӣ ба сӯйи вазифаҳо |
| Эътимоднокӣ дар муошират | - робитаи визуалӣ (дидорӣ) бо шунавандагон;<br>- нутқи рӯҳафзо ва бурро;<br>- лаҳзаҳои эмотсионалии (хурӯшони) нутқ бо фосилаҳо ҷудо карда шудаанд;<br>- ба аудитория муроҷиат мекунад;<br>- андоми бе риё (самимона) дар муошират;<br>- нутқи дуруст, бе забонгирӣ (лакнат) ва калимаҳои туфайлӣ |
| Унсури интерактивӣ (махсусан фаъол) | |
| Ташаббускорӣ | - нисбати тарзи амал пешниҳод иброз мекунад;<br>- дар баробари ҳамин вариант, боз вариантҳои нав пешниҳод мекунад;<br>- барои ворид шудан ба вазъият чандир аст;<br>- ба тартиб ва сифати амалҳо таъсири асоснок мерасонад |
| Майл ба сӯйи робитаи мутақобила | - ба робита фаъолона меравад;<br>- пешниҳод оид ба ҳамкориро ҷонибдорӣ мекунад;<br>- дар ҳолатҳои пуршиддат ба ҷустуҷӯйи роҳҳои мусолиҳа майл дорад;<br>- дар ҳаллу фасли вазифаҳо иҷрои функсияҳои худро риоя мекунад;<br>- ба осонӣ «забон меёбад», робитаи мутақобиларо нигоҳ медорад. |
| Тобоварӣ ба стресс ва ангезандаҳои гуногун | - аксуламали эмотсионалии устувор ва натиҷабахш дорад;<br>- эҳсосоти худро дуру дароз назорат карда метавонад |

Ҳамин тавр, барои татбиқи муносиби (оптималии) ҷузъиёти мазкур, ки дар маҷмӯъ салоҳиятнокии коммуникативиро ташкил медиҳанд, бояд дар ниҳоди варзишгари варзиши сабук сифатҳои зерини касбӣ-коммуникативӣ ташаккул ёбанд, ки онҳо дар ниҳояти кор самаранокии муоширатро муайян мекунанд:- самтгирии касбӣ-коммуникативӣ;- улфатпазирӣ;- фаъолнокии зеҳнӣ;- хурӯшонӣ (эмоциональность);- боғайратӣ (бо ҳарорат будан);- фаъолнокии коммуникативӣ-эҷодӣ.

Дар раванди иҷтимоишавӣ шахс забон, тарзу қолабҳои рафтор, меъёру қоидаҳои муоширатро меомӯзад, ормонҳои фарҳангиро аз худ мекунад.

Ташаккул наёфтани малакаҳои фарҳанги муошират ба пайдоиши хусусиятҳои махсуси психологӣ – бедурѣатӣ, дудилагӣ, тарсончакӣ, мардумгурезӣ мусоидат намуда, боиси тавлиди хусусиятҳои хосси рафтор ва нутқ – коҳиш ёфтани талабот нисбат ба муошират, робитаи маҳдуд, суҳбат карда натавонистан, назорат карда натавонистани гуфтору рафтори хеш, гуфтори худро тибқи меъёрҳо ва қоидаҳои нутқ идора карда натавонистан, мегардад. Аз ин рӯ, ташаккули салоҳиятнокии коммуникативии донишҷӯён -варзишгарони варзиши сабук яке аз вазифаҳои муҳимми раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба шумор меравад.

Ташаккули салоҳиятнокии коммуникативии варзишгари варзиши сабук боз аз он нуқтаи назар муҳим аст, ки омодагии психологӣ ва педагогии онҳо барои татбиқи самараноки имкониятҳои техникию тактикӣ ва функсионалии онҳо, ноил гардидан ба

сатҳи баланди коршоямӣ дар раванди машқҳо ва ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин дар мусобиқаҳо мусоидат менамояд. Омодагии психологии онҳо инчунин барои худдорӣ кардан, идора карда тавонистани ҳиссиёти ғаму андӯҳ аз нокомиҳо, шодиву хурсандӣ аз дастовардҳо, қобилияти канораҷӯйӣ кардан аз ангезандаҳои беруна ва шаклҳои номусоиди ҳолатҳои равонӣ дар рафти қувваозмоиҳо, зоҳир намудани тамоми имкониятҳои равонию ҷисмонӣ дар мусобиқаҳо ва омода будан дар муқобили ҳарифи пурқувват ва ғайра ниҳоят муҳим мебошад. Омодагии психологӣ тавассути тарбияи сифатҳои матинородагӣ, устувории варзишгар, омода намудани ӯ ба шароити қувваозмоӣ бо ҳариф амалӣ мегардад. Варзишгарро бояд тавре тарбия намуд, ки ӯ ба қувваи худ боварӣ дошта бошад, азму ҷасорат нишон диҳад ва худро барои бартараф намудани монеаҳои равонӣ ҳамеша омода созад. Танҳо дар чунин ҳолат вай ба натиҷаҳои дилхоҳ мушарраф хоҳад гашт. Зеро бе қувваозмоӣ варзиш вуҷуд надорад. Дар варзиши сабук ҳадафи фаъолият ноил гардидан ба натиҷаи баландтарини варзишӣ ва густариши имкониятҳои махсус мебошад. Зеро иштироки шахс дар мусобиқа ин ифодаи кӯшиши ӯ барои ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин дар қувваозмоӣ бо шахси дигар аст.

**АДАБИЁТ**


1. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ, шаҳри Душанбе, 30.08.2017 [Манбаи электронӣ]. ttp://www.president.tj/ru.
2. Асмолов А.Г. Формирование универсальных учебных действий в начальной школе / А.Г. Асмолов. -М.: Просвещение, 2010. - 186 с.
3. Бермус А.Г. Проблемы и перспективы реализации компетентностного подхода в образовании / А.Г. Бермус. [Электронный ресурс]. http://www.edioss.ru/journal/2005/0910-12.htm
4. Бабанова, Ю.В. Формирование социально-психологической компетентности на основе разработки тестовых программ в процессе перехода на двухуровневую систему подготовки кадров / Ю.В. Бабанова, Г.Ф. Голубева, В.В. Спасенников // Вестник Костромского государственного университета им. Н.А. Некрасова. - 2010. -Т.16. -№3. -С.46-54.
5. Будина, И.А. Коммуникативная компетентность преподавателя высшей школы / И.А. Будина // Научный альманах. - 2015. -№11-2(13). -С.65-68.
6. Буртовая Н.Б. Профессиональная и коммуникативная компетентность педагога ВУЗа / Н.Б. Буртовая // Вестник ТГПУ. - 2012. -№6. -С.44-52.
7. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании [Текст] / И.А. Зимняя. –М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004. -40 с.
8. Луценко Л.И. Развитие коммуникативной компетентности руководителя в процессе повышения его квалификации как важное условие модернизации российского общества / Л.И. Луценко // Вестник Тульского филиала Финуниверситета. - 2015. -№1. -С.227-228.
9. Маркова В.В. Коммуникативная компетентность преподавателя как условие профессионально-нравственного развития студентов / В.В. Маркова, О.П. Нагель // Среднее профессиональное образование. - 2008. -№5. -С.40-43.
10. Никишина В.Б. Технология создания видеолекций: мифы и реальность / В.Б. Никишина, И.В. Запесоцкая, А.А. Кузнецова // Современные проблемы науки и образования. - 2017. -№4. -С.140.
11. Никулина И.В. Психологическая компетентность преподавателя высшей школы / И.В. Никулина // Вестник СамГУ. - 2011. -№1/2. -С.74-81.
12. Природова О.Ф. Моделирование системы непрерывного педагогического образования преподавателей медицинского вуза / О.Ф. Природова, В.Б. Никишина, А.А. Кузнецова // Профессиональное образование в России и за рубежом. - 2017. -№2(26). -С.60-68.
13. Профессиональный стандарт, утвержденный приказом Минтруда РФ №608н от 08.09.2015 [Электронный ресурс]. Режим доступа URL: http://boukalmmed.ru/sites/default/files/prof-standart-608n.pdf (дата обращения 21.09.2017)
14. Руденский, Е.В. Педагогическая социология как теоретическое основание конструктивистской педагогики профессионального образования / Е.В. Руденский // Профессиональное образование в России и за рубежом. - 2011. -№1(3). -С.16-25.
15. Свистунов А.А. Интерактивные эффекты видеолекций в пространстве электронного обучения в высшей школе / А.А. Свистунов, В.Б. Никишина, А.А. Кузнецова // Профессиональное образование в России и за рубежом. - 2017. -№3(27). -С.136-142.
16. Сысоева Е.Ю. Коммуникативная компетентность преподавателя вуза как психолого-педагогическая проблема / Е.Ю. Сысоева // Успехи современной науки. - 2016. -Т.2. -№11. -С.111-113.
17. Федеральный Закон №273-ФЗ «Об образовании в Российской Федерации» от 29.12.2012. [Электронный ресурс]. Режим доступа URL http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_175600/ (дата обращения 21.09.2017)
18. Хуторской А.В. Ключевые компетенции и образовательные стандарты / А.В. Хуторской // Интернет-журнал «Эйдос». – 2002. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.eidos.ru/journal/2002/-4-23.htm
19. Чошонов М.А. Гибкая технология проблемно-модульного обучения: Методическое пособие / М.А. Чошонов. - М.: Народное образование, 1996. -160 с.
20. Шамес Л.Я. Социокультурные образовательные ситуации в современном российском социуме / Л.Я. Шамес // Вестник Иркутского государственного технического университета. - 2004. -№4(20). -С.71-77.
21. Щедровицкий П.Г. Очерки по философии образования: (статьи и лекции) / П.Г.Щедровицкий. -Рига. Пед.центр «Эксперимент», 1993. – 156 с.

22. [Электронный ресурс]. https://elibrary.ru/defaultx.asp (дата обращения 21.09. 2017).

## МЕЪЁРҲОИ САЛОҲИЯТНОКИИ КОММУНИКАТИВИИ ДОНИШҶӮЁН - ВАРЗИШГАРОНИ ВАРЗИШИ САБУК

Дар мақола меъёрҳои психологӣ-педагогии салоҳиятнокии варзишгарони варзиши сабук мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Натиҷаҳои таҳлили назариявии проблемаи ҷойгоҳ ва муҳиммияти салоҳиятнокии коммуникативӣ дар фаъолияти оянда варзишгарони варзиши сабук инъикос гардидаанд. Алгоритми арзёбии меъёрҳои салоҳиятнокии коммуникативӣ тавассути методи амалиёти экспертӣ пешниҳод карда шудааст. Ба андешаи муаллифи мақола, характери босуръати рушди ҷомеа зарурати таҳсилоти муттасил, раванди пайвастаи баланд бардоштани салоҳиятнокии касбиро тақозо мекунад. Новобаста аз ин, проблемаи мазкур ҳанӯз муҳим боқӣ мемонад. Муаллиф қайд менамояд, ки имрӯз дар омӯзиши масъалаҳои касбияти варзишгарони варзиши сабук ҷанбаи салоҳиятнокӣ бартарият дорад. Вобаста ба ин, дар мақола масъалаҳои салоҳиятнокии коммуникативӣ ҷойгоҳи хосса доранд. Қайд гардидааст, ки аз нигоҳи классикӣ салоҳиятнокӣ дар фаъолияти инноватсионии касбӣ се функсияи асосӣ: перстептивӣ, коммуникативӣ ва интерактивиро иҷро мекунад. Аз ин рӯ, муаллиф кӯшиши бамеъёрдарории салоҳиятнокии коммуникативиро анҷом додааст. Муаллиф қайд менамояд, ки меъёрҳои рушди салоҳиятнокии коммуникативӣ бояд ба функсияҳои асосӣ мутобиқат кунанд ва маҳоратҳои зеринро инъикос намоянд: маҳорати мубодилаи шифоҳӣ ва ғайришифоҳии иттилоот, ташхиси хусусиятҳои шахсӣ ва сифатҳои ҳамсуҳбат, таҳияи стратегия, тактика ва техникаи робитаи мутақобила бо одамон, созмондиҳии фаъолияти муштараки онҳо баҳри ноил гардидан ба мақсадҳои муайян ва муфиди иҷтимоӣ.

**Калидвожаҳо:** меъёрҳои психологӣ-педагогӣ, салоҳиятнокии коммуникативӣ, салоҳиятнокии касбӣ, қобилияти коммуникативӣ, касбият, варзишгари варзиши сабук, меъёрҳои арзёбӣ, муошират, робитаи мутақобила, робитаи шифоҳӣ, робитаи ғайришифоҳӣ, методи экспертӣ-арзёбӣ.

## КРИТЕРИИ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ СТУДЕНТОВ- СПОРТСМЕНОВ ПО ЛЕГКОЙ АТЛЕТИКЕ

В статье рассмотрены психолого-педагогические критерии коммуникативной компетенции спортсменов по легкой атлетике. Представлены результаты теоретического анализа проблемы места и значимости коммуникативной компетенции в профессиональной деятельности спортсменов по легкой атлетике. Предложен алгоритм оценки критериев коммуникативной компетентности методом экспертно-оценочной процедуры. По мнению автора статьи, динамический характер развития общества предусматривает необходимость непрерывного образования, процесса постоянного повышения своей профессиональной компетентности. Тем не менее она остается актуальной до настоящего времени. Автор отмечает, что существует множество подходов к изучению вопросов профессионализма спортсмена легкой атлетики, доминирующим в настоящее время является компетентностный. В связи с этим в статье особое место уделяется вопросам коммуникативной компетентности. Подчеркивается, что классически коммуникация в инновационной профессиональной деятельности выполняет три основные функции: перцептивную, коммуникативную и интерактивную. Исходя из вышеперечисленного автором предприняты попытки критеризации коммуникативной компетентности. Автор отмечает, что критерии развития коммуникативной компетенции должны соответствовать основным функциям и отражать следующие умения: умение вести вербальный и невербальный обмен информацией, проводить диагностирование личных свойств и качеств собеседника, вырабатывать стратегию, тактику и технику взаимодействия с людьми, организовывать их совместную деятельность для достижения определенных социально значимых целей.

**Ключевые слова:** психолого-педагогические критерии, коммуникативная компетенция, профессиональная компетентность, коммуникативная способность, профессионализм, спортсмен, легкая атлетика, критерии оценки, общение, взаимодействие, вербальный контакт, невербальный контакт, экспертно-оценочный метод.

## CRITERIA OF COMMUNICATIVE COMPETENCE OF STUDENTS-SPORTSMEN ON ATHLETICS

The article deals with the psychological and pedagogical criteria of the communicative competence of athletes in athletics. The results of a theoretical analysis of the problem of the place and significance of communicative competence in the professional activities of athletes in athletics are presented. An algorithm for evaluating the criteria for communicative competence using the expert-assessment procedure is proposed. According to the author of the article, the dynamic nature of the development of society implies the need for continuous education, a process of constantly improving one's professional competence. Nevertheless, it remains relevant to date. The author notes that there are many approaches to the study of the issues of athletics athlete's professionalism, which is currently dominant competence. In this regard, the article pays special attention to the issues of communicative competence. It is emphasized that classically communication in innovative professional activities performs three main functions: perceptual, communicative and interactive. Based on the above, the author made attempts to criterion communicative competence. The author notes that the criteria for the development of communicative competence should correspond to the main functions and reflect the following skills: the ability to conduct verbal and non-verbal information exchange, diagnose personal properties and qualities of the interlocutor, develop strategies, tactics and techniques for interacting with people, organize their joint activities to achieve certain socially significant goals.

**Key words:** psychological and pedagogical criteria, communicative competence, professional competence, communicative ability, professionalism, athlete, athletics, evaluation criteria, communication, interaction, verbal contact, non-verbal contact, expert-evaluative method.

**Сведения об авторе:** ***Камолов Бахтиёр Джамолович*** – Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава, соискатель кафедры педагогики и психологии. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **501-09-69-70**

**Information about the author:** ***Kamolov Bakhtiyor Dzhamolovich*** **-** Bokhtar State University. Nosirah Khusrava, applicant for the Department of Pedagogy and Psychology. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street, 67. Phone: **501-09-69-70**

**УДК:372.881.116.11(575.3)**

# ИНКИШОФИ МАҲОРАТ ВА МАЛАКАҲОИ МАЪРИФАТӢ- ҶУСТУҶӮИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ РУСӢ

***Тоҷибоева М.И., Азимова Н.С.***
**Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Раванди маърифатӣ-азхудкунӣ инсонро дар тӯли тамоми ҳаёт ҳамраҳӣ менамояд. Давраи фаъолтарини баланди он ба давраи мактабхонӣ, ки дар ин давра инсон дунёро ба воситаи барномаҳои таълимӣ дарк менамояд, рост меояд. Барномаҳои таълимии муосир ҷиҳати расонидани ёрии амалӣ дар мутобиқшавии насли наврас ба шароити кунунии тағйирёбии ҷаҳон ва фаъолияти ҳаётӣ амалӣ мегарданд. Ин маънои онро дорад, ки шахсият бояд маҳоратҳои мушаххаси маърифатӣ дошта бошад, хоҳиши хондан дошта бошад ва хонда тавонад. Пас, масъалаи дар шахсият инкишофи саъю кӯшиш барои азхудкунӣ, инкишофи маҳорат ва малакаҳои маърифатӣ барои ҳар як насл аҳамияти муҳим дорад ва махсусан дар мавриди дигаргуншавии фаъолияти ҳаётӣ аҳамияти махсус пайдо менамояд. Ҳар як омӯзгор дар фаъолияти худ бо муаммои зоҳир нагаштани майлу рағбат ба раванди таълим аз тарафи баъзе аз хонандагон бархӯрдор мегардад. Чӣ гуна бояд раванди таълимро ташкил намоем, то ки он барои хонандагон мояи хушнудӣ аз шинохти дунё гардад ва барои пайдо намудани майлу рағбат мусоидат намояд? Чӣ гуна воситаҳоро барои инкишофи маҳорат ва малакаҳои маърифатӣ-ҷустуҷӯии хонандагони хурдсол дар омӯзиши забони русӣ истифода намоем?

Мафҳуми маҳорат ва малакаҳои маърифатӣ-ҷустуҷӯии хонандагони хурдсол ин маҳорати омӯхтан, қобилияти худтакмилдиҳӣ, худинкишофдиҳӣ бо роҳи ҳосил намудани дониш, маҳорат, малака, тарзҳои фаъолияти эҷодӣ мебошад. Илова ба ин, маҳорат ва малакаҳои маърифатӣ-ҷустуҷӯии хонандагони хурдсол маҷмӯи тарзҳои фаъолияти хонандагон, ки дар ӯ қобилияти мустақилона азхудкунии донишҳо ва маҳоратҳои навро пайдо мекунад, маҳсуб меёбад [4].

Сабабҳои паст гардидани сатҳи маҳорат ва малакаҳои маърифатӣ- ҷустуҷӯии хонандагони хурдсол дар омӯзиши забони русӣ мухталиф буда, ҳам ба инкишофи зеҳнӣ, мақсади таълимгирӣ, ҳам ба муоширати педагогии байни омӯзгор ва хонанда алоқамандӣ дорад. Ба ташаккули маҳорат ва малакаҳои маърифатӣ-ҷустуҷӯии хонандагони хурдсол дар омӯзиши забони русӣ як қатор омилҳо таъсир мерасонанд: салоҳиятнокии касбии омӯзгор, маҳорати педагогӣ, маҳорати ба воситаи маводи таълимӣ ҷалб намудани хонандагон, бешубҳа, омилҳои калидӣ маҳсуб меёбанд. Вале фақат маҳорати педагогии донистани технологияҳои таълимӣ, воситаҳои дидактикии ташкил ва баргузории машғулиятҳо ва чорабиниҳои беруназсинфӣ самарабахшии раванди ташаккули маҳорат ва малакаҳои маърифатӣ-ҷустуҷӯии хонандагони хурдсолро таъмин намуда метавонанд.

Ташаккулёбӣ ва инкишофи маҳорат ва малакаҳои маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар доираи муносибати системавӣ-фаъолиятӣ амалӣ мегардад, ки асосгузорони ин консепсия Л.С. Виготский, П.Я. Галперин, А.Н. Леонтев, Д.Б. Элконин мебошанд. Ин муҳаққиқон қонуниятҳои асосии равонӣ-педагогии таълими инкишофёбанда ва сохтори фаъолияти таълимиро бо назардошти қонуниятҳои умумии инкишофи синнусолии бачагон ва ноболиғон мавриди таҳлил қарор додаанд.

Зарурати ташаккули маҳоратҳои умумитаълимии хонадагони синфҳои ибтидоиро, ки ба онҳо маҳорати маърифатиро мансуб донистан дуруст меҳисобем, Ю.К. Бабанский, Л.С. Виготский, П.Я. Галперин, Н.А. Лошкарева, А.А. Люблинская, К.Д. Ушинский, С.Т. Шатский қайд намудаанд. Намудҳои дигари маҳоратҳои умумитаълимӣ ва методикаи ташаккули онҳоро Д.В. Воровшиков, Г.К. Селевко, Д.В. Татянченко, А.В. Усова, И.Н. Тренева ва дигарон омӯхтаанд [1,2,3,9].

Дар ин самт олимон-педагогон ва методистони Ҷумҳурии Тоҷикистон И. Каримова, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, Т.А.Шукуров, тадқиқотчиёни ин масъала Б.Ҷ. Ғаниева, А.Д. Аҳмадбекова, Л.К. Назирова, С.М. Рабиев, К.З. Парпишоев, як қатор корҳоро оид ба масъалаи ташаккули тафаккур ва маҳоратҳои маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба анҷом расонидаанд [4]. Раванди инкишофи фаъолияти маърифатии хонандагонро ба воситаи ҳалли масъалаҳои ҷустуҷӯӣ амалӣ намудан мумкин аст. Дар ин бора назарияи

таълими проблемавӣ маълумот медиҳад, ки дар корҳои методистони маъмул М.Н. Скаткин, М.И. Махмутов, И.Я. Лернер ва дигарон инъикос гардидааст.

Дар аксарияти тадқиқотҳои дар ин самт мавҷудбуда ба масъалаҳои шаклҳо, методҳо, воситаҳои ташаккули маҳоратҳои маърифатӣ-ҷустуҷӯии мактаббачагони хурдсол таваҷҷуҳ намуда, масъалаи технологияҳои педагогии амалӣ намудани он дар амалияи таълим ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Бинобар ин, мо чунин меҳисобем, ки тадқиқи самарабахшии ташаккули маҳорат ва малакаҳои маърифатӣ-ҷустуҷӯии хонандагони хурдсол дар омӯзиши забони русӣ самти мубрами корҳои илмӣ-амалӣ маҳсуб меёбад.

Хусусияти ташаккули маҳорат ва малакаҳои маърифатӣ-ҷустуҷӯии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар он аст, ки талаботи хонанда дар ин синну сол афзуншаванда аст ва ӯро барои ҳалли масъалаҳои гуногун ва мураккабтар равона менамояд; инкишофи нутқ, ки нақши он дар ташаккули маҳоратҳои маърифатӣ-ҷустуҷӯӣ муассир аст, маҳз дар ин давра ташаккул меёбад. Таҳқиқотҳои дар ин самт гузаронидашуда маълум менамоянд, ки маҳорат ва малакаи маърифатӣ-ҷустуҷӯӣ дар раванди таълим худ аз худ ташаккул намеёбанд ва мавҷуд набудани омодагии зарурӣ ба нопурра азхудкунии донишҳо ва амалҳо меорад [4].

Пас саволе ба миён меояд, ки аз кадом синну сол бояд маҳорати маърифатиро ташаккул диҳем? Баъзе аз равоншиносон ба ақидае ҳастанд, ки гӯё кӯдаки хурдсол барои азхудкунии комил омода нест, ӯ пайдарпай фикрронӣ намуда наметавонад ва гоҳ-гоҳ ба муқобилат дар ақидаҳои худ бархӯрдор мешавад. Штерн чунин меҳисобад, ки фикрронии кӯдак аз хусусӣ ба хусусӣ, ба истиснои умумигардонӣ амалӣ мегардад. Ба ақидаи Ж. Пиаже, ба кӯдаки 7-8-сола фаъолияти маърифатӣ хос нест ва фикрронии ӯ синкретӣ аст, ӯ вобастагии шартиро байни зуҳуротҳо мекобад. Танҳо дар 14-солагӣ метавонад амалиётҳои муайянро аз худ намояд.Кӯдакони синни миёнаи томактабӣ масъаларо дар раванди ҳалли он дарк менамоянд, кӯдакони синни томактабии калон масъаларо ҳангоми шунидан дар тафаккур ҳал менамоянд. Дар хонандагони хурдсол ҳалли масъалаи зеҳнӣ дар асоси фаъолияти азхудкунӣ ё фаъолияти таълимӣ амалӣ мегардад [8,с.227].

Азхудкунии калимаҳои русӣ ва сохти грамматикии нутқ ба хонандагони хурдсол имконияти на танҳо дарк намудани мақсади масъала, балки барои пайдо намудани тасаввурот оид ба тарзҳои ҳалли он имконияти мусоид фароҳам меорад.

Ба фикри мо, ҷавҳари асосии маҳорат ва малакаҳои маърифатӣ- ҷустуҷӯии хонандагони хурдсолро мақсаднокӣ, мақсадгузорӣ ва воситанокӣ ташкил медиҳад.

Дарси аввалинро аз фанни забони русӣ бо ҷалби таваҷҷуҳи хонандагон оғоз намудан лозим аст. Омӯзгорро лозим аст, ки хонандагонро барои бомуваффақият иҷро намудани супоришҳои таълимӣ равона намояд: хонанда худро "созандаи вазъият" ҳис намояд, дар ӯ хоҳиши ҳалли мушкилиҳо пайдо гардад, яъне мақсади ноил гардидан ба натиҷа ташаккул ёбад. Дар ин марҳила ба хонандагон вариантҳои гуногуни мақсаднокиро пешниҳод намудан мумкин аст:

- кӯшиши мустақилона ҳал намудани масъалаҳо;
- байни ҳамсинфон пайдо намудани обрӯву эътибор.

Дониш ва маҳорату малакаҳои мустаҳками маърифатӣ-ҷустуҷӯиро аз фанни забони русӣ ҳосил намудан мумкин аст, агар омӯзгор сатҳи омодагии ҳар як хонанда ва норасоии донишҳои ӯро доништа бошад. Норасоиҳои донишҳои хонандагонро дар рафти дарс чунин пурра намудан лозим аст, ки хонандагон аз мавзӯи нав дур нашаванд ва шавқи омӯзиш коҳиш наёбад. Пеш аз ҳама, корро аз варақаҳои тақсимотӣ оғоз намуда, хатоҳо дар дафтари махсуси "хатоҳои ман" сабт гарданд. Кори инфиродии беруназсинфии хонанда, кори гурӯҳӣ ва кори дунафара низ барои баланд бардоштани фаъолнокӣ ва наздик гардидани хонанда ва муаллим мусоидат менамояд.

Муносибати тафриқавӣ ба таълим, системаи масъалаҳои ҷустуҷӯӣ, шавқовар ва эҷодӣ барои дар хонандагон тарбия намудани хусусиятҳои муҳим, ба монанди талабот ба дониш ва маҳорати маърифатӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидат менамоянд.

Ба омӯзгори фанни забони русӣ лозим аст, ки дар банақшагирии дарсҳо методҳо ва тарзҳои гуногуни инкишофдиҳии қобилиятҳои маърифатии хонандагонро ба назар гирад. Чунин лаҳзаҳои дарс, ба монанди "Дарсҳои хушмуомилагӣ", "Масъалаи синтаксикӣ", "Хатоҳоро ёбед", "Афсона оид ба..." самти маърифатнокиро такмил медиҳад.

Фанни забони русӣ барои ташаккули фаъолияти шахсӣ, маърифатӣ, коммуникативӣ ва муназзамӣ шароит фароҳам меорад. Кор бо матн имконияти ташаккули фаъолияти мантиқии таҳлил, муқоиса, алоқаҳои сабабӣ-натиҷавиро фароҳам меорад. Рӯварӣ ба сохтори морфологӣ ва синтаксикии забон ва азхудкунии қоидаҳои таркиби калима ва ҷумла, шакли графикии ҳарфҳо, инкишофи фаъолияти ишоравӣ-ҷойгиркунӣ (масалан, овозро бо ҳарф), моделронӣ (масалан, таркиби калима бо схема) ва дигаргунсозии модел

(дигаргунсозии калима)-ро таъмин менамояд. Ташаккули майлу рағбати маърифатии мактаббачагони хурдсол бо азхудкунии донишҳои назариявӣ ва тарзҳои умумии фаъолият алоқаи зич дорад [5,10].

Дилхоҳ маҳорати хонанда, ки барои фаъолияти пурсамари таълимӣ- маърифатӣ ба ӯ лозим аст, маҷмӯи ба ҳам пайвасти фаъолияти таълимии мушаххасро муайян месозад. Масалан, механизми хониш чунин фаъолиятҳои хонандаро дар назар дорад: таҳлили фонетикии калима, ба ҳарфи садонок таваҷҷуҳ намудан (махсусиятҳои овозе, ки то садонок меистад, муайян сохтан, якҷоя намудани ҳарф ба ҳиҷо (ҳарфи а, дар вақти хонда ма- сахт, ҳарфи я, дар вақти хондан мя-нарм), ҳиҷоҳоро ба калимаҳо ва ҳ.

Масъалаҳои ҷустуҷӯӣ аз супоришҳо ба куллӣ фарқ дошта, ҳамчун воситаи инкишофи маҳорат ва малакаҳои маърифатӣ-ҷустуҷӯии хонандагони хурдсол дар омӯзиши забони русӣ истифода шуда метавонанд. Дар мавриде ки хонандагон ҳалли масъаларо мустақилона ҷустуҷӯ менамоянд, паҳлуи нави он кушода мешавад ва қобилиятҳои зеҳнии хонандагон мукаммалтар мегарданд. Таълими мақсаднок ва пайдарпайи ҳалли масъалаҳои ҷустуҷӯӣ принсипи шуурнокиро амалӣ менамояд [7].

Асоси масъалаҳои ҷустуҷӯиро проблема (мухолифат ё мушкилӣ) ташкил диҳад. Проблема равандҳои равониро, ба монанди қабулнамоӣ, тасаввурот, хотира, ва пеш аз ҳама, тафаккурро фаъол мегардонад. Равоншиносон муайян намудаанд, ки инсон ҳангоми бо чизи нофаҳмо ва мушкилот мувоҷеҳ шудан фикрронӣ менамояд. Ҳалли ин мушкилот ба инкишофи равандҳои равонии маърифатӣ, фаъолнокӣ ва эҷодкории шахсият боис мегардад. Як қатор талаботҳоро нисбати истифодаи масъалаҳои ҷустуҷӯи номбар менамоем:

- хусусиятҳои маводи лингвистӣ дар дарси забони русӣ ба эътибор гирифта шаванд;
- истифодаи системавӣ ва мақсадноки масъалаҳои ҷустуҷӯӣ таъмин гардад;
- ҳангоми тартиб додани масъалаҳои ҷустуҷӯӣ хусусиятҳои синнусолии хонандагон ва майлу рағбати онҳоро ба назар гирифтан лозим аст.

Забони русӣ ҳамчун фанни мактабӣ на танҳо объекти омӯзиш, балки воситаи омӯзиши илмҳои дигар мебошад. Асоси ташаккул ва инкишофи тафаккур, қобилиятҳои зеҳнӣ, фаъолияти мустақилонаи таълимӣ забон мебошад. Маҳорати омӯхтан омили муҳимми баландбардории самаранокии азхудкунии донишҳои фаннӣ, аз ҷумла донишҳо аз фанни забони русӣ маҳсуб меёбад.

## АДАБИЁТ


1. Выготский Л.С. Возрастные возможности усвоения знаний (младшие классы) / Л.С. Выготский. -М.: Просвещение, 1966. - 442 с.
2. Гальперин П.Я. К исследованию интеллектуального развития ребенка / П.Я. Гальперин // Вопросы психологии. - 1969. -№1.
3. Гальперин П.Я. Психология мышления и учение о поэтапном формировании умственных действий. - В кн. Исследование мышления в советской психологии / П.Я. Гальперин. - М.: Наука, 1966. – 238 с.
4. Ганиева Б.Д. Формирование познавательно-поисковых умений и навыков младших школьников в условиях интегрированного обучения художественно-историческим текстам: автореф.дис.канд.пед.наук / Б.Д. Ганиева. - Душанбе, 2018. -25 с.
5. Давыдов В.В. Лекции по педагогической психологии: Учебноепособие / В.В. Давыдов. -М.: Академия, 2006. - 224 с.
6. Люблинская А.Л. Детская психология. Учебное пособие для студентов пед. н.-тов / А.Л. Люблинская. -М.: Просвещение, 1971. – 415 с.
7. Макарова В.Ю. Развитие познавательной деятельности учащихся на уроках русского языка с использованием поисковых задач: На основе поэтического текста: автореф.дис.канд.пед.наук / В.Ю. Макарова. –М., 2005. -23 с.
8. Психология детского дошкольного возраста. Развитие познавательных процессов / Под ред. А.В. Запорожца и Д.Б.Эльконина. -М.:Просвещение, 1964. – 352 с.
9. Ушинский К.Д. Детский мир. Хрестоматия. Первые уроки логики / К.Д. Ушинский // Собр. соч. -М.-Л.: АПН РСФСР, 1948. -т.4. – 678 с.
10. Эльконин Д.Б. Детская психология / Д.Б. Эльконин. -М.: Просвещение, 1960. - 328 с.


## ИНКИШОФИ МАҲОРАТ ВА МАЛАКАҲОИ МАЪРИФАТӢ- ҶУСТУҶӮИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ РУСӢ


Муаллиф дар мақолаи мазкур раванди инкишофи маҳорат ва малакаҳои маърифатӣ- ҷустуҷӯии хонандагони синфҳои ибтидоиро дар омӯзиши забони русӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Раванди маърифатӣ-азхудкунӣ инсонро дар тӯли тамоми ҳаёт ҳамраҳӣ менамояд. Давраи фаъолтарини баланди он ба давраи мактабхонӣ, ки дар ин давра инсон дунёро ба воситаи барномаҳои таълимӣ дарк менамояд, рост меояд. Барномаҳои таълимии муосир ҷиҳати расонидани ёрии амалӣ дар мутобиқшавии насли наврас ба шароити кунунии тағйирёбии ҷаҳон ва фаъолияти ҳаётӣ амалӣ мегарданд. Ин маънои онро дорад, ки шахсият бояд маҳоратҳои мушаххаси маърифатӣ дошта бошад, хоҳиши хондан дошта бошад ва хонда тавонад. Пас, масъалаи дар шахсият инкишофи саъю кӯшиш барои азхудкунӣ, инкишофи маҳорат ва малакаҳои маърифатӣ барои ҳар як насл аҳамияти муҳим дорад ва махсусан дар мавриди дигаргуншавии фаъолияти ҳаётӣ аҳамияти махсус пайдо менамояд. Забони русӣ ҳамчун фанни мактабӣ на танҳо объекти

омӯзиш, балки воситаи омӯзиши илмҳои дигар мебошад. Асоси ташаккул ва инкишофи тафаккур, қобилиятҳои зеҳнӣ, фаъолияти мустақилонаи таълимӣ забон мебошад. Маҳорати омӯхтан омили муҳимми баландбардории самаранокии азхудкунии донишҳои фаннӣ, аз ҷумла донишҳо аз фанни забони русӣ маҳсуб меёбад.

**Калидвожаҳо:** маҳорат ва малакаҳои маърифатӣ- ҷустуҷӯии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, омӯзиши забони русӣ, барномаҳои таълимӣ, забони русӣ, ташаккул ва инкишофи тафаккур, қобилиятҳои зеҳнӣ, фаъолияти мустақилонаи таълимӣ.

## РАЗВИТИЕ ПОЗНАВАТЕЛЬНО-ПОИСКОВЫХ УМЕНИЙ И НАВЫКОВ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ ПРИ ИЗУЧЕНИИ РУССКОГО ЯЗЫКА

В данной статье автор рассматривает процесс развития познавательно-поисковых умений и навыков младших школьников при изучении русского языка. Становление познавательных интересов учащихся, воспитание активных отношений к труду происходит в процессе жизни, но, прежде всего, и на уроке. Необходимо активизировать познавательную деятельность и повышать интерес к учению на каждом этапе любого урока, употребляя для этого различные методы, формы и виды работы: и дифференцированный подход к детям, и индивидуальную работу на уроке, и различные дидактические, иллюстративные, раздаточные материалы, технические средства обучения, а также вспомогательный материал к ним. дной из центральных задач начального курса русского языка является формирование у учащихся прочных и сознательных грамматических и орфографических навыков. Безусловно, навык формируется в процессе многократных тренировок, в выполнение различных заданий и упражнений. Так различные массовые и индивидуальные проверки и определили тот минимум умений, навыков и знаний, который является и доступным для учащихся и достаточным, если рассматривать курс грамматики и правописания в качестве подготовительного для работы в средних и старших классах на уроках русского языка.

**Ключевые слова:** познавательно-поисковые умения младших школьников, изучение русского языка, учебные программы, русский язык, формирование и развитие мышления, познавательные способности, самостоятельная учебная деятельность.

## DEVELOPMENT OF COGNITIVE AND SEARCHING SKILLS AND SKILLS OF PRIMARY SCHOOLCHILDREN WHEN LEARNING THE RUSSIAN LANGUAGE

In this article, the author examines the process of development of cognitive-search skills and skills of younger schoolchildren in learning Russian. The formation of the cognitive interests of students, the upbringing of active attitudes towards labor occurs in the process of life, but, above all, in the classroom. It is necessary to intensify cognitive activity and increase interest in learning at every stage of any lesson, using various methods, forms and types of work for this: a differentiated approach to children, individual work in a lesson, and various didactic, illustrative, handouts, technical means of teaching , as well as supporting material to them. One of the central tasks of the Russian language course is the development of students' strong and conscious grammar and spelling skills. Of course, the skill is formed in the process of multiple workouts, in the implementation of various tasks and exercises. So various mass and individual checks and defined the minimum of skills, skills and knowledge that is both accessible to students and sufficient if we consider the course of grammar and spelling as preparatory for working in middle and high schools in the Russian language lessons.

**Keywords:** cognitive-searching skills of younger schoolchildren, study of the Russian language, curricula, Russian, formation and development of thinking, cognitive abilities, independent educational activities.

**Сведения об авторах:** ***Таджибаева Манзура Икромалиевна*** **-** Горно-металлургический институт Таджикистана, г. Бустон, старший преподаватель кафедры языков. **Адрес:** 735730, Республика Таджикистан, Бустон, Московская улица 6

***Азимова Назира Самадовна*** **–** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кандидат педагогических наук, доцент кафедры математических дисциплин и современного естествознания. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1

**Information about the authors:** ***Tadzhibaeva Manzura Ikromalievna*** - Mining and Metallurgical Institute of Tajikistan, Buston, senior teacher of the Department of Languages. **Address:** 735730, Republic of Tajikistan, 7 Buston, Moskovskaya street 6

***Azimova Nazira Samadovna*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Mathematical Disciplines and Modern Natural Science. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Mikroraion, dom.1

УДК - 371

# МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМИ ФАННИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ


***Азизов Ш.Ю., Азизов А.А., Бобоева Ш.Ҳ.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров**


Дар шароити имрӯза тағйир додани низоми таҳсилот ва ба талаботи рӯз мутобиқ намудани он амри воқеист. Доштани дониш оид ба соҳаҳои гуногуни илм барои маълумотнок гаштан кифоя набуда, татбиқи амалии донишҳо, истифодаи технологияҳои муосир ва эҷодкорӣ муҳим аст, ки ба баланд шудани сатҳи некуаҳволии мардум ва пешрафти ҷомеа мусоидат менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба талаботҳои байналмилалӣ ва ба стандартҳои муосир мувофиқ намудани низоми таҳсилоти миллии кишвар ва ҷорӣ намудани низоми муосири таҳсилот тадбирҳои мушаххас ва судманд андешида шуда истодаанд, ки дар навбати худ, ин гузариш яке аз талабот ва нақшаҳои амалии "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020" мебошад. Дар ин ҳуҷҷати муҳимми соҳа қайд карда шудааст: "Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти аз худ намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятнокии қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, салоҳияти алоқадорӣ, тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмин намояд" [9].

Олимони рус А.В.Хуторский, <u>М.Е</u>.Бершадский, В.А.Болотов, В.В.Сериков ҳамчун поягузорони низоми таълими салоҳиятнокӣ ҳанӯз аз замони Иттиҳоди Шӯравӣ шинохта шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон олимон А.А.Азизов, М.Абдуллоева, М.Н.Зиёев, Ф.М.Ниёзов, А.Б.Алиев, Т.А.Ашӯрова танҳо дар солҳои истиқлолият тадқиқотҳо ба сомон расонидаанд. Ҳарчанд олимони ватаниву хориҷӣ дар соҳаи мазкур тадқиқотҳои арзишманд анҷом додаанд, лекин он дар шароити имрӯза кофӣ набуда, талаб карда мешавад, ки махсусан, дар самти методикаи таълими фанҳои тахассусӣ барои ҳалли муаммоҳои ба тадқиқоти илмӣ ниёздошта диққати ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Стратегияи миллии рушди маориф самтҳои тағйироти низоми таълимро муайян намуда, гузаришро аз низоми анъанавӣ (ба дониш асосёфта) ба низоми таълими салоҳиятнокӣ ба нақша гирифтааст. Қабл аз муҳокимаи низоми таълими салоҳиятнокӣ дар бораи мафҳумҳои "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ" чанд андешае баён менамоем.

Мафҳумҳои "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ" аз забони лотинӣ (competens, competentis) гирифта шуда, ифодаи мафҳумҳои "компетенция " ва "компетентность"-и забони русӣ буда, дар коргузорӣ ва иҷрои фаъолият истифода бурда мешавад [1, 2, 4, 7].

Мафҳуми "салоҳият" дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" [10] – лоиқ будан, шоистагӣ, сазовор буданро ифода менамояд. Дар низоми маорифи миллӣ мафҳумҳои "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ" ҳамчун истилоҳи соҳаи маориф истифода мешаванд.

Дар баъзе адабиёти илмӣ мафҳумҳои салоҳият, қобилият, малака ва маҳорат баробар истифода мешаванд. Салоҳиятро дар низоми маориф метавон маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайвасте номид, ки ба ҳалли масъалаҳои таълимӣ, амалӣ нигаронида шудааст. "Мақсади асосии таълими босалоҳият (муносибати босалоҳият дар таълим) ташаккули механизми татбиқи дониши назариявӣ дар амал, таъмини раванди ташаккули шахсӣ, мутобиқ гардидан ба шароити нав, инкишофи худмуҳофизаткунӣ, худтарбиядиҳӣ, худтакмилдиҳӣ ва дигар хусусиятҳо мебошад" [5,с.272].

Фанни санъати тасвирӣ, аз замоне ки ба вуҷуд омада буд, ба талаботҳои салоҳиятнокӣ мутобиқат менамуд, зеро дар раванди таълими фанни мазкур омӯзгор ба қобилият ва маҳорати тасвир намудан, дарки зебоӣ, дуруст муайян намудани таносуби тобиши рангҳо ба хонандагон баҳогузорӣ мекард. Ин талаботҳо акнун дар шакли нав баррасӣ мешаванд. Яке аз вазифаҳои асосии таълими фанни санъати тасвирӣ ба меҳнат ва зебоиофарию зебоипарастӣ омода кардани хонандагон буда, аз тадбирҳои аввалини омода намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳаёт ва фаъолият ба ҳисоб меравад. Фароҳам овардани шароити мувофиқ, муҳайё намудани асбобу маводи кор, дуруст, мақсаднок ва мунтазаму бошуурона ба роҳ мондани омӯзиши фанни санъати тасвирӣ хонандагонро ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр менамояд. Дар хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва рассомӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ, ба ҳаёт омода мешаванд. Барои таҳкиму ҳамбастагии меҳнати ҷисмонию фикрӣ шароит фароҳам меояд. Вазифаи дигари фанни санъати тасвирӣ ба эҷодкорӣ ҳидоят

намудани хонандагон аст. “Ҳангоми иҷрои масъалаҳо вобаста ба қобилияти эҷодӣ хонандагон қобилияти ҳунармандӣ ва рассомии худро ошкор месозанд, такмил медиҳанд, дар маҳфилҳои гуногун, аз қабили рассомӣ, амсиласозӣ, дуредгарӣ, дӯзандагӣ, тарроҳӣ, бофандагӣ, кандакорӣ, суробсозӣ ва монанди инҳо ширкат меварзанд” [7,с.43]. Ҳамин тавр, мунтазам дар онҳо ба меҳнат муносибати самимонаю воқеӣ ҳосил мешавад ва хислатҳои боинтизомӣ, масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ, ташаккули тафаккуру тахайюли эҷодӣ ва дигар хусусиятҳои шахсият ба низом оварда мешаванд.

М.Е. Бершадский чунин қайд намудааст: “Мафҳуми салоҳиятнокӣ фаҳмиши наверо, ки аз доираи мафҳуми “малака” берун бошад, дар бар намегирад; ҳамаи он ақидаҳо оид ба салоҳият ва босалоҳият сохта ба вуҷуд омадаанд, ки проблемаҳои куҳнаро дар “либоси нав” ба бар гирифтаанд” [2,с.13].

Аксари низомҳои таълими анъанавӣ барои азхудкунии мавзӯъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон хонандагонро барои аз худ кардани мавзӯъ ва аз ёд кардани маълумот водор менамоянд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мегардад, дар раванди таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона гардад, то ки онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб ва истифода баранд.

Акнун барои омӯзгорон “хонандагон чиро меомӯзанд?” ва “чӣ тавр меомӯзанд?” аз “ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?” муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан (аз худ кардан) як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам, азхудкунӣ наметавонад самарабахш бошад [2,с.14]. Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ ба дониш, малака ва маҳоратҳои воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳиятҳо фаъолиятҳоеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан аз худ мекунанд, нишон медиҳанд.

Барои муайян кардани он, ки оё хонанда салоҳиятҳоро аз худ кардааст ё не, барои ҳар салоҳият нишондиҳандаҳои он оварда мешаванд. Нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд. Онҳо имкони мушоҳида ва арзёбӣ карданро фароҳам оварда, нишон медиҳанд, ки то кадом андоза хонанда салоҳиятро аз худ кардааст. Тартиб додани рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳо барои баъзе салоҳиятҳо имконнопазир аст, шояд шумораи онҳо ба садҳо нишондиҳанда расад ва миқдори онҳо вобаста ба нуқтаи оғози инкишофи салоҳиятнокӣ ва вобаста ба сатҳи дониши аҳли синф фарқ кунад. Тағйири низоми таълим раванди дурудароз ва мураккаб буда, тағйиротро дар самтҳои гуногун тақозо мекунад. Бо мақсади таъмини дурустӣ ва самаранокии гузариш ба низоми нави таълими салоҳиятнокӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷат ва маводи таълимию методиро омода кардааст, аз ҷумла стандартҳои фаннӣ барои ҳамаи зинаҳои таҳсилоти мактабӣ, роҳнамои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ таҳия гардидаанд, ки дар ҷадвали поён ба таври муфассал вазифаҳои стандарт, роҳнамои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ оварда мешаванд:

**Ҷадвали 1. Вазифаҳои ҳуҷҷат ва маводи таълимию методӣ**

| Номгӯйи мавод | Вазифаҳо |
|---|---|
| Стандартҳои фаннӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна | - Муайян намудани мақсад ва вазифаҳои фанни таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна;<br>- муайян намудани салоҳиятҳои фаннӣ мувофиқи синф;<br>- муқаррар намудани нишондиҳандаҳои асосии салоҳиятнокии хонандагон бо мақсади арзёбии натиҷаҳои таълимии хонандагон;<br>- аниқ сохтани консепсия ва назарияҳои асосии низоми таълими салоҳиятнокӣ;<br>- муқаррар намудани методологияи марказии таълими фан. |
| Роҳнамои омӯзгор | - Муайян намудани мазмун ва мундариҷаи фан бо мақсади ташаккули салоҳиятҳое, ки дар стандартҳо муқаррар шудаанд;<br>- пешниҳоди нақшаи муфассали дарсҳо бо назардошти салоҳиятҳои стандартҳо ва мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ ва замимаҳо ба китобҳои дарсӣ;<br>- тафсири методикаи мушаххаси таълими фан;<br>- пешниҳоди воситаҳои арзёбии салоҳиятҳо. |
| Замима ба китоби дарсӣ | - Пешниҳод намудани маводи алтернативии таълимӣ барои ҳамоҳангии стандартҳои фаннӣ ва китобҳои дарсӣ;<br>- боз ҳам васеъ намудани муҳтавои китобҳои дарсӣ, ки мақсадаш инкишофи салоҳиятҳои хонандагон аст. |

Маводи мазкур барои татбиқи самараноки низоми таълими салоҳиятнокӣ мусоидат карда, ба омӯзгорон имконият медиҳад, ки раванди таълимро мувофиқи талаботи стандартҳо ба роҳ монанд. Зеро вобаста ба тағйир ёфтани муносибат ба таълим тарзи таҳияи нақшаҳои тавзеҳотӣ низ дигаргун шуд. Бо мақсади расонидани ёрии методӣ оид ба татбиқи стандартҳои фанҳои таълимӣ Вазорати маориф ва илм тасмим гирифт, ки ба омӯзгорон дарсҳои намунавиро таҳия ва пешниҳод намояд.

Нақшаи тавзеҳотии ҳамаи мавзӯъҳои китоби дарсии фанни санъати тасвирӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷониби муаллифон Б.Бойназаров, Б.Боронов коркард шуда, ҳамчун "Роҳнамои фанни санъати тасвирӣ" [6] ба нашр расид. Нақшаҳои тавзеҳотии дарсҳо бо назардошти талаботи низоми таълими салоҳиятнокӣ тартиб дода шуданд. Дарсҳои намунавӣ дар сохтори ягона таҳия шудаанд. Бо вуҷуди умумияти сохтор дарсҳо аз рӯйи мақсад фарқ мекунанд. Дар ҷадвали поён сохтори нақшаи тавзеҳотии дарс шарҳ дода мешавад.

**Ҷадвали 2. Сохтори нақшаи тавзеҳотии дарс**

| | |
|---|---|
| Номи параграф/мавзӯъ | Дар ин қисм аломати параграф, номи машғулият ва соати барои он муайяншуда навишта шудааст. Масалан: Офаридани нақшҳои бадеӣ - 1 соат |
| Салоҳиятҳо | Дар ин ҷо салоҳиятҳое, ки дар раванди дарси мазкур аз ягон ҷиҳат ташаккул дода мешаванд, оварда мешаванд. Масалан:<br>-Миқдори зиёди воситаҳои санъати тасвириро истифода бурда метавонад.<br>- Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.<br>- Намунаҳои тахайюлии санъати тасвириро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад. |
| Мақсадҳои таълим | Мақсадҳои таълим дар асоси салоҳиятҳо бо назардошти мавзӯи дарси мазкур таҳия карда мешаванд. Масалан:<br>- намунаҳои эҷодиёти тахайюлиро таҳлил, тафсир ва муқоиса намуда, хулоса бароварда тавонад;<br>- унсурҳои содаи нақши миллиро барои ороиш истифода карда таводад;<br>- намудҳои гуногуни ороиш додани нақшу нигори миллиро донад;<br>- кори худ ва ҳамсинфонашро қадр карда тавонад. |
| Барнома | Дар ин ҷо маълумот оид ба мазмун ва мундариҷаи дарси мазкур оварда мешавад.<br>Масалан, суҳбат дар бораи ороиши нақшу нигори миллӣ. Шиносоӣ бо тарзи дурусти тартиб додан ва ороиш додани нақши бадеӣ. Дар ин дарс қобилияти эҷодӣ инкишоф меёбад, тарбияи зебоипарастӣ ташаккул меёбад. Ҳангоми иҷрои кор ба қоидаҳои бехатарии кор риоя менамояд. |
| Равиши дарс | Дар ин ҷо тартиби таълими дарс нишон дода мешавад. Ҳар як лаҳзаи дарс батартиб навишта шуда, барои омӯзгор ҳамчун раҳнамо хизмат мекунанд. |
| Баҳодиҳӣ | Восита ва методҳои баҳодиҳии дониш, малака ва маҳорати хонандагон (арзёбӣ) оид ба натиҷаҳои дарси мазкур пешниҳод мешаванд. |

Тамоюли инкишофи дарс дар муассисаҳои таълимӣ – ташаккули муносибати эҷодӣ ва фаъол нисбат ба хондан ва инкишофи шавқу ҳаваси фаҳмидан, яъне ба сатҳи назаррас васеъ кардани фаҳмиши шакли омӯзиши дарси синфиро ба вуҷуд овардааст. Намудҳои дарси санъати тасвирӣ ин дарс – бозӣ; дарс – саёҳат; дарс – мубоҳиса; дарс – экскурсия; дарс – конференсия ва ғ. мебошанд. Тавре педагоги машҳур П.И. Пидкасистий таъкид менамояд: "Ташаккулёбии салоҳиятнокӣ на танҳо ба воситаи омӯхтани фанҳои таълимӣ, балки ба воситаи ташкили ҳаёти мактабӣ ба вуҷуд меоянд. Аз ин нуқтаи назар раванди таҳсилот бо раванди таълим маҳдуд намешавад – он ҳам раванди таълим ва таҳсилоти иловагии хонандагон, фаъолияти иҷтимоӣ-эҷодии онҳо, таҷрибаи ҳаёти ҳаррӯзаи мактабро дар худ таҷассум мекунад. Баланд бардоштани сатҳи саводнокии таълимӣ дар васеъ гардонидани доираи муаммо, ки барои ҳал кардани онҳо хатмкунандагони мактабҳо омода карда шудаанд, баланд кардани мураккабии муаммоҳои аз тарафи онҳо ҳалкунанда ва васеъ гардонидани имкониятҳои интихоби тарзҳои самараноки ҳал кардани онҳо мебошад" [8]. Шаклҳои дигари корҳои таълимӣ:

- пленэр (таҷрибаомӯзии манзаранигорӣ);
- экскурсия, бо баромадан аз ҳудуди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои омӯхтани ашё, табиат, растанӣ ва намуди аслии онҳо вобаста карда шудааст;
- машварат, ки мақсади он дида баромадани саволҳои душвори шарҳи худро наёфта ба шумор меравад;

- машғулиятҳои иловагӣ, ки дар он хонандагон якҷоя бо гурӯҳ ва ё алоҳида метавонанд фосилаи холигузоштаи ин ё он мавзӯъро пур намоянд.

Бояд қайд кард, ки хонандагон аз дарсҳои санъати тасвирӣ дониш, малака ва маҳорати босаводона ва воқеӣ тасвир намудани муҳитро ҳосил мекунанд. Омӯхтани расмкашӣ, ғайр аз ҳосил намудани малакаи босаводона тасвир кардан, боз ба инкишофи қобилияти эҷодии хонандагон ёрӣ расонда, ба зоҳир намудан ва ташаккул додани истеъдоди бадеии онҳо шароити мусоид фароҳам меоварад.Ғ.Бобизода дар дастури методии "Муносибати босалоҳият ба таълим" чунин иброз намудааст: "Муносибати босалоҳият дар таълим омӯзгоронро водор месозад, ки бо истифода аз шаклу усулҳои замонавии таълиму тарбия хонандагонро ҳаматарфа ба зиндагӣ омода намоянд, зеро ҷомеаи имрӯза шогирдони ботаҷриба, дорои қобилияти ҳалли проблемаҳои мураккаби ҳаётӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатро аз мактабу маориф интизор аст" [3,с.5].Қайд кардан зарур аст, ки ба хонандагон расми кашидаашон барои аз худ кардани дигар фанҳо ёрӣ мерасонад. Расмҳои кашидаи хонандагонро яке аз намудҳои аёнияти тасвирӣ шуморидан мумкин аст. Онҳо ҳангоми фанҳои дигарро аз худ намудани хонандагон барои мақсадҳои гуногуни дидактикӣ истифода карда мешаванд. Расмкашӣ дар таълими политехникии хонандагон низ аҳамияти зиёд дорад. Чунин намуди касбу корро номбар кардан душвор аст, ки он маҳорати расмкашӣ, накшакашӣ ва ё маънидод кардани расму нақшаҳо лозим набошад.

Ҳамин тариқ, ислоҳот ва навсозӣ дар низоми таълими фанни санъати тасвирии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба омӯзгорон озодии бештарро фароҳам оварда, ҳамзамон масъулияти онҳоро нисбат ба беҳтар намудани дастовардҳои таълимии хонандагон ва сифати таълим афзун мегардонад. Ин чунин маъно дорад, ки муносибати босалоҳият барои дар сатҳи талаботи ҷаҳонӣ роҳандозӣ намудани таълими фанни санъати тасвирӣ заминаи воқеӣ гузошта, дар соҳиб шудани хонандагон ба салоҳиятҳои фаннӣ (эҷодкорӣ) мусоидат менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Барнома ва модули намунавии таълимии курси омӯзишӣ барои омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) оид ба муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим / А.А. Азизов, М.Д. Рӯзиева, Ш.Ю. Азизов, М. Насимӣ. – Душанбе: Маориф. 2017. –140 с.
2. Такмили маҳорати педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълимӣ барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ /[А.Б. Алиев, М.Н. Зиёев, Ф.К. Олимова ва диг.]. -Душанбе, 2010. –103 с.
3. Бершадский М.Е. Дидактическкие и психологические основания образовательной технологии. Монография / М.Е. Бершадский, В.В. Гузеев. – М.: Центр "Педагогический поиск", 2013. – 256 с.
4. Муносибати босалоҳият дар таълим. Дастури методӣ / Ғ. Бобизода, Ш. Исрофилниё, Д. Имомназаров, А. Байзоев. – Душанбе, 2017 – 74 с.
5. Бобоева Ш.Х. Преподавание черчения в системе компетентного подхода / Ш.Х. Бобоева // Учёные записки. Серия гуманитарно-общественных наук. – 2017. –№4(53). –С.272.
6. Бойназаров Б. Роҳнамои фанни санъати тасвирӣ барои синфи 7 (барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ) / Б. Бойназаров, Б. Боронов. -Душанбе: Маориф, 2017. - 87 с.
7. Исломов О.А. Методикаи таълими санъати тасвирӣ (дар низоми муносибати салоҳиятнокӣ). Китоби дарсӣ / О.А. Исломов, Ш.Ю. Азизов, Ш.Ҳ. Бобоева. -Душанбе: Маориф, 2018. – 400 с.
8. Педагогика: учебник для студ. Высш. учеб. заведений / П.И. Пидкасистый, В.И. Беляев и др. -М.: Издательский центр «Академия», 2010. –512 с.
9. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. -Душанбе, 2012. – 96 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2 / зери таҳрири С. Назарзода. -Душанбе, 2008. – 945 с.


## МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМИ ФАННИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ


Муаллифон дар мақолаи мазкур ба масъалаи муҳимтарини соҳаи маорифи ҷумҳурӣ, яъне муносибати босалоҳияти таълими санъати тасвирӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Саравввал, оид ба зарурати тағйироти низоми таҳсилот, мафҳумҳои "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ", сониян дар бораи сохтори раванди таълими фанни санъати тасвирӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври муфассал маълумот дода шудааст. Дар мақола зикр мегардад, ки фанни санъати тасвирӣ аз аввал ба талаботи низоми салоҳиятнокӣ мутобиқат менамуд, зеро дар раванди таълими фанни мазкур ба қобилият ва маҳорати тасвир намудан, дарки зебоӣ, дуруст муайян намудани таносуби тобиши рангҳо ба хонандагон баҳогузорӣ карда мешуд. Аз ин сабаб гузариш ба низоми муносибати салоҳиятнокӣ барои омӯзгорони фанни санъати тасвирӣ мушкилии ҷиддие эҷод нахоҳад кард. Ҳамчунин, вазифаҳои раҳнамои омӯзгор аз фанни санъати тасвирӣ, стандарт, китоби дарсӣ, замима ва сохтори нақшаи тавзеҳотии дарс дар ҷадвалҳо дар алоҳидагӣ тасниф гардидаанд. Ақидаҳои олимони соҳа ҷамъоварӣ ва таҳил карда шуда, бо ақидаҳои муаллиф ҷамъбаст карда шудаанд.



**Калидвожаҳо:** санъати тасвирӣ, салоҳият, салоҳиятнокӣ, таълим, таҳсилот, стандарт, раҳнамо, замима.

**КОМПЕТЕНТНОСТНОЕ ОТНОШЕНИЕ К ОБУЧЕНИЮ ПРЕДМЕТА «ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОЕ ИСКУССТВО»**

В данной статье авторы исследовали важную проблему сферы образования республики, то есть компетентностное отношение к обучению изобразительному искусству в учреждениях общего среднего образования. В первую очередь, пояснены необходимость внесения изменений в систему образования и понятия «компетенция» и «компетентность», затем подробно изучил структуру процесса обучения предмету «изобразительное искусство» в учреждениях общего среднего образования. В статье говорится, что предмет «изобразительное искусство» с самого начала соответствовал требованиям системы компетентности, так как в процессе обучения данному предмету ученики оценивались по способности и умению изображать, понимать красоту, правильно определять соотношение красок. Поэтому преподаватели предмета «изобразительное искусство» не должны столкнуться с трудностями при переходе на систему компетентностного отношения. Вместе с тем, инструкции преподавателю по предмету «изобразительное искусство», стандарты, учебники, приложения и структура разъяснительного плана урока отдельно приведены в таблицах данной статьи. Собраны и проанализированы мнения ученых данной сферы, которые обобщены с мнениями авторов.

**Ключевые слова:** изобразительное искусство, компетенция, компетентность, обучение, образование, стандарт, руководство, приложение.

**THE COMPETENT ATTITUDE TO TEACHING THE SUBJECT OF FINE ARTS**

In this article, the authors examined the important problem of the republic's education sphere, that is, a competent attitude toward teaching fine arts in institutions of general secondary education. First and foremost, the need to introduce changes in the education system and the notion of "competence" and "competence" was explained, and then the structure of the process of teaching the subject of fine arts in institutions of general secondary education was studied in detail. The article says that the subject of fine art from the very beginning met the requirements of the competence system, since in the process of teaching these subject pupils were assessed by their ability and ability to depict, understand beauty, correctly determine the ratio of colors. Therefore, teachers of the subject of fine arts should not face difficulties in moving to a system of competent relations. At the same time, instructions to the teacher on the subject of fine arts, standards, textbooks, annexes and the structure of the explanatory lesson plan are given separately on the tables of this article. Collected and analyzed opinions of scientists in this field, which are summarized with the views of the authors.

**Key words:** fine arts, compilation, comprehensiveness, education, education, standard, guidance, application.

**Сведения об авторах:** ***Азизов Шерзод Юсуфович*** **-** Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, старший преподаватель кафедры черчения, начертательной геометрии и методики преподавания. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **azizovsher@bk.ru.** Телефон: **927-88-34-45**

***Азизов Абдулатиф Абдухалимович*** **-** Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, доктор педагогических наук, декан факультета изобразительного искусства и технологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **abdulatif.azizov2017@mail.ru.** Телефон: **918-47-41-15**

***Бобоева Шоиста Хакимовна*** **-** Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, докторант (PhD) кафедры черчения, начертательной геометрии и методики преподавания. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **boboevash2017@mail.ru.** Телефон: **987-42-66-99**

**Information about the authors:** ***Azizov Sherzod Yusufovich*** **-** Khujand State University. B. Gafurova, Senior Lecturer, Department of Drawing, Descriptive Geometry and Teaching Methods. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Passage 1. E-mail: **azizovsher@bk.ru.** Phone: **927-88-34-45**

***Azizov Abdulatif Abduhalimovich*** **-** Khujand State University B. Gafurova, Doctor of Pedagogy, Dean of the Faculty of Fine Arts and Technology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Passage 1. E-mail: **abdulatif.azizov2017@mail.ru.** Phone: **918-47-41-15**

***Boboeva Shoista Khakimovna*** **-** Khujand State University. B. Gafurova, doctoral student (PhD) of the department of drawing, descriptive geometry and teaching methods. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, travel Mavlonbekova 1. E-mail: **boboevash2017@mail.ru.** Phone: **987-42-66-99**

**УДК:372.879.6 (575.3)**

# АҲАМИЯТИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ ДАР ҲАЁТИ ИНСОН

*Давлатбоева С.*

**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

Замони муосир бо рушди нобаробари иқтисодӣ, афзоиши ихтилофоти иҷтимоӣ, аз ҷумла дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муаррифӣ мегардад. Ва дар он нақши бебаҳоро сотсиологияи фарҳанги тарбияи ҷисмонӣ, ки бахри таҳқиқи мушкилоти мавҷуда ва таҳияи самтҳои асосии бартараф кардани онҳо пешбинӣ шудааст, ба уҳда дорад. Имрӯз, воқеан дар тамоми дунё соҳаеро дарёфт кардан мушкил аст,ки бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш робитаи мутақобила надошта бошад, зеро таркиби он, ба монанди варзиши оммавӣ, варзиши дастовардҳои олӣ, ҳаракатҳои олимпӣ ҳамчун арзишҳои умумии моддӣ ва маънавӣ эътироф шудаанд. Воқеан, ба фикри мо, барои шахсияти ҳозиразамон донистани арзишҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ, моҳияти фарҳанги тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш хос мебошад, зеро онҳо қисми муҳимми фарҳанги умумии ҷомеаро ташкил медиҳанд.

Равандҳои муттасили ҳамгироии фарҳанги тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар иқтисодиёт, фарҳанг, тиб, дин, экология ва дигар намудҳои ҳаёти иҷтимоӣ ташаккули стратегия ва тактикаи навро барои истифодаи онҳо дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҳар як шахс пешбинӣ менамоянд, ки хеле муҳим арзёбӣ мегарданд. Ба ин инчунин тағйирот дар сохтори давлатӣ ва сиёсии кишвар мусоидат мекунад, ки дар натиҷаи он бо суръати баланд ба гурӯҳҳо ҷудо шудани одамон аз рӯйи сатҳи даромад, маълумотнокӣ ва имконоти истифода бурдан аз хизматрасонӣ дар соҳаи фаъолияти ҷисмонию варзишӣ ба таври васеъ таъсир мегузорад.

Дар шароити кунунӣ таҳқиқи масъалаҳои варзиши кӯдаконаю наврасона, варзиши дастовардҳои олидараҷа, ҳаракати олимпӣ бо мақсади муайян кардани нақш ва ҷойгоҳи онҳо дар ҷомеаи тоҷикон амри зарурӣ даниста шуда, зеро маҳз ҳамин падидаҳо қодиранд ҳам воқеияти иҷтимоӣ ва ҳам ҳар як шахси мушаххасро ташаккул диҳанд.

Варзиши замони муосир ҳамчун ҷанбаи муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ ва неруи тавоно табиатан ба инсон имкониятҳои волотаринро баҳри инкишофи имконоти зеҳниву рӯҳӣ ва ҷисмонӣ фароҳам меоварад. Варзиши ҳозиразамон ба дараҷае ҳодисаи мураккаби иҷтимоӣ буда, дар ҳаёти ҷамъиятӣ мақоми махсус дорад. Ҷомеаи кишвар ба марҳилаи инкишофи устувор дар шароити тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ ворид шуд, ки он ба эътирофи арзишҳои башардӯстона, ташкили иқтисодиёти пешрафта ва низоми устувори демократӣ нигаронида шудааст. Мавқеи муҳимро дар ин раванд масъалаҳои марбут ба фаъолияти ҳаёти шахсӣ, саломатӣ ва тарзи ҳаёти худи инсон касб мекунанд, ки дар бораи он дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдат- Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (26.12.2018) ишора шудааст. Аз ҷумла, дар он омадааст, ки Ҳукумати Тоҷикистон барои ҷавонон тавассути оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим ва омода намудани варзишгарони касбӣ аз ҳамаи имкониятҳо истифода мекунад ва баҳри фарогирии ҷавонон ба варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ танҳо дар соли 2018- 230 иншооти навбунёди варзиш мавриди истифода қарор дода шуданд.

Дар баробари ин, нигаред ба рушди устувори шаҳри Душанбеи солҳои охир, ки аз тарафи раиси он баҳри рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш чи қадар иншоот сохта шудаанд ва онҳо метавонанд насли навраси шаҳрро ба машғулиятҳои варзишӣ фаро гиранд.Ҳамзамон, қайд намудан зарур аст, ки аз маҷмӯи мафҳуми «тарзи ҳаёти солим», ки тамоми соҳаҳои алоҳидаи ҳаёти шахсият,коллектив, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, миллиро муттаҳид месозад, воқеан муҳимтарини он тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш арзёбӣ мегардад.

Ба фикри мо, фарҳанги тарбияи ҷисмонӣ яке аз паҳлуҳои фарҳанги умумӣ, ҳаёти солими инсон пазируфта шуда, дар бисёр мавридҳо рафтори шахсро дар таълимгоҳ, корхона, ҳаёти ҳаррӯза, ҷойҳои ҷамъиятӣ, раванди муоширaт муайян мекунад ва дар ҳалли вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, таълимию тарбиявӣ ва масъалаҳои истироҳату фароғат низ мақоми арзанда дорад ва метавонад ба он ба таври мусбӣ таъсир расонад.

Истилоҳи «фарҳанг», ки дар замони пайдоиши ҷомеаи инсонӣ арзи вуҷуд намуд, гуногунмафҳум буда, бо мафҳумҳои “парвариш", "коркард", "тарбия", "маълумот", "инкишоф”, “эҳтиром” наздикӣ дорад. Тарбияи ҷисмонӣ як қисми фарҳанги умумии инсонӣ маҳсуб ёфта, худро ҳамчун фаъолияти азхудкунии арзишҳои гузашта ва ташкили арзишҳои нав бештар дар самти тараққиёт, солимгардонӣ ва тарбияи одамон муаррифӣ месозад.

Андешаҳои гуногуни олимон дар бораи муайян кардани тарбияи ҷисмонӣ ба ҷудокунии ҷузъҳо ва таносуби онҳо байни ҳамдигар замина гузоштааст, аз ҷумла:

- фарҳанги тарбияи ҷисмониро ҳамчун маҷмӯи воситаҳои моддӣ ва маънавии фаъолияти махсуси ҷисмонӣ эътироф намуда, танҳо самти фаннии онро қайд мекунанд ва беасос аз он арзишҳои шахсиро хориҷ мекунанд;
- фарҳанги тарбияи ҷисмониро тавассути сохтори тарбияи ҷисмонӣ, донишҳои махсуси илмӣ, рушди ҷисмонӣ ва сатҳи дастовардҳои варзишӣ, фарогирии соҳаи гигиенаи ҷамъиятӣ ва шахсӣ, гигиенаи меҳнат, истироҳат ва рӯзгордорӣ, инчунин истифодаи қувваи воқеии табиат – офтоб, ҳаво ва об баррасӣ менамоянд;
- ба мундариҷаи арзиши фаннии тарбияи ҷисмонӣ беасос қувваи воқеии табиатро дохил мекунанд.Агар ин нуқтаи назарро эътироф созем, пас табиатро бояд як қисми фарҳанг шуморем. Вале қувваҳои табиии табиат офарандаи дасти одамизод нест, аз ин рӯ онҳоро ба мафҳуми воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ дохил кардан мумкин нест.Таҳти мафҳуми тарбияи ҷисмонӣ дониста мешавад:

- машқҳои амалӣ;
- қувваҳои солимбахши неруи табиат (офтоб, ҳаво, об ва дигар васоити муҳити атроф);

- маҳсулот;
- далелҳои тиббӣ ва санитарӣ –гигиенӣ.

Ин имконияти истифодаи қувваи табииро дар соҳаҳои мухталифи фаъолияти инсонӣ, аз ҷумла дар самти тарбияи ҷисмонӣ маҳдуд намесозад.

Философ Н.А. Пономарев қайд мекунад, ки мазмуни фарҳанги тарбияи ҷисмонӣ истеҳсол, ҷамъоварӣ, тақсимот, мубодила ва истеъмоли арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ – қувва, зиракӣ, устуворӣ, чолокӣ ба ҳисоб рафта, онҳо дар худи шахс ташаккул дода мешаванд. Дар ин ҳолат, муаллиф танҳо як самти омодагии ҷисмонии шахсии одам, сифатҳои ҷисмонии ӯро тавсиф медиҳад. Тарбияи ҷисмониро дар самти фаъолият ҳамчун шакли махсус фаъолияти ҷамъиятӣ таҳқиқ намуда, дар он қисматҳои зеринро ҷудо мекунанд:

- тарбияи ҷисмонӣ;
- омодагии касбии варзишӣ;
- тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш баҳри солимгардонӣ.

Сотсиолог М. С. Каган ба сифати намудҳои таркибии тарбияи ҷисмонӣ намудҳои алоҳидаи фаъолиятҳои махсусро дар назар. Ӯ қайд мекунад, ки тарбияи ҷисмонӣ дар худ на танҳо варзиш ва таҷрибаи тиббиро (ислоҳи «никоҳи» худи табиат ва ҷуброни захмҳои бадани инсон, ки онро шахс дар давоми ҳаёташ аз сар гузаронидааст) ворид намудааст, балки он инчунин дорои сифатҳои анатомию физиологии комили атокардаи табиат ба инсон ба ҳисоб меравад. Албатта, қайд намудан зарур аст, ки варзиш падидаи иҷтимоӣ пазируфта шуда, дар сиёсати давлат мақоми бузургро доро мебошад. Дар баробари ин, олимон гуногунҷанбагии варзишро баён намуда, дар бораи он таҳқиқотҳои зиёде анҷом додаанд, вале то ҳанӯз ҳам самтҳои зиёди он мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд ва имрӯзҳо дар ин самт корҳо идома ёфта истодаанд.Ҳамзамон, ғамхорӣ барои рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муҳимтарин ҷузъи сиёсати иҷтимоии давлат, таъминкунандаи иҷрои идеалҳои инсондӯстӣ, арзиш ва меъёрҳо пазируфта шуда, имконияти кушоиши ҳамаҷонибаи қобилиятҳои одамон, қонеъ сохтани шавқу завқи онҳо, фаъолгардонии омилҳои инсониро фароҳам меорад. Ба сифати арзишҳои инсонӣ ва иҷтимоӣ варзиш ба рушди инсон, фарҳанги тарзи ҳаёти одамон, умуман ҷомеаи инсонӣ таъсири самарабахш мегузорад. Зеро варзиш дар баробари чолокӣ, зиракӣ, доноӣ, рақобатпазириро, дар одамон тақвият мебахшад. Варзиш яке аз воситаҳои дониши шахс ва солимии рӯҳи инсон дониста мешавад. Солимии рӯҳ бошад, танҳо дар мавриди солим будани бадан имконпазир мегардад.

Асабоният, ки дар шароити ҷомеаи имрӯза рух медиҳад, на танҳо қобилияти мутобиқати сириштро заиф месозад, балки дар бисёр маврид ҳо ба афзудани касалиҳои асаб, дил, рагҳои хунгард, касалиҳои руҳӣ ва ғайраҳо замина мегузорад. Аз ин рӯ, духтурони кишвари мо ва табибони дунё дастаҷамъона ба варзиш шуғл варзидани одамонро яке аз самтҳои муҳимми пешгирӣ намудани тамоми маризиҳо медонанд ва дар ин самт ташвиқоту тарғибот мебаранд. Масалан, табиби машҳури олам Абӯалӣ ибни Сино қайд кардааст, ки дониш тавассути ақл, зеҳн ва руҳи солим ба даст меояд, ки суханҳои мазкур, воқеан, аҳамияти худро дар замони мо низ гум накарданд.

Мушоҳидаҳо инчунин нишон медиҳанд, ки дар замони муосир баъзан варзишро ба манфиатҳои ғаразнок низ истифода мебаранд, ки боиси таассуф мебошад. Масалан: файласуфи шинохта М. Новак қайд карда буд, ки «мусоҳилакорӣ намудан ба варзиш маънои аз даст додани яке аз бойигариҳои афзалтарини миллиро дорад». Албатта, нофаҳмиҳо дар байни худи варзишгарон, варзишгарон ва устодон, фишороварӣ баҳри ба даст овардани маблағҳои калон, харидани доварон ва варзишгарон, бевиҷдониву дурӯягӣ, парастиши ҳисси бадбинӣ нисбат ба рақиб ба назар мерасанд, ки ин падаидаҳои номатлубро баҳри расидан ба ҳадафҳои нопок истифода мебаранд, ки онҳо ба табиати худи варзиш хос нестанд. Варзишгарон ва устодоне низ баъзан вомехӯранд, ки баҳри ба даст овардани ғолибият аз ҳама воситаҳо истифода мебаранд, аз ҷумла ба истеъмоли допинг даст мезананд, ки он ба номи варзишу варзишгар ва кишвар доғ оварда метавонад.

Ҳамзамон, пӯшида нест, ки баъзан варзишгарон солимиашонро қурбони натиҷа ва ғалабаҳо менамоянд. Нигаред, ба тартиби интихоби кӯдакон ва наврасони боистеъдод барои ҷалб намудани онҳо ба варзиш, дар ин ҷо баръало равшан аст, ки варзиш на барои кӯдакон, балки кӯдакон ба хотири варзиш интихоб карда мешаванд. Гузашта аз ин, падидаи дигари номатлуб низ номи варзишро доғдор карда метавонад - ин «ғолибият»-и шартномавӣ ё ба воситаи ришвадиҳӣ мағлуб кардани рақиб. Имрӯз набояд варзиш аз рисолати аслии хеш дур равад ва ба ин васила ба манфиати иддае аз сарватмандону манфиатҷӯён табдил ёбад. Аҳамияти варзиш дар таҳкими солимии ҷисму рӯҳ ва

афзалиятҳои рушди инсон, ҳаёти иҷтимоӣ ва дар маҷмӯъ ҷомеаи солим, миллати солим вазифаи муқаддаси ҳар як шахсияти баркамол маҳсуб мeёбад.

Мушоҳидаҳои мо дар раванди машғулиятҳо нишон медиҳанд, ки варзиш ба инсон хушҳолӣ мебахшад, майнаи сари ӯро аз ҳар хел фикрҳои манфӣ пок месозад. Албатта, тавассути варзиш руҳи инсон покиза, табъаш болида гардида, ба афзудани шавқу завқи донишандӯзӣ ва дарки пурраи мазмун ва муҳтавои маводи иттилоотӣ ва татбиқи он дар амал фазои мусоидро фароҳам меорад.


**АДАБИЁТ**

1. Астафьев В.С. Формирование потребности самостоятельных занятиях физическими упражнениями в структуре физической культуры личности / В.С. Астафьев //Теория и практика физической культуры. -2008. - № 8. - С. 11-14.
2. Ахметова М.Н. Основы моделирования образовательной дисциплины / М.Н. Ахметова. - Чита: Изд-во Чит. пед. ин-та, 1996. - 125 с.
3. Бакшева Т.В. Выразительные движения как телесное проявление общей и профессиональной культуры человека / Т.В. Бакшева // Материалы 49-й науч.-практ. конф. -Ставрополь: СГУ, 2004. - С. 22-24.
4. Бальсевич В.К. Физическая культура для всех и для каждого / В.К. Бальсевич. – М., 1988.
5. Лубышева Л.К. Физическая культура: молодёжь и современность / Л.К. Лубышева //Теория и практика физической культуры. – 1995. -№ 4.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (22.12.2018). - Душанбе , 22.12.2018.


## АҲАМИЯТИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ ДАР ҲАЁТИ ИНСОН


Дар мақола муаллиф аҳамияти варзиш дар ҳаёти инсон ва хусусиятҳои онро мавриди таҳлил қарор дода, масъалаҳои фаъолияти варзишгарони муосир ва роҳҳои фарогирии инсонро ба варзиш, бартарафсозии мушкилоти дар шароити буҳрон баамаломадаро таҳқиқ намудааст. Муҳаққиқ дар мақола мақоми варзиш, нафъи он барои саломатии инсон, афзалияти онро барои рушди саломатӣ ва пешрафти ҷомеа нишон дода, андешаи олимон, варзишгаронро дар васфи варзиш ва эътироф намудани он ҳамчун институти иҷтимоии тарбиявӣ овардааст ва самараи мусбии онро дар ташаккули муносибатҳои муайяни иҷтимоӣ шарҳ додааст. Муаллиф мавқеи варзишро дар ҳаёти инсон асосан дар таҳкимбахшии хушҳолӣ, поксозии андеша, покизагии рӯҳ, болидагии табъ, ҳавасмандсозӣ ба донишандӯзӣ муайян намуда, инчунин оиди беадолатии замони муосир дар самти истифода бурдани варзиш ба дигар мақсадҳо низ, фикрашро баён кардааст. Аммо ба таври дигар истифода бурдани варзишро муаллиф беадолатии замон ва баъзан аз даст додани яке аз бойигариҳои арзишманди миллӣ маънидод кардааст.



**Калидвожаҳо:** варзиш, фарҳанг, ҳаракатҳои олимпӣ, инкишоф, қувва, руҳ, таблиғ, мақом.


## ЗНАЧЕНИЯ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ В ЖИЗНИ ЧЕЛОВЕКА


В статье автор, исследуя проблему значимость спорта в жизни человека, современных спортсменов, поиск и нахождение путей охвата человека спортивным занятием, напоминает о необходимости преодоления возникших трудностей в условиях кризиса. Исследователь в статье, показывая роль спорта, его влияние на здоровье, преимущество в формирование здоровый образ жизни человека и процветание общественной жизни, приводит убедительные аргументы ученых, выдающихся спортсменов современности о занятиях спортом и признание его как институт социального воспитания, положительно влияющих на формирование определенных социальных взаимоотношений. Автор отмечает важную роль спорта в повседневной жизни человека, а именно, в обеспечение благополучия, чистоты помыслов, психического равновесия, мотивации к учебе, хотя, иногда выражает беспокойство по поводу использование спорта в других целях. Автор использование спорта в других целях показывает как несправедливость современного периода и потеря одной из национальных ценностей.



**Ключевые слова:** спорт, культура, олимпийское движение, развитие, власть, духовность, статус.


## THE VALUE OF PHYSICAL CULTURE IN HUMAN LIFE


In the article, the author, exploring the problem of the importance of sports in a person's life, modern athletes, searching for and finding ways to reach a person in sports, recalls the need to overcome the difficulties encountered in a crisis. In the article, the author, exploring the problem of the importance of sports in a person's life, modern athletes, searching for and finding ways to reach a person in sports, recalls the need to overcome the difficulties encountered in a crisis. The author notes the important role of sports in a person's daily life, namely, in ensuring well-being, cleanliness of thoughts, mental balance, motivation to study, although sometimes it is concerned about the use of sports for other purposes. The author of the use of sport for other purposes shows how the injustice of the modern period and the loss of one of the national values.



**Key words:** sport, culture, Olympic movement, development, power, spirituality, status.



**Сведения об авторе:** ***Давлатбоева Сарвиноз*** - Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, соискатель. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Айни 45.Телефон: **939-98-11-83**

**Information about the author:** ***Davlatboeva Sarvinoz*** - Institute for the Development of Education named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, applicant. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini Street 45. Telephone: **939-98-11-83**

УДК:372.815.99(575.3)

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИЮ ПСИХОЛОГИИ КАҶРАФТОРИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ КУНУНӢ ВА БАРХӮРДИ НОСОЛИМИ ВОЛИДАЙН ВА МУРАББИЁН БО ОНҲО

*Гулмадов Файз, Исоев К.А.*
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,**
**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Тарбияи ахлоқии насли наврас аз замонҳои қадим то имрӯз диққати аҳли ҷомеа, бахусус фардҳои солимфикрро ба худ ҷалб кардааст. Дар солҳои бунёдгузории ҷомеаи мо низ ахлоқи насли наврас ва ҷавонон мавриди таваҷҷуҳи ҳамаҷониба қарор гирифта буд. Аз панду андарзҳои Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ сар карда то ба адибони муосир ҳама дар бораи хислатҳои неки инсонӣ, дурандешӣ, далерию мардонагӣ, рафоқату дӯстӣ, ахлоқи ҳамида, маънавиёт, инсондӯстӣ ва дигар масоили тарбияти инсонӣ, асарҳо эҷод карданд [7,с.74].

Бидуни шак имрӯз иллати таассуфовари косташавии ахлоқи наврасону ҷавонони асри ҳозир ин бебаҳра будани онҳо аз ахлоқ аст. Мақсад аз ахлоқ танҳо таърифи китобҳои тарбиятӣ нест, балки маҷмӯи сифатҳо ва хислатҳое мебошад, ки аз одитарин рафтори фард то муносибати ӯ бо дигарон давом меёбад. Имкони пайдо кардани чунин инсон танҳо дар доираи тарбияти комил ва ҳамаҷонибаи инсонӣ имконпазир хоҳад буд.

Имрӯз омилҳо ва сабабҳои каҷрафтории наврасону ҷавонон танҳо пешрафти технология ва пайваст шудан ба интернет нест. Мо имрӯз бо воқеияти талхе рӯ ба рӯ ҳастем, ки ҷавонони асри ҳозир ғолибан аз доираи ахлоқи инсонӣ берун шудаанд. Волидайн ва мураббиёнро зарур аст, ки барои аз байн бурдани ин бебандуборӣ эҳсоси масъулияти бештар намоянд ва хатари ин бемориро дарк кунанд. Дар ғайри ин сурат мо бо ду дасти баста шоҳиди рафторҳои номатлуби насли ҷавон мегардем, ки бо оқибатҳои фоҷиаангез ба анҷом мерасанд. Мушкилоти дигаре мавҷуд аст, ки сабаби аз тарбия дур мондани насли наврасро ягон ниҳоде пурра бар зимма намегирад. Оила мактабро ва мактаб оиларо дар ин кор гунаҳгор медонанд. Ин вазъиятро ба ҳисоб гирифта, ҳукумати ҷумҳурӣ зарур шуморид, ки барои масъулиятнок будани волидайн Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро қабул намояд. Ҳадафи аслии ин қонун бори дигар падару модаронро ёдрас кардан аст, ки танҳо таваллуди фарзанд ҳунар нест, балки тарбия кардан ва ба воя расонидани фарзанд ҳунар аст.

Масъалаи аз тарбия дур шудани наврасону ҷавононро ҳар кас ҳар хел баҳодиҳӣ менамояд. Мо кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки дар ин мақола асосҳои психологӣ-педагогии аз тарбия дур мондани фарзандон ва тарзи дуруст бархӯрд намудан бо онҳоро зикр намоем.

**I. Таъмин набудан ба ниёзҳои аввалиндараҷа.** «Таъмин будан ба ниёзҳои аввалиндараҷа, ба монанди хӯрок ва пӯшок яке аз муҳимтарин василаи зиндагист. Вақте ки наврас ё ҷавон дар хона ба ҳадди зарурӣ ба ин ниёзҳо таъмин нест, ба зудӣ роҳи ҳалли мушкилоти худро дар берун аз хона ва бо рафиқони ноаҳл мебинад. Албатта, барои мо маълум нест, ки дар берун чи ахлоқ ва сифатҳои инсонӣ насиби ӯ мешавад» [1,с.160].

**II. Ихтилоф ва низои падару модар.** Яке аз сабабҳои бисёр муҳиме, ки боиси аз тарбия дур мондани фарзандон мегардад, ин носозгории волидайн дар оила аст. Ҳамин ки кӯдак соҳиби шуур ва дарку эҳсос мешавад, майл ба муҳаббат ва якдигарфаҳмӣ менамояд. Аммо баръакси ин кӯдак дар оила бештар хушунату зӯроварииро мебинад ва маҷбур мешавад рӯ ба кӯча орад. Агар дар кӯча бо дӯстони ноаҳл рӯ ба рӯ шавад, оҳиста-оҳиста фарзанди аз хона безорро ба сӯйи худ мекашанд. Бинобар ин, коршиносони соҳаи тарбия, бахусус он нафароне, ки ба масъалаҳои тарбияи оилавӣ сарукор доранд барои волидайн тавсия медиҳанд, ки дар назди фарзандон бо ҳамдигар баҳсу мунозира накунанд.

**III. Истифодаи номатлуб ва беҳадаф аз вақтҳои холигӣ.** Яке аз авомили дигари бадрафтор шудани фарзандон ин истифодаи номатлуб ва ғалат аз вақтҳои бекорӣ ва фароғатии онҳост. «Кӯдак аз замоне, ки ба пойи худ рост меистад ва тавони роҳ рафтанро дорад, ҳамеша мехоҳад дар ҳаракат бошад. Агар ин масъаларо чуқуртар ва бодиққат бингарем кӯдакон шавқи зиёде ба бозиҳои гуногуни варзишӣ, монанди футбол, волейбол, гӯштин, шиноварӣ ва ғайраҳо доранд» [1,с.170]. Аз ҳамин лиҳоз волидайн ва мураббиёнро зарур аст, ки аз ин неруи фавқулодаи кӯдак дуруст истифода баранд, то сабаби беҳбудии саломатӣ ва тақвияти зеҳнии онҳо гарданд. Агар мо ин қувваро ба самти дуруст равона накунем, онҳо барои сарфи қувват ва неруи худ ба амалҳои номатлуб даст мезананд.

Лозим ба ёдоварист, ки тайи солҳои охир дар миқёси ҷумҳурии азизамон, бахусус шаҳри Душанбе майдончаҳои гуногуни варзишӣ бо тамоми лавозимоти зарурӣ муҷаҳҳаз шуда, дар хидмати шаҳрвандон, бахусус наврасону ҷавонони кишвар гузошта шудааст.

Дигар чизе ки набояд фаромӯш кунем, ин вақтҳои холигии фарзандонро на танҳо бо варзиш, балки фурсати холигии онҳоро бо барномаҳои хуби илмию тарбиявӣ пур созем. Фарзандони худро одат кунонем, ки бо мутолиаи ҳадафманди китоб ва рӯзномаю маҷаллаҳо, сайру саёҳати мақсаднок, ки барояшон пеш меояд, истифода баранд. Дар баробари ин, барои рушд ва тақвияти зеҳнии наврасону ҷавонон аъзо шудан дар китобхонаҳои бачагона ва ҳадди ақал барои доштани китобхонаи хурди оилавӣ талош варзем.

**IV. Дӯстон ва рафиқони гумроҳкунанда:**

*Ёри бад чун раст дар ту меҳри ӯ,*
*Ҳин аз ӯ бигрез кам кун гуфтугӯ.*

Сиришти инсон ба танҳо будан зиддият дорад ва ба ҷамъ ниёзманд аст. Инсон буда наметавонад, ҳатто ин ниёзмандӣ дар кӯдакон эҳсос мешавад. Агар кӯдакро аз рафиқонаш ҷудо кунем ё озодии комилро дар интихоби дӯст ба ӯ бидиҳем, боз ҳам ғалат мекунем. Омили асосии дигаре, ки сабаби бадахлоқ шудани фарзандон мегардад, дӯстони бад ва ҳамнишинони ноаҳл аст. Хусусан, замоне ки кӯдак аз ҷиҳати афкор ва зеҳнӣ рушди комил наёфтааст, тез таъсирпазир мешавад ва дар натиҷа соҳиб шудан ба ахлоқи бад барояш осон мегардад. Ҳатто таълимоти дини мубини ислом моро водор месозад, ки дар интихоби ҳамнишини нек ҳарис бошем. Чуноне ки Муҳаммад пайғамбар (с) мегӯяд: «Ҳамнишини хуб монанди касест, ки бо худ моддаи бисёр хушбӯй дорад, ё ба ту миқдоре аз онро медиҳад ё миқдоре аз ӯ мехарӣ ва ё ҳадди ақал бӯйи хуши ӯ ба ту мерасад. Аммо рафиқи бад ҳам монанди оҳангаре ҳаст, ки либосатро оташ мезанад ва ё бӯйи ғализи он ба машоми ту мерасад». Ин нуктаро ҳам Саъдии Шерозӣ дар «Гулистон» чунин ба риштаи назм мекашад:

*Писари Нуҳ бо бадон биншаст,*
*Хонадони нубувваташ гум шуд.*
*Саги Асҳоби Каҳф рӯзе чанд,*
*Пайи некон гирифту мардум шуд [10,21].*

Чи хуб мешуд, ки волидайн ва мураббиёни азиз ба ин роҳнамоиҳои арзишманд таваҷҷуҳ мекарданд, то сабабгори соҳиби ахлоқи бад шудани фарзандонашон намегаштанд.

**V. Муомилаи сарди волидайн ва мураббиён.** Тақрибан тамоми донишмандони соҳаи тарбия иттифоқи назар доранд, ки яке аз бузургтарин омилҳои каҷравии фарзандон, ин муомилаи сарди волидайн ва тарбиятгарон аст. Агар ба фарзанд бо сахтӣ, дуруштӣ ва зарбу лат муомила шавад, аксуламали он дар кирдори фарзанд дида мешавад. Ҳатто, баъзан натиҷаи он худкушӣ, ҷангу ҷидол бо волидайн ва фирор аз хона мегардад. Аз ин сабаб мураббиён ва волидайнро зарурат пеш меояд, ки аз ин усулҳо истифода кунанд: ороста шудан ба ахлоқи ҳамида; лутфу меҳрубонӣ; муомилаи пур аз шафқат.

Донишманди Машриқзамин Ибни Халдун сахтгирии беҳудаю беҳудаи фарзанд ва шогирдро дар тарбия зиёновар медонад. «Фарзандон дар ин сурат тундхӯй шуда ва аҳёнан ба дурӯғ рӯй оварда, нишоти худро аз даст медиҳанд. Ҳатто сифатҳои инсониро мисли ҷавонмардӣ, дифоъ аз дару хонаро аз даст дода, тарзе парвариш меёбанд, ки бар гардани дигарон бори зиёдатӣ мешаванд» [2,с.45]. Ибни Халдун волидайн ва муаллимонро аз шеваи зӯроварӣ барҳазар дошта, онҳоро ташвиқ менамояд, ки аз равиш ва услуби муносибтаре истифода баранд.

**VI.Тамошои филмҳои ҷиноӣ ва фаҳшо.** «Яке аз воситаҳои ниҳоят хатарнок барои бероҳа гаштани шахс, бахусус ҷавонон дар асри имрӯз ин тамошои филмҳои ҷиноӣ ва фаҳшо аст. Мавзӯъҳои асосии бештари филмҳо, зӯроварӣ, ишқу ошиқӣ ва ҷиноят аст» [1,с.178].Яке аз донишмандони Ғарб мегӯяд: «Тамоми филмҳое, ки дар олам барои тиҷорат паҳн мешаванд, ба масоили ҷинсӣ алоқаманд буда, ҷавонписарону духтарон баъд аз тамошои он ба зиёноварии ҷинсӣ рӯй меоранд». Инчунин, ӯ сухани худро давом дода, чунин гуфтааст: «Барои муҳаққиқон собит гаштааст, ки ҷавонон тамоми масоили ишқу ошиқӣ, бӯсу канор ва таҳрики ҷинсиро аз тамошои синамо омӯхтаанд». Ҷойи шубҳа нест, ки агар навҷавонони мо мафтуни тамошои чунин филмҳо гарданд, ҳатман масъалаҳои тарбияи ахлоқии онҳо ба хатар гирифтор мешаванд.

Аз ин рӯ, волидайн ва мураббиёнро зарур аст, ки барои пешгирӣ аз филмҳои фаҳшо чунин амалҳоро анҷом бидиҳанд: эҳсоси масъулияти тарбиявиро зиёд намоянд; зарари тамошои чунин филмҳоро ба фарзандон баён намоянд; онҳоро аз тамошои чунин филмҳо манъ намоянд [1,с.179].

Нуқтаи дигаре, ки набояд нисбати он бетафовут буд, ин истифодаи беназорати Интернет аз ҷониби наврасон аст. Имрӯзҳо мо дар воситаҳои нақлиёти мусофиркашӣ, истгоҳҳо, гулгашту хиёбонҳо инчунин баъзан дар вақти дарс ҷавононро мушоҳида менамоем, ки бо истифодаи номатлуб аз Интернет вақти худро беманфиат аз даст медиҳанд. Чизи дигаре, ки вобаста ба ҳамин масъала бояд гуфта шавад, ин нишастани ҷавонон дар сари бозиҳои «компютерӣ» дар интернет-кафеҳо мебошад. Баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» умед буд, ки ин масъала то андозае ҳалли худро мeёбад, аммо, мутаассифона, бо сабабҳои маълум ва номаълум то ба ҳол чунин мондааст.

Аз васоити ахбори омма мо дар бораи ҷиноят ва қонуншиканӣ аз ҷониби наврасон ва ҷавонон маълумот пайдо мекунем. Бояд масъулин, падару модарон, мактаб ва ҷомеа дар якҷоягӣ бар зидди ин ҳодисаҳои номатлуб мубориза баранд, то битавонанд фарзандони соҳиби маърифати воло, ватандӯст, забондон ва дар умум дорои хислатҳои ҳамидаи инсониро тарбият кунанд.

**VII. Даст кашидани волидайн аз тарбия.** Фарзанд дар дасти волидайн ҳукми амонатро дорад, бояд ӯро бо диққати том тарбият намуда, ба соҳиби аслиаш бозгардонанд. Чуноне ки Имом Ғазолӣ мегуяд: «Кӯдак амонати Илоҳӣ назди волидайн аст, қалби поки ӯ ба монанди гавҳари нафис ва арзишманд аст. Агар ба некӣ одат дода шавад ва онро ёд гирад, дар дунё ва охират саодатманд хоҳад шуд ва агар ба шарорат ва бадӣ одат кунад ва монанди ҳайвонот раҳо гардад, дучори бадбахтӣ ва ҳалокат хоҳад шуд. Ҳифзи кӯдак дар воқеъ бо адаб омӯхтан, тарбия ва омӯзиши ахлоқи ҳамида имконпазир аст» [8,с.45].

Инчунин, аввалин мактабу мадрасаи ҳар шахс падару модари ӯст, пас набояд онҳо худро аз ин масъулият як сӯ кашанд, зеро ин бемасъулиятӣ боиси бероҳа гаштани фарзанд мегардад. Махсусан саҳми модар дар ин масъала хело назаррас аст.Чунки фарзанд аксари вақт бо ӯст. Чуноне ки дар урфият мегӯянд: «Ятими ҳақиқи нафарест, ки модари бепарво ва падари машғулу серкор дорад». Агар волидайн бар замми камтаваҷҷуҳӣ боз худ гирифтори каҷӣ бошанд, дар ин ҳолат мусибати фарзанд дучанд мегардад.

**VIII. Мусибати ятимӣ:** Инчунин, ятим мондан яке аз омилҳои дигари бероҳа гаштани фарзанд мегардад. Зеро маҳрум гаштан аз падару модар маънои онро дорад, ки ӯ аз шахси мушфиқу дилсӯз ҷудо гаштааст. Агар дар чунин ҳолати вазнин шахсе пайдо нашавад, ки ӯро сарпарастӣ кунад, қатъан ба ҳар роҳ меравад. Шояд дар вақти ба балоғат расидан сабабгори рафторҳои номатлуб гардад. Дар баробари ин, на танҳо давлат, балки аҳли ҷомеа вазифадоранд, то барои рафъи мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодии ятимон саҳмгузор бошанд. Зеро ки дар урфият мегӯянд. «Дили ятимеро ба даст овардан, ки то ӯ эҳсоси ятимӣ накунад, хеле арзиши баланд дорад дар назди Худо ва халқи Ӯ».

## АДАБИЁТ


1. Абдуллоҳ Носеҳ Улвон. Чӣ гуна фарзандони худро тарбият кунем Осори мунтахаб / Абдуллоҳ Носеҳ Улвон; тарҷумаи Абдуллоҳи Аҳмадӣ. –Теҳрон: Интишороти Аҳмади Ҷом, 1379 ш. -617 с.
2. Абдурраҳмон Ибни Халдун. Муқаддима. Тарҷумаи Муҳаммад Парвини Гунободӣ. Осори мунтахаб / Абдурраҳмон Ибни Халдун. –Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1375 ш. -чопи 8. -644 с.
3. Гербенников И.В. Ошибки родителей в создании воспитательного климата семьи и пути их устранения // Изучение общественного мнения о причинах педагогических ошибок в семейном воспитании и пути их преодоления. – М.: Пед.об-во РСФСР, 1979. -С.11-31.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Санаи қабул: 28.08.2007 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с..2017. -№6. Мод.7.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 2.08.2011 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7– 8. -мод. 8.
6. Макаренко А.С. Книга для родителей / Пед. соч. в 8-ми т. Т.5. -М.: Педагогика, 1985. -С.7-261.
7. Қаноатов В. Ҳамкории мактаб оила ва ҷомеа. Дастури методӣ. -Душанбе, 2008. – 74 с.
8. Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ. Эҳё-ул-улумиддин. Осори мунтахаб / мутарҷим Муиддин Муҳаммади Хоразмӣ. –Теҳрон, 1386. 4-ҷилд. Ҷилди 1. -45 с.
9. Х. Раҳимзода. Маърифати оиладорӣ. Китоби дарсӣ. –Душанбе, 2015. -192 с.
10. Саъдии Шерозӣ. Гулистон. Маориф ва фарҳанг. -Душанбе, 2008. –232 с.


## АСОСҲОИ ПЕДАГОГИЮ ПСИХОЛОГИИ КАҶРАФТОРИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ КУНУНӢ ВА БАРХӮРДИ НОСОЛИМИ ВОЛИДАЙН ВА МУРАББИЁН БО ОНҲО


Дар мақолаи мазкур сабабҳои каҷрафтории наврасону ҷавонон аз нуқтаи назари илмӣ таҳлил карда шудаанд. Таъкид карда мешавад, ки вазъияти таассуфовари инсони асри бисту як танҳо ба далели ақибмондагии ӯ аз қофилаи пешрафти техника ва ҷаҳони молиёт нест. Иллати нобасомониҳои инсони асри ҳозир бебаҳра будани ӯ аз ахлоқ аст. Мақсад аз ахлоқ танҳо таърифи китобҳои тарбиятӣ нест, балки маҷмӯи сифатҳо ва хислатҳое мебошад, ки аз одитарин рафтори фард то муносибати ӯ бо дигарон давом меёбад.

Имкони пайдо кардани чунин инсон танҳо дар доираи тарбияти комил ва ҳамаҷонибаи инсонӣ имконпазир хоҳад буд. Ҳамзамон, дар мақола зикр карда мешавад, ки имрӯз омилҳо ва сабабҳои каҷрафтор шудани насли наврас танҳо пешрафти технология ва пайваст шудан ба ҷаҳони интернет нест. Имрӯз бо воқеияти талхе рӯ ба рӯ шудан мумкин, ки ҷавонони асри ҳозир ғолибан аз доираи ахлоқи инсонӣ берун шудаанд. Волидайн ва мураббиёнро зарур аст, ки барои аз байн бурдани ин бебандуборӣ эҳсоси масъулияти бештар намоянд ва хатари ин бемориро дарк кунанд. Дар ғайри ин сурат мо бояд ба азнавтарбиякунии фарзандон машғул шавем, ки корест басо сангин. Дар умум, каҷрафтории наврасону ҷавонон сабабҳо ва омилҳои гуногуни педагогию психологӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад, ба монанди носозгории волидайн, таъсири атрофиён, истифодаи ғайримақсаднок аз интернет, тамошои филмҳои ҷиноӣ ва ғайра. Мушкилоти дигаре, ки сабаби аз тарбия дур мондани насли наврас гаштааст, ин мебошад, ки ягон ниҳоде тарбияи фарзандро пурра бар зиммаи худ намегирад. Оила мактабро ва мактаб оиларо дар ин кор вазифадор ё худ гунаҳгор меҳисобанд.

**Калидвожаҳо:** тарбия, каҷрафторӣ, наврас, ҷавонон, оила, падару модарон, маънавиёт.

## ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ДЕВИАНТНОГО ПОВЕДЕНИЯ ПОДРОСТКОВ И МОЛОДЁЖИ НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ И НЕЗДОРОВЫЕ ОТНОШЕНИЯ РОДИТЕЛЕЙ И ВОСПИТАТЕЛЕЙ С НИМИ

В данной статье с теоретической точки зрения раскрываются психолого-педагогические основы девиантного поведения подростков и молодежи. Отмечается, что вызывающее удивление поведение людей, живущих в XXI веке, заключается не только в их отставании от научно-технического прогресса, в их безнравственном поведении в обществе. Цель нравственности заключается не только в восхищении книгой о воспитании, но и в комплексе качеств и особенностей, которые зависят от поведения индивида и его отношения к другим людям. Возможности такого человека будут расти только путем совершенного и всестороннего его воспитания. В статье отмечается, что сегодня причины и факторы девиантного поведения подрастающего поколения и молодежи связаны не только с научно-техническим прогрессом, в частности, в сети интернета. Сегодня можно встретиться с тем объективным негативным явлением, что современные юноши практически далеки от понятия “нравственное поведение личности”. Поэтому родителям и воспитателям необходимо с целью искоренения таких неблаговидных явлений прочувствовать свою ответственность и осознать угрозу такого явления. В целом, девиантное поведение подростков имеет и другие психоло-педагогические и социальные причины и факторы. Таковыми является: плохое отношение родителей, влияние окружающих людей, использование интернет для время препровождения, просмотр криминальных фильмов и др. Есть и другая причина. Ответственность за безнравственне поведение детей никто не берет на себя. Семья обвиняет школу, а школа обвиняет семью.

**Ключевые слова:** воспитание, девиантное поведение, подросток, молодёжь, семья, родители, нравственность.

## PEDAGOGICAL AND PSYCHOLOGICAL GROUNDS OF DEVIATIONAL BEHAVIOR OF ADOLESCENTS AND YOUTH IN TODAY’S CONDITIONS AND UNHEALTHY OPPOSITION OF PARENTS TO THEM

The present paper analyses from scientific point of view the causes of deviational behavior of adolescents and youth. It emphasizes that the deplorable condition of the person of twenty first century is not based only on his backwardness from the pace of developed technologies and financial world. The reason for the disorderliness of the person of present century lies in his moral destitution.The intendment of morality is not solely in the definition of educational books, but is rather in the aggregation of qualities and character traits that continue from the simplest deed of an individual to his relations with others. It is only possible to develop this kind of person through absolute and comprehensive human upbringing. At the same time, the paper mentions that today the factors and causes of adolescent generation becoming deviational in behavior are not limited to the development of technology and connection to the world of internet. Nowadays it is possible to face such a harsh reality in which the youth of present century have mostly fallen outside the boundaries of human estimable behavior. In order to eliminate this disorderliness, parents and educators need to feel more responsibility and be aware of the dangers of this illness. Otherwise we will have to resort to reeducation of children, which is a very arduous activity. In general, deviational behavior of adolescents and youth covers various pedagogical, psychological and social causes and factors, like incompatible parents, influence of social surroundings, inappropriate use if internet, watching crime movies, etc. Another issue is that no institution takes responsibility for the cause of the raising generations’ being fallen remote from moral upbringing. In this regard family holds responsible and accuses the schools, and schools blame the family.

**Key words:** upbringing, unethical conduct, adolescent, youth, family, parents, morality.

**Сведения об авторах:** ***Гулмадов Файз*** – Академия образования Таджикистана, доктор педагогических наук, заведующий отделом теории и истории педагогики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Айни, 45. Телефон: **919-63-67-34**

***Исоев Киёмиддин Амонович*** – Институт развития образования им. А.Джами Академии образования Таджикистана, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Айни, 45. Телефон**: 915-20-28-80**

**Information about the authors:** ***Gulmadov Faiz*** - Academy of Education of Tajikistan, doctor of pedagogical sciences, head of the theory and history of pedagogy department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini Street, 45. Phone: **919-63-67-34**

***Isoev Kiyomiddin Amonovich*** - Institute for the Development of Education named. A. Jami of the Academy of Education of Tajikistan, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, S. Aini Street, 45. Phone: **915-20-28-80**

УДК372.815.99+378(575.3)

# РУШДИ ХУДОМӮЗӢ ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ МУАЛЛИМОНИ БИОЛОГИЯ

*Алимова Х. Б.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров**

Яке аз муаммоҳои муҳим ва ҳалталаб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси ба талаботи ҷамъияти муосир ҷавобгӯ мебошад. Барои ба ин мақсад ноил гардидан бояд ба масъалаи худомӯзии муаллимон эътибори хосса зоҳир карда шавад. Муаллим дар тамоми фаъолияти омӯзгориаш ба дарс омодагӣ мегирад, зеро касби омӯзгорӣ ҳаминро талаб мекунад. Ончиро ки худат намедонӣ, ба хонанда онро дода наметавонӣ, аммо сол аз сол донишҳои зиёд додан лозим аст. Иттилооти зиёд ба торафт мураккабшавии фанҳои мактабӣ боис гашта, ҷаҳонбинии хонандагон васеъ ва дараҷаи инкишофи илмии онҳо баланд гардида истодааст. Нокифоягии дониши муаллим аз соли аввали кори мустақилонаи ӯ ба назар мерасад. Барои он ки муаллими хуб шавад, на фақат ба омӯзонидани дигарон машғул бошад, балки барои дониши худро мукаммал намудан кӯшиш намояд.

Дар амалия системаи муайяни шакли таълим вуҷуд дорад, ки ин курси такмили ихтисос, хонишҳои педагогӣ, конфронсҳо, ҷаласаҳои комиссияи фаннӣ ва методӣ, таҷрибаи мактабҳои пешқадам, семинари муаллимони ҷавон, гурӯҳҳои эҷодӣ ва ғайраҳо мебошанд. Лекин ягон курсҳои такмили ихтисос, семинарҳо бе машғулиятҳои системавии мустақилона самараи хуб намедиҳанд, бинобар ин худомӯзиро шакли асосии баланд бардоштани ихтисос ҳисобидан лозим аст. Ҳалли дараҷаи муваффақияти корҳои мустақилонаи муаллим аз кӯшиш ва хоҳиши ӯ вобаста аст. Худомӯзӣ ҳамон вақт натиҷаи хуб медиҳад, ки агар он мақсаднок, аз рӯйи нақша ва системаи муайян иҷро карда шавад. Муаллимони пешқадам мавҷудияти нақшаи эҷодии шахсиро ба мақсад мувофиқ мешуморанд, ба он номгӯйи амалиётҳои аниқ аз рӯйи самтҳои асосии худомӯзӣ ва тамоми давраи байни курси такмили ихтисосро дохил менамоянд. Ин шакли нақша аз тарафи ягон шахс ва ташкилот тасдиқ карда намешавад, ин «ҳуҷҷати шахсӣ» мебошад [2,с.239].

Ҳамаи самтҳои худомӯзӣ ба ҳамдигар алоқаманд буда, якдигарро пурра менамоянд. Чор давраи гуногуни худомӯзии муаллимони биологияро ҷудо кардан мумкин аст: раванди тайёрӣ ба дарсҳо ва ҷамъомадҳои тарбиявӣ; омӯхтани таҷрибаи пешқадами педагогӣ; кор аз рӯйи мавзӯи аниқи методикаи таълим; моделонии барномаҳои муаллифон аз биология. Байни худомӯзӣ ва омодагӣ ба дарс алоқаи зич вуҷуд дорад, ки мавзӯи дарсҳои навбатӣ асосан мазмуни корҳои мустақилонаи муаллимро муайян менамояд.

Дар ин давра барои худомӯзии муаллим кор бо китоб афзалият дорад, ки олоти асосии кори муаллим мебошад. Педагог китобхонаи шахсии худро аз давраи донишҷӯӣ ва тамоми ҳаёт пурра намояд. Аз рӯйи интихоби китоб дар китобхонаи шахсӣ оид ба дараҷаи омодагии муаллим ба кор, дараҷаи зеҳнӣ ва олами дохилӣ баҳо дода мешавад. Аз худ намудани маҳорати кори мустақилона бо китоб дар худ ду элементи асосии ба ҳамдигар алоқамандро дар бар мегирад - маҳорати хондан ва навиштани қайдҳо. Ҳангоми бо китоб кор кардан омӯзгор пайдарҳамиро риоя менамояд. Муоинаи пешакӣ ба фикру мулоҳиза оид ба мақсад, нақшаи сохти мазмун ва мувофиқоии қисмҳои алоҳидаи он имконият медиҳад. Агар муаллим барои худаш ягон манбаи муҳимро дарёфт карда бошад, сипас ба коркарду мукаммал кардани он оғоз менамояд.

Дар асоси китобҳои хондашуда чунин маводҳоро ҷамъ кардан мумкин аст: нусха, маълумотномаи библиографӣ, аннотатсия, нақша, тезисҳо, конспектҳо.

Дар ин давра барои гузаронидани дарс маводҳои зиёд ҷамъ оварда мешаванд. Муаллимони пуртаҷриба одатан барои ҳар як мавзӯи барномаи мактабӣ ҷуздонҳои алоҳида доранд. Ба ҳар як ҷуздон маълумотҳои аз рӯзномаҳо, маҷаллаҳои илмӣ-оммавӣ ва методӣ гирифташуда ҷой дода мешаванд. Маводҳо бояд, ҷо ба ҷо карда шаванд, дар оянда ҳангоми истифода бурдан коркарди иловагиро талаб нанамоянд. Системаи қайд дар варақаҳо нисбатан самаранок буда, онро аз қоғазҳои ғафс тайёр кардан мумкин аст.

Чунин системаи ҷамъ намудан ва нигоҳ доштани мавод, бетанаффус дар тамоми сол барои ба дарс омода будани омӯзгор имконият медиҳад. Ин имконияти худомӯзии муаллимро вусъат дода, доимо барои аз сарчашмаҳои донишҳои нав истифода бурдан мусоидат менамояд. Муаллимоне, ки поквиҷдонона фаъолият мебаранд, ба донишҳои дар раванди худомӯзӣ гирифташуда муносибатҳои гуногун менамоянд. Барои пурра намудани дониш, омӯхтани таҷрибаи пешқадами аҳамияти махсусро доро мебошад. Моҳияти таҷрибаи пешқадам ба даст овардани комёбиҳои назаррас ва натиҷаи устувори таълим мебошад, ки онро ҳамчун маҳорат ва навоварӣ ифода кардан мумкин аст.

Маҳорат ин моҳирона ва оқилона истифода бурдани тавсияҳои маъмули илмӣ мебошад. Маҳорат ва навоварӣ новобаста аз гузаронидани корҳои тадқиқотӣ вуҷуд дошта метавонад ва инчунин объекти махсуси омӯзиш ҳам мешавад. Дар ин вақт як қатор методҳои илмӣ-тадқиқотӣ истифода бурда мешавад, ки дар адабиётҳои махсус нишон дода шудаанд [6,с.108].Омӯхтани таҷрибаҳо аз рӯйи принсипҳо амалӣ мегардад: далелҳо-қоидаҳои умумӣ- ғояҳо-далелҳои нав. Далелҳо бо роҳи мушоҳида ва тавсифи раванди педагогӣ ҷамъ карда шуда, барои ҷамъбаст ва хулосаҳои педагогӣ ҳамчун таҳкурсӣ хизмат менамоянд. Бинобар ин, чи қадаре ки далелҳои хусусияти муаллимро нишондиҳанда бисёр ҷамъ шаванд, ҳамон қадар хулосаҳо аниқ ва саҳеҳтар мешаванд.

Пас аз ҷамъоварӣ ва тавсиф намудани далелҳо ба ҷамъбасти онҳо, яъне тартиб додани хулосаҳое, ки дар натиҷаи таҳлил, муқоиса ва классификатсияи далелҳо пайдо мешавад, оғоз менамоянд. Хулосаҳо имконият медиҳанд, ки аз далелҳои алоҳида асоситарин ғояҳои педагогӣ муайян карда шаванд. Ин роҳро дар мисоли одӣ нишон додан мумкин аст. Дар якчанд дарсҳои муаллим мисолҳои шавқоварро аз ҳаёти растанӣ ё ҳайвонот мушоҳида намуда, хулоса баровarда мешавад, ки муаллим дар раванди таълим элементҳои ҷолибро истифода мебарад. Хулосаи пайдошуда дар худ далелҳои ҷамъбастшударо нишон медиҳад. Муайян менамоем, ки ин усул шавқи хонандагонро ба омӯзиши биология зиёд мегардонад (бо истифода аз суҳбат, анкетагузаронӣ, мушоҳидаи кори мактаббачагон дар дарс ва хона) ва ба чунун хулоса омадан мумкин аст, ки истифодаи элементҳои ҷолиб завқи хонандагонро ба омӯзиш фаъол гардонидааст. Аз ҳамин сабаб ҳар як муаллим роҳҳои истифодаи ин усули шавқоварро дар дарсҳои аниқ меҷӯяд (маводҳои шавқоварро интихоб намуда, ба дарсҳояш ҳамроҳ менамояд). Мушоҳидаҳои иловагии дарсҳо истифодаи хулосаҳои аввалинро тасдиқ, ё ин ки маҳдуд менамояд.

Омӯзгор ба дуруст будани хулосаҳо боварӣ пайдо намуда, ба мукаммал кардан ва паҳн намудани таҷрибаҳои пешқадам оғоз менамояд ва онҳоро ба намуди маърӯзаҳо дар шӯрои педагогӣ, иттиҳодияи методӣ, семинарҳо, инчунин дар шаклҳои гуногуни хаттӣ пешниҳод намуданаш мумкин аст: маърӯза дар хонишҳои педагогӣ, чоп намудани маводҳо. Дар ин вақт суханҳои К.Д. Ушинскийро ба хотир овардан бамаврид аст, ки на худи таҷриба, балки фикрҳои аз таҷриба гирифташуда пешниҳод карда мешаванд [2,с.247].

Ҳар як омӯзгор дар панҷ сол як маротиба аз курси такмили ихтисос мегузарад. Дар фосилаи ин курс супоришҳои байни курсро оид ба худомӯзӣ ба танзим медарорад. Мавзӯи супоришҳоро муаллим вобаста ба эҳтиёҷоти корҳои амалии худ ва мувофиқи корҳои методии мактаб интихоб менамояд. Муаллимони ҷавон хуб мешуд, ки корро бо омӯхтани ягон проблема ва ё як бахши фанни биология оғоз намоянд. Масалан: мавзӯи «Методикаи гузаронидани машғулиятҳои лабораторӣ аз биология»-ро интихоб намоянд, онро дар давоми сол мувофиқи бахшҳо «Растаниҳо», «Ҳайвонот» ва ғайраҳо кор карда бароянд. Ин ба ҷамъ намудани маводи зарурӣ ва мушоҳидаи рушди маҳорати хонандагон имконият медиҳад.

Омӯзгори пуртаҷриба метавонад, мавзӯъҳоро дар маводҳои якчанд бахши фанни ботаника ва зоология кор карда барояд. Масалан, муаллим мавзӯи «Ташкили фаъолияти таълимии хонандагон бо объектҳои табиӣ дар дарсҳои биология»-ро интихоб намуд. Дар соли аввал ташкили фаъолияти таълимии хонандагонро бо объектҳои табиӣ ҳангоми баёни мавзӯи нав меомӯзад, соли дуюм – дар раванди корҳои мустақилона, соли сеюм ҳангоми такрор ва мустаҳкамкунӣ ва соли чорум –дар раванди санҷиши дониши хонандагон, соли панҷум маводҳоро ҷамъбаст намуда, реферат менависад. Кор дар асоси мавзӯъҳои методӣ, хусусияти тадқиқотӣ дорад. Ҷараёни корро оиди мавзӯъ шартан ба якчанд давраҳо тақсим кардан мумкин аст.

Давраи якум- интихоби мавзӯъ. Масалан, муаллим мавзӯи «Муносибати проблемавӣ ба омӯхтани мавзӯи «Гул ва мева»-ро интихоб менамояд ва онро бо омӯхтани «Сохти гул» алоқаманд мегардонад.

Даври дуюм- кор бо адабиётҳо аз рӯйи мавзӯи интихобкардашуда. Якчанд адабиётҳо оид ба таълими проблемавӣ бо тадқиқотҳои педагогӣ, инчунин мақолаҳои мувофиқ дар маҷаллаҳои методӣ интихоб ва таҳлил мегарданд. Таҳлили адабиётҳо ва тадқиқотҳои аниқ ба муайян намудани самти кори оянда имконият дод.

Давраи сеюм- муайян намудани вазифаҳои асосии тадқиқот ва роҳҳои амалии ҳалли он. Чунин супоришҳо дар назар дошта шудаанд:

1. Муайян намудани имконияти таълими проблемавӣ дар дарсҳои биология ҳангоми омӯхтани мавзӯи «Гул ва мева».

2. Дар мазмуни маводи таълимӣ аз рӯйи мавзӯи интихобшуда ҷудо намудани саволҳои проблемавӣ.

3. Имконияти гузоштани ин супоришҳо дар равандҳои гуногуни таълим (дар вақти санҷиши дониш, омӯхтани маводи нав ва мустаҳкам намудани маводи гузашта) мебошад.

4. Коркарди методикаи дарсҳои экспериментали ва гузаронидани он.

Барои дар амал санҷидани ин вазифаҳо ду синфи V-ум интихоб шуд, яке тадқиқотӣ дигаре назоратӣ.

Даври чорум- санҷиши амалии дуруст будани методикаи таълими мавзӯи интихобкарда. Дарс дар ду синф аз рӯйи нақша гузаронида шуд, дар синфи тадқиқотӣ саволҳо ба намуди проблема пешниҳод шуда, ба синфи назоратӣ саволҳои проблемавӣ пешниҳод нашудаанд. Дар синфи тадқиқотӣ ҳангоми баёни маводи нав аз растании зиндаи турбкоҳак, расм дар тахтаи синф, намоиши овеза ва тамсилаи гул, тақсим намудани тӯдагулҳои турбкоҳак барои муайян намудани қисмҳои гул истифода намуда, машғулияти лабораторӣ гузаронида шуд ва хонандагон бо сохти гул шинос шуданд. Дар натиҷа талабагон ба намуди тайёр дониши такягоҳии камтаринро (ном ва ҷойгиршавии қисмҳои гул, хусусиятҳои фарққунандаи онҳо) аз худ намуданд. Дигар растаниро, ки нисбатан сохти мураккаб дошт - гули патуниро гирифта, муносибати проблемавӣ истифода бурда шуд: «Ин кадом растанӣ аст? Кӣ ин растаниро дида буд? Барои чӣ онро месабзонанд?» Ин масъала муайян карда шуда, таълими проблемавӣ гузошта шуд: «Акнун бояд фаҳмем, ки сохти гули патунӣ чӣ гунна аст? Монанди гули турбкоҳак аст ё дигар? Ки чӣ гуна фикр дорад?» хонандагон барои посух додан ба суол камтар мушкилӣ кашиданд. Пас суоли ёрирасон дода шуд: «Дар сохти гули турбкоҳак ва патунӣ чӣ умумият мавҷуд аст? Гули ин растаниҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд? Гули патунӣ аз кадом қисмҳо иборат аст? Оё дар он косабарг, тоҷгул, гардбаргҳо ва тухмдон мавҷуд аст? Онҳо чандтоанд? Чӣ тавр онҳоро муқаррар кардан мумкин аст?»

Фикрҳои хонандагон шунида шуда, барои машғулияти лабораторӣ супориши проблемавӣ гузошта шуд: Гули патуниро бодиққат аз назар гузаронед ва ба қисмҳо ҷудо кунед, сохти онро фаҳмида, ба чунин саволҳо ҷавоби шифоҳӣ тайёр кунед?

1. Сохти гули патунӣ чӣ гуна аст?

2.Дар сохти гули турбкоҳак ва патунӣ чӣ умумият мавҷуд аст?

3. Аз ҷиҳати сохт гули ин растаниҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?

Пас аз иҷрои кор хонандагон ба саволҳо ҷавоб дода, қайд менамоянд, ки хусусияти шакл, ранг ва ҷойгиршавии қисмҳои гулро хуб омӯхтанд. Яке аз хонандагон оид ба сохти гул ҳикоя намуд ва дар интиҳои дарс хулосабарорӣ шуда, дарс ҷамъбаст гардид. Дар проблемаи муҳокимашаванда хонандагон ба мушкилии маърифатӣ дучор меоянд: а) дар гули патунӣ гардбарг ва тухмдонро аз ҳамдигар бояд фарқ кард ва миқдори онро муайян намуд; б) миқдори косабаргаҳои сабзидаро дар косача ва гулбаргҳои сабзидаро дар тоҷгул муайян кардан; в) бо роҳи муқоисакунӣ хусусиятҳои монандӣ ва фарқиятро ёфтан.

Проблемаи таълимиро мактаббачагон дар раванди аз назар гузаронидани маводҳои тақсимшаванда ва муҳокимаи мантиқӣ ҳал менамоянд. Онҳо худашон, таҳти роҳбарии муаллим муқоиса менамоянд ва аломатҳои умумӣ ва фарққунандаи объекти омӯхташавандаро дарёфт мекунанд. Дар ин раванд кофтукови мустақилонаи хонандагон барои гирифтани донишҳои нав оид ба сохти гул мавҷуд аст; инчунин элементи хурди тадқиқот бо мақсади ҳалли проблемаи таълимӣ- мушоҳида, бо мақсади муайян намудани объект, инчунин амалиёти мантиқӣ (анализ, синтез, муқоиса ва ҷамъбаст) мавҷуд аст.

Дар дарсҳои анъанавӣ дар оғози дарс ҳамин мавзӯъ бо методи суҳбат, ҳикоя ва аз истифодаи ҳамон воситаҳои аёнӣ, бо муқоисаи объектҳои омӯхташаванда маълумот дода шуда, пас кори лабораторӣ иҷро гардид.

Методи таълим дар ҳарду гурӯҳ якхела (суҳбат, ҳикоя, намоиши воситаҳои аёнӣ, кори лабораторӣ) ва таҷҳизотҳо низ якхела буданд, лекин дар гурӯҳи анъанавӣ вазъияти проблемавӣ ташкил карда намешавад ва кофтукови мустақилонаи хонандагон барои ҷавоб ба проблемаи таълимӣ мавҷуд нест. Инчунин, элементи тадқиқотӣ вуҷуд надорад, чунки кори лабораторӣ пас аз донишҳои тайёри аз тарафи муаллим дода шуда гузаронида мешавад. Дар ин ҳолат машғулияти лабораторӣ бо мақсади гирифтани дониши нав не, балки ба сифати тасдиқи он ахбор ва донише, ки муаллим медиҳад, хизмат менамояд. Дар ин вақт мавҷудияти аёниятҳо, гузаронидани кори лабораторӣ ва саволҳои муаллим ба дараҷаи муайян азхудкунии донишро фаъол мегардонанд.

Даври панҷум- коркард ва ҷамъбасти маводҳои ҷамъоваршуда. Муқоисаи натиҷаи омӯзиш дар синфҳои тадқиқотӣ ва назоратӣ ба намуди анкета аз хонандагон пурсида шуд.

## ПУРСИШНОМА

**Ба ту аз дарси биология чӣ бештар маъқул шуд? (ба саволҳо бо "Ҳа" ё " Не" ҷавоб дода шавад)**

| № | Савол | Ҳа | Не |
|---|---|---|---|
| 1. | Гӯш кардани маълумоти муаллим | | - |
| 2. | Иштирок дар суҳбати коллективона | + | |
| 3. | Иҷро намудани кори лабораторӣ | + | |
| 4. | Мустақилона ёфтани ҷавоб ба саволи муаллим | + | |
| 5. | Иҷрои кор дар муқоиса бо растаниҳои гуногун | + | |
| 6. | Бо ҷамъбасти ягон навигарӣ баромад кардан | + | |

Ба қисми зиёди хонандагони синфи тадқиқотӣ иҷрои кор дар муқоиса бо растаниҳои гуногун, мустақилона ёфтани ҷавоб ба саволҳо, ҳангоми иҷрои кори лабораторӣ писанд омад. Дар муҳокима 25 нафар аз синфи тадқиқотӣ, 14 нафар аз синфи назоратӣ иштирок доштанд. Тадқиқотҳо нишон доданд, ки дарси бо муносибати проблемавӣ ташкилкардашуда барои ташаккули тафаккури хонандагон, баланд бардоштани дараҷаи мустақилияти онҳо дар омӯзиши маводҳои нав, хулосаҳои дуруст бароварда тавонистан, босалоҳият будани мактаббачагон мусоидат менамояд.

Худомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони биология, яке аз роҳҳои ташаккул додани савияи дониши педагогҳо, эҷодкории онҳо буда, барои баланд намудани сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ мусоидат менамояд.

### АДАБИЁТ


1. Бабанский Ю.К. Проблемы повышения эффективности педагогических исследований: дидактический аспект / Ю.К. Бабанский. -М: Педагогика, 1982. -192 с.
2. Общая методика обучения биологии в школе / Т.В. Иванова, Е.Т. Бровкина, Г.С. Калинова и др. -М.: Дрофа, 2010. -271 с. – (Российская академия образования - учителю).
3. Конюшко В.С. Методика обучения биологии. Учеб. пособие / В.С. Конюшко, С.Е. Павлюченко, С.В. Чубаро. -Мн.: Книжный Дом, 2004. -256 с.
4. Кузнецова В.И. Уроки ботаники: Пособие для учителя / В.И. Кузнецова. -М.: Просвещение, 1985. - 173 с.
5. Кузьмина Н.В. Профессионализм личности преподавателя и мастера производственного обучения / Н.В. Кузьмина. -М.: Высш.шк., 1990. – 119 с.
6. Организация учебной деятельности школьников на уроках биологии / А.Н. Мягкова, Е.Т. Бровкина, Г.С. Калинова [и др.]. -М.: Просвещение, 1988. – 192 с.- (Б-ка учителя биологии).
7. Султонов С. Ботаника: Китоби дарсї барои синфи 5 / С. Султонов, М. Нигмонов. -Душанбе: "Офест", 2011.
8. Педагогика: Учеб. пос. для студ. высш.пед.учеб.заведений / В.А. Сластенин, И.Ф. Исаев, Е.Н. Шиянов; под ред В.А. Сластенина. -М.: Изд. центр «Академия», 2002. – 576 с.
9. Талызина Н.Ф. Педагогическая психология: Учеб. пособие для студ. сред. пед. учеб. заведений / Н.Ф. Талызина. -М.: Издательский центр «Академия», 1998. -288 с.
10. Якунчев М.А. Методика преподавания биологии. Учебник для студентов / М.А. Якунчев, О.Н. Волкова, О.Н. Аксенова. -М.: Издательский центр "Академия", 2008. -320 с.


## ХУДОМӮЗӢ ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ МУАЛЛИМОНИ БИОЛОГИЯ


Маҳорати педагогии омӯзгорон-асосгузорони назария ва амалияи маълумот ва тарбияи ҷавонони имрӯза бо қобилиятҳои педагогӣ, этикаи касбӣ ва тактикаи педагогӣ дар раванди таълиму тарбияи асоснок робитаи зич дорад. Худбаҳодиҳии комилан мувофиқ қадами авввалини худтарбиякунии касбӣ мебошад, ки дар ин давра толибилми оянда имкониятҳои худро ба мақсад ва вазифаҳое, ки дар назди ӯ гузошта шудаанд, муқоиса мекунад, ба он баҳо медиҳад, ки муаллиф ба он аз назари илми муосир баҳогузорӣ кардааст. Худомӯзии муаллими биология самаранокии фаъолияти педагогии ӯро таъмин менамояд. Давраҳои худомӯзии муаллими биология, омодагӣ ба дарсҳо, ҷамъомадҳои тарбиявӣ, кор дар асоси мавзӯъҳои муайяни методикаи таълимро дар бар мегирад. Моҳияти таҷрибаҳои пешқадам ба даст овардани муваффақиятҳои назаррас ва натиҷаи устувори таълим мебошад. Худомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони фанни биология, яке аз роҳҳои ташаккул додани савияи дониши педагогҳо, эҷодкории онҳо буда, барои баланд намудани сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ мусоидат менамояд.



**Калидвожаҳо:** омӯзгор, хонанда, биология, методика, худомӯзӣ, маҳорат, такмили ихтисос, таълим, тадқиқот.


## САМООБРАЗОВАНИЕ И ПРОФЕССИОНАЛЬНОЕ РАЗВИТИЕ УЧИТЕЛЕЙ БИОЛОГИИ


Общество всегда предъявляло к учителю самые высокие требования. Необходимость самообразования педагога диктуется самой спецификой учительской деятельности и современными реалиями, и связано с постоянно изменяющимися потребностями общества, прогрессом науки и практики. Самообразование учителя является необходимым условием его профессиональной деятельности. На современном этапе развитие образовательного учреждения и совершенствование качества обучения и воспитания напрямую зависят от уровня подготовки учителя, который должен постоянно повышаться Показателями эффективности педагогического самообразования являются качество организованного учителем учебно-воспитательного процесса и профессиональный рост педагога. В данной статье автор рассматривает проблему самообразования и профессионального развития учителей биологии. Самообразование учителя биологии обогащает эффективность его педагогической деятельности. Этапы самообразования учителя биологии начинаются с хорошей подготовки к уроку, участия в

воспитательных мероприятиях, работы на основе определенных тем по методике обучения. Предварителъный опыт заключается в достижении значительных успехов и устойчивости обучения.

**Ключевие слова:** учитель, ученик, биология, методика, самообразование, умение, обучение, исследование.

**SELF-EDUCATION AND PROFESSIONAL DEVELOPMENT OF TEACHERS OF BIOLOGY**

Society has always made the highest demands on the teacher. The need for self-education of a teacher is dictated by the very specifics of the teaching activity and modern realities, and is associated with the constantly changing needs of society, the progress of science and practice. Teacher self-education is a prerequisite for his professional activity. At the present stage, the development of an educational institution and the improvement of the quality of education and upbringing directly depend on the teacher's level of training, which should be constantly increased. The indicators of the effectiveness of pedagogical self-education are the quality of the educational process organized by the teacher and the professional growth of the teacher. In this article, the author examines the problem of self-education and the professional development of biology teachers.The self-education of a biology teacher enriches the effectiveness of his pedagogical activity. The stages of self-education of a biology teacher begin with good preparation for the lesson, participation in educational activities, and work on the basis of certain topics on the teaching methods. Preliminary experience is to achieve significant success and sustainability of learning.

**Key words:** teacher, student, biology, methods, self-education, skill, training, research.

**Сведения об авторе:** ***Алимова Хуршеда Баходуровна*** – Худжанский государственный институт им. Б. Гафурова, кандидат педагогических наук, доцент кафедры биологии и методики ее преподавания. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **khurshedakhon80@mail.ru**. Телефон: **927-17-20-77**

**Information about the author:** ***Alimova Khursheda Bakhodurovna*** - Khudzhan State Institute. B. Gafurova, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Biology and Methods of Teaching. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, travel Mavlonbekova 1. E-mail: **khurshedakhon80@mail.ru**. Phone: **927-17-20-77**

**УДК:372.815.99+378(575.3)**

# ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГИИ МУТОБИҚШАВИИ ДОНИШҶӮЁНИ СОЛИ АВВАЛ БА ФАЗОИ ТАЪЛИМӢ ДАР МАКТАБИ ОЛӢ

***Маматова А.Б., Қурбонов Н.Х.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Таҳсил дар мактаби олӣ, доштани шуғл, муҳити кор шароитҳои навине мебошанд, ҷавонон дар давраи муайян бо он рӯ ба рӯ мешаванд ва дар ин хусус зарурат пеш меояд, ки ба шароити навин онҳо мутобиқ шуда истода фаъолият намоянд. Воридшавӣ ба фазои таҳсил дар мактаби олӣ ҳассостарин воқеаи зиндагии ҷавонон аст ва бо ҳолатҳо гуногуни эмотсионаливу иродавӣ ҳамроҳ мегузарад. Мисли оне, ки дар ҳама кору фаъолият дар оғоз бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавем, таҳсил дар мактаби олӣ низ дар назди донишҷӯ як қатор мушкилиҳоро мегузорад ва ба донишҷӯи соли аввал лозим меояд, ки онҳоро паси сар карда, фаъолона таҳсил кунад. Барои ин донишҷӯ ҳарчи зудтар бояд ба фазои таҳсил дар мактаби олӣ мутобиқ шавад.

Аксар вақт мушоҳида мешавад, ки ба интихоби касби ҷавонон сабабҳои гуногуни номувофиқ таъсир мерасонанд. Дар замони дохилшавӣ ба мактаби олӣ бояд аз ин гуна ҳодиса дурӣ ҷуст, чунки ин гуна хатогӣ ҳам ба худи донишҷӯ ва ҳам ба ҷомеа гарон меояд. Ҳангоми таҳсил донишҷӯ ғайрифаъол мегардад, ихтисос ба шавқу ҳаваси ӯ мувофиқ нест, дар натиҷа донишҷӯ аз мактаби олӣ хориҷ мешавад, ё ба дигар муассиса интиқол мешавад. Аз ин лиҳоз гузаронидани чорабиниҳои майликасбӣ бо ҷавонон фаъолияти бисёр муҳимми омӯзгору мактаб мебошад. Барои муайян кардани қобилиятҳои довталаб назди ӯ масъалаҳои профессиограмма гузошта мешаванд, ки ӯ бояд тамоми касбу ихтисосҳои дар он пешниҳодшударо аз рӯйи 3 нишондод ба гурӯҳҳо ҷудо намояд:

1. касб/ихтисоси басо зарур;
2. касб/ ихтисоси нисбатан зарур;
3. касб/ихтисоси ихтиёрӣ.

Профессиограмма ба довталабон барои дуруст интихоб кардани касб кумак мерасонад. Аммо, чи тавре ки ба мо маълум аст, донишҷӯён солҳои аввали таҳсил бисёр душвориҳоро паси сар мекунанд, ки бо масъалаҳои мутобиқшавии онҳо бо фазои таълими мактаби олӣ вобаста мебошад [5].

Муҳити нав, ки донишҷӯ ба он ворид мешавад, барқарор намудани муносибатҳои нав, аз худ кардан ва риоя ба қоидаҳои дохилии муассиса, аз худ кардани донишҳои нав ба нав ва як қатор фаъолиятҳои навро пешниҳод мекунад. Дар давоми соли аввали таҳсил коллективи донишҷӯён ташаккул меёбад, ташкили фаъолияти таълимӣ ва фаъолии зеҳниву иҷтимоии донишҷӯ сурат мегирад. Ин давра на фақат давраи азхудкунии донишу маҳоратҳои нав, балки давраи худтарбиякунӣ, ташаккул додани сифатҳои касбӣ дар худ

мебошад. Таҳсил дар донишгоҳ одатҳои пештараи донишҷӯро яку якбора мешиканад (вайроншавии стереотипи динамикӣ-И.П.Павлов); муносибати омӯзгорон, талабот ба таълимгирӣ аз мактаби миёна фарқ мекунад – худи ҳамин шароит метавонад донишҷӯро ба стресс ва асабоният дучор кунад. Дар зер як қатор мушкилиҳои донишҷӯёни курси якумро дида мебароем:

1. Рӯҳафтодагӣ бинобар сабаби парешон шудани коллективи пештараи ҳамсабақон, ки тӯли солҳои зиёд якҷоя дар ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстию рафоқат таҳсил мекарданд.
2. Номуайян будани ваҷҳиёти таълимии ҳозира.
3. Аз ҷиҳати психологӣ омода набудан ба касби интихобшуда.
4. Душвор гаштани идораи фаъолияту рафтори худ бинобар сабаби аз назорати педагогии доимӣ дур гаштан.
5. Ҷустуҷӯи меъёри муайяни фаъолӣ ва истироҳат дар шароитҳои нави таҳсил.
6. Фаъолияти мустақилонаи зиндагӣ кардан, рӯзгордорӣ, қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти одитарин, алалхусус дар шароити хобгоҳ.
7. Мавҷуд набудани маҳоратҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ, амсоли конспект навиштан, кор бо адабиёт, кор бо луғатҳо, кор бо манобеи гуногун.

Ҳамаи ин душвориҳо аз ҷиҳати пайдошавии худ гуногунанд. Агар ба бархе аз онҳо шароитҳои объективӣ сабаб шаванд, дигарашон хусусияти субъективӣ доранд, ки ба онҳо омодабинии суст ба таҳсил, таълиму тарбияи мактабӣ ва оила сабаб мешавад. Т.В. Дорожеветс модели назариявии мутобиқшавиро пешниҳод намудааст, ки аз 3 равия иборат аст:

1) мутобиқшавии академӣ, ки аз ворид шудан ба фаъолияти таълимӣ ва қабул намудани қоидаҳои дохилии мактабу донишгоҳ иборат аст;

2) мутобиқшавии иҷтимоӣ, ки аз ворид гаштан ба коллективи гурӯҳ ва ҳаёти иҷтимоии мактабу донишгоҳ, инчунин иштироки фаъол дар он иборат аст;

3) мутобиқшавии шахсиятӣ, аз қабули мавқеи нави худи шахс (ман-мактаббача, донишҷӯ) иборат аст.

Бо ақидаи Зеленова М.Е., ҷараёни мутобиқшавӣ ҳам он замон бомуваффақият метавонад гузарад, вақте ки омӯзгор шакли муносибати ба шахсият равонакардашударо истифода барад. Дар ин маврид дар хонанда ё донишҷӯ муносибати мусбат нисбати мактабу таълим пайдо мешавад.

Агар омӯзгор нисбати мавзӯву маънои рафти таълим назди хонанда талаботи зиёд гузорад, дар мутобиқшавии хонандагон мушкилиҳо пайдо мешаванд, муносибати байни омӯзгору хонанда душвор мегардад, ҳатто ҳисси бегонагӣ пайдо мешавад.

Дар охири сол дар бисёри хонандагон ҳолатҳои манфӣ дар шахсияташон пайдо мешавад, ба монанди – ба худ боварӣ надоштан, ҳисси қафомондагӣ, муносибати носозгор нисбати хурду калон, депрессия. Худбаҳодиҳии паст низ мушоҳида мешавад.

Мутобиқшавии донишҷӯён ба шароити таълимии мактаби олӣ ду ҷанбаро дар бар мегирад:

1. Мутобиқшавии тахассусӣ, ки ба он одат ҳосил кардан ба хусусиятҳо, мундариҷа, шароит ва ташкилоти фаъолияти таълимӣ дохил мешавад, то донишҷӯ мустақилона фаъолияти таълимӣ ва илмӣ бурда тавонад.
2. Мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии донишҷӯён, ки аз шиносоӣ бо аъзоёни гурӯҳ, барқарор кардани муносибатҳои байнишахсӣ бо гурӯҳи ҳамсабақони худ, коркард ва ифодаи рафтори шахсии худ иборат аст.

Мутобиқшавии тахассусӣ ё мутобиқ шудан ба фаъолияти таълимӣ мувофиқ ба касби интихобкардаи худ, ҳосил шудани одатҳои кор бурдан бо адабиёт, конспект кардан, ҷустуҷӯи манбаъҳои гуногун в.ғ. на танҳо вақти муайян, балки кӯшишу ғайрат, сабурӣ, фаъолии худи донишҷӯ ва роҳнамоии омӯзгорон, алахусус, кураторони гурӯҳҳои академиро талаб мекунад. Дар ин хусус якчанд тавсияҳои педагогӣ-психологӣ ва методиро пешкаш кардан мумкин аст. Мувофиқ ба гуфтаҳои Карандашев В.Н., барои фаъол гардонидани донишҷӯён дар дарсҳо, барои оне, ки донишҷӯён ба дарсҳои лексионӣ, амалӣ, семинарӣ омодагӣ бинанд ва билохира мустақилона фаъолият кунанд, ба онҳо роҳу усулҳои мушаххасро нишон додан лозим. Барои омодагӣ дидан ба дарсҳои лексионӣ ӯ, пеш аз ҳама, хондани конспекти дарси пештараро тавсия медиҳад. Такрор кардани дарси пештара барои бештар фаҳмидани дарси навбатӣ кумак мекунад. Мутаассифона, танҳо донишҷӯёне, ки фаъолияташон нисбат ба дигарон муташаккил аст, ин корро ба анҷом мерасонанд. Барои водор намудани донишҷӯён ба хондани конспект омӯзгор бояд оид ба дарси пештара саволу ҷавоб ташкил кунад [3].

Тайёрии донишҷӯ ба дарсҳои амалӣ аз такрори мавзӯи пештара, яъне такрори донишҳои назариявӣ, хондани боби ба мавзӯъ тааллуқдоштаи китоби дарсӣ, ҷустуҷӯи ҷавобҳо ба саволҳои гузошташуда иборат аст. Дар ин ҳолат донишҷӯ метавонад дар ҷараёни дарси амалӣ фаъолӣ зоҳир намояд. Хусусияти муҳимми кори пешниҳодшуда дар бисёр мутолиа кардан нест, балки ба маводи пешниҳодшуда муносибати итиқодӣ дошта, бо саволгузориҳои мушаххас аз худ кардани мавод дар назар дошта мешавад.

Яке аз мушкилиҳои дигар, ки донишҷӯён бо он дар соли аввали таҳсил рӯ ба рӯ мешаванд, ин рафти супоридани имтиҳонот мебошад. Стресс, ҳаяҷон, тарс, изтироб, хасташавӣ нишонаи он мебошанд, ки донишҷӯ рафти супоридани имтиҳонҳоро бо душворӣ паси сар карда истодааст. Сабабҳои асосии ин ҳодиса ба супоридани имтиҳонҳо омода набудани донишҷӯ ва пеш аз ин мустақилона кор бурда натавонистан, роҳу усулҳои омодабинӣ ба имтиҳонро надонистани донишҷӯ мебошад.

Тайёрӣ ба супоридани санҷишу имтиҳонҳо як шакли фаъолияти мустақилонаи донишҷӯ буда, барои ба як системаи муайян даровардани донишу маҳоратҳо имкон медиҳад. Дар зер тавсияҳои педагогӣ-психолгӣ ва методиро дида мебароем, ки барои қулай гардонидани кори мустақилонаи тайёрӣ ба имтиҳон имкон медиҳад:

1. Коркарди нақша. Ин равиши кор ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки ҳамарӯза то чи андоза ва чиро хондан лозим аст, муайян кунад. Пеш аз ба кор шурӯъ кардан, донишҷӯ медонад, ки имрӯз оиди кадом мавзӯъ дарс бояд хонад. Дар ин ҷо аз ибораҳои «каме дарс тайёр мекунам», «андаке такрор кардан лозим» бояд канораҷӯӣ кард, яъне рӯзу вақту мавзӯъ мушаххас ба нақша гирифта мешаванд.
2. Муайян кардани типи мизоҷ. Муайян намудани типи мизоҷ имкон медиҳад, то донишҷӯ барои худ вақти қулайи дарстайёркуниро фаҳмида гирад. Бисёриҳо медонанд, ки кадом вақт барои дарс хондан қулай аст –субҳ ё бегоҳирӯзӣ ва дар ҳамон вақт худро бештар фаъол ҳис мекунанд.
3. Гузариш аз сода ба мураккаб. Ҳангоми дарстайёркунӣ агар аввал супоришҳои сода, саволҳои фаҳмо, шинос ҳал карда шаванд ва баъд ба саволу бобҳои мушкил гузаранд, ҳам вақт дуруст сарф мешавад ва ҳам ба зеҳни донишҷӯ он қадар зиёд фишор намеояд.
4. Ба қоидаи фаъоливу истироҳат амал кунед. Барои дар рафти дарс тайёр кардан фаъол будан, бояд донишҷӯ хуб истироҳат кунад, то аз имкониятҳои зеҳнии худ ба пуррагӣ истифода карда тавонад.
5. Дар рафти дарс тайёр кардан донишҷӯ бояд кӯшиш кунад, то мазмуни маводи пешниҳодшударо дарк кунад. Дар акси ҳол, масалан, «қориазёд» кардани мавод ба зуд фаромӯш кардани мавод оварда мерасонад.
6. Тафтиши донишҳо. Аз хурдӣ ҳамаи мо вақте шеър аз ёд мекардем, китобро ба дасти ягон нафар дода, хоҳиш мекардем, ки моро тафтиш кунад, дарсро ба ӯ нақл мекардем. Худи ҳамин усул ба донишҷӯён низ дар аз худ кардани дониш ва тафтиши он кумак расонида метавонад. Инчунин, нақл кардани мавзӯъ рӯбарӯйи оина ё фаҳмонидани мавзӯъ ба ҳамхонаҳои худ низ ба хубтар аз худ кардани мавод ва тафтиши он кумак мерасонад.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин, ки бо ёрии устод, бо роҳнамоии дурусти ӯ донишҷӯ метавонад фаъолияти таълимии худро бе ягон мушкилӣ ба роҳ монад.

Ҷанбаи дигари мутобиқшавӣ ба фазои таълимӣ дар донишгоҳ – ин мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии донишҷӯён аст, ки дар ҷараёнгирии он донишҷӯён бо мушкилиҳои шахсӣ, субъективӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Барои бартараф кардани ҳисси нобоварӣ, ба рӯҳафтодагӣ дучор нашудан, барои муваффақ шудан дар кору фаъолияти худ Тойч чунин тавсияҳои худро пешниҳод мекунад:

1. Худро хуштолеъ пиндоред!
2. Ҳеҷ гоҳ на бо шӯхӣ, на бо ҷиддият нисбати худ суханони бад назанед,чунки ин гуфтаҳои шумо ба ршуур таъсир расонида, оқибат натиҷаи бади худро нишон медиҳад. Ҳамеша андешаи хуб нисбати худ, корӯ фаъолияти худ дошта бошед!
3. Дар зиндагии худ ҳама қарори муҳимро худи шумо қабул намоед!
4. Худро дӯст доред ва ба атрофиён низ меҳри худро зоҳир намоед!
5. Ҳамеша дар хотир доред, ки кори нашуданӣ нест. Ҳамаи кор илоҷу имкони худро дорад!
6. Чунин фикр накунед, ки ҳамаи ҳодисаҳо оқибати нек доранд!
7. Тамоми кори оғозкардаи худро ба анҷом расонед!
8. Ҳуқуқи худро ҳимоя кунед!
9. Ба шунидаҳои худ боэътибор бошед, аз ахбороти беасосу пуч дурӣ ҷӯед!

10. Босабр бошед! Дар ҳамаи кор кӯшиш кунед, ки онро ба анҷом расонед. Ҳангоми мағлубият сабур бошед ва аз нав кӯшиш ба харҷ диҳед, то комёб бошед!

Тавсияҳои методӣ, педагогӣ ва психологӣ дар шакли боло зикршударо омӯзгорон мебояд ба донишҷӯёни худ пешкаш кунанд, то ба онҳо фаъолият кардан дар фазои таълимии донишгоҳ қулай гардад. Албатта, бо ин мо фаъолияти онҳо осон мегардад гутфа наметавонем, чунки ҳамаи кору фаъолият душвориҳои худро, масъалаҳои ҳалталаби худро дорад, ки шахсро ба мустақилона, эҷодкорона фикр кардан водор месозад. Ин тавсияҳо роҳнамое ҳастанд, ки барои шинохти худ, шинохти имкониятҳои зеҳнии худ ва истифодабарии онҳо кумак мерасонанд, то дар натиҷа донишҷӯ ба фазои таълимии мактаби олӣ мутобиқ гашта, дар он озодона фаъолият карда тавонад.

### АДАБИЁТ


1. Акбарзода Насрин. Гузар аз навҷавони ба пирӣ (равоншиносии рушд ва таҳаввул). Китоби дарсӣ / Акбарзода Насрин. –Теҳрон: Пардис, 1376.
2. Аҳадӣ Ҳ. Равоншиносии рушди навҷавонон ва ҷавонон. Китоби дарсӣ / Ҳ. Аҳадӣ, Ф. Ҷумҳурӣ. –Теҳрон: Пардис, 2003.
3. Карандашев Н.В. Методика преподавания психологии. Учебник / Н.В. Карандашев. –М: Юрайт. 2017.
4. Миралиев А.М. Педагогика ва психология. Китоби дарсї / А.М. Миралиев, М. Давлатов. –Душанбе, 2007.
5. Столяренко Л.Д. Основы психологии. Учебник / Л.Д. Столяренко. –М., 2004.
6. Қодиров С. Психология. Китоби дарсӣ / С. Қодиров, М. Давлатов. – Душанбе, Сино, 2002.
7. Қодиров С. Психологияи иҷтимоӣ. Китоби дарсӣ / С. Қодиров, М. Давлатов. – Д.:, Сино, 2004
8. Қодиров Қ.Б. Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ / С. Қодиров, М. Давлатов, С. Расулов. – Душанбе: Маориф, 2008.
9. Дастури психологияи амалӣ. Дастури методӣ / Зери таҳрири Н.М. Юнусова; мураттибон: Давлатов М., Юнусова Н.М. ва дигарон. – Душанбе: Собириён, 2004.
10. Атохонов Р. Ташхиси лаёқат /масъалаҳои назария//Маърифат. -1993. -№1-2. -С.5-9.
11. Пудинаев А. Машғулиятҳои амалӣ аз равоншиносии синну сол ва омӯзгорӣ. Дастури методӣ / А. Пудинаев. –Душанбе: Империал-групп, 2007.
12. Амонов Н. Асосҳои психологии муоширати омӯзгорӣ. Дастури методӣ / Н. Амонов. -Душанбе, 2003.
13. Гудкина Н.И. Психологические проблемы общения учителя с подростком / Н.И. Гудкина //Вопросы психологии. - 1984. -№2. -С.90-107.
14. Гинзбург М.Р. Личность: самоопределение как психологическая проблема / М.Р. Гинзбург // Вопросы психологии. - 1988. -№4. –С.19-26.
15. Давыдов В.В. О понятии личности и современной психологии / В.В. Давыдов // Психологический журнал. - 1988. -С.22-32.
16. Ломов Б.Ф. Методологические и теоретические проблемы психологии / Б.Ф. Ломов. -М.: Наука, 1984. -444 с.
17. Ломов Б.Ф. Особенности познавательных процессов в условиях общения / Б.Ф. Ломов // Психологический журнал. - 1980. -№5. -С.25-42.
18. Левитов Н.Д. Психология характера / Н.Д. Левитов. - 3-е изд. -М.: Просвещение, 1969. -424 с.
19. Мерлин В.С. Очерки теории темперамента / В.С. Мерлин. -2-е. изд. –Пермь.


## ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГИИ МУТОБИҚШАВИИ ДОНИШҶӮЁНИ СОЛИ АВВАЛ БА ФАЗОИ ТАЪЛИМӢ ДАР МАКТАБИ ОЛӢ


Мутобиқшавии донишҷӯёни соли аввали таҳсил ба фазои таҳсил дар мактаби олӣ яке аз масъалаҳои муҳимми таҳсилоти имрӯза ба шумор меравад. Мутобиқ шудани донишҷӯ ба фазои таҳсил, аз худ кардани маҳоратҳои кору фаъолият бурдан дар мактаби олӣ кумак мерасонад. Мутобиқшавии саривақтӣ, кумаки омӯзгор дар дарки имкониятҳои зеҳнии донишҷӯ ба зоҳир намудани фаъолии минбаъдаи ӯ таъсир мерасонад. Аксари ҳолат донишҷӯёни соли аввал дар ҷараёни таълим, бинобар сабаби надоштани иттилоот оиди амалҳои таълимӣ, дар азхудкунии донишҳои нав душворӣ мекашанд. Омӯзгорони тахассусӣ, алалхусус, кураторони гурӯҳҳои академӣ, дар бораи амалҳои таълимӣ дар рафти дарсҳои лексионӣ, амалӣ, семинарӣ, корҳои мустақилона ба донишҷӯёни худ маълумот дода, рафти истифодаи ин амалҳоро бояд назорат кунанд, то маҳоратҳои таълимии донишҷӯён дуруст ташаккул ёбанд. Дар мақола оид ба омодабинии донишҷӯён ба дарсҳои лексиноӣ, амалӣ, семинарӣ, кори мустақилона тавсияҳои доктори илмҳои психологӣ Карандашев В.Н. оварда шудаанд, ки ин тавсияҳо ба фаъолияти таълимии донишҷӯён тибқи низоми кредити таҳсил коркард шудаанд. Инчунин, дар мақола тавсияҳои психологии Тойч оид ба бартараф намудани ҳисси нобоварӣ ва маромнок сохтани донишҷӯён оварда шудаанд, ки онҳо метавонанд ба донишҷӯён ҳамчун раҳнамо, на танҳо дар соли аввали таҳсил, балки дар фаъолияти таълимӣ ва меҳнатии оянда хизмат кунанд.



**Калидвожаҳо:** мутобиқшавӣ, стресс, изтироб, тарс, ҳаяҷон, машқ, маҳорат, малака, имкониятҳои зеҳнӣ, фаъолияти ақлонӣ.


## ПСИХОЛОГО – ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ АДАПТАЦИИ СТУДЕНТОВ-ПЕРВОКУРСНИКОВ К ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СРЕДЕ ВЫСШЕЙ ШКОЛЫ


Адаптация –это предпосылка активной деятельности и необходимое условие ее эффективности. В этом положительное значение адаптации для успешного функционирования индивида в той или иной социальной роли. Познавательное приспособление студентов к новому окружению, к структуре высшей школы, к содержанию обучения и к ее требованиям, внутренняя интеграция групп студентов-первокурсников, подготовка студентов к новым формам и методам учебной работы в высшей школе помогают наиболее успешному функционированию их в образовательной сфере вуза. В большинстве случаев студенты первого года обучения, в связи с неимением информации о навыках обучения, испытывают сложности в приобретении новых знаний в процессе обучения. Преподаватели – специалисты, в особенности кураторы академических групп, могут предоставить информацию

студентам о навыках обучения и действиях, используемых в лекционных, практических, семинарских занятиях, и при самостоятельной работе, проконтролировать процесс использования этих навыков с целью их дальнейшего правильного формирования. В данной статье приведены некоторые рекомендации доктора психологических наук Карандашева В.Н. касательно использования специфических действий и навыков подготовки студентов к лекционным, практическим, семинарским занятиям, к самостоятельной работе, соответствующие занятиям в кредитной системе обучения. Также в статье приведены рекомендации Тойча по преодолению чувства неуверенности и мотивации студентов, которые могут послужить путеводителем для студентов, не только на первом году обучения, но и в последующие годы обучения, также в предстоящей трудовой деятельности в качестве специалиста.

**Ключевые слова:** адаптация, стресс, страхи и тревоги, навык, умение, интеллектуальные возможности, умственная деятельность.

**PSYCHOLOGY - PEDAGOGICAL FEATURES OF ADAPTATION OF STUDENTS-FIRST-YEAR STUDENTS TO THE EDUCATIONAL ENVIRONMENT OF THE HIGHER EDUCATION**

Adaptation is a precondition of the vigorous activity and a necessary condition of its efficiency. In it positive value of adaptation for successful functioning of the individual in this or that social role. The informative adaptation of students to a new environment, to higher school structure, to the maintenance of training and to its requirements, internal integration of groups of students-first-year students, preparation of students for new forms and study methods at the higher school help to their most successful functioning with educational sphere of higher education. In most cases, students of the first year of training, in connection with absence of the information on skills of training experience complexities in acquisition of new knowledge in the course of training. Teachers - experts, in particular curators of the academic groups, can give the information to students about skills of training and the actions used in lecture, practical, seminar employment, and, at independent work, to check process of use of these skills for the purpose of their further correct formation. In given article concerning use of specific actions and skills of preparation of students some recommendations of the doctor of psychological sciences of Karandashev V. N are resulted in lecture, practical, seminar employment, to the independent work, corresponding to employment in credit system of training. Also in article recommendations of Toich about overcoming of feeling of uncertainty and motivation of students which can serve as the guidebook for students, not only in the first year of training, but also the next years training, also in forthcoming lab our activity as the expert are resulted.

**Key words:** adaptation, stress, fears and alarms, skill, ability, intellectual possibilities, cerebration.

**Сведения об авторах**: ***Маматова А.Б.*** - Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры психологии. **Адрес:** 733740, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **501-86-01-57**

***Курбонов Н.Х.*** **-** Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, ассистент общеуниверситетской кафедры психологии. **Адрес:** 733740, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **919-19-72-54**

**Information about the authors:** ***Mamatova A.B.*** **-** Tajik State Pedagogical University Sadriddina Aini, Senior Lecturer at the University Department of Psychology. **Address:** 733740, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **501-86-01-57**

***Kurbonov N.Kh.*** **-** Tajik State Pedagogical University Sadriddin Aini, assistant at the university-wide department of psychology. **Address:** 733740, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **919-19-72-54**

**УДК:372.800.4(575.3)**

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ – ИРТИБОТӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

***Умаралии Баҳруллозода, Шомирзоев А.И.***

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Азбаски салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотии таълим дар раванди таълиму тарбия, давра ба давра мегузарад, аз ин лиҳоз, бо назардошти хусусиятҳои ташкили таълим, барои ҳар як фанни алоҳида, амсила месозем.

Дар марҳилаи аввал, муҳим будани истифодаи технологияи иттилоотии таълим, дар раванди таълиму тарбия ва вуҷуд доштани имконияти иҷроиши он дар амал қайд мешавад. Масалан, чунин омилҳо асос шуда метавонанд: муаллим дониши мустаҳкам дорад ва раванди таълимро дар доираи фанни таълимӣ идора карда метавонад; васоити таълимӣ-методии сохташуда, ки имконияти навори электронӣ дорад; муаллим аллакай қисман технологияҳои иттилоотии таълимро дар дарс истифода мебарад; ташабускории роҳбарият оиди таҷҳизонидани раванди таълиму тарбия бо технологияҳоли иттилоотӣ. Ҳамаи кӯшишҳо барои тағйир додани раванди таълиму тарбия, бо истифодаи технологияҳои иттилоотии таълим алоқаманд буда, бояд ба назар гирифта шавад, ки ҳар як фанни таълимӣ қисми системаи бузург аст ва бо фанҳои дигар алоқамандӣ дорад [1].

Дар мавриди истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи таълим, проблемаҳои асосӣ бо муайян намудани мақсади омӯзиши фанни таълимӣ алоқаманд аст. Ин марҳиларо ба чанд давра тақсим намудан мумкин аст.

Дар давраи якум, бо назардошти мақсади асосии таълим, рушди ҳаматарафаи хонандагон, омодагии онҳо ба худташаккулёбӣ, мақсаду вазифаи асосии ҳамаи фанҳои омӯзишии дар нақшаи таълимӣ вуҷуддошта муайян мешавад ва ин дар тавсифномаи квалификатсионии мутахассиси оянда барои маълумоти олии профессионалӣ қайд мешавад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, ба таври қатъӣ метавонад ба мақсаду вазифаи тасвияткардашудаи таълим таъсир расонад, технологияҳои иттилоотии таълим имконияти васеъ ва тағйир додани мазмуни фанни омӯхташударо дошта, талаботро дар раванди омӯзиши илм, малака, маҳорат зиёд гардонида, шароити мусоид барои рушди хонандагон фароҳам меорад ва онҳоро ба фаъолияти мустақили сермаҳсул дар шароити ҷомеаи информатсионӣ омода месозад. Агар технологияҳои иттилоотии таълимро дар раванди таълиму тарбия, интегратсия намоем, чунин натиҷаҳои назаррасро ба даст меорем:

- рушди фикрронии конструктивию алгоритмӣ, бо шарофати истифодаи компютер ва кор бо барномаҳои махсуси омӯзишӣ;

- рушди фикрронӣ бо ҳисоби тағйирёбии мазмуни фаъолияти репродуктивӣ ва ҳал намудани масъалаҳои евристикии характери тадқиқотидошта дар муҳити зеҳнии системаи таълим ва барномаҳои тарҳрезишуда;

- рушди қобилияти коммуникативӣ дар асоси иҷроиши нақшаҳои умумӣ дар раванди бозиҳо ва корҳои компютерӣ;

- ташаккули маҳорат дар қабули ҳалли оптималӣ ва мутобиқшавӣ дар ҳолатҳои мушкил (дар раванди тадқиқотҳои компютерӣ, дар асоси барномаҳои тарҳрезишуда ва корҳои барномавӣ-машқӣ);

- ба даст овардани салоҳиятнокӣ дар соҳаи информатсионӣ ва технологияҳои коммуникатсионӣ мутобиқшавию корозмудагӣ ва рушди иҷтимоии хонандагон [1].

Мақсади истифодаи технологияҳои иттилоотии таълим на танҳо аз ташаккули маданияти иттилоотии хонандагон, балки дар соҳаи маҳорати коркарди маълумотҳо, ки рушди ҳаматарафаи хонандагонро дар назар дорад, иборат аст. Барои таҳлил лозим аст, ки мақсади барномаҳои таълимиро омӯхта, баррасӣ намоем. Чунин ҳамбастагии имконияти технологияҳои иттилоотии таълим бо мақсади омӯзиши фанҳои тааллуқдошта муҳим аст, чунки дар ин ҳолат истифодаи технологияҳои иттилоотии таълим барои ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташуда мусоидат менамояд. Масалан, истифодаи барномаҳои махсус, ки барои коркарди маълумотҳои оморӣ, ҳангоми омӯзиши фанҳои гуногун, ҳамчун фанҳои табиӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, на танҳо бо методҳои умумии банақшагирӣ ва гузаронидани тадқиқотҳои компютерӣ, ҳамчунин дар асоси ҳалли масъалаҳои тарҳрезишуда шинос менамояд. Муҳим он аст, ки бо чунин барномаҳо, бе ягон мушкилӣ, бо маълумотҳои зиёд амалиёт бурда мешавад ва агар муаллим хоҳад технологияҳои иттилоотии таълимро зуд дар раванди таълим истифода намояд, он вақт муаллим ғайри масъалаҳои характери таълимидошта бояд масъалаҳои шакли тадқиқотӣ-ҷустуҷӯӣ дошта эҷод намуда, барои хонандагон пешниҳод намояд. Ҳангоми омӯхтани психологияи хонанда саволномаи анкетӣ ва коркарди маълумотҳои бадастовардаро дар асоси интихоби васеъ на танҳо дар ҳудуди гурӯҳи таълимӣ анҷом додан мумкин аст. Он вақт дониши хонандагон такмил ёфта, мустақилию ташаббускорӣ дар онҳо ташаккул меёбад. Агар муаллим дар пайгирии рушди шахсияти хонандагон набошад ва маълумотҳои омориро пурра истифода набарад, дар раванди таълим аз рӯйи барномаҳои куҳна дарс гузарад, он вақт муаллим натиҷаҳои хубро ба даст оварда наметавонад.

Дар марҳилаи дуюм лозим аст, ки ба таҳлили дигар қисми таълиму тарбия, ба таҳлили барномаҳо, шакли тадриси фанни таълимӣ ва хусусиятҳои ҳамкории муаллиму хонанда бо истифодаи методу меъёрҳои баҳогузорӣ гузарем. Ҳамзамон, талаботи таҳлили имкониятҳои вуҷуддошта ва вақти ҷудошуда, барои омӯзиши фанни мазкур аз касбияти муаллим, то таҳлилу баррасии таҷҳизотҳою барномаҳо зарур аст. Ин таҳлил на танҳо, барои имкониятҳои истифодаи технологияи иттилоотии таълим, балки дар ҳамин асно барои рушди шахсияти хонандагон муҳим аст. Агар муаллим, дар соҳаи технологияҳои информатсионӣ маълумот дошта бошад, лекин маҳорати хуби педагогӣ надошта бошад, он вақт метавон гуфт, ки квалификатсияи муаллим барои истифодаи технологияҳои иттилоотии таълим кофӣ нест. Таҳлилу баҳогузории дониши хонандагон, муҳиммияти хос дорад ва як қатор хусусиятҳои комилан возеҳ вуҷуд доранд, ки ин синну соли хонандагон, равияи ихтисоси онҳо, омодашавии онҳо дар соҳаи технологияҳои информатсионӣ, шиносоии онҳо ба шаклҳои гуногуни корҳои таълимӣ ва қобилияту малакаи корҳои мустақили тадқиқотӣ-ҷустуҷӯии онҳо мебошад. Ба мақсад мувофиқ аст, агар хоҳиши хонандагон дар интихоби ин ё он методи таълимӣ, мақсаду муносибати онҳо ба омӯзиши фанни таълимӣ ва дар маҷмӯъ таҳлили тайёрии умумипрофессионалии онҳо, ба назар

гирифта шавад. Масалан, маҳз ба шарофати истифодаи технологияҳои иттилоотии таълим дар раванди таълим дар хонандагони синфҳои гуманитарӣ ва дар донишҷӯёни ихтисосҳои тааллуқдошта шавқи омӯзиши фанҳои табиӣ бедор мешавад. Бо назардошти омӯзиши хусусиятҳои сиёсӣ-идории муассисаи таълимӣ, дар ташкили раванди таълиму тарбия ва истифодаи технологияҳои иттилоотии таълим, ин омил метавонад барои ҳалли мушкилиҳо ҳам мусоидат намояд ва ҳам монеа эҷод кунад. Хариди мутамарказ ва ворид намудани маҳсулоти барномавии технологияҳои иттилоотии таълим, дар раванди таълим самараи зиёд дорад, чунки дар ин ҳолат ёрии методию техникӣ таъмин шуда, муаллимон барои истифодаи он омода мешаванд. Агар муаллим технологияи навро истифода намояд, онро хонандагон зуд эҳсос менамоянд [3].

Дар интиҳо, ба таҳлилу баҳогузории системаи таълими ташкилшуда барои қиёспазирии масъалаҳои нави элементи барномавидошта бо методу омӯзиши натиҷаи назорати рушди таълим, ки дар матни истифодаи технологияҳои иттилоотии таълим қайд шуда буд, мегузарем.Барои муайян намудани ҳолатҳои мусбию манфӣ ваислоҳи раванди таълиму тарбия, ташаккулу истифодаи технологияҳои иттилоотии таълим лозим аст, аммо барои қабули роҳи ҳалли дуруст ва муайян намудани роҳҳои муфиди баланд бардоштани сифати таълим имкониятҳои ниҳоят васеи доираи маълумот лозим аст, ки раванди таълиму тарбия ба пуррагӣ такмил шуда, проблемаи воридшавии технологияҳои иттилоотии таълим дар он ҳал шавад.

Табиист, ки истифодаи технологияҳои гуногун шароити мусоид барои таҳлил ва такмилдиҳии раванди таълим фароҳам месозад. Масалан, боиси ташкили таълими фосилавӣ гардид.Аз нуктаи назари системаи интегратсионии технологияҳои иттилоотии таълим, муаллим метавонад технологияҳои педагогиро бо имкониятҳои технологияи иттилоотии таълим мутобиқ намуда, истифода намояд. Лекин дар ин раванд пешниҳодҳои муаллим бояд бо мақсаду интихоби технологияи иттилоотии таълим мувозӣ бошад ва ҳамзамон дар ҳалли проблемаҳои педагогӣ ёрӣ расонад.

Муаллимон нисбати истифодаи технологияи иттилоотии таълим чунин масъалагузорӣ мекунанд:

1) бо ёрии технологияҳои иттилоотии таълим кадом мушкилиҳо дар раванди таълим ҳал мешаванд? (рушди фикрронии мантиқӣ, тезҳаракатӣ, зудаксуламалӣ, кобилиятнокӣ ва ғ.а.);

2) кадоме аз қисмҳои технологияҳои иттилоотии таълим натиҷаҳои хуб дода метавонад?

3) истифодаи кадом намуди технологияҳоро ба раванди таълим илова кардан мумкин аст ва кадом технологияҳои иттилоотии таълим барои хонандагон муносиб ва дастрасанд?

Чунин муҳокимаҳо боис мешаванд, ки муаллим дар байни китобҳои электронӣ ва материалҳои дар сомонаи таълим вуҷуддошта бо истифодаи методӣ коркардшуда барои баъзе проблемаҳо ҳалли интегративӣ сохта, хусусияти раванди таълиму тарбияро муайян созад. Барои сифати таълим, ҳамеша барномаҳои коркардшудаи стандартӣ, системаи ҷустуҷӯи маълумот, таблитсаҳои электронӣ, системаҳои символӣ-математикӣ мувофиқа карда, истифода мешаванд. Вуҷуд надоштани маҳсулоти барномавӣ ягон монеа барои истифодаи технологияҳои иттилоотии таълим эҷод намекунад. Таъмини технологияҳои информатсионии курси таълимӣ, агар вақт, маҳорат ва таҷҳизотҳо бошанд, метавонад барои ҳамкории муаллиму хонанда натиҷабахш бошанд.

Барои босамар истифода намудани технологияҳои иттилоотии таълим, ҳамбастагӣ байни материалҳои нав ва материалҳои методӣ-таълимии анъанавӣ бояд бошад. Хуб мешуд, агар дастурҳои таълимӣ ва пешниҳодҳои методӣ дар дискҳо, дар барномаҳои машқӣ, дар барномаҳои тарҳрезишуда ва дар тестҳо сабт шаванд, он вақт проблемаи информатизатсияи таълим бо ҳамин роҳ ҳал мешуд. Албатта, ба тариқи сарчашмаҳои электронӣ ворид намудани маълумотҳо дар Web-сомонаи муассисаи таълимӣ ҳам имконпазир аст. Масалан, дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар сомонаи маркази фосилавии таълим барномаҳои электронии комплексӣ ташкил шудаанд ва ҳамаи донишҷӯён ба он ворид шуда, бо материалҳои иловагӣ шинос шуда, дар барномаҳои машқӣ маҳорати худро санҷида, дониши худро мустаҳкам менамоянд.

Яке аз лаҳзаҳои муҳимми ин марҳила баррасию банақшагирии интегратсияи технологияҳои иттилоотии таълим ва баланд бардоштани далелнокии хонандагон аст.

Ба таҳлили таъмини сарчашмаҳои технологияҳои иттилоотии таълим мегузарем. Дар замони муосир рушди ҳама соҳаҳо аз истифодаи технологияҳои информатсионӣ вобастагӣ дорад. Раванди интегратсионии технологияҳои иттилоотии таълим дар раванди таълиму тарбия бошад, тайёрии қаблии барномаҳо ва таҷҳизотҳо (компютерҳо, шабакаҳо) барои коршоям будан ва аз байн бурдани монеаҳо лозим аст. Масалан, барои бомуваффақият ба

роҳ мондани раванди таълим, суръати лозимӣ барои нақли маълумот дар сомонаҳо, тасвири босифати экран, кори ислоҳотии барномавиро дошта, ҳамзамон кори назорат ва идоракунии миқдори зиёди истифодабарандагони сомонаҳоро дорад. Агар ин масъалаҳо ҳал нашаванд, дар ин ҳолат ҳатто истифодаи маҳсулотҳои барномавии пешрафта, натиҷаи хуб дода наметавонанд. Чи гунае ки дар боло қайд шуда буд, китобҳои электронии дар дискҳо сабтшуда, на ҳама вақт кори ислоҳотиро дар шабакаҳо иҷро карда метавонанд. Барои гузаронидани санҷиши тестии маҳсулоти барномавӣ, диққати хонандагон барои ислоҳи хатогиҳое, ки махсус дар ҳамин контингент ба вуҷуд меоянд, бояд ҷалб шавад, чунки барномаҳои таълимӣ барои хонандагони ихтисосҳои табиӣ ё ихтисосҳои иқтисоди тааллуқ дошта, ба ихтисосҳои гуманитарӣ бошад нолозиманд.

Дар марҳилаи охир комёбиҳои бадастовардаро таҳлил намуда, ба саволҳо ҷавоб мегардонем, ки истифодаи технологияи иттилоотии таълим, чӣ гуна тағйиротҳоро дар раванди таълим ба вуҷуд овард. Барои баҳогузорӣ роҳҳои зиёдро истифода намудан мумкин аст. Дар як ҳолат, бо методи тақиқотии расмӣ баҳои хонандагони як гурӯҳро бо баҳои хонандагони гурӯҳи дигар, қиёс намуда, натиҷаҳоро таҳлил менамоем. Дар ҳолати дигар, методи тадқиқотии ғайрирасмӣ истифода мешавад, ки ин методро муаллимон дар фаъолияти кориашон бештар мехоҳанд истифода намоянд. Натиҷаи хуби ин методро муаллимон ҳангоми суҳбат бо хонандагон, ҳангоми иҷрои кори мустақилона, ба даст овардаанд.

Шакли консептуалии интегратсияи технологияҳои иттилоотии таълим дар раванди таълиму тарбия (дар расми 1) оварда шудааст.

Ҳар як ҷузъи нақша, ҷиҳатҳои фаъолияти муаллимро тавсиф менамояд.

**Расми 1. Модели салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотии таълим дар раванди таълиму тарбия**

**Ташаббускорӣ** → **Таҳлил ва баҳогузорӣ** → **Интихоби технология** → Амалишавӣ

Мо системае сохтем, ки дар он ҷараёни интегратсия дар раванди таълиму тарбия тарҳрезӣ мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Малева А.А. Практикум по методике преподавания информатики / А.А. Малева, В.В. Малев. –Воронеж: ВГПУ, 2006. - 148 с.
2. Малев В.В. Частная методика преподавания информатики / В.В. Малев, А.А. Малева. -Воронеж: ВГПУ, 2007.
3. Методика преподавания информатики: Учеб.пособие для пед.вузов / М.П. Лапчик [и др.]. -М.: Академия, 2001. -624 с.
4. [Электронный ресурс]. http://www.distance.ru.


**ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ – ИРТИБОТӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ**


Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, ба таври қатъӣ метавонад ба мақсаду вазифаи тасвияткардашудаи таълим таъсир расонад, технологияҳои иттилоотии таълим имконияти васеъ ва тағйир додани мазмуни фанни омӯхташударо дошта, талаботро дар раванди омӯзиши илм, малака, маҳорат зиёд гардонида, шароити мусоид барои рушди хонандагон фароҳам меорад ва онҳоро ба фаъолияти мустақили сермаҳсул дар шароити ҷомеаи информатсионӣ омода месозад. Мақсади истифодаи технологияҳои иттилоотии таълим на танҳо аз ташаккули маданияти иттилоотии хонандагон, балки дар соҳаи маҳорати коркарди маълумотҳо, ки рушди ҳаматарафаи хонандагонро дар назар дорад, иборат аст. Барои таҳлил лозим аст, ки мақсади барномаҳои таълимиро омӯхта, баррасӣ намоем. Чунин ҳамбастагии имконияти технологияҳои иттилоотии таълим бо мақсади омӯзиши фанҳои тааллуқдошта муҳим аст, чунки дар ин ҳолат истифодаи технологияҳои иттилоотии таълим барои ноилшавӣ ба мақсадҳои гузоштташуда мусоидат менамояд.



**Калидвожаҳо:** истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотии таълим, маданияти иттилоотии хонандагон, маҳорати коркарди маълумотҳо, рушди ҳаматарафаи хонандагон.


**ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ**


В данной статье авторы рассматривают важность использования информационно-коммуникационных технологий в процессе обучения. Одной из важнейших задач образования является не только обучение школьников предмету, но и воспитание гармонично развитой личности. Обучение с применением информационно - коммуникационных технологий представляет большие возможности для самореализации школьника. В настоящее время возникает острая необходимость организации процесса обучения с использованием современных информационно-коммуникативных технологий. Использование информационно-коммуникативных технологий позволяет развивать умение учащихся ориентироваться в информационных потоках окружающего мира и овладевать практическими способами работы с информацией. Одним из важнейших направлений образования на современном этапе развития является его информатизация, поэтому нужно вести целенаправленную работу по

внедрению и применению информационных и коммуникационных технологий в образовательном процессе, в ходе которой учащиеся обучаются поиску новой информации и новых знаний.

**Ключевые слова:** использование информационных технологий, информационные технологии обучения, информационная культура, умения обработки инфомации, всесторонне развитие учащихся.

**USE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN THE PROCESS OF EDUCATION**

In this article, the authors consider the importance of using information and communication technologies in the learning process. One of the most important tasks of education is not only the training of students in the subject, but also the education of a harmoniously developed personality. Education with the use of information and communication technologies represents a great opportunity for self-realization of the student. Currently, there is an urgent need to organize the learning process using modern information and communication technologies. The use of information and communication technologies allows you to develop the ability of students to navigate the information flow of the surrounding world and master the practical ways of working with information. One of the most important areas of education at the present stage of development is its informatization, therefore, it is necessary to conduct purposeful work on the introduction and application of information and communication technologies in the educational process, during which students learn to search for new information and new knowledge.

**Keywords:** use of information technology, information technology training, information culture, information processing skills, comprehensive development of students.

**Сведения об авторах:** ***Умаралии Бахруллозода*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, преподаватель кафедры высшей математики. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **777-07-18-63**
***Шомирзоев Азиз Исматулоевич*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, преподаватель кафедры высшей математики. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14

**Information about the authors:** ***Umaralia Bakhrullozoda*** - Tajik State Financial and Economic University, teacher of the department of higher mathematics. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: **777-07-18-63**
***Shomirzoev Aziz Ismatuloevich*** - Tajik State Financial and Economic University, teacher of the department of higher mathematics. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14

**УДК:372.3/4(575.3)**

# МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ТАШАККУЛИ ҲАМГИРОИИ ДОНИШҲОИ АХЛОҚӢ ВА РАФТОРИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР МУҲИТИ МАКТАБ ВА ОИЛА

***Гулмадов Ф., Шарипов А.***
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Синни хурди мактабӣ дар адабиёти психологию педагогӣ ҳамчун давраи муҳим дар ташаккули шахсияти хонандагон муайян карда мешавад, зеро маҳз дар ҳамин давра арзишҳои асосие поягузорӣ мешаванд, ки дар солҳои минбаъда симои иҷтимоию ахлоқии инсонро муайян месозанд. Дар ин давра азхудкунии босуръати меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори қобили қабули ҷомеа сурат мегиранд. Зимни ташкили дурусти раванди тарбияи ахлоқӣ, ки дар ҳамкории педагогии оила ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ сурат мегирад, метавон аз он пешгирӣ кард, то ки азхудкунии меъёр ва арзишҳои ахлоқии ҷомеа аз ҷониби хонандагони синфҳои ибтидоӣ рад нашуда, балки ҳамчун меъёр ва қоидаҳои ҳаётан зарур қабул ва аз худ карда шаванд. Дар айни замон ташаккули шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба хусусиятҳои психофизиологии ин синну сол вобастагӣ доранд.

Вобаста ба шароити мушаххаси иҷтимоӣ, фарҳангӣ, он анъанаҳое, ки дар тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавҷуданд, метавонанд мазмун ва давомнокии мухталифро доро бошанд. Дар адабиёти муосири психологию педагогӣ ягонагӣ дар муайянсозии ҳудуди синну соли хурди мактабӣ вуҷуд надорад. Нуқтаҳои назари мухталифро оид ба масъалаи мазкур ҷамъбаст намуда ва ба ҷудокунии зинаҳои асосии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ такя намуда, метавон натиҷагирӣ кард, ки ин давраи рушд синну соли аз 7 то 10-соларо дар бар гирифта, дар маҷмӯъ бо таълими хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ мутобиқат менамояд.

Чунин ақидае вуҷуд дорад, ки мувофиқи он масъалаи ташаккули шахсият дар тарҳи созгоршавии иҷтимоии фаъоли шахсият ба муҳити атроф ба назар гирифта мешавад. Дар ин зимн созгоршавӣ метавонад бе мушкилот ҷараён гирад, вале, агар меъёрҳо ва арзишҳои гурӯҳӣ ба арзишҳои умумиқабулшуда мувофиқат накунанд, низоъ рух медиҳад

ва арзёбии гурӯҳи мавриди муроҷиат, ки бо он шахс мавқеи худро дар ҷомеа алоқаманд месозад, назар ба маънавиёт ва ахлоқе, ки аз ҷониби иҷтимоъ интиқол дода мешаванд, муҳимтар мегардад. Иҷтимоишавии нокифояи шахсият низ метавонад боиси ба вуҷуд омадани баъзе шаклҳои рафтори зиддиҷамъиятӣ, махсусан дар миёни хонандагон гардад.

Як мушкилоте, ки имрӯз муаллимон ва падару модаронро ба ташвиш овардааст, ин мушкилоти рушди нокифояи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар хонандагон мебошад. Дар ин асос, вазифа аз он иборат аст, то ки бо тарзу усулҳои самаранок дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ эътиқодоти маънавию ахлоқӣ ташаккул дода шаванд.

Тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва дар онҳо ташаккул додани арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ раванди мураккаб мебошанд, зеро онҳо бо равандҳои тарбия, тафаккур робита дошта, дорои хусусияти амиқан инфиродӣ мебошанд. Ташаккули эътиқодоти маънавӣ-хлоқӣ ба шарте пурмаҳсул мегардад, агар ҳам муаллимон ва ҳам падару модарон ба ҳалли ин масъала бо масъулияти том муносибат кунанд.

Тавре маълум аст, бунёди тарбияи ахлоқӣ низ дар синну соли хурди мактабӣ поягузорӣ мешавад. В.А. Сухомлинский иброз медорад, ки: «тарбияи ахлоқӣ аз қадамҳои аввалини бошууронаи кӯдак оғоз ёфта, то замоне идома меёбад, то ки ӯ он воқеиятеро аз худ намояд, ки нуқтаи баландтарини фарҳанги инсон-ахлоқ мебошад» [14, с. 73]. Аз ҷониби инсон азхудкунии рафтори мусбатро шарти муҳимтарини ташаккулёбии эътиқодоти маънавию ахлоқӣ шуморида, В.А. Сухомлинский роҳҳои дар назди кӯдакон ошкор кардани нишондиҳандаҳои фарҳанги ахлоқиро нишон медиҳад.

Бояд қайд кард, ки ҳатто агар ба хонандагон дар бораи муҳаббат, хайрхоҳӣ ва зарурати муносибати ғамхорона ба якдигар бисёр гуфта шавад, бераҳмӣ ва бемурувватӣ маҳкум карда шавад, вале кӯдакон дар кӯча, бозор, мағоза ва ҳатто дар муассисаи таълимӣ бо дуруштӣ ва ҷаҳолат дучор шаванд, он гоҳ ҳамаи саъю талошҳои омӯзгорон ва падару модарон доир ба тарбияи ахлоқӣ беҳуда хоҳанд шуд.

Одатҳои бадро кӯдакон худ ба худ касб намекунанд. Агар кӯдадкон ягон хел амалҳои нодурустро содир кунанд, ё дар нутқашон гуфтори ғайримеъёриро истифода баранд, падару модарон ба тааҷҷуб ва шӯр меоянд, аҳёнан онро фаромӯш мекунанд, ки онҳо баъзан нисбати ҳамсояҳо носаҳеҳ рафтор мекунанд ва кӯдакон танҳо онҳоро нусхабардорӣ мекунанд. Ба ибораи дигар, таҷрибаи ҳаётие, ки кӯдак касб мекунад, - навъ нусхаи таҷрибаи падару модари ӯ мебошад.

Ҳамаи нафарони дар тарбияи кӯдакон ва ҷавонон иштироккунанда барои тақдир ваояндаи халқ масъул буда, бояд ташвишро бинобар он эҳсос кунанд, ки то ҳол оилаҳое вомехӯранд, ки дар онҳо кӯдакон бадбахтанд. Боиси таассуф он кӯдаконе ҳастанд, ки «падару модари ғамхори» онҳо ҳамаи нозу карашмаи онҳоро иҷро мекунанд ва чунин бачаҳо аз ҳеҷ гуна ғаму ғусса хабар надоранд. Тарбияи кӯдак дар рӯҳияи бепарвоӣ ва дилхушиҳои беохир боиси инкишоф ёфтани худкомагӣ мегардад. Чун қоида, барои чунин кӯдакон боигариҳои ахлоқии ҷомеа дастрас нестанд ва бинобар ин, дар назди мактаб вазифаи душвор – анҷом додани кори зиёди тарбиявӣ меистад, то ки дар ҳар як хонанда сарчашмаҳои асили одамгарӣ ташаккул дода шаванд.

Дар масъалаи муаяйнсозии афзалиятҳо дар кори тарбиявӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ аксари муҳаққиқон ба ғояи фаъолияти пешбар такя мекунанд, ки он оғози худро дар назарияи Л.С. Виготский мегирад [7, с. 18]. Намуди пешбари фаъолият дар ин синну сол ба таври воқеӣ фаъолияти таълимии мактаббачаи хурдсол эътироф гардида, тамоман маънои онро надорад, ки худи хонандагони синфҳои ибтидоӣ интихобро ба манфиати самтҳои дигари фаъолият, хусусан марбут бо ҳаллу фасли масъалаҳои зерин карда наметавонанд:

**Муошират бо ҳамсолон**. Барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ на танҳо бо ҳамсолон будан муҳим аст, балки инчунин масъалаи асосӣ дар миёни онҳо мақоми қонеъкунандаро ишғол намудан аст. Барои баъзеҳо ин кӯшиш дар хоҳиши дар гурӯҳ ишғол намудани мавқеи сарвар, барои дигарон – аз ҷониби рафиқон эътироф гардидан, барои сеюмиҳо – дар ягон кор обрӯманд будан ифода ёфта метавонад, вале дар ҳар ҳолат он ангезаи муҳимми рафтори кӯдакон дар синну соли хурди мактабӣ мебошад [1, с. 19].

Тавре таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, маҳз натавонистан, имконнопазирии дастёбӣ ба чунин мақом аксаран сабаби беинтизомӣ ва ҳатто қонунвайронкуниҳо мегардад. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ сабабҳои мушкилот ё баръакс, муваффақиятнокии худро дар муошират бо ҳамсолон дар хусусиятҳои шахсияти худ мебинанд.

Кӯшишҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ барои худсобитсозӣ на аз ҷониби падару модар, на аз ҷониби омӯзгорон, ҳамон тавре ки кӯдакон мехоҳанд, дарк карда намешаванд, ки ин ба қонеъгардонии талаботи шахсӣ мувофиқат намекунад. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ин синну сол ба кумаки калонсолон эҳтиёҷ дорад, вале

калонсолон аксар вақт дархост ва интизориҳои ӯро қонеъ нагардонида, дар ҳалли мушкилоти ӯ иштирок накарда, заминаҳоро барои рафтори ғайриматлуб эҷод мекунанд. Чунин муносибат чандон созанда намебошад. Бинобар ин, ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки баромадан аз вазъиятҳо дар сохтори фаъолияти омӯзгор – мураббӣ бояд мақоми муҳимро ишғол намояд. Танҳо аз тариқи зуҳуроти воқеии ҳамдардӣ, ғамхорӣ сифатҳои мусбати шахсиятии хонандаи синни хурди мактабӣ фарқ карда метавонанд.

**Муоширати бо муаллимон**. Агар соҳаҳои муошироти хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо падару модар, аз як тараф ва бо муаллимон, аз тарафи дигар, бо якдигар муқоиса карда шаванд, он гоҳ зимни ҳамаи шиддатнокии аввалӣ, ба ҳар ҳол ба таври назаррас «фаромӯшшуда», аз нуқтаи назари рушди шахсиятӣ, дуюмӣ каммаҳсул мебошад. Дар мактаббачаи хурдсол бо омӯзгорон бештар ҳамдардиҳои мусбат алоқамананд. Таҳлили муфассали аз ҷониби А.В. Толстих гузаронидашуда дар бораи он гувоҳӣ медиҳад, ки хусусияти муошират бо муаллимон ва муносибати субъективӣ ба ӯ дар давоми синну соли хурди мактабӣ тағйир меёбад [17, с.20]. Агар хонандаи хурдсол барои гирифтани дастгирӣ, ҳавасмандсозии муаллим барои таҳсил, рафтор ва меҳнати мактабӣ кӯшиш кунад, дар синну соли калони мактабӣ муҳим муошироти шахсиятӣ бо омӯзгор мебошад. Хонандаи синни хурди мактабиро бештар сифатҳои касбӣ ва шахсии омӯзгорон ба ҳаяҷон меоранд.

Бешак, ташаккули ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз бисёр ҷиҳат ба туфайли кӯшишҳои тарбиявии калонсолон (падару модар, муаллимон, мураббияҳо) амалӣ мешавад. Ва дар баробари ин, он бидуни фаъолияти ботинии маънавии худи тарбиягиранда имконнопазир аст. Таъсиррасонии зоҳирии тарбиявӣ бояд як навъ самт, меъёр, қолибро муайян намуда, ба худтакмилдиҳӣ водор намояд. Дар доираҳои илмӣ мавқеи комилан устуворгардида ҳамоне мебошад, ки мутобиқи он хусусияти вокунишҳои ҷавобӣ ба ин таъсирот бо гуногунӣ тафовут дошта, аз ҷиҳати инфиродӣ такрорнаёбанда мебошад [6, с.21].

Мо бо мавқеи В.И. Селиванов розӣ ҳастем, ки қайд мекунад: «...инсон дар ҳаракати худ таваққуф намекунад. Қонеъгардонии талабот эҳсосоти нороҳатиро тавлид месозад, зеро иттилооти нав имкониятҳои иловагии қонеъгардонии талаботҳоро боз намуда, хоҳишҳои навро тавлид месозад [15, с.21].

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки дар раванди ташаккулёбии шахсият доимо ихтилоф байни он ки инсон чӣ дорад ва чӣ мехоҳад вуҷуд дорад. Зимнан, хоҳишот, кӯшишҳо ва талаботҳои ӯ, чун қоида ҳамеша аз имкониятҳои мавҷудаи қонеъгардонии онҳо баланд мебошанд. Ихтилофи мазкури байни сатҳи мавҷуда (ҳузурдошта, мубрам) ва талаботҳои навро қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи тарбия шуморидан мумкин аст. Нуқтаи буриш дар ихтилофоти байни «метавонам» ва «мехоҳам» ҳамчун зуҳуроти иродаи ахлоқии «лозим аст», баромад мекунад.

Қувваи ҳаракатдиҳандае, ки дар бораи он В.И. Селиванов ҳарф мезанад, ихтилофот байни ихтилоф, байни талаботҳои муҳит ба инсон ва имкониятҳои ӯ дар қонеъ гардонидани ин талабот мебошад [15, с. 22]. Ба таври мухтасар, ихтилофи мазкурро ҳамчун ихтилоф байни «лозим аст» ва «метавонам» ифода кардан мумкин аст. Шароити беруна, шароити воқеияти инсонро иҳотакарда доимо тағйир ёфта, мураккаб мегардад ва табиист, ки талаботҳо ба инсон низ тағйир меёбанд. Масалан, аз кӯдакони синни томактабӣ, назар аз хонандаи синфҳои ибтидоӣ, камтар талаб карда мешавад. Талабот ба наврасон бошад, аз мактаббачагони калонсол, афзоиш меёбанд. Вале хонандаи синфи ибтидоӣ худаш қисми ҷомеа, иштирокчие мебошад, ки талаботро нисбати худи ӯ тавлид месозад. Аз ин рӯ, ихтилоф байни «лозим аст» ва «метавонам» бидуни дарк дар шуури хонанда ба ихтилоф байни «метавонам» ва «мехоҳам» табдил меёбад, зеро он, аз ҷумла аз ҷониби худи ӯ, кӯшиш барои на танҳо ба талаботҳои муҳит мутобиқ шудан, балки инчунин аз ин талаботҳо баланд будан, тавлид меёбад. Дуруст аст, ки дар ҳолати беэътиноӣ зоҳир намудан ба имкониятҳои тарбиягиранда талаботҳои муҳит (омӯзгорон, мураббиён) аз ҷониби ӯ ҳамчун бегона, иҷборӣ дарк карда мешаванд. Дар ин сурат раванде, ки онро Л.И. Маленкова «муқобилият ба тарбия» номидааст, фаро мерасад [14, с, 22]. Ба ақидаи ин олим, чунин ҳолати тарбиягиранда дар раванди тарбия бо қабул накардан, беэътиноӣ зоҳир намудан, муқобилият ба таъсироти тарбиявӣ ифода меёбад.

Психологи намоёни Л.С. Виготский навташкилиҳои синну соли хурди мактабиро тавсиф дода, тамоюл ба мустақилиятеро зикр мекунад, ки дар ихтилофоти марбут бо кӯшишҳои додашуда зоҳир меёбад [6, с. 24].

Мазмуни асосии синну соли хурди мактабӣ – ин гузариш аз синну соли томактабӣ ба синну соли мактабӣ мебошад. Ҳамаи ҷанбаҳои рушд мавриди бозсозии сифатӣ қарор гирифта, навташкилиҳои психологӣ ба вуҷуд омада, ташаккул меёбанд. Худи ҳамин

раванди таҳаввулот ҳамаи хусусиятҳои асосии шахсияти кӯдакони синну соли хурди мактабӣ ва аз ин рӯ, хусусияти кори тарбиявӣ бо онҳоро муайян месозад.

Мутаассифона, таъкид кардан зурур аст, ки дар айни замон на ҳамеша шароити мусоид барои рушди шахсияти синну соли хурди мактабӣ мавҷуданд. Мушкилоти сершумори ҳалношудаи иҷтимоӣ ба муассисаи таълимӣ халал мерасонанд, то ки вазифаҳои худро дар ҳаҷми пурра иҷро карда, бо ин ба таъсири манфии стихиявии воқеияти иҳотакунанда самаранок муқобилият карда шавад. Норасоии кори тарбиявӣ яке аз сабабҳои равандҳои манфии дар муҳити мактаббачагони хурдсол мушоҳидашаванда ба ҳисоб меравад.

Синну соли хурди мактабӣ, дарвоқеъ, яке аз давраҳои мусоидтарин барои рушди ахлоқии шахсияти онҳо ба шумор меравад. Дар ин давра асосҳои рафтори бошуурона поягузорӣ шуда, самтнокии умумӣ ва ташаккулёбии тасаввуроти ахлоқӣ, нигаришҳои иҷтимоӣ ташаккул ёфта, талабот ва самтгириҳои арзишии шахсият, ҳавасмандсозии рафтор шакл мегиранд. Одатҳои рафтори мухталифи мусбат ва манфӣ рушд ёфта, худро зоҳир месозанд. Ба ақидаи аксари олимон, касб намудани чизи мусбат ва манфӣ дар рушди шахсият аз муҳит ва таъсири микрогурӯҳ, коллектив, муҳити иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Ин бо аҳаммиятнокии махсуси талаботи шахсият дар фаъолияти иҷтимоии мактаббачагони хурдсол тавзеҳ меёбад (Л.С. Виготский, Л.И. Бажович, В.Н. Кагаи, Д. Бандура, Б.В. Зайгарник, А.А. Реан, Л.С. Рубинштейн, Колберт, Л *Я.* Олиференко, Т.И. Шулга, Е.Е. Чепурних, Д.И. Фелдштейн ва дигарон.).

Таҳқиқотҳои психологҳо, ҷомеашиносон, педагогҳо ба таври инкорнашаванда собит месозанд, ки вазъи мактаббачагони хурдсол дар оила, ҷомеа имрӯз ҳарчи бештар нороҳат гардида, бегонашавӣ аз калонсолон пурқувват мегардад.

Яке аз сабабҳои чунин ихтилофот метавонад норасоии муоширати падару модар бо кӯдакон бошад, ки боиси ақибмонии охириҳо на танҳо дар рушди психологӣ, балки инчунин иҷтимоию ахлоқӣ мешавад. Дар шароити муосир бо сабаби буҳрони иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ вайроншавии ҳаёти оилавӣ рух медиҳад, ки дар натиҷа камбудиҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ, харобшавии пояҳои тарбияи оилавӣ, меъёрҳои ташаккулёбии ахлоқию этикӣ ва анъанаҳои тарбияи оилавӣ яку якбора иваз мешаванд. Ҳамзамон, таъсири оила тадриҷан бо таъсири гурӯҳи ҳамсолон ҳамчун манбаи меъёрҳои муносиби рафтор ва гирифтани мақоми муайян иваз мешавад. Дар рушди иҷтимоию психологии кӯдакони синну соли хурди мактабӣ ду лаҳзаи барои раванди мазкур муҳим мушаххас мешаванд: рушди қобилиятҳои фикрронӣ ва тағйирёбии мақоме, ки мактаббачаи хурдсол дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ишғол менамояд.

Омӯзиши мушкилоти тарбияи синну соли хурди мактабӣ бе назардошти таъсири заминаи фарҳангию таърихӣ, ки онро бори аввал дар собиқ ИҶШС Л.С. Виготский, сипас Б.Ф. Поршнев ва дигарон ба кор бурдаанд, имконнопазир аст. Принсипҳои назарияи иҷтимоию фарҳангиро ба инобат гирифта, омӯзиши мафкура, маънии зиндагӣ, арзишҳои иҷтимоӣ, манзараи оламро ҳамчун ҷомеа дар маҷмӯъ, ё гурӯҳи алоҳида ва ҳам шахсияти алоҳидаро зарур мешуморем. Тавре ки олимон собит месозанд, рушди шахсият дар заминаи иҷтимоию фарҳангие, ки ба шакли он таъсир мерасонад, сурат мегирад [6, с. 26].

Дар таҳқиқотҳои муосири психологӣ диққати махсус ба ҷанбаҳои шахсиятие, ки муайянкунандаҳои асосии рафтори ғайриматлуб мебошанд, дода нашуда, балки ба омилҳои шинохтӣ ва омилҳои бо рушди шахсият алоқаманд зоҳир карда мешавад [6, с. 26].

Рушди шахсиятӣ ва иҷтимоӣ дар синну соли хурди мактабӣ бо мавҷуд будани ду тамоюлоти гуногунсамт: тамоюл ба мустақилият, ки бо вазифаҳои синнусолии рушд муайян шудаанд, аз як тараф, ва тамоюл ба ҳифзи вобастагии психологӣ аз падару модар, ки эҳсоси амният, аз хатарҳо маҳфуз будан ва итминонро таъмин менамояд, аз ҷониби дигар, тавсиф меёбад.

Муошират дар иҳотаи ҳамсолон барои хонандаи синфҳои ибтидоӣ марҳилаи зарурии иҷтимоишавӣ мебошад, зеро маҳз дар гурӯҳи муносиб меъёрҳои ҳаётие барои қобилияти ҳаётӣ санҷида мешаванд, ки аз ҷониби оила ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод гардида, қоидаҳои рафтори шахсият сайқал дода мешаванд [10, с. 27].

Тавре ки натиҷаҳои тадқиқотҳо собит месозанд, дастгирии ҳамсолон омили муайянкунандаи инкишофи шахсият ба шумор меравад. Ниёз ба худсобитсозӣ дар миёни шахсони ба худ баробар –яке аз ангезаҳои тамоюл ба рушди шахсият мебошад [11, с. 27]. Л.С. Виготский ба тақлид дар раванди фаъолият аҳаммияти аввалиндараҷа медод. Талаботи асосии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муошират мебошад, бинобар ин, психологияи муошират дар синну соли хурди мактабӣ дар асоси бо ҳам печидани ду талабот: ҷудошавӣ (хусусисозӣ) ва аффилиатсия, (ҳолати равониест, ки шахс дар он барои пайвастан бо гурӯҳ ва ҳамроҳ шудан бо ҷамоате талош меварзад) хос мебошад.

Ба ақидаи Л.С. Виготский, ба туфайли иҷтимоишавӣ шахсият ба фарҳанг пайваст мешавад. Зимнан, «бозсозии талаботҳо ва таҳрикҳо, азнаварзёбӣ лаҳзаи асосӣ ҳангоми гузариш аз як синну сол ба синну соли дигар мебошад» [6, с. 30]. Барои раҳоӣ ёфтан аз арзёбӣ ва таъсири калонсолон кӯшиш намуда, мактаббачаи хурдсол нисбат ба падару модар мунаққидона назар мекунад. Дар айни замон омилҳои нави мусбат пайдо мешаванд: тавонгарии ӯ афзоиш ёфта, кӯдаки хурдсол мавқеи нави иҷтимоиро аз худ мекунад. Ҳамин тариқ, дар синну соли хурди мактабӣ «азхудкунии олами ботинӣ», бавуҷудоии нақшаи ҳаётӣ ҳамчун низоми маълуми мутобиқшавӣ сурат мегирад, ки муносибати кӯдакон ва калонсолон, муносибат ба кори умумиро иҷро мекунад ва агар кӯдак онро дарёфт накунад, самтнокии ҳаёт маъноящро гум мекунад.

Мактаббачаи хурдсол дар раванди иҷтимоишавӣ ҳудудҳои меъёрҳо ва самтгирии арзиширо аз худ мекунад, ки мутобиқан дар таҷриба ва талаботҳои қаблан азхудшудаи ӯ қарор доранд. Хонандаи хурдсол бо муҳите, ки онро иҳота мекунад, фаъолона ҳамкорӣ мекунад. Мо бо олимоне ҳамраъй ҳастем, ки қайд мекунанд: унсурҳои берунаи муҳит худ ба худ тағйир намеёбанд, вале вазъияти иҷтимоии дар худи ҳамон вақт рушдёфта метавонад аз ҳисоби тағйироти содиршудаи ботинӣ бозсозӣ шавад. Маҳз манзараи ботинии ҳолати психикии субъект (талаботҳои он, равандҳои маърифатии психикӣ, ҳамдардиҳо ва ғайра) дар вазъияти муайяни иҷтимоӣ метавонад ҳам бо шаклҳои шахсиятии мусбат, ҳам манфӣ баромад кунад.

Ҳамин тавр, таҳлили мунаққидонаи адабиёти махсус, мушоҳидаҳои рафтору кирдори хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди корҳои таълимию тарбиявӣ, мусоҳибаҳои инфиродӣ бо падару модар оид ба масъалаи мавриди таҳқиқ имкон доданд, баъзе ҷамъбастҳо карда шавад:

– синну соли хурди мактабӣ барои ташаккули тарбияи ахлоқии шахсият мусоидтар мебошад;

– дар тарбияи ахлоқӣ намунаи ибрати шахсӣ самаранок мебошад;

– тарбияи ахлоқӣ бо такя ба омӯзиши неруи тарбиявии оила ва ҷомеа самаранок мебошад;

– мавқеи ахлоқии калонсолон (омӯзгорон, падару модарон) ҳавасмандиро ба худтарбиякунии ахлоқӣ дар хонандагони хурдсол ташвиқ менамояд;

– тарбияи ахлоқӣ зимни татбиқи ҳамкории педагогии оила ва муассисаи таълимӣ, ки неруи тарбиявии васоити ахбори омма, ташкилотҳои динӣ, ҷамъиятиро ҷалб менамояд, самаранок мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Абульханова, К.А. Психология и сознание личности. Проблемы методологии, теории и исследования реальной личности. Монография / К.А. Абульханова; под ред. Д.И. Фельдштейна. -М., 1999. – 217с.
2. Аверин В.А. Психология детей и подростков. Монография / В.А. Аверин. СПб., 1994. – 178 с.
3. Азаров Ю.П. Педагогика семейных отношений. Монография / Ю.П. Азаров – М.: Изд-во Знание,1976. – 236 с.
4. Бондаревская, Е.В. Формирование нравственного сознания старших школьников: автореф. дис.на соиск. уч. степ. докт. пед. наук / Бондаревская Е.В. –Ленинград, 1980. – 39 с.
5. Васильева Э.В. Семья и учебные успехи школьников. Социологические проблемы образования и воспитания / Э.В. Васильева. – М.: Педагогика, 1973. – С. 35 – 41.
6. Выготский Л.С. Собрание сочинений: В 6-ти т. Т. 3.–М: Педагогика, 1983. – 367 с.
7. Выготский, Л.С. Мышление и речь / Л.С. Выготский. Собр. соч.: В 6-т. – М., 1983. -Т. 2. – 532 с.
8. Гребенникова И.В. Сущность педагогического руководства семейным воспитанием / И.В. Гребенникова // Педагогические проблемы руководства семейным воспитанием. – М., 1980. – 97 с.
9. Гулмадов Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол. Монография / Ф. Гулмадов. -Душанбе: Ирфон, 2014. – 299 с.
10. Коломинский Я.Л. Пути изучения и формирования личных взаимоотношений между учениками класса // Вопросы психологии. 1967. –№ 3. -С. 110 – 119.
11. Коржова Е.Ю. Развитие личности в контексте жизненной ситуации. Психология социальных ситуаций / Е.Ю. Коржова; сост. и общ. Ред. Н.В. Гришиной. -СПб.: -Питер, 2001. – 416 с.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 2.08.2011 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, -С. 2011, -№7– 8, мод. 8.
13. Макаренко А.С. О воспитании. Монография / А.С. Макаренко. – М., 1990. – 450 с.
14. Маленкова Л.И. Педагоги, родители, дети: метод, пособие для воспитателей, классных руководителей / Л.И. Маленкова. -М.: Изд-во Педагогическое общество России, 2000. – 304 с.
15. Селиванов В.И. Психология волевой активности / В.И. Селиванов. - Рязань, 1974.–124 с.
16. Сухомлинский В.А. Избр. пед. соч., в 3-х т. -Т.3 / В.А. Сухомлинский. – М.: Педагогика, 1981. – 640 с.
17. Толстых А.В. Подросток в неформальной группе. Монография /А.В. Толстых. -М, Знание, 199. –139 с.

**МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ТАШАККУЛИ ҲАМГИРОИИ ДОНИШҲОИ АХЛОҚӢ ВА РАФТОРИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР МУҲИТИ МАКТАБ ВА ОИЛА**

Дар мақола роҳҳо ва воситаҳои самараноки асосҳои педагогию психологии ташаккули ҳамгироии донишҳои ахлоқӣ ва рафтори хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муҳити мактаб ва оила мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Таъкид карда мешавад, ки синни хурди мактабӣ дар адабиёти психологию педагогӣ ҳамчун давраи муҳим дар ташаккули шахсияти хонандагон муайян карда мешавад, зеро маҳз дар ҳамин давра арзишҳои асосие поягузорӣ мешаванд, ки дар солҳои минбаъда симои иҷтимоию ахлоқии инсонро муайян месозанд. Дар ин давра азхудкунии босуръати меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори қобили қабули ҷомеа сурат мегиранд. Зимни ташкили дурусти раванди тарбияи ахлоқӣ, ки дар ҳамкории педагогии оила ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ сурат мегирад, метавон аз он пешгирӣ кард, то ки азхудкунии меъёр ва арзишҳои ахлоқии ҷомеа аз ҷониби хонандагони синфҳои ибтидоӣ рад нашуда, балки ҳамчун меъёр ва қоидаҳои ҳаётан зарур қабул ва аз худ карда шаванд. Дар айни замон ташаккули шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо хусусиятҳои психофизиологии ин синну сол вобастагӣ дорад. Дар мақола нуқтаи назари олимони соҳаи педагогика ва психология оид ба хусусиятҳои психологӣ, педагогӣ ва синнусолии хонандагони синни хурди мактабӣ таҳлилу таҳқиқ карда шуда, ҳамзамон дар асоси таҷриба ва мушоҳидаҳои муаллиф оид ба ташаккули ҳамгироии донишҳои ахлоқӣ ва рафтори хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муҳити мактаб ва оила ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва падару модарон тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ташаккули шахсияти хонандагон, арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, донишҳои ахлоқӣ ва рафтор, муассисаи таълимӣ, оила, падару модарон, муоширати хонандагон.

**ВАЖНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ФОРМИРОВАНИЯ ИНТЕГРАЦИИ НРАВСТВЕННЫХ ЗНАНИЙ И ПОВЕДЕНИЯ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ В ШКОЛЬНОЙ И СЕМЕЙНОЙ СРЕДЕ**

В данной статье раскрываются психолого-педагогические основы формировании интеграции нравственных знаний и поведения учащихся начальных классов в школьной и семейной среде. Отмечается, что младший школьный возраст в психолого-педагогической литературе определяется как значимый период в становлении личности, так как именно в этом периоде закладываются базовые ценности, которые в последующем на долгие годы определяют социально-нравственный облик человека. В этот период идет интенсивное освоение нравственных норы и правил поведения, принятых в обществе. При правильной организации процесса нравственного воспитания, основанного на педагогическом взаимодействии семьи и образовательного учреждения, можно избежать того, чтобы это освоение норм и ценностей общества не отторгалось младшим школьником, а принималось и усваивалось как жизненно необходимые нормы и правила. Между тем особенности младшего школьного возраста объясняются психофизиологическими особенностями данной возрастной категории. В статье анализируются точки зрения учёных в области педагогики и психологии относительно педагогических, психологических и возрастных особеностей учащихся младших возрастов, и в то же время на основе имеющегося опыта и наблюдений автора предлагаются учителям начальных классов и родителям рекомендации по формированию и интеграции нравственных знаний и поведения учащихся начальных классов в школьной и семейной среде.

**Ключевые слова:** учащиеся начальных классов, формирование личности учащихся, духовно-нравственные ценности, нравственные знания и поведение, образовательное учреждение, семья, родители, общение учащихся.

**IMPORTANT PROBLEMS OF FORMATION OF INTEGRATION OF MORAL KNOWLEDGE AND BEHAVIOR OF STUDENTS OF THE INITIAL CLASSES IN SCHOOL AND FAMILY ENVIRONMENT**

This article reveals the psychological and pedagogical foundations of the formation of the integration of moral knowledge and behavior of primary school pupils at the school and family environment. It is noted that the younger school age, in the psychological-pedagogical literature is defined as a significant period in the development of their personality, since it is in this period that the basic values are laid, which then for a long time determine the social and moral character of a person. During this period, there is an intensive development of moral measures and the rules of behavior adopted in society. With proper organization of the process of moral education, based on the pedagogical interaction of the family and the educational institution, it is possible to avoid this development of the norms and values of society not being rejected by younger pupils, but accepted and assimilated as vital norms and rules. Meanwhile, the features of primary school age are explained by the psycho-physiological features of this age category. The article analyzes the points of view of scientists in the field of pedagogy and psychology regarding the pedagogical, psychological and age characteristics of younger pupils, and at the same time, based on the author's experience and observations, suggests primary teachers and parents of recommendations on how to integrate moral knowledge and behavior of primary pupils at the school and family environment.

**Key words:** primary school pupils, the formation of pupils' personality, spiritual and moral values, moral knowledge and behavior, educational institutions, family, parents, student communication.

**Сведения об авторах:** ***Гулмадов Ф.*** – Академия образования Таджикистана, доктор педагогических наук, заведующий отделом теории и истории педагогики

***Шарипов Анвар*** – Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, старший преподаватель кафедры психологии. **Адрес:** Республика Таджикистан, Хатлонская область, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16.Телефон: **900-63-15-63**

**Information about the authors:** ***F. Gulmadov -*** Academy of Education of Tajikistan, doctor of pedagogical sciences, head of the theory and history of pedagogy department

***SharipovAnvar -*** Kulob State University after name Abuabdullohi Rudaki, senior teacher of psychological chair. **Address:** Kulob town, Sangak Safarov street, 16. Tel: **900-63-15-63**

УДК:372.8(575.3)

# ОРИЕНТИРОВАННЫЙ ПОДХОД К ФОРМИРОВАНИЮ ИНОЯЗЫЧНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ У СТУДЕНТОВ НЕЯЗЫКОВЫХ ФАКУЛЬТЕТОВ

***Машарипова М.Э.***

**Таджикский политехнический институт Таджикского технического университета им. М.С. Осими в городе Худжанде**

Идея гуманизации образования становится главной в нашем обществе. Необходимость получения технического и гуманитарного знания и пути такого синтеза активно обсуждаются преподавателями высшей школы. Вуз должен выпускать специалиста с высоким культурным уровнем, что часто подчеркивалось известными методистами. В инженерной деятельности в настоящее время необходимо присутствие математического, естественнонаучного, технического и гуманитарного знания. Современный этап развития требует специалистов с широким гуманитарным мышлением, способных строить грамотно профессиональную деятельность. Но речь идёт не только о том, что инженерно-технический работник должен иметь достаточный уровень интеллектуальной подготовки, чтобы суметь обеспечить эффективность своего труда.

В настоящее время обучение русскому языку в нефилологическом вузе имеет немало вариантов своего осуществления, которые определяются задачами и условиями обучения. В основную задачу обучения входит сравнительно свободное владение разными видами речевой деятельности.

Среди факторов, влияющих на выбор знания и владение русским языком, в настоящее время ведущее место занимает определение коммуникативных потребностей студентов. Как выделяются коммуникативные потребности у студентов? В основе их определения лежит обычное наблюдение за повседневной жизнью студентов в период обучения.

В ХПИТТУ имени М.С.Осими, обучая русскому языку, мы ставим перед собой следующие задачи: углубление знаний о системе и структуре русского языка и его стилистике; знакомство с основными законами построения эффективной речевой коммуникации; освоение основных принципов делового общения в устной и письменной формах; совершенствование навыков работы с текстами разных стилей и жанров; расширение активного словарного запаса студентов. Студенты, изучающие русский язык в техническом вузе, не просто знакомятся с научным стилем речи, а с языком специальности в системе. Язык специальности — это практическая реализация научного и официально-делового стиля речи в системе потребностей определенного профиля знаний и конкретной специальности. Язык для специальных целей неоднороден: с одной стороны, он максимально приближен к повседневной жизни, с другой — содержит специфическую лексику, которая имеет конкретную ориентацию.

Обучение русскому языку сегодня должно задействовать все стороны речевой деятельности студентов. Это система умений, направленная на решение различных коммуникативных задач. Речь идет о коммуникативных задачах, объединенных на основании следующих признаков: а) форма речи — устная или письменная; б) восприятие или порождение речи. Традиционно речевая деятельность разделяется на 4 вида: аудирование (устная форма, восприятие), говорение (устная форма, производство), чтение (письменная форма, восприятие), письменная речь (письменная форма, производство).

В современной методике наблюдается стремление приблизить условия учебного процесса к условиям свободной коммуникации. В связи с этим уделяется большое внимание развитию умений во всех четырех видах речевой деятельности. Существует такой термин взаимосвязанное обучение, который предполагает параллельное и сбалансированное формирование четырех видов речевой деятельности на основе общего языкового материала в рамках их последовательно-временного соотношения. Аудирование, говорение, чтение и письмо является и целью, и средством обучения. Работа над данными видами речевой деятельности осуществляется в определенной последовательности в рамках практического занятия или цикла занятий, на которых обязательным является общий языковой материал. При коммуникативно - деятельностном подходе наиболее распространена методическая единица организации языкового материала - тема, которая понимается как «фрагмент реальной действительности, отраженной в нашем сознании и зафиксированной с помощью языка». В рамках темы определенный лексико-грамматический материал должен быть представлен во всех видах речевой деятельности, что обеспечивает лучшее усвоение языкового материала посредством активизации слуховых, зрительных и моторных анализаторов. Формирование

коммуникативно значимых умений и навыков осуществляется с помощью серии специально разработанных упражнений, в которых представлен изучаемый лексико-грамматический материал по той или иной теме. Практические занятия содержат разнообразные упражнения для отработки и закрепления языковых навыков.

Традиционная методика обучения русскому языку в школе и вузе уделяла большое внимание грамотному письму. Однако при этом нарушался один из основных законов психолингвистики, заключающийся в том, что все виды речевой деятельности в процессе обучения должны формироваться в единстве и во взаимосвязи.

